Х. АСОЗОДА
А. КӮЧАРЗОДА

# АДАБИЁТИ ТОҶИК

(давраи нав)

Китоби дарсӣ барои синфи 11-уми
муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

**Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии
Тоҷикистон тасдиқ кардааст**

**Нашри шашум**

**ДУШАНБЕ
МАОРИФ
2022**

**УДК 82 тоҷик (075) + 371.671+373**
**ББК 83,3 (2 тоҷик)Я72 + 74.261**
**А - 83**

**А - 83.** Асозода Х., Кӯчарзода А. **Адабиёти тоҷик.** Китоби дарсӣ барои синфи 11-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. – Душанбе, Маориф, 2022. – 400 саҳифа.

**Хонандагони азиз!**

Китоб манбаи донишу маърифат аст, аз он баҳравар шавед ва онро тоза нигоҳ доред! Кӯшиш кунед, ки соли таҳсили оянда ҳам ин китоб ҳамин гуна зебову ороста дастраси хонандагони дигар гардад ва онҳо низ аз он истифода баранд.

**Ҷадвали истифодаи китоб**

| № | Ному насаби хонанда | Синф | Соли таҳсил | Ҳолати китоб (баҳои китобдор) | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Аввали соли таҳсил | Охири соли таҳсил |
| 1 | | | | | |
| 2 | | | | | |
| 3 | | | | | |
| 4 | | | | | |
| 5 | | | | | |

**ISBN 978-99985-64-76-3**
**© Маориф, 2022**
**Моликияти давлат**

# САРСУХАН

Хонандаи арҷманд! Ҳар давру замон талаботи иҷтимоӣ ва ниёзҳои маънавии худро дорад. Даврони истиқлол аз насли навраси Ҷумҳурии Тоҷикистон эҳсоси қавии хештаншиносӣ, ифтихори миллӣ ва зиракиву маърифатнокиро тақозо дорад. Китоби дарсии адабиёти тоҷик (давраи нав) бо дарназардошти ҳамин талаботи фарҳангии давр таълиф гардидааст.

Бар асари воқеаҳои сиёсии садаи XX дар ҳаёти иҷтимоиву фарҳангии халқи тоҷик дигаргуниҳои куллӣ ба амал омаданд. Адабиёти тоҷик маҷрои суннатии худро тағйир дода, мавқеи синфӣ ва мафкуравӣ касб намуд. Табиист, ки ин ҳолат ба ҷанбаи ҳунарии адабиёти мазкур бетаъсир намонд. Бо вуҷуди ин, адибони тоҷик дар таъмини ғизои маънавӣ ва такмили сатҳи маърифатнокии наслҳои гуногуни халқи худ кӯшишҳои бобарору судманд намуданд.

Адабиёти тоҷик дар давраи нав ба се марҳала – адабиёти аҳди ҷадидия, адабиёти даврони шуравӣ ва адабиёти айёми истиқлол ҷудо мешавад ва ҳар марҳала дорои хусусият ва сифатҳои ба худ хос мебошад. Муаллифон кӯшидаанд, ки моҳияти таърихию фарҳангии ҳар марҳала ва паҳлуҳои таълимию эстетикии осори адибони шинохтаи тоҷикро мавриди баррасии амиқ қарор диҳанд, аз асарҳои барҷастаи суханшиносони асил мисолҳои фаровон оварда, калимаву таркибҳои эзоҳталабро шарҳ диҳанд, то ки муаллимону шогирдони муассисаҳои таҳсилоти миёна имконияти ҳар чӣ бештар омӯхтан, андеша кардан ва баҳра бардоштан аз каломи бадеъро дошта бошанд. Мавзуъҳои назариявӣ дар ҷараёни таълими таърихи адабиёт шогирдонро ба асосҳои илмии мафҳумҳои адабӣ мусаллаҳ намуда, имкон медиҳанд, ки онҳо моҳияти адабиёти бадеиро ҳамчун навъи санъат боз ҳам амиқтару равшантар дарк намоянд.

Китоби дарсӣ ба барномаи таълими адабиёти тоҷик дар синфҳои V – XI (Душанбе, 2007) комилан мувофиқат дорад ва ҳар дарс бо қисмати **савол ва супоришҳо** ва баъзан бо саволҳои тестӣ анҷом меёбад.

Умед аст, ки китоби дарсии мавриди истифода ба шароити кунунии таълиму тадриси мактабҳои миёнаи Тоҷикистон созгор меафтад ва фикру мулоҳизаҳои танқидии муаллимону мутахассисон ҳангоми такмили минбаъдаи асар бо камоли эҳтиром пазируфта мешаванд.

# АДАБИЁТИ ДАВРАИ НАВ

Мафҳуми адабиёти давраи нав ба адабиёти садаи XX ва минбаъда тааллуқ дорад, ки он қисми таркибӣ ва ҷудонашавандаи таърихи адабиёти зиёда аз сеҳазорсолаи форсу тоҷик мебошад. Тағйироту дигаргунии адабиёти давраи нав дар заминаи анъанаҳои адабии адабиёти классикии форсу тоҷик ва таъсири адабиёти русу дигар халқҳо ба вуҷуд омадаанд. Аз ин рӯ, адабиёти давраи нав як марҳалаи тозаи таърихи адабиёти тоҷик ба шумор меравад.

Дар оғози садаи XX дар адабиёти тоҷик аз ҷиҳати навъҳои адабӣ, сабку услуб ва забон дигаргунии ҷиддӣ ба амал омад. Садриддин Айнӣ дар китоби «Намунаи адабиёти тоҷик» гуфта буд: «Ҳарчанд Аҳмад-махдуми Дониш (1242 – 1314 ҳиҷрӣ) дар боби адабиёти мансура хеле роҳи нав ва услуби тозаро ба илҳоми даҳо ва истеъдоди фитрии худ эҷод карда, лекин ин равиш то соли 1905-и мелодӣ, яъне то инқилоби нахустини Русия шоеъ нашуда буд. Вақте ки инқилоби мазкур ба вуқуъ омада, омадшуди рӯзномаҷот ва китобҳои тоза дар Бухоро ва Туркистон умумият гирифт, соҳибқаламони тозанавис ҳам ҷо-ҷо сар бароварданд. Бинобар ин, мо сари таърихи адабиёти нави тоҷикро соли 1905 қарор додаем».

Дар ҳақиқат, дар асри XIX, махсусан нимаи дувуми он, дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии кишварҳои Машриқзамин, аз ҷумла Эрону Афғонистон, Ҳиндустон, Туркия ва Осиёи Миёна, дигаргуниҳои ҷиддӣ ба амал омад, ки ин тағйирот, пеш аз ҳама, ба таназзули сохти феодалӣ ва рӯй овардани кишварҳои номбурда ба ҷомеаи сармоядорӣ мусоидат намуд. Ин падида дар солҳои 80-90-уми садаи XIX дар минтақаи Осиёи Миёна хеле қувват гирифта, таъсири худро ба адабиёту фарҳанг низ расонд.

Дигаргуниҳои иҷтимоию фикрӣ дар адабиёт ҷараёни маорифпарвариро ба вуҷуд оварданд. Дар адабиёти тоҷики Осиёи Миёна ҷараёни маорифпарварӣ – равшангароӣ дар эҷодиёти Аҳмади Дониш ва шогирдону пайравони ӯ – Возеҳи Бухороӣ, Абдулқодирхоҷаи Савдо, Шамсиддин Шоҳин, Ҳайрат ва дигарон арзи вуҷуд кард. «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш, «Савонеҳ-ул-масолик фи фаросих-ул-мамолик»-и Возеҳ, «Бадоеъ-ус-саноеъ»-и Шоҳин ва ашъори гуногуннавъи Савдову Ҳайрат ҷомеаро ба роҳи нави муносибатҳои иҷтимоӣ ҳидоят менамуданд.

Дар бедории фикрӣ ва вусъати ҷаҳонбинии ҷомеаи тоҷикон, инчунин, асарҳои маорифпарварони Эрону Афғонистон, аз ҷумла «Саёҳатномаи Иброҳимбек»-и Зайнулобидини Мароғаӣ (1838 – 1910) ва «Саёҳат дар се қитъаи рӯйи замин дар 29 рӯз»-и Маҳмуди Тарзӣ (1867– 1935), ки маҳсули сафар ба мамлакатҳои тараққикардаи ҷаҳон мебошанд, саҳми муносиб гузоштанд. Бо ин ҳама тағйирот дар адабиёти маорифпарварӣ ҳанӯз аломату ҷанбаҳои адабиёти пешин устувор ва таъсири анъанаҳои адабӣ пойдор мебошад. Аз ин ҷиҳат, адабиёти маорифпарварӣ як навъ ҷамъбасти адабиёти гузашта ва заминаи тағйироти адабиёти давраи нав мебошад.

Ҳамин тариқ, давраи нави адабиёти тоҷик аз ибтидои асри XX оғоз гардида то замони мо давом меёбад. Дар муддати зиёда аз як қарн адабиёти тоҷик боз ба тағйироти марҳалавӣ дучор гардидааст ва ин дигаргуниҳо бештар ба ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва адабии мардуми тоҷик иртибот доранд. Адабиёти давраи нави тоҷикро аз ин дидгоҳҳо марҳалабандӣ кардан зарур аст. Марҳалабандии адабиёти давраи нав имконият медиҳад, ки хонанда ба ҳаёти фарҳангӣ ва ҷараёни адабии давраи муайян амиқтар таваҷҷуҳ зоҳир намуда, дар айни ҳол муносибати адабиёти бадеиро ба гардишҳои муҳимми сиёсиву иҷтимоии ҷомеа равшан дарк намояд. Ҳамчунин, марҳалабандии адабиёти давраи нав барои амиқтар аз худ кардани мавзуъҳои обзорӣ ва монографӣ, сабабҳо ва роҳҳои таҳаввули адабиёт, тағйироти мундариҷавию услубии осори адибон ва масъалаҳои робитаи адабӣ имконият фароҳам меоварад.

Мувофиқи қонунияти дохилӣ ва ҷараёни таҳаввули он, тағйироти сифатӣ дар шаклу мундариҷаи осори бадеӣ ба се марҳала табақабандӣ кардани адабиёти давраи нав ба мақсад мувофиқ аст:

1. Адабиёти ҷадидия[1] – ибтидои асри XX то нимаи солҳои 20-уми асри XX.

2. Адабиёти Шуравӣ – нимаи дуюми солҳои 20-ум то поёни солҳои 80-уми асри XX.

3. Адабиёти давраи истиқлол – ибтидои солҳои 90-уми асри XX то имрӯз.

Дар навбати худ адабиёти шуравиро ба ду давра гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст: а) аз нимаи дувуми солҳои 20-ум то нимаи солҳои 50-ум; б) аз нимаи дувуми солҳои 50-ум то поёни солҳои 80-ум.

1 Ҷадид — нав, тоза. Ин истилоҳ дар ибтидои асри XX хеле паҳн гардид: ҳаракати ҷадидия, мактаби ҷадидия, адабиёти ҷадидия ва ғайра.

Адабиёти ҷадидия ба ҳаракати зиёиёни Бухоро, ки ҷадид номида мешуд, иртиботи қавӣ дорад. Ин ҳолат боиси таҳаввули фарҳанг ва завқи эстетикии ҷомеа гардид, ки он қадами бузурге дар шинохти воқеъбинонаи адабиёти бадеӣ буд. Равшанфикрони ибтидои асри XX аморати Бухоро аксаран шоир ва аҳли адаб буданд ва онҳо дар ривоҷи таърихи адабиёти тоҷик нақши амиқ гузоштанд. Дар ин давра забони назму наср сода шуда, аксари шоирон аз душворписандиҳои бедилона даст кашиданд, акнун унсурҳои сабки бедилӣ, таъбироти ишқиву ирфонӣ барои ифодаи мазмуни иҷтимоӣ хидмат мекарданд.

Дар ин давра мафҳумҳои **Ватан** ва **миллат** бештар маънои иҷтимоӣ гирифт. Хусусияти миллии адабиёт афзуд ва адибон бештар сарнавишт ва имрӯзу фардои миллатро ба доираи тасвир мекашиданд. Ин кӯшишҳо ба ташаккули худшиносии миллӣ мусоидат намуд. Хулоса, номи ҷадидро гирифтани марҳалаи аввали адабиёти давраи нав воқеӣ ва табиӣ мебошад.

Марҳалаи дувуми адабиёти давраи нав ба номи давлати болшевикӣ – Иттиҳоди Шуравӣ вобаста аст. Инқилоби Октябр (1917), барҳам хӯрдани аморати Бухоро (1920) ва ба вуҷуд омадани Иттиҳоди Шуравӣ (1922) ба ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии халқҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла тоҷикон, дигаргуниҳои зиёд ворид намуд. Табиист, ки сиёсати ба вуҷуд овардани адабиёти шаклан миллӣ ва мазмунан сотсиалистии давлати Шуравӣ умуман ба адабиёт, аз ҷумла ба адабиёти тоҷик низ, таъсири ҷиддӣ расонд. Дар адабиёт ҷойи оҳангҳои маорифпарваронаи тарғибу ташвиқи адабиро таблиғи сиёсӣ ва ташвиқи инқилобӣ гирифт. Мавзуъҳои адабиёт дучори таҳаввулот шуда, ба худ мазмун ва муҳтавои дигар гирифтанд. Услуби воқеъбинонаи тасвир қувват гирифта, методи ба ном реализми сотсиалистӣ ба миён омад.

Дар наср ҳикояи нави реалистӣ ва жанрҳои роману повест паси ҳам арзи вуҷуд намуданд. Драманависӣ, ки нахустин қадамҳоро дар ин ҷода намояндагони адабиёти ҷадидия гузошта буданд, дар андак муддат баробари пайдо шудани театрҳои касбӣ хеле пеш рафт. Дар аҳди Шуравӣ дар самти назм ҳам тағйироти муҳим рӯй дод. Шеър ҳам ба худ шаклу мазмуни тоза пайдо кард. Адабиёти тоҷик ба адабиёти русу Ғарб робитаи мустаҳкам барқарор намуд.

Марҳалаи адабиёти шуравӣ қариб 70 сол давом кард ва табиист, ки дар ин муддат адабиёти бадеӣ бетағйир намонд. Махсусан, анҷумани 20-уми ҳизби коммунист (1956) имконият дод, ки адаби-

ёти шуравӣ аз қолабҳои якранги тасвир як андоза канорагирӣ кунад. Аз ин рӯ, дар солҳои шасту ҳафтод тарзи тасвир тағйир ёфт. Дар наср тасвирҳои андешапарварона ва таҳлилӣ мавқеъ пайдо кард. Ҳам дар назм ва ҳам дар наср мавзуъҳои таърихӣ мавриди таҳлили адабӣ қарор гирифтанд. Акнун адибон дар бораи таърих ва сарнавишти шахсиятҳои барҷастаи сиёсию фарҳангӣ мулоҳиза ронда, хонандагонро ба худшиносию ифтихори миллӣ ҳидоят мекарданд. Дар адабиёт арзишҳои умумиинсонӣ ва масъалаҳои одобу ахлоқ мавқеъ пайдо карданд. Ин аст ки аз нимаи солҳои 50-ум давраи дуюми адабиёти шуравӣ оғоз гардид. Вале то барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ (1991) адибон аз мафкураи коммунистӣ ва доираи расмии Давлати Шуравӣ берун баромада наметавонистанд.

Баробари барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ Тоҷикистон соҳибистиқлол гардид. Истиқлол дар муддати кӯтоҳ тамоми соҳаҳои ҳаёти халқи тоҷикро фаро гирифт. Аз ҷумла, дар ҳаёти адабӣ низ як қатор тағйирот ва таҳаввулот ба амал омаданд. Дар осори қаламкашони шинохта руҳи истиқлол ва эҳёи Тоҷикистон, ҳофизаи таърихии ҷомеа ва бунёдкориҳои азими кишвар басо равшан эҳсос мегарданд. Дар эҷодиёти адибон, бахусус адибони ҷавон, сабки тозаи адабӣ мушоҳида шуд.

Бо фаро расидани истиқлол Тоҷикистон робитаи фарҳангию адабӣ бо ҷумҳуриҳои исломии Эрон ва Афғонистон мустаҳкам гардид. Ҷараёни робитаҳои адабӣ боиси ҳар чӣ бештар ғанӣ гардидани адабиёти ин кишварҳо шуд. Бахусус, аз ҷиҳати тасвир наздик шудани шеъри тоҷик ба шеъри форсии Эрону Афғонистон равшан ба назар расид.

Боз як хусусияти муҳимми адабиёти давраи пасазшуравӣ дар он зоҳир мегардад, ки тафаккури бадеии адибони тоҷик бештар хусусияти миллӣ ва худшиносӣ гирифт. Мавзуъҳои ҷолиби зиндагии мардуми соҳибистиқлол мавриди тасвири бадеӣ қарор гирифтанд. Бинобар ин, марҳалаи сеюм адабиёти давраи истиқлол ном гирифт. Дастовардҳои адабии бисту панҷ соли истиқлол гувоҳ бар ин аст, ки адабиёти давраи истиқлоладабиёти комилан миллӣ гардид ва он дар остонаи тағйироти куллии сифатӣ қарор дорад.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Доир ба мафҳуми адабиёти давраи нав маълумот диҳед.
2. Чаро адабиёти давраи нав аз ибтидои асри XX оғоз мегирад?
3. Адабиёти давраи нави тоҷик ба чанд марҳала ҷудо мешавад?
4. Барои чӣ марҳалаи шуравии адабиёт боз ба ду давра тақсимбандӣ шуд?
5. Оид ба номгузории марҳалаҳои адабиёти давраи нав маълумот диҳед.
6. Чаро марҳалаи сеюм адабиёти давраи истиқлол ном гирифт?

## САВОЛҲОИ ТЕСТӢ

1. Адабиёти давраи нави тоҷик мувофиқи таъкиди кадом суханвар аз ибтидои садаи XX оғоз меёбад?

А) Аҳмади Дониш;
Б) Зайнулобидини Мароғаӣ;
В) Маҳмуди Тарзӣ;
Г) Садриддин Айнӣ;
Ғ) Абдурраufi Фитрат.

2. Адабиёти давраи нав ба чанд марҳала тақсимбандӣ мешавад?

А) Ба ду марҳала;
Б) Ба се марҳала;
В) Ба чор марҳала;
Г) Ба панҷ марҳала;
Ғ) Ба ҳашт марҳала.

# АДАБИЁТИ ҶАДИДИЯ
# (ОҒОЗИ САДАИ XX)

## АДАБИЁТИ ОҒОЗИ САДАИ XX

**Ҳаёти ичтимоӣ ва сиёсӣ**

Инқилоби нахустини Русия (1905 –1907) дар раванди сиёсӣ, иқтисодӣ, ичтимоӣ ва адабиву фарҳангии сокинони Осиёи Миёна таъсири басо амиқ гузошт. Бар асари ҳодисаи мазкур дар ин сарзамин табақаи синфи коргар арзи вучуд кард, ки дар тарбияи маънавии онон нақши коргарони саноатии Русия бузург буд.

Дар айни замон воридоти рӯзафзуни саноати Русия ба саноати косибии маҳаллӣ зарба мезад. Дар Бухорои Шарқӣ – Душанбе, Ҳисор, Кӯлоб, Қаратоғ, Балчувон истеҳсоли газворҳо, маснуоти кулолию чармгарӣ, асбоби зироаткорӣ, корду шамшер ва ғайра идома дошт, вале он ба саноати Русия рақобат карда наметавонист. Кишоварзон, махсусан сокинони кӯҳистони точикро фишори иқтисодии дутарафа (яке ба воситаи хонҳои вилоятӣ ва дигаре аз чониби сармоядорони хоричӣ) тамоман хору заиф гардонда буд.

Чанги якуми чаҳонӣ (1914 – 1918) ва сиёсати мустамликадории Русия боиси сар задани шӯриши оммаи мардум дар Хучанд (1916) гардид. Аҳволи вазнини кишоварзону мардикорон ва ваҳшиёна пахш кардани шӯриши Хучанд кинаву адовати сокинони Осиёи Миёна, аз чумла точиконро, ба ҳукумати подшоҳии рус ва ҳукуматдорони маҳаллӣ боз ҳам афзуд.

Баъди инқилоби аввали рус дар Осиёи Миёна ҳаракатҳои зиёди зиддиҳукуматӣ пайдо шуданд, ки онҳо бо барномаҳои сиёсии худ амал мекарданд. Дар аморати Бухоро ягона чараёне, ки сиёсати мустабидонаи аморатро зери танқид мегирифт, ҳаракати чадидия ё чамъияти чавонон буд. Чараёни чадидияи Бухоро бо сарварии Абдулвоҳиди Мунзим (1875 – 1934) аз ибтидои асри XX фаъолият дошта, ба бедории шуури сиёсӣ ва афкори маърифатпарварии аҳолӣ саҳми муносиб гузошт. Ин ҳаракат, ки дар навбати худ боиси таъсис ёфтани ширкати «Бухорои шариф» (1909) ва чамъияти махфии сиёсию фарҳангии «Тарбияи атфол» (1910) гардида буд, бори аввал моҳи апрели соли 1917 ва бори дувум моҳи марти соли 1918 аз тарафи ҳукумати амирӣ бераҳмона пахш шуд. Бинобар ин, табақаҳои меҳнатии аҳолӣ ва зиёиён ба инқилоби Феврал ва инқилоби Октябри Русия бо умед менигаристанд ва дар барқарор намудани Ҳукумати Шуравӣ дар маҳалҳои худ мусоидат намуданд.

**Ҳаёти фарҳангӣ**

Дар нимаи дувуми асри X1X аз тарафи Русияи подшоҳӣ тасарруф намудани Осиёи Миёна боиси дар ин сарзаминҳо васеъ гардидани муносибатҳои фарҳангиву адабӣ гардид. Бо тақозои замон табақаи равшанфикрони ин минтақа ба фарҳангу адабиёти пешқадами Русия муроҷиат намуданд ва адабиётеро эътироф карданд, ки ба қалами А. С. Пушкин, Л. Н. Толстой, И. А. Крилов, А. П. Чехов, Н. В. Гогол барин адибони тараққихоҳи рус тааллуқ доштанд. Мардуми Осиёи Миёна дар ибтидо ба фарҳангу адабиёти аврупоӣ низ ба воситаи заҳматҳои зиёиёни рус шиносоӣ пайдо карданд.

Ба ҳаёти фарҳангию адабии халқи тоҷик инқилоби аввали Русия (1905–1907) ва инқилобҳои Туркия, Эрон ва дигар мамлакатҳои Шарқ (1905–1912) низ такони ҷиддӣ бахшиданд. Устод Айнӣ дар «Таърихи инқилоби Бухоро» (1921) ба ин муносибат навиштааст: «Аз соли 1905 то соли 1908 вазъият хеле тағйир ёфт. Дар байни ин солҳо матбуоти турку тотор, Истамбул, Миср ва Ҳиндустон дар Бухоро хеле хуб кор кард. Хусусан, китоби ба форсӣ таълифёфтаи «Саёҳатномаи Иброҳимбек» дар Бухоро пахн шуд. Ин китоб доир ба аҳволи Эрон навишта шуда бошад ҳам, ҷойҳои танқидиаш айнан дар Бухоро буданд. Бинобар ин, мутолиаи ин китоб низ ба дигаргунии фикрии баъзе касон сабаб гардид».

Умуман, ибтидои асри XX – солҳои 1905 – 1917 дар таърихи халқи тоҷик чун давраи интибоҳӣ[1] – давраи бедорфикрӣ ва озодихоҳиву истиқлолталабӣ сабт гардидааст. Дар ин айём ба Тошканд ва Бухорову Самарқанд аз Оренбург, Қрим, Қазон, Аштархон, Боку, Тифлис барин шаҳрҳои қаламрави Русия ва мамлакатҳои Эрон, Афғонистон ва ғайра рӯзномаву маҷаллаҳо, китобҳои дарсӣ, рисолаҳои илмӣ ва асарҳои бадеӣ ворид мегардиданд.

Муносибатҳои адабӣ бештар ба воситаи тарҷума сурат мегирифт. Дар ин айём, одатан, асарҳои дилчаспи адибони арабизабон, фаронсавӣ, италиявӣ ва ғайра аз ҷониби адибони истамбулӣ, ба монанди Аҳмади Мидҳат (таваллуд 1822), ба забони туркӣ тарҷума шуда, баъд ба тоҷикӣ баргардонида мешуданд. Ба ин даста асарҳои таърихнигори араб Ҷурҷӣ Зайдон (1861 – 1914), Жюл Верн (1828–1905), Александр Дюма (1824 – 1895), Виктор

1 Интибоҳ — бедорӣ, ҳушёрӣ, огоҳ шудан.

Гюго (1802–1885) ва амсоли онҳоро дохил кардан мумкин аст, ки дар Осиёи Миёна паҳн мешуданд. Дар ҳамин давра «Саёҳат дар се қитъаи рӯйи замин дар 29 рӯз» ном китоби нависанда ва публитсисти Афғонистон Маҳмуди Тарзӣ таълиф ва дастраси хонандаи тоҷик гардид.

Дар радифи асарҳои мазкур «Тарҷумон» (Қрим), «Мулло Насриддин» (Тифлис), «Ҳаблулматин» (Калкатта), «Сироҷ-ул-мустақим» (Туркия), «Шуро» ва «Вақт» (Оренбург), «Хуршед» (Қазон) барин рӯзномаву маҷаллаҳо дар бедории фикрӣ ва андешаи сиёсииислоҳталабӣ дар миёни зиёиёни тоҷик мусоидат намуданд. Дар зери таъсири матбуоти даврии аз хориҷи кишвар омада дар Бухоро ва Самарканд рӯзнома ва маҷаллаҳои «Бухорои шариф» (1912), «Турон» (1912), «Самарқанд» (1913) ва «Ойина» (1913) таъсис ёфтанд, ки ба сабаби тарғиби ғояҳои инқилобӣ баъди чанд муддат аз тарафи ҳукуматдорон баста шуданд.

Инчунин, Садриддин Айнӣ, Абдулвоҳиди Мунзим, Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ, Ҳомидхоҷаи Меҳрӣ, Аҳмадҷони Ҳамдӣ, Абдулқодири Шакурӣ, Абдурраufи Фитрат барин зиёиёни тоҷик барои таъсис намудани мактабҳои нав (ё мактабҳои ҷадидӣ) ва таълифи китобҳои дарсӣ баҳри ин мактабҳо саъю талошҳои ҷиддӣ намуданд. Маълум аст, ки дар қаламрави аморати Бухоро шумораи зиёди мактабу мадрасаҳо мавҷуд буд. Мувофиқи маълумоти баъзе сарчашмаҳо дар ибтидои асри XX танҳо дар шаҳри Бухоро зиёда аз 200 мадраса фаъолият дошт, ки шумораи умумии хонандагони онҳо аз даҳ ҳазор зиёдтар буд. Вале дар ин мактабу мадрасаҳо асрҳо боз барномаҳои таълимӣ якранг давом карда, боиси қафомонии илму фарҳанг мегардид. Бинобар ин, зиёиёни тараққихоҳи тоҷик дар фикри барпо намудани мактабҳои сохти нав шуданд. Аввалин мактаби нави тоҷикӣ соли 1903 дар Самарқанд аз тарафи Абдулқодири Шакурӣ таъсис ёфт. Дар Бухоро аввалин мактаби ҷадидро соли 1908 Абдулвоҳиди Мунзим созмон дод. Дере нагузашта мактабҳои мазкур аз тарафи ҳукумати амирӣ баста шуданд. Бо вуҷуди ин, ҷамъияти ҷавонон аз соли 1913 сар карда дар шаҳр ва дар баъзе туманҳои Бухоро ба кушодани мактабҳои нав муваффақ гардиданд.

Абдулвоҳиди Мунзим бо ҳаммаслаконаш барои табъу нашри китобҳои дарсӣ, васоити таълимии мактабҳои нав, инчунин адабиёти гуногуни илмию бадеӣ, ширкати «Бухорои шариф» ва ҷамъияти «Тарбияи атфол»-ро таъсис дод. Бо дастгирию ма-

дади ширкат ва ҷамъияти мазкур то инқилоби Бухоро (1920) китобҳои зиёди дарсӣ, аз ҷумла, «Тартил-ул-қуръон»-и С.Айнӣ чоп шуданд. Инчунин, барои мактабҳои нав китобҳои дарсии бисёре, чун «Раҳбари хат»-и Мунзим, «Таҳзиб-ус-сибён», «Заруриёти диния»-и Садриддин Айнӣ, «Ҷомеъ-ул-ҳикоёт»-и Шакурӣ, «Меъёр-ул-ахлоқ»-и Абдурраҳмони Тошкандӣ, «Китоб-ул-атфол»-и Беҳбудӣ, «Мухтасари таърихи ислом»-и Фитрат ба табъ расиданд.

Дар ҳаёти илмию фарҳангӣ ва бедории тафаккури сокинони аморати Бухоро дигар муассисаҳои сиёсию фарҳангии ҷараёни ҷадидия – ширкати «Баракат» (1914) ва китобхонаи «Маърифат» (1914) низ саҳми муносиб гузоштанд. Бо ёриву мадади ин муассисаҳо як идда ҷавонони болаёқат барои таҳсил ба донишгоҳҳои Истамбул, Оренбург, Қазон, Маскав барин шаҳрҳои Туркия ва Русия фиристода шуданд.

Умуман, аъзои ҳаракати ҷадидия бо ҷиддияти тамом дар паҳн намудани фикрҳои маорифпарваронаву озодихоҳона дар байни мардум кӯшиш карданд: дар шаҳри Бухоро ва туманҳои Вобканд, Ғиждувон, Чорҷӯй, Шаҳрисабз, Қаршӣ, Қарокул ва ғайра рӯзнома, маҷалла ва китобҳои дарсиро дастраси хонандагон намуданд ва бо ҳамин дар пешрафти фарҳанги мардуми тоҷик дар ибтидои асри XX саҳми муносиб гузоштанд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Инқилоби нахустини Русия ба мардуми Осиёи Миёна чӣ таъсир расонд?
2. Баъди инқилоби аввали рус дар Бухоро кадом ҳаракатҳо ва ҷамъиятҳо пайдо шуданд?
3. Ошноӣ бо фарҳангу адабиёти рус ва Аврупо ба ҳаёти адабии мардуми тоҷик чӣ таъсир расонд?
4. Чаро ибтидои асри XX дар таърихи фарҳанги халқи тоҷик чун давраи интибоҳ сабт гардидааст?
5. Кадом равшанфикрони тоҷик баҳри таъсиси мактабҳои нав ва таълифи китобҳои дарсӣ талош кардаанд?

## АДАБИЁТИ ҶАДИДИЯ ВА НАМОЯНДАГОНИ ДИГАРИ АДАБИЁТ

Дар адабиёти ҷадидия анъанаи тазкиранависӣ давом ёфт. Аз ҷумла, Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Муҳтарам дар «Тазкират-уш-шуаро» (1908) дар бораи 175 шоир, Садри Зиё дар «Тазкори ашъор» (1905–07) роҷеъ ба 200 шоир[1], Мирзо Салимбек дар иловаи «Туҳфат-ул-аҳбоб фи тазкират-ул-асҳоб»-и Возеҳ (1914) дар бораи 87 шоир мухтасаран маълумот додаанд, ки ба ин ҷумла шоирони адабиёти ҷадидия низ шомиланд. Махсусан, дар «Намунаи адабиёти тоҷик»-и С.Айнӣ, ки соли 1926 дар Маскав ба табъ расид, роҷеъ ба адибони аҳди ҷадидия маълумоти амиқу муфассал дода шудааст. Тазкираҳои номбурда барои омӯхтани адабиёти ин давра чун сарчашмаи муҳимми адабӣ хидмат мекунанд.

Адибони ин давраро аз рӯйи тарзи ифода ва сухангустарӣ ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст. Ба гурӯҳи аввал шоирон Нақибхони Туғрал (1865–1919), Ҳоҷӣ Ҳусайнӣ Кангуртӣ (1868–1917), Зуфархон Ҷавҳарӣ (1860–1945), Муҳаммад Содиқхоҷаи Гулшанӣ (1861–1910), Сайидаҳмади Васлӣ (1870–1925) шомиланд, ки то охир ба сабку услуби эҷоди классикони адабиёти тоҷик мисли Саъдӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ, Бедил содиқ мондаанд. Ҳунари волои нигорандагии онҳо аз тарафи тазкиранависони давр эътироф шудааст.

Шоирони номбурда осори гаронбаҳо боқӣ гузоштанд. Ашъори онҳо гувоҳ бар он аст, ки дар адабиёти давраи ҷадидия анъанаи назми классикии тоҷик мавқеи босазо дорад. Ин чанд байт гувоҳи истеъдоди волои Ҷавҳарӣ мебошад:

Ранге шикан аз чеҳра ба савдояшу зар гир,
Ашке бифишон дар ғамаш аз чашму гуҳар гир.
Оҳе, ки кашӣ, турраи шоми тараб ангор,
Гарде, ки кунад гул зи нафас, файзи саҳар гир...
Рашҳе,[2] ки чакад аз қалами Ҷавҳарии мо,
Шаҳвораи гӯши худ аз он луълуи тар гир.

Ба гурӯҳи дувум адибон Сайидаҳмадхоҷа Сиддиқии Аҷзӣ (1864–1927), Тошхоҷаи Асирӣ (1864–1916), Садри Зиё (1867– 1932),

1 Таҳрири охири «Тазкори ашъор»-и манзум мухтасар буда, оид ба 49 шоир маълумот медиҳад.

2 Рашҳ — таровиш, он чӣ, ки метаровад.

Мирзо Сироҷи Ҳаким (1877–1912), Садриддин Айнӣ (1878–1954), Абдурраауфи Фитрат (1886–1938), Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим (1877–1934), Аҳмадҷони Ҳамдӣ (1875–1946), Саҳбо (1850–1918), Маҳмудхӯҷаи Беҳбудӣ (1875–1919) барин адибон шомиланд. Эҷодиёти онҳо дар марҳалаи оғози бедории андеша ва худогоҳии миллӣ ба вуҷуд омада, фарогири мавзуъ ва масъалаҳои доғи рӯз буд.

**Мавзуъҳои адабиёт**

Адибони аҳди ҷадидия масъалаҳоеро, ки адибони маорифпарвар ба миён гузошта буданд, боз ҳам ҷиддитар мавриди баррасӣ қарор доданд. Сафар ба мамлакатҳои Шарқу Ғарб, таваҷҷуҳ ба манбаъҳои иттилоотӣ ва адабиёти илмию бадеии халқҳои дигар онҳоро водор мекард, ки худ ба омӯхтани забонҳои арабӣ, русӣ, туркӣ, ӯзбекӣ, озарӣ кӯшиш намоянд ва аҳамияти забономӯзиро дар ҳаёти иҷтимоию фарҳангии мардуми тоҷик нишон диҳанд. Садри Зиё дар «Тазкори ашъор» аз тарафи Содиқхоҷаи Гулшанӣ басо хуб аз худ намудани забони русиро чунин таъкид кардааст:

Бад-он поя донад забони расӣ,
Бад-он поя дониш ту худ кай расӣ

Аҷзии Самарқандӣ дар «Миръоти ибрат» (1913) ном асараш ободии кишвар ва бомаърифат гардидани халқи тоҷикро ба омӯхтани забон, махсусан забони русӣ вобаста мекунад. Ба қавли шоир омӯхтани илмҳои гуногун, аз ҷумла илмҳои тиҷорат, тиб, ҳикмат, ихтироъҳои техникию иттилоотӣ ба туфайли омӯхтани забони русӣ ба кас муяссар мешавад ва забондонӣ аз хуб донистани забони модарӣ сарчашма мегирад:

Агар сесад забон донӣ, фузун нест,
Ҳама рӯзе ба кор ояд, зарар чист?
Надонӣ гар забони давлати худ,
Пушаймонӣ надорад оқибат суд.

Дар эҷодиёти намояндагони адабиёти ҷадидияи тоҷик мавзуи мактабу маориф мавқеи муҳим дошт. Аҷзии Самарқандӣ дар маҷмуаи «Ганҷинаи ҳикмат» ва достони «Миръоти ибрат» борҳо ин мавзуъро мавриди тасвир қарор додааст ва баъди сафар

(солҳои 1901–1903) дар қарияи Ҳалвоӣ, ки дар даҳкилометрии шаҳри Самарқанд қарор дошт, худ мактаби нав мекушояд.

Шеър дар эҷодиёти шоирони аҳди ҷадидия аз ҷиҳати ифода сода шуд. Шоирон дар ифодаи мавзуъҳои рӯзмарраи мактабу маориф, бедории миллӣ, ватандорӣ, муносибатҳои нави фарҳангиву иҷтимоӣ бештар аз забони содаву баёни шево истифода мекарданд. Дар ғазали зерини Аҳмадҷони Ҳамдӣ калимаҳои нави ба ҳаёти мардум воридгардида басо ҷолибу дилкаш истифода шудаанд:

Рӯйи чаманат хандазани Пориҷу Маскав,
Мӯйи фитанат таънадеҳи Ботуму Варшав.
Дар нозукӣ, ай рашки бутони загаронич[1],
Дар чобукӣ, ай ғайрати хубони Фарансав...
Ай атри гул аз накҳати мӯйи ту парастуй[2],
Аз тобиши мӯят гули атрӣ шуда фалшав[3].
Чун нест ба мо дигар аз ин қофия, Ҳамдӣ,
Бояд ки заказ карда биёрем зи Маскав.

Номҳои Пориҷ (Париж), Маскав, Ботум (Батуми), Варшав (Варшава), Фарансав (Фаронса) ва калимаҳои «загаронич», «парастуй», «фалшав», «заказ» чун рамзи муносибатҳои нави фарҳангиву иҷтимоӣ аз пайдо шудани услуби тозаи тасвир дар шеър дарак медиҳанд.

Дар адабиёти ҷадидия қариб ҳамаи шаклҳои шеъри тоҷикӣ (чун ғазал, қасида, қитъа, маснавӣ, рубоӣ, дубайтӣ, мусаммат, фард ва ғайра) истифода шудаанд. Дар баробари ин, дар ин давра кӯшиши қолабшиканӣ дар вазни шеър низ мушоҳида мешавад. Ин тағйироти мазмуниву шаклиро Садри Зиё бо истилоҳи ***шеъри нав*** ифода кардааст:

Аз он софтабъон, ки худ моҳиранд,
Валекин раҳи ***шеъри нав*** биспаранд.

Дар адабиёти ҷадидияи тоҷик дар баробари асарҳои манзум асарҳои насрӣ низ ба вуҷуд омаданд ва дар онҳо мавзуъҳои асосии

1 Загаронич — русии заграничный, яъне, хориҷӣ.

2 Парастуй — русии простой, яъне, одӣ.

3 Фалшав — русии фальшивый, яъне, сохта, сунъӣ.

давр мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Абдурraуфи Фитрат дар «Мунозара», «Баёноти сайёҳи ҳиндӣ», «Раҳбари наҷот», «Ойила ё худ вазоифи хонадорӣ» ва Мирзо Сироҷи Ҳаким дар «Туҳафи аҳли Бухоро» ном асарҳояшон ақидаҳои маорифпарварӣ ва равшангароии хешро хеле хуб ифода намудаанд.

Падидаи дигар дар адабиёти ҷадидияи тоҷик мавқеъ пайдо кардани тарҷума ва ба дигар забон таълиф намудани асар мебошад. Тарҷумаҳои қиссаи «Шинел»-и нависандаи рус Н.В.Гогол (мутарҷим Аҷзии Самарқандӣ) ва романи «Мусулмонони доруррроҳат»-и нависандаи тотор Исмоилбеки Гаспаринский (мутарҷим Абдурраyфи Фитрат) бо равонии забону фасеҳияти баён намунаи беҳтарини тарҷумаҳои бадеӣ ба шумор меравaнд.

Ҳамчунин, аксари адибони равияи ҷадидия ба забонҳои туркӣ, ӯзбекӣ, озарӣ асарҳо офаридаанд. Нахустин асарҳои саҳнавӣ низ дар адабиёти аҳди ҷадидия ба вуҷуд омаданд. Маҳмудхӯҷаи Беҳбудӣ соли 1911 драмаи «Падаркуш»-ро ба забонҳоии тоҷикӣ ва туркӣ эҷод кард. Ҳоҷӣ Муин Шукруллозода соли 1914 бо ҳамкории Нусратулло ибни Қудратулло пиесаи «Тӯй»-ро навишт.

Намояндагони адабиёти ҷадидия дар давраи душвори сиёсӣ умр ба сар мебурданд. Доираи адабии Бухоро аз даҳаи дуюми асри XX бар асари воқеаҳои мудҳиши апрели соли 1917 ва марти соли 1918 рӯ ба таназзул ниҳод. Адибоне чун Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ, Ҳоҷӣ Ҳусайн, Зуфархон Ҷавҳарӣ ба вазъи ноороми шаҳрҳои Бухоро ва Самарқанд муросо карда натавониста, рӯ ба зодгоҳашон (деҳаи Зосуни қарияи Заҳматобод, Кангурт ва Истаравшан) оварданд. Баъдтар С.Айнӣ, А.Фитрат, А. Ҳамдӣ, А.Мунзим ба хориҷи Бухоро – Самарқанд ва Тошканд паноҳ бурданд. Мирзо Ҳаити Саҳбо ва Маҳмудхӯҷаи Беҳбудӣ  аз тарафи амири Бухоро ба қатл расиданд.

Баъзе намояндагони адабиёти тоҷик ба дигар кишварҳои Шарқ ҳиҷрат намуда, ба доираҳои адабии он кишварҳо пайвастанд. Яке аз равшанфикрони тоҷик Ҳошим Шоиқ (1883 – 1954), ки таҳсилдидаи шаҳрҳои Анқараву Истамбули Туркия буд, соли 1921 аз Бухоро ба Афғонистон сафар карда, ба доираи адабии Кобул пайваст ва то соли 1954 дар рушду такомули ин доираи адабӣ саҳм гирифт. Ё худ Холмуҳаммади Хаста (1902–1972) солҳои 20-уми асри XX аз Бухоро аввал ба Афғонистон ва баъд ба Ҳиндустон сафар карда, ба доираҳои адабии Ҳайдаробод, Лоҳур, Пешовар пайваст.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Дар бораи хусусият ва мавқеи адабиёти маорифпарварии тоҷик маълумот диҳед.
2. Адабиёти ҷадидияи тоҷик кадом солҳоро дар бар мегирад?
3. Ба гурӯҳи аввали суханварони адабиёти ҷадидия кадом адибон шомиланд? Ба гурӯҳи дувум-чӣ?
4. Мавзуъҳои асосии адабиёти ҷадидияро номбар кунед.
5. Чаро Аҷзӣ хонандаро ба омӯхтани илмҳои табиӣ ва забонҳои ҷаҳон даъват кардааст?
6. Боз кадом хусусияти адабиёти ҷадидияро медонед?
7. Доираи адабии Бухоро кай рӯ ба таназзул овард ва тақдири минбаъдаи адибони ин доираи адабӣ чӣ шуд?

## САВОЛҲОИ ТЕСТӢ

1. Ин порчаи шеърӣ ба қалами кадом шоир тааллуқ дорад?

Агар сесад забон донӣ, фузун нест,
Ҳама рӯзе ба кор ояд, зарар чист?
Надонӣ гар забони давлати худ,
Пушаймонӣ надорад оқибат суд.

А) Садриддин Айнӣ;
Б) Абдулвоҳид Мунзим;
В) Содиқхоҷаи Гулшанӣ;
Г) Аҷзии Самарқандӣ;
Ғ) Тошхоҷаи Асирӣ.

2. Истилоҳи шеъри нав бори аввал дар кадом асар истифода шудааст?

А) Дар «Намунаи адабиёти тоҷик»-и С. Айнӣ;
Б) Дар «Тазкори ашъор»-и Садри Зиё;
В) Дар «Ганҷинаи ҳикмат»-и Аҷзии Самарқандӣ;
Г) Дар «Раҳбари наҷот»-и Абдуррауфи Фитрат;
Ғ) Дар «Туҳафи аҳли Бухоро»-и Мирзо Сироҷи Ҳаким.

## ҲИКОЯ

**Назарияи адабиёт**

Ҳикоя (арабӣ – нақл, ривоят, сухан) як навъи асарҳои ҳамосӣ мебошад. Ҳикоя асари хурди бадеӣ буда, як воқеаро аз зиндагӣ ва ҳаёти инсон дар бар мегирад. Муҳимтарин хусусияти ҳикоя ин аст, ки дар он воқеа аз ҷиҳати замону макон ва ҳаҷм маҳдуд ва фишурда мебошад. Нависанда ягон ҳодисаро аз ҳаёти ин ё он шахс ба тасвир гирифта, хусусияти муҳимми зиндагии ӯро ба воситаи ҳамин лавҳа тасвир менамояд.

Дар китобҳои адабӣ, таърихӣ, динӣ ва тасаввуфӣ ҳикояҳои зиёде оварда шудаанд. Намунаи комили ҳикояҳо дар «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус, «Сиёсатнома»-и Низомулмулк, «Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт»-и Муҳаммад Авфӣ, «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ, «Рисолаи дилкушо»-и Убайди Зоконӣ, «Баҳористон»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ ба назар мерасанд. Ҳамчунин, дар асарҳои манзуми «Махзан-ул-асрор»-и Низомии Ганҷавӣ, «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолуддини Румӣ, «Бӯстон»-и Саъдии Шерозӣ ва ғайра ҳикояҳои бисёр ба назар мерасанд.

Аксари ҳикояҳои адабиёти классикӣ дар асоси як ҳодисаи хурд фароҳам омада, дар онҳо миқдори ками персонажҳо ширкат меварзанд. Дар чунин ҳикояҳо зиддият сода буда, нақли воқеаҳо мавқеъ доранд. Ғайр аз ин, дар ҳикояҳои адабиёти классикии тоҷик мавзуъҳои пандуахлоқӣ зиёдтар мушоҳида мешаванд ва мундариҷаи ҳикояҳои насрӣ бо порчаҳои шеърӣ ороиш ёфтаанд. Таваҷҷуҳ намоед ба як ҳикояи Саъдӣ:

«Ду дарвеши хуросонӣ мулозими[1] суҳбати якдигар сафар карданд. Яке заиф[2] буд, ки ба ҳар ду шаб ифтор кардӣ ва дигаре қавӣ[3], ки рӯзе се бор хӯрдӣ. Қазоро бар дари шаҳре ба туҳмати ҷосусӣ гирифтор омаданд. Ҳар дуро ба хонае карданд ва дар ба гил баровარданд. Баъд аз ду ҳафта маълум шуд, ки бегуноҳанд. Қавиро диданд мурда ва заиф ҷон ба саломат бурда. Дар ин аҷаб монданд.

Ҳакиме гуфт:

– Хилофи ин аҷаб будӣ. Он яке бисёрхор буд, тоқати бенавоӣ наёвард, ба сахтӣ ҳалок шуд. Ва ин дигар хештандор[4] буд, лоҷарам дар одати хештан сабр карда ва ба саломат бимонд.

1 Мулозим — ҳамроҳ.

2 Заиф — суст, камқувват.

3 Қавӣ — калон, бузургҷусса, пурқувват.

4 Хештандор — эҳтиёткор, парҳезкор.

Чу кам хӯрдан табиат шуд касеро,
Чу сахтӣ пешаш ояд, саҳл гирад.
Ва гар танпарвар аст андар фарохӣ,
Чу тангӣ бинад, аз сахтӣ бимирад».

Ин ҳикояи ҳаҷман хурд бо забони шево эҷод гардидааст. Сюжет ба воситаи образи ду дарвеш фароҳам омадааст. Воқеа ба тасвири ҷузъе аз симои зоҳирӣ (яке заиф, дигаре қавӣ) ва ҷузъе аз хислату табиати (яке қаноатпеша, дигаре боиштиҳо) ду дарвеш инкишоф мeёбад ва мундариҷаи ҳикояро сухани ҳаким ба анҷом мерасонад. Нависанда ба воситаи порчаи шеърӣ руҳи пандуахлоқии ҳикояро тақвият медиҳад. Дар ин ҳикоя ягон калима ё таркиби зиёдатӣ, ки боиси тафсилоти фикр гардида бошад, нест.

**Тағйирот дар жанри ҳикоя**

Аз нимаи дувуми асри XIX сар карда, дар жанри ҳикояи тоҷик тағйирот ба вуҷуд омад. Аз ҷумла, дар адабиёти маорифпарварӣ ва ҷадидӣ доираи мавзуи ҳикоя васеъ гардид, масъалаҳои гуногуни ҳаётӣ, воқеаҳои мухталифи реалию бофта дар ҳикоя ворид шуданд.

Баъдтар, аз солҳои 20 ва 30-юми асри XX сар карда, дар зери таъсири адибони рус ва Аврупо дар шаклу услуби ҳикоянависии адабиёти тоҷик тағйироти ҷиддӣ ба вуҷуд омад. Дар ҳикояҳои давраи нави адабиёти тоҷик услуби реалистии тасвир мавқеъ пайдо намуд. Ин ҳолат дар ҳикояҳои Ҳаким Карим, Пӯлод Толис ва Фазлиддин Муҳаммадиев равшан ба назар мерасад. Ҳаким Карим дар адабиёти тоҷик нахустин силсилаи ҳикояҳоро офарид. Образи асосии ҳикояҳои «Бева», «Кампир» ва «Раиса» як кас – Одинамоҳ мебошад. Ҳамчунин, Ҳаким Карим ба соданависӣ ва кӯтоҳбаёнӣ диққати ҷиддӣ медод. Ба порчаи зерини ҳикояи «Хаппак» таваҷҷуҳ намоед: «Чароғ зихна[1] буд. Равшании он аз давра дур намерафт. Ҳаво сарднамо буд. Аз як гӯшаи ин говхонаи дирӯза тик-тик борон чакида, манмании худро дар амал нишон медод. Изғирин[2] гоҳ-гоҳ аз тарқиши дар ба хона медаромад, забони оташи лампаро мерақсонд. Нисфи болоии шишаи лампа аз шаби дар берун будагӣ монданӣ надошт».

Устоди ҳикояи рус А.П. Чехов оид ба бандубасти (композитсияи) ҳикоя фикри ҷолиб баён кардааст: «Медонед, чӣ тавр на-

1 Зихна — хасис, мумсик.

2 Изғирин — шамоли сард.

виштан даркор аст, ки ҳикоя нағз бароад? Бояд вай ягон чизи барзиёд надошта бошад. Худи саҳни киштӣ барин: дар он ягон чизи зиёдатӣ нест – дар ҳикоянависӣ низ ҳамин хел кардан лозим». «Бародарон», «Баҳор», «Муаллим» ном ҳикояҳои П. Толис, «Даъво», «Рӯзи дафни усто Оқил», «Роҳ» ном ҳикояҳои Ф.Муҳаммадиев ба ин талабот мувофиқ меоянд.

Баъзан, дар ҳикоя воқеа ва амалиёту муносибати персонажҳо мавқеъ надорад ва мундариҷаи он ба воситаи ҳиссиёту андешаи муаллиф оид ба ҳаёти ҷомеа фароҳам меояд. Чунин ҳикояро ***ҳикояи лирикӣ*** меноманд. Дар адабиёти тоҷик «Баҳор» ва «Монанди гул нашкуфтӣ»-и Ҳаким Карим намунаи ҳикояҳои лирикӣ мебошанд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Хусусияти жанри ҳикояро номбар кунед.
2. Ҳикояи Саъдии Шерозӣ – «Ду дарвеши хуросонӣ»-ро таҳлил намоед.
3. Дар жанри ҳикояи тоҷик дар кадом аср тағйироти ҷиддӣ рӯй дод?
4. Дар ҳикояҳои давраи нав кадом услуби тасвир мавқеъ дорад?
5. Нависанда А. П. Чехов оид ба бандубасти ҳикоя чӣ гуфтааст?
6. Чаро «Баҳор» ва «Монанди гул нашкуфтӣ» ном асарҳои Ҳ. Каримро ҳикояҳои лирикӣ меноманд?



# НАҚИБХОНИ ТУҒРАЛ

***(1865 – 1919)***

Дар сухан, Туғрал, тариқи пухтагонро пеша кун,
Меваат гар хом бошад, нест дар дандон лазиз.

**Зиндагинома**

Нақибхони Туғрал аз авлоди хоҷа Аҳрори Валӣ[1] буда, яке аз шоирони боистеъдод ва рангинхаёли охири асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ ба шумор меравад. Нақибхон соли 1865 дар деҳаи Зосуни тумани Фалғар (ноҳияи Айнӣ) дар хонаводаи шахси давлатманду бомаърифат ба дунё омадааст. Айёми кӯдакӣ ва наврасии шоир дар зодгоҳаш гузашта, хатту саводи ибтидоиро аз муаллимони маҳаллӣ омӯхтааст.

Нақибхони Туғрал баъд дар мадрасаи Тилокории Самарқанд ва як муддат дар шаҳри Бухоро дониши худро такмил медиҳад ва аз илмҳои ҳисобу ҳандаса, тиб, фиқҳ, таърих, сарфу наҳви забони арабӣ бархурдор мегардад. Дар ҳамин муддат ба омӯхтани забони русӣ машғул мешавад.

Туғрал ба суханшиносон ва шахсони бомаърифату ҳунарманди замонаш, аз ҷумла ба Шамсиддин Шоҳин (1859 – 1894) ва Гулшании Бухороӣ (1861–1910) дӯстӣ ва ҳамкорӣ доштааст ва Шоҳинро ҳамчун устод мепарастидааст.

Баъди такмили илм ба зодгоҳаш бармегардад. Ба гуфти устод Айнӣ, Туғрал «дар охирҳои ҳол обу ҳавои тозаи кӯҳистонро аз зиндагонии шаъшаадори пурташвиши шаҳрҳо тарҷеҳ[2] карда». Аммо шоир алоқаашро бо ҳаммаслакони шаҳриаш қатъ намеку-

---

1 Хоҷа Аҳрори Валӣ (1404 –1490) – намояндаи машҳури силсилаи нақшбандия мебошад.

2 Тарҷеҳ — бартарӣ, афзалӣ, беҳтар шумурдан.

над. Дар маснавии нотамоми «Лайлӣ ва Маҷнун» ба васфи устод ва мавлои[1] худ Шамсиддин Шоҳин боби махсус ҷудо намудааст, ки чунин оғоз меёбад:

Он к-ӯ ба камол шамси дин аст,
Бо ҳотами илм ӯ нигин аст.
Ништарзане дар раги маонӣ,
Ғаввоси ями[2] гуҳарфишонӣ.
Ганҷури дури ҳадиси рангин,
Дар авҷи ғазалсарой шоҳин...

Туғрал дар деҳаи Зосун як муддат ба деҳқониву чорводорӣ машғул мешавад ва баробари барқарор шудани Ҳукумати Шуравӣ дар водии Зарафшон ба хидмати ҳукумати нав мепардозад. Шоир дар миёни муаллимону талабагони мактабҳои навташкили шуравӣ суханрониҳо карда, онҳоро ба омӯхтан ва андӯхтани илму дониш ҳидоят менамояд.

Шоир солҳои 1918–1919 аскарони сурхро ҳамроҳӣ ва роҳбаладӣ мекунад. Яке аз муҳорибаҳои аскарони сурх барои ишғоли деҳаи Вешаб бебарор анҷом меёбад ва Туғрал ба туҳмат гирифтор шуда, 28-уми июни соли 1919 дар деҳаи Сангистони ноҳияи Фалғар ба қатл мерасад.

Ба ин марги нобаҳангом шоирону эътиқодмандони Туғрал қитъаву марсияҳо сурудаанд. Аз ҷумла, Файёзи Хуҷандӣ фармудааст:

Дуболо шуд зи саҳбои шаҳидон
Ба базми ҷовидонӣ кайфи Туғрал.
Хирад фармуд бо Файёз: «Баргӯ,
Ба таърихи вафоташ: Ҳайфи Туғрал».

Таркиби «Ҳайфи Туғрал» аз рӯйи ҳисоби абҷад ба соли 1337 ҳиҷрӣ (соли 1919 мелодӣ) баробар аст.

**Мероси адабӣ**

Аз Нақибхони Туғрал осори зиёди гуногунжанру гуногунмавзуъ ба мерос мондааст. Девони Туғрали Аҳрорӣ соли 1916 дар матбааи Когони Бухоро нашр гардидааст. Он 303 ғазал, 9 мухаммас, 3 мусаддас, 8 қасида, як мустазод, як тарҷеъбанд ва чанд маснавиро (чун «Соқинома» ва «Наврӯзнома») дар ҳаҷми

1 Мавло — соҳиб, молик, сарвар.

2 Ям — баҳр.

7386 мисраъ фароҳам овардааст. Ҳамчунин, аз Туғрал як қатор асарҳои дигар низ дастрас шудаанд, ки дар қолабҳои маснавӣ, қасида, ғазал, мусаммат, рубоӣ ва фард эҷод гардидаанд. Аз ҷумла, дар пайравии «Лайливу Маҷнун»-и Шоҳин достони «Лайливу Маҷнун» офаридааст, ки он нотамом буда, 219 байтро дар бар мегирад. Асари Туғрал дар адабиёти классикии тоҷик охирин намунаи «Лайливу Маҷнун» мебошад. «Лайливу Маҷнун»- и Туғрал чун дигар достонҳои ҳамном дар баҳри ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи маҳзуф ва мақсур суруда шудааст:

Қуфли дари назм боз кардам,
Зеру бами шавқ соз кардам.
– –V / V – V – / V– –

Адиб дар охирҳои умр дар пайравии «Гулистон»-и Саъдӣ «Боғистон» ном асари манзуму мансури фалсафию ахлоқӣ низ навиштааст. Вале ин асар ва як қатор шеърҳое, ки дар поёни умри Туғрал эҷод гардидаанд, то ҳол дастрас нестанд. Шоир дар эҷодиёташ аксаран «Туғрал» ва баъзан «Нақиб» ва «Туғрали Аҳрорӣ» тахаллус карда, дар сухангустарӣ маҳорат нишон додааст:

Дар сухан, Туғрал, тариқи пухтагонро пеша кун,
Меваат гар хом бошад, нест дар дандон лазиз.

Дар эҷодиёти Туғрал жанри ғазал мавқеи муайян дорад. Дар байни дигар шаклҳои шеърӣ мухаммасҳои шоир қобили таваҷҷуҳ мебошанд. Дар ашъори шоир ҳар ду навъи мухаммас – ҳам мухаммаси таълифӣ ва ҳам мухаммаси тазминӣ мушоҳида мешавад. Аз мухаммасҳои Туғрал ба ғазалҳои Камоли Хуҷандӣ, Бедил, Шоҳин, Гулшании Бухороӣ, Нозими Ҳиротӣ маълум мешавад, ки ҳунари мухаммасбандии шоир ба дараҷаи баланд расида будааст. Мисраъҳои Туғрал ба мисраъҳои шоирони пешин аз ҷиҳати мазмуну муҳтаво ва услуби баён мувофиқати комил доранд. Мисол аз матлаи мухаммаси Туғрал бар ғазали Камол:

Чанд теғи зулмро аз куштанам хунин кунӣ,
Дам барои қатлам оиву даме тамкин кунӣ.
Аз чӣ мурғи дил ба доми турраи мушкин кунӣ,
«То кай, эй дилбар, дилам бе муҷибе ғамгин кунӣ,
Гиряҳои талхи ман биниву лаб ширин кунӣ!»

Беилтифотиҳои маҳбуба ва номуродиҳои ошиқ ба воситаи таносуби калом ва саволу хитобаҳо хеле хуб ифода ёфтааст. Се мисраи аввал мазмуни байти Камолро басо мувофиқ тақвият медиҳад.

Туғрал рубоӣ, дубайтӣ ва мустазод низ эҷод кардааст. Рубоӣ ва дубайтиҳои шоир мазмунан баланд ва дилкашу хушоҳанг мебошанд. Шоир дар чаҳор мисраъ хонандагонро ба таърихи илму фарҳанги халқи худ шинос намуда, дар онҳо эҳсоси ифтихор аз тамаддуни бой ва масъулияти ватандорӣ мепарварад:

Баҳ-баҳ, ки рабеъу иди Наврӯз омад,
Наврӯз шуду ба халқ нав рӯз омад.
Тифлони дабистон ҳама гаштанд озод,
Озодии наврӯз зи Наврӯз омад.

Дар ин рубоӣ Соли нави халқи тоҷик тавассути такрор ва таҷнис барин воситаҳои тасвир **(Наврӯз, наврӯз ва нав рӯз)** басо ҷолиб ва хотирмон васф гардидааст. Аз мундариҷаи он бармеояд, ки ҷашни Наврӯз аз давраҳои қадим ба қишрҳои гуногуни ҷомеа, хосса хонандагони мактаб (тифлони дабистон), озодӣ ва шодиву хурсандӣ меорад ва дар замони мо ин дастоварди фарҳангии ниёгон мақоми байналхалқӣ касб карда дар тамоми мамлакатҳои мутамаддин қайд карда мешавад.

Умуман, дар ҳар як шакли шеърӣ Туғрал маҳорати баланд нишон дода, хусусияти жанрии шеърҳоро ба эътибор гирифтааст. Чи навъе ки аз муфрадоти Туғрал бармеояд, шоир метавонад дар як байт як мавзуи мукаммалро ба хонанда пешкаш намояд:

То кушодам чашму дидам оррази некӯйи ту,
Риштаи уммед бастам бар сари ҳар мӯйи ту.

Дар ин байт муҳаббату садоқати ошиқ ба маъшуқа басо сода, самимӣ ва дилкаш баён гардидааст. ***Ба сари ҳар мӯйи ёр риштаи уммед бастани ошиқ*** нишонаест аз ишқи поку беолоиши фарзанди инсон.

Туғрал ба наср низ майл доштааст. Вале насри Туғрал ҳанӯз дастраси хонанда нагардидааст.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Нақибхони Туғрал кай ва дар кучо ба дунё омадааст?
2. Шоир дар куҷо таҳсил ва кадом илмҳоро аз худ кардааст?
3. Дар бораи муносибати Туғрал бо Шамсиддин Шоҳин маълумот диҳед.
4. Чаро Туғрал ба қатл мерасад?
5. Девони Туғрал кадом асарҳои ӯро фаро гирифтааст?
6. Кадом офаридаҳои адиб аз девони ӯ берун мондаанд?
7. Тахаллусҳои адибро ном баред.

## МУНДАРИҶАИ АШЪОРИ ЛИРИКӢ

Туғрал эътиқодманди анъанаҳои ғании шеъри классикии тоҷик, махсусан жанри ғазал мебошад. Шоир ғазалиёти Саъдӣ, Ҳофиз, Камол, Бедил, Нозим ва Шоҳин барин суханварони бузургро мавриди баҳрабардорӣ ва пайравӣ қарор додааст. Махсусан, тарзи ифода ва услуби нигориши Мирзо Абдулқодири Бедил ба Туғрал басо писанд афтодааст. Ӯ эътиқоду самимияти худро ба ин суханвари воломақом чунин баён намудааст:

Баланд аст аз фалак маъвои Бедил,
Набошад ҳеҷ касро ҷойи Бедил.
Намоям тӯтиёи дидаи хеш,
Агар ёбам ғубори пойи Бедил.
Надидам аз сухангӯёни олам,
Касеро дар ҷаҳон ҳамтои Бедил...
Ба рафъат бартар аз кӯҳ аст, Туғрал,
Ҷаноби ҳазрати Мирзои Бедил.

Шоир дар васфи пири руҳонии худ ифодаҳои сода, вазни сабук (рукнҳои маъруфи баҳри ҳазаҷ: мафоӣлун/мафоӣлун/фаӯлун), қофияи солим (калимаҳои **ҷойӣ**, **пойӣ**, **савдойӣ**, **Мирзойӣ**...) ва радифи мувофиқро (такрори калимаи **Бедил**)

интихоб намудааст, аз санъатҳои бадеӣ чун муболиға, тавсиф, маҷоз ва ташбеҳ мӯшикофона истифода кардааст ва ба ин восита дараҷаи баланди муҳаббату садоқати шогирдонаашро самимона иброз доштааст.

Умуман, Нақибхони Туғрал ба мутафаккирони бузурги гузашта садоқату самимияти зиёд дошта ва дар «Қасидаи бузургон» ном асараш баҳри офаридани симои ҳақиқии қисмате аз суханварони адабиёти классикии тоҷик кӯшиш намудааст:

Унсурию Асҷадию Фаррухӣ:
Нағмаи ҳар се ҳама аз як садост.
Хоҷа Ҷамол аст агар муддаӣ,
Даъвии ӯ дур аз ин муддаост.
Ӯ кию бо Саъдӣ муқобил шудан?
Бин, тафовут зи куҷо то куҷост!
Нағмасаро Булҳасани Рӯдакӣ,
Гунбази чарх аз суханаш пурсадост...

Мавзуи марказии ғазал дар адабиёти классикии тоҷик ишқ аст. Туғрал ҳам ин мавзуъро асоси ашъори лирикии худ қарор додааст ва кулли масъалаҳои фалсафиву ахлоқӣ, фарҳангиву иҷтимоиро ба мавзуи ишқу муҳаббат вобаста кардааст. Бинобар ин, вожаи ишқ ва муродифҳои он дар ғазалиёти шоир бо тамоми тобишҳои маъноӣ ба ҷилва омадаанд. Туғрал, одатан, як мисраъро аз ашъори Бедил чун тазмин[1] интихоб намуда, дар партави он тасвиргарӣ ва суханварӣ мекунад. Аз ҷумла, «Ҳайф бошад ҷуз дили ошиқ ба дасти ёр гул» ном мисраи Бедил боиси эҷоди ғазали дилошӯбе гардидааст, ки матлааш ин аст:

Эй зи субҳи оразат шарманда дар гулзор гул,
Пеши рухсорат бувад имрӯз ҷойи хор гул.

Дар ғазал аз аввал то охир чеҳраи маҳбуба васф мешавад ва ин тавсиф ба воситаи ташбеҳкунандаи ***гул*** сурат мегирад. Дар тасвири шоир ***гул*** бо ин ҳама рангу бӯй ва зебоиву раъноӣ наз-

1 Тазмин — мисраъ ё байти шоиреро гирифта, дар ҳамон мазмун ва шакл шеър эҷод кардан.

ди орази маҳбуба дар хиҷолат аст, зеро аз он рӯзе, ки маҳбуба чеҳраашро намоён кардааст, бозори гул касод шудааст:

Кас намебинад кунун дар чорсӯйи эътибор
Ҷуз ҳадиси[1] он гули рӯйи ту дар бозор гул.
Гар зи миръоти[2] рухат аксе фитад ногаҳ дар об,
Сарв ҷойи барг орад бар лаби ҷӯбор гул.

Дар ин ғазал калимаву таркибҳои ҳамнисбати **ораз, гул, гулзор, баҳор, гулшан, гулистон, сарв, ҷамоли ёр, дили ошиқ** хонандаро ба маърифати олами зебоӣ ҳидоят менамояд.

Дар ғазалҳои давраи аввал Туғрал ба тавсифҳои ҷилодор ва баёни рангоранги шоирони пешин таваҷҷуҳ мекунад. Дар баробари ин, истифодаи моҳиронаи воситаҳои тасвир аз равонии табъи шоир гувоҳӣ медиҳад. Дар васфи ҳусну ҷамоли маҳбуба санъатҳои тавсиф, муболиға, тафсир ва ташхис мусоидат намудаанд:

Яди байзо[3] агар аз остини худ бурун орад,
Ҷаҳонро нур афзояд, шавад шаб дур аз кӯяш.
Чаман аз эътидоли қоматаш мегуфт бо наргис:
Саропо дида шав в-он гаҳ назар кун қадди дилҷӯяш!
Асири як нигоҳаш гаштам, аз ишқаш чӣ мепурсӣ,
Сукуни сабру тоқатро рабуда чашми ҷодуяш.

Тавсифҳои **қадди дилҷӯ, чашми ҷоду, зулфи суманбӯ, тоқи абрӯ** хонандаро водор мекунад, ки ба ҳусни худододи дилбар зиёда мутаваҷҷеҳ шавад. Махсусан, муболиға сафедию сеҳрнокии дасти маҳбубаро хеле ҷолиб ифода намудааст. **Дасти ӯ агар аз остин бурун ояд, ҷаҳонро нур медиҳад.** Чунин тасвирҳо ба хонанда завқ бахшида, ҳиссиёти зебопарастии ӯро афзун мегардонад.

Қаҳрамони лирикии ғазалҳои Туғрал худро подшоҳи ошиқон медонад ва чун симоҳои ҷовидонии адабиёт аз ишқ ёдгор гузоштанро орзу дорад. Дар ин ҳолат шоир аз санъати талмеҳ бамаврид истифода кардааст:

1 Ҳадис — гуфтугӯ, тавсиф.

2 Миръот — ойина.

3 Яди байзо — киноя аз дасти сафеди ёр.

Шуҳраи офоқ шуд аз ишқи Ширин Кӯҳкан,
Номи Маҷнун аст аз савдои Лайлӣ ёдгор.

Умуман, дар ашъори лирикии Туғрал таъбирҳои **дарди ишқ, китоби ишқ, дардманди ишқ, дарси ишқ** фаровон истифода шудаанд ва ҳар кадом дар баёни ақидаҳои шоир саҳм доранд. Дар ашъори ғиноии шоир дигар мавзуъҳо, аз ҷумла мавзуи шикоят аз муҳити носозгор низ мушоҳида мешавад. Замона, ба қавли шоир, сифлапарвар аст ва ба қадри аҳли донишу фарҳанг намерасад. Дар ин ҳолат Туғрал ба мавқеъ ва манзалати худ ишора карда, ба тафохури шоирона мепардозад:

Маро хонанд халлоқулмаонӣ[1],
Набудам қабл аз ин, аммо кунунам...
Агар бо фазл гаштӣ рутба ҳосил,
Дар оғӯши қамар будӣ сукунам.
Валекин чарх бошад сифлапарвар,
Асири қайди ин гардуни дунам.

Лирикаи Туғрал моҳияти некбинона дорад. Шоир инсонро ба бедории шуур, адолат ва ҳақталошӣ водор мекунад ва андешаҳояшро бо далелҳои мантиқӣ тақвият медиҳад. Инсон бояд ба ҳама душвориҳои зиндагӣ омода бошад ва «киштии мақсуд»-ро бофаросат ба соҳил расонда тавонад:

Ҳеҷ мумкин нест дар гирдоби ин амвоҷи ғам
Киштии мақсудро бе нохудо[2] рафтан дар об.

Шоир ба воситаи рамзу киноя (***амвоҷи ғам*** киноя аз нобасомониҳои рӯзгор, ***нохудо*** киноя аз одамон, ***киштии мақсуд*** киноя аз марому мақсад) моҳияти зиндагии бошууронаро нишон медиҳад.

Умуман, забони ашъори Туғрал моломоли санъатҳои дилнишини бадеӣ, забони содаву равон, вазну қофияи солим ва оҳанги дилкашу гӯшнавоз мебошад ва гоҳо услуби баёни лирикаи шифоҳиро ба хотир меорад:

Аз рухат ойина то лаззати дидор гирифт
В-аз нигоҳи дигарон ҷониби худ ор гирифт,

1 Халлоқулмаонӣ — офарандаи маъниҳои нав.

2 Нохудо — ронандаи киштӣ.

Хоки раҳ аз қадамат рутбаи гулзор гирифт,
Аз ту гулҳои чаман зинати дастор гирифт,
Ман чӣ гуфтам, ки дили нозукат озор гирифт,
Хотират аз мани бечора ба як бор гирифт?!

Дар ин порча низ маҳбуба васф мегардад. Зебоии рухи маҳбуба ба ойина лаззат мебахшад, ба дараҷае ки минбаъд аз нигоҳи дигарон ор мекунад. Ёр сар то по латофат аст, ба ҳадде ки хоки роҳ аз қадамаш ба гулзор табдил меёбад. Ифоданокии фикрро байти тарҷеъ[1], ки дар шакли пурсиш истифода шудааст, боз ҳам меафзояд.

Устод Айнӣ гуфтааст: «Истеъдоди Туғрал бисёр комил ва хаёлаш мустаиди[2] болоравӣ буд». Дар ҳақиқат, шеърҳое, ки ба ҳунари шоирӣ ва услуби хоси эҷодии Туғрал ишора мекунанд, бисёранд. Як қатор порчаҳои шеърии шоир маънои баланди ҷамъбасткунанда доранд:

Ҳеҷ нахле нест андар боғи имкон бесамар,
Шуҳрати Рустам намояд зинда руҳи Сомро!

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Мавқеи ғазалро дар эҷодиёти шоир муайян кунед.
2. Чаро Туғрал Бедилро ба дараҷаи аъло васф менамояд?
3. Тазмини Туғралро ба мисраи Бедил («Ҳайф бошад ҷуз дили ошиқ ба дасти ёр гул») шарҳ диҳед.
4. Чанд байти ҳикматноки шоирро аз ёд кунед.

## САВОЛИ ТЕСТӢ

1. Дар байти зерини Нақибхони Туғрал кадом санъати бадеӣ истифода шудааст?

Шуҳраи офоқ шуд аз ишқи Ширин Кӯҳкан,
Номи Маҷнун аст аз савдои Лайлӣ ёдгор.

А) Ташбеҳ;
Б) Такрор;
В) Тавсиф;
Г) Талмеҳ;
Ғ) Ташхис.

1 Байти тарҷеъ — байте, ки дар охири ҳар банд айнан такрор мешавад.

2 Мустаид — омода будан, тайёр будан.

# ТОШХӮҶАИ АСИРӢ

*(1864 – 1916)*



**Зиндагинома**

Тошхӯҷаи Асирӣ соли 1864 дар маҳаллаи Сангбурони шаҳри Хуҷанд дар хонаводаи косиб таваллуд шудааст. Аз синни чаҳорсолагӣ ба саводомӯзӣ машғул шуда, дар назди хаттоти машҳур – Мирсалими Муҳркан машқи хат намудааст.

Тошхӯҷа дар мадрасаи «Шоҳӣ»-и шаҳри Хуҷанд таҳсилро идома медиҳад. Соли 1882 барои такмили илм ба яке аз марказҳои бонуфузи водии Фарғона – шаҳри Қуқанд сафар мекунад ва дар мадрасаи «Хоним» ҳашт сол ба донишомӯзӣ машғул мешавад.

Асирӣ ҳангоми таҳсил дар шаҳри Қуқанд ба намояндагони фарҳанги халқи ӯзбек (ба мисли Муҳаммадаминхоҷаи Муқимӣ, Зокирҷони Фурқат, Убайдуллоҳи Завқӣ) робитаи дӯстӣ пайдо мекунад. Дар ҳамин айём бо зиёиёни рус низ шинос гардида, ба омӯхтани забони русӣ машғул мешавад. Дар айни ҳол аз матбуоти даврии русию туркзабони Осиёи Миёна ва Қафқоз бахравар мешавад.

Тошхӯҷаи Асирӣ баъди таҳсил ба зодгоҳаш бармегардад. Шоир дар Хуҷанд ягон мансаби илмӣ ва давлатиро қабул намекунад ва то охири умр ба касби сангиосиётарошӣ, ки аз падар мерос монда буд, шуғл меварзад. Шоир ба аҳли фарҳанги замон, аз ҷумла ба Анбари Бухороӣ, Зуфархон Ҷавҳарӣ ва Садриддин Айнӣ барин равшанфикрон, муносибати дӯстӣ ва мукотиба доштааст. Ба хоҳиши Садриддин Айнӣ дар хусуси мактаби кӯҳнаву нав қасидае иборат аз сӣ байт навишта, ба ӯ мефиристад. Асирӣ дар ин қасида оид ба мактаби кӯҳна чунин андеша рондааст:

Ба васфи лозими атфол дохилаш бингар,
Сивои зеру забар нест сокину ташдид.

Ба ҷуз шаллоқу адабчӯбу силлии устод
Аз ин ҷафокада дигар чӣ ҳосил аст падид?
Ҳазор сол бад-ин наҳҷ[1] агар ҳиҷо хонӣ,
Ба ғайри ҳаҷв аз он ҷо махоҳ гуфтушунид.

Асирӣ дар ҳаққи амири Бухоро гуфтааст:

Ман амиратро ба як мирӣ намегирам, бирав,
Илтифоти ӯ надорад қимати як дона ҷав.

Асирӣ аз хурдсолӣ ба шеърнависӣ оғоз намуда, ҳанӯз айёми ҷавонӣ чун шоири бомаҳорат шинохта шудааст. Аввал анъанаи адабиёти классикиро давом дода, ба ашъори шоироне, чун Абдурраҳмони Ҷомӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил, Васлии Самарқандӣ шеърҳои ҷавобия навиштааст. Баъдтар, вақте ки ба зиндагӣ дурусттар ошно гардида, ба рӯзгори нобасомони мардуми заҳматкаш ба дидаи ибрат менигарад, ба мавзуъҳои иҷтимоӣ ва рӯзмарраи ҷомеа рӯ меорад.

Баъдан, дар эҷодиёти Тошхӯҷаи Асирӣ ду тарзи баёни фикр– яке услуби нигориши адабиёти классикӣ, махсусан, сабки эҷоди Бедил ва дигаре шакли содаи ифода мавқеъ пайдо мекунад. Ақидаҳои маърифатпарварӣ ва равшангарии шоир бештар дар шакли дуюми баён ифода ёфтаанд.

Тошхӯҷа Асирӣ 3 марти соли 1916 дар шаҳри Хуҷанд вафот мекунад.

**Мундариҷаи ашъор**

Ашъори Асирӣ ба забонҳои тоҷикиву ӯзбекӣ эҷод шудаанд. Вале дар шеърҳои алоҳидаи шоир порчаҳое вомехӯранд, ки ба забонҳои арабӣ ва русӣ низ ба қалам омадаанд. Аз Асирӣ то замони мо шеъре ёдгор мондааст, ки «Манзумаи омехтаи арабӣ, форсӣ, туркӣ ва русӣ» ном дорад. Ин шеър аз 51 байт иборат буда, ба чор забон навишта шудааст:

Мустаъзири ҳавлият Чиликин[2],
Он кофири бовиқори бекин .
Аз хона баромадаш ягона,
Таклиф намуд сӯйи хона.
Гуфто зи раҳи вафопарастӣ:
«Приходите камне гӯстӣ».

1 Наҳҷ — тариқ, тавр, хел.

2 Чиликин —иҷоранишини яке аз дӯстони Асирӣ будааст.

Асирӣ ба жанрҳои маснавӣ, қасида, ғазал, қитъа, рубоӣ, мухаммас, фард таваҷҷуҳ доштааст. Адиб ба наср низ шуғл варзидааст. Мутаассифона, мероси адабии ӯ ҳанӯз пурра ҷамъоварӣ нашудааст. «Ашъори мунтахаб»-и шоир (1987) 1278 байтро дар бар мегирад.

Тошхӯҷаи Асирӣ меҳру муҳаббат, дӯстиву рафоқат, донишмандӣ ва меҳнатдӯстиву бунёдкорӣ барин хислатҳои ҳамидаи инсониро васф намуда, ҳарисию чашмгуруснагӣ, золимию авомфиребӣ, куҳнапарастиву кӯтоҳандеширо низ мавриди накуҳиш қарор додааст. Дар қасидаи «Бурҳони Асирӣ» ё «Одамият чист?», ки соли 1909 чун назира ба қасидаҳои Мирзо Абдулқодири Бедил («Чист гардун? – Он, ки яксар сифларо мепарварад») ва Таҷаллии Кашмирӣ («Чист мардӣ? – Он, ки худро чун ғазанфар доштан») эҷод гардидааст, вазифа ва уҳдадориҳои муқаддаси инсон дар ҷомеа бо маҳорати баланди нигорандагӣ таъкид ёфтааст:

Одамият чист? – Худро дур аз шарр доштан,
Хайрхоҳи халқ будан, нафъи безар[1] доштан.
Аз сафо ойина бастан хонаи дилро мудом
В-аз чароғи сидқ хотирро мунаввар доштан.
Хешро дар шоҳроҳи факр афкандан ба хок,
Дар тариқи фоқа[2] худ аз хор камтар доштан.
Аз шамими атри зулфи шоҳиди ҳусни баён
Шоммаи[3] асҳоби маъниро муаттар доштан.

Аз назари адиб масъулияти инсон дар ҷомеа хеле баланд аст. Шоир ба таври мухтасар чанд хислати ҳамидаи инсониро (чун накукорӣ, хайрхоҳӣ, дастгирӣ, садоқат, хоксорӣ) ном бурда, моҳияти ҳар кадоми онҳоро таъкид менамояд. Забони сода, вазни мувофиқ (рамали мусаммани маҳзуф: – V – – / – V– – /– V– –/–V– ) ва дигар воситаҳои тасвир андешаи шоирро басо ҷолиб ифода мекунанд.

Қисми дуюми ин қасидаи ҳаҷман калон ба мазамматти шахсони мансабдоре, ки илму динро ба манфиатҳои ғаразкоронаи худ истифода карда, боиси бадбинӣ ва нафрати мардум гардидаанд, бахшида шудааст. Дар байтҳои алоҳидаи қасида мавқеи шоир нисбат ба судхӯрон ва манфиатҷӯёни золимтабъ равшан таъкид ёфтааст:

1 Безар — безарар, безиён.

2 Фоқа — факр, камбағалӣ, мухтоҷӣ.

3 Шомма — қувваи бӯйфаҳмӣ, ҳисси бӯёӣ, димоғ.

Оҳ, аз ин ҷинси наҷосаттинатони зуҳдкеш,
Ҷуз ба оби теғ натвонӣ мутаҳҳар доштан.

Умуман, вақте ки Асирӣ ба накуҳиши хурофотпарастону мансабталошон мепардозад, дар ашъори ӯ ҳаҷв мавқеъ пайдо мекунад. Дар порчаи зерин шоир шахсони авомфиребро, ки бо ороиши зоҳирии худ дар ҷомеа эътибор ёфтанӣ мешуданд, ба Аквондев[1] ташбеҳ дода, онҳоро мавриди ҳаҷву тамасхур қарор додааст:

Бад-ӯ гуфтам: «Ту гар аллома бошӣ,
Чаро дар банди ин аммома[2] бошӣ?!
Агар алломаӣ, аммомаат чист?
В-агар аммомаӣ, алломаат кист?»

Дар ашъори Асирӣ масъалаҳои рӯзмарраи зиндагӣ мавриди андеша қарор гирифтаанд. Шоир таваҷҷуҳи хонандаро ба паҳлуҳои гуногуни ҳаёти инсон ҷалб намуда, бо ҳамин уҳдадориҳои ҳар фардро назди ҷомеа таъкид менамояд. Шоир дар мисоли лаҳзаҳои пӯшидан ва кушодани чашм суръати бошиддати гузаштани умри инсонро мувофиқ ифода кардааст:

Айёми бақо чу боди Наврӯз гузашт,
Рӯзу шаби мо ба меҳнату сӯз гузашт.
То чашм ниҳодем ба ҳам, субҳ дамид,
То чашм кушодем зи ҳам, рӯз гузашт.

Ашъори пандуахлоқии Асирӣ дорои руҳи фолклорӣ буда, зуд мақбули хотири хонанда мегардад. Аз ин ҷиҳат, рубоии зерин, ки дар тақвияти мақоли «гандум аз гандум бирӯяд, ҷав зи ҷав» таълиф гардидааст, ҷолиб аст:

Гар подшаҳиву тоҷ бар сар дорӣ
В-ар ҳукму валои баҳру бар дорӣ.
Пиндор, ки арзанат наёрад гандум,
Ҳар дона, ки киштаӣ, ҳамон бардорӣ.

Тошхӯҷаи Асирӣ чун шахси озодандеш кушодашавии мактабҳои усули навро чун ҳодисаи барҷастаи мусбат арзёбӣ ме-

1 Аквондев — яке аз рақибҳои Рустам дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ.

2 Аммома — салла.

кунад ва бо тамоми ҳастӣ ба тарғиби таълиму тадриси мактабҳои усули нав, омӯхтани забонҳо ва илму техникаи кишварҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ мепардозад. Табиист, ки чунин асарҳои шоир бо забони сода ва ба қадри фаҳми омма наздик нигошта шудаанд. Ӯ дар қасидаи «Мактаби қадим ва ҷадид» ва «Ҷӯйи Бекобод» ном маснавиаш, ки дар ҷавоби «Миръоти ибрат»-и Аҷзии Самарқандӣ эҷод гардидааст, ягона роҳи аз вартаи муҳтоҷӣ раҳо ёфтани мардумро дар рӯ овардан ба мактабу маорифи нав медонад:

Макотибҳои нав эҷод кардан,
Раҳи дарси ҷадид иршод[1] кардан...
Сару кори дигар бояд гирифтан,
Ба роҳи тоза бояд пеш рафтан...
Агар Чин аст ё Маскав, ба ҳар ҳол,
Сазад рафтан пайи таҳсили икмол.

Ҳамин тариқ, ашъори Тошхӯҷаи Асирӣ аз ҷиҳати лафзу маънӣ мукаммал буда, аксаран ба мавзуъҳои муҳимми иҷтимоӣ бахшида шудаанд ва бо ифоданокӣ ва хусусиятҳои омӯзандагии худ дар адабиёти ҷадидаи тоҷик мавқеи арзанда доранд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Зиндагии Асирӣ дар кадом шаҳрҳо ва чӣ гуна гузаштааст?
2. Дар эҷодиёти шоир кадом тарзҳои тасвир мавқеъ доранд?
3. Шоир бештар кадом мавзуъҳоро мавриди тасвир қарор додааст ва барои чӣ?
4. Порчаеро аз қасидаи «Одамият чист?» аз ёд кунед.
5. Оид ба ашъори пандуахлоқии Асирӣ маълумот диҳед.

## САВОЛИ ТЕСТӢ

1. Ин байт ба кадом шоири ибтидои асри XX тааллуқ дорад?

Агар Чин аст ё Маскав, ба ҳар ҳол,
Сазад рафтан пайи таҳсили икмол.

А) А. Мунзим;
Б) А. Ҳамдӣ;
В) С. Айнӣ;
Г) Тошхоҷаи Асирӣ;
Ғ) Аҷзии Самарқандӣ.

1 Иршод — ҳидоят кардан, раҳнамоӣ кардан.

## МАСНАВИИ «ҶӮЙИ БЕКОБОД»

Маснавии «Ҷӯйи Бекобод» ё «Тимсол» (1914) калонтарин асари Асирӣ ба ҳисоб меравад ва аз он 416 байт боқӣ мондааст. «Ҷӯйи Бекобод» чун «Миръоти ибрат» дар баҳри ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф (ё мақсур) эҷод гардида, аз ҷиҳати мазмун низ ба достони Аҷзӣ мувофиқати комил дорад. Достон бо байти зерин оғоз меёбад:

Замоне будам андар хонаи хеш,
Чу ганҷам сокини вайронаи хеш.
Мафоӣлун, мафоӣлун, мафоил.
V – – – / V – – – / V– ~

«Ҷӯйи Бекобод» масъалаҳои зиёди иҷтимоиро дар бар кардааст. Шоир дар ин асар ақидаҳои инсонпарваронаи Аҳмади Дониш ва Аҷзии Самарқандиро давом дода, бо техникаи пуриқтидори рус канда шудани ҷӯйи Бекободро самимона васф мекунад ва масъалаи минбаъд аз дарёҳои Сайҳун (Сир) ва Ҷайҳун (Аму) обёрӣ кардани заминҳои ташналабро ба миён мегузорад. Ба қавли Асирӣ, кӯшишу ғайрат, бунёдкорӣ ва дӯстиву рафоқати халқҳо сарчашмаи ҳамаи хушбахтиҳо ва асоси тараққиёти ҷомеаи инсонӣ мебошад:

Арозӣ[1] қобили заръ[2] асту беоб,
Аҳолӣ ҷоҳилу дар бистари хоб.
Гар аз Ҷайҳун ду-се ҷӯ ҳафр[3] оранд,
Бухору Хеваро Фирдавс созанд.

Дар ҳақиқат, обу обёрӣ аз муҳимтарин масъалаҳои Осиёи Миёна ба шумор мерафт ва ба ин мавзуъ сарвари маорифпарварони тоҷик Аҳмади Дониш ҳам таваҷҷуҳ зоҳир намуда буд. Дар «Ҷӯйи Бекобод» ин масъала боз ҳам тақвият ёфтааст. Шоир такроран ба ин мавзуъ муроҷиат карда, баҳри тақвияти фикр аз услубҳои гуногуни ифодаи бадеӣ истифода менамояд. Дар боби «Ҳикоят бар сабили тамсил ва воқеаи хоб ва таърихи эҷоди ҳадиқа» шоир бо истифода аз услуби тасвири хоббинӣ боз масъалаи обёрӣ ва

1 Арозӣ — ҷамъи арз, замин.
2 Заръ — кишт, зироат.
3 Ҳафр — кандан, кофтан.

ободониро ба миён мегузорад. Дар хоб ниёгон шоирро ба зиндагии огоҳона ва обёрӣ кардану боғ парваридан водор мекунанд:

«Махусб андар фарози даҳр бекор,
Кунун бархезу коре кун дар ин дор[1].
Ба ҳафри чашмаи он ҷаҳд бигмор
В-аз он ҷо ҷадвали обе бурун ор.
Аз он ҷадвал шавад он дашт обод
В-аз он об ояд он ҷо равза бунёд».

Шоир бо маслиҳати ниёгон амал карда, ҷойи ноободеро обёрӣ мекунад ва дар замини обёришуда навъҳои гуногуни зироату мевагӣ ва сабзавот парвариш менамояд. Замине, ки асрҳо боз «номи обе ношунида, ба туфон ҳам рухи обе надида» буд, дар андак муддат ба макони ободу зебое мубаддал мешавад. Мисраъҳои ба васфи макони обёришуда бахшида басо образнок ва дилнишин садо медиҳанд:

Дар он водӣ чу шуд ин об ҷорӣ,
Даромад мурдаро ҷони баҳорӣ.
Замин шуд қобили кишту зироат,
Гирифт аз сабза ранги иститоат[2] .
Дар он ҷо тухми гандумдона киштам,
Ман акнун Одамам, он ҷо биҳиштам...

Санъатҳои бадеӣ, мисли таносуби калом, ташбеҳ, талмеҳ ва таҷнис дар ифодаи мазмун саҳми муносиб гузоштаанд. Замини беобро ба мурда ва оби ҷориро ба ҷон монанд кардани шоир зарурату моҳияти обу обёриро нишон медиҳад. Махсусан, дар байти охир ишора ба қиссаи асотирии ҳазрати Одам ҷолиб аст. Қаҳрамони лирикӣ замини ободкардаашро ба биҳишт ва худро ба ҳазрати Одам нисбат дода, бо ҳамин қадру манзалати инсони меҳнатӣ ва файзу баракати замини обёришударо манзури хонанда менамояд.

Масъалаи дигаре, ки дар достон мавқеи босазо дорад, омӯхтани илму дониш мувофиқи талаби давру замон мебошад. Шоир, чунонки аз боби «**Дар насиҳати фарзанд**» бармеояд, тарафдори илмест, ки мардумро «аз банди фақр озод намояд» ва

1 Дор — дунё.

2 Иститоат — қувват, тавоноӣ, сабзиш.

«ҳосили он ганҷ» бошад. Асирӣ бадбахтии инсонро дар фақирии ӯ мебинад ва таъкид мекунад, ки одами фақир дар ҷомеа қадру қимате надорад. Асирӣ ба одами фақир марди дороро муқобил гузошта, ба воситаи тасвирҳои тазодӣ боиси обрӯю эътибори шахс будани дороиро ҳунармандона ба қалам медиҳад:

Бале, онро, ки бошад камбизоат,
Гулашро нест ранги иститоат...
Агар анқо шавад, гумном гардад,
Фазои субҳи ӯ чун шом гардад.
Набудӣ меҳрро зар андар ҳамён,
Танӯри сард будӣ бе рухи нон.

Дар ҳақиқат, агар офтоб ҳамёни зар намедошт, чун танӯри сард холӣ аз гармию ҳарорат буд. Шоир ба тавсифи зар мепардозад ва дар ҳама ҷабҳа мушкилкушо будани онро таъкид мекунад. Асирӣ ба муқобили касоне ҳаст, ки таърифу тавсифи зару дороиро нораво хонда, аҳолиро ба фақирию бенавоӣ ҳидоят мекарданд. Ӯ ба фарзандаш насиҳат мекунад, ки:

Ба илме кӯш, то зар ҳосил ояд,
Ба касбе соз, то ҷоҳат физояд.

Дар маснавии «Ҷӯйи Бекобод» ба роҳҳои гуногуни таълим низ таваҷҷуҳ зоҳир гардидааст. Асирӣ таълим доданро ба касоне зарур мешуморад, ки онҳо соҳиби ақл ва истеъдоди фитрию фаҳми ҷибиллӣ[1] мебошанд. Дар акси ҳол таълим суд намебахшад. Ба шахси бефаҳму бефаросат ва ноқобил таълим додан мисли он аст, ки кас ба пеши аблаҳон мусҳаф кушояд. Дар ин ҳолат руҳи пандуахлоқии достон афзоиш ёфта, байтҳои алоҳида суханони ҳикматомези адабиёти классикии тоҷикро ба хотир меоранд:

Ҳар он, к-ӯ халқ шуд аспи ҷувозӣ,
Баислоҳат нашуд Шабдези тозӣ.
Мадеҳ бо аблаҳон дарси қавофӣ,
Нашояд уштуронро шоҳибофӣ.

Асирӣ роҳҳои аз вартаи қашшоқӣ ва ҳалокат баровардани мардумашро меҷӯяд. Ба қавли шоир, миллате, ки ҳам илми динӣ

1 Ҷибиллӣ — фитрӣ, зотӣ, табиӣ.

ва ҳам илми дунявиро аз худ накардааст, завол меёбад ва побанди миллатҳои ғайр мешавад. Шоир ба таърихи миллати худ назар карда, халқи фарҳангӣ ва дорои тамаддуни қадима будани онро таъкид менамояд. Дар ин ҳолат қувваи ифоданокии фикрро санъати такрор ва задаи мантиқӣ таъмин карда метавонад:

***Шумо*** дар асл одамзодагонед,
***Шумо*** устоди олимзодагонед.
***Шумо*** оварда қонуни тамаддун,
***Шумо*** парварда гулзори тафаннун[1].
***Шумо*** бинҳода расми ихтироот,
***Шумо*** бикшода боби ин синоот...[2]

Миллате, ки гузаштаи пурифтихор ва таҷрибаи зиёди зиндагӣ дорад, бояд дар байни миллатҳои дигар мавқеи сазовор дошта бошад ва ин мавқеъро ба воситаи илмомӯзӣ, забондонӣ, тарҷума ва таҷрибаивазнамоӣ ба даст даровардан мумкин аст. Хулоса, «Ҷӯйи Бекобод» ё «Тимсол»-и Асирӣ асарест, ки масъалаҳои муҳимми иҷтимоиро дар ибтидои асри XX фаро гирифтааст. Ақидаҳои шоир дар замони истиқлолияти Тоҷикистон ба аҳамияти бештаре ноил гардидаанд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Чаро маснавии «Ҷӯйи Бекобод»-ро боз «Тимсол»-и Асирӣ дар ҷавоби «Миръоти ибрат»-и Аҷзии Самарқандӣ ном додаанд?
2. Дар маснавӣ кадом мавзуъҳо мавриди тасвир қарор гирифтаанд?
3. Чаро Асирӣ ба масъалаи обёрӣ диққати ҷиддӣ додааст?
4. Аз назари шоир киҳо бояд ба омӯхтани илму дониш ҷалб шаванд?
5. Асирӣ роҳҳои аз вартаи ҳалокат раҳонидани миллатро дар чӣ мебинад?
6. Чаро Асирӣ баояндаи неки миллати худ бовар дорад?

---

1 Тафаннун — фанҳои гуногун, ҳунарҳои гуногун.

2 Синоот ё саноот — ҳунарҳо, пешаҳо.



# ҲОҶӢ ҲУСАЙНИ КАНГУРТӢ

***(1868 – 1917)***

**Ҷараёни зиндагӣ**

Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ (ё Ҳоҷӣ Ҳусайни Хатлонӣ) шоири тавонову рангинхаёли охири асри XIX ва ибтидои асри XX мебошад. Ҳоҷӣ Ҳусайн соли 1868 дар деҳаи Қарақамиши Кангурти вилояти Хатлон таваллуд шудааст. Гузаштагони шоир аз деҳаи Дашти Канаки мавзеи Сарихосор будаанд.

Ҳоҷӣ Ҳусайн саводи ибтидоиро дар зодгоҳаш гирифтааст. Баъд ба шаҳри Бухоро рафта, дар мадрасаҳои Турсунҷон ва Рашид таҳсилашро идома медиҳад. Шоир илмҳои расмии замонаш, сарфу наҳви забони арабӣ, фасоҳату балоғати шоирӣ, инчунин ҳунарҳои лаввоҳӣ, тарроҳӣ, саҳҳофӣ, наққошӣ, муҳрканӣ ва хаттотиро мукаммал аз бар кардааст. Худи шоир аз соҳибҳунариаш ифтихор дорад:

Ҷаҳоне санъатам, дар баҳри маънӣ гавҳарэҷодам,
Вале ҳамчун садаф, Ҳоҷӣ, надонам худситоиро.

Ҳоҷӣ Ҳусайн ҳангоми таҳсил ба шахсиятҳои шинохтаи илму адаби Бухоро, чун Ҳоҷӣ Рафеъ, Садри Зиё, Ҳомидхоҷаи Ҳомид, Мулло Бурҳони Муштоқӣ рафтуомад ва муносибати дӯстӣ доштааст. Шоир баъди таҳсил ба сафари ҳаҷ мебарояд ва се сол дар Арабистон мемонад. Ӯ дар мамлакатҳои Фаронса, Ҳиндустон ва Эрон низ мусофират доштааст.

Ҳоҷӣ Ҳусайн баъди бозгашт дар зодгоҳи худ зиндагӣ ихтиёр мекунад ва дар яке аз мадрасаҳои Кангурт ба дарсдиҳӣ машғул мешавад. Шоир соли 1917 дар айни камолоти эҷодӣ аз олам чашм мепӯшад. Ӯ дар мазори ҳазрати Мавлавӣ Юсуф ба хок супурда шудааст:

Он замоне чашми хоболуди мо дар хоб буд,
Бехабар бигзашт аз мо корвони зиндагӣ.

**Мероси адабӣ**

Аз Ҳоҷӣ Ҳусайн мероси гаронбаҳо боқӣ мондааст. Куллиёти шоир, ки соли 1913 дар шаҳри Тошканд ба табъ расидааст, аз 6500 байт иборат мебошад. Дар Куллиёт ғазалиёт, қасидаҳо, рубоиёт, мусамматҳо, манзумаҳои «Василат-ун-наҷот», «Дабистони ибрат», «Таърихи ҷавда»[1], «Мунтахаб-ул-ахбор фи табақот-ис-салотин», маснавии «Комде ва Мадан» ва мактубҳои манзуму мансури шоир фароҳам омадаанд. Инчунин, миқдори зиёди ашъори шоир дар маҷмуаву баёзҳои оғози асри XX сабт гардидаанд. Аз ӯ рисолае бо номи «Ашколи хутути исломия» (дар бораи навъҳои хат ва хаттотӣ) боқӣ мондааст.

Дар эҷодиёти Ҳоҷӣ Ҳусайн ғазал мавқеи муносиб дошта, шумораи он ба 274 адад мерасад. Дар ғазалиёти Ҳоҷӣ таъсири ашъори Ҳофиз ва Бедил эҳсос мешавад. Ғазалиёти шоир, аксаран, равону салис ва пуробурангу руҳафзо мебошанд:

Он маҳ чӣ ҷафо кард? Намекард, наку буд,
Ӯ тарки вафо кард, намекард, наку буд.
Пайванди муҳаббат ҳама асбоби маишат,
Сад ҳодисаҳо кард, намекард, наку буд.
То кушта шавад мурғи дилам гашта асираш,
Нокушта раҳо кард, намекард, наку буд.
Чун дидаи оҳу зи тамошои саводам
Рам кард. Чаро кард? Намекард, наку буд.
Ҳоҷӣ ба ғаму дарди ту буд аз ҳама фориғ,
Дардаш кӣ даво кард? Намекард, наку буд.

Дар ин ғазал ҷафокории маҳбуба, ба рақибон хӯ гирифтани ӯ ва зорию таваллои ошиқ ба воситаи забони сода, қофияву радиф ва таркибҳои саволӣ басо ҷолиб ифода ёфтаанд. Махсусан, таркибҳои хабарӣ, ки хеле зиёд истифода шудаанд, ба ғазал қувваи ҷозибаи беинтиҳо ато намудаанд. Умуман, дар ғазалиёти Ҳоҷӣ хусусияти ин жанр (қофияи аа, ба, ва..., аз шаш то даҳ будани миқдори байтҳо, дар байти мақтаъ зикр кардани тахаллус, мавқеи асосӣ доштани мавзуи ишқ) пурра риоя гардидаанд.

1 Ҷавда (т) – бахшандагӣ, некниҳодӣ.

Ҳоҷӣ Ҳусайн дар ашъори лирикиаш ба масъалаҳои иҷтимоӣ, ҳасбиҳолӣ ва ахлоқӣ низ таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Аз ҷумла, шоир илму дониш омӯхтан, аз суҳбати фозилон баҳравар шудан ва ахлоқи ҳамида доштанро ба ҳар фарди солимақл зарур мешуморад:

Бо аҳли ҳунар нишину шахси доно,
Гар заҳр диҳад, бихӯр чу шаҳду ҳалво.
В-аз суҳбати ноаҳлу касони ҷоҳил,
Пайванд агар бувад, дурӣ бинамо.

**«Комде ва Мадан»**

Дар байни жанрҳои дигари шеърӣ дар эҷодиёти Ҳоҷӣ Ҳусайн маснавӣ мавқеи сазовор дорад. Шоир соли 1910 дар пайравии маснавии «Комде ва Мадан»-и Бедил достоне суруда, номи онро низ «Комде ва Мадан» гузоштааст.

Мундариҷаи мухтасари достон чунин аст: дар сарзамини Ҳинд дар дарбори шоҳи ишратпарасте Комде ном раққосаи мумтоз ҳунарнамоӣ мекардааст:

Паризоде зи фирдавси таманно,
Сиҳисарве ба боғи ҳусн пайдо.
Нигаҳтезу сабукхезу шакарбез,
Балоангезу шӯромез, тарабрез.

Аз мулки дигар Мадан ном мутриби сеҳрнигор ба шаҳри Комде омада, дар дарбори шоҳ ҳунарнамоӣ мекунад ва соҳиби мукофоти султон мегардад. Чун Мадан мафтуни рақси Комде мегардад, ҷоизаашро ба ӯ медиҳад ва ба ғазаби шоҳ гирифтор шуда, аз мамлакат ронда мешавад.

Шоҳи дигаре ҳангоми шикор ба Мадани овора вомехӯрад ва аз моҷарои ишқи ин ду дилдода огоҳ шуда, ба шоҳи Комде нома мефиристад. Шоҳи Комде ин номаро ба эътибор нагирифта ба ҷанг бармехезад ва ба шикаст дучор мешавад. Шоҳи ғолиб вафодории Комдеро имтиҳон кардан хоста, ба ӯ хабари «марги» Маданро мерасонад. Комде аз шиддати ғусса қолаб тиҳӣ мекунад:

Кунад то корвони яъс афсӯс,
Даройи[1] реҳлаташ[2] овехт ноқус.

1 Дарой — занг; дар қадим номи асбоби мусиқӣ.

2 Реҳлат — рафтан аз ҷое ба ҷое, даргузаштан, вафот кардан.

Мадан низ аз шунидани ин хабари шум «фидои Комде рухи равон кард». Шоҳ аз карда пушаймон мешавад ва ба қувваи ҳикмати табибони дарборӣ дилдодагонро ба олами ҳастӣ баргардонда, ба мурод мерасонад.

Ҳоҷӣ Ҳусайн дар асар дар мисоли ҷанги шоҳи одил ва шоҳи золим масъалаи муборизаи ду қувва – қувваҳои некӣ ва бадиро ба миён гузоштааст. Ҷолиб аст, ки қувваи хайр бар қувваи шар(р) ғолиб меояд. Шоир ба дигар образҳои асар ҳам аз ҳамин нуқтаи назар баҳо медиҳад. Образҳои асосии асар – Комде ва Мадан шахсони ҳунарманд, софдил, садоқатманд ва фидокоранд ва онҳо оқибат ба мақсад мерасанд. Муносибати шоир ба табибони ҳозиқ, ки ду дилдодаро аз чанголи марг раҳондаанд, хайрхоҳона ва самимӣ мебошад:

Ба дониш ҳар яке Луқмони сонӣ,
Фалотуне[1] дар амрози ниҳонӣ.
Ба ҳикмат Ибни Синоро гаронсанг,
Арастуфитрату[2] идрокаржанг.

Вале симои шахсе, ки хабари дурӯғро ба Комде расонда, сабаби фоҷиаи ду дилдода мегардад, ба афъии заҳрнок ва боди сарди фасли зимистон монанд мешавад.

**Тафовути достонҳои ҳамном**

«Комде ва Мадан»-и Ҳоҷӣ дар баробари монандии мундариҷа аз достони ҳамноми Бедил фарқ мекунад. «Комде ва Мадан»-и Бедил як қисмати маснавии «Ирфон»-и шоир мебошад, аммо «Комде ва Мадан»-и Ҳоҷӣ чун достони алоҳида аз оғоз, 10 боб ва анҷом иборат буда, дар вазни дигар[3] (баҳри ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф ё мақсур) таълиф гардидааст:

---

1 Фалотун — Афлотун (428—348 то м.) файласуфи Юнони қадим.

2 Арасту — Аристотел (384—322 то м.) мутафаккири Юнони қадим.

3 "Комде ва Мадан"-и Бедил дар баҳри хафифи мусаддаси махбуни махбуни маҳзуф ё мақсур эҷод гардидааст:

К-ин ҷунунфитратони ғарраи ҷоҳ,
Аз ҳавас бар ҳаво фиканда кулоҳ.
—V — — / V — V — / VV ~

Шабе осори раҳмат карда з-ӯ гул,
Дукон во карда аз дебову сунбул.
Мафоӣлун / мафоӣлун/ фаӯлун
V— — — / V— — —/ V— —

Сарлавҳаи ҳар боб низ ба назм (ва дар вазни дигар) мебошад ва аз мутолиаи пайдарпайи онҳо мазмуни мухтасари достон бармеояд. Инчунин, дар достони «Комде ва Мадан»-и Ҳоҷӣ руҳи миллӣ ва пайванд ба замону макон равшан эҳсос мешавад. Шоир дар оғози достон ба тасвири табиати зебои диёри Хатлон мепардозад. Тасвири назаррабо имконият медиҳад, ки хонанда моҳияти Ватанро амиқтар эҳсос намояд:

Чу Хатлон хиттае кам офарида,
Ки фирдавсе ба олам офарида.
Насими файз бар хокаш вазида,
Ғубораш то бихезад, гул дамида.
Шамолаш гар бигардад, мушк резад,
Ҳавояш чун бихандад, атр безад...
Чу нархи шир ширин обшораш,
Лаби Ширин канори ҷӯйбораш...
Зулолаш софии Кавсар гирифта,
Чу маъшуқаш замин дар бар гирифта...

Умуман, Ҳоҷӣ Ҳусайн дар ашъораш аз анъанаи ғании адабиёти классикии тоҷик бомаҳорат истифода карда, ба комёбиҳои назарраси эҷодӣ ноил гардидааст.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ кай ва дар куҷо ба дунё омадааст?
2. Ҳоҷӣ Ҳусайн дар кадом мактабу мадрасаҳо таҳсил намудааст?
3. Охирҳои ҳаёти Ҳоҷӣ чӣ хел сурат гирифтааст?
4. Аз Ҳоҷӣ то замони мо кадом асарҳо боқӣ мондаанд?
5. Ашъори лирикии Ҳоҷӣ кадом масъалаҳоро фаро гирифтаанд?
6. Дар бораи маснавии «Комде ва Мадан» маълумот диҳед.
7. «Комде ва Мадан»-и Ҳоҷӣ аз достони ҳамноми Бедил чӣ тафовут дорад?
8. Порчаеро аз «Комде ва Мадан»-и Ҳоҷӣ оид ба Хатлон аз ёд кунед.

## САВОЛИ ТЕСТӢ

1. Ҳоҷӣ Ҳусайн дар навиштани маснавии «Комде ва Мадан» ба кадом шоир пайравӣ кардааст?

А) Рӯдакӣ;
Б) Ҳофиз;
В) Ҷомӣ;
Г) Бедил;
Ғ) Сайидо.

## СУЖЕТ

**Назарияи адабиёт**

Воқеа ё силсилаи воқеаҳои ба ҳам алоқаманд, ки мазмуни асари бадеиро ташкил медиҳад, сужет (калимаи фаронсавӣ sujet) номида мешавад. Яъне, алоқа, мухолифат, ҳусни таваҷҷуҳ, нафрат ва дигар муносибатҳои байниҳамдигарии одамон ва дигар мавҷудоти олам сужети асари бадеиро фароҳам меоваранд.

Сужет аз рӯйи таркиб ***сода ва мураккаб*** мешавад. Сужети сода дар асоси як воқеа ё чанд воқеаи хурди ба ҳам алоқаманд офарида мешавад. Сужети сода аксаран дар латифа, тамсил, баллада ва ҳикоя барин жанрҳои хурди ҳамосӣ ё намоишномаҳо мушоҳида мешавад, аммо сужети мураккаб аз чандин воқеа, баъзан аз чанд силсилаи воқеаҳо фароҳам меояд.

Сужет танҳо дар асарҳои ҳамосӣ (роман, қисса, ҳикоя, достони ҳамосӣ, афсона, ёддошт, сафарнома ва ғайра) ва намоишномаҳо (фоҷиа, мазҳака, драма ва ғайра) мушоҳида мешавад. Асарҳои лирикӣ (ғазал, қасида, қитъа, рубоӣ, дубайтӣ, мусаммат, мустазод ва ғайра) сужет надоранд, зеро дар асарҳои лирикӣ воқеаву ҳодисаҳо не, балки фикру ҳиссиёти адиб оид ба зиндагӣ ифода меёбад.

**Унсурҳои сужет**

Рафти воқеа хатти сужети асарро ташкил медиҳад ва барои муайян кардани қисматҳои хатти сужет ***унсурҳои асосӣ*** ва ***унсурҳои иловагӣ*** муқаррар шудааст. Сужет панҷ унсури асосӣ ва ду унсури иловагӣ дорад.

**Унсурҳои асосӣ:**

1. Ибтидо ё саршавӣ.
2. Гиреҳ.

3. Рабт ё худ инкишоф.
4. Нуқтаи олӣ ё худ авҷи олии ҳодиса.
5. Қатъ ё худ гиреҳкушо.

**Унсурҳои иловагӣ:**
1. Оғоз.
2. Анҷом.

**Ибтидо**

Дар ин қисмат хонанда ба замону макони воқеа ва персонажҳои асосии асар шинос мешавад ва заминаи пайдоиши зиддиятро дарк мекунад. Ин унсур дар романи «Ман гунаҳгорам»-и Ҷ. Икромӣ чунин ифода ёфтааст: нависанда нахуст хонандаро ба баҳори деҳаи Лолазор шинос мекунад. Баъд таваҷҷуҳи ӯро ба хонавода ва зиндагии хушбахтонаи директори мактаби деҳа Анвар Салимов ҷалб менамояд. Анвар ҳамроҳи зан ва ду фарзандаш баъди истироҳат ба хонаашон бармегашт. Ӯ дар назди бинои шурои деҳа котиби деҳшуро Мухтор Махсумов ва корманди шуъбаи маорифи вилоят Зайнаб Кабироваро мебинад. Хонанда аз боби аввал минбаъд миёни Анвар ва Мухтору Зайнаб давом ёфтани воқеаро ба хубӣ дарк менамояд.

**Гиреҳ**

Гиреҳ дар байни ду қувва пайдо шудани зиддиятро ифода мекунад. Дар романи «Ман гунаҳгорам» гиреҳ дар байни Анвар ва Мухтор пайдо мешавад. Мухтор ба Зайнаб муносибати наздик дошт. Вақте ки Зайнаб рӯзҳои дар Лолазор будан дар хонаи Анвар ҷой мегирад, Мухтор аз ин рашк бурда Анварро рақиби худ мешуморад.

Қимати гиреҳ дар он аст, ки аз ҳамин лаҳза сар карда, хислати персонажҳо ба инкишофёбӣ шуруъ менамояд. Гиреҳ дар ҳамаи асарҳои ҳамосӣ ва драмаҳо дида мешавад.

**Рабт**

Дар ин қисмати сужет зиддияти қувваҳои мутақобила пай дар пай инкишоф меёбад. Ҳамаи персонажҳои асосию ёридиҳанда босуръат ба ҳаракат меоянд ва самтҳои асосии фаъолияти персонажҳо ба таври возеҳ ошкор мегардад. Дар романи «Ман гунаҳгорам» Анвар дар зиндагӣ бемасъулиятӣ зоҳир намуда ба Зайнаб ошиқ мешавад ва ин як лаҳзаи кӯтоҳандешӣ барои ӯ басо гарон меафтад.

**Авҷ**

Дар ин қисмати сужет воқеа ба ҳадди ниҳоии худ мерасад. Қувваҳои муқобил ошкоро ба мубориза бармехезанд ва яке дигареро ба мағлубият маҷбур мекунад. Дар ин ҳолат симои ҳақиқии образҳо ва муносибатҳои иҷтимоию ахлоқии онҳо пурра ошкор мегардад.

Дар романи «Ман гунаҳгорам» ишқи нобаҳангоми директори мактаб натиҷаи манфӣ медиҳад. Анвар ҳолати бади руҳӣ дорад ва дар ҳамин вазъият маоши муаллимонро дар роҳ гум карда, ба мақомоти тафтишотӣ меафтад. Халтаи пулро Мухтору Зайнаб меёбанд. Муносибат бо халтаи пул боиси тамоман ошкор гардидани хислату ҷавҳари инсонии ин ду персонаж мегардад: Мухтор дар фикри пурра мағлуб кардани рақиби худ мешавад, аммо Зайнаб симои манфури Мухторро хеле хуб дарк карда, аз ӯ тарки алоқа мекунад.

**Қатъ**

Дар ин қисмати сужет яке аз қувваҳо пирӯз гардида, воқеа анҷом меёбад. Яъне, гиреҳе, ки дар аввал ба миён омада буд, кушода мешавад. Дар қисмати қатъи сужети романи мазкур воқеа ғайричашмдошт тағйир ёфта, ба таври мусбат ҳал мешавад: Зайнаб аз Мухтор дилмонда шуд ва дар вақти набудани ӯ халтаи пулро бурда ба мактаб месупорад. Бо ҳамин воқеа ба манфиати қувваҳои некӣ ва адлу адолат ҳал мегардад.

**Оғоз ва анҷом**

Оғоз ва анҷом чун унсурҳои иловагии сужет ба силсилаи воқеаҳои ба ҳам алоқаманд дохил намешаванд. Баъзан барои дарки дурусти воқеаҳои асосӣ нависанда шарҳу эзоҳро лозим медонад. Ҷ.Икромӣ дар оғози романи «Ман гунаҳгорам» сабаби худро гунаҳгор шумурдани образи асосӣ – Анварро шарҳ медиҳад. Нависандагон қисмати оғозро кам истифода мекунанд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Чаро асарҳои лирикӣ сужет надоранд ?
2. Сужети сода аз сужети мураккаб чӣ фарқ дорад?
3. Унсурҳои асосӣ ва иловагии сужетро ном баред.
4. Унсурҳои асосии сужетро дар мисоли романи «Ман гунаҳгорам» нишон диҳед.
5. Оғоз ва анҷом дар кадом маврид истифода мешавад?
6. Романи «Ман гунаҳгорам»-и Ҷ. Икромиро хонед.

# АДАБИЁТИ ДАВРОНИ ШУРАВӢ

## АДАБИЁТИ ДАВРОНИ ШУРАВӢ

**Ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоӣ**

Ғалабаи инқилоби Октябр ва табаддулоти давлатӣ дар Русия (1917) тақдири минбаъдаи давлатдории Осиёи Миёнаро муайян кард ва ҳама давлатҳои ин минтақа ба як маркази идоракунӣ – Иттиҳоди Шуравӣ (1922) тобеъ карда шуд. Ҳукмронии ҳукумати манғитияи Бухоро моҳи сентябри соли 1920 ба охир расид ва охирин амири сулолаи манғития – Олимхон моҳи марти соли 1921 ба мамлакати Афғонистон паноҳ бурд.

Ҳукумати болшевикии Русия дар ибтидои солҳои бистуми асри XX сиёсати тақсимоти ҳудуди миллиро пеш гирифт. Аз ин тақсимот дар байни халқҳои Осиёи Миёна беш аз ҳама халқи тоҷик зарар дид. Бо вуҷуди ин, моҳи октябри соли 1924 дар ҳайати Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Ӯзбекистон таъсис ёфтани Ҷумҳурии мухтори Тоҷикистон ва моҳи октябри соли 1929 барпо гардидани Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар таърихи давлатдории тоҷикон ҳодисаи дорои аҳамияти калони сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ буд. Ба туфайли меҳнати бунёдкоронаи халқ сарзамини кунунии Тоҷикистон ва маркази он – шаҳри Душанбе мунтазам инкишоф ёфта, ободу зебо гардид.

Дар муддати камтар аз як аср пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Душанбе аз як деҳа ба шаҳри саноатӣ ва фарҳангӣ табдил ёфт. Аҳолии Душанбе, ки соли 1926 шаш ҳазор буд, соли 1979 ба 500 ҳазор расид. Дар даврони шуравӣ шаҳрҳои дигари Тоҷикистон, аз қабили Хуҷанд, Истаравшан, Кӯлоб, Қӯрғонтеппа (ҳоло Бохтар), Хоруғ, Панҷакент, Исфара, Норак, низ тараққӣ карда, ҳар кадом ифодакунандаи симои хоси миллати тоҷик гардиданд.

Солҳои 1925-1927 дар Тоҷикистон аввалин роҳи автомобилгард (Тирмиз – Душанбе ва Душанбе – Қӯрғонтеппа) сохта шуд ва солҳои 30 роҳҳои автомобилгард тамоми ноҳияҳои ҷумҳуриро ба маркази мамлакат пайваст намуд. Соли 1940 Роҳи калони Помир сохта шуд, ки дарозиаш 556 км буд. Аз солҳои 30 сар карда, роҳҳои оҳан ва ҳавоӣ низ дар баланд гардидани сатҳи зиндагии мардуми тоҷик мусоидат намуданд. Ҳамчунин, дар солҳои 30 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсоли қувваи барқ ва азхудкунии заминҳои бекорхобида шуруъ гардид. Неругоҳҳои барқии Варзоб, Сарбанд, Душанбе, Қайроқум, Норак, Бойғозӣ дар пешрафти ҳаёти иқтисодии сокинони Тоҷикистон саҳм гирифтанд.

Сиёсати даҳриёнаи[1] Ҳукумати Шуравӣ ва ғаразҳои мафкуравии ҳизби коммунист аз солҳои 20-уми асри XX сар карда, ба ҳаёти фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсир расонд. Аввал бо ҳуруфи лотинӣ (1928) ва баъд бо ҳуруфи русӣ (1940) иваз гардидани алифбои арабиасоси тоҷикӣ ва баста шудани сарҳадҳои мамлакатҳои хориҷии Шарқ халқи тоҷикро ба мушкилоти иқтисодӣ ва фарҳангӣ рӯ ба рӯ кард.

**Ҳаёти фарҳангӣ**

Яке аз самтҳои сиёсати мафкуравии ҳизби коммунист, ки аз соли 1921 то соли 1937 бошиддат давом кард, аз байн бурдани неруҳои ақлонӣ ва хотираи таърихии сокинони ҷумҳуриҳои миллӣ буд. Дар ин айём дар Тоҷикистон китобҳои бисёре, ки аз таърих, илм ва маънавиёти миллати тоҷик баҳс мекарданд, сӯзонда нобуд шуданд ва муллоёну олимон, адибону равшанфикрон ва таҳсилдидагони мадрасаҳо чун «душманони халқ» ҷазо гирифтанд.

Дар баробари ин, баъди инқилоби Октябр дар ҳаёти фарҳангии халқи тоҷик пешравиҳо мушоҳида шуд. Нахустин рӯзномаҳои тоҷикии баъдиинқилобӣ дар шаҳри Самарқанд таъсис ёфтанд. Рӯзномаи «Шуълаи инқилоб» аз 10 апрели соли 1919 то 8 декабри соли 1921 ҳамагӣ 91 шумора чоп гардид. Нахустин шумораи рӯзномаи «Овози тоҷик» моҳи августи соли 1924 ба табъ расид ва аз соли 1930 ба рӯзномаи «Ҳақиқати Ӯзбекистон» табдил ёфт. Устод Айнӣ ба таъсиси «Овози тоҷик» ғазале бахшидааст:

Ба парда то ба чандин рози тоҷик,
Биё, биншин, шунав овози тоҷик...
Пас аз чанде ба хомӯшӣ ғунудан,
Баромад оқибат «Овози тоҷик».

Дар Самарқанд инчунин аз июни соли 1926 маҷаллаҳои ҳаҷвӣ ба табъ расиданд.

Дар Душанбе ва баъдтар дар дигар шаҳру ноҳияҳои Тоҷикистон муассисаҳои илмию фарҳангӣ бори аввал кушода мешуданд. Дар пойтахти Тоҷикистон нахустин рӯзнома бо номи «Бедории тоҷик» (шумораи якумаш «Иди тоҷик») моҳи апрели соли 1925 ва нахустин маҷалла – «Раҳбари дониш» (шумораи якумаш «Дониш – биниш») моҳи апрели соли 1927 ба табъ расиданд.

1 Сиёсати даҳриёна — сиёсате, ки бо Худову дин мухолифат дорад.

Таъсиси рӯзномаю маҷалла ва дигар муассисаҳои фарҳангӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пай дар пай меафзуд. Танҳо дар соли 1941 дар Душанбе се маҷалла – «Шарқи сурх» (ҳоло «Садои Шарқ»), «Бо роҳи ленинӣ» (барои занон) ва «Бо ёрии коркунони партиявӣ» ба табъ расиданд. То оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941–1945) 54 рӯзномаву маҷалла ба забони тоҷикӣ нашр мешуданд ва дар солҳои баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ чопи воситаҳои ахбори умум боз ҳам густариш ёфт. Аз ҷумла, рӯзнома ва маҷаллаҳои «Тоҷикистони сурх» (баъдҳо «Тоҷикистони советӣ»), «Комсомоли Тоҷикистон», «Пионери Тоҷикистон», «Маориф ва маданият», «Мактаби советӣ», «Машъал» дар ҳаёти фарҳангии халқи тоҷик саҳми муносиб доштанд.

Соли 1925 дар пойтахт Нашриёти давлатии Тоҷикистон таъсис ёфт. Баъдҳо дар заминаи нашриёти мазкур нашрияҳои «Ирфон», «Дониш», «Маориф» ва «Адиб» ба вуҷуд омаданд ва табиист, ки санъати китобчопкунӣ ҳам аз ҷиҳати сифат ва ҳам аз ҷиҳати миқдор мукаммал гардид.

Аввалин театри касбии тоҷик соли 1929 дар Душанбе таъсис ёфт, ки он минбаъд Театри давлатии академии драмаи Тоҷикистон ба номи Лоҳутӣ ном гирифт. Театри давлатии академии опера ва балети Тоҷикистон ба номи Айнӣ, Театри давлатии русии ба номи В.В. Маяковский, Театри давлатии ҷавонони Тоҷикистон ба номи М. Воҳидов ва театрҳои касбии шаҳрҳои Хуҷанд, Кӯлоб, Қӯрғонтеппа, Хоруғ, Исфара, Панҷакент сатҳи маърифати мардуми тоҷикро баланд бардоштанд. Дар замони шуравӣ, чун Муҳаммадҷон Қосимов, Аслиддин Бурҳонов, София Тӯйбоева, Туҳфа Фозилова, Маҳмудҷон Воҳидов, Ҳошим Гадоев, Ато Муҳаммадҷонов, Ҳоҷиқул Раҳматуллоев, Малика Собирова, Майрам Исоева, Ҳабибулло Абдурраззоқов барин шахсиятҳое ба воя расиданд, ки бо ҳунари волои худ санъати театрии тоҷикро дар ҷаҳон муаррифӣ намудаанд.

Дар рушди фарҳанги халқи тоҷик баргузории даҳа ва ҳафтаҳои санъату адабиёти халқҳои гуногуни Иттиҳоди Шуравӣ саҳми муносиб гузоштанд. Махсусан, се маротиба (апрели соли 1941, сентябри соли 1949, апрели соли 1957) дар пойтахти Иттиҳоди Шуравӣ – шаҳри Маскав баргузор шудани Даҳаи адабиёт ва санъати тоҷик барои зиёиёни Тоҷикистон мактаби бузурги маҳорат буд. Аз ҷумла, дар аввалин Даҳаи санъати тоҷик дар Маскав операҳои «Шӯриши Восеъ»-и С.Баласанян (матн аз

Турсунзода ва Деҳотӣ), «Коваи оҳангар»-и С.Баласанян (матн аз Лоҳутӣ), намоишномаҳои «Отелло»-и Шекспир (тарҷумаи Лоҳутӣ), «Калтакдорони сурх»-и Улуғзода, «Рустам ва Суҳроб»-и Пирмуҳаммадзода ва Волкенштейн намоиш дода шуда, аз тарафи мунаққидони рус баҳои сазовор гирифтанд ва дар даҳаи дувум ба Мукофоти давлатии Иттиҳоди Шуравӣ сазовор гардидани устод Айнӣ, М.Турсунзода ва М.Миршакар гувоҳи эътирофи умумииттифоқӣ пайдо кардани адабиёти тоҷик мебошад.

Дар даврони шуравӣ дар соҳаи илму маорифи тоҷик низ дигаргуниҳои куллӣ ба амал омаданд. Соли 1933 Китобхонаи давлатии Тоҷикистон ба номи Фирдавсӣ кушода шуд. Ин китобхона минбаъд ба муҳимтарин маркази илму маърифати Тоҷикистон мубаддал гардид.

Соли 1932 аввалин мактаби олии Тоҷикистон – Донишкадаи давлатии омӯзгории Душанбе таъсис ёфт. Соли 1948 Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ва соли 1951 Академияи илмҳои Тоҷикистон бунёд гардиданд ва аввалин Президенти АИ Тоҷикистон устод Айнӣ интихоб шуд. Баъдҳо дар Душанбе ва дар марказҳои вилоятҳои Тоҷикистон муассисаҳои зиёди омӯзгорӣ, касбӣ ва илмӣ таъсис ёфтанд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Дар бораи вазъи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони Иттиҳоди Шуравӣ маълумот диҳед.
2. Оид ба вазъи иҷтимоии Тоҷикистон дар ин давра чӣ медонед?
3. Чаро тоҷикон дар солҳои 20 –30-и асри XX ба мушкилоти фарҳангӣ дучор гардиданд?
4. Дар бораи аввалин рӯзнома ва маҷаллаҳои тоҷикии баъдӣ маълумот диҳед.

## САВОЛИ ТЕСТӢ

1. Аввалин нашрияе, ки баъди инқилоби Октябр (1917) ба забони тоҷикӣ ба табъ расид, кадом аст?

А) «Овози тоҷик»;
Б) «Шуълаи инқилоб»;
В) «Бедории тоҷик»;
Г) «Зарафшон»;
Ғ) «Барои адабиёти сотсиалистӣ».

## ҲАЁТИ АДАБӢ

Баъди инқилоби Октябр ва ташкили Иттиҳоди Шуравӣ дар адабиёти тоҷик тағйироти ҷиддӣ ба вуҷуд омад. Пеш аз ҳама, ба адабиёти ин давра на чун навъи ҳунар, балки ҳамчун навъи мафкура муносибат карда шуд. Адабиёти бадеӣ дар замони шуравӣ бояд мувофиқи дастурҳои ҳизби коммунист, ки ба воқеаҳои зиндагӣ аз мавқеи синфӣ ва табақавӣ баҳо медод, амал мекард.

Созмонҳои адабии «Ҷамъияти шоирон» (1922), «Қалами сурх» (1924), Тоҷ АПП (ҷамъияти нависандагони пролетарии Тоҷикистон – 1931), Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон (майи 1934) масъалаи иртиботи адабиётро ба инқилобу манфиатҳои синфӣ ҷиддан ба миён гузошта, баҳри ба воя расонидани адибони пролетарӣ чораҳо меандешиданд. Махсусан, Анҷумани якуми Иттифоқи нависандагони шуравӣ, ки моҳи сентябри соли 1934 дар шаҳри Маскав баргузор гардид, реализми сотсиалистиро чун методи асосии адабиёти даврони шуравӣ эълон карда, бо ҳамин роҳи ояндаи мафкуравии адибонро муайян намуд. Чунин муносибати синфигароӣ ба озодандешии анъанавии адибони тоҷик рахна ворид намуд.

Дар охири солҳои 20-уми садаи XX маркази қувваҳои адабии тоҷик асосан ба Душанбе кӯчид, вале насли калонсоли адибон, чун Садриддин Айнӣ, Аҳмадҷон Ҳамдӣ, Абдурրауфи Фитрат, Ҳабибуллоҳи Авҳадӣ, Абдулвоҳиди Мунзим, Аккоси Бухороӣ, Тамҳиди Самарқандӣ, Пайрав Сулаймонӣ, аксаран дар шаҳрҳои Самарқанду Бухоро зиндагӣ ва эҷод мекарданд.

Дар ибтидои солҳои сиюм ҳавзаҳои адабии Душанбе ва Хуҷанд аз ҳисоби адибони ҷавон, чун Ҳаким Карим, Муҳаммадҷон Раҳимӣ, Обид Исматӣ, Муҳиддин Аминзода, Ҷалол Икромӣ, Ғанӣ Абдулло, Мирзо Турсунзода, Сотим Улутзода, Алӣ Хуш, Мирсаид Миршакар, Баҳриддин Азизӣ, Боқӣ Раҳимзода, Абдусалом Деҳотӣ, Раҳим Ҷалил, Фотеҳ Ниёзӣ, Нодир Шанбезода, Ҳабиб Юсуфӣ, ки онҳоро "адибони насли комсомол" меномиданд, пурра гардид. Эҷодиёти онҳо бо ғамхорӣ ва ёриву дастгирии ду сутуни адабиёти давраи нави тоҷик – Айнӣ ва Лоҳутӣ ташаккул ёфт ва аз ҷиҳати мавзуъ ва мундариҷа фарогиртару васеътар гардид.

Мавзуъҳои асосии адабиёти даврони шуравӣ васфи инқилоби Октябр, озодии занон, накуҳиши дин ва намояндагони он, танқиди ҷомеаи гузашта ва мамлакатҳои сармоядор, васфи заҳмату

фаъолияти қаҳрамононаи заҳматкашон ва дӯстиву иттиҳоди меҳнаткашони тамоми дунё ба шумор мерафтанд. Дар ҳар лаҳзаи тақдирсози солҳои 30-юм ва 40-ум аҳли фарҳангу адаб ҳамвора ҳамдаму ҳамнафаси мардуми меҳнаткаш буданд. Эҷодкорон корномаи меҳнаткашони фидоиро дар иншооти Вахш, Канали калони Ҳисор, Канали калони Фарғона, Роҳи калони Помир васф карда, ба онҳо руҳи тоза мебахшиданд.

Дар адабиёти ин давра таълифи асарҳо дар се ҷинси адабӣ – назм, наср ва драма сурат гирифта бошад ҳам, дар аввал назм мавқеи калонтар дошт. Шоирон дар ифодаи мазмунҳои нав аз шаклҳои суннатии шеър, чун маснавӣ, қитъа, қасида, ғазал, рубоӣ, дубайтӣ, мусаммат, мустазод, истифода мекарданд. Масалан, мавзуи озодии занон дар «Таронаи духтари Помир» ном ғазали Деҳотӣ ин тавр садо медиҳад:

Нағмаи шодӣ баро аз сози ман,
Дар фазо ҷавлон кун, эй шаҳбози ман!
Булбули Помирам аз Боми Ҷаҳон,
Ғулғулафкан дар ҷаҳон овози ман!
Масканам боғи дилосои Ватан,
Неъмати халқам физояд нози ман.
Аз Бадахшонам, зи кони лаълҳост
Порае лаъли суханпардози ман...

Дар баробари ин, шоирон дар солҳои 30 аз шаклҳои нави шеърӣ, ки ба воситаи адабиёти рус омада, аз бандҳои чаҳормисраъгии гуногунқофия (аабб; абаб; абвб) иборат мебошанд, истифода карданд. Навпардозӣ ва қолабшиканӣ дар шеър аз назми давраи ҷадидия оғоз гардида, дар солҳои 30 дар осори Лоҳутӣ, Пайрав ва Юсуфӣ мавқеъ пайдо кард ва минбаъд дар эҷодиёти дигар шоирон густариш ёфт. Вобаста ба ин, дар адабиётшиносии тоҷик истилоҳҳои ***шеъри нав***, баъдҳо ***шеъри озод, шеъри сафед, баллада,***[1] ***сонет***[2] роиҷ гардиданд. Таваҷҷуҳ намоед ба порчае аз «Ишқи духтари Черкас» ном шеъри Ҳабиб Юсуфӣ:

1 Баллада аз як ё чанд асари манзум иборат буда, воқеаҳо дар атрофи як сужет гирд оварда шудаанд.

2 Сонет (калимаи италиявӣ) шеърест, ки аз 14 мисраъ иборат буда, қофияаш абба, абба, ввг, дгд мебошад.

Рафт номеҳрубон,
Бирафт!
Афсӯс...
Рост,
Эй руста дар ҳавои тимол,
Ишқ,
Оташ – алам ба дил аз туст,
Лек мазмун не барои шумо!
Додаӣ дил –
Ба осмони чашм,
Бурда ҳуши ту –
Офтоби мӯй,
Тирамӯю сиёҳчашмӣ ту?..

Дар адабиёти даврони шуравии тоҷик бо таъсири дигаргуниҳои сиёсиву фарҳангии давр ва густариши равобити адабӣ насри бадеӣ низ шакли худро тағйир дод. Агар насри Фитрат чун намунаи насри марҳалаи ҷадидия асосан ифодагари мавқеъ ва назари иҷтимоии муаллифи он бошад, дар насри Айнӣ, аз қиссаи «Одина» сар карда, тақдири шахс мавқеъ пайдо мекунад ва зиддияти асар ба воситаи амалиёту муносибати образҳо ҳал мегардад. Агар насри Фитрат дар мақоми реализми ибтидоӣ қарор дошта бошад, дар насри Айнӣ ва нависандагоне чун Ҳаким Карим, Икромӣ, Улуғзода, Раҳим Ҷалил, Фотеҳ Ниёзӣ, тасвири реалистӣ инкишоф ёфт.

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ мавзуъҳои асосии адабиёти шуравӣ, аз ҷумла адабиёти тоҷик, ҳимояи Ватан ва мубориза ба муқобили фашизми Германия буд. Асарҳои адибони тоҷик, чун мисраъҳои зерини Боқӣ Раҳимзода, моломоли ғояҳои ватанхоҳона ва душманбадбинона буданд:

Кунун, ки меҳри ин Ватан
Ба ҷисми мо чу ҷон бувад.
Магар фашизми шумро,
Зи дасти мо амон бувад?

Адибони тоҷик Ҳабиб Юсуфӣ, Сотим Улуғзода, Абдушукур Пирмуҳаммадзода, Фотеҳ Ниёзӣ, Боқӣ Раҳимзода, Ҳаким Карим, Аширмат Назаров, Лутфулло Бузургзода дар майдони

ҷанг бевосита ширкат доштанд ва Ҳаким Карим, Абдушукур Пирмуҳаммадзода, Ҳабиб Юсуфӣ ва Лутфулло Бузургзода дар ин ҷанг қаҳрамонона ҳалок гардиданд.

Дар ин давра шоири куҳансол Зуфархон Ҷавҳарӣ, ки шеърнависиро тарк карда буд, боз ба майдони адабиёт дохил шуд ва Розия Озод дар синни миёнсолӣ ба навиштани шеърҳои ватандӯстона шуруъ кард. Ҳамчунин, дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ шоирони ҷавон Аминҷон Шукӯҳӣ, Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ, Муҳиддин Фарҳат шеърҳои аввалини худро ба хонандаи тоҷик пешкаш карданд.

Баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар адабиёти тоҷик тағйироти назаррас ба амал омад. Қувваҳои нав ба нави адабӣ ба майдони адабиёт ворид гардида, ба инкишофи мундариҷавию шаклии адабиёт мусоидат карданд. Дар солҳои 40 - 50 баробари наслҳои пешин адибоне чун Ғаффор Мирзо, Ашӯр Сафар, Бобо Ҳоҷӣ, Фазлиддин Муҳаммадиев, Пӯлод Толис, Муъмин Қаноат, Аъзам Сидқӣ, Файзулло Ансорӣ, Мавҷуда Ҳакимова ба эҷод шуруъ карданд.

Дар солҳои 60-80 насли дигари адибон, чун Ҷумъа Одина, Шодон Ҳаниф, Сорбон, Муҳиддин Хоҷаев, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, Меҳмон Бахтӣ, Қутбӣ Киром, Ибод Файзулло, Ӯрун Кӯҳзод, Баҳром Фирӯз, Бозор Собир, Лоиқ, Гулназар, Ҳадиса, Гулрухсор, Алӣ Бобоҷон, Ғоиб Сафарзода, Саидҷон Ҳакимзода, Аскар Ҳаким, Султон Шоҳзода, Ҳақназар Ғоиб, Абдулҳамид Самад, Саидалӣ Маъмур, Саттор Турсун, Кароматуллоҳи Мирзо, Доро Наҷот, Алимуҳаммад Муродӣ, Зиё Абдулло, Ҳабибулло Файзулло, Ҳоҷӣ Мурод, Нурмуҳаммад Ниёзӣ, Абдурофеъ Рабиев, Ҷонибек Акобир, Раҳмат Назрӣ, Зулфия Атоӣ бо диди нав ба адабиёт ворид гардида, ба тасвири олами руҳӣ ва тақдиру мавқеи инсон дар ҷомеа пардохтанд.

Дар адабиёти шуравии тоҷик адабиёти бачагон чун соҳаи мустақили адабиёти бадеӣ ривоҷ ёфт ва наслҳои гуногуни адибон ба эҷоди асарҳои бачагона низ шуғл варзиданд. Мирсаид Миршакар, Гулчеҳра Сулаймонӣ, Акобир Шарифӣ, Убайд Раҷаб, Наримон Бақозода чун адибони бачагон шинохта шудаанд.

Дар насри тоҷики баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ жанри фантастикаи илмӣ[1] мавқеъ пайдо кард. Қиссаву ҳикояҳои «Амри

1 Асарҳои фантастикӣ — асарҳое, ки дар онҳо ҳаёти инсон ба таври асотирӣ ва ғайривоқеӣ тасвир меёбад.

ишқ» (Миршакар), «Занбӯри айнакдор», «Аҷоиботи Нодар», «Бозгашт» (Абдумалик Баҳорӣ), «Дарахти пахтачормағз», «Баъди ҳазор сол», «Санги сарнавишт» (Адаш Истад) намунаи чунин асарҳо мебошанд.

Эҷодиёти шифоҳии халқ ва мероси бойи адабиёти классикӣ дар ташаккул ва такомули адабиёти шуравии тоҷик мусоидат намуданд. Дар назми шоирони халқ Сайдалӣ Ализода, Бобоюнус Худойдодзода, Ҳикмат Ризо, Юсуф Вафо ва дигарон таъсири достон, бадеҳа, рубоӣ, суруд барин жанрҳои осори шифоҳии халқи тоҷик басо равшан мушоҳида мешавад. Нависандагон ба сухани сардафтари адабиёти шуравии рус М.Горкий (1868–1936) – «Ибтидои санъати сухан фолклор аст», ки дар Анҷумани якуми нависандагони Иттиҳоди Шуравӣ гуфта буд, такя карда, аз мақолу зарбулмасал, суруду тарона, латифа ва сужети асарҳои фолклорӣ фаровон истифода мебурданд. Андешаҳои инсондӯстона ва ҳунари волои нигорандагии Рӯдакӣ, Абуалӣ ибни Сино, Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Низомӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ, Сайидо, Аҳмади Дониш манбаи боэътимоди эҷодиёти адибони шуравии тоҷик ба ҳисоб мерафтанд.

Торафт қувват гирифтани робитаҳои адабӣ низ ба адабиёти шуравии тоҷик таъсири файзбор расонд. Солҳои 30 аз Иттиҳоди Шуравӣ ва берун аз он адибони бисёре, чун В. Шкловский, Б. Лапин, З. Хатсревин, В. Луговской, П. Лукнитский (рус), В. Мисик, Л. Первомайский (украин), К. Каладзе (гурҷӣ), Бруно Ясенский (лаҳистонӣ), Юлиус Фучик (чех) ба Тоҷикистон сафар карданд. Дар натиҷаи ин сафарҳо ба забонҳои гуногун, чун «Нисо», «Одам пӯсти худро дигар мекунад», «Данғара», «Ҳикояҳои Помир», чандин асари ҷолиб ба вуҷуд омаданд, ки дар баъзеи онҳо нависандагони тоҷик ҳаммуаллиф буданд. Ҳамчунин, адибони тоҷик ба воситаи тарҷумаи асарҳои нависандагони хориҷӣ доираи назар, ҷаҳонбинӣ ва маҳорати нигорандагии худро такмил медоданд.

Нақду баррасии адабиёти шуравӣ аз «Намунаи адабиёти тоҷик» (1926)-и устод Айнӣ оғоз меёбад ва дар солҳои минбаъда дар “Намунаҳои адабиёти тоҷик” (1940) ва асару мақолаҳои А. Лоҳутӣ, Н. Бектош, Т. Зеҳнӣ, С. Улуғзода, Ҳ. Юсуфӣ барин адибону адабиётшиносон густариш меёбад.

Дар солҳои баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар адабиётшиносӣ ва танқиди адабии тоҷик тағйироти сифатӣ ба амал омад. Дар маҷмуаҳои дастҷамъии «Адабиёти советии тоҷик» (1954), «Ҳаёт

ва адабиёт» (1958), «Масъалаҳои адабиёти тоҷик» (1970), «Ҳаёт, адабиёт ва қаҳрамон» (1977), таҳқиқоти шашҷилдаи таърихи адабиёти тоҷик бисёр масъалаҳои таърихи адабиёт ва ҷараёни адабии давр мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтаанд. Асару мақолаҳои Шарифҷон Ҳусейнзода, Иосиф Брагинский, Холиқ Мирзозода, Носирҷон Маъсумӣ, Соҳиб Табаров, Муҳаммадҷон Шакурӣ, Раҷаб Амонов, Воҳидҷон Асрорӣ, Юрий Бобоев, Расул Ҳодизода, Абдулқодир Маниёзов, Хуршеда Отахонова, Ҷонон Бобокалонова, Асадулло Сӯфизода, Худоӣ Шарифов, Раҳим Мусулмониён, Абдунабӣ Сатторзода, Аълохон Афсаҳзод, Масъуд Муллоҷонов ва дигарон ба масъалаҳои адабиётшиносӣ ва хусусияти мундариҷавӣ ва услубию бадеии осори адибон бахшида шудаанд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Дар солҳои 20-30 асри XX дар Тоҷикистон созмонҳои адабӣ амал мекарданд?
2. Чаро дар солҳои 20-30 Душанбе маркази қувваҳои адабии тоҷик қарор гирифт?
3. Аз ҳар насли адибони даврони шуравӣ чанд танро номбар кунед.
4. Дар назми давраи шуравӣ чӣ тағйирот рӯй дод?
5. Дар насри ин давра-чӣ?
6. Кадом адибони тоҷик дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ ширкат варзиданд ва киҳо аз майдони ҷанг барнагаштанд ?
7. Адабиётшиносон ва мунаққидони шинохтаро номбар кунед.

# РОМАН

**Назарияи адабиёт**

**Роман** (аз калимаи фаронсавӣ – *roman*) жанри маъруфи ҷинси ҳамоса (эпикӣ) мебошад ва аз дигар жанрҳои ҳамосӣ, чун қисса, достон, ёддошт, ҳикоя, новелла, афсона фарқ мекунад.

Роман асосан ба наср ва баъзан ба назм навишта шуда, дорои имконияти васеи тасвир мебошад.

Замону макон дар роман васеъ ва пурвусъат мебошад ва воқеаҳо дар чанд маҳал рӯй медиҳанд. Агар воқеаҳои «Дохунда» дар минтақаҳои Бухорои Шарқӣ ва Бухоро 30 сол давом ёбанд, пас, ҳодисаҳои «Ғуломон» дар маҳалҳои гуногуни Мовароуннаҳру Хуросон зиёда аз 100 солро фаро мегиранд.

Вобаста ба ҳудуду моҳияти воқеаҳо ва масъалаҳои тасвиршаванда дар ҳалли низоъҳои романҳои «Ғуломон»-и С. Айнӣ, «Шӯроб»-и Р. Ҷалил, «Духтари оташ»-и Ҷ. Икромӣ зиёда аз 100 персонаж ширкат доранд. Асарҳои калонҳаҷми манзуму мансуре, ки дар онҳо ҳодисаву воқеаҳои зиёд бо тамоми мураккабӣ ва печдарпечиашон тасвир меёбанд, эпопея ном доранд. Романҳои калонҳаҷми «Ҷанг ва сулҳ»-и Л.Н. Толстой, «Зиндагии Клим Сангин»-и М. Горкий, «Дони ором»- и М. Шолохов, «Ғуломон»-и С. Айнӣ, «Абай»-и М. Авезовро эпопея мегӯянд.

Баъзан, мавзуъ ва персонажҳои як роман дар романҳои минбаъдаи нависанда идома ёфта, боиси муттаҳидии сохту сужети асарҳо мегарданд. Романҳои дорои мавзуъ ва образҳои ягона агар аз ду китоб иборат бошанд, дугона (ё дилогия), аз се китоб – сегона (ё трилогия), аз чор китоб – чоргона (ё тетралогия) ном мегиранд. Дар адабиёти тоҷик мисоли романи дугона «Ситорае дар тирашаб» ва «На, ситораҳо мерезанд»-и Расул Ҳодизода ва намунаи романи сегона «Духтари оташ», «Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро» ва «Тахти вожгун»-и Икромӣ мебошанд. Образҳои «Духтари оташ» чун Фирӯза, Ҳайдарқул, Асо дар асарҳои дувум ва сеюм низ ширкат варзиданд. Чанд романеро, ки мавзуи умумӣ ва персонажҳои ягона доранд, силсилаи романҳо меноманд. «Мазҳакаи инсонӣ»-и нависандаи фаронсавӣ Оноре де Балзак, ки зиёда аз 20 ҷилдро дар бар кардааст, мисоли барҷастаи силсилаи романҳо мебошад.

**Пайдоиш ва инкишофи роман**

Роман ҳамчун истилоҳи адабӣ дар Аврупои асрҳои миёна пайдо шуда бошад ҳам, таърихи қадим ва бой дорад. Асарҳои ба роман монандро дар адабиёти қадими Юнон, Ҳиндустон, Чин, Япония пайдо кардан мумкин аст.

Пайдоиши романро дар адабиёти форсу тоҷик ба асрҳои 4-5 мелодӣ («Корномаи Ардашери Бобакон») нисбат додаанд.

Асарҳои машҳури асримиёнагӣ, аз ҷумла «Абумуслимнома», «Доробнома», «Самаки айёр», «Қиссаи Амир Ҳамза», «Замчинома», «Баҳром ва Гуландом», «Саргузашти Ҳотами Той», «Чор дарвеш»-ро, ки ба талаботи асосии жанри мазкур ҷавоб дода метавонанд, роман номидан мумкин аст.

Дар адабиёти давраи нави тоҷик роман дар асоси анъанаҳои насри бадеии гузаштаи тоҷик ва адабиёти русу халқҳои дигари олам инкишоф ёфт. Нахустин романи адабиёти давраи нави тоҷик «Дохунда» мебошад, ки ба қалами Садриддин Айнӣ тааллуқ дорад. Баъдҳо наслҳои гуногуни нависандагон ба таълифи роман рӯ оварда, ба комёбиҳо ноил гардидаанд.

**Навъҳои роман**

Роман дар ҷараёни таърихи пайдоиш, ташаккул ва такомули худ аз ҷиҳати мавзуъ ва услуби баён беш аз пеш васеъ ва доманадор гардида, паҳлуҳои гуногуни зиндагию фаъолияти ҷомеаи инсониро фаро гирифт. Вобаста ба ҳамин роман ба навъҳои гуногун тақсим шудааст, ки маъмултаринашон инҳо мебошанд: романи иҷтимоию оилавӣ, романи фалсафӣ, романи таърихӣ, романи таърихию инқилобӣ, романи тарҷумаиҳолӣ, романи асотирӣ, романи моҷаройӣ, романи ҳаҷвӣ ва ғайра. Дар адабиёти давраи нави тоҷик романҳои иҷтимоиву оилавӣ, таърихӣ, таърихию инқилобӣ, тарҷумаиҳолӣ ва саргузаштӣ бештар мушоҳида мешаванд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Роман чист ва аз дигар жанрҳои эпикӣ чӣ фарқ дорад?
2. Хусусияти асосии романро номбар кунед.
3. Дар бораи эпопея маълумот диҳед.
4. Кадом асарҳоро дугона, сегона, чоргона ва силсила меноманд?
5. Дар бораи таърихи роман чӣ гуфта метавонед?
6. Роман дар адабиёти давраи нави тоҷик кай ва чӣ хел пайдо шуд?



# САДРИДДИН АЙНӢ

***(1878 – 1954)***

Пас аз хокистари хомӯш оташҳо фурӯзондӣ,
Шарарҳое басо аз сангҳои сард рӯёндӣ,
Сари гӯри ниёгон машъала афрӯхтӣ аз меҳр,
Аз ин рӯ, ҳамчу машъал дар сари дасти замон мондӣ.

*(Лоиқ)*

**Пешгуфтор**

Садриддин Сайидмуродхоҷаи Айнӣ шахсияти барҷастаи фарҳангиест, ки халқи тоҷик дар садаи XX ба тамаддуни умумибашарӣ пешниҳод намудааст. Устод Айнӣ дар қатори Робиндранат Такур (Ҳиндустон), Лу Син (Чин), Таҳа Ҳусейн (Миср) чун яке аз чор тан бузургони адабиёти давраи нави Машриқзамин эътироф шудааст.

Устод Айнӣ дар ҳассостарин давраи таърихи халқи тоҷик умр ба сар бурда, ба халқу Ватани хеш хидмати бедареғ намуд ва аз худ мероси гаронбаҳои илмию адабӣ боқӣ гузошт. Адиб дар даврони шуравӣ чун Ходими хидматнишондодаи илми Тоҷикистон, академики Академияи илмҳои Тоҷикистон ва доктори илмҳои филология шинохта шуд ва дар замони Истиқлоли Тоҷикистон ба унвони олии Қаҳрамони Тоҷикистон мушарраф гардид.

Фаъолияти эҷодии ин чеҳраи дурахшони фарҳангӣ ба ду марҳалаи инкишофи адабиёти тоҷик иртибот дорад. Роҳи адабию фарҳангии устод Айнӣ аз поёни қарни X1X пайваста ба вазъияти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоии аморати Бухоро оғоз гардида, то солҳои 50-уми асри XX, ки давраи Иттиҳоди Шуравӣ буд, идома ёфтааст.

С. Айнӣ сардафтари адабиёти давраи нави тоҷик мебошад. Устод ба мисли Ҷ.Икромӣ, С.Улуғзода, М.Турсунзода, Ф.Ниёзӣ,

Р.Ҷалил, М. Миршакар, А.Деҳотӣ, Р.Ҳошим, П.Толис шогирдони зиёдеро ба воя расонд, ки онҳо дар инкишофи адабиёти давраи нави тоҷик саҳми муносиб гузоштаанд. Асарҳои гаронбаҳои устод Айнӣ ба зиёда аз сӣ забони халқҳои гуногуни дунё тарҷума ва чоп гардида, мавриди баҳрабардории хонандаи умумиҷаҳонӣ қарор гирифтаанд. Ин аст ки 100-солагии зодрӯзи нависанда (1978) бо қарори ЮНЕСКО дар миқёси байналхалқӣ ҷашн гирифта шуд. Соли 2018 бо қарори Ҳукумати Тоҷикистон 140-солагии бузургдошти устод Айнӣ таҷлил гардид.

### Оила ва солҳои мактабӣ

Фаъолияти эҷодии С.Айниро бе мутолиаву омӯхтани зиндагиномаи ӯ ба таври амиқ муайян кардан душвор аст. Умри 79-солаи адиб бағоят ибратомӯз аст.

Исми хонаводагии адиб Садриддин Сайидмуродхоҷа буда, Айнӣ тахаллуси эҷодии ӯст. Садриддин 15 апрели соли 1878 дар деҳаи Соктареи тумани Ғиждувони аморати Бухоро ба дунё омадааст.[1] Падараш – Сайидмуродхоҷа асосан ба касби кишоварзӣ шуғл дошт. Дар ин хонавода чаҳор писар бо номҳои Муҳиддин, Садриддин, Сироҷиддин ва Кироммиддин рӯзгор доштанд. Падар аз ҳосили ду таноб заминаш рӯзгори оиларо таъмин карда наметавонист, аз ин рӯ, ба касбҳои бофандагиву сангиосиёбтарошӣ низ машғул буд.

Садриддин айёми бачагиро дар ду деҳа – Соктаре, ки марбути тумани Ғиждувон буд ва Маҳаллаи Боло, ки дар қаламрави тумани Шофирком қарор дошт, гузаронидааст. Падари Садриддин чанд муддат дар мадрасаҳои Бухоро таҳсил доштааст ва дар назди писар шеърҳои Саъдиву Ҳофиз, Бедилу Соиб ва Исо-махдум ном шоирони он замонро қироат намуда, боиси бедор гардидани завқи шеърфаҳмии ӯ шудааст.

Садриддин дар шашсолагӣ ба мактаб меравад. Азбаски дар мактаби писаронаи деҳа чизе омӯхта наметавонад, ӯро падар ба мактаби духтарона медиҳад ва чанд сол дар назди Бибихалифа сабақ омӯхта, аз девонҳои Ҳофизу Бедил ва ашъори ӯзбекии Навоию девони озарии Фузулӣ як андоза баҳравар мегардад.

---

1 Дар адабиётшиносӣ ҳолномаи устод такмил ёфтааст. Адабиётшинос Соҳиб Табаров дар «Зиндагиномаи Садриддин Айнӣ» (Душанбе, 2008.-480 с.) ном китобаш шаҷараи устод Айниро аз Абуабдуллоҳ Пояндаи Соктарегӣ (вафот соли 1601) оғоз карда, таъкид намудааст: «Акнун вақти он расидааст, ки моҳу соли таваллуди Садриддин Айниро на 15 апрели соли 1878, балки 15 апрели соли 1875 шуморем».

Тақдир ба рӯйи Садриддин нахандид. Тобистони соли 1889 ба Бухоро ва атрофи он касалии вабо омад. Садриддин дар байни чиҳил рӯз аз падару модар ҷудо шуд ва чанд гоҳ дар бемордории бародарон қарор гирифт. Рӯзе дар деҳаи Маҳалла, ҳамсояқишлоқи Маҳаллаи Боло, яке аз мунавварфикрони Бухоро – Садри Зиё меҳмон шуд. Садриддин, ки ба Маҳаллаи Боло ба хабаргирии модаркалонаш рафта буд, бо ҳоҳиши Муҳиддин ба деҳаи Маҳалла рафта ба дидори ин меҳмони олиқадр мушарраф гардид. Меҳмон дар суҳбат аз зиракии Садриддин пай бурда чунин таъкид кард:

«Ин бачаро барои хондан ба шаҳр бурдан лозим аст, ӯ қобилиятнок менамояд». Ҳамин лутфу иқдом буд, ки Садриддин сентябри соли 1890 дар сафи муллобачаҳои мадрасаҳои Бухоро қарор гирифт.

**Таҳсил дар мадраса**

Дар мадрасаҳои Бухоро таҳсил 19 сол давом мекард. Дар ин муддат муллобачаҳо аз сарфу наҳви забони арабӣ, мантиқ, ақоиди ислом (илми калом), фиқҳи исломӣ (тарзи иҷрои таҳорат, намоз, рӯза ва ғ.) дарс мегирифтанд.Садриддин то соли 1908 дар мадрасаҳои Мири Араб (1890–1891), Олимҷон (1892–1893), Бадалбек (1894–1896), Хоҷа Зоҳид (1896–1898) ва Кӯкалтош (1899–1908) таҳсил карда, душвориҳои зиёди зиндагиро аз сар гузаронидааст.

Садриддин аз камбизоаттарин муҳассилини мадрасаҳои Бухоро будааст. Бинобар ин, бештари вақти ӯ на ба дарсхониву такрори дарсҳо, балки ба таъмини рӯзгор сарф мешудааст. Бе попӯшӣ мондан, аз хунукӣ кафҳои поҳо кафида хуншор шудан, мудом аз байни ангуштони поҳо хун шоридан лаҳзаҳои нохушу даҳшатборе буданд, ки ҳамвора ба Садриддини толибилм дучор меомаданд.

Дар ташаккули минбаъдаи шахсияти Садриддин шиносоӣ ба аҳли илму фарҳанги Бухоро мусоидат намуд. Садриддин октябри соли 1891 ба хидмати Шарифҷонм-ахдуми Садри Зиё даромад, ки ин ба тақдири минбаъдаи ӯ таъсири ҷиддӣ расонд. Шоири ҷавони боистеъдод Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат дилбастагии Садриддинро ба шеъру шоирӣ тақвият бахшид.

Ибтидои соли 1917 ҳодисае рӯй дод, ки С. Айнӣ маҷбур шуд аз Бухоро фирор намояд. Бо таъсири инқилоби Феврали соли 1917-и рус фаъолияти ислоҳталабии ҷавонбухориён вусъат пай-

до кард ва амири Бухоро – Олимхон маҷбур шуд, ки 22 апрели соли 1917 дар хусуси ислоҳот фармон барорад. Ҷавонбухориён 23 апрел ба намоиши шукрона баромаданд, вале ба аксулҳаракати сахти ҳукумат дучор шуданд. Рӯзҳои 23-24 апрел бо фармони амир садҳо маорифпарварону озодипарастон таъқиб гардиданд. Ҳукумати амирӣ С. Айниро низ, ҳарчанд дар намоиши шукрона ширкат надошт, 75 чӯб зада ба зиндон партофт.

Аскарони инқилобӣ С.Айниро дар қатори дигар ислоҳотхоҳон аз зиндон озод намуда, ба беморхонаи Когон бурданд. Дар он ҷо нависанда 52 рӯз табобат карда, 25 амалиёти ҷарроҳиро аз сар гузаронд. Баъд Айнӣ ба Самарқанд, ки дар тасарруфи Русия буд, сафар кард ва қисми зиёди умри минбаъдаи худро дар ин шаҳр гузаронд.

Ҳодисаи дигаре, ки ба худогоҳии С.Айнӣ мусоидат карда, мавқеи ӯро ба сиёсати аморати Бухоро тамоман муайян намуд, воқеаи Колесов[1] буд. Бар асари ин ҳодиса 9-уми марти соли 1918 бародари нависанда – ҳоҷӣ Сироҷиддин ба қатл расонда шуд. С. Айнӣ ба ин муносибат марсияи пурсӯзу гудозе навишт, ки банди аввалаш ин аст:

Дӯстон! Фоҷиаи сахт биомад ба сарам,  
Рафт аз ин фоҷиа руҳ аз тану нур аз басарам.  
Хабаре омаду рафт аз дилу ҷон тоқату ҳуш,  
Баъд аз ин кай шавад аз ҳушу дилу ҷон хабарам?!  
Хабар ин аст, ки бо теғи ситам кушта шудаст,  
Додарам – қуввати руҳу дилу қути ҷигарам.  
Ҷигарам об шуду рехт зи ду чашми тарам,  
Ҷигарам, во ҷигарам, во ҷигарам, во ҷигарам!

Ҳукумати амирӣ Айниро дар Самарқанд ҳам таъқиб кард ва аз ҷосусони дар Самарқанд будаи худ қатли нависандаро дархост намуд. С.Айнӣ бо ёрӣ ва дастгирии инқилобиёни Самарқанд ба Тошканд фирор мекунад ва аз 22 апрел то 22 октябри соли 1918 дар он ҷо мемонад. Баробари бартараф шудани хатар ба Самарқанд баргашта, дар яке аз мактабҳои усули нав ба касби омӯзгорӣ машғул мешавад.

Ҳамаи ин воқеаҳо ва боз шиорҳои адолатхоҳонаи болшевикон ба он сабаб шуд, ки Айнии деҳқонзода инқилоби Октябрро

1 Воқеаи Колесов — раиси Шурои комиссарони халқии Туркистон И.Ф. Колесов 2 марти соли 1918 ҳамроҳи ҷавонбухориён барои сарнагун кардани ҳукумати амир ба Бухоро ҳуҷум намуд, вале бемуваффақият анҷом ёфт.

бо хушӣ пазирад ва бо тамоми ҳастӣ пирӯзии инқилобро ситоиш намояд. Вале Айнӣ бо ҳама сарсупурдагиву эътиқод дар замони шуравӣ низ ба як қатор нокомиҳо рӯ ба рӯ омад. Мудҳиштарин воқеае, ки ба ҳаёту эҷодиёти минбаъдаи нависанда таъсири амиқ гузошт, соли 1937 «душмани халқ» эълон шудани ӯ буд. Дар ин айём суратҳои нависандаи рӯзгордида аз деворҳои қироатхонаҳову мактабҳо фуроварда ва асарҳояш аз рӯйхати китобхонаҳо бароварда шуданд. Айнӣ маҷбур шуд, ба Абулқосим Лоҳутӣ, ки он вақтҳо дар Маскав мезист, муроҷиат намояд. Бо кӯшишҳои бедареғи Лоҳутӣ ва дахолати бевоситаи сардори Давлати Шуравӣ И.В.Сталин номи неки устод Айнӣ барқарор гардид.

Ҳодисаи соли сиюҳафтум боиси тағйироти мундариҷавӣ дар эҷодиёти устод гардид. Нависанда дар замони ҷанги солҳои 1941–1945 дар маркази асарҳои бадеии худ образҳои фолклорию таърихиро қарор дод ва баъди ҷанг ба навиштани «Ёддоштҳо» шуруъ намуд.

Айнӣ дар синни 45-солагӣ хонадор шудааст ва фарзандонаш – Камолиддин, Холида ва Лутфия дар ҳамин шаҳри бостонии Самарқанд ба дунё омадаанд. Вале нависанда дар ҳаёти адабӣ ва фарҳангии Тоҷикистон фаъолона ширкат менамуд. Ҳар сари чанд вақт ба Сталинобод[1] омада, маҷлисҳои адабӣ ва фарҳангиро сарварӣ менамуд. Баҳори соли 1951 шуъбаи тоҷикистонии Академияи илмҳои Иттиҳоди Шуравӣ ба Академияи илмҳои Тоҷикистон табдил дода шуд ва Айнӣ аввалин президенти АИ Тоҷикистон интихоб гардид. Ин воқеа боис шуд, ки устод минбаъд шаҳри Сталинободро низ ҷойи истиқомат қарор диҳад.

Устод Айнӣ моҳи майи соли 1954 дар Сталинобод бемор мешавад ва 15 июл, нисфирӯзӣ, аз ҷаҳон мегузарад. Дар маросими видоъ, ки дар майдони «800-солагии Маскав» баргузор гардид, дусад-сесад ҳазор ихлосманди устод аз тамоми Иттиҳоди Шуравӣ иштирок доштанд. Оромгоҳи ин шахсияти беназир, ки дар боғи самти шимолии шаҳри Душанбе қарор дорад, макони зиёрати тоҷикистониён ва аҳли фарҳанги ҷаҳон мебошад.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Айёми хурдсоливу наврасии Садриддин дар кадом деҳот гузаштааст?
2. Садриддин дар кадом мактабҳои Соктаре таҳсил кардааст?
3. Садриддин кай ба Бухоро омад ва зиндагиаш чӣ гуна буд?
4. Садри Зиё дар зиндагии Садриддин чӣ гуна нақш бозид?

1 Шаҳри Душанбе аз соли 1929 то соли 1961 Сталинобод ном гирифта буд.

5. Чаро Айнӣ ба Самарканд ҳиҷрат кард?
6. Оё Айнӣ дар Душанбе низ истиқомат доштааст?
7. Оромгоҳи устод Айнӣ дар куҷо ҷойгир шудааст?

## ОСОРИ АЙНӢ

**Фаъолияти омӯзгорӣ**

Фаъолияти омӯзгории С. Айнӣ ҳанӯз айёми мадрасахонияш оғоз гардида, дар ду самт идома ёфтааст. 1. Таълим дар мактабҳои усули нав. 2. Таълифи китобҳои дарсӣ.

Соли 1906 дар Бухоро Абдурраҳмон Саъидӣ ном тотор нахустин мактаби нави тоториро таъсис дод. Азбаски дар ин мактаб чанде аз бачаҳои тоҷик низ таҳсил мекарданд, Айнӣ дарсҳои Саъидиро барои талабагони тоҷикзабон тарҷума менамуд. Вақте ки 8 ноябри соли 1908 дар ҳавлии Абдулвоҳиди Мунзим аввалин мактаби нави тоҷикӣ таъсис ёфт, фаъолияти омӯзгории С.Айнӣ боз ҳам васеътар гардид.

С.Айнӣ аз таҷрибаи дар мактабҳои Абдурраҳмон Саъидӣ, Абдулвоҳиди Мунзим ва Абдулқодир Шакурӣ андӯхтааш истифода карда, барои толибилмони мактаби нав се китоби дарсӣ навишт: «Тартил-ул-қуръон» (1909), «Заруриййёти динийя» (1914) ва «Таҳзиб-ус-сибён» (1910; 1917). Ҳар кадом аз нигоҳи илмиву усулӣ, забону тарзи нигориш ва фарогирии маводди таълимиву тарбиявӣ ҷолибанд. Аксари ҳикояҳои «Таҳзиб-ус-сибён», аз ҷумла «Одами боақл ва соҳиби бахти баланд», «Одами бадбахт», «Бачаи боақл», «Ҳикоят», бо порчаҳои шеърӣ тақвият ёфтаанд.

Аз ин ҷиҳат, ҳикояте, ки дар он исрофкорӣ ва харҷи беҳуда мазаммат гардида, натиҷаи неки сарфакорӣ таъкид меёбад, ҷолиби диққат аст. Дар мамлакатҳои Ғарб шаҳре месӯзад. Иморатҳо ҳама корношоям гардида ва аҳолии шаҳр бехонаву ҷой мемонад. Одамони хайрхоҳ ба касони ба бадбахтӣ дучоромада ёрӣ расондан хоста, сандуқи хайрия мекушоянд. Ҳангоми ҷамъ кардани хайрия ба назди тоҷире мераванд, ки барои сарфи беҳудаи як дона гӯгирд хидматгори худро коҳиш карда истодааст. Тоҷири номбурда ба мутасаддиёни хайрия даҳ ҳазор тилло ионатона дода, онҳоро дар тааҷҷуб мегузорад: «Гуфтанд: «Дар як дона гӯгирд он қадар коҳиш карда, дар иона[1] ин қадар маблағ додан барои чист?»

1 Иона — ёрӣ додан, мадад кардан.

Тоҷир гуфт: «Агар ба як дона гӯгирд саҳл мегирифтам ва ба муфт сӯхтани он розӣ мешудам, дар ин маврид аз куҷо пул ёфта иона мекардам?»

Байт:

Ба ҷойи зарурат бидеҳ, то тавонӣ,
Ки дасти ту гирад гаҳи нотавонӣ.
Ва лекин ба ҷое, ки нафъаш набошад,
Хирадманд як дона арзан напошад.

**Фаъолияти рӯзноманигорӣ ва публитсистӣ**

Фаъолияти рӯзноманигорӣ ва публитсистии устод Айнӣ ҳангоми дар Самарқанд зиндагӣ ихтиёр кардани ӯ оғоз ёфта, то охири умраш давом мекунад. Айнӣ дар рӯзномаҳои «Шуълаи инқилоб» ва «Овози тоҷик» ба сифати муҳаррири адабӣ ва мушовир фаъолият доштааст.

Устод ҳанӯз аз солҳои 1919 – 1920 дар рӯзномаи «Шуълаи инқилоб» бо имзоҳои мустаорӣ[1] «С.М.», «С.Х.», «Қ.А.», «С.Қ.», «С.А.», «М.» ва дар маҷаллаҳои ҳаҷвии ӯзбекии «Таёқ», «Машраб» бо имзоҳои «Бир кечалик футурист», «Сарсон», «Баттол» мақола, фелетон ва шеърҳои ҳаҷвӣ менавишт. Баъдтар дар рӯзномаи ӯзбекии «Меҳнаткашлар товушӣ» ва «Овози тоҷик» фаъолияти публитсистии С.Айнӣ инкишоф ёфт.

Мақолаҳои публитсистии С.Айнӣ, чун жанри фаврӣ ва рӯзмарра, муносибати нависандаро ба муҳимтарин воқеаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии давр ба таври возеҳ ифода менамоянд.

Муҳимтарин воқеаи сиёсие, ки соли 1924 дар ҳаёти сиёсии Иттиҳоди Шуравӣ рӯй дода буд, ин тақсимоти ҳудуди миллии ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна буд. Ба ин муносибат пантуркистону миллатгароён, ки халқи тоҷикро аз мактабу маориф ва матбуот бебаҳра кардан мехостанд, муборизаро ба муқобили ин қавми куҳанбунёд аз нав авҷ доданд. Дар ҳамин давраи тақдирсоз дар матбуот «Қавми тоҷик ва рӯзнома» (1924), «Дар бораи мактаб ва маорифи тоҷик» (1924), «Дар бораи китобҳои мактабии тоҷикон» (1924), «Тоҷикони кӯҳистон» (1924), «Қобилияти ташкилотчигӣ дар тоҷикон» (1924), «Матбуоти тоҷик» (1926) ном мақолаҳои публитсистии С.Айнӣ чоп шуданд. Устод дар ин мақолаҳо таъриху адабиёти бой ва фарҳанги куҳан доштани қавми тоҷикро бата-

1 Имзои мустаор — имзои пӯшида ва муваққатӣ.

мом собит месозад. «Дар Осиёи Миёна, хусусан дар хоки Бухоро ва Туркистон, – ёдовар мешавад Айнӣ дар мақолаи «Матбуоти тоҷик», – ба будани як қавми бузурге бо номи «тоҷик» бояд касе инкор надошта бошад».

Мақолаҳои дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ навиштаи С.Айнӣ, аз ҷумла «Деви ҳафтсар», «Хари бедум», «Талвосаи ҷонкании даррандаи захмдор», «Ҳар зараррасонандаи ба одамро нест кардан даркор аст», хонандаро ба шуҷоат, мардонагӣ ва ҷоннисорӣ дар роҳи ҳимояи Ватан водор мекунанд.

Устод Айнӣ тамоми эҷодиёти давраиҷангии худро ба ҳимояи Ватани азиз аз фашистони истилогар равона намуд. Ин ҳолатро аз очеркҳои «Исёни Муқаннаъ» (1944) ва «Қаҳрамони халқи тоҷик – Темурмалик» (1944) бармало мушоҳида кардан мумкин аст. Агар дар «Исёни Муқаннаъ» муборизаи ниёгони мо ба муқобили арабҳои истилогар (асри VIII) нишон дода шавад, пас, дар «Қаҳрамони халқи тоҷик – Темурмалик» муқовимати халқи тоҷик бар алайҳи муғулони хунхор тасвир меёбад. Вале масъалаҳои асарҳои мазкур ба мавзуи асосии адабиёти давраиҷангӣ муносибати қавӣ доранд. Нависанда корномаҳои Муқаннаъ ва Темурмаликро ба муқобили аҷнабиёни истилогар ба тасвир гирифта, бо ҳамин ба ҳамватанони замони худ дарси мардонагию далерӣ ва душманбадбинӣ меомӯзад.

**Фаъолияти забоншиносӣ**

Мақолаҳои оид ба забон таълифнамудаи С.Айнӣ фарогири масъалаҳои назариявии забоншиносӣ нестанд. Онҳо ба вазифаҳои амалии забони тоҷикӣ, беҳтар шудани сифати забони адабии тоҷикӣ, саҳеҳтар ва ғанитар шудани қоидаву меъёри забони адабӣ, хубтар гардидани забону услуби адабиёти садаи XX тоҷик бахшида шудаанд.

Дар солҳои 1928–1930 масъалаи забони тоҷикии муосир дар маркази таваҷҷуҳи аҳли зиёи тоҷик қарор гирифт. Дар ин давра мақолаҳои С. Айнӣ «Дар атрофи забони форсӣ ва тоҷикӣ» (1928), «Масъалаи таърихӣ дар гирди алифбои нави тоҷикӣ» (1928), «Забони тоҷикӣ» (1928), «Ҷавоби ман» (1929) ва ғ. ба табъ мерасанд. Муаллиф дар онҳо асоси миллии забони тоҷикӣ ва инкишофи минбаъдаи забони адабии тоҷикиро ошкор менамояд.

Фаъолияти забоншиносии С. Айнӣ, инчунин, дар асарҳои таҳриркарда ва мактубҳояш низ ба мушоҳида мерасад. Аз ин ҷиҳат, қайдҳои С.Айнӣ “Оид ба забон ва услуби асарҳои нависандагон” ва «Кори наку кардан аз пур кардан аст» (1934), «Мактуби кушода ба рафиқ Толис» (1948), «Баъзе қайдҳо оид ба аҳволи забоншиносӣ дар Тоҷикистон» барин мақолаву мактубҳои устод ҷолиби диққат аст.

Мулоҳизаҳои С.Айнӣ тамоми қисматҳои забоншиносӣ, чун овозҳои нутқ, имло, луғат, калимасозӣ, сарфу наҳб ва услуби баёнро фаро гирифтаанд ва бо руҳи пурқуввати амалӣ ва назарии худ ҳоло ҳам ба тозагӣ ва асолати забони тоҷикӣ саҳмгузор мебошанд.

С. Айнӣ фаъолияти илмии худро аз асарҳои таърихӣ оғоз менамояд. Дар «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» (соли 1918) ва «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» (1923) ном асарҳои устод ҳаёти сиёсиву иҷтимоии халқи тоҷик дар асрҳои XVIII, XIX ва ибтидои асри XX мавриди таҳлили муфассал қарор гирифтааст.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Фаъолияти омӯзгории С. Айнӣ кай оғоз гардида, дар кадом самтҳо идома ёфтааст?
2. Кадом китобҳои Айниро медонед?
3. Ҳикояеро аз “Таҳзиб-ус-сибён” нақл кунед.
4. С. Айнӣ дар кадом рӯзнома ва маҷаллаҳо кор мекард?
5. Чанд мақолаи публитсистии нависандаро номбар кунед.
6. Чаро С. Айнӣ дар замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ очеркҳои «Исёни Муқаннаъ» ва «Қаҳрамони халқи тоҷик – Темурмалик»-ро навишт?
7. Кадом мақолаҳои забоншиносии Айниро медонед?
8. Оё устод асарҳои таърихӣ низ навиштааст?

## АЙНӢ – ШОИР

**Шеърҳои давраи аввал**

Дар давраи аввали эҷодиёти Садриддин Айнӣ, ки аз солҳои 90-уми асри XIX то солҳои 20-уми садаи XX-ро дар бар мегирад, назм мавқеи калон дорад. Садриддин ҳанӯз айёми дар мактаби деҳа хонданаш машқи шеър мекард ва аз солҳои 1892–1893 бо тахаллусҳои «Сифлӣ», «Муҳтоҷӣ» ва «Ҷунунӣ»

шеър менавишт. Вале ҳеҷ кадом тахаллусҳои номбурда ба шоири ҷавон маъқул намешавад ва баъдтар тахаллуси «Айнӣ»-ро интихоб менамояд, ки дорои 48 маъно мебошад. Ғазали «Гули сурх», ки соли 1895 эҷод гардидааст, аввалин шеъри бо тахаллуси Айнӣ[1] суруда ба шумор меравад:

Рози дил мегуфтам, ар як марҳаме медоштам,
Шикваҳо мекардам аз ғам, ҳамдаме медоштам...
Аз тамошои гули сурх аз чӣ мемондам ҷудо,
Гар ба каф чун аҳли олам дирҳаме медоштам.
Чун тарозу кай шудӣ саргаштагӣ бар ман насиб?
Айнӣ, ар фикре на аз бешу каме медоштам.

Шоир анъанаи адабиёти классикии тоҷикро идома дода, бештар ба жанрҳои лирикии ғазал, қитъа, мусаммат, қасида, маснавӣ ва рубоӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Дар ғазалҳояш ишқу муҳаббат, манзараҳои нотакрори табиат ва ахлоқи ҳамидаи инсонӣ самимона ва ҳунармандона васф гардидаанд:

Ёрро аз лутф бар ҳолам назар будӣ, чӣ будӣ?
Ё маро ҷуз ошиқӣ кори дигар будӣ, чӣ будӣ?
Васл бо ин кӯтаҳӣ, ҳиҷрон ба ин дуру дарозӣ,
Шоми ғам чун субҳи шодӣ мухтасар будӣ, чӣ будӣ?
Ёр мехонад ба сӯйи хеш арбоби ғаноро[2],
Айнии бечораро ҳам мушти зар будӣ, чӣ будӣ?

С.Айнӣ бархе аз шеърҳояшро дар тазмин ва татаббуи ашъори Саъдию Ҳофиз, Камоли Хуҷандию Камоли Исфаҳонӣ, Ҷомию Ҳилолӣ, Бедилу Соиб эҷод намуда, маҳорати сухансанҷии худро такмил додааст. Аз ин ҷиҳат, мухаммасҳои тазминии шоир ҷолиби диққатанд. Айнӣ ғазалҳои маъруфи шоирони номбурдаро интихоб карда, дар радифи онҳо мисраъҳое меофарад, ки аз лиҳози тасвир дар як поя қарор доранд. Як банд аз мухаммас бар ғазали Ҳофиз:

1 Айнӣ — чашма, чашм, аслӣ, баробарӣ ва ғайра.

2 Арбоби ғано — шахсони доро ва бой.

Сӯхт ҳиҷрон хирмани бунёди ман,
Гашт вайрон хонаи ободи ман,
Нест фориғ хотири ношоди ман,
«Гарчи ёрон фориғанд аз ёди ман,
Аз ман эшонро ҳазорон ёд бод!»

Баробари ба воқеаҳои сиёсӣ ва иҷтимоии давр майл намудани С. Айнӣ мавзуъ ва мундариҷаи ашъори шоир низ тағйир ёфт. Адиб ба чунин хулоса омад, ки дар замони ӯ танҳо ба мавзуи ишқу муҳаббат маҳдуд шудани шоирон басанда нест. Шеър ҳам бояд ба тасвири масъалаҳои мубрами рӯз кор гирифта, ба дардҳои иҷтимоии ҷомеа бархӯрад.

Шеърҳои «Мактаб», «Саҳаргоҳон», «Заминро бояд нафурӯшед», «Бомдоди баҳорон», ки солҳои 1911–1917 эҷод гардидаанд, бо содагӣ, самимият ва хусусияти пандуахлоқии худ фарқ мекунанд. Ин шеърҳо заминаи мустаҳками воқеӣ дошта, таҷассумгари ақидаҳои маърифатпарварӣ ва равшангароии шоир мебошанд. Масалан, дар ибтидои асри XX дар Бухоро муносибатҳои капиталистӣ қувват гирифта, он боиси заминро бо нархи арзон фурӯхта ба шаҳр ҳиҷрат кардани заҳматкашони деҳот гардид. Шеъри «Заминро бояд нафурӯшед» ҳушдорест, ки заҳматкашонро аз оқибати фоҷиабори заминфурӯшӣ огоҳ месозад:

Эй қуввати ҷисму қути[1] ҷонам,
Осоиши ҷони нотавонам!
Бишнав зи ман ин хуҷаста[2] гуфтор,
Мафрӯш замини хеш зинҳор.
Ин хоки сияҳ, ки мушкбез аст,
Мафрӯш, ки модари азиз аст!

Ифоданокӣ ва қувваи тасвир ба воситаи санъатҳои бадеии ташбеҳ, тавсиф ва такрор хеле хуб таъмин гардидаанд. Чунин ҷозибанокӣ ва таъсирбахшӣ дар дигар шеърҳои номбурда низ мушоҳида мешавад.

Дар шеърҳои «Фоҷиаи шиа ва суннӣ», «Ҳасрат», «Нидо ба ҷавонон», «Марсия дар кушта шудани бародарам ҳоҷӣ Сироҷ дар зиндони амир» ва достони тамсилии «Парвона ва кирмак»

1 Қут — таом, хӯрок.

2 Хуҷаста — хуб, хуш, муборак.

шоир ба мавзуъҳои сиёсиву иҷтимоӣ рӯ овардааст. «Фоҷиаи шиа ва суннӣ» ба муносибати задухӯрде, ки 23 январи соли 1910 миёни шиимазҳабон ва суннимазҳабон дар Бухоро рух дода буд, эҷод гардидааст. Дар шеър сабабгори асосии ин фоҷиа будани ҳукуматдорони мансабталош таъкид ёфта, мардум ба ҳушёрӣ ва хештаншиносӣ даъват мегардад:

То ба чандин рехтан хуни бародар ҷойи об,
То куҷоҳо кӯфтан бар фарқи модар ҷойи мор?
Худкушӣ баҳри чӣ? Аз бегонагон орем шарм.
Дӯстозорӣ чаро? Аз душманон дорем ор!

Дар ашъори давраи аввали эҷодиёти Айнӣ тарзу услубҳои гуногуни тасвир истифода шудааст. Шоир дар баёни фикр гоҳ аз оҳангҳои ликрикӣ, гоҳ аз тарзи ифодаи публитсистӣ ва гоҳ аз тасвирҳои тамсилӣ бомаҳорат истифода кардааст. Дар достони «Парвона ва кирмак» андешаҳои сиёсиву иҷтимоии шоир дар пардаи тамсил баён ёфтааст. Образи кирмак (заҳматкашони ба замин сарукордошта) ба образи парвона (заминдорон ва заминҷаллобони мағруру худписанд) муқобил гузошта шудааст. Оқибат тифлон (ҷавонони ватандӯсту халқпарвар) ба боғ даромада, аз парвона пару бол мекананд ва кирмак шукр мекунад, ки мағруру худписанд нест. Тамсил чунин ҷамъбаст шудааст:

Он, ки дар ин маърака худрой шуд,
Худсару худбину худорой шуд.
Оқибаташ ҳол бад-ин сон шавад,
Маъракаи бозии тифлон шавад.

**Ашъори даврони шуравӣ**

Фаъолияти шоирии адиб баъди инқилоби Октябр ҳам давом намуд. Шоир дар ин айём баробари жанрҳои суннатӣ аз шаклҳои нави шеърӣ низ бомаҳорат истифода кардааст. «Суруди озодӣ» ё «Марши ҳуррият» (1918) ном шеъри Айнӣ аз нуҳ банди чаҳормисраӣ иборат буда, ба оҳанги «Марселеза»[1] эҷод гардидааст. Ин суруд дар ду вазн (1. Баҳри рамал – *фоилун, фоилун, фоилотун*; 2.Баҳри мутадорик – *фоилун, фоилун, фоилун)* эҷод

1 Марселеза — суруди инқилобии фаронсавӣ, гимни давлатии Фаронса мебошад. Муаллифи матн ва мусиқии он Руже де Лил (1760 – 1836) аст.

гардида, ҳам аз ҷиҳати мундариҷа ва ҳам аз ҷиҳати вазну қофия шеъри навоварона мебошад:

Эй ситамдидагон, эй асирон!
Вақти озодии мо расид.
Муждагонӣ диҳед, эй фақирон!
Дар ҷаҳон субҳи шодӣ дамид...

Устод Айнӣ то охири умр аз эҷоди асарҳои назмӣ даст накашид. Шеъру достонҳои «Инқилоб» (1919), «Ба шарафи инқилоби Октябр» (1920), «Ахгари инқилоб» (1921), «Овози тоҷик» (1924), «Шоистаи ҳурмат» (1932), «Даҳ сол» (1932), «Тоҷикистон» (1935), «Ба Пушкин» (1937), «Ҷанги одаму об» (1937), «Марши интиқом» (1941), «Суруди зафар» (1943), «Қасидаи ҷанг ва зафар» (1945) ва ғайра бо хусусияти публитсистӣ ва руҳи муассири худ муносибати шоирро ба воқеаҳои муҳимми сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Иттиҳоди Шуравӣ барҷаста ифода мекунанд.

С.Айнӣ барои асарҳои насрии худ низ порчаҳои назмӣ таълиф кардааст. Қисми зиёди ашъори шоир дар маҷмуаҳои «Ахгари инқилоб» (1923), «Ёдгорӣ» (1935) ва ҷилди 8-уми Куллиёт (1981) фароҳам омадаанд. Вале дар давраи дуюми эҷодиёти адиб шеър мавқеи маҳдуд дорад.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Тахаллусҳои адабии шоирро номбар карда, пораеро аз ғазали «Гули сурх» қироат намоед.
2. Айнӣ дар давраи аввали эҷодиёти худ ба кадом жанрҳо таваҷҷуҳ зоҳир намудааст?
3. Ғазал дар эҷодиёти С.Айнӣ чӣ мавқеъ дорад?
4. Ашъори шоир ба кадом мавзуъҳо бахшида шудаанд?
5. Моҳияти пандуахлоқии ашъори С.Айниро шарҳ диҳед.
6. Шеъри «Суруди озодӣ» дар кадом оҳанг эҷод гардидааст?

## САВОЛИ ТЕСТӢ

1. Нахустин шеъри устод Айнӣ, ки боиси ба сафи шоирони Бухоро дохил шудани ӯ гардидааст, кадом аст?

А) «Саҳаргоҳон»;
Б) «Суруди озодӣ»;
В) «Гули сурх»;
Г) «Бомдоди баҳорон»;
Ғ) «Нидо ба ҷавонон».

# ФАЪОЛИЯТИ НАВИСАНДАГИИ АЙНӢ

**Қиссаи “Одина”**

Устод Айнӣ дар даврони шуравӣ асосан ба таълифи асарҳои насрӣ машғул мешавад. Нахустин асари калонҳаҷми нависанда қиссаи «Ҷаллодони Бухоро» мебошад, ки соли 1922 ба забони ӯзбекӣ ва соли 1937 ба забони тоҷикӣ чоп мегардад. Аз ин рӯ, аввалин асари насрии калонҳаҷме, ки устод Айнӣ ба хонандаи тоҷик пешкаш намудааст, қиссаи «Одина» мебошад. Ин қисса бори нахуст бо номи «Саргузашти як тоҷики камбағал» дар рӯзномаи «Овози тоҷик» (1924 – 1925) ба табъ расид. Чопи китобии қисса бо номи «Саргузашти як тоҷики камбағал ё ки Одина» соли 1927 анҷом ёфт. Матни ҳозираи «Одина», ки аз чор қисм ва 30 боб иборат аст, маҳсули таҳрирҳои пайдарпайи нависанда мебошад.[1]

«Одина» аввалин қиссаи реалистии тоҷик аст. Нависанда дар ин асар ҳаёти тоҷикони кӯҳистонро дар ибтидои асри XX инъикос мекунад. Воқеа дар кӯҳистони Қаротегин (водии Рашт) мегузарад. Образҳои Одина, Гулбибӣ, Бибиоиша, Арбобкамол, Муллохокироҳ ва дигарон хонандаро ба ҳаёти душвору сангин ва камбағалонаи мардуми меҳнатӣ шинос менамоянд.

Одина дар синни 12-солагӣ аз падару модар ятим мемонад. Қозӣ, муфтӣ ва оқсақол барин калоншавандагони деҳа мероси камбағалонаи аз падари ӯ боқимондаро «тарака»[2] мекунанд. Харҷи маросими дафни падар ва ҳаққи таракачиён зиёд мешавад. Дар натиҷа Одинаи сағир[3] аз арбоби деҳа даҳ танга қарздор шуд. Мувофиқи қарордод Одина дар синни 15-солагӣ ба хидмати Арбобкамол даромад. Вале дар бадали ду соле, ки Одина дар ин дарбор хидмати чӯпонӣ ва ҳезумкаширо ба ҷо овард, «аз хӯҷаини худ рӯйи хӯроки серӣ ва пӯшоки дурустро надид». Ба болои ин, Одина ҳамеша аз хӯҷаин зарбу лат мехӯрд ва дашному ҳақорат мешунид.

Одина роҳи ягонаи наҷотро дар гурехтан мебинад ва ба сӯйи Фарғона раҳсипор мешавад. Ӯ дар заводи пахтатозакунии Андиҷон дар шароити ниҳоят вазнину тоқатфарсо се сол кор ме-

1 Яке аз хусусияти услубии эҷодиёти С. Айнӣ он аст, ки ӯ асарҳояшро пеш аз чопи навбатӣ таҳрир мекунад.

2 Тарака — тақсим намудани моли меросӣ байни меросхӯрҳо.

3 Сағир — хурд.

кунад ва бо пули пасандозаш барои модаркалонаш – Бибиоиша ва маҳбубааш – Гулбибӣ савғотӣ харида, роҳи ёру диёрро пеш мегирад. Одина мехост духтари холааш – Гулбибиро ба занӣ гирад. Бинобар ин, барои тӯй ҳам тайёрӣ дида буд. Вале дар роҳи Қаротегин закотчиёни амир қисми зиёди молу матои Одинаро ғорат мекунанд ва ӯ бо қисмати ками раҳовард ба хонаашон мерасад.

Одина боз ба чанголи Арбобкамол меафтад ва маҷбур мешавад, ки ба ивази як миқдор пулу мол аз дасти хӯҷаини собиқаш раҳоӣ ёбад. Одина ба сафар баромад ва мақсад дошт, ки ин дафъа асбоби тӯйро ҳар чӣ тезтар ҷамъ карда, ба хона баргардад, Гулбибиро ба занӣ гирад ва қисмати боқимондаи умрро ҳамроҳи модаркалонаш ва Гулбибӣ ба осудагӣ гузаронад. Вале дар заводи Андиҷон бемор мешавад, ӯро ҳамкоронаш барои табобат ба Тошканд мефиристанд. Вале азобу азияти зиёди ғарибӣ, меҳнати тоқатфарсову фикру андешаҳои ҳузновар дар бораи бозмондагонаш ҷисми ҷавони Одинаро тамоман об карда буд ва ӯ дар Тошканд соли 1918 аз касалии сил вафот мекунад.

**Образҳои қисса**

Қаҳрамони асосии асар Одина мебошад. Ӯ дар дарбори Арбобкамол тамоман беҷуръат тасвир ёфтааст. Муносибати золимонаи Арбобкамол чашми ӯро чунон тарсондааст, ки ҳатто ба хӯҷаин рӯ ба рӯ истода ёрои сухан гуфтанро надорад. Арбобкамол вақте ки пойи шикастаи як гӯсфандашро мебинад, аз Одина сабаби онро мепурсад: «Одина воқеаро ҳикоя карданӣ шуда «ман... ҳезум... чинӣ...» гуфта забонаш гирифта-гирифта сухан сар карда буд, ки арбоб маҷоли гап задан надода, монанди шағоли гуруснае, ки ба мурғе ҳамла оварад ё саге, ки ба гадое дарафтад, ба тарафи Одина ҳуҷум карда ва сангеро аз замин бардошта, чунон бар сари Одина зад, ки сараш торс кафида худаш ба замин афтод».

Шароити тоқатфарсои зиндагӣ ва муносибати ғайриинсонии Арбобкамол Одинаро ба андеша водор мекунад ва ӯ роҳи ягонаи аз дасти ин золим халос шуданро дар гурехтан мебинад.

Ҳамин тариқ, вобаста ба шароиту муҳит оҳиста-оҳиста хислату характери Одина такмил меёбад. Одина дар завод ба муҳити коргарӣ ошно мешавад ва аз ҳаракатҳои инқилобии коргарони рус огоҳ мегардад. Одина аз суҳбатҳои ҳамкорони гуногунмиллаташ ба фикре меояд, ки золимон ва истисморгарон на танҳо

дар деҳаи вай ё дар Бухорои Шарқӣ, балки дар Русия ва дигар мамлакатҳои ҷаҳон низ вуҷуд доранд.

Дар охири асар муносибати Одина ба табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ боз ҳам равшантар эҳсос мегардад. Ба Одинаи бемор Шариф чунин хабар мерасонад: вақте ки аскарони амири Бухоро ба заводи Қизилтеппа ҳуҷум мекунанд, коргарони тоҷики ин завод намегурезанд ва аскарони амир ҳамаи онҳоро нест мекунанд. Одина зудбоварӣ ва ба амир умед бастани коргарони тоҷикро маҳкум мекунад: «Уй бародар! Он тоҷикон дар ҳақиқат гунаҳкор буданд, гуноҳи бузурги онҳо нодонӣ аст: гуноҳи бузурги онон ин аст, ки барои мардумфиребӣ, барои нобуд кардани душманони худ ва барои пур кардани киса олат будани номи дину миллатро надонистаанд...»

Аз сужети қисса бармеояд, ки Одина дар байни солҳои 1914 – 1918 таҷрибаи зиёди зиндагӣ андӯхта буд. Ҳамчунин, дар боби «Боздид» ҳолати руҳӣ ва одамшиносии Одина муфассал тасвир ёфтааст: Одина се сол боз модаркалонаш ва маҳбубаашро надида буд ва ҳангоме ки аз сарҳади Қаротегин гузашт, мехост ҳар чӣ тезтар ба хонаашон расад. Лекин аз тарафи Арбобкамол бим дошт, бинобар ин, рӯзона ва рӯйрост ба қишлоқ даромаданро ба худ салоҳ надонист, маркаби худро ба чаро сар дода, то шаб ба дарае хобид: «Одина, ки «боз касе дида намонад» гуфта дар лаби ҳарсанге хобида буд, ду чашмашро аз офтоб намеканд...

Оқибат офтоби толеи Одина баромад, дунё ба назараш равшан шуд, чунки офтоб охирин шуълаи худро аз теғаи кӯҳ гирифта, ба уфуқ фурӯ рафта, дунёро дар зери пардаи торикӣ андохта буд... »

Ҳолати руҳии Одина ба вазъияти мушаххаси шароит марбут аст. Ӯ офтоберо, ки ҳамеша дар интизораш буд, ҳоло чашми дидан надорад ва фарорасии торикии шабро, ки ҳама вақт барояш андӯҳ меовард, аз дилу ҷон хоҳон аст, зеро вазъи ҳозираи Одина маҳз ҳамин тазодро тақозо дорад.

Аз ин тасвирҳои нависанда симои Одина чун ҷавони дурандеш, бамулоҳиза ва нисбат ба модаркалону маҳбубааш садоқатманду дилсӯз намоён мешавад. Вале худи ҳаёти воқеӣ, муҳити иҷтимоии Қаротегини ибтидои асри XX ва синну соли қаҳрамон (Одина ҳангоми ба кори завод даромадан ҳамагӣ 17–18 сол дошт) ба С. Айнӣ имконият намедод, ки Одинаро чун шахси мубориза фаъол тасвир намояд.

Нависанда дар образҳои Бибиоиша, Раҳимабегим, Гулбибӣ зиндагии занони одии кӯҳистони тоҷикро дар охирҳои салтанати амирони манғит тасвир намудааст. Муносибату муомила ва саргузашти пурфоҷиаи Гулбибӣ ба хонанда таассуроти амиқ гузошта, дар ӯ хислатҳои дӯстдорӣ, бурдборӣ, садоқат, ахлоқи пок, инчунин кинаю нафратро ба золимон тарбия менамояд.

Гулбибӣ аз ҷабру ҷафоҳои Арбобкамол сар задани бадбахтиҳои худ, Одина ва модаркалонашро ҳис мекунад ва вақте ки арбоб ӯро ба писараш никоҳ карда, ишқи покашро поймол карданӣ мешавад, дигар ҳеҷ гуна урфу одат пеши роҳи туғёни ғазабашро гирифта наметавонад:

Арбобкамол... гуфт:

— Эй духтараки беҳаё, ин чӣ муомилаи бешармона буд, ки ба шавҳарат кардӣ?

Гулбибӣ, ки чиҳил рӯз боз дар ин хона касе овози ӯро нашунидааст, мисли шер дар ғурриш даромада гуфт:

— Беҳаё ту, золим ту, беномус ту!!!

Арбобкамол ба Гулбибӣ дармеафтад, Гулбибӣ низ риши сафеду дарози ӯро бо дастонаш мепечонад. Вақте ки арбоб Гулбибиро ба замин мезанад, «аз вазни афтодани ӯ як бандча риши арбоб канда дар дасти Гулбибӣ мемонад».

Баъди чанд рӯзи ин воқеа Гулбибӣ аз дунё мегузарад.

Оре, Гулбибӣ орзуҳои ҷавониашро ба хок бурд, аммо шарафи инсонии худро на танҳо муҳофизат карда тавонист, балки дар охири ҳаёташ аз душмани худ як навъ интиқом ҳам гирифт. Чунин эътироз ибтидои мубориза ест, ки дар симои персонажҳои асарҳои ояндаи С. Айнӣ чун Гулнор, Муҳаббат, Фотима ва Ҳабиба таҷассум ёфтааст.

Дар байни образҳои манфии асар образи Арбобкамол ҷолиби диққат аст. Ӯ мумсики гузароест, ки тамоми ҳиссиёташ ба ҷамъоварии пулу мол вобаста аст. Нависанда дар тасвири образи Арбобкамол аз ҳаҷв истифода кардааст. Аз ҷумла, аз шарми риши кандашуда то чил рӯз худро бемор сохта дар хона пинҳон шудан ва баъд «Худо ба ман умри дубора дод, вагарна бемориам бисёр сахт буд, мӯйҳои баданам тамом рехта, аз сари нав баромад, бубинед, асараш ҳанӯз дар ришам боқӣ аст» гуфта, дар назди мардум «шукрона» кардани ӯ ҳам хандаовар ва ҳам нафратовар аст. Умуман, образҳои мусбату манфии қиссаи «Одина» ҳар кадом дар ҳалли зиддиятҳои асар саҳми муносиб доранд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Барои чӣ «Ҷаллодони Бухоро» не, балки «Одина» аввалин қиссаи реалистии тоҷик номида шудааст?
2. Мундариҷаи асарро баён намоед.
3. Чаро Одина образи асосии асар қарор гирифтааст?
4. Дар бораи тағйироти хислати Одина маълумот диҳед.
5. Чаро Одина дар назди деҳа фурӯ рафтани офтоб ва фарорасии шабро орзу мекард?
6. Дар бораи образи Гулбибӣ чӣ медонед?
7. Хусусияти ҳаҷвии образи Арбобкамолро нишон диҳед.

## РОМАНИ «ҒУЛОМОН»

Устод Айнӣ дар байни солҳои 1927–1930 романи «Дохунда»-ро таълиф намуд, ки охирҳои соли 1930 дар Қазон ба табъ расид. Дар таърихи адабиёти Осиёи Миёна бори аввал ба таълифи асари типи нав – роман пардохтан аз адиб ҷустуҷӯҳои зиёди эҷодиро талаб менамуд. Роман аз панҷ қисм ва 124 боб иборат буда, ба таъсиси Ҷумҳурии ҳафтуми сотсиалистии Тоҷикистон (1929) анҷом меёбад. Муҳити сиёсиву иҷтимоии қаҳрамонони «Дохунда» аз «Одина» вобаста ба вақту замон фарқ мекунад. Ёдгор мубориз аст. Гулнор низ дар фаъолиятмандӣ аз Ёдгор қафо намемонад ва ҳар ду қаҳрамон ба мақсад мерасанд.

Ҷолиби диққат аст, ки макони воқеаҳои қиссаи «Одина» ва романи «Дохунда» сарзамини имрӯзаи Тоҷикистон мебошад. Одина зодаи Қаротегин (водии Рашт) ва Ёдгор зодаи Кангурт (минтақаи Кӯлоб) мебошанд. Устод Айнӣ ба ин мавзеъҳо сафар накарда буд. Вале масъулияти баланди ватандорӣ ӯро водор намуд, ки айёми баррасии масоили миллӣ таваҷҷуҳи ҷомеаи шуравиро ба зиндагии тоҷикони кӯҳистон ҷалб намояд.

**Романи «Ғуломон»**

Воқеаҳои романи «Ғуломон» асосан дар зодгоҳи худи нависанда – ноҳияи Ғиждувони Бухоро мегузаранд. Аз ин рӯ, «барои ман навиштани ин китоби арзишнок осон буд», – қайд кардааст С.Айнӣ.

«Ғуломон» аз панҷ қисм иборат буда, бори аввал ба забони тоҷикӣ соли 1935 ба табъ расидааст. Ин асари ҳаҷман бузург[1] аз

1 Матни куллиётии «Ғуломон» 610 саҳифа мебошад.

манзараҳои ғуломфурӯшии ибтидои асри X1X сар шуда, то соли 1933 давом мекунад ва воқеаҳои таърихии зиёда аз 100-соларо дар бар мегирад. «Ғуломон»-и С.Айнӣ романи муҳташам (эпопея) мебошад, зеро дар он воқеа ва иштироки персонажҳо то ҳадди аъло инкишоф меёбад.

Дар «Ғуломон» образҳои бисёре амал мекунанд, вале қаҳрамони марказии асар халқ мебошад. Хатти сужети асар дар асоси амалиёти як авлоду се насл фароҳам омадааст. Дар сари насли аввал Раҳимдод ном ғулом қарор дорад, ки ӯро соҳибонаш дар 7-солагӣ Неқадам ва дар пиронсолӣ Бобоғулом ном мебаранд. Насли дуюмро писари Раҳимдод – Эргаш ва насли сеюмро писари Эргаш – Ҳасан намояндагӣ мекунанд.

**Насли аввал**

Ба насли якум ғуломон ва канизакони бисёре, мисли Ашӯри ҷасур, Фарҳод, Ҳошим, Очил, Зебо, Гулсум шомиланд, ки асосан дар қисми якуми роман фаъолият доранд. Дар саргаҳи ин насл Раҳимдод меистад.

Раҳимдод ҳафтсола буд, ки ӯро дастаи ғоратгарони Абдурраҳмон-сардор аз Ҳирот ҳамроҳи бист нафари дигар ба асирӣ мегирад ва ба ӯ номи дигар – Неқадам дода, ба ғуломҷаллоби хевагӣ – Муҳаммад Каримбой мефурӯшад. Каримбой дар саройи Пойи остонаи Бухоро Неқадамро ба 40 тангаи тилло ба Абдурраҳимбойи шофиркомӣ мефурӯшад.

Лаҳзаи ба банди дасти Неқадам пахш кардани тамғаи тафсон ниҳоят муассир ва ҷонгудоз аст: «Набиполвон Неқадамро пуштнокӣ ба замин хобонид, ду кафи дасти ӯро бо поҳояш ба замин пахш кард. Қалмоқоим пойҳои ӯро пахш карда нигоҳ дошт. Пас аз он Набиполвон тамғаи тафсондаро аз думчааш бо анбӯр бардошта ба банди дасти Неқадам пахш кард.

Бача бо ҳавли ҷон чирросзанон фарёди ҷонгудозе баровард... Пас аз он нафасаш ба дарун афтод... Пас аз қадре осуда шудагӣ барин шуд... Бача аз ҳуш рафта буд...

Набиполвон тамғаи ба дасти бача часпидамондаро чунонки муҳри ба сурғучи гудохта пахш кардашударо бардоранд, бо зӯр канда гирифт. Ҷойи доғшудаи дасти бачаро Қалмоқоим намади сӯхта пахш кард.

Бо ҳамин амалиёт Неқадам ҳам ба қатори молҳои ҳеҷ гумнашаванда ва барҳам нахӯрандаи тамғадори бой даромад».

Неқадами хурдсол аз пагоҳ то бегоҳ хидмат мекард ва азоби ҷонгудози ғуломиро бо сабру тоқат аз сар мегузаронд.

Мувофиқи муоҳидаи сулҳе, ки соли 1868 байни аморати Бухоро ва давлати Русия баста шуда буд, бояд ҳамаи ғуломон ва канизакони аморати Бухоро то соли 1880 «озод» мешуданд. Баробари дигар ғуломони Абдурраҳимбой Неқадам низ «озод» мешавад ва баъд Гулсум ном канизакро ба занӣ мегирад.

Бобоғулом баъди «озод» шудан ҳам ҳамроҳи Гулсум дар хонаи Абдурраҳимбой кор мекунад. Вақте ки аз заъфи пирӣ дигар аз уҳдаи ягон кор баромада наметавонад, писари Абдурраҳимбой ба Гулсум чунин таъкид мекунад: «Ба Бобоғулом гӯй, ки акнун барои худ ҷойи дигаре ёбад. Мо дар ин гуна қаҳтсолӣ шумоёнро парво карда наметавонем».

Чунин муомилаи сангдилонаи бой ба ӯ таъсири бад мерасонад ва ба бистари бепорӣ меафтад. Бобоғулом дигар аз беморӣ намехезад ва дар «деҳаи Қарағоч, дар кӯчаи «Ғуломон», дар даруни як хоначаи пастаки похсагини тангдар» вафот мекунад.

Дар роман ҳангоми ҳукмронии ҳукумати подшоҳии рус расман манъ шудани ғуломӣ, вале дар шакли дигар давом кардани он дар мисоли образи Раҳимдод (Неқадам, Бобоғулом) ва ғуломоне мисли ӯ моҳирона тасвир ёфтааст.

**Насли дувум**

Насли дувуми ғуломон аз насли аввал фарқ дорад. Агар Раҳимдод беҷуръат ва камҳаракат бошад, пас писари ӯ – Эргаш ва ҳамсафонаш – ғулом Ҳайдар, Сафар-ғулом, Нормурод ва дигарон дар оташи муборизаву талош барои зиндагӣ обутоб ёфтаанд. Ӯрун Наркалла аз Туркистон рӯзнома ва варақаҳои инқилобӣ оварда, дар байни чӯпонону ҳезумкашон ва умуман аҳолии камбағал паҳн мекунад.

Эргаш ба тамоми ҷамъомадҳое, ки дар хонаи хӯҷаинаш воқеъ мегарданд, аҳамият медиҳад, маълумот мегирад ва он суханҳоро ба Сафар-ғулом ва дигар ҳаммаслаконаш мерасонад. Як рӯз дар вақти ҳезумкашӣ гурӯҳи деҳқонон ба дасти навкарони амир асир меафтанд. Агар навкарони амир фардо дар рӯзи равшан аз фаъолияти инқилобии дастгиршудагон воқиф мегардиданд, ҷазои сахт насиби онҳо мешуд. Эргаш аз торикии шаб истифода карда, на танҳо худ аз ҳабс мегурезад, инчунин рӯзномаю баённомаҳои дар байни ҳезумҳо русткардаро ҳам гирифта бо худ мебарад.

Эргаш, Сафар-ғулом ва дигар намояндагони насли дувуми ғуломон зиёнкориву кинаҳои ниҳонии Қутбия, Ҳамдамфурма ва Шошмақул барин муфтхӯрон ва бадхоҳони ҷомеаро фош меку-

нанд, ба рӯди Ҷилвон об баровварда, заминҳои гирду атрофи онро шодоб мегардонанд.

**Насли сеюм**

Насли сеюмро набераи Бобоғулом ва писари Эргаш – Ҳасан ва ҳамсафони ӯ – Муҳаббат ва Фотима намояндагӣ мекунанд. Ин насл дар ҷомеаи шуравӣ умр ба сар мебарад ва дар қисми охири асар – қисми панҷум фаъолият дорад. Махсусан, ишқу муҳаббати Ҳасану Фотима самимӣ ва воқеӣ мебошад. Фотима, ки ростқавл, меҳнатдӯст ва якрӯю якзабон буд, ба Қутбияи бойдухтар майл кардани Ҳасанро дида, аз ӯ меранҷад. Ҳасан ин хатои худро дарк карда аз Фотима узр мепурсад. Дар асар ин лаҳза басо ҷолиб ба тасвир омадааст. Муҳаббат Ҳасанро барои ин хатоаш коҳиш карда мегӯяд:

— Дар аввал ту дили ӯро шикастӣ. Дили шикаста бо узру маъзарати хушку холӣ дуруст нахоҳад шуд. Дар натиҷаи таҷрибаҳои бисёр аст, ки гуфтаанд:

«Дил, ки ранҷид аз касе, хурсанд кардан мушкил аст,
Шишаи бишкастаро пайванд кардан мушкил аст.
Шишаи бишкастаро пайванд кардан метавон,
Мурғи аз каф ҷастаро побанд кардан мушкил аст».

— Ман умедворам, ки, – гуфт Ҳасан, – ин узри ман узри хушку холӣ шуда намемонад. Ҳасан ва Фотима фаъолияту зиндагии падарони худро дар шароити дигари иҷтимоӣ бо сарбаландӣ идома медиҳанд.

Дар «Ғуломон» образҳои зиёде амал мекунанд. Образҳои манфии Қиличхалифа, Абдурраҳмон-сардор, Акрамбой, Набиполвон, Муҳаммад Каримбой, Ӯрмонполвон, кали Султон, Шоҳназарбой, мулло Қаҳҳор, Қутбия воқеӣ ва табиӣ тасвир ёфта, ифодакунандаи муносибату муомилаи қувваҳои манфии ҷомеа мебошанд.

Айнӣ ҳангоми тасвири образҳои манфӣ аз воситаҳои гуногуни тасвири бадеӣ ва тарзи баёни ҳаҷвӣ моҳирона истифода мекунад. Масалан, дар боби VIII қисми якуми роман маросими ғуломҷаллоби хевагӣ – Муҳаммад Каримбойро қабул кардани амир Ҳайдар[1] тасвир ёфтааст. Вақте ки Муҳаммад Каримбой

1 Амир Ҳайдар чорумин амири Бухоро аз сулолаи манғития буда, солҳои 1802 – 1826 ҳукмронӣ кардааст.

қоидаи дастбӯсии амирро ба ҷой оварда, аз саломхона берун мебарояд, ӯро дарбориён иҳота мекунанд. Ин манзара чунин тасвир ёфтааст: «Дар берун аҳли дарбор корвонбоширо монанди мӯру малах фаро гирифтанд. Инҳо монанди ҳашароти мурдорхор мехостанд аз бадани фарбеҳи чиркини корвонбошӣ, ки аз пеши амир ба обу арақ ғӯтида монанди мурдаи куҳна бӯй гирифта баромада буд, порчаҳои равғанин канда гиранд». Қувваи ҳаҷвии пораи мазкурро санъатҳои бадеии ташбеҳу тавсиф ва муболиғаву киноя афзун намудаанд.

«Ғуломон» романи таърихӣ мебошад ва дар байни персонажҳои он чун амир Ҳайдар, мулло Қаҳҳор, қушбегӣ Низомиддинхоҷа, Нуриддинхоҷа ва чандин шахсҳои таърихӣ иштирок мекунанд ё ном бурда мешаванд.

«Ғуломон» чун намунаи адабиёти бадеии халқҳои Осиёи Миёна дар 200-ҷилдаи китобхонаи адабиёти ҷаҳонӣ ҷой гирифтааст. С.Айнӣ бо романи «Ғуломон» як силсилаи асарҳои насрии худро, ки аз китобҳои «Одина», «Дохунда» ва «Ғуломон» иборат буд, ба анҷом мерасонад.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Дар бораи аввалин романи С. Айнӣ – «Дохунда» чӣ медонед?
2. Чаро Айнӣ дар бораи «Ғуломон» «барои ман навиштани ин китоби арзишнок осон буд» гуфтааст?
3. Мафҳуми дар хатти сужети «Ғуломон» истифода шудани як авлоду се наслро шарҳ диҳед.
4. Дар саргаҳи насли аввал кадом образ меистад? Насли дувум аз насли аввал чӣ фарқ дорад?
5. Чаро Фотима аз Ҳасан ранҷид?
6. Пораи шеърии аз забони Муҳаббат баёнгардидаро аз ёд кунед.
7. Дар бораи образҳои манфии асар маълумот диҳед.
8. Чаро «Ғуломон»-ро романи таърихӣ меноманд?

## ҚИССАИ «МАРГИ СУДХӮР»

Судхӯр аз пули худ нон шиканад гар, ба масал
Шиша сандон шиканад, атола дандон шиканад.
*(Айнӣ)*

Устод Айнӣ солҳои сиюми асри XX асарҳои худро барои наврасон, аз қабили «Мактаби куҳна» (1935), «Аҳмади девбанд» (1936), «Марги судхӯр» (1939) ва «Ятим» (1940) навишт. Дар қиссаи «Марги судхӯр» падидаи манфии судхӯрӣ[1], ки дар охирҳои асри XIX ва ибтидои асри XX тамоми ҷомеаи Бухороро фаро гирифта буд, ҳаҷв шудааст.

Садриддин Айнӣ аз нахустин қадамҳои эҷодӣ ба офаридани симоҳои хасису пулпараст таваҷҷуҳ зоҳир намуд. Нависанда дар асарҳои «Ҷаллодони Бухоро», «Одина», «Дохунда», «Ғуломон», “Ёддоштҳо” судхӯриро чун ҳодисаи номатлуби ҷомеаи инсонӣ накуҳиш кардааст. Дар қиссаи «Марги судхӯр» қуллаи баландтарини фаъолияти ҳаҷвнигории Айнӣ зоҳир гардидааст.

**Образи Қориишкамба**

Дар маркази қиссаи «Марги судхӯр» ҳаёт ва фаъолияти мумсики гузаро[2] Қориисмат меистад. Нависанда ба воситаи мушоҳидаҳои зираконаи талабаи мадраса муносибату муомилаи Қориисматро ба қиморбозон, дукондорон, кӯкнориён, саройбонон, соҳибони банкҳо ва дигар табақаҳои Бухорои амирӣ нишон медиҳад.

Талабаи мадрасаро, ки дар ҷустуҷӯйи ҳуҷра буд, рафиқаш чунин маслиҳат медиҳад: «Қорӣ-ишкамба» ном як кас ҳаст, ки чанд дар ҳуҷраи зархарид дорад, агар аз вай пурсӣ, шояд яке аз ҳуҷраҳояшро ба ту орият[3] диҳад». Аз ин гуфтор таваҷҷуҳи талабаи мадраса бештар ба калимаи «Қорӣ-ишкамба» ҷалб мегардад ва ӯ дар ҷустуҷӯйи соҳиби ин лақаб мешавад. Дар ҳақиқат, симои ин одам бо маънои лақабаш пурра мувофиқат мекард. Бинобар ин, мардуми шӯхтабъи Бухоро номи ӯро, ки Қориисмат буд, ба лақабаш иваз карда буданд:

«Ӯ як одами миёнақади фарбеҳи шикамкалони гарданкӯтоҳ буда, ғафсии гардан ва пуррагии сару рӯяш ҳам аз ғафсии шикамаш қариб фарқ надошт, агар риши калони ғулии монанди алафи

1 Суд — фоида, манфиат; судхӯрӣ — манфиатпарастӣ.

2 Гузаро — касе ё чизе, ки дар ягон сифат аз ҳад гузашта бошад.

3 Орият — чизеро ба касе барои истифодаи муваққатӣ додан.

гандадарав ба ҳам печидаашро, ки тамоми рӯяшро фурӯ гирифта буд, тарошида мепартофтанд, сару тани ин одам дар як ҷо ба шикамбаи холӣ карданашудаи шутур монандӣ пайдо мекард, ғояташ ин ки ин аз вай калонтар буд, монанди ҷуссаи шутури ба дарди хориш гирифтор гардидаи мӯяш рехтагӣ сурхчатоб менамуд».

Қувваи тасвири ҳаҷвро ба ***алафи гандадарав*** ташбеҳ додани риши ғулӣ ва ба ***шикамбаи холӣ карданашудаи шутур*** монанд кардани сару тани Қориисмат меафзояд. Хонанда аз тасвирҳои минбаъда ба ҳам комилан мувофиқ будани зоҳиру ботин ва сурату сирати образи асосиро бармало эҳсос мекунад. Қорӣ-ишкамба дар бозор ба анвои хӯрокворӣ, нӯшокӣ ва шираворихои аз пеши роҳаш баромада беихтиёр даст мезанад ва шиками чун ҷуссаи шутур бузургашро пур мекунад. Ягон сокини бозор гоҳи хӯрокхӯрӣ аз иштиҳои қозгир ва чашми зоғмонанди ӯ эмин намемонад. «Дар вақти гузаштанам аз пеши дукони сандуқфурӯш, – мегӯяд толабаи мадраса, – дидам, ки соҳиби дӯкон... чӯти ҳисобро монанди деворча рост гузошта ва дар паси вай кадом як чизи хӯрданиро монда мехӯрд. Аммо чашми тезбини зоғмонанди Қорӣ-ишкамба он чизи хӯрданиро дида ба он ҷо нишастааст, ки фавран ба як паҳлу ёзида ва дасти худро ба паси чӯт ёзонда, дар хӯрдани он чизи «пинҳон кардашуда» ба соҳиби дукон шарик шуд».

Ҳамин тариқ, дар назди дӯконҳои чинифурӯшӣ ва атторӣ чашмгуруснагӣ, дар назди тоқифурӯш ва сартарошхона хасисӣ, ҳангоми вохӯрӣ ба бойбача хислати мумсикии Қорӣ-ишкамба кушода мешавад. Ин бандаи пул аз хурдтарин шароити маблағҷамъкунӣ истифода мекунад. Ҳатто камтарин имконияти сарфакориро, бигузор бо маҳрумиятҳои зиёд бошад ҳам, аз даст намедиҳад. Дар ҳавлии Қорӣ-ишкамба дар як шабонарӯз танҳо як дона гӯгирд истифода мешуд.

Қорӣ-ишкамба роҳҳои гуногун ва, баъзан, нафратовари пулғундориро истифода карда, маблағи бисёр захира намуд. Маблағҳои Қорӣ ҳама дар бонкҳои Бухоро буданд ва рӯз ба рӯз афзоиш меёфтанд. Соли 1915 ба дараҷаи баланд расидани маблағҳои Қорӣ басо образнок тасвир ёфтааст. «Дар соли дувуми ҷанг... маблағҳояш ҳам аз ду миллион зиёдтар шуда, монанди магасони гӯштхӯр бачагони бешумор мезоиданд».

С.Айнӣ дар баробари тасвири роҳҳои бойшавии Қорӣ-ишкамба боиси бадбахтиҳои гӯшношуниди ӯ гардидани сарвати беҳисобашро нишон медиҳад. Дар ин лаҳзаҳо хусусияти ҳаҷвии образ боз ҳам афзуда, руҳи миллии он пурқувваттар мешавад. Аз

ҷумла, вазъият, ҳаракат ва нолаҳои Қорӣ ҳангоми аввалин бор аз даст додани як микдори ками пулаш симои манфур ва ночизи ӯро пеши назар ҷилвагар месозад: «Қорӣ-ишкамба дар ҳолате ки саллаи калонаш каловавор ба гарданаш фуромадагӣ буд, монанди навҳагарон ба ҳар тараф хам хӯрда, торҳои риши худро бо ангуштонаш канда, «вой хонем сӯхт, вой ҷонам ба лаб омад, вой ҷонаки азизам аз даст рафт!» – гӯён фарёд мекашид; гоҳо ба нохунҳои худ рӯяшро харошида хуншор мекард; гоҳо гиря гулӯгираш гардида, бе он ки чӣ гуфтанаш маълум шавад, монанди саге, ки ба обмӯрии боғ дармонда, ба паси худ аз боғбон зарбаҳои ҷонкоҳ мехӯрда бошад, нӯла мекашид».

Дар шароити пурошӯби Бухорои ибтидои асри XX чунин ҳодисаҳои ҷонкоҳ дар ҳаёти Қорӣ-ишкамба чанд бор рӯй медиҳанд ва, ниҳоят, ин бандаи пул қурбони сарватҳои худ мегардад. Ӯ ҳангоми намози пешин аз касе хабари аз тарафи болшевикон мусодира кардани пулҳои ҳамаи банкҳои Бухороро шунида «Оҳ, пулакам!» – гӯён аз олам мегузарад.

Дар қиссаи «Марги судхӯр» арбоб Рузӣ, арбоб Ҳамид ва Мирзохӯҷа барин образҳои дигари манфӣ низ ба назар мерасанд. Онҳо ҳокимони деҳот мебошанд ва дар судхӯрию фиребгарӣ аз Қорӣ-ишкамба монданӣ надоранд. Бинобар ин, нависанда Қорӣ-ишкамбаро ***рӯбоҳи шаҳрӣ*** ва судхӯрони деҳотро ***гургони саҳроӣ*** гуфтааст. Аз ин лиҳоз, тасвири симои Мирзохӯҷа ном судхӯри шаклану мазмунан ҳампояи Қорӣ-ишкамба ҷолиби диққат аст. Нависанда ҳангоми пешвозгирии Қориисмат сурати Мирзохӯҷаро чунин ба қалам додааст: «Лекин давидани ноиб аз давидани сангпушт ҳеҷ фарқ надошт, чунки ӯ ҳам монанди Қорӣ-ишкамба шикамкалон ва фарбеҳ буда, гӯшти зери зақан ва пушти сари ӯ дамида баромада, гарданашро бо шикам ва тахтапушташ ҳамрӯй карда буд. Фарқе, ки ӯ аз Қорӣ-ишкамба дошт, ҳамин буд, ки сараш хурд, ришаш кам ва поҳояш аз поҳои ӯ кӯтоҳ буда, аз фарбеҳӣ ё аз варам монанди зерсутун ғафс менамуданд. Ба ин шаклу шамоил намуди зоҳирии ноиб ба ҷуволи пури гандум монанд буд, ки даҳони вайро як қабза карда бо даҳонбанд баста бошанд».

Дар қиссаи «Марги судхӯр» ҳамчунин образҳои мусбати талабаи мадраса, тарҷумон, Муҳсин, Ҳамроҳрафиқ, Шодмон,Тӯрамурод амал мекунанд ва дар баёни мундариҷаву ҷараёни инкишофи сужети асар саҳми муносиб доранд. Асар аз забони талабаи мадраса, ки прототипи ӯ худи муаллиф аст, нақл

меёбад. Бинобар ин, талабаи мадраса чун шахси масъул, дурандеш, зариф ва кунҷков ба назар мерасад.

Симои дигаре, ки боиси такони ҷиддии ҳолатҳои руҳии Қорӣ-ишкамба гардидааст, тарҷумон аст. Маҳз ба тавассути тарҷумон калимаи «болшевик» дар дили Қорӣ-ишкамба тарсу ҳарос ҷой карда, оқибат сабаби ҳалокати ӯ мешавад. Хабари тарҷумон дар бораи тағйири ҳукумати Русия воситае гардидааст, ки нависанда изтиробу ҳаяҷони қалбии ӯро бо тамоми нозукӣ ба тасвир гирад. Ҳамаи образҳои дигари мусбату манфӣ боиси такмили паҳлуҳои гуногуни хислати Қорӣ-ишкамба гардидаанд.

Меҳнати бисёрсолаи нависанда боиси он шуд, ки «Марги судхӯр» аҳамияти умумиҷаҳонӣ пайдо намояд. Дар адабиётшиносӣ образи Қорӣ-ишкамба ба беҳтарин образҳои ҳаҷвии ҷаҳонӣ, чун Шейлоки нависандаи англис Шекспир, Гобсеки нависандаи фаронсавӣ Балзак, Плюшкини нависандаи рус Н.В.Гогол, Иудушка Головлёви нависандаи рус С.Шедрин, Ҳоҷиоғои нависандаи эронӣ Содиқ Ҳидоят дар як саф гузошта шудааст.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Кадом асарҳои бачагонаи С. Айниро медонед?
2. Ғайр аз «Марги судхӯр» боз дар кадом асарҳои нависанда тасвирҳои ҳаҷвӣ мушоҳида мешаванд?
3. Чаро Қориисматро Қорӣ-ишкамба лақаб додаад?
4. Оё қиёфаи образи асосӣ ба хислату характери ӯ мувофиқат мекунад?
5. Боз кадом образҳои қиссаро медонед?
6. Қорӣ-ишкамба ба кадом образҳои ҳаҷвии ҷаҳонӣ қиёс шудааст?

## САВОЛИ ТЕСТӢ

1. Қориисмат образи асосии кадом асари устод Айнӣ мебошад?

А) «Одина»;
Б) «Дохунда»;
В) «Ғуломон»;
Г) «Марги судхӯр»;
Ғ) «Ёддоштҳо».

## «ЁДДОШТҲО» – АСАРИ ҶАМЪБАСТИИ АЙНӢ

**Шуҳрати асар**

«Ёддоштҳо» охирин ва бузургтарин асари устод Айнӣ мебошад. Он баъди анҷоми Ҷанги Бузурги Ватанӣ таълиф ёфта, дар муддати солҳои 1948–1954 ба табъ расидааст. Ин асари калонҳаҷм аз чаҳор қисм иборат аст ва ҳар чор қисми он 1000 саҳифаро дар бар мегиранд. Нависанда барои қисматҳои якум ва дуюми «Ёддоштҳо» ба Мукофоти давлатии Иттиҳоди Шӯравӣ мушарраф гардидааст.

Мувофиқи маълумоти дуҷилдаи «Феҳристи асарҳои Айнӣ ва адабиёти оид ба ӯ» (1963; 1978) қисматҳои якум ва дуюми «Ёддоштҳо» то соли 1978 ба 23 забони дунё, аз ҷумла ба забонҳои англисӣ, чинӣ, фаронсавӣ, арабӣ, олмонӣ, украинӣ тарҷума ва чоп гардидааст.

Дар бораи «Ёддоштҳо» олимон ва адибони бисёри ватанӣ ва хориҷӣ, чун М.Турсунзода, К.Федин, М.Шакурӣ, М.Авезов, С.Табаров, Р. Ҳодизода, И.Брагинский, А.Сайфуллоев, Г.Ломидзе, Л.Арагон, Саид Нафисӣ, Ян Рипка, Иржи Бечка, Сарвари Гӯё изҳори ақида карда, асарҳои таҳқиқотӣ таълиф намудаанд.

**Таълифи “Ёддоштҳо”**

С.Айнӣ аз замоне, ки қалам ба даст гирифта, ба кори эҷодӣ пардохт, орзу мекард, ки хотироту ёддоштҳои хешро рӯйи коғаз биёрад, вале ӯ барои оғози чунин навъи эҷод ҷуръат намекард. Устод бар ин ақида буд, ки ёддоштнависӣ аз романнависию ҳикоянависӣ душвортар аст. Ба фикри Айнӣ, инсон то зиндагии гузаштаро дуруст надонад, рӯзгори муосирро дарк карда наметавонад.

Соли 1940 С.Айнӣ асари «Мухтасари тарҷимаи ҳоли худам»-ро навишт, ки ин машқи пешакӣ барои эҷоди асари ёддоштӣ буд. Вақте ки синну соли нависанда аз ҳафтод мегузарад, дар худ заъфи[1] пирӣ эҳсос мекунад ва неруи кориаш ҳам камтар мешавад. Нависанда қарор медиҳад, ки фурсати боқимондаи умрро ба эҷоди «Ёддоштҳо» сарф намояд. Адиб ният доштааст, ки воқеаҳои «Ёддоштҳо»-ро аз деҳа, аз рӯзе, ки худро шинохтааст, оғоз намуда, дар шаҳрҳои Бухоро ва Самарқанд то ғалабаи инқилоби Октябр (ноябри соли 1917) давом диҳад, аммо марг имкон надод, ки С.Айнӣ ин нияти эҷодии худро пурра ба анҷом расонад.

1 Заъф — сустӣ, нотавонӣ, беқувватӣ.

Қисми якуми «Ёддоштҳо» «Дар саҳро» ном дошта, воқеаҳои давраи кӯдакии нависандаро аз чор-панҷсолагии ӯ то соли 1890 дар бар мегирад. Дар ин қисм ҳодисаву воқеаҳое, ки дар деҳоти Соктаре ва Маҳаллаи Боло рух додаанд, то вафоти падару модари Садриддин ва ба Бухоро раҳсипор шудани ӯ тасвир ёфтаанд.

Се қисми минбаъдаи «Ёддоштҳо» «Дар шаҳр» ном доранд. Дар қисми дувум оид ба мадрасаҳои Бухоро, барномаҳои таълимии онҳо, тартиби зиндагии аҳли мадраса ва тариқи омӯзиши толибилмон маълумот дода мешавад. Дар ин қисм, инчунин, соли аввали таҳсили Садриддин дар мадрасаи Мири Араб (соли хониши 1890–1891) баён шудааст.

Қисми III аз соли 1891 ибтидо гирифта, то соли 1896 давом мекунад. Дар ин қисм Садриддин ба хонаи Шарифҷон-махдум мекӯчад ва дар он ҷо як сол монда ба зиёиён, ба ҳунармандони Бухоро аз наздик шинос мешавад. Баъд таҳсили Садриддин дар мадрасаҳои Олимҷон, Бадалбек ва шиносоии ӯ бо шоир Ҳайрат мавриди баррасӣ қарор мегирад. Қисми IV аз соли 1896 оғоз ёфта, то солҳои 1902–1903 идома меёбад. Дар ин қисм аҳволи муллобачагони пешқадам, афкори маорифпарварии Аҳмади Дониш ва шогирдони ӯ, ақидаҳои мухталифи иҷтимоии замон тасвир ёфтаанд. Умуман, «Ёддоштҳо»-и С.Айнӣ ҳодисаҳои 20 соли охири асри XIX ва се соли ибтидои асри XX-ро фаро гирифтааст.

Дар адабиёти классикии форсу тоҷик асарҳое, ки хусусияти ёддоштӣ дошта, ҷараёни зиндагии нависандагонро фаро гирифта бошанд, кам нестанд. Устод Айнӣ дар таълифи «Ёддоштҳо» анъанаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Восифӣ (асри XVI) ва «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Донишро (асри XIX) давом додааст.

Эҷодиёти Восифӣ ҳанӯз аз соли 1925 таваҷҷуҳи Айниро ба худ ҷалб намуда буд. Баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ устод ба омӯхтани «Бадоеъ-ул-вақоеъ» ҷиддан машғул мешавад. Ва соли 1946 асареро бо номи «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ» таълиф менамояд, ки он соли 1956, баъди вафоти нависанда, ба табъ мерасад. С.Айнӣ таассуроти худро аз эҷодиёти Восифӣ бо рубоии зерин ифода намудааст:

Ин боғ зи нахли[1] куҳан оростаам
В-он нахл ба теғи хома піростаам.[2]
Сайронгаҳе зиёда кардам ба шумо,
Ҳарчанд зи умри худ басе костаам.

Рубоии мазкур ба рубоие, ки ба сифати эпиграфи «Ёддоштҳо» омадааст, бисёр монанд аст:

Ин хона зи хишти куҳна андохтаам,
Дар вай ҷашне зи рафтагон сохтаам.
То аҳли замони мо бидонанд, ки ман,
Як умри ҷавонӣ ба чӣ раҳ бохтаам.

Ин ду рубоӣ дар як вакт (1946) эҷод шуда, аз таъсири самарабахши «Бадоеъ-ул-вақоеъ» ба «Ёддоштҳо» гувоҳӣ медиҳад. Устод Айнӣ дар тасвири воқеии ҳаёти табақаҳои гуногуни шаҳрҳои асримиёнагӣ ва дукону масҷиду мадрасаҳо услуби нигориши «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Восифиро ба эътибор гирифтааст.

С.Айнӣ ба «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш боз ҳам пештар, ҳангоми мадрасахонӣ, шинос шуда буд. Соли 1899 бо супориши Садри Зиё толибилмон – Мунзим, Ҳайрат ва Айнӣ китоби «Наводир-ул-вақоеъ»-ро нусхабардорӣ намуданд. Айнӣ аз мутолиаи «Наводир-ул-вақоеъ» таассуроти амиқ гирифт: «Шиносоии ман ба «Наводир-ул-вақоеъ», – қайд кардааст С.Айнӣ, – дар ман танҳо инқилоби фикриро бедор карда намонд, балки ба сарам савдои насрнависшавиро ҳам андохт. Дар ҳамон вақтҳо ман орзу мекардам, ки бояд кас насрнавис шавад ва агар ин мақсад ба даст дарояд, монанди Аҳмад-махдум насрнавис шавад, ки воқеаҳоро дар пеши хонанда бо забони сода таҷассум кунонда нишон дода тавонад».

Дар ҳақиқат, дар «Наводир-ул-вақоеъ» тасвири ҳаёти давраи Дониш, воқеа ва шахсоне, ки бевосита аз худи зиндагии рӯзмарра гирифта шудаанд, мавқеи асосӣ дорад. Аҳмади Дониш барои ба вуҷуд овардани образи ҳамзамонони одии худ, чун Шукурбеки «дузд» ва мулло Холмуҳаммади шикорчӣ, кӯшиш намудааст. Ҳамин тасвирҳои ҳақиқатнигорона ва ба ҳаёти мардум наздики «Наводир-ул-вақоеъ» бештар ба Айнии ҷавон таъсир расонд ва

1 Нахл — дарахт.
2 Піростан — қайчӣ задан, ороиш додан.

ин таъсир то охири умр, дар вақти навиштани «Ёддоштҳо» низ давом намуд. Тасвири баъзе лаҳзаҳои асосӣ дар ин ду асар ба ҳам хеле монанданд. Дар «Наводир-ул-вақоеъ» Шукурбек Муллохоли шикорчиро мағлуб мекунад ва ба дасти ӯ каме пул дода таъкид менамояд: «Ин пул кирояи туст ва инро бардору дигар ба ин шаҳр маист, мабодо ки дигарбора туро бифиребанд ва ба муқотилаи[1] ман барангезонанд. Он гоҳ амон наёбӣ».

Дар «Ёддоштҳо» Шукурбек касеро, ки ба умеди мукофот гирифтан муқобилаш мебаромад, мағлуб намуда, ба вай як миқдор пул дода мегуфт: «Ин пулро гиру аз шаҳр бадар рав! Агар дар ин ҷо монӣ, аҷаб нест, ки дуюмбора ба ин гуна ҷасорат қадам гузорӣ, дар он сурат ман ба ҷонат амон намедиҳам». Чунин тасвирҳои ба «Наводир-ул-вақоеъ» монанд дар «Ёддоштҳо» кам нестанд.

Инчунин, дар таълифи «Ёддоштҳо» асарҳои тарҷумаиҳолии адабиёти рус, махсусан «Бачагӣ», «Дар байни мардум» ном асарҳои ёддоштии нависандаи рус А. М. Горкий чун манбаи адабӣ истифода шудаанд. Устод Айнӣ аз миёнаҳои солҳои 30- юм[2] ба омӯхтани асарҳои М.Горкий диққати ҷиддӣ дод ва асарҳои номбурда дар таҳрири адабии ӯ дастраси хонандаи тоҷик гардиданд. Омӯзиши эҷодиёти М. Горкий ба С.Айнӣ имконият додааст, ки аз саргузаштҳои худ, аз муҳити солҳои кӯдакӣ ва ҷавонӣ, чизи асосиро аз чизи ғайриасосӣ ҷудо кунад ва бо ҳамин моҳияти иҷтимоии воқеаҳои «Ёддоштҳо»-ро афзун гардонад.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Оид ба шухрати ҷаҳонии «Ёддоштҳо» маълумот диҳед.
2. Кадом олимони ватанию хориҷӣ дар бораи «Ёддоштҳо» сухан гуфтаанд?
3. «Ёддоштҳо» аз чанд қисм иборат аст?
4. Чаро «Ёддоштҳо»-ро асари нотамом меноманд ?
5. Кадом манбаъҳои «Ёддоштҳо»-ро медонед?
6. Рубоиҳои Айниро дар мавриди «Ёддоштҳо» ва «Бадоеъ-ул-вақоеъ» аз ёд кунед.

1 Муқотила — ҷанг ва кушокушӣ.

2 С. Айнӣ дар Анҷумани якуми нависандагони Иттиҳоди Шуравӣ (1934) дар Маскав ба А. М. Горкий шинос ва ҳамсуҳбат шуда буд.

## МАВЗУЪ ВА МУНДАРИҶАИ «ЁДДОШТҲО»

**Қисми аввал – «Дар саҳро»**

Қисми аввал аз 30 боб иборат мебошад. Касби асосии бошандагони деҳоти Соктаре ва Маҳаллаи Боло кишоварзӣ буда, ҳамчунин ба косибӣ машғул будаанд. Дар ин қисм одамони маърифатдӯст ва пешқадами ин ду деҳа ва шахсиятҳои шинохтае, ки ба ин деҳот рафтуомад доштанд, мавриди тасвир қарор гирифтаанд.

Дар қисми якуми «Ёддоштҳо» образҳои Сайидмуродхоҷа (падари Садриддин), Устоамак – Ҳидоятхоҷа (амаки Садриддин), Тӯтапошшо, Ҳабиба, Лутфулло-гӯппон, Исо-махдуми шоир мавқеи асосӣ доранд.

Сайидмуродхоҷа образест, ки бо меҳнати ҳалол, ростқавлӣ, инсондӯстӣ ва поктинатӣ дар байни аҳолӣ эътибори баланд дорад ва фарзандони худро ҳам дар ҳамин руҳия тарбия менамояд. Вай дар як порча заминаш мудом машғули кор мебошад. Ба болои ин ба бофандагӣ, рангрезӣ ва тарошидани санги осиё низ шуғл меварзад ва кору фаъолиятро сарчашмаи асосии зиндагӣ медонад.

Падари Садриддин одами бофарҳанг аст. Ба Саъдӣ, Ҳофиз, Бедил, Соиб ва Исо эҳтироми тамом дорад ва ҳамеша фикрҳояшро бо мисолҳо аз ашъори онҳо тақвият медиҳад. Падар одамони золим ва муфтхӯру фиребгарро одамони девсор[1] меномад ва аз онҳо эҳтиёт шудани мардумро бо ин байти Саъдӣ қувват мебахшад:

Дев бар одам наёмезад, матарс,
Бал битарс аз одамони девсор.

Суханҳои ҳикматноку пандомӯзи падар ба Садриддин таъсири бузург бахшиданд, меҳру муҳаббати ӯро ба шеър, ба каломи бадеӣ зиёд намуданд ва худи ӯро ба ҳалолкорӣ, меҳнатдӯстӣ ва ростӣ ҳидоят намуданд. Васияти падар пеш аз марг муҳимтарин дастури зиндагии минбаъдаи Садриддин гардид: «Дар чӣ гуна душворӣ бошад ҳам, хон! Лекин қозӣ нашав, раис нашав, имом нашав! Агар мударрис[2] шавӣ, майлат!».

Дар қисми якуми «Ёддоштҳо» образи занон низ мавқеи муайян дорад. Устод Айнӣ симоҳои Тӯтапошшо ва Ҳабибаро хотир-

1 Девсор — монанди дев, зиштнамо.

2 Мударрис — дарсдиҳанда, муаллими мадраса.

мону ҷолиб офаридааст. Махсусан, образи Ҳабиба бо самимияту донишмандӣ ва далерию кордонияш хонандаро ба ваҷд меорад.

**Образи занон**

Дар мактаби духтарона таваҷҷуҳи Садриддини кунҷковро Ҳабиба ном духтари соҳибҷамолу донишманд ҷалб менамояд. Ҳабиба шеърҳои бисёр медонист ва як ғазали Ҳофизро, ки бо байти:

Даст аз талаб надорам, то коми ман барояд,
Ё тан расад ба ҷонон, ё ҷон зи тан барояд

оғоз мешуд, батакрор хонда гиря мекард. Аз тасвирҳои минбаъда маълум мешавад, ки байти боло ба ҳолати руҳии Ҳабибаи ошиқ комилан мувофиқ омада, дар роҳи расидан ба мақсад ба ӯ қувват мебахшидааст.

Азбаски ҷавони дӯстдоштаи Ҳабиба ҳам лангу ҳам баднамо будааст, падару модари духтар ба хонадор шудани онҳо муқобил баромадаанд. Баъди талошҳои зиёди бенатиҷа Ҳабиба бо ҷавони дӯстдоштааш шабона аз Соктаре ба Ғиждувон гурехта, саҳар ба қозихона меравад ва аз қозӣ талаб мекунад, ки онҳоро бо ҳам никоҳ кунад. Ба муколамаи қозӣ Абдулвоҳид ва Ҳабиба таваҷҷуҳ намоед:

– Духтарам, туро кӣ аз роҳ баровард?

– Маро ҳеҷ кас аз роҳ набаровардааст, ман ба ихтиёри худ ҳамин ҷавонро ба шавҳарӣ хостам, – ин овози духтар буд, ки бо ҳаяҷони гиряолуд мебаромад.

– Агар падару модарат ин коратро шунаванд, чӣ мегӯянд? Магар онҳо ба ин кори ту розӣ мешаванд? – Ин саволи дуюми қозӣ буд.

– Ҳозир падарам ҳам ҳамин ҷавон ҳаст, модарам ҳам, ман ба розӣ ва норозӣ шудани падару модарам кор надорам, – ин овози духтар буд, ки бо оҳанги аз аввал ҳам ҷиддитар мебаромад.

Қозӣ хутбаи[1] никоҳ сар кард.

Чунин рафтори боҷуръатона ва бебоконаи Ҳабиба дар Бухорои охири асри XIX ва ибтидои асри XX як қаҳрамонӣ буд.

Қисми якуми «Ёддоштҳо» ба тасвири вабои умумие, ки охири солҳои 80-уми асри XIX дар қаламрави Бухоро боиси аз байн бурдани одамони зиёде, аз ҷумла падару модари Садриддин гардида

1 Хутба — хондани дуо ва оятҳои Куръон.

буд, ба охир мерасад. Баъди вафоти падару модар тамоми бори зиндагӣ ба дӯши Садриддин меафтад, боз як соли дигар додаронаш Сироҷиддин ва Кироммиддинро нигоҳубин мекунад. Садриддин дар назди Муҳиддин, ки ҳангоми таътил ба деҳа омада буд, масъалаи дар Бухоро таҳсил карданро ба таври қатъӣ мегузорад. Онҳо ҳавлии дар Маҳаллаи Боло доштаашонро мефурӯшанд ва бо пули он оши соли падару модарро дода, додаронро хатна мекунанд ва баъд бародарони хурдсолашонро ба парастории тағояшон – Қурбонниёз вогузор намуда, ба сафари Бухоро омода мешаванд.

**Қисми дувум – «Дар шаҳр»**

Қисми дувуми «Ёддоштҳо» аз 32 боб иборат мебошад. Дар бобҳои аввал дар бораи мадрасаҳои Бухоро маълумот дода шудааст. Ба гуфти С.Айнӣ, «мадрасаҳои Бухоро ба мадрасаи динӣ будан ва муллоҳои Бухоро ба олими мутахассиси улуми динӣ будан шуҳрат доштанд ва ба ин сабаб Бухоро на танҳо ба Осиёи Миёна, балки ба мусулмонони дохили Русия ҳам – ба тоторҳо ва бошқирдҳо ҳам нуфузи динӣ дошт».

**Образи Садриддин**

Дар қисми дувуми «Ёддоштҳо», пеш аз ҳама, симои Садриддин ба назар мерасад ва тамоми воқеаҳо вобаста ба ҳолатҳои руҳию вазъи зиндагии ӯ таҳлил меёбад.

Садриддин чун ҷавони ҷиддӣ, кордон ва соҳиби таҷрибаи муайяни зиндагӣ ба шаҳри Бухоро омад. Ин аст, ки ба тамоми мушкилиҳои зиндагӣ тоқат карда тавонист. Дар солҳои аввали мадрасахонӣ ӯро ҳамеша камбағалӣ, нодорӣ ва муҳтоҷӣ таъқиб мекард. Масалан, зимистони соли 1890 дар мадрасаи Мири Араб бо чунин аҳвол таҳсилро давом медод: «Ман бошам, маҳсӣ надоштам, як кафши сарипоии маҳаллидӯхт доштам, ки аз вай об мегузашт ва намро ба худ мекашид. Хоҳ дар такрор бошад, хоҳ дар кӯча аз рӯйи курта як ҷомаи пахтадор пӯшида, бо як қабат лозимӣ мебаромадам... Бемаҳсигӣ маро бисёр азоб медод ва поҳоям торс-торс кафида, замини сахти дандонакашӣ кардашуда барин мешуд. Дар рӯзҳои барфу борон, вақте ки ба кӯча ё ба рӯйи мадраса бароям, даруни кафшам пур аз барфу об мешуд ва аз кафидагиҳои поям, гӯё ки бо корд чок карда бошанд, хун шорида мерафт.

Ягона доруи ман дар кафидагиҳои по равғани шамъи ҷойдорӣ буд, шамъро даргиронида, бар рӯйи кафидагиҳо хам карда нигоҳ медоштам, равғани доғи шамъ аз канори оташи пилтааш ба рӯйи ҷароҳат чакра-чакра мечакид ва фавран озорро таскин медод».

Мухтоҷӣ ва қашшоқӣ Садриддинро водор мекард, ки ба муллобачагони давлатманд ошпазӣ ва ҷомашӯйӣ намояд, хонаи онҳоро рӯбад, ба онҳо сабақ омӯзад. Баъзан ба хидмати бойе даромада, дафтардорӣ мекард ва баъзан дар мадраса фаррошӣ менамуд. Садриддин баъди ба охир расидани соли таҳсили 1890 – 1891 тобистон баҳри хабаргирии бозмондагон ва хешовандонаш ба деҳоти Маҳаллаи Боло ва Соктаре меравад. Бародари хурдиаш – Киромиддин дар зимистон вафот карда будааст, Сироҷиддинро бо худ гирифта ба Бухоро меорад.

**Шиносоӣ бо аҳли адаб**

Дар қисми дуюми «Ёддоштҳо» аввалин шиносоии Садриддин бо намояндагони фарҳангу адабиёти Бухоро – Аҳмади Дониш, Садри Зиё, Назруллои Лутфӣ, Бурҳони Муштоқӣ ёдрас шудааст. Махсусан, боби «Одами аҷиб» ҷолиби диққат аст. Ин боб бо тасвири муфассали симои Аҳмади Дониш оғоз меёбад: «Ин одам қомати баланде дошт, баландии қоматаш ба дараҷае ки ҷомаи банораси[1] подшоҳии дар тан доштааш баробари зонуяш буд ва ҳол он ки ин гуна ҷома дар тани одамони одӣ ба замин мерасад. Тани ин одам ба тарзе пурра буд, ки баландии қоматаш он қадар ҳис карда намешуд ва ба назар миёнақад менамуд. Гардани ин кас ҳам мувофиқи қадаш дароз ва муносиби баданаш пурра буд.

Аммо сари ин одам аз одат берун калон буд. Шояд бори он каллаи калон ба он гардани дароз вазнинӣ мекарда бошад, ки дар вақти роҳ рафтан гарданаш гоҳ ба ин тараф ва гоҳ ба он тараф хам мехӯрд...

Рӯйи ин шахс сабзина ва пурра буд ва, бо вуҷуди ин ки синни ин касро аз шаст боло тахмин кардан мумкин буд, ба рӯяш он қадар чинҳои ҳискардашаванда наменамуд. Риши ӯ миёна ва кулӯта (лӯнда) буда, торҳои сафедаш аз сиёҳаш бештар менамуд».

Дар аввалин шинохти Аҳмади Дониш Садриддин ба ихтилоф дучор мешавад. Садриддин мебинад, ки ин одами аҷибро калонҳои мадраса зоҳиран эҳтиром мекунанд, пеши ӯ аз ҷой хеста салом медиҳанд, вале дар ғайбаш ӯро худобехабар, гумроҳ, дағдағанок, кофир меноманд. Ва танҳо мушоҳидакорӣ ва муҳокимаронињои мантиқӣ ба Садриддин ҳақиқати ҳолро мекушоянд. Маълум ме-

1 Банорас — матои майданақши сиёҳу сафед, ки тораш абрешиму пудаш ресмон мебошад.

шавад, ки Аҳмади Дониш олими бузург ва мунаҷҷими ҳақиқӣ будааст. Азбаски дурӯягӣ ва риёкории[1] куҳнапарастону мутаассибонро медонистааст, ба саломи онҳо ҷавоб намегардондааст.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Қисми аввали «Ёддоштҳо» чӣ ном дорад ва ба кадом давраи ҳаёти Садриддин бахшида шудааст?
2. Дар бораи образи падари Садриддин – Сайидмуродхоҷа маълумот диҳед.
3. Кадом хислатҳои Ҳабиба ба шумо маъқул шуд?
4. Чаро қисми II «Ёддоштҳо» «Дар шаҳр» ном дорад?
5. Дар ташаккули хислати Садриддин дар деҳот киҳо саҳм гузоштаанд?
6. Дар солҳои аввали мадрасахонӣ шароити зиндагии Садриддин чӣ гуна буд?
7. Садриддин дар солҳои аввали мадрасахонӣ ба кадом шахсиятҳои фарҳангӣ шинос шуд?
8. Симои Аҳмади Дониш дар «Ёддоштҳо» чӣ гуна тасвир ёфтааст?

## «ЁДДОШТҲО» ЧУН МАНБАИ АДАБӢ ВА ИЛМӢ

Қисмҳои сеюм ва чоруми «Ёддоштҳо» давоми мантиқии қисми дувум мебошанд. Қисми сеюм аз 54 ҳикоят иборат буда, бо фасли «Ҳавлии Шарифҷон-махдум» оғоз ва бо фасли «Дӯстии ду калонгир» анҷом меёбад. Қисми чорум аз 44 ҳикоят иборат аст ва он бо фасли «Мадрасаи ҳоҷӣ Зоҳид» оғоз ёфта, бо фасли «Саёҳати махдумони сохта» ба анҷом мерасад.

Садриддин тирамоҳи соли 1891 ба хидмати Шарифҷон-махдуми Садри Зиё медарояд ва ин хидматгорӣ як сол давом мекунад. Садриддин аз ҷамъомадҳои адабие, ки ҳар ҳафта шабҳои сешанбе, чоршанбе ва панҷшанбе дар ҳавлии хӯҷаинаш баргузор мегардид, баҳра мебардошт ва ба Назруллои Лутфӣ, Абдулмаҷиди Зуфунун, Яҳёхоҷа, Содиқхоҷаи Гулшанӣ, Ҳомидбеки Ҳомид, Абдуллохоҷаи Таҳсин, Бурҳони Муштоқӣ, Абдулкарими Офарин, мирзо Азими Сомии Бӯстонӣ, Раҳмати сартарош, Азизхоҷаи Азиз барин шоир ва суханварон шинос мешуд. Ба ин муносибат, Айнӣ оид ба зиндагӣ ва эҷодиёти ади-

1 Риёкорӣ — дурӯягӣ ва покдомании зоҳирӣ.

бони номбурда мухтасар маълумот дода, хонандаи имрӯзро ба ҳаёти адабии Бухорои охири асри XIX ва ибтидои асри XX як андоза шинос менамояд.

**«Ёддоштҳо» – сарчашмаи адабӣ**

Маълумоти С.Айнӣ дар бораи суханварону донишмандон ҷолиб ва пурмуҳтаво буда, бо далелҳои муътамад асоснок гардидааст. Масалан, дар бораи Абдулмаҷиди Зуфунун чунин омадааст: «Дар нуҷум аз шогирдони Аҳмади Дониш буда, дар шеър ва адабиёт ва дар фанҳои расмии мадрасаҳои Бухоро низ маҳорат дошт. Азбаски ӯ фанҳо ва илмҳои гуногунро медонист, ҳамзамононаш ба ӯ «Зуфунун» лақаб дода буданд, ки «соҳиби фанҳо» гуфтан аст».

Мувофиқи маълумоти Айнӣ, Яҳёхоҷа низ ҳаҷвнигори бомаҳорат мебошад ва бисёр норасоӣ ва ноадолатиҳои даврро зарифона ошкор месозад. Ҳикояҳои ҳаҷвии ӯ дар бораи қорӣ Самеъ, қозӣ Бадриддин ва тоҷири сарватманди Бухоро – Ҷӯрабек Арабов ҳунармандона ба қалам омада, дорои оҳангҳои пурқуввати иҷтимоӣ мебошанд. Ӯ дар шеърҳои ҳаҷвӣ низ маҳорат доштааст. Рӯзе қушбегӣ (ба таъбири имрӯза, сарвазир) Ҷонмирзо, ки риши калоне доштааст, аз Яҳёхоҷа илтимос мекунад, ки дар ҳаққаш шеъре гӯяд. Яҳёхоҷа бадоҳатан гуфтааст:

Мири қушбегӣ дар ойина бубинад риши хеш,
Бо дили хеш бигӯяд: «Ана ришу мана риш!»
Гар бубинад риши пурҷингилаи қорӣ Самеъ,
Бо дили реш бигӯяд: «Ана ришу мана риш!»

Ва шарҳ додааст:

– Мири қушбегӣ, мебахшед, ки шумо ғайр аз риши калон чизи қобили мадҳ надоред, ки сабаби ифтихоратон шавад. Афсӯс, ки ин ришатон ҳам дар пеши риши қорӣ Самеъ қадру қимати худро гум кард.

**Оид ба маорифпарварон**

Дар байни адибоне, ки дар «Ёддоштҳо» зикр ёфтаанд, адибони маорифпарвар Аҳмади Дониш, Шамсиддин Шоҳин, Абдулқодирхоҷаи Савдо, Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат, Содиқхоҷаи Гулшанӣ, Абдулвоҳиди Мунзим мавқеи босазо доранд.

Дар «Ёддоштҳо» таваҷҷуҳи С.Айниро, беш аз ҳама, сардори ҷараёни маорифпарварии адабиёти тоҷик – Аҳмади До-

ниш ҷалб намудааст. Дар «Аҳмади Дониш», «Тарзи зиндагонии шабонарӯзӣ ва ҳафтагии Аҳмад-махдум», «Оби ганда ба хандақ», «Саёҳати солонаи Аҳмад-махдум», «Шеърҳои ҳаҷвии Аҳмад-махдум», «Хабари вафоти Аҳмад-махдум», «Аввалин шиносоии ман ба калонтарин асари Аҳмади Дониш – «Наводир-ул-вақоеъ» ном бобҳои қисматҳои сеюм ва чорум оид ба ҷараёни зиндагӣ ва фаъолияти ин симои барҷаста маълумоти муфид дода шудааст. Ба қавли С.Айнӣ, Аҳмади Дониш баробари нависандаи барҷаста будан олими дақиқсанҷ, ҳунарманди мумтоз ва хаттоти беҳамто низ будааст ва даромади асосии ӯ аз рӯйи меҳнати ҳалолаш ҳосил мешудааст. «Ман, – гуфтааст С.Айнӣ, – як китоби «Юсуф ва Зулайхо»-ро бо хат, ҷадвал ва расми Аҳмад-махдум дидаам, ки дар ҳамон вақт ба қимати сесад пуд гандум фурӯш шуда буд».

С.Айнӣ дар хусуси Шамсиддин Шоҳин маълумоти мухтасар додааст, зеро ҳангоми мадрасахонӣ бо ӯ вонахӯрдааст. Шиносоии Садриддин ба Шоҳин тавассути ашъори шоир сурат гирифтааст. С.Айнӣ Шоҳинро аз шоирони машҳури замон ва забардасти рӯзгор дониста, қайд кардааст: «Шеърҳои Шоҳин ҳамеша дар маҳфилҳои Шарифҷон-махдум хонда мешуданд ва ҳар шеъре, ки ӯ гӯяд, дар рӯзи дуюми гуфта шуданаш ба он ҷо меомад... Ва ба ман шеърҳои Шоҳин аз шеърҳои ҳамаи он шоироне, ки дар он маҷлисҳо медидам, зиёдатар таъсир мекард».

Дар қисми сеюми «Ёддоштҳо» дар хусуси ҳаёт ва фаъолияти Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат муфассал сухан меравад, зеро Ҳайрат шарикдарс ва дӯсти Айнӣ буда, дар айёми ҷавонӣ аз олам даргузаштааст. Нависандаи «Ёддоштҳо» хотираи рафиқи ҷавонмарги худро абадӣ гардондан хоста, мероси адабии парокандаи ӯро гирд меоварад.

С.Айнӣ Ҳайратро шоири нававар ва устоди худ медонад ва дар бораи ӯ самимона ва сипосгузорона сухан меронад. Муаллиф як ғазали шоирро бо матлаи:

Эй сарв, беибо ба чаман сар кашидаӣ,
Моно, ки сарви қомати ӯро надидаӣ!

оварда, онро чунин баҳо медиҳад: «Ин ғазал ба болои ин ки равон, сода, ҳамафаҳм, ҳамаи калимаҳояш дилчасп буда ва дар ҷойи худ монанди нигинакориҳои нодиракорона шинам шудаанд, як эълони мубориза буд бар зидди ташбеҳҳои ғайритабиии обшустаи

шоирони гузашта». Дар ҳақиқат, шоирони пешин қомати ёрро ба сарв, шамшод ва ҳатто ба аръар ташбеҳ медоданд. Ҳайрат дар пеши қомати ёр ҳеҷ гуна зебоӣ надоштани сарвро нишон додааст.

Ҳамин тариқ, «Ёддоштҳо» дар ҳалли бисёр масъалаҳои адабиёти охирҳои асри XIX ва ибтидои асри XX чун сарчашмаи муътамади адабӣ аҳамият дорад.

**«Ёддоштҳо»-сарчашмаи илмӣ**

«Ёддоштҳо», махсусан қисматҳои сеюм ва чоруми он, дорои аҳамияти калони сарчашмаи илмӣ мебошад. Мундариҷаи асар таърихи илмӣ – фарҳангии халқи тоҷикро дар поёни асри XIX ва ибтидои садаи XX равшан ва муфассал бозгӯ менамояд. Маълумоти С.Айнӣ оид ба таърихи мадрасаҳои Мири Араб, Олимҷон, Бадалбек, Ҳоҷӣ Зоҳид, Лаби Ҳавзи Арбоб ҷолиб ва омӯзанда мебошад. Толибилмони мадрасаҳои Бухоро дар як сол шаш моҳ (аз 22 сентябр то 22 март) ва дар як ҳафта чор рӯз (шанбе, якшанбе, душанбе, сешанбе) дарс мехонданд. Ба қавли С.Айнӣ, «Дар мадрасаҳои Бухоро асосан илмҳои зерин мегузашт: сарфу наҳви забони арабӣ, мантиқ, ақоиди[1] исломӣ (илми калом), ҳикмат[2] (ҳикмати табиӣ ва илоҳӣ), фиқҳи[3] исломӣ (таҳорат, намоз, рӯза, ҷаноза, масъалаҳои ҳаҷ, закот, харидуфурӯш, ғуломдорӣ, ғуломозодкунӣ, зангирӣ, зансардиҳӣ ва монанди инҳо, ки дар амалиёти динӣ ё ин ки дар муомилоти ҷамъият оид аст)». Умуман, аз суханони С.Айнӣ маълум мешавад, ки ҳукумати амирӣ ба илму маориф муносибати сарсарӣ доштааст.

Маълумоти С.Айнӣ оид ба сохту намуди биноҳои мадрасаҳо, масҷидҳо ва хонақоҳҳои[4] Бухоро хонандаро ба таърихи меъморӣ ва шаҳрдории тоҷик шинос менамояд. Ин биноҳо ба таҳаввули минбаъдаи меъмории асримиёнагии Осиёи Марказӣ ишора мекунанд.

С.Айнӣ дар «Ёддоштҳо» оид ба расму русум, урфу одати халқ, маросимҳои мардумӣ, табақаҳои гуногуни аҳолӣ ва ҷамъияти онҳо муфассал сухан рондааст. Аз рӯйи гуфти нависанда, «оммаи мардуми Бухоро бештар косиб, саис, аробакаш, машкоб, гилкор, дуредгар ва хеле зарифу ҳозирҷавоб будаанд. Олуфтаҳои Бухоро бошанд, аз дигар табақаҳои аҳолӣ ҳам бо либоспӯшӣ, ҳам

1 Ақоид — ҷамъи ақида, эътиқод.

2 Ҳикмат — илмҳои фалсафӣ, фалсафа.

3 Фиқҳ — илм оид ба қонунҳои шариати ислом.

4 Хонақоҳ — ҷойе, ки шайхҳо ва дарвешон ибодат ва зиндагӣ мекунанд.

бо рафтору гаштор ва ҳам бо қасамхӯриашон фарқ мекарданд. Олуфтаҳо се мартаба доштанд: «нимтайёр», «тайёр» ва «марди мардон». Марди мардон касе интихоб мешуд, ки дар мардӣ мумтоз, дар зӯрӣ беҳамто, ба дуздӣ ва шӯрапуштӣ туҳматзада нашуда бошад. «Қасами олуфтаҳо «саттор»[1] буд. Агар як олуфта «саттор, ки фалон корро мекунам» гӯяд, сараш равад ҳам, бояд он корро мекард. Агар накунад ва қасамашро шиканад, аз миёнаи олуфтаҳо ронда шуда, ба «номардӣ» машҳур мегардид».

Қимати «Ёддоштҳо»-ро тасвирҳои маросиму маъракаҳои моҳи шарифи Рамазон, иди Наврӯз, тӯй, гулгардонӣ, зочабозӣ, подшоҳбозӣ боз ҳам афзудаанд. Айнӣ тавонистааст, ки ҳаёти мардуми тоҷикро дар як давраи муайяни таърихӣ бо тамоми паҳлуҳояш пешкаши хонанда намояд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Садриддин кай ба хидмати Шарифҷон-махдум рафт ва ин хидматгорӣ чанд вақт давом кард?
2. Дар ҷамъомадҳои адабии ҳавлии Садри Зиё кадом шоирон ва равшанфикрон ширкат доштанд?
3. Оид ба Яҳёхоҷа маълумот диҳед.
4. Муносибати Садриддин ба намояндагони адабиёти маорифпарварӣ чӣ гуна аст?
5. Дар бораи «Ёддоштҳо» ҳамчун сарчашмаи илмӣ маълумот диҳед.
6. Ҷамъияти олуфтаҳои Бухоро чӣ хел ҷамъият будааст?

## САВОЛИ ТЕСТӢ

1. Устод Айнӣ дар кадом асараш оид ба Аҳмади Дониш ва Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат маълумот медиҳад?

   А) «Дохунда»;
   Б) «Одина»;
   В) «Устод Рӯдакӣ»;
   Г) «Ёддоштҳо»;
   Ғ) «Мирзо Абдулқодири Бедил».

1 Саттор — пӯшанда, пардапӯш. Яке аз номҳои Парвардигор.

## ФАЪОЛИЯТИ ИЛМИИ АЙНӢ

**«Намунаи адабиёти тоҷик»**

Фаъолияти илмии Айниро бештар асарҳои адабиётшиносӣ муайян мекунад. Соли 1926 асари калонҳаҷми ӯ – «Намунаи адабиёти тоҷик» дар Маскав ба табъ мерасад. Ин китоб аз се қисм иборат аст ва дар он аз Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (асри X) то Пайрав Сулаймонӣ (асри XX) намунаи осори 220 адиби адабиёти ҳазорсолаи тоҷик оварда мешавад. «Намунаи адабиёти тоҷик» тазкира мебошад ва дар он аввал шарҳи ҳол ва баъд намунаи осори ҳар адиб баён мегардад. Маълумоти Айнӣ мухтасар, вале пурмуҳтавову фарогир аст. Мисол: «Абдулқодирхоҷаи Савдо аз ҷумлаи наводири рӯзгори худ буд. Илова бар фазлу камолоти расмӣ мисли наққошӣ, лаввоҳӣ, заргарӣ ҳунарҳоро монанди як мутахассис медонист. Дар мусиқӣ маҳорат дошт. Адвори[1] «Шашмақом»-ро маъа шуаботаш[2] забт ва қайд карда буд. Дар рамл[3], нуҷум ва найранҷот[4] низ ҳаз[5] дошт. Маҳфилоро, ҳозирҷавобӣ, базлагӯй ва хушмуҳовара буд. Бо хурду бузург яксон, аз кибру ғурур ҳаросон буд. Дар назм соҳибэҷоди хориқанамо ва дар наср низ соданависи беҳамтост".

Ҷавҳари «Намунаи адабиёти тоҷик», ки сар то сари тазкираро фаро гирифтааст, худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ мебошад. С.Айнӣ бар хилофи ақидаи пантуркистон, ки мавҷудияти халқи тоҷикро инкор мекарданд, дорои таърихи бой ва фарҳанги ҷаҳонӣ будани ин қавми куҳанбунёдро собит месозад.

С. Айнӣ сабаби таълифи «Намунаи адабиёти тоҷик»-ро дар мақолаи «Ба ошиқони адабиёти тоҷик мурочиат» (1925) чунин таъкид мекунад: «Маълум аст, ки Туркистон ва Мовароуннаҳр аз аҳди устод Абулҳасани Рӯдакӣ то имрӯз хеле адибони форсизабон ба майдон овард. Аммо дар замонҳои охир ба кадом сабаб, ки бошад, адабиёти тоҷик ба як навъ сакта ва таваққуф гирифтор шуда буд.

Ҳукумати ҷумҳурияти ҷавони Тоҷикистон ин нуктаро дар назар гирифта, хост, ки номи адибони гузаштаро зинда ва ҷавонони ҳозираро ба роҳи адабиёт ташвиқ намояд. Дар ин бора муқаддима

1 Адвор — ҷамъи давр, қисматҳои "Шашмақом".

2 Маъа шуаботаш — бо шуъбаҳояш.

3 Рамл — фолбинӣ, пешгӯйӣ.

4 Найранҷот — ҷамъи найранг.

5 Ҳаз — баҳравар, бархурдор будан.

гӯён як маҷмуа бо номи «Намунаи адабиёти тоҷик» нашр кардани шуда ҷамъ ва тартибашро ба фақир ҳавола намуд».

Дар «Намунаи адабиёти тоҷик» Рӯдакӣ, Ибни Сино, Камоли Хуҷандӣ, Алишери Навоӣ, Восифӣ, Мушфиқӣ, Сайидо, Аҳмади Дониш, Шоҳин, Савдо, Асирӣ, Ҳайрат, Ҷавҳарӣ барин адибони тоҷик, ки дар Мовароуннаҳр зиндагӣ ва фаъолият намудаанд, мавриди баррасӣ қарор мегирад. С.Айнӣ аз осори Мушфиқӣ бештар аз дигар шоирон намуна (389 мисраъ) оварда, дар ғазалсароӣ маҳорати баланд доштани ӯро таъкид мекунад. Аз ҷумла, ғазалеро бо матлаи:

Дар ғамат дилро фигору хаста мегӯем мо,
Аҳли дардем, ин сухан дониста мегӯем мо

оварда, менависад: «Ғазале, ки сар то ба пояш мисли ин ғазал хуб, латиф ва равон уфтад, кам аст».

«Намунаи адабиёти тоҷик» дастоварди барҷастаи адабиётшиносии тоҷик дар садаи XX аст. Олимони мамлакатҳои дунё ба ин асар баҳои баланд додаанд. Аз ҷумла, донишманди эронӣ Саид Нафисӣ навиштааст: «Барои ҳар касе, ки дар адабиёти порсӣ кор мекунад, лозим аст, ки як нусха аз ин китоб ба худ дошта бошад ва ба ҳар эронӣ низ фарз аст, ки лоақал як бор ин китоби нафисро, ки азизтарин раҳоварди бародарони туркистонии мост, бихонад».

**Асарҳои дигар**

С.Айнӣ, баъзан, чандин моҳ танҳо ба таҳқиқ ва дастрас намудани осори классикони адабиёти тоҷик машғул мешуд. «Бештарини ин тобистони ман, – навиштааст устод тобистони соли 1940-ро дар назар дошта, – дар роҳи кор кардан бар болои классикҳо рафт. Абуалӣ Синоро дубора кор карда, аз асарҳояш баъзе порчаҳо ҳамроҳ карда шуд. Барои Рӯдакӣ як маҷмуаи алоҳида сохта шуд. «Бустон»-и Саъдиро интихоб карда, аз ӯ 4 ҳазор мисраъ гирифтам ва эзоҳ додам. Барои вай як муқаддима ҳам навиштам».

Айнӣ барои ба хонандагон пешкаш намудани матни саҳеҳи «Бустон» кӯшиши бисёр намудааст, ҳангоми интихоби матн чандин нусхаро ба якдигар муқоиса мекунад ва дар поварақҳо гуногунхониҳои мисраъҳоро нишон медиҳад. Масалан, мисраи якуми байти:

Сари чашма шояд гирифтан ба мил[1],
Чу пур шуд, нашояд гузаштан ба пил.

1 Мил — чӯби қаламшакли нӯлборик, ки бо он ба чашм сурма мемоланд.

дар поварақ чунин шарҳ ёфтааст: «Дар нусхаи дигар ба ҷойи ин мисраъ «Сари чашма шояд гирифтан ба бел» дида шуд, ки бояд нусхаи асл ҳамин бошад. Зеро, чунонки бел ба обёрӣ муносибат дорад, инчунин шакли ин калима ба пил ҳамранг аст ва санъати ҷинос ҳам ба даст медарояд».

С.Айнӣ оид ба таърихи адабиёти классикӣ як қатор асарҳо таълиф намуда, ба ҳаллу фасли муҳимтарин ва зарууртарин муаммоҳои адабиётшиносии тоҷик муваффақ мешавад. Рисолаҳои «Устод Рӯдакӣ» (1940), «Дар бораи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ» (1940), «Шайхурраис Абуалӣ Сино» (1941), «Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ» (1942), «Алишери Навоӣ» (1948), «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ» (1956), «Мирзо Абдулқодири Бедил» (1954) ҳама аз нигоҳи илмӣ ва масъалагузорӣ қиматноканд. Масалан, дар рисолаи «Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ» ба шарқшиносоне, ки Саъдиро танҳо ба Эрон мансуб медонистанд, ҷавоби сазовор дода мешавад. Муҳаққиқ аз эҷодиёти шоир як порчаи шеърӣ оварда, таъкид мекунад, ки Саъдии Шерозӣ мутафаккири бузурги форсу тоҷик аст:

Аз баҳри Худо, ки моликон ҷавр
Чандин накунанд бар мамолик.[1]
Шояд ки ба подшаҳ бигӯянд:
Турки ту бирехт хуни тоҷик.

Ё худ рисолаи «Мирзо Абдулқодири Бедил», ки соли 1951 ба анҷом расида, соли 1954 баъди марги муаллиф рӯйи чопро дидааст, то ҳол яке аз манбаъҳои муътамади омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Бедил ба шумор меравад. Муҳаққиқ чунин ақида дорад, ки забони шеъри Бедил агар аз назари калимаҳои ҷудогона мулоҳиза шавад, сода аст. Лекин, вақте ки аз ин калимаву таркибҳо матои шеър бофта мешавад, фаҳмидани забони Бедил душвор мегардад. Масалан, дар байти зерин ягон калимаи душворфаҳм нест:

Гул ба дасту по кӣ баст имшаб, ки чун ранги ҳино
Бӯсамуштоқон чаманҳо зери лаб хун кардаанд.

Вале фаҳмидани мазмуни байт андешаи амиқро тақозо дорад: бӯсамуштоқон, яъне ошиқон фаҳмиданд, ки маъшуқа ба дасту пойи худ гул бастааст. Онҳо чаманҳоро бӯсида ба ранги ҳино гардондаанд, ба умеде, ки шояд маъшуқа ҳангоми ба дасту пойи

1 Мамолик — ҷамъи мамлук, ғулом.

худ гул бастан гулҳои ба ранги ҳино гардондаи онҳоро истифода кунад ва ба ин восита асари лабҳои бӯсамуштоқон ҳам ба дасту пойи ӯ эҳсос шавад.

Устод Айнӣ аз эҷодиёти паҳновари шоир намунаҳои мувофиқро интихоб карда, ба хонанда пешкаш менамояд. Аз ин ҷиҳат, намунаҳое, ки ифодакунандаи афкори тарбиявию ахлоқии шоир мебошанд, ҷолибанд:

То фазлу ҳунар ойинапардоз нашуд,
З-иқбол даре ба рӯйи кас боз нашуд.
Фӯлод бар оҳан шараф аз ҷавҳар ёфт,
Беилм зи ҷинси хеш мумтоз нашуд.

Дастовардҳои илмии С.Айнӣ дар мақола ва сарсуханҳои «Ҷавоби ман» (1933), «Муносибати адабияи Осиёи Миёна ба Эрон» (1934), «Шеърҳои тоҷикистонӣ» (1940), «Камоли Хуҷандӣ» (1940), «Ба ҷойи сарсухан» (1951) низ амиқу равшан ба назар мерасад. Аз ин ҷиҳат, муқаддимаи устод ба китоби «Чор дарвеш», ки аз фаъолияти матншиносии ӯ дарак медиҳад, ҷолиби диққат аст. Дар чопҳои Ҳиндустон (Бомбай, 1878; Бомбай, 1900) ин асар ба Амир Хусрави Деҳлавӣ нисбат дода шудааст. Муҳаққиқ бо ҳуҷҷатҳои муътамад исбот мекунад, ки муаллифи «Чор дарвеш» Амир Хусрави Деҳлавӣ нест. Дар асар шеърҳои Ҳофизи Шерозӣ, Фонии Кашмирӣ ва шоири асри XVIII Ғайратӣ ҷой доранд, ҳол он ки Амир Хусрави Деҳлавӣ соли 1325 вафот кардааст. Мувофиқи таҳқиқоти Айнӣ «Чор дарвеш» дар солҳое, ки Ҳиндустон аз тарафи мустамликадорони аврупоӣ истило гардидааст, яъне дар охирҳои асри XVIII ва аввалҳои асри XIX, аз ҷониби муаллифи номаълум навишта шудааст.

Умуман, фаъолияти адабиётшиносии С.Айнӣ серпаҳлу ва доманадор буда, масъалаҳои таърихи адабиёт, назарияи адабиёт, нақди адабӣ ва матншиносиро фаро гирифтаанд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Фаъолияти адабиётшиносии С.Айнӣ кай оғоз гардид?
2. Асарҳои адабиётшиносии С.Айниро номбар кунед.
3. Чаро «Намунаи адабиёти тоҷик»-ро тазкира меноманд?
4. Айнӣ ба шарқшиносоне, ки Саъдиро танҳо ба Эрон мансуб медонистанд, чӣ ҷавоб дод?

5. Дар бораи «Мирзо Абулқодири Бедил» ном асари С. Айнӣ маълумот диҳед.
6. С. Айнӣ асари Амир Хусрав набудани «Чор дарвеш»-ро чӣ тавр исбот кард?

## АНЪАНА ВА НАВОВАРӢ

**Назарияи адабиёт**

***Анъана*** ва ***навоварӣ*** чун истилоҳоти асосии назарияи адабиёт тамоми рукнҳои адабиёти бадеиро фаро мегирад. Ин ду мафҳум чун гӯшту нохун ба ҳам пайваст буда, шарти асосии мавҷудият ва инкишофи адабиёти бадеӣ ба ҳисоб меравանд.

***Анъана*** калимаи арабӣ буда, маънои луғавии он аз забони касе ҳикоя кардан, аз гузаштаи худ фахр кардан мебошад. Дар адабиётшиносии Аврупо ва рус ин мафҳум бо калимаи лотинии ***традитсия*** ифода мешавад. Дар адабиётшиносии классикии форсу тоҷик мафҳуми ***анъана*** ба воситаи калимаҳои ***суннат, урф*** баён мегардид:

Лекин чу ***суннатест*** қадимӣ, раво бувад
Эҳёи ***суннати*** шуарои бузургвор.
*(Анварӣ)*

Дар адабиётшиносӣ ҳангоми эҷоди асар аз таҷриба ва дастовардҳои адабиву эстетикии адибони пешин истифода кардани шоиру нависандагонро ***анъана*** меноманд. Анъана ба ду қисмат – анъанаи шоиста (хуб, пешқадам) ва анъанаи ношоиста (куҳнашуда, маҳдуд) ҷудо мешавад. Анъанаи пешқадам ба наслҳои оянда ба тариқи мерос боқӣ гузоштани он таҷрибаи эстетикию бадеӣ мебошад, ки дар беҳтарин осори даҳонию хаттии ниёгон ифода ёфтааст. Анъана дар ҳамаи унсурҳои адабиёти бадеӣ, чун мавзуъ, ғоя, сужет, образ, жанр, сабк, санъатҳои бадеӣ, қолибҳои адабӣ, забон, метод, мушоҳида мешавад. Вале нисбат ба унсурҳои мундариҷа ҷузъҳои шакл бештар чун анъана давом карда, умри дарозтар мебинанд.

Маданияти қадим, завқи баланди эстетикӣ, забони хушоҳанг ва муҳити адабии муътадил халқи тоҷикро соҳиби анъанаи бой ва мустаҳками адабӣ намудааст. Зиёда аз ҳазор сол аст, ки дар шеъ-

ри тоҷик анъанаи арӯз, қофия, ғазал, мусаммат, маснавӣ, рубоӣ, дубайтӣ идома дорад. Аз тарафи дигар, анъана дар инкишофи адабиёти бадеӣ мавқеи калон дошта, барои ривоҷи минбаъдаи он ҳамчун таҳкурсӣ ва заминаи муҳим хидмат мекунад. Дар рушду камоли эҷодии намояндагони барҷастаи адабиёти давраи нав, чун С.Айнӣ, А. Лоҳутӣ, М.Турсунзода, С.Улуғзода, Ф.Муҳаммадиев, М.Қаноат, Ш.Лоиқ, анъанаи ғании адабиёти классикии форсу тоҷик мавқеи бағоят муҳим дорад.

Истилоҳи ***навоварӣ*** низ чун истилоҳи ***анъана*** қадимӣ буда, дар адабиёти асримиёнагии форсу тоҷик бо мафҳумҳои ***нав, навовар, нав овардан*** ифода мешавад:

Фасона гашту куҳан шуд ҳадиси Искандар,
Сухан ***нав*** ор, ки навро ҳаловатест дигар.
*(Фаррухӣ)*

Дар адабиётшиносӣ он чизи наве, ки дар ҷараёни эҷод адиб дар баробари истифодаи анъана дар асарҳояш ворид менамояд, навоварӣ ном дорад. Навоварӣ барои дар сатҳи боз ҳам баландтар ҷилвагар шудани ҳунари нигорандагии адиб, ба талаботи замон ва завқи бадеии ҷомеа мувофиқ омадани асарҳои бадеӣ зарур аст. Навоварии адабӣ омили муҳимми равнақи адабиёт аст ва бе навоварӣ адабиёти бадеӣ на танҳо инкишоф намеёбад, балки ба дараҷаи нестӣ мерасад.

Навоварӣ дар шакл ва дар мазмуни асари адабӣ рӯй диҳад ҳам, он бештар дар мундариҷа ба амал меояд, зеро мундариҷаи адабиёт табиати иҷтимоӣ дорад. Ҳар давраи таърихӣ ба нависандагон мавзуъҳои мушаххас пешниҳод мекунад. Адибе, ки ин мавзуъҳоро бо маҳорати баланд ва мувофиқи идеали ҷомеа инъикос карда тавонад, адиби навовар аст. Муҳимтарин масъалае, ки ибтидои асри X ба адабиёти форсу тоҷик пешниҳод намуд, мавзуъҳои дӯстиву рафоқат ва омӯхтани илму дониш буд ва ба ин талаботи давр, беш аз ҳама, Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ҷавоби сазовор дода тавонист. Нимаи дуюми асри X дар назди адабиёти бадеии мо масъалаи ватанпарвариро ба миён гузошт, ки ба он Абулқосими Фирдавсӣ ҷавоби арзанда дод.

Масъалаҳои асосии адабиёти тоҷик дар давраи истиқлолият худогоҳии миллӣ, ифтихори ватандорӣ, ваҳдату якпорчагӣ ва рӯ овардан ба илму арзишҳои волои фарҳангӣ мебошанд.

Адибони ҳунарвар ҳангоми эҷод бояд ин зарурат ва эҳтиёҷи замонро ба назар гиранд.

Навоварӣ ҳам, мисли анъана, шоиста (пешқадам, ҳақиқӣ, холисона) ва сохта (ғайри ҳақиқӣ, ғаразкорона) мешавад. Агар навоварии адиб худсарона, аз ҳавову ҳавас, ғайри талаби замон ва завқу зебоишиносии мардум ба вуқӯъ пайваста бошад, навоварии сохта аст. Масалан, навпардозии шоир Баҳриддин Азизӣ (1895 – 1944), ки анъанаи ҳазорсолаи арӯзро инкор мекард, навоварии худсарона буд ва бинобар ин, умри дароз надид. Навоварии сохта ба инкишофи адабиёти бадеӣ ва завқи сухансанҷии мардум таъсири манфӣ мерасонад.

Навоварии шоиста ё пешқадам мувофиқи талаботи замон, ҳунари нигорандагии нависанда, завқи сухансанҷии ҷомеа ва дараҷаи тафаккури адабию эстетикии умумиҷаҳонӣ ба амал омада, боиси пешрафти минбаъдаи адабиёти бадеӣ мегардад. Достонҳои «Ҳасани аробакаш»-и М.Турсунзода, «Сурӯши Сталинград»-и М.Қаноат намунаи барҷастаи асарҳои навоваронаи адабиёти давраи нави тоҷик мебошанд. Ин аст, ки навоварии шоиста аз тарафи аҳли адаб зуд дастгирӣ ёфта, чун «Хамса»-и Низомии Ганҷавӣ минбаъд пайравони зиёд пайдо мекунад.

Анъана ва навоварӣ ба ҳам пайваста буда, бе якдигар вуҷуд дошта наметавонанд. Навоварӣ ба анъана такя намуда, аз инкишофи минбаъдаи он ҳосил мешавад ва бо мурури замон худ ба анъана табдил ёфта, барои чизи нав замина фароҳам меорад.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Анъана ва навоварӣ дар адабиёти бадеӣ чӣ мавқеъ доранд?
2. Анъана чист ва ба чанд қисмат ҷудо мешавад?
3. Навоварӣ чист ва қисматҳояш кадом аст?
4. Чаро навоварӣ бе анъана вуҷуд надорад?
5. Анъана ва навоварӣ боз бо кадом мафҳумҳо ифода меёбанд?

## САВОЛИ ТЕСТӢ

1. Робитае, ки адабиёти гузаштаро ба адабиёти имрӯза пайваст менамояд, чӣ номида мешавад?

   А) Жанр;
   Б) Руҷӯъ;
   В) Навоварӣ;
   Г) Анъана;
   Ғ) Тасвир.



# АБУЛҚОСИМ ЛОҲУТӢ

*(1887 – 1957)*

**Зиндагинома**

Абулқосим Лоҳутӣ зодаи маҳаллаи Барзадимоғи шаҳри Кирмоншоҳи Эрон мебошад. Падараш Аҳмад марди бофарҳанге буда, ба касби гевакашӣ(чоруқдӯзӣ) машғул буд. Мавсуф бо тахаллуси «Илҳомӣ» шуҳрат дошта, шеърҳои тасаввуфӣ менавиштааст. Аҳмади шоирро бо номҳои «усто Аҳмад», «мирзо Илҳом», «Ҳакими Илҳомӣ» низ мешинохтаанд.

Абулқосим саводи ибтидоиро дар мактаби деҳаи Барзадимоғ ва дар назди падараш баровардааст. Тангии рӯзгор ва душвории маишати хонавода Абулқосимро маҷбур кард, ки бармаҳал таҳсилро қатъ намуда, чанде дар дуконҳои челонгарӣ, оҳангарӣ ва дӯзандагӣ чун шогирд фаъолият намояд ва ба ҳунари гевакашӣ низ машғул шавад.

Дар айни ҳол Абулқосим тавассути падараш ба омӯхтани осори суханшиносони ҷаҳонӣ, чун Фирдавсӣ, Хайём, Саъдӣ, Ҳофиз, машғул мешавад ва ба муҳити адабии Кирмоншоҳ ошноӣ пайдо мекунад. Абулқосим дар ин муҳит ҳунари шеъру шоириро омӯхта, худ низ ба шеъргӯйӣ оғоз менамояд.

Ҷараёнҳои гуногуни мазҳабии давр, чун «Баҳоия», «Неъматуллоиҳо», дар тарғиби ғояҳои худ аз истеъдоди фитрӣ ва маҳорати шоирии Абулқосим Лоҳутӣ истифода бурданӣ мешуданд. Ниҳоят, соли 1904 ташкилоти «Одамият»[1] Лоҳутиро барои таҳсил ба Теҳрон мефиристад.

Таҳсили Лоҳутӣ дер давом накард. Дар зери таъсири инқилоби солҳои 1905 – 1907-и рус Эронро низ муҳити инқилобӣ

1 «Одамият» ҷамъиятест, ки дар Эрон нимаи дуюми асри XIX ташкил ёфта буд ва намояндагони он дӯстӣ, бародарӣ, иттиҳод ва ёрии якдигарро таблиғ мекарданд.

фаро гирифт ва Лоҳутӣ аз эҷоди шеърҳои тасаввуфӣ даст кашида, ба инқилобиёни Эрон ҳамроҳ шуд.

Лоҳутӣ дар ибтидои ҳаракати машрутахоҳии[1] мардуми Эрон бовар дошт, ки эълони машрута (соли 1907) ва интихобӣ шудани аъзои маҷлиси миллӣ вазъияти мамлакатро беҳтар мекунад. Дере нагузашта аз тарафи Муҳаммадалӣ (1907–1909), ки баъди фавти падараш – Музаффаруддиншоҳ (1886 – 1907) ба тахт нишаста буд, машрута (конститутсия)-и эълоншуда бекор карда шуд ва ин воқеа ҷаҳонбинии шоирро тағйир дод.

Вақте ки солҳои 1907–1911 дар Эрон инқилоб ва ҳаракати демократии халқ аз нав авҷ гирифт, Лоҳутӣ дар маркази ин ошӯбҳо буд. Аз ҷумла, дар шӯриши мусаллаҳонаи мардуми Гелони вилояти Рашт фаъолона ширкат варзида, ба гирифтани ордени Сатторхон[2] мушарраф гардид. Ва дар ғазали сиёсии «Ё ҳар ду» (1909) амалиёти зиддихалқию ватанфурӯшии вакилони маҷлисро фош намуд:

Вакилону вазиронанд хоин, фош мегӯям,
Агар дар зери теғам ё ба рӯйи дор, ё ҳар ду.

Ин ғазал дар рӯзномаи «Чантаи[3] побараҳна», ки дар Теҳрон чоп мешуд, ба табъ расид ва муаллифи он барои ин шеър ҳабс шуд, вале дере нагузашта бо талаби халқи башӯромада озод гардид.

Охирҳои соли 1911 инқилоби Эрон шикаст хӯрд. Шеърҳои «Қурбони рӯшноию нуру сафои Шарқ», «Шамъу парвона» дар мусофират эҷод шудаанд.

Абулқосим Лоҳутӣ охирҳои соли 1914 боз ба Эрон, ки дар ин ҷо ҳаракати инқилобӣ аз нав қувват мегирифт, баргашт ва нашри рӯзномаи «Бесутун»-ро оғоз карда, дар ҷунбишҳои озодихоҳӣ фаъолона ширкат намуд. Ин ҳолат дар шеъри «Бозгашт ба Ватан» (1915) ифода ёфтааст:

Дар ғами ошёна пир шудаам,
Боқӣ аз ҳастиям ҳамин номест.

---

1 Машрута аз рӯйи қонун фаъолият намудани ҳукумат. Машрутахоҳӣ – талаби ҳукумати конститутсионӣ.

2 Ордени Сатторхон ба шарафи роҳбари ҳаракати озодихоҳии миллии Эрон таъсис ёфта буд.

3 Чанта — кашкул, зарфест, ки қаландарон ва дарвешон ба миён баста мегарданд.

Лоҳутӣ дар солҳои 1914 – 1917 гоҳ дар Кирмоншоҳ, гоҳ дар Теҳрон, гоҳ дар Хонақайн, гоҳ дар Кохи Ширин ва гоҳ дар Бағдод гуреза буд ва солҳои 1918 – 1921 низ барои шоир солҳои вазнинтарин маҳсуб меёфтанд. Дар ҳамин солҳо ӯ ба Нусратбону ном духтар хонадор мешавад, маҷаллаи «Порс»-ро таъсис медиҳад ва шеърҳои бисёре эҷод мекунад, ки бо номи ашъори истамбулӣ машҳуранд.

Соли 1921 Лоҳутӣ Истамбулро тарк карда, ба душвориҳои зиёд саҳрои Арабистонро пиёда тай намуда, ба Ватан баргашт ва моҳи октябр ба Табрез омада, сарварии шӯришро ба ухда гирифт, ки он дар таърих бо номи «Шӯриши Лоҳутихон» машҳур аст. Якуми феврали соли 1922 ҳукумати Табрез ба дасти инқилобиён гузашт, вале баъди ёздаҳ рӯз он аз дасти қувваҳои ҳукуматии аз Теҳрон фиристода ба шикаст дучор шуд. Ҳукумат барои сари Лоҳутӣ мукофоти калон ваъда кард ва шоири озодихоҳ ҳамроҳи чанде аз ҳаммаслаконаш ба Иттиҳоди Шуравӣ паноҳ бурд.

Тақдири минбаъдаи Абулқосим Лоҳутӣ ба Иттиҳоди Шуравӣ ва махсусан, Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваст мебошад. Шоир дар солҳои 1922 – 1925 дар шаҳрҳои Нахҷувон, Тифлис, Боку, Маскав аввалҳо ба коргарӣ ва муаллимӣ шуғл варзида, баъд дар муассисаи Нашриёти марказии халқҳои Шарқ кор кардааст. Соли 1925, баъди он ки дар натиҷаи тақсимоти ҳудуди миллӣ дар Осиёи Миёна Ҷумҳурияти мухтори Тоҷикистон таъсис меёбад, Лоҳутӣ ба Тоҷикистон фиристода мешавад. «Чун шунидам, – қайд кардааст шоир, – кишваре ба номи Тоҷикистони советӣ ҳаст, ки дар он ҷо осори Фирдавсӣ ва Саъдиро халқ ҳамчун дар Эрони ман мехонад ва азиз медорад, аз партия хоҳиш намудам, маро ба он ҷо фиристад».

Устод Лоҳутӣ баъд аз устод Айнӣ дувумин пояи фарҳанги тоҷик дар садаи XX буд, ки дар рушду камоли адабиёти давраи нави он саҳми муносиб гузошт. Вай чандин сол намояндаи Тоҷикистон дар назди Иттифоқи нависандагони шуравӣ буда, ба сифати яке аз муовинҳои А. М. Горкий иҷрои вазифа намудааст. Дар ҳама анҷуманҳои нависандагони шуравӣ дар паҳлуи С. Айнӣ қарор дошт ва бахши шеъри тоҷикро аз минбарҳои расмӣ бештар ӯ муаррифӣ мекард. А. Лоҳутӣ ба адибоне чун М. Турсунзода, М. Миршакар, Б. Раҳимзода, А. Деҳотӣ, Ҳ. Юсуфӣ дарси маҳорат омӯхт. Маҳз бо кӯшиши ӯ осори адибони тоҷик дар нашриёти Маскав бо чандин забон рӯйи чопро медид. Лоҳутӣ намунаҳои

осори адибони тоҷикро ба дунёи форсизабон паҳн менамуд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбарияти Ҳукумати Шуравӣ ба устод Лоҳутӣ қадршиносиҳо намуда, мавсуфро ба нишонҳои давлатӣ мушарраф гардондаанд.

Охирҳои ҳаёти устод Лоҳутӣ дар Маскав гузаштааст. Оғози солҳои 50-уми садаи XX шоир дардманд мешавад ва саломатиаш торафт рӯ ба бадӣ меорад. 16 марти соли 1957 устод Лоҳутӣ вафот мекунад ва ҷасади шоирро мувофиқи васияти ӯ дар қабристони «Новодевиче»-и Маскав ба хок месупоранд. Номи шоир дар қалбу руҳи мардуми форсизабон зиндаю ҷовид аст. Дар Тоҷикистон чандин мактабу кӯча, китобхонаву театр ва қарияву ноҳия ба номи Лоҳутӣ гузошта шудаанд. Чунонки худ дар ғазали «Лавҳи мазор» гуфтааст:

Гардад куҳан замонаву хомӯш намешавад
Он шуълаҳо, ки ҷаста бурун аз даҳони ман.
Қабр аз барои ман чӣ зарур аст, чун бувад
Дилҳои поки фаълаву деҳқон макони ман.

**Мероси адабӣ**

Аз Абулқосим Лоҳутӣ мероси адабии зиёд боқӣ мондааст. Маҷмуаи шеърҳои шоир, аз ҷумла, ба номҳои «Девони Абулқосим Лоҳутӣ» (1946), «Асарҳои мунтахаб» (1949), «Сурудҳои озодӣ ва сулҳ» (1954), «Нидоҳои зиндагӣ» (1956), «Девони Абулқосим Лоҳутӣ» (1957) ва «Гавҳари ишқ» (1958) чоп шудаанд. Осори мукаммали А.Лоҳутӣ дар Куллиёти шашҷилда (1960 – 1963) дастраси хонанда гардиданд. Дар Куллиёт шеърҳо, достонҳо, тарҷумаҳо ва мақолаю суханрониҳои адиб гирд омадаанд. Соли 2004 китоби «Номаҳо»-и А. Лоҳутӣ (мураттиб ва муаллифи тавзеҳот Х.Отахонова) чоп гардид, ки дар он 133 номаи шоир ба аҳли хонадон, ба адибони тоҷик, адибони мамлакатҳои дигар, ҳамдиёрон, дӯстон ва мухлисон фароҳам омадаанд.

А. Лоҳутӣ «Наврӯзнома» ва «Лаолӣ»[1] ном асарҳое дорад, ки онҳо алҳол ба хонандаи тоҷик ба таври мукаммал дастрас нестанд. Баъзе шеърҳои мазкур дар ҷилдҳои алоҳидаи Куллиёти ҳафтҷилдаи Лоҳутӣ (1987, 2010-2018) ба табъ расидаанд. Ҳамчунин, «Девони Абулқосим Лоҳутӣ» дар Теҳрон бо кӯшиши Аҳмади Баширӣ соли 1358 ҳ. ш. (1980 м.) чоп гардидааст.

1 Лаолӣ — ҷамъи луълуъ; суханҳои фасеҳ.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Зодгоҳи Абулқосим Лоҳутӣ куҷост?
2. Дар бораи падари Лоҳутӣ маълумот диҳед.
3. Лоҳутӣ чаро рӯ ба Теҳрон овард?
4. Сабаби ба хориҷи кишвар фирор намудани шоир дар чист?
5. Чаро Лоҳутӣ ба Иттиҳоди Шуравӣ паноҳ бурд?
6. Оид ба фаъолияти шоир дар Тоҷикистон маълумот диҳед.
7. Рӯзҳои охири ҳаёти Лоҳутӣ дар кадом шаҳр мегузарад?
8. Дар Тоҷикистон кадом муассисаҳо ба номи Лоҳутӣ гузошта шудаанд?
9. Дар бораи мероси адабии Лоҳутӣ маълумот диҳед.

## АШЪОРИ ЛОҲУТӢ ДАР СОЛҲОИ 1907 – 1922

Абулқосим шеърнависиро аз синни 12-солагӣ оғоз намудааст ва аввалин шеърҳои ӯ зери таъсири ашъори падараш ва маҳфилҳои адабии Кирмоншоҳ эҷод гардида, фарогири мавзуи тасаввуфӣ будаанд. Дар ҳамин давра ба худ Лоҳутӣ[1] тахаллус кардааст:

Додӣ Лоҳутиям Худой лақаб,
Малаке бин ба сурати башарам,-

гуфтааст шоир соли 1902.

Истеъдоди фитрӣ ва шавқу завқи беандоза ба ашъори классикони адабиёти форсу тоҷик Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Шайх Аттору Ҷалолиддини Румӣ ва Саъдиву Ҳофиз ба такмили маҳорати эҷодии Лоҳутӣ мусоидат намуд ва ӯ баъди ба Теҳрон рафта ба ҳаракати инқилобӣ пайвастан ба навиштани шеърҳои иҷтимоӣ шурӯъ намуд. Шеърҳои инқилобии Лоҳутиро, ки аз соли 1906 сар карда дар саҳифаҳои рӯзнома ва маҷаллаҳо дарҷ мегардиданд, ҷавонони равшанфикр дар паҳлуи ашъори инқилобии Адибулмамолики Амирӣ, Маликушшуаро Баҳор, Алиакбари Деҳхудо, Саид Ашрафиддини Гелонӣ мехонданд.

**Ашъори давраи машрута**

Ашъори давраи машрутаи Лоҳутӣ, ки байни солҳои 1906 –1911 эҷод шудаанд, бештар дар саҳифаҳои рӯзномаҳои «Ҳабл-ул-

1 Лоҳутӣ — худоӣ, илоҳӣ.

матин», ки дар Калкуттаи Ҳиндустон чоп мешуд ва «Эрони нав» ба табъ расидаанд. Шеъри «Эй ранҷбари сиёҳтолеъ» (аз 90 мисраъ иборат буда, дар шакли маснавӣ суруда шудааст) собит месозад, ки Лоҳутӣ ба назарияи инқилобҳои Фаронсаву Англия ва Русия ошноӣ доштааст. Шоир кӣ будани ранҷбар ва як умр дар азоб будани ӯро ошкор сохта, ягона роҳи аз ин варта раҳоӣ ёфтани ин табақаро дар иттиҳод ва талош варзидан баҳри соҳиб шудан ба ҳукумат медонад:

Ҳар вақт ҳукумат аз шумо шуд,
Дарди ту, яқин бидон, даво шуд.

Дар шеърҳои «Фарёди миллат» (1909), «Маънии одам» (1910), «Эй хуш он рӯзе, ки дунёро даруни хун бубинам» (1912) назари Лоҳутӣ ба сохти ҳамонвақтаи Эрон боз ҳам амиқтар ифода ёфтааст. Бахусус, ғазали машҳури «Ё ҳар ду» дар масъалаи фош сохтани ниятҳои манфиатҷӯёнаву зараровари вакилону вазирони давр, ки ба ҷомеаи Эрон хиёнат кардаанд, ҷолиб мебошад. Ғазали «Ё ҳар ду», ки аз ёздаҳ байт иборат аст, сар то по ифодагари ғазаб ва нафрати миллати Эрон ба ҳукуматдорон мебошад:

Ватанро фитнаи маснаднишинон дод бар душман,
Ва ё ин мардуми бедониши бозор, ё ҳар ду.
Бинои зулму истибдоди синфи муфтхӯр вайрон,
Зи чаккуш мешавад ё доси ҷавҳардор, ё ҳар ду.

Дар дигар шеърҳои давраи машрутаи Лоҳутӣ низ мавзуъҳои ватандӯстӣ ва озодихоҳӣ мавқеи муҳим доранд. Умуман, шеърҳои давраи машрутаи Лоҳутӣ аз лиҳози мавзуъ ва мундариҷа давоми якдигар буда, яке дигареро тақвият медиҳад.

Ашъори солҳои 1914–1921 эҷодкардаи Лоҳутӣ аз ҷиҳати жанру услуби нигориш инкишоф ёфта, ҷаҳонбинӣ ва ақидаҳои сиёсӣ–иҷтимоии шоирро боз ҳам амиқтар ифода мекунанд. Дар ғазали «Шарқ», ки дар Бағдод эҷод гардидааст, мавзуъҳои инқилоб ва танқиди сиёсати мустамликадорӣ ба ҳам омадаанд. Қаҳрамони лирикӣ дар шахсияти шоир тайёр аст, ки дар роҳи саодати Ватан ҷонашро дареғ надорад:

Лоҳутиё! Чу аз ҳама ҷо ранҷбартар аст,
Бояд ки зудтар бидиҳӣ ҷон барои Шарқ.

Дар байни шеърҳое, ки солҳои 1914–1917 таълиф ёфтаанд, маснавии «Шамъу парвона», ки ба тарзи тамсил навишта шудааст, мавқеи арзанда дорад. Ин шеър аз 60 мисраъ иборат буда, дар асоси муколамаи шамъу парвона сохта шудааст:

Шабе парвонае бо шамъ мегуфт,
Ки: «Эй гардида дардат бо дилам ҷуфт!...»
Ҷавобаш дод шамъи нуктапардоз,
Ки: «Эй нопухта ошиқ, ғофил аз роз!...»

Дар адабиёти асримиёнагӣ парвона рамзи ошиқи содиқ ва шамъ рамзи маъшуқаи асилу покдоман аст. Дар шеъри Лоҳутӣ парвона рамзи ватандорони мубориз ва шамъ рамзи Ватани онҳо мебошад. Шоир ба воситаи суҳбати шамъу парвона таъкид менамояд, ки ватандӯсти ҳақиқӣ ҳамеша аз сӯзу гудози Ватан огоҳ буда, кӯшишу ғайрати хешро сарфи роҳи осудагию оромии Ватан менамояд. Шамъ мегӯяд:

Ту бояд аз шикоят лаб бидӯзӣ,
Агар парвонаӣ, бояд бисӯзӣ.

Маснавии «Шамъу парвона» оғози услуби фардӣ ва диди бадеиву зебоишиносии Лоҳутӣ мебошад. Шеърҳои то ин давра эҷодкардаи шоир бештар дорои хусусияти тарғиботию ташвиқотӣ буданд. Вале дар «Шамъу парвона» ҷойи оҳанги ҳангоматалабонаро як навъ садои ҳазину дилнавоз, ҷойи ҳукму таҳдидҳои урёнро андешаҳои хаёломезу орзупарвар гирифта, ғояи шеър ба воситаи тасвирҳо (шамъу парвона) ва баёни воқеа (суҳбати шамъу парвона) сурат мегирад. Дар ин шеър аввалин бор дар эҷодиёти Лоҳутӣ ***шамъ*** ҳамчун тасвири рамзии Ватан ва ***парвона*** чун баёнгари қаҳрамони лирикӣ муҳтавои сиёсӣ пайдо мекунад.

Дар ин солҳо дар эҷодиёти Лоҳутӣ дар баробари равияи рамзӣ тасвири публитсистӣ низ мавқеъ дорад, ки ба он шеърҳои «Яке Руму яке Юнон парастад», «Яке аз ранҷи мардум ризқ мехӯрд», «Ба духтари Эрон», «Зоҳид, ин даъвии ту лоиқи изҳор, ки нест» ва як қатор рубоиҳо мансубанд:

Яке Руму яке Юнон парастад,
Яке куфру яке имон парастад...

Яке аз дасти зулми Инглистон
Халоси мулки Ҳиндустон парастад...
Агар аз кеши[1] Лоҳутӣ бипурсӣ,
Наҷоти фаълаву деҳқон парастад.

Дар байни ашъори солҳои 1914–1921 ашъори истамбулии Лоҳутӣ, ки маҳсули муҳоҷирати маҷбурии ӯ дар Истамбул (1918–1921) мебошанд, мавқеи намоён доранд. Ашъори истамбулии шоир 67 шеърро дар бар карда, қисми кулли онҳо дар шакли ғазал эҷод шудаанд ва фарогири мавзуъҳои Ватан, инқилоб, озодии занон, навсозии маориф ва ғ. мебошанд.

Дар ғазалиёти истамбулӣ ифодаи рамзию маҷозии мақсад мавқеи асосӣ дорад ва тасвирҳои лирикии ошиқонаи адабиёти классикӣ ба баёни мазмунҳои сиёсиву иҷтимоии давр тобеъ карда мешавад. ***Гул, булбул, хор, сайёд, шамъ, парвона, ёр, агёр, гургу шубон, мург, лона, ошёна, рақиб*** барин мафҳумҳои бадеӣ дар ғазалиёти истамбулии Лоҳутӣ илова ба маъниҳои аслӣ мазмунҳои таҳтонӣ[2] гирифтаанд. «Ин ашъор, – қайд кардааст шоир, – аксаран бо рамзу киноя гуфта шудаанд. Сабаби ин ҳам возеҳ аст. Агар матлабро ошкор мегуфтам, сензураи[3] ҳарбии Туркия, ки дар зери назорати инглисҳо буд, ашъори зиддиимпериалистии маро ҳаргиз ба матбуот роҳ намедод. Ин аст, ки худамро булбул, ватанро боғи вайрона, Англияро гоҳ зимистони манфур номидаам, ки гулҳои боғро хазон мекунад ва гоҳ сайёди бераҳме хондаам, ки булбули маҷруҳро ба доми худ асир кардааст». Ба чанд мисраи ғазали «Аё сайёд» таваҷҷуҳ намоед:

Аё сайёд, шарме кун, маранҷон нимҷонамро,
Пару болам бикан, аммо масӯзон ошёнамро...
Дар ин кунҷи қафас дур аз гулистон сӯхтам, мурдам,
Хабар кун, эй сабо, аз ҳоли зорам боғбонамро...
Мани бечора он рӯзе ба қатли худ яқин кардам,
Ки дидам тоза бо гург улфате бошад шубонамро.
Чу Лоҳутӣ ба ҷон миннатпазирам то абад онро,
Ки бо ман меҳрубон созад бути номеҳрубонамро.

---

1 Кеш — мазҳаб, дин, оин.

2 Таҳтонӣ — пӯшида, зимнӣ, дуюмӣ.

3 Сензура — системаи назорати давлатӣ ба матбуот ва воситаҳои ахбор.

Калимаву таркибҳои ғазал дар маънои аслӣ низ қолиби диққат буда, аз ҳикмати зиндагӣ бархурдор мебошанд. Дар ҳақиқат, муросо кардани чӯпон ба гург боиси қатли рама мегардад ва мурғи дар қафасбуда ниёзманди боғбон аст. Вале маҳз ифодаи маҷозии калимаю таркибҳо бадеият ва образнокии ғазалро таъмин намуда, боиси баёни ҷозибаноку нишонрастари ақидаҳои сиёсиву иҷтимоии шоир гардидаанд.

Ҳамин тариқ, дар Истамбул ашъори сиёсии Лоҳутӣ мавқеъ пайдо намуд. Шоир дар ғазалҳои истамбулиаш аз ҳама латофату назокати сухани бадеӣ истифода намуда, дар адабиёти халқҳои форсизабон ғазали сиёсиро инкишоф дод.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Лоҳутӣ шеърнависиро кай сар кардааст ва тахаллуси ӯ чӣ маънӣ дорад?
2. Ашъори машрутахоҳии Лоҳутӣ кадом солҳоро фаро мегиранд ва чӣ мазмун доранд?
3. Шеъри «Шамъу парвона» кай ва ба кадом услуб эҷод гардидааст?
4. Оид ба ашъори истамбулии Лоҳутӣ маълумот диҳед.
5. Чаро Лоҳутиро инкишофдиҳандаи ғазалҳои сиёсӣ меноманд?
6. Ғазали «Аё сайёд»-ро аз ёд кунед.

## АШЪОРИ ЛОҲУТӢ ДАР ИТТИҲОДИ ШУРАВӢ

Барои Лоҳутӣ ворид шудан ба тарзи ҳаёти ҷомеаи шуравӣ осон буд, зеро шоир ҳанӯз солҳои 1914 – 1917 дар Эрон тавассути аскарони рус ба ғояҳои инқилоби Октябр шинос гардида, қаламаш ҳанӯз аз давраи машрутияи Эрон дар ифодаи мазмунҳои инқилобӣ суфта гардида буд. Зиёда аз ин, Лоҳутӣ дар Иттиҳоди Шуравӣ ба вуқуъ пайвастани ормонҳои инқилобии худро эҳсос намуд. Дар ин мамлакат фароҳам омадани имконияти чоп низ боиси фараҳмандӣ ва самаранокии фаъолияти эҷодии Лоҳутӣ гардид. Соли 1923 дар Маскав, дар Нашриёти марказии халқҳои Шарқ бо дасти худ ҳуруфчинӣ кардани китобаш барои шоир басо шодиовар буд.

Чунин муҳити созгори корӣ боис шуд, ки эҷодиёти Лоҳутӣ ба марҳалаи нави инкишоф қарор гирифта, аз ҷиҳати ҳаҷм, жанр, мавзӯъ ва услуби баён боз ҳам фарогиру ғанитар гардад. Дар солҳои 20-уми асри XX шеърҳои зиёди устод Лоҳутӣ, аз қабили

«Дар Калкутта», «Чамани сӯхта», «Дар фабрики сармоядорон», «Ваҳдат ва ташкилот», «Ман фарзанди як деҳқоне будам», «Эй духтари номдори Эрон», «Писари ҳафтуми сотсиализм» эҷод гардида, дар Маскаву Душанбе маҷмуаҳои «Рубоиёт» (1924) ва «Адабиёти сурх» (1925) ба табъ расиданд.

Машҳуртарин асари Лоҳутӣ, ки шоирро ба адабиёти шуравӣ дохил намуд, қасидаи «Кремл» мебошад. «Дар соли 1923 ман аввалин бор Кремли Маскавро дидам, – гуфтааст шоир. – Азбаски аз забони русӣ як калима ҳам намедонистам, яккаву танҳо аз зал ба зал гузашта тамошо мекардам. Он гоҳ вайронаҳои қасри Анӯшервон, ки Хоқонӣ васф намудааст, ба хотирам омад... Ман ҳамоно қалам ба даст гирифтаму ба як қалам кашидан достони «Кремл»-ро навиштам. Ман ин асарро ба як нишастан тамом кардам, пас ягон калимаашро дигар карда ё ягон калима ба он илова карда натавонистам».

«Кремл» аз 68 байт иборат буда, чун «Харобаҳои Мадоин», дар вазни ҳазаҷи мусаммани ахраб ва қофияи қасида (аа, ба, ва ...) суруда шудааст ва ба чунин байт оғоз меёбад:

То чанд кунӣ гиря бар маснади Нӯшервон?
Дар қасри Кремл, эй дил, асрори ниҳон бархон!

Лоҳутӣ дар ифодаи мазмунҳои нав аз анъанаи адабиёти классикии форсу тоҷик моҳирона истифода мекард, ки ин ҳолатро, алалхусус, аз муқоисаи образи ***хок*** мушоҳида кардан мумкин аст. Дар «Харобаҳои Мадоин» ***хок*** ба бебақо будани умри инсон ишора карда, аз гузашти рӯзгор панд гирифтани одамиро талқин менамояд:

Дандонаи ҳар қасре панде диҳадат нав-нав,
Панди сари дандона бишнав зи буни дандон.
Гӯяд, ки: «Ту аз хокӣ, мо хоки туем акнун,
Гоме ду-се бар мо неҳ в-ашке ду-се ҳам бифшон»...

Дар қасидаи «Кремл» ***хок*** инсони заҳматкашро ба ҳушёрӣ даъват мекунад, то дастовардҳо ва комёбиҳояшро аз ҳодисаҳои номатлуби рӯзгор ва ниятҳои нопоки душманон муҳофизат карда тавонад. Қаср ба муздурон:

Гӯяд, ки: «Ту аз моӣ, мо низ чу ту будем,
Мо хок шудем эдар, ту соҳиби ин майдон.
Зинҳор пас аз ин фатҳ ғафлат манамо, зинҳор,
То бар сари мо з-ин пас душман назанад ҷавлон!»

Замони шуравӣ аз пурмаҳсултарин давраҳои эҷодиёти Лоҳутӣ ба шумор меравад. Асарҳои «Мо зафар хоҳем кард» (1930), «Сафари Фарангистон» (1934), «Тоҷу байрақ» (1935), «Ду нишон» (1936), «Одами оҳанпо» (1933), "Шамшери фотеҳ" (1933), «Мардистон» (1941), «Ғалабаи Таня» (1942), «Се қатра» (1932), «Парии Бахт» (1947) ва ғайра маҳсули эҷодии даврони шуравии адиб мебошанд.

**Тамсил дар эҷодиёти Лоҳутӣ**

Абулқосим Лоҳутӣ дар Иттиҳоди Шуравӣ анъанаи тамсилнависии адабиёти классикии тоҷику форсро дар муҳити нави адабӣ идома дод. Асарҳои тамсилии шоир, аз қабили «Се қатра», «Одами оҳанпо», "Шамшери фотеҳ", «Кӯҳ ва ойина», «Мӯр ва офтоб», «Паҳлавон Оштӣ», «Парии Бахт» дар ҳалли бисёр масъалаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ саҳм гирифтаанд. Персонажҳои тамсилҳои шоир парандагон, ҳайвонот, ҳашарот, ҷисмҳои беҷон ва одамон мебошанд. Масалан, дар тамсили «Кӯҳ ва ойина» (1933) кӯҳ, ойина, ҷавони ойинадор ва падари ҷавон ширкат меварзанд. Дар домани як дашти пуршукӯҳ кӯҳи азиме қарор дорад. Ҷавоне пушт ба кӯҳ карда бо ойинаи десташ кӯҳро дидан мехоҳад, то асрори дар он бударо ба одамон нақл намояд. Чун кӯҳи бузург дар ойинаи хурд пурра акс намеёбад, ӯ пештар рафтан мегирад. Ба андозаи хеле дур рафтан кӯҳ дар ойинаи дасти ҷавон акс меёбад, лекин аз бузургиву ҳашамати он дигар осоре намемонад. Падар ин амали писарашро маҳкум мекунад:

Аз бед самар наметавон чид,
Дар ойина кӯҳ наметавон дид.

Тамсилоти Лоҳутӣ дар асоси ҳодисаву воқеаҳои зиндагӣ ва таҷрибаи ҳаётии шоир фароҳам омада, ба талаботи давру замон мувофиқати комил доранд ва дорои аҳамияти маърифатию тарбиявӣ мебошанд.

Аз асарҳои дар давраи ҷанг навиштаи Лоҳутӣ достонҳои «Мардистон» ва «Ғалабаи Таня» дар асоси воқеаҳои мушаххас эҷод гардидаанд. Агар сабаби таълифи «Мардистон» корномаи

панфиловчиён[1] бошад, пас «Ғалабаи Таня» тасвири бадеии корнамоии хонандаи мактаби миёнаи москвагӣ Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ Зоя Космодемянская (1923–1941) ба шумор меравад.

Достони «Мардистон» дар шакли тамсил навишта шудааст. Ҳамаи мардони деҳаи Мардистон дар роҳи муҳофизати деҳаашон ҳалок гардиданд. Танҳо як марди тарсончак, ки аз майдони ҷанг гурехта буд, зинда мондааст. Зани шахси зиндамонда либоси сиёҳ пӯшида, худро «бевазан» меномад. Занони дигар ба шарафи шавҳарони қаҳрамонона ҳалок гаштаашон якдигарро бо номи шавҳар (зани Баҳром, зани Сангин ва ғ.) ном мебаранд:

Номи ин зиндамарди шарманда,
«Мурда» шуд, номи дигарон «Зинда».

Дар достони «Ғалабаи Таня» сужет ба воситаи тасвири ду манзара – яке лаҳзаи пурсиш ва дигаре лаҳзаи қатли Таня сохта мешавад. Тасвир дар асоси далелҳои рӯзномаҳо сурат мегирад. Вале ифода чунон самимӣ ва барҷаста ҳаст, ки хонанда руҳи матину бешикасти як духтари ҷавонро назди душмани сар то по мусаллаҳ равшан эҳсос мекунад. Дар ифодаи маъно тазод ва дигар воситаҳои тасвир саҳм гирифтаанд. Ӯ, яъне фармондеҳи фашист, як шабонарӯз Таняро бозпурсӣ карда, оқибат аз фатҳи худ ноумед мешавад:

Аз олоти ҷанг он чи дар дунё
Тасаввур кунӣ, ӯ дорад, аммо
Руҳи ин якро он як надорад,
Ӯ ба худ имон, ин шак надорад.
Ӯ чун масруон[2] меларзад аз кин,
Ин чун ҳайкали фӯлодин – сангин.

Тасвирҳои мухтасар, мурофиати шуълавари Таня ва истифодаи сарфакоронаи калимаву таркибҳо ба асар руҳи некбинона бахшиданд. Мафҳуми ғалабаи Таня дар он аст, ки ӯ моҳияти зиндагии ҷовидонаро дуруст дарк намудааст:

---

1 Тирамоҳи соли 1941 28 кас аз дивизияи генерал–майор И.В.Панфилов (1893–1941) дар назди Москва корнамоии бемисл нишон медиҳанд. Қариб ҳама ҳалок мешаванд, вале ҳуҷуми душмани чандин баробар зиёдро мегардонанд.

2 Масруъ — касе, ки бемории саръ (эпилепсия) дорад.

Гиря мекунед... Ба мурдани ман?
Ман аммо шодам аз ин сон мурдан.
Дар роҳи Ватан мурдан зиндагист,
Мурдан – зиндагонӣ дар бандагист.

Ҳамин тариқ, Лоҳутӣ дар достонҳои «Мардистон» ва «Ғалабаи Таня» як қатор образҳои мусбату манфие офаридааст, ки амалиёти онҳо боиси дарки амиқи қувваҳои неку бад дар майдони набард гардиданд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Иттиҳоди Шуравӣ Лоҳутиро чӣ тавр пешвоз гирифт?
2. Оид ба ҳамрангӣ ва фарқи достони «Кремл» ва «Харобаҳои Мадоин» маълумот диҳед.
3. Барои чӣ дар замони шуравӣ маҳсули эҷодии шоир зиёд гардид?
4. Мавқеи тамсил дар эҷодиёти шоир чӣ гуна аст?
5. Шумо аз мутолиаи шеъри «Кӯҳ ва ойина» чӣ хулоса баровардед?
6. Дар бораи достони «Мардистон» маълумот диҳед.
7. Чаро Таня худро ғолиб медонад?

## ФАЪОЛИЯТИ ТАРҶУМОНИИ ЛОҲУТӢ

**Лоҳутӣ – мутарҷим**

Тарҷумаи намоишномаҳои «Отелло», «Ромео ва Ҷулетта», «Шоҳ Лир»-и драматурги англис Шекспир, «Дод аз дасти ақл»-и адиби рус А.С. Грибоедов, «Чашмаи гӯсфандон»-и драматурги испанӣ Лопе де Вега, асарҳои адибони маъруфи ҷаҳонӣ А.С. Пушкин, Т.Г. Шевченко, А.М. Горкий ба хонандаи калонсол нигаронида шудааст.

Устод Лоҳутӣ барои бачаҳо низ осори зиёд тарҷума кардааст, ки «Почта»-и С. Маршак, «Достони Олеги дилогоҳ», «Ҳикояти моҳигир ва моҳии тилло», «Парии об», «Афсонаи шоҳ Салтан»-и С. Пушкин, «Сангари хунин»-и В. Гюго, «Бузургии безавол»-и Р. Патканян намунаи онҳо мебошанд.

Устод Лоҳутӣ намоишномаҳои Шекспир – «Отелло», «Ромео ва Ҷулетта» ва «Шоҳ Лир»-ро ҳамроҳи ҳамсараш С. Бону бевосита аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума намудааст. Намоишномаи «Отелло» соли 1939 дар Театри драмаи тоҷик ба саҳна

гузошта шуда, соли 1941 дар Даҳаи адабиёти тоҷик дар Маскав бомуваффақият намоиш дода шуд. Агар дар тарҷумаи «Отелло» ибораҳои рехта ва панду ҳикматҳои тоҷикӣ истифода шуда бошад, дар тарҷумаҳои «Ромео ва Ҷулетта» ва «Шоҳ Лир» шакли аслии намоишномаҳо – шеъри сафед нигоҳ дошта шудааст.

**Фоҷиаи «Отелло»**

Намоишномаи «Отелло» фоҷиаи барҷастаи ҷаҳонӣ мебошад ва аз панҷ пардаву даҳ намоиш иборат аст. Воқеаҳои пардаи аввал дар шаҳри Венетсия[1] ва пардаҳои минбаъда дар ҷазираи Кипр[2] мегузаранд. Дар намоишнома дожи[3] Венетсия, сенатор Брабансио, генерал Отелло, муовини ӯ лейтенант Кассио, парчамбардор Яго, ашрофзода Родриго, духтари Брабансио – Дездемона, зани Яго – Эмилия ва дигарон ширкат доранд.

Сужети намоишнома дар асоси рашку ҳасад фароҳам омадааст. Генерал Отелло шахси далеру шуҷоъ, таҷрибадида ва якрӯю якзабон мебошад ва назди хосу ом обрӯю эътибор дорад. Отелло аз миллати араб ва сиёҳпӯст аст, вале хушрӯтарин ва покдомантарин духтари венетсиягӣ, ки падараш сенатор буд, ба ӯ дил медиҳад. Дездемона бе иҷозати падар ба Отелло ба шавҳар мебарояд. Отелло ҳам Дездемонаро баробари ҷон дӯст медорад.

Байрақбардор Яго ба комёбӣ ва обрӯю эътибори генерал Отелло ҳасад мебарад ва дар фикри руҳану ҷисман нест кардани сардораш меафтад. Яго нақшаҳои махсуси худро бо роҳи дахл кардан ба муносибатҳои оилавии Отелло ба амал баровардан мехоҳад. Зеро хуб медонад, ки генерали араб ба «хиёнати» маҳбубааш тоб оварда наметавонад. Пардаи аввал бо андешаҳои Яго дар бораи ба амал баровардани нақшаҳои хоинонааш ба анҷом мерасад. Хонанда аз монологи Яго ботини нопок ва хислатҳои манфури ӯро равшану возеҳ мушоҳида мекунад: «Отелло ба ман бовар дорад. Беҳтар! Бо ҳамин ман нақшаи худамро осонтар иҷро мекунам. Кассио мардаки хушрӯст... Каме баъд ба гӯши Отелло пичир-пичир сар кунем, ки гӯё Кассио бо зани вай аз андоза берун хонагӣ шудааст... Отеллоро аз бинӣ кашонда бурдан ҳамон қадар осон аст, ки харро рондан».

Минбаъд воқеа дар соҳили ҷазираи Кипр мегузарад. Туркҳо ба ҷазираи Кипр ҳуҷум мекунанд ва генерал Отелло бо

1 Венетсия — шаҳр дар шимоли шарқии Италия.

2 Кипр — давлатест дар қисмати ғарбии Осиё.

3 Дож — роҳбар

ҷанговаронаш ба он ҷо фиристода мешавад. Генерал Дездемонаро низ бо худ оварда буд, бинобар ин, баъди хотима ёфтани ҷанг низ чанд вақт дар Кипр мемонад. Дар ҳамин ҷо Яго ба амалӣ кардани нақшаҳои нангини худ шуруъ мекунад. Ӯ аз содагӣ ва дилсофии Отелло истифода карда, нахуст Кассиоро дар чашми генерал бад мекунад, ба дараҷае ки Отелло лейтенанташро «ту дигар дар хидмати ман нестӣ», – гӯён аз кор пеш мекунад. Баъд Кассиоро водор мекунад, ки муносибаташро ба Дездемона наздик карда, ба воситаи ӯ аз генерал авф пурсад. Яго, аз як тараф, мулоқоти Кассиоро ба Дездемона таъмин мекунад ва, аз тарафи дигар, ин мулоқотро ба чашми Отелло намоиш дода, дар ботини генерал нисбат ба занаш шубҳа ва нобоварӣ ба вуҷуд меорад:

***Отелло***: ин Кассио набуд, ки аз пеши занам рафт?

***Яго***: Кассио? Не, генерал. Ҳаргиз наметавонам бовар кунам, ки Кассио шуморо дида дузд барин гурезад.

***Отелло***: ман яқин дорам, ки ӯ буд.

Акнун барои исботи «муносибати маҳрамонаи» Дездемона бо Кассио ҳуҷҷат лозим буд, ки Яго онро ҳам пайдо намуд. Отелло аз модараш рӯймолчаи пурқимате ба ёдгор дошт, ки онро ба ҳамсараш – Дездемона туҳфа карда буд. Вақте ки Дездемона шавҳарашро парешонхотир мебинад, рӯймолчаро аз дилсӯзӣ ба сари ӯ мебандад. Вале Отелло «рӯймолчаи ту хеле хурд аст» гӯён онро аз сараш мегирад ва рӯймолча ба замин меафтад. Рӯймолчаро зани Яго – Эмилия меёбад ва бо хоҳишҳои пайдарпайи шавҳараш онро ба ӯ медиҳад.

Яго рӯймолчаро ба хонаи Кассио мепартояд. Вақте ки Отелло барои пурра бовар кардан ба «хиёнаткориҳои» занаш аз Яго ҳуҷҷат талаб мекунад, ӯ дар дасти Кассио дидани рӯймолчаи Дездемонаро далел меорад. Ҳамчунин, имконият фароҳам меоварад, ки генерал рӯймолчаи ба занаш тақдимнамударо дар дасти Кассио бинад. Макру ҳила ва дасисаҳои Яго Отеллоро аз қиматтарин доройяш – муҳаббати Дездемона маҳрум сохт ва генерали фотеҳро дар андак муддат ба шахси раҳгум, кӯтоҳандеш ва интиқомҷӯ табдил дод.

Отелло дар рӯзҳои аввали ба Кипр омадан Дездемонаро чунин истиқбол гирифта буд:

***Отелло***: ифтихорам, ту дар Кипр азизтарин меҳмон хоҳӣ буд... Ҷони ширинам, ман аз шодиям гапҳои бетартиб мезанам... Равем, Дездемона! Боз ҳам хуш омадӣ ба Кипр.

Генерал баъди найрангҳои Яго дар ҳаққи ҳамсаре, ки ***ифтихораш*** мехонду ***ҷони ширинаш*** меномид, қабеҳтарин алфозро раво мебинад. Аз ҷумла, ба «чӣ гуноҳи номаълуме кардам?» гуфтани Дездемона ӯ чунин ҷавоб медиҳад:

***Отелло***: эй, зани фосиқ! Агар ман корҳоятро мегуфтам, рухсораҳоям монанди кӯра[1] мешуданд. Чӣ кардаӣ? Осмон бинии худашро мебандад, моҳ чашмашро мепӯшад; ҳатто боди бешарм, ки ҳар чизро дар роҳи худаш мебӯсад, ба чуқуртарин партгоҳ рафта пинҳон мешавад, ки инро нашунавад. – Чӣ кардаӣ? Фоҳишаи беҳаё!

Саҳнаи қурбони макру фитна гардидани Дездемона хеле муассир ва ғамангез аст. Отелло ба хонаи хоби Дездемона медарояд. Аз муколамаи онҳо, аз як тараф, самимият, садоқат, табиати орому мусаффо ва асолати Дездемона ва, аз тарафи дигар, зудбоварӣ, кӯтоҳандешӣ ва сабукфикрии Отелло маълум мешавад.

***Отелло***: аз гуноҳат фикр кун.

***Дездемона***: гуноҳи ман дӯст доштани шумост.

***Отелло***: ҳазар кун аз қасами дурӯғӣ. Ту дар бистари марг ҳастӣ.

***Дездемона***: худатон ҳам раҳм кунед. Ман дар умрам шуморо ҳақорат надодаам. Нисбат ба Кассио ғайр аз дӯстии умумӣ, ки Худо онро иҷозат додааст, ҳеҷ эҳсоси дигар надоштам. Ҳеҷ вақт ба ӯ ҳадя надодаам...

***Отелло***: бимир, фоҳиша!

***Дездемона***: фардо кушед. Бигузоред, як шаб зинда монам!

***Отелло***: кор, ки шуданист, таъхир чаро?

***Дездемона***: танҳо барои он ки як дуо хонам.

Дездемонаи покдоман бегуноҳ кушта мешавад ва баъд маълум мегардад, ки Отелло ба фитна дода шуда, хатои авфнопазире содир намудааст. Дигар зинда мондани Отелло маъно надошт. Генерал ашкрезон ба ҳозирин васият карда, худашро бо ханҷар мезанад ва:

Бӯсакунон куштамат, эй бути нозанинам,
Изн деҳ, акнун туро бӯсакунон бимирам.

– гӯён ба рӯйи мурдаи Дездемона меафтад.

1 Кӯра — оташдоне, ки дар он маъдан мегудозанд; хумдон.

Дар тарҷумаи «Отелло» хусусияти миллӣ ва назокати забони образноки тоҷикӣ моҳирона истифода шудааст. Мақолу зарбулмасалҳо, таркибҳои маҷозӣ, суханҳои пандуахлоқӣ, санъатҳои бадеии ташбеҳ, таҷнис ва муболиғаву тавсиф тарҷумаи намоишномаро ба завқу салиқаи хонандаи тоҷик мувофиқ намудаанд. Масалан, Кассио ҳусну ҷамоли Дездемонаро чунин тавсиф менамояд: «Отелло як духтареро гирифт, ки кӯшиши ҳамаи қаламҳои дунё ба таърифу тавсифи ӯ намерасанд». Ё худ Отелло аз ғояти хашм Кассиоро дар назар дошта мегӯяд: «Оҳ, кошки он бешараф чил ҳазор ҷон медошт! Барои сер кардани интиқоми ман як ҷонаш бисёр ночиз аст».

Ҳамин тариқ, тарҷумаҳои устод Лоҳутӣ дар баробари нигоҳ доштани хусусияти услубии матнҳои асл рӯҳи бадеии адабиёти тоҷикро низ фаро гирифтаанд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Тарҷумаҳои устод Лоҳутӣ ба чанд гурӯҳ ҷудо мешаванд?
2. Адиб намоишномаҳои Шекспирро аз кадом забон тарҷума намудааст?
3. Образҳои намоишномаи «Отелло»-ро номбар кунед.
4. Барои чӣ Ягоро образи манфӣ меномем?
5. Чаро Отелло бо ин ҳама дӯстдорӣ Дездемонаро мекушад?
6. Тақдири минбаъдаи Отелло чӣ мешавад? Ин фоҷиа шуморо ба чӣ хулоса овард?

## ШЕЪРҲОИ ТОҶИКИСТОНИИ ЛОҲУТӢ

Шеърҳои тоҷикистонии устод Лоҳутӣ аз соли 1925, аз шеъри «Саройи тамаддун» оғоз меёбад ва баъдтар як қисми ин силсилаи шеърҳо бо номи «Шеърҳои тоҷикистонӣ» (1940) дар шакли китоби алоҳида ба табъ мерасад. «Саройи тамаддун», «Духтари инқилоб», «Одами оҳанпо», «Хар ва трактор», «Тоҷикистон шуд мунаввар», «Ман фарзанди як деҳқоне будам», «Хабар», «Тоҷу байрақ» аз беҳтарин асарҳои ин силсила буда, дар онҳо ҳаёту маишати халқи тоҷик тараннум ёфтаанд. Устод Лоҳутӣ аз шинохти аввал таваҷҷуҳи хонандаро ба решаҳои ҳазорсолаи фарҳанги мардуми тоҷик ҷалб менамояд:

Дар сарсутуну сардари айвону сақфи он
Бо хатти зар навишта ҳазорон катибаҳо.
Аммо сиёҳ гаштаву яксар шуда ниҳон
Дар зери дуд он ҳама осори пурбаҳо.
Ҳо, як китоби пора!
Бихонем аз ин китоб.
Шояд шавад падид, ки ин хона мулки кист...
Оҳ,
Ин бино тамаддуни тоҷик будааст,
Он хонае, ки нур фишондӣ ба коинот.

Шеърҳои тоҷикистонии Лоҳутӣ мувофиқи талаби замони шуравӣ ва сатҳи донишу ҷаҳонбинии мардуми заҳматкаш ба таври содаву оммафаҳм эҷод гардида, дорои хусусияти публитсистӣ ва тарғиботӣ мебошанд. Бинобар ин, ҳар кадом ба дили хонанда зуд роҳ ёфта, ӯро ба корномаҳо раҳнамун месозад. Соли 1929 ба ҷумҳурии иттифоқӣ табдил ёфтани Ҷумҳурии мухтори Тоҷикистонро Лоҳутӣ дар шеъри «Тоҷикистон» табрик мекунад.

Шеъри «Ба Тоҷикистон» соли 1939 ба муносибати 10-солагии Ҷумҳурии Шуравии Тоҷикистон эҷод гардида, эҳсосоти шоирро аз ин ҳодисаи фараҳбахш ба таври амиқ ифода менамояд:

Эй умеди дили рамидаи ман,
Қуввати дасту нури дидаи ман.
Ватани кору хонаи ишқам,
Табъи шеъру таронаи ишқам.
Ваҳ, чӣ рахшонӣ, эй шарораи сурх,
Ҷон фидои ту, эй ситораи сурх.
Бурҷи машриқ агарчи хонаи туст,
Лекин олам пур аз фасонаи туст.

Воситаҳои тасвир, ба монанди хитобаҳо, ташбеҳу истиора ва тавсифу муболиға ва махсусан се маротиба такрор ёфтани байти зерин, қувваи ифоданокии шеъри «Ба Тоҷикистон»-ро афзун гардондаанд:

Эй умеди дили рамидаи ман,
Қуввати дасту нури дидаи ман.

Таркибҳои ***умеди дили рамида, қуввати даст, нури дида*** таъкид бар он доранд, ки Тоҷикистон чун сарвати бебаҳо барои ҳар тоҷик басо азизу мукаррам аст.

Абулқосим Лоҳутӣ дар «Хабар», «Мо ранҷбарзодагонем», «Озодии занҳо», «Таронаи партизанӣ» «Духтари Тоҷикистон» аз шаклҳои нави шеърӣ, ки дар адабиёти русу Аврупо роиҷ буд, истифода кардааст. Масалан, таронаи «Духтари Тоҷикистон» аз шаш банди чаҳормисраӣ (қофияи ҳар банд ***а а б а***) иборат мебошад ва дар охири ҳар банд таркиби «Ҷони манӣ ту!» чун мисраи васила такрор мешавад:

Духтарак, эй духтарҷон,
Духтари Тоҷикистон,
Пахта ба фабрик додӣ,
Газвора кардӣ арзон,
Ҷони манӣ ту!

Такрори таркиби ***Ҷони манӣ ту!*** дар вазну қофияи алоҳида самимият ва ҷозибаи шеърро афзун намудааст.

Дар миёни шеърҳои тоҷикистонии Лоҳутӣ асарҳои калонҳаҷм низ ҳастанд, ки достони «Тоҷу байрақ» намунаи хуби онҳост. Ин асар назираи ҷавобия ба «Шоҳнома»-и безаволи Фирдавсӣ мебошад. Лоҳутӣ аз як лаҳзаи «Шоҳнома» иқтибос оварда, баъд дар ҳамон вазну қофия асари ҷолиби диққате меофарад, ки дар ҳашт боби он масъалаи нангу номуси инсонӣ дар шароити нави таърихӣ ба тасвир омадааст.

Қаҳрамони «Шоҳнома» Баҳроми гурд[1] баҳри ба даст овардани тоҷи подшоҳӣ, ки дар майдони душман ба замин афтида буд, ҷонбозиҳо мекунад ва оқибат тоҷро ба даст даровroutа, шарафу номуси инсонӣ ва ватандориро ба ҷо меорад. Дар достони «Тоҷу байрақ» чунин корнамоиро Ориф дар майдони меҳнат ба ҷо меорад. Ориф чун сардори гурӯҳи пахтакорӣ ба воқеаи аз даст додани байрақи шараф муросо карда наметавонад ва шабу рӯз мардона талош меварзад, то гурӯҳи ӯ аз нав ба байрақи шараф соҳиб гардад.

Дар «Тоҷу байрақ» руҳи мутантани тасвири «Шоҳнома» нигоҳ дошта шудааст. Симои Ориф бо тавсифу ташбеҳ ва муболиғаҳои фирдавсиёна дар пеши назари хонанда чун паҳлавони қавиҳайкали майдони кор тасвир меёбад:

1 Гурд — паҳлавон, далер.

Диловар биёмад ба кирдори бод,
Чу кӯҳе дар он пахтазор истод.
Баровард дасти ялӣ з-остин,
Шигифто, ки оташ бишуд пахтачин!
Гули пахтаҳоро чунон пай ба пай,
Ба доман ҳамерехт он некпай,
Ки гуфтӣ, зи ҳар гӯшаи осмон
Фитод ахтарон дар дили Каҳкашон.

Симои Орифро дигар иштирокдорони асар, аз ҷумла модари ӯ, тақвият медиҳанд. Муколамаи Ориф ба модараш хеле пурҳаяҷон ва муассиркунанда буда, боиси афзунии руҳи маърифатии асар гардидааст. Бубинед, истифодаи санъати ташхис сухани Орифро чи қадар ширину дилнишин намудааст:

Мабодо, ки ман дер монам ба хоб,
Ба бистар бубинад маро ***офтоб.***
Мадеҳ фурсат, эй модари пурҳунар,
Ки ***хуршед*** хезад зи ман зудтар.

Дар достони «Тоҷу байрақ» дар баробари баҳри мутақорибi мусаммани маҳфуз (ё мақсур) вазнҳои дигари шеърӣ низ истифода шудаанд. Лоҳутӣ вазъият ва ҳолати руҳии фотеҳони саҳроро ба воситаи чанд суруд, ки вазну қофияи дигар доранд, нишон медиҳад ва бо ин иқдоми худ имконияти васеи арӯзи тоҷикиро дар эҷоди бадеӣ таъкид менамояд:

Суруде, ки ҳар ранҷбар месуруд,
Дар он базми имрӯзӣ ин гуна буд:
Шуд бахти саркаш роми мо,
Омад зафар дар доми мо.
Пур шуд ҷаҳон аз номи мо,
Мо фотеҳем, мо фотеҳем...

Ҳамин тариқ, Лоҳутӣ дар ифодаи ғояи ватандорӣ ва ҳифзи номусу шарафи инсонӣ дигар мафҳуми муқаддас – байрақро чун воситаи тасвир қарор дода, бо ҳамин меҳнати бунёдкоронаро чун сарчашмаи асосии хушбахтии инсоният тараннум кардааст. Умуман, шеърҳои тоҷикистонии шоир маҳсули сафарҳои ӯ

ба минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон буда, вазъияти иҷтимоӣ ва фарҳангии мардуми тоҷикро дар нимаи аввали асри XX равшану возеҳ инъикос менамоянд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Чаро «Шеърҳои тоҷикистонии Лоҳутӣ» мегӯянд?
2. Барои чӣ Лоҳутӣ ба Тоҷикистон таваҷҷуҳи махсус дошт?
3. Оид ба ашъори ба мавзуи Тоҷикистон бахшидаи Лоҳутӣ маълумот диҳед.
4. Шумо аз мутолиаи достони «Тоҷу байрақ» ба чӣ хулоса омадед?
5. Образи Ориф ба образи Бахром (аз «Шоҳнома») чӣ монандӣ дорад?
6. Мавқеи образи модарро дар «Тоҷу байрақ» шарҳ диҳед.

## ЛИРИКАИ ИШҚӢ ВА СУРУДҲОИ ЛОҲУТӢ

**Васфи муҳаббат**

Мавзуи ишқу муҳаббат дар эҷодиёти Лоҳутӣ мавқеи арзанда дорад ва тамоми давраҳои эҷодиёти шоирро ба ҳам мепайванданд.

Ин мавзуъ дар тамоми ашъори гуногунжанру гуногунҳаҷми шоир мушоҳида шавад ҳам, бештар дар жанрҳои ғазал ва рубоӣ инъикос гардидааст.

Лоҳутӣ аз аввалин ғазалҳои ишқии худ анъанаи ғазалсароёни адабиёти классикиро бомуваффақият давом додааст. Мафҳумҳои ***чашм, хол, зулф, абру, мижа, чеҳра, лабу дандон***, ки дар ғазалиёти гузаштагон заминаи асосии тасвир буданд, дар ғазалиёти Лоҳутӣ низ ба таври васеъ истифода мешаванд:

Тоири доми туву сайди гирифтори туам,
Зулфу холи ту яке дому яке донаи мост.
Дили Лоҳутӣ агар з-оташи савдост кабоб,
Ошиқи сӯхтаи наргиси мастонаи мост.

Баробари такмили услуби фардии эҷодиёти Лоҳутӣ ашъори ишқии ӯ низ хусусияти хос касб мекунад. Баъдтар дар ғазалиёти ишқии шоир дар қатори тасвирҳои анъанавии душвориҳои ишқу нокомиҳои ошиқ, бераҳмӣ ва нозу карашмаи маъшуқа, сӯзу гудози ошиқ дар фироқи ёри бевафо, зории дил, умеди висол... афкори

сиёсиву иҷтимоӣ, озодихоҳӣ ва тарбиявию ахлоқии ӯ низ инъикос меёбанд. Ҳатто, баъзан, ҳиссиёти ошиқонаи қаҳрамони лирикиро аз паҳлуҳои дигари андешаҳои ӯ ҷудо кардан имкон надорад. Дар ғазали «Ошиқам, ошиқ ба рӯят», аз як тараф, сӯзу гудози ошиқи ноком ва, аз тарафи дигар, сӯзиши дил ва вафодории шоир нисбат ба ватанаш – Эрон ифода меёбад:

Ошиқам, ошиқ ба рӯят, гар намедонӣ, бидон,
Сӯхтам дар орзуят, гар намедонӣ, бидон.
Бо ҳама занҷиру банду ҳилаву макри рақиб,
Хоҳам омад ман ба кӯят, гар намедонӣ, бидон.
Ҳеҷ медонӣ, ки ин Лоҳутии овора кист?
Ошиқи рӯйи накуят, гар намедонӣ, бидон.

Мавзуи ишқу муҳаббат дар лирикаи Лоҳутӣ дар Иттиҳоди Шуравӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистон, мавқеи калон пайдо мекунад. Ашъори лирикии шоир ниҳоят самимӣ, пуробуранг буда, ба хонанда қуввату руҳ мебахшад, ӯро бо покиву садоқат, боварию устуворӣ ва лаззату ҳаловат бурдан аз зебоиҳои зиндагӣ ҳидоят менамояд. Мисли ғазали зерин ғазалҳое, ки сар то по аз сӯзу гудоз ва арзу ниёзи ошиқ иборат буда, ба хонанда завқи эстетикӣ ато намоянд, дар эҷодиёти шоир кам нестанд:

Имшаб андар хонаам шамъи қадди ҷонона нест,
Сад чароғ ин ҷост, аммо равшанӣ дар хона нест.
Ҷонфишониҳою кӯшишҳои ман дар роҳи ёр
Достони ишқи таърихӣ бувад, афсона нест.

Бархе аз ғазалҳои ишқии шоир заминаи воқеӣ дошта, таҷассумгари ҳаёти оилавии ӯ мебошанд. Лоҳутӣ дар Иттиҳоди Шуравӣ соли 1930 хонадор мешавад ва минбаъд муҳаббату садоқати ҳамсараш Ситсилия Бону[1] манбаи илҳоми шоир мегардад. Дар шеъри поён баъди фироқи тулонӣ умеди дидори ёр ба Лоҳутӣ ба дараҷае шодиовар аст, ки ӯ бемории худро фаромӯш намуда, дар фасли тирамоҳ «лаззати навбаҳор»-ро эҳсос мекунад. Махсусан, ташбеҳоти шоир, ки фарзандонашро[2] ба ситораҳо, мо-

1 Ситсилия Бенсиановна Хейфитс, бо тахаллуси Бону (1911–2003), шоира ва тарҷумони рус, ки баъди хатми курси шарқшиносии ш. Киев ба Осиёи Миёна омада дар соҳаи адабиёт ва фарҳанги тоҷик фаъолият мекунад.

2 Устод Лоҳутӣ падари чор фарзанд – ду писару ду духтар мебошад.

дари онҳоро ба моҳи миёни ситораҳо ва худро ба моҳи гирифта[1] монанд мекунад, басо дилнишину ибратбахш ифода шудаанд:

Имрӯз ба пеши ёр рафтам,
Бо ҳолати беқарор рафтам.
Бетоб шудам, чунонки дар раҳ
Бар гардани дил савор рафтам...
Бо он, ки шуруи тирамаҳ буд,
Бо лаззати навбаҳор рафтам.
Ӯ моҳи даруни ахтарон буд,
Ман моҳи гирифтавор рафтам.

Умуман, тасвирот дар ашъори ишқии устод Лоҳутӣ ба дараҷае муассир ва мафтункунанда мебошад, ки байтҳои алоҳидаи ғазалиёти шоир ба пояи баланди суханварӣ расида, чун мисоли зерин, ҳукми шоҳбайтро гирифтаанд:

Арзандатар аз ишқ дар олам гуҳаре нест,
Покиза бидораш, ки ба ҳастӣ сабаб аст ин.

**Сурудҳои Лоҳутӣ**

Сурудҳои устод Лоҳутӣ бо ду роҳ арзи вуҷуд кардаанд. Аввалан, қисми ашъори руҳбахши шоир, махсусан ғазалҳои шӯху дилнишини ӯ, ки бо мусиқӣ тавъам мебошанд, минбаъд ба оҳанг дароварда шудаанд. Намунаи чунин шеърҳо «Тоҷикистон шуд мунаввар», «Боз ҳам ёр ба рақс омадааст», «Ошиқам, ошиқ ба рӯят», «Охир, эй маҳ, ҳалок шуд дили ман», «Парвона медонад» мебошанд, ки баъдтар чун суруд истифода шудаанд.

Дувум, ашъоре, ки ҳамчун суруду тарона эҷод шудаанд. Дар эҷодиёти Лоҳутӣ мавқеи муҳим доштани суруду таронаро чунин далел ҳам собит месозад, ки шоир ба ин жанри адабӣ «Таронаҳо» (1935), «Сурудҳои мусаллаҳ» (1942), «Сурудҳои ҷанги Ватанӣ» (1943) ном китобҳо ба табъ расонидааст.

Сурудҳои Лоҳутӣ дар мавзуъҳои таърихӣ, инқилобӣ, сарбозӣ, ишқӣ, ҳаёти оилавӣ, муҳаббат ба Ватан, бачагон, меҳнати бунёдкорона эҷод гардидаанд. Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ як

1 Моҳи гирифта – моҳе, ки нуқс дорад ва рӯшноиаш хира аст.

силсила сурудҳои ватанхоҳии шоир ба вуҷуд омадаанд, ки ба як ҳисси баланди меҳанпарастӣ ва душманбадбинӣ таълиф гардиданд. Дар сурудҳои «Даррандагонро бизанем», «Суруди ҷангии ҷавонон», «Марши ваҳдат», «Хасми башар», «Тарона», “Гитлер ва фашизми Германия”, ки Иттиҳоди Шуравиро ба ҷанг кашидаанд, ба ҳайвони дарранда, гурги одамхор, ваҳшиёни манфур ва муборизони роҳи озодӣ ба авлоди Рустам, барқи сӯзон ва уқёнуси нооором нисбат дода мешавад:

Хасми башар ҳамлавар шуд,
Рӯйи замин пуршарар шуд.
Панҷа ба хун зад
Гурги фашизм,
Зиндагии халқ дар хатар шуд...
Дил бичӯшид,
Хашми мо аз ҳад бадар шуд,
Теғи мо аз барқи сӯзон
Тезтар, тезтар шуд.

Ҷанбаи халқии сурудҳои Лоҳутӣ пурқувват буда, як қатор суруду таронаҳои шоир аз назми шифоҳии тоҷик ғизо гирифтаанд. Масалан, суруди «Алла»-и шоир чун сурудҳои «Алла»-и халқӣ орзую умеди модар ба ояндаи фарзанд ва солиму бардам ба вояи расидани тифлро ифода мекунад. Дигар шоирони тоҷик низ суруди «Алла» эҷод кардаанд, аммо «Алла»-и Лоҳутӣ намунаи беҳтарини сурудҳои «Алла» ва, умуман, назми бачагонаи тоҷик ба шумор меравад.

Оҳангсозе аз устод Лоҳутӣ хоҳиш мекунад, ки дар ҳавои байти халқии:

Ёр аз дили ман хабар надорад,
Ё оҳи дилам асар надорад.

шеъре гӯяд. Устод ғазали 9-байтиро бо матлаи:

Ҷуз ишқ ҷаҳон ҳунар надорад,
Ё дил ҳунари дигар надорад?

меофарад. Ин ғазал бо оҳанги дилрабою гӯшнавозаш чун сурудҳои «Бути нозанинам», «Ёри масчоҳӣ», «Ханҷари заҳмат»,

«Эй дил, эй дил» ва ғайра то ҳол гулбоғи санъати тоҷикро оро медиҳад.

Ҳамин тариқ, устод Лоҳутӣ дар таърихи адабиёти давраи нави тоҷик мақоми басо арзанда ва ифтихорӣ дорад. Устод чашмаи хушкнашавандаи ашъори форсӣ буд ва чун насими фараҳбахши пагоҳӣ ба назми тоҷик руҳи тоза бахшид. Номи устод Лоҳутӣ тавассути тарҷумаи ашъори оташбораш дар ҷаҳон шуҳрат ва эътибор пайдо кардааст. Ба гуфти Мирзо Турсунзода, «Лоҳутӣ шоири мубориза роҳи озодӣ буд ва то нафаси охирин чун мубориз зиндагӣ кард».

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Чаро мавзуи ишқ дар ҳама давраҳои эҷодиёти шоир мавқеи сазовор дорад?
2. Ғазали «Имрӯз ба пеши ёр рафтам»-ро аз ёд карда, мазмуни онро шарҳ диҳед.
3. Сурудҳои Лоҳутӣ маҳсули кадом давраи эҷодиёти шоир мебошанд?
4. Оид ба мавзуъҳои сурудҳои Лоҳутӣ маълумот диҳед.
5. Кадом суруду таронаҳои шоирро аз ёд медонед?
6. Оид ба мақоми шоир дар адабиёти тоҷик маълумот диҳед.

## САВОЛИ ТЕСТӢ

1. Байти зерин ба кадом шеъри устод Лоҳутӣ тааллуқ дорад?

Эй умеди дили рамидаи ман,
Қуввати дасту нури дидаи ман.

А) «Кӯҳ ва ойина»;
Б) «Чамани сӯхта»;
В) «Дар Калкатта»;
Г) «Ба Тоҷикистон»;
Ғ) «Духтари инқилоб».

2. Намоишномаҳои «Отелло», «Ромео ва Ҷулетта» ва «Шоҳ Лир»-и Шекспир аз тарафи кадом адиб тарҷума шудаанд?

А) Пайрав Сулаймонӣ;
Б) Ҳабиб Юсуфӣ;
В) Абулқосим Лоҳутӣ;
Г) Мирзо Турсунзода;
Ғ) Абдусалом Деҳотӣ.



# ПАЙРАВ СУЛАЙМОНӢ

***(1899 – 1933)***

**Ҳолнома**

Отаҷон Пайрав Сулаймонӣ адиби навовар ва бомаҳорати нимаи аввали садаи XX ба шумор меравад. Ӯ 15 апрели соли 1899 дар кӯчаи Ҳавзи Рашиди шаҳри Бухоро дар оилаи Абдукаримҷон ном савдогари машҳур ба дунё омадааст. Навзодро ба хотири бобояш Сулаймон ном мегузоранд. Бинобар ин, ӯро Отаҷон низ меномиданд.

Отаҷон дар синни 5-солагӣ ба мактаб меравад. Аз соли 1911 то соли 1914 дар мадрасаи ибтидоии форсии шаҳри Марв ба омӯзиш машғул мешавад. Ӯ солҳои 1914–1916 дар назди муаллимони хусусӣ забони русӣ меомӯзад ва солҳои 1916 – 1918 дар мактаби русии Когон таҳсил менамояд. Дар ҳамин солҳо забонҳои ӯзбекӣ, туркӣ, озарбойҷонӣ ва тоториро низ аз худ карда буд.

Баъди воқеаи Колесов Пайрав дар муддати якуним сол ба таври махфӣ хонанишин буд. Дар ин муддат ба омӯхтани мероси бойи адибони классикии форсу тоҷик, чун Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Абуалӣ ибни Сино, Низомӣ, Умари Хайём, Саъдӣ ва Ҳофиз ҷиддан машғул шуда, худ ба шеърнависӣ мепардозад.

Пайрав соли 1920 шоҳиди инқилоби Бухоро гардида, соли 1921 ҳамроҳи тағояш – Ҳошим Шоиқ[1] ба Афғонистон сафар намуд. Солҳои 1923–1924 шоир дар Машҳад буд ва баъд ба Бухоро баргашта, ба кори эҷодӣ машғул гардид. Соли 1930 ба Сталинобод омада, дар Нашриёти давлатии Тоҷикистон ба кор даромад. Шоир соли 1931 ба Самарқанд рахти сафар баст ва дар ҳамон ҷо 9-уми июни соли 1933 ин ҷаҳонро падруд гуфт. Ҷасади шоири ҷавонмаргро дар мазори Шоҳи Зинда ба хок супурданд. Марсияи устод Айнӣ дар вафоти Пайрав ҷонгудоз ва дардовар аст:

1 Ҳошим Шоиқ (1883–1954) – шоири хуштабъ ва бофазли замони худ буд.

Пайрав, ки яке шоири шуроии мо буд,
Сад ҳайф, ки дар айни ҷавонӣ зи миён рафт.
Дар даҳр баҳор асту хазон аст, валекин,
Афсӯс тавон хӯрд бар он гул, ки ҷавон рафт.
Аз маҳфили аҳбоб дар ин мотами ҷонсӯз,
То абри сияҳ дудсифат оҳу фиғон рафт...
Сад Пайрави комил ивази он бирасонем,
Як Пайрави наврастаи мо гар зи миён рафт.

**Мероси адабӣ**

Фаъолияти эҷодии Пайрав кам давом карда бошад ҳам, аз шоир мероси гаронбаҳо ба ёдгор мондааст. Яке аз аввалин шеърҳои шоир бо номи «Бародари ҷонӣ» соли 1916 эҷод гардида, ба духтури чех Йозеф Аул (1894–1956) бахшида шудааст. Аз мақтаи ин ғазал бармеояд, ки шоир тахаллуси худро ҳанӯз айёми ҷавонӣ интихоб намудааст:

Гӯ, ки Пайрави бедил, монда пойи ӯ дар гил,
Мисли мурғи нимбисмил монда дар қафас нолон.

Дар давраи зиндагии шоир ду маҷмӯааш бо номҳои «Шукуфаи адабиёт» (1931), «Шеърҳо» (1932) ва достони «Тахти хунин» (1931) ба табъ расидаанд. Баъди вафоти Пайрав маҷмуаҳои ӯ бо номҳои «Қадам ба панҷсолаи дувум» (1934), «Маҷмуаи шеърҳо» (1934, 1941, 1949), «Ба зарбдор» (1936), «Асарҳои мунтахаб» (1954), «Маҷмуаи осор» (1959), Девон (1971) чоп гардидаанд. Соли 2006 Куллиёти Пайрав (тартибдиҳанда Хуршеда Отахонова) ба табъ расид, ки эҷодиёти адибро ба таври мукаммал фаро гирифтааст. Дар Куллиёт 122 шеър, 3 достон, намунаҳои наср (ҳикояи «Гуландом», порча аз «Ишқи духтари Чингиз»), номаҳо ва тарҷумаҳои адиб ҷойгир шудаанд.

**Муҳтавои ашъор**

Ашъори Пайрав Сулаймониро ба ду давра ҷудо кардан мумкин аст. Давраи аввал шеърҳои шоирро то соли 1924 дар бар мегирад. Ашъори ин давраи суханвар ба жанрҳои суннатии ғазал, қасида, мустазод ва қитъа тааллуқ дошта, асосан ба мавзуи ишқ бахшида шудаанд. Шоири ошиқ дар шеърҳои «Бок нест», «То кай», «Шаби ҳиҷрон бо хаёли ҷонон», «Чӣ шуд, ки?..», «Фироқнома» моҷарои ишқи инсониро табиӣ ва дилкаш ифода на-

мудааст. Дар шеъри «Фироқнома», ки аз 37 байт иборат аст, ҳусну ҷамоли маҳбубаи сарбаланд ва ҳолати ногувори ошиқи хастадил бо тамоми рангомезӣ тасвир ёфтааст. Забони ширадор, вазну қофияи солим, санъатҳои ташбеҳу истиора, талмеҳу муболиға ва тавсиф ба матн қувваи баланди ифоданокӣ ато намудаанд:

Оҳу фиғон кашидаму гуфтам, ки дӯстон,
Ҳастам асири духтари Чингизи хунхор.[1]
Фарёд аз он ду наргиси ҷодуи дилфиреб,
Эй вой аз он карашмаи чашмони пурхумор!
Абрӯйи теғдораш бар қалб ҷойгир,
Мижгони обдораш бар сина ҷойдор.

Пайрав чашмони ёрашро ба ду наргиси ҷодуи дилфиреб монанд мекунад, абрӯйи дилдорро теғдору мижгони ӯро обдор меномад ва хеле муболиғаомез қувваи сеҳрноки нигоҳи маҳбубаро васф менамояд. Дар тасвири шоир нигоҳи ҳазор ғизоли зебочашм қувваи як нигоҳи сеҳрангези маҳбубаро надорад. Чунин тавсифҳои дилнишину мафтункунанда дар дигар шеърҳои давраи аввали эҷодиёти шоир фаровон мушоҳида мешаванд.

Давраи дуюми эҷодиёти Пайрав ба солҳои 1925 ва минбаъда тааллуқ дорад. Дар ин давра дар мавзуъ, мундариҷа ва услуби баёни ашъори шоир тағйироти куллӣ ба амал омад. Дар шеърҳои лирикӣ, чунонки аз шеъри «Интихоби маъшуқ» (1925) бармеояд, қаҳрамони лирикӣ болидахотиру қаноатманд аст:

Шӯхам ба қасди қатли асирон итоб кард,
Қурбони ӯ шавам, ки маро интихоб кард.

Дар ашъори ин давраи Пайрав вобаста ба талаботи замон мавзуъҳои танқиди замони амирӣ, озодии занон, байналхалқӣ, муносибатҳои иҷтимоии ҷомеа, табиати пурсахои Ватан мавқеъ пайдо мекунанд. Шоир дар баробари жанрҳои суннатӣ аз шаклҳои нави шеърӣ истифода мекунад ва ба таълифи чанд достон низ муваффақ мешавад.

Шеърҳои «Шукуфаи ирфон ё худ озодии занони Шарқ», «Ба шарафи қиёми занони Шарқ», «Асира ё худ исён» ба занон ва

1 Духтари Чингиз — ишора ба Нина ном тотордухтар аст, ки шоир ба ӯ ошиқ буд.

мавқеи иҷтимоии онҳо бахшида шудаанд. Шеъри «Асира ё худ исён» аз нуҳ банди чаҳормисраӣ иборат буда, дар он тарзи қофияи аз назми русӣ омада (абба, аабб) истифода шудааст. Дар ин шеър як лавҳаи фоҷиавии занону духтарони тоҷик дар даврони амирӣ ба воситаи оҳангу задаҳои мантиқӣ, ифоданокии таркибҳои забонӣ, нидоҳои хитобию саволӣ ва пасту баланд шудани овоз манзури хонанда мегардад:

Раъша дар ҷисму пайкарам афтод...
Аҷабо!
Ин чӣ саҳнаи мудҳиш?
Чист афтода?
Духтаре мадҳуш...
Ҳамла оварда кист, ҳон?
Эй дод!!!
Дев!
Ифрит!
Ваҳшии хунхор!..
Чеҳраашро ба хок мемолид,
Бо садои гирифта менолид:
– Ку даҳо?!
Ку ҳимоя?!
Ку имдод?!
Ку тараҳҳум?
Хароб шав!
Барбод!

Чунин навпардозӣ ва тозакориҳо дар дигар навъҳои ашъори шоир ҳам бармало мушоҳида мешавад.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Пайрав Сулаймонӣ кай, дар куҷо ва дар чӣ гуна муҳити хонаводагӣ ба дунё омадааст?
2. Пайрав дар кадом мактабҳо таҳсил намуд ва чанд забонро медонист?
3. Оид ба зиндагии минбаъдаи шоир чӣ медонед?
4. Марсияи устод Айниро ба марги Пайрав аз ёд кунед.
5. Кадом маҷмуаҳои адибро медонед?
6. Чаро ашъори Пайрав ба ду давра ҷудо мешавад?

7. Шеърҳои ба жанрҳои суннатӣ навиштаи шоирро ном баред.
8. Дар шеъри «Асира ё худ исён» чӣ навигарӣ мушоҳида мешавад ?

## НАКУҲИШИ ЗУЛМУ ИСТИБДОД

Дар ашъори гуногунмавзуи шоир зулму истибдод ва поймолкунии ҳуқуқи инсон мазаммат мешавад. Ин ҳолатро дар шеърҳои «Ду ҳуҷум», «Якуми Май ва МОПР»[1], «Ба тахтнишин», «Як қурбонии кӯчаи буржуазии Аврупо» равшан мушоҳида кардан мумкин аст.

**«Як қурбонии...»**

Дар шеъри «Як қурбонии кӯчаи буржуазии Аврупо» беқадрӣ ва беҳуқуқии инсони меҳнатӣ дар ҷомеаи сармоядорӣ ба тасвир омадааст. Ин шеър бо тасвири симои зоҳирии зани сарсону саргардон ва беҳолу бемадор дар фасли зимистон оғоз меёбад:

Бо сару пойи бараҳна фасли зимистон
Пираҳани пора-пора пӯшида бар тан,
Хаставу бемору бемадор яке зан
Дар бағал андар гирифта кӯдаки гирён...

Пайрав дар бандҳои минбаъда сабабҳои ба ин вазъият гирифтор шудани зан ва ҳолати руҳии ӯро ба воситаи унсурҳои тасвир, монанди таҷнис, тазод, хитоб ва махсусан тавсиф (хаставу бемору бемадор, бекасу беёру бемакону бепарастор, дилфигору парешон) нишон медиҳад. Зан, кӯдаки гуруснааш дар бағал, навмедона аз кӯчае мегузарад, ки чашмаш ба бинои мунаққашу шишакории «ошхонаи кафешантан» меафтад. Аз девори шишакорӣ манзараи айшу ишрат ва дастархони пурнозу неъмат равшан намудор буд. Зани бечора ба ин манзара хомӯшона менигарист, вале кӯдаки гурусна тоқат надошт:

Кӯдак чашмаш чу ба таом бияфтод,
Аз алами гуруснагӣ ба шиша дарафтод.
Модараш оғоз кард зорию фарёд,
–Мусю, як луқма гӯшт!
Мистирис, нон!

1 МОПР — ташкилоти байналхалқии ёрирасон ба муборизони инқилобӣ.

Воқеа торафт шиддат мегирад. Полиси шаҳр аз доду фарёди кӯдак дар ғазаб шуда, занро лагадкӯб мекунад. Аз зарби лагад кӯдак аз дасти модар афтида нобуд мешавад. Банди ҷамъбастии шеър басо риққатовар ва пурсӯз аст:

Хӯрд сари ӯ ба санги сахти сари роҳ,
Мағзи сараш пош-пош гашт ба ҳар ҷо.
Мӯйканон модар уфтод, ки:
– Эй воҳ!
Тифлаки бечораам талаф шуда.
Қурбон!

Шеъри «Як қурбонии кӯчаи буржуазии Аврупо» аз 10 банди чаҳормисраӣ иборат аст. Пайрав Сулаймонӣ дар ин шеър ба воситаи нидоҳо, муроҷиатҳои хитобӣ, такрор, таҷнис, тавсиф ва калимаҳои ҳамовоз (Хӯрд ***сари ӯ ба санги сахти сари*** **роҳ**) ифоданокии шеърро боз ҳам афзун мегардонад ва нисбат ба гурӯҳҳои мухталифи ҷомеа ҳам раҳму шафқат ва ҳам нафрату бадбиниро бедор мекунад.

**«Тахти хунин»**

Пайрав Сулаймонӣ достонҳои «Тахти хунин», «Ҷумҳурияти Тоҷикистон ва матбуоти ранҷбари тоҷик» ва асари нотамоми «Манораи марг» низ дорад, ки ҳар се дар жанри маснавӣ (аа, бб, вв...) эҷод гардидаанд. Достони «Тахти хунин» (1931) аз оғоз ва ҳашт боб иборат аст ва, чунонки худи шоир ишора кардааст, дар он манзараҳои истибдоди[1] охирин амири сулолаи манғитияи Бухоро – Олимхон (1880 –1946) тасвир гардидааст. Дар оғоз макони воқеа нишон дода мешавад. Аз ифодаҳои пайдарпайи тазодиву маҷозӣ дар баробари намуди зоҳирӣ маркази зулму истибдод ва қатлу ғорат будани қасри подшоҳӣ равшану возеҳ эҳсос мешавад:

Дар миёнаҷойи боргаҳ ба ҳашам[2]
Тахти сангин ситода мустаҳкам.
Ранги ӯ ранги гулгуни сиёҳ,
Нест гулгун, балки хуни сиёҳ.
Зери ӯ чорпояи пӯлод,
Назди ҳар поя буд як ҷаллод.

1 Истибдод — худсарӣ, худкомӣ, ҳукмронии ба сари худ.

2 Ҳашам — дабдаба, шукӯҳу ҷалол.

Шоир ба воситаи калимаҳои ***хун, сиёҳ, ҷаллод, шамшер, гург, ханҷар*** ва санъатҳои бадеии такрору тавсиф моҳияти ҳақиқии ин қасри зоҳиран боҳашамату ботинан даҳшатнокро ошкор месозад.

**Образҳои асар**

Дар боби якум образи соҳиби ин тахти даҳшатбор – амир Олимхон тасвир меёбад. Симои образи асосӣ чунон ҳунармандона офарида шудааст, ки хонанда аз тасвир ботини даҳшатноку воҳимаангези ӯро бо тамоми ҳастӣ эҳсос мекунад. Санъатҳои ташбеҳ, тавсиф, такрор ва махсусан муболиға (аз нигоҳаш ба ларза сад Чингиз), хислатҳои ғайриинсонӣ ва ботини нопоки ин амири ситамгарро ҷамъбаст намудаанд. Ифодаҳои ***чашмони пурхун, абрӯвони хамидаи пурчин, лаби ташнаи хун, панҷаи хунрез ва мисли бабр нохуни тез доштан*** дар ифодаи мукаммали образ саҳм гирифтанд:

Рӯйи он тахтасанги пурдаҳшат
Буд биншаста марди бадҳайбат.
Чашмҳо хира-хираву пурхун,
З-он ҳувайдост қаҳру хашму ҷунун.
Абрӯвони хамидаи пурчин,
Чини ӯ сар кашида то ба ҷабин.
Риши хурмоирангу пурхаму тоб
Бар занах[1] печ хӯрда ҳамчу таноб.
Лаб ба хун ташна, панҷааш хунрез,
Бабрсон нохунаш даррандаву тез.
Синааш пур зи ҷавру зулму ситез,
Аз нигоҳаш ба ларза сад Чингиз...

Таркибҳои тафсилии **чашмҳои хира-хира, абрӯвони пурчини то ба пешона сар кашида, риши мисли таноб ба манаҳ печутобхӯрда** бо тобишҳои ҳаҷвии худ ҷаҳолати амирро боз ҳам бештар ошкор месозанд.

Образи дигари достон мири ғазаб мебошад, ки он ҳам асоси таърихӣ дорад. Қушбегии аморати Бухоро Низомиддинхӯҷа бо ҳаммаслаконаш моҳҳои март-апрели соли 1918 дастгоҳи нави одамкушӣ – ба ғарғара кашидани одамонро «ихтироъ» мекунад. Амир Олимхон барои ин «хидматаш» ба ӯ «мири ғазаб» ном

1 Занах — манаҳ, зери манаҳ.

мениҳад, ки маънои раиси ҷаллодонро дошт. Образи мири ғазаб дар бобҳои чорум ва панҷуми достон тасвир меёбад.

Мири ғазаб бо ифодаҳои такрор ба такрори каммазмун амирро васф мекунад. Вале дар суханони бетартибу каммазмунаш нисбат ба амир садоқату самимият ҳис намешавад. Пайрав Сулаймонӣ ба воситаи санъатҳои киноя, тазод, муболиға ва талмеҳ руҳи ҳаҷвии суханони мири ғазабро афзудааст:

Эй ба фармонат шаҳрҳо вайрон,
Фуқаро кӯ ба кӯю саргардон!
Эй ки бо як ишора, дар як он
Мамлакатро намуда гӯристон...
Эй ту бо амну сулҳ дорӣ ситез,
Эй ки паймонаат зи хун лабрез!

Таркибҳои киноявии авлоди поки шоҳи араб будан, дар олам шуҳрат афкандан, ташбеҳи ба гӯристон монанд кардани мамлакат ва муболиғаи ба як амр сад ҳазор фақир ҳалок намудан кулли хислатҳои манфури амирро ошкор месозанд.

Дар айни ҳол аз суханони мири ғазаб симои нафратовару ботини нопоки худи ӯ ҳам маълум мешавад. Мири ғазаб дар бераҳмӣ, ваҳшигӣ, ҷаллодӣ ва бадмастиву бадахлоқӣ аз амир камӣ надорад. Ӯ беибо назди амир аз қатлу ғоратҳояш ҳисобот медиҳад ва аз ин рафтори ваҳшиёнаи худ ифтихор ҳам мекунад:

Кӯдаконро ба кӯра дардодам,
Сӯз дар синаи падар додам.
Наъшҳо дар танӯр сӯзондам,
Чашмҳоро ба тир дӯзондам.
Дасту бинию гӯш буррондам,
Зинда-зинда ба гӯр гӯрондам.
Хун чун дар ҷӯйҳо равон кардам,
Даштро боғи арғувон кардам...

Дар боби ҳафтуми «Тахти хунин» образи намояндагони халқи мазлум мушоҳида мешавад. Инҳо шаш нафар аз нажоди кӯҳистонанд ва азбаски аз супурдани андози подшоҳӣ саркашӣ карданд, навкарон онҳоро дасту по баста назди амир овардаанд. Фақирони кӯҳистонӣ чунон «пиру ранҷуру хаставу беморанд», ки

ҳатто қувваи додхоҳӣ кардан ва ба пурсишҳо ҷавоб доданро надоранд. Шоир сабаби тарсӯӣ ва беҷуръатии фақирони кӯҳистониро дар мустаҳкам будани пояи зулм медонад:

Хостанд то зи шаҳ суол кунанд,
Додхоҳиву арзи ҳол кунанд.
Муштҳои қавии ҷаллодон,
Хӯрд бар фарқҳояшон чандон
Чашмҳо аз ҳадиқа[1] берун шуд,
Мағзҳо ҳар тараф парешон шуд.

Пайрав Сулаймонӣ дар ҳафт боби достон ба дараҷаи ниҳоӣ расидани ҷабру зулмро дар аҳди ҳукумати манғития нишон медиҳад. Дар боби хотимавии асар шоир бо қувваи халқи меҳнатӣ аз байн бурдани тахти хунини амир Олимхонро мухтасар тасвир мекунад ва бо ҳамин ғояи бебақо будани пояи зулм талқин мешавад.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Шоир дар кадом шеърҳо зулму истибдодро мазаммат мекунад?
2. Шеъри «Як қурбонии кӯчаи буржуазии Аврупо»-ро таҳлил намоед.
3. Пайрав чанд достон эҷод кардааст?
4. Дар тасвири образи Олимхон кадом воситаи тасвир истифода шудааст?
5. Оё мири ғазаб қаринаи воқеӣ (прототип) дорад?
6. Хусусияти ҳаҷвии асарро муайян намоед.
7. Дар бораи образи намояндагони халқ маълумот диҳед.

## САВОЛИ ТЕСТӢ

1. Таркибҳои чашмони пурхун, абрувони хамидаи пурчин, лаби ташнаи хун, панҷаи хунрез, нохуни тез (ифодакунандаи чеҳраи амир Олимхон) ба кадом асари Пайрав тааллуқ доранд?

   А) «Манораи марг»;
   Б) «Ду ҳуҷум»;
   В) «Фироқнома»;
   Г) «Асира ё худ исён»;
   Ғ) «Тахти хунин».

1 Ҳадиқа — косахонаи чашм.

# РОМАНТИЗМ

**Назарияи адабиёт**

**Романтизм** ва **реализм** чун истилоҳҳои адабӣ нимаи аввали асри Х1Х дар Аврупо пайдо шудаанд. Вале тасвирҳои романтикӣ ва реалистӣ диққати мутафаккирони ҷаҳонро аз давраҳои қадим ба худ ҷалб намудаанд.

**Романтизм** (фаронсавӣ – роман) чунин методи эҷоди бадеист, ки мувофиқи он ҳаёти воқеӣ дар асар, ба таъбири файласуфи немис В. Шеллинг (1755–1854), «на чунонки ҳаст, балки чунонки мебояд» тасвир мешавад.

Тасвирҳои романтикӣ дар осори адибони классикии форсу тоҷик ба воситаи ифодаи ғояҳои халқпарварона, шоҳи одилу афсонавӣ, асотир, ҳаёти шахсиятҳои барҷастаи таърихӣ ва ғайра фароҳам омадаанд. Баёни рамзиву тамсилӣ ва муболиғаомез чун усули истифодаи асарҳои романтикӣ дар адабиёти давраи нави тоҷик ҳам мавқеи муносиб дорад.

Дар достонҳои Низомӣ («Искандарнома»), Амир Хусрав («Ойинаи Искандарӣ»), Ҷомӣ («Хираднома Искандарӣ») образҳои подшоҳони одилу некукирдор ва халқпарвару хирадманд офарида шудаанд. Дар охири ин асарҳо мамлакати обод ва мардумони озод ба тасвир омадааст, ки дар ҷомеаи инсонӣ то ҳол чунин мамлакати идеалӣ вуҷуд надорад.

Дар образҳои Лайлӣ ва Маҷнун ахлоқи неку сидқу сафои қаҳрамонон ба таври романтикӣ тасвир ёфтааст. Дар достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Низомӣ чунин лаҳзаҳои хаёлие, ки ба хонанда таъсири амиқ мерасонанд, бисёранд. Маҷнуни шӯридадил, баъди он ки ҳама кӯшишҳои ӯ дар роҳи васли ёр бенатиҷа анҷом меёбад, рӯ ба саҳро меорад. Ӯ дар роҳ бо парандаҳо сухан гуфта, гавазну оҳувонро ба ивази аспу дигар доройяш аз банд озод мекунад. Дар ин тасвирҳо симои Маҷнун чун ошиқи содиқу инсони комил бо тамоми барҷастагӣ намоён мешавад. Барои ӯ озодии тамоми мавҷудоти зинда муқаддас аст. Маҷнун ба сайёде, ки оҳувонро дар банд карда буд, мегӯяд:

...Беҷон чӣ кунӣ рамидаеро?
Ҷонест хар офаридаеро!..
Дил чун диҳадат, ки барситезӣ,
Хуни ду-се бегунаҳ бирезӣ?

Он кас, ки на одамист, гург аст,
Оҳукушӣ оҳуе[1] бузург аст...
Гардан назанаш, ки бевафо нест,
Дар гардани ӯ расан[2] раво нест...

Маҷнун дар симои оҳу Лайлиро пеши назар меорад ва ин офаридаи зебои табиатро чун маҳбубааш самимона васф менамояд. Ғайр аз ин, тамоми воситаҳои тасвир барои ҳимояи ҳуқуқи инсон ва маҳкуми беадолативу беинсофӣ равона гардидааст. Дар ҳар як байт зиндагӣ ба марг муқобил гузошта шудааст. Сайёҳи бераҳм ба гурги дарранда ташбеҳ шудааст. Саволҳои пай дар пай, ташбеҳу истиора, таҷнису тавсиф барин санъатҳои бадеӣ ба хонанда дар маърифати зиндагӣ таъсири амиқ мерасонад.

Ҷанбаи романтикии достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Низомӣ дар боби «Унси Маҷнун бо вуҳуш ва сибоъ»[3] басо амиқ ба назар мерасад. Ҷавҳари баёнро дар ин боб тасвирҳои тамсилӣ ва ташхисӣ ташкил медиҳанд. Маҷнун баъди зиёрати гӯри падар боз рӯ ба саҳро мениҳад ва бо ваҳшиён ҳаёт ба сар мебарад. Ӯ бо ваҳшиён ошноӣ пайдо мекунад. Чун Сулаймон[4] ҳама фармонбардораш шуда, хислати дарандагиашонро фаромӯш мекунанд:

Шоҳиш ба ғояте расида,
К-аз хӯйи дадон дадӣ бурида.
Афтода зи меш[5] гургро зӯр,
Бардошта шер панҷа аз гӯр.
Саг бо харгӯш сулҳ карда,
Оҳубара шири шер хӯрда...
Аз хобгаҳаш гаҳе, ки хуфтӣ,
Рӯбоҳ ба дум замин бируфтӣ...

Мусофирон барои Маҷнун хӯрока меоварданд ва ӯ анвои хӯрокаро низ ба дӯстонаш қисмат мекард:

1 Оҳу — айб, нуқсон, хато.

2 Расан — таноб, ресмон.

3 Сибоъ — хайвони даранда, дад.

4 Сулаймон — шоҳ ва пайғамбар дар аҳди қадим, ки тамоми дарандагону парандагон мутеи ӯ будаанд.

5 Меш — гӯсфанд.

Як зарра аз он навола кардӣ,
Боқӣ ба дадон ҳавола кардӣ.

Маҷнун ба оҳуи майдаяке таваҷҷуҳи бештар дошт ва онро навозиш мекарду аз чашмонаш мебӯсид ва дар ин ҳолат аз чашми Лайлӣ ёд меовард. Низомӣ таъкид мекунад, ки хислатҳои неку амалҳои муносиби Маҷнун боиси ба вуҷуд омадани ҷомеаи намунавии ваҳшиён гардид. Аҳамияти маърифатии ин тасвири романтикӣ ҳам дар ҳамин аст.

**Моҳияти тасвирҳои романтикӣ**

Тасвирҳои романтикӣ хонандаро ба шавқу завқ оварда, диққати ӯро ба мундариҷаи асар бештар ҷалб мекунад. Бинобар ин, гоҳо адибон асарҳояшонро бо манзараҳои табиат ва дигар тасвирҳои ҷолиби романтикӣ ҳусни оғоз мебахшанд. Аз ин ҷиҳат, боби аввали романи «Дохунда»-и С. Айнӣ – «Дараи ниҳон» бисёр муассир аст. Дар ин боб манзараи табиии яке аз дараҳои кӯҳистони Ҳисори Шодмон, ки ишқи Ёдгору Гулнор аз он сарчашма мегирад, тасвир ёфтааст. Махсусан, тасвири чашмаҳои кӯҳии Дараи ниҳон дар фасли баҳор назаррабо ва мафтункунанда мебошад. Нависанда шаффофии ҷӯйчаҳоро ба ойина ва софии оби ҷӯйчаҳоро ба алмоспора монанд мекунад ва сабаби ин софкориро муболиғаомез «аз санг гузаронида» меномад: «Оби ин ҷӯйҳо чунон соф аст, ки гӯё аз санг гузаронида софкориаш карда бошанд, монанди алмоспора беғубор менамояд... Канор ва замини ин ҷӯйча аз сангпораҳо бино ёфтааст, ки ба сабаби шустушӯйи ҳамешагии об монанди ойина шаффоф шудааст».

Тасвирҳои бадеӣ ба хонанда завқи бадеӣ ва лаззати эстетикӣ бахшида, ӯро ба дарки амиқи фалсафаи зиндагӣ раҳнамун месозад.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Оид ба тасвирҳои романтикӣ ва реалистӣ маълумот диҳед.
2. Романтизм чун методи адабӣ кай пайдо шудааст?
3. Дар достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Низомӣ кадом лаҳзаҳои хаёлӣ тасвир ёфтаанд?
4. Мавқеи тасвирҳои тамсилиро дар боби «Унси Маҷнун бо вуҳуш ва сибоъ» нишон диҳед.
5. Чаро Маҷнун ба оҳуи майдаяке таваҷҷуҳи бештар дошт?
6. Барои чӣ устод Айнӣ романи «Дохунда»-ро бо тасвири чашмаҳои кӯҳистон сар кардааст?

# ҲАБИБ ЮСУФӢ

***(1916-1945)***



Ман на танҳо дил, тану ҷон ҳам фидоят мекунам,
То шавам чун қаҳрамонҳои ту ман ҳам қаҳрамон.

*(Ҳ. Юсуфӣ)*

**Роҳи ҳаёт**

Ҳабиб Юсуфӣ дар адабиёти тоҷик чун шоири нававар ва ҷанговар маълуму машҳур аст ва зиндагии кӯтоҳ насибаш гашта, ҳамагӣ 29 сол умр дидааст. Адабиётшинос ва мутарҷими варзида Раҳим Ҳошим аз хулқу атвор ва масъулиятшиносиву донишмандии ҳамсоя ва рафиқи даврони бачагиаш Ҳ. Юсуфӣ самимона ва бомуҳаббат ёдовар мешавад: "Бисёр ҷиҳатҳои истеъдоди навшукуфтаи ин ҷавони ҳалим, хушрафтор, пурдон ва ҳушманд, бо тамоми маънои мусбати шарқиаш боодоб ва эҳтиромкорро ҳанӯз пурра дарк накарда, аз вай ҷудо шудам." Чунин хислатҳои ҳамидаи шоири оянда, пеш аз ҳама, дар оила ташаккул ёфтааст. Шоир соли 1916 дар гузари Боғимайдони шаҳри Самарқанд дар оилаи шахси бомаърифат ва донишманд – ҳоҷӣ Юсуф ба дунё омадааст. Модараш ҳам зани босаводи мактабхон будааст. Ҳабиб солҳои 1925–1935 аввал дар мактаби миёна ва баъд дар Омӯзишгоҳи омӯзгории Самарқанд таҳсил мекунад. Соли 1940 Донишгоҳи давлатии Самарқандро бо баҳои аъло хатм мекунад ва ба Сталинобод ба шуъбаи тоҷикистонии Институти забон ва адабиёти Академияи илмҳои Иттиҳоди Шуравӣ ба кор меояд. Баробари оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ шоир тамоми фаъолияташро ба ҳимояи Ватан равона кард ва дар рӯзи аввали ҷанг «Аз ҳавою обу замин» ном шеър навишта ватандоронро бар зидди душман даъват намуд:

Ватан гирифта саросар намуди ҷанговар,
Биёр, шоири тоҷик, суруди ҷанговар.

Ҳабиб Юсуфӣ моҳи марти соли 1942 ихтиёрӣ ба сафи қувваҳои мусаллаҳ дохил гардид ва дар Пенза Омӯзишгоҳи ҳарбиро хатм карда, бо рутбаи лейтенантӣ командири батареяи миномётҳо таъйин шуд. Шоири ҷанговар дар муҳофизати шаҳри Ленинград, озод кардани Соҳили Балтик ва Лаҳистон[1] иштирок дошт ва барои шуҷоату мардонагӣ ба ордени Ситораи Сурх ва медали «Барои мудофиаи Ленинград» мукофотонида шуд.

Шоир дар майдони ҷанг ҳам шеър менавиштааст ва нақшаҳои эҷодии бисёр доштааст. Мутаассифона, ба Ватан баргаштан ба Ҳабиб Юсуфӣ муяссар нагардид ва ӯ 22 феврали соли 1945, ҳамагӣ чанд моҳ пеш аз анҷоми ҷанг, ҳангоми озод намудани деҳаи Вешкуви назди Варшава ба ҳалокат расид.

**Осори шоир**

Шеърҳои навмашқонаи Ҳабиб Юсуфӣ аз синни 17-солагӣ ба майдон омада, нахустин намунаҳои эҷодиёташ соли 1936 ба табъ расидаанд. «Таронаи Ватан» (1939) ягона маҷмуаест, ки ҳангоми дар қайди ҳаёт будани шоир ба табъ расидааст. Баъдҳо, «Маҷмуаи шеърҳо» (1949, 1962), «Роҳи нотамом» (1973) ва «Сатрҳои нотамом» (1987) ном маҷмуаи шоир дар ду китоб чоп шудаанд. Маҷмуаи «Сатрҳои нотамом» 85 шеъри гуногунжанр, 77 рубоӣ, ду достон[2] ва як қатор тарҷумаҳои Ҳ. Юсуфиро гирд овардааст.

Шеърҳои Ҳабиб Юсуфӣ ҳанӯз пурра ҷамъоварӣ нашудаанд. Махсусан, осори дар майдони ҷанг навиштаи шоир то ҳол маълум нест. Охирин шеъре, ки то ҳол ба дасти мо расидааст, «Лаҳзаи хурсандии ман» ном дорад ва соли 1943 ҳангоми мудофиаи Ленинград эҷод гардидааст. Дар ин шеър, ки аз 16 банди чаҳормисраӣ иборат аст, орзую умеди шоир ифода ёфтааст:

Ман ҳам аз ҷон азиз медорам
Офтобу баҳору бодаю ёр,
Бешазору ҳавои хушфорам,
Шеъри ҷанговару садои тор!

---

1 Лаҳистон — Полша.

2 Достони “Оби ҳаёт” ҳамроҳи С. Айнӣ, М. Турсунзода ва А. Деҳотӣ навишта шудааст.

Бузург аст орзу, умеди ман,
Гирам аз душманон қасоси мулк.
Пас зи ҷанговари замонашумул
Бинависам ба тоҷикӣ роман.

Ҳабиб Юсуфӣ мақолаҳои зиёди илмӣ низ навиштааст. Мақолаҳои «Пушкин ва Байрон» (1937), «Подшоҳи идрок ва озодӣ» (1939), «Боз якчанд калима дар бораи поэзияи имрӯзаи мо» (1940), «Барои поэзияи муносиби давр» (1940), «Баҳр дар пиёла» (1940), «Шеърҳои зиддифашистии Лоҳутӣ» (1941), «Шоири гениалии рус» (1941) ба масъалаҳои гуногуни адабиётшиносӣ ва нақди адабии давр бахшида шудаанд.

Як қисмати муҳимми эҷодиёти Ҳабиб Юсуфиро тарҷумаи бадеӣ ташкил медиҳад. Фаъолияти тарҷумонии адиб баробари фаъолияти шоирияш ҳангоми донишҷӯйӣ оғоз гардида буд ва ӯ бори аввал «Бандии Кавказ» ном достони шоири бузурги рус А. С. Пушкинро тарҷума кардааст. Шоир ҳамчунин ба тарҷумаи осори М. Ю. Лермонтов, Н. А. Некрасов, А. И. Крилов, Т. Г. Шевченко, В. В. Маяковский, Демян Бедний шуғл варзида, сатҳи тарҷумаи бадеиро дар адабиёти тоҷик баланд бардоштааст.

Тарҷумаҳои Ҳабиб Юсуфӣ нисбат ба ашъори шоир аз ҷиҳати ҳаҷм ду-се баробар зиёд мебошанд. Матни асарҳои тарҷумашуда ба нусхаи асл мувофиқати комил дорад. Дар айни ҳол ҳангоми тарҷума хусусияти назми тоҷик ҷиддан ба эътибор гирифта мешавад. Ба порчаи «Аллаи зани казак» ном шеъри Лермонтов ҳам дар асл ва ҳам дар тарҷума таваҷҷуҳ намоед. Асл:

Спи, младенец мой прекрасный,
          Баюшки – баю,
Тихо смотрит месяц ясный
          В колыбель твою.
Стану сказывать я сказки,
          Песенку пою,
Ты ж дремли, закрывши глазки,
          Баюшки – баю...

Тарҷума:

Алла кун, эй бачаи зебоякам,
          Алла гӯям, аллаё.
Моҳаки тобон нигарад нарм-нарм
          Сӯйи ту гаҳвора-ба.

Гуфта диҳам қиссаи зебову хуш,
Лек ту роҳат куну чашмон бипӯш,
Алла гӯям, аллаё...

Ҳабиб Юсуфӣ аз тарҷумаи ҳарф ба ҳарф ё калима ба калима парҳез кардааст. Ӯ калима ва таркибҳое ёфтааст, ки дар ифодаи маъно ва хусусияти услубии матни асл саҳми муносиб доранд. Ифодаҳои русии «стану сказыватъ» ва «в колыбелъ твою» чун таркибҳои «гуфта диҳам» ва «сӯйи ту гаҳвора-ба» тарҷума шудаанд. Ин таркибҳо ба забони гуфтугӯйии тоҷикӣ наздик буда, руҳи халқии асарро нигоҳ доштаанд. Ғайр аз ин, мутарҷим барои тарҷумаи шеъри мазкур баҳри рамалро (рукни аслиаш фоилотун: –V – –) интихоб кардааст, ки ба вазни хореи русӣ[1] (вазни «Аллаи зани казак») наздик аст.

Ҳамин тариқ, Ҳабиб Юсуфӣ умри зиёд надид, вале аз худ мероси гаронбаҳои адабӣ, тарҷумавӣ ва илмӣ ба ёдгор гузошт, ки ба воситаи он зиндаву ҷовид гардид.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Ҳабиб Юсуфӣ кай ва дар куҷо ба дунё омадааст?
2. Шоир кай ба майдони ҷанг рафт ва ба кадом рутбаи ҳарбӣ соҳиб шуд?
3. Ӯ дар дил чӣ орзу дошт ва чаро орзуҳояш амалӣ нашудаанд?
4. Маҷмуаҳои Ҳабиб Юсуфиро номбар кунед.
5. Дар бораи охирин шеъри ба мо расидаи Ҳабиб Юсуфӣ чӣ медонед?
6. Оё Ҳабиб Юсуфӣ мақолаҳои илмӣ низ дорад?
7. Дар бораи мавқеи тарҷума дар эҷодиёти Ҳабиб Юсуфӣ маълумот диҳед.

## АШЪОРИ ҲАБИБ ЮСУФӢ

Ҳабиб Юсуфӣ ҳам дар жанрҳои суннатӣ (чун ғазал, маснавӣ, рубоӣ) ва ҳам дар шаклҳои нави шеърӣ асар эҷод кардааст. Шеърҳои шоир ба мавзуъҳои Ватану ватандорӣ, зан ва мавқеи иҷтимоии он, ишқу муҳаббат, сулҳу дӯстӣ, кору фаъолият, накуҳиши ҷангу ҷангҷӯён ва васфи табиати зебои диёр бахшида шудаанд. Ватан барои Ҳабиб Юсуфӣ хазинаи илҳом, макони ишқу

---

1 Хорей — дар назми русӣ рукни дуҳиҷоӣ, ки ҳиҷои якумаш заданок мешавад.

ифтихор аст ва бо рангу бӯ ва таровати худ ба чаман шабоҳат дорад. Бинобар ин, тамоми ҳастии шоирро фаро гирифтааст:

Қалам ба даст бигирам, ки шеър бинвисам,
Забони ман зи ҳама бештар Ватан гӯяд.

Яке аз аввалин шеърҳои суханвар «Ишқи Ватан» (1936) ном дошта, дар шакли маснавӣ (қофияи аа, бб, вв...) эҷод гардидааст:

Зи ишқи Ватан ҷӯш дорад дилам,
Ба ҳарфи Ватан гӯш дорад дилам…

Дар ин шеър, ки аз 12 байт иборат аст, эҳсоси меҳанпарастӣ ба воситаи такрори калимаи ***Ватан*** ва дигар воситаҳои тасвири бадеӣ таъмин гардидааст. Махсусан, ташбеҳкунандаҳои ***модар***, ***боғ***, ***бӯстон*** ва ***ҷон*** моҳияти аслии Ватанро ба хонанда аён месозад. Санъатҳои талмеҳ ва таҷнис дар байти поён боиси мушаххасӣ ва заминаи воқеии тасвир гардидаанд:

Ҷаҳон даври ***Ковуси Кай***[1] дидааст,
Валекин чунин давра ***кай*** дидааст?

Калимаи ***кай*** агар дар мисраи аввал лақаби шоҳони Эрони қадим бошад, пас дар мисраи дуюм чун ҷонишини саволӣ истифода шудааст. Шоир ба замони тасвир эътибори ҷиддӣ медиҳад. Нимаи дувуми солҳои сӣ Ҳукумати Шуравиро хавфи ҳуҷуми душман таҳдид мекард. Бинобар ин, дар «Ишқи Ватан», «Ба Ватан», «Ватани дил», «Ба ҳар куҷот равам, дил диёри ман гӯяд» ном шеърҳои ватанхоҳонаи шоир масъалаи ҳимояи Ватан аз аҷнабиён гузошта шудааст.

Ватан дар эҷодиёти Ҳабиб Юсуфӣ маънои васеъ дорад. Дар оғӯши Ватан ҳазорон диёру шаҳр ғунҷидааст ва Тоҷикистон як ҷузъи он аст. Шоири тоҷик аз он ифтихор дорад, ки дар Ватани паҳновари ӯ дар як вақт табиати чор фасли сол мушоҳида мешавад:

Ман аҷаб, бас аҷаб Ватан дорам,
Як сӯяш офтобу як сӯ барф.

1 Ковуси Кай ё Кайковус — шоҳе аз қавми ориёиён, ки чун паҳлавон ва лашкаркаши бузург ном баровардааст.

Офтобаш дур(р) асту барфаш сим,
Баҳри тавсифи ӯ надорам ҳарф.

Ин тасвир, махсусан ба санги қиматбаҳои дурр монанд кардани офтоби Ватан ва ба сим (нуқра) ташбеҳ додани барфи Ватан басо ҷолиб мебошад.

Дар шеърҳои «Ман Ватанро беш аз ҳарвақта дорам дӯсттар» ва «Аз ҳавою обу замин» васфи Ватан боз ҳам муассиртар ба қалам омадааст. Зеро саршавии ҷанги мудҳиш Меҳанро дар хатар бигзошт ва барои рафъи ин хавф ишқи сӯзони ватандор ба ёру диёр зарур буд. Дар шеъри аввал ***Ватан*** чун паҳлавоне тасвир ёфтааст, ки ҳангоми муҳориба бо рақиб аз дӯстону мухлисон дастгирӣ ва дӯстдории бештареро интизор аст:

Як ҷаҳон ишқи Ватан дорад дили халқи азим,
То Ватанро дӯст дорад,
Дӯст дорад то абад...
Чун Ватан мардона дар ҷанг омадаст, имрӯз ман
Ин Ватанро беш аз ҳарвақта дорам дӯсттар.

Дар ашъори дар замони ҷанг эҷодкардаи Ҳабиб Юсуфӣ услуби публитсистии тасвир мавқеъ пайдо мекунад. Шоир эҳсосот ва ҳаяҷони амиқи худро ба воситаи нидоҳои пай дар пай ва хитобаҳо баён намуда, бо ҳамин ба қалбу руҳи хонанда таъсир гузоштан мехоҳад. Мурооҷиат ба офтоб, ҳаёт, насим ва заводу фабрика нишонаи устуворӣ ва пойдории халқ мебошад ва таъкид мекунад, ки тамоми табақоти ҷомеа бояд аз як гиребон сар бароранд.

Шоир дар шеъри «Таърих дидааст» мафҳуми ***халқро*** мавриди тасвири бадеӣ қарор дода, покию муқаддасӣ ва дар айни ҳол беамон будани интиқоми мардумро исбот менамояд. Матлаи шеъри мазкур иқтидори халқро ба таври возеҳ ифода намуда, дурдонаҳои ҳикматноки шеъри классикии тоҷикро ба хотир меорад:

Шамшери фатҳ ҷилва намуд аз наёми[1] халқ,
Афтод ҳар саре, ки накард эҳтироми халқ.

Дар ашъори Ҳабиб Юсуфӣ мавзуи зан низ мавқеи муносиб дорад. Шоир мувофиқи талаботи давр ҳусну малоҳати бонувони

1 Наём — ғилоф.

тоҷикро вобаста ба фаъолияти иҷтимоии онҳо тасвир кардааст. Шеърҳои ошиқонаи Ҳабиб Юсуфӣ бо чунин тарзи тасвир аз лирикаи ошиқонаи адабиёти классикии тоҷик фарқ мекунад.

Зани тоҷик, дар тасвири Ҳабиб Юсуфӣ, хушбахтии худро дар кор мебинад, аз панҷ панҷааш ҳунар мерезад ва чун рафиқи баробарҳуқуқу ҳамрадифи мард дар ҷомеа мавқеи муносиб дорад.

Дар шеърҳои «Ба духтари меҳнат», «Ҳусни ту», «Такя бар корат кунӣ», «Духтари ҳавопаймо», «Ту духтари ватанӣ» ва як қатор рубоиёти шоир маҳсули дониш ва фаъолияти меҳнатӣ будани бақои ҳусни маҳбуба талқин мешавад:

Ту на он дилбар, ки фахр аз зеби рухсорат кунӣ,
Такя бар зебоии рӯйи чу гулзорат кунӣ.
Ту на аз он моҳрӯёнӣ, ки пеши ошиқон,
Ноз бар ширинии лаъли шакарборат кунӣ.
Аз тамоми дилбарон болотарӣ аз он, ки ту,
Нозу фахру такяро бар донишу корат кунӣ.

Дар шеъри «Духтари ҳавопаймо» шоир бо шавқу завқ духтари ҳавопаймои тоҷикро васф мекунад ва ин тасвир дар шакли ғазал басе рангину мафтункунанда ба назар мерасад. Хонанда тавассути ташбеҳ ва маҷозу таҷнис матонат ва зебоии духтари тоҷикро эҳсос карда, мафтуни ҷамолу камолоти ӯ мешавад:

Дар осмонию дилат осуда ончунон,
Гӯё ба пеши модари худ оромидааст.
Болу пари қавист туро, парзанон парӣ,
Ҷуз ту парӣ[1] ба ҳеҷ куҷо кас надидааст.
Чун киштие, ки синаи яххои пирро,
Мошинаи ту қалби ҳаворо даридааст.

Ашъори ба зан бахшидаи Ҳабиб Юсуфӣ асоси воқеӣ дошта, дар онҳо ҳуқуқ ва озодии бонувони тоҷик самимӣ ва табиӣ тараннум мегардад. Шоир ***меҳнатро*** сарчашмаи ҳамаи хушбахтиҳо ва асоси зиндагии инсонӣ медонад ва ба ишқу муҳаббати инсонӣ низ аз ҳамин нуқтаи назар баҳо медиҳад. Дар шеърҳои ошиқонаи

1 Парӣ — симои афсонавии ба чашм нонамоён, ки хушрӯю зебо тасаввур мешавад.

шоир дилдодагон садоқати якдигарро дар меҳнат месанҷанд ва ошиқ зебоии ёрро ба меҳнат вобаста медонад:

Ишқи дили ман ишқи ҷаҳони меҳнат,
Онро ба дилам дода замони меҳнат.
Ширину Гуландому Зулайхои мананд
Хуршедвашони осмони меҳнат.

Умуман, шоири ҷанговар дар муддати кӯтоҳи умр ҳам аз қалам ва ҳам аз шамшер самаранок истифода карда, қарзи фарзандии худро назди халқу Ватан бо сарбаландӣ иҷро намудааст.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Шеърҳои Ҳабиб Юсуфӣ кадом мавзуъҳоро дар бар мегиранд?
2. Дар эҷодиёти шоир мавзуи Ватан ва ватандорӣ чӣ гуна мавқеъ дорад?
3. Оё Ватан дар эҷодиёти шоир танҳо Тоҷикистон аст?
4. Мавқеи муроҷиатро дар шеъри «Аз ҳавою обу замин» нишон диҳед.
5. Ҳабиб Юсуфӣ бонувони тоҷикро чӣ гуна васф кардааст?

## САВОЛИ ТЕСТӢ

1. Кадоме аз ин шоирон дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар роҳи ҳимояи Ватан ҳалок гардидааст?

А) Пайрав Сулаймонӣ;
Б) Абулқосим Лоҳутӣ;
В) Абдусалом Деҳотӣ;
Г) Ҳабиб Юсуфӣ;
Ғ) Муҳаммадҷон Раҳимӣ.

2. Байти зерин ба қалами кадом шоир мансуб аст?

Зи ишқи Ватан ҷӯш дорад дилам,
Ба ҳарфи Ватан гӯш дорад дилам.

А) Абулқосим Лоҳутӣ;
Б) Мирзо Турсунзода;
В) Мирсаид Миршакар;
Г) Ҳабиб Юсуфӣ;
Ғ) Суҳайлӣ Ҷавҳаризода.

# МИРЗО ТУРСУНЗОДА

***(1911 – 1977)***



Халқ бар шеъри тару бар гармии дидори ӯ
Чун ба иқлими Ватан бисёр одат карда буд.
Ҳар куҷое буд Турсунзода Мирзо, халқ буд,
Ҳар куҷое халқ буд, Мирзои Турсунзода буд.
*(Бозор Собир)*

Мирзо Турсунзода дар гузари Чармгарони деҳаи Қаратоғ[1] ба дунё омадааст. Моҳи майи соли 1911 дар хонадони Турсунмуроди ҳунарманду фарҳангдӯст писар ба дунё омад. Падар тифли навзодро Мирзо[2] ном ниҳод ва ба тарбияи фарзанд ҷиддан машғул шуд.

Соли 1920 минтақаи Ҳисорро бемории вабо фаро гирифт. Ин офат модари Мирзо – Холбибиро низ ба коми марг кашид. Мирзо ҳамагӣ нуҳ сол дошт, ки аз меҳрубониву навозиши модар маҳрум монд:

Тифл мондам аз ту, модар, рӯйи ту дар ёд нест,
Қомати ту, чашми ту, абрӯйи ту дар ёд нест.
Дар суроғат мезанам худро ба ҳар як кӯю дар,
Чунки то имрӯз, модар, кӯйи ту дар ёд нест...

Тарбияи баъдии Мирзо пурра ба зиммаи падар вогузор мешавад. Шоири оянда чанд муддат дар мадрасаи назди деҳи худ ба таҳсили ибтидоӣ мепардозад.

1 Маънои луғавии Қаратоғро “Қарияи тоғ” гуфтаанд.
2 Мирзо — котиб, муншӣ. Шахси бо хатнависӣ сарукордошта.

Баъди таъсиси Ҷумҳурии мухтори Тоҷикистон (1924) дар мамлакат мактабҳои усули нав мавқеъ пайдо мекунанд. Чунин мактаб дар Қаратоғ соли 1925 ба фаъолият пардохт ва Мирзо яке аз аввалин толибилмони ин мактаб буд. Мирзо соли 1926 ба Душанбе омада, дар сафи толибилмони интернат қарор мегирад. Маъмурияти интернат Мирзоро соли 1927 ҳамроҳи як гурӯҳ ҷавонони лаёқатманд ба Дорулмуаллимини Тошканд мефиристад.

Чор соли таҳсил дар Дорулмуаллимини Тошканд ва вохӯрӣ бо устод Айнӣ барин шахсиятҳои фарҳангӣ ба инкишофи ҷаҳонбинии Мирзо таъсир гузошт. Соли 1931 Мирзо Турсунзода дар асоси роҳхати Кумитаи марказии комсомол ба Душанбе бармегардад ва дар рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» аввал ба сифати ходими адабӣ ва баъдан чун котиби масъул фаъолият мекунад.

Соли 1933 Мирзо Турсунзода аз падар маҳрум гардид. Соли 1934 ба муносибати Анҷумани аввали нависандагони СССР як гурӯҳ адибони тоҷик, аз ҷумла М. Турсунзодаро ба узвияти Иттиҳодияи нависандагон пазируфтанд. Солҳои пурдаҳшати сиюм адиб аз рӯйи зарурат як муддат Душанберо тарк карда, дар Хуҷанд истиқомат мекунад. М. Турсунзода солҳои 1934–35 дар Театри мусиқию мазҳакаи шаҳри Хуҷанд вазифаи мудири қисми адабиро ба уҳда доштааст. Соли 1934 ҳангоми ба саҳна гузоштани пиесаи «Ҳукм» ба ҳунарпешаи театри мазкур Сабоҳат Низомиддинова, ки нақши Зеварро иҷро мекард, муносибати дӯстӣ пайдо карда, бо ӯ издивоҷ мекунад.

М. Турсунзода соли 1936 ба Душанбе омад ва то соли 1946 дар вазифаҳои гуногуни адабиву рӯзноманигорӣ фаъолият кардааст. Масалан, шоир дар ҷараёни сохтмони Роҳи калони Помир (1940) беш аз 500 километрро пиёда тай намуда, чизе, ки медид, кӯшиш мекард, ки дар шеърҳояш инъикос намояд. Соли 1946 раисии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистонро ба уҳда гирифт ва то охири умр ин вазифаро пеш бурд. Аз соли 1946 сар карда М. Турсунзода ҳамеша намояндаи халқ дар парлумони шуравӣ буд ва шоир дар баробари корҳои эҷодӣ бо тамоми ҳастӣ фаъолияти ҷамъиятии хешро ҳам идома медод.

Баъди хатми Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1945) мавзуи ҷанг ва сулҳ ҷомеаи ҷаҳониро батамом фаро гирифт ва М. Турсунзода чун мунодии сулҳ дар тамоми ҷаҳон Иттифоқи Шуравиро намояндагӣ мекард. Аз соли 1947 ба ин тараф чун тарғибгари сулҳ ба кишварҳои зиёд сафар кард.

Дар натиҷаи сафарҳояш ба шаҳрҳои Теҳрон, Деҳли, Исломобод, Париж, Варшава, Вена, Қоҳира, Стокголм, Хелсинки, Доруссалом, Ҷакарта, Конакри, М. Турсунзода чун шахсияти барҷастаи фарҳангию иҷтимоӣ ба камол расид ва Ҷумҳурии Тоҷикистону халқи тоҷикро чун кишвару мардуми сулҳдӯст ба оламиён муаррифӣ кард. Шоир дар «Ватан» ном шеъраш муддати ҷаҳонгардии хешро чунин ёдовар шудааст:

Баҳор омад, зи умрам боз як соли дигар бигзашт,
Тамоми зиндагӣ оҳиста аз пеши назар бигзашт.
Ба мисли гӯшту нохун ҳамеша бо Ватан будам,
Агарчи нисфи умри беҳтаринам дар сафар бигзашт.

Аввалҳои тирамоҳи соли 1977 устод Турсунзода бистарӣ шуда, 24 сентябри соли 1977 шоири шаҳир[1] аз дунё гузашт.

Ҷасади шоирро дар яке аз баландиҳои шаҳри Душанбе – теппаи Лучоб ба хок супориданд ва минбаъд ин теппа бо номи «Марқади Турсунзода» маъруф гардид.

Мирзо Турсунзода ба чандин ордену медалҳои ҳукуматӣ қадр шудааст. Ӯ академики АИ Тоҷикистон (1951), Шоири халқии Тоҷикистон (1961), Қаҳрамони меҳнати сотсиалистӣ (1967) ва барандаи ҷоизаҳои бисёри давлатию байналмилалӣ гардид. Ҳукумати давр баъди марг як ноҳияву як донишкада ва хиёбонеро ба номаш гузошт, ҳайкалҳо сохт, ҷоизаҳо ва идрорпулӣ таъсис дод. Моҳи майи соли 2001 ба муносибати 90-солагии зодрӯз ба шоир унвони олии Қаҳрамони Тоҷикистон дода шуд.

**Осор ва марҳалаҳои эҷод**

Мирзо Турсунзода ҳанӯз солҳои 1927– 28 ба эҷоди асарҳои бадеӣ мепардозад. Маҷмуаи нахустини М. Турсунзода «Байроқи зафар» (1932) ном дошта ду шеър ва даҳ ҳикояву очеркро дар бар гирифтааст.

Фаъолияти эҷодии М. Турсунзода дар солҳои 30-юм ҳам аз нигоҳи шакл ва ҳам аз ҷиҳати мавзуъ ва мундариҷа васеъ ва пурғунҷоиш мегардад. Шеъру достонҳои «Ба эҷодкорам» (1934), «Манзараҳои Хуҷанд» (1935), «Офтоби Мамлакат» (1936), «Хазон ва баҳор» (1937), «Суруди ҷавонӣ» (1937), «Мамлакати тиллоӣ» (1938), «Оҳанрабо» (1939), «Халқи далер» (1939), «Чаманистон»

1 Шаҳир — маъруф, машҳур, шухратёр.

(1940), «Водии Ҳисор» (1940), «Мо аз Хоруғ омадем» (1940) гувоҳи садоқати шоир ба сарзамини аҷдодӣ ва ҷомеаи сотсиалистӣ мебошанд. Маҷмуаи дуюми шоир – «Шеърҳо» (1939) мухаммас, мусаддас, ғазал, маснавӣ, тарҷеъбанд ва марсияҳои ӯро дар бар гирифта, фаъолияти адабиашро дар солҳои 30-юм ҷамъбаст мекунад.

Дар солҳои мудҳиши Ҷанги Бузурги Ватанӣ Мирзо Турсунзода дар қатори дигар адибону фарҳангиён эҷодиёти худро пурра ба муқобили душмани ғаддор ва ҳимояи Ватани азиз равона намуд. Аввалин шеъри давраиҷангии шоир – «Хайр, модари азиз» 24 июни соли 1941 навишта шудааст, ки он аз муколамаи писару модар иборат аст:

«Модарам, меравам аз пеши ту ман,
Ба дифои шарафу шаъни Ватан...»
Гуфт: «Рав, ҷанги далерона бикун,
Ҷанг бо лашкари бегона бикун.
Бош фарзанди сазовори падар,
Лоиқи ин Ватан, ин хонаву дар».

Дар шеърҳои «Ҳамшираҳо» (1941), «Ба ҷанг» (1941), «Хотираи капитан» (1941), «Ҳаргиз» (1942), «Баҳодури тоҷик» (1943), «Паҳлавони интиқомгир» (1944), «Рафиқи азиз» (1944) корномаҳои давраиҷангӣ бо шӯру ҳаяҷон тасвир ёфта, ғояҳои ватанхоҳию душманбадбинӣ талқин мешаванд. Дар солҳои ҷанг Турсунзода достонҳои «Писари Ватан» (1942) ва ҳамроҳи Абдусалом Деҳотӣ «Барои Ватан» (1942)-ро эҷод мекунад. Бояд гуфт, ки асарҳои солҳои 30-юм ва нимаи аввали солҳои 40-ум эҷодшуда ба марҳалаи аввали эҷодиёти шоир тааллуқ доранд.

**Марҳалаи дувуми эҷодиёт**

Эҷодиёти Мирзо Турсунзода дар солҳои баъдиҷангӣ ба марҳалаи нави инкишоф расид. Дар давраи дувум қалами шоир тезтар ва ҷанбаи ҳунарии ашъори ӯ пурқувваттар гардид. Сафарҳои пайдарпай ба кишварҳои хориҷӣ (дар харитаи сафарҳои Турсунзода 25 мамлакати хориҷӣ қайд шудааст) ва вохӯриву суҳбатҳо бо адибони маъруфи ҷаҳонӣ ба он сабаб шуд, ки паҳлуҳои гуногуни услуби эҷодии шоир такмил ёфта, шеъри ӯ руҳияи умумибашарӣ пайдо намояд. М. Турсунзода баъди силсилаи шеърҳои «Қиссаи Ҳиндустон» (1947– 1949) чунин асарҳои калонҳаҷмро офарид: силсилаи шеърҳои «Ман аз Шарқи озод»

(1950), достонҳои «Ҳасани аробакаш» (1952–1954), «Садои Осиё» (1956), «Чароғи абадӣ » (1958), «Ҷони ширин» (1959), «Роҳи нури офтоб» (1964), «Аз Ганг то Кремл» (1970), сисилаи ашъори «Дастовез» (1975).

Адиб зиёда аз 200 мақола, эссе, очерк ва ёддоштҳои сафарӣ таълиф намудааст, ки дар онҳо масъалаҳои муҳимми адабӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии давр мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Фаъолияти тарҷумонии М. Турсунзода низ зиёда самаранок мебошад. Адиб як қатор асарҳои А. С. Пушкин, Т. Г. Шевченко, Н. А. Некрасов, Самад Вурғун, Зулфия, Анатолий Сафронов барин қаламкашони варзидаи халқҳои гуногунро бо маҳорати баланд тарҷума намудааст. Мероси адабии М. Турсунзода дар чор ҷилди Куллиёти адиб (1971 – 1985) ба табъ расидааст.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Дар бораи зодгоҳ ва волидайни М. Турсунзода маълумот диҳед.
2. Мирзо Турсунзода дар кадом мактабҳо таҳсили илм кардааст?
3. Чаро шоир ибтидои солҳои сиюм Душанберо тарк намуд?
4. Адиб кай раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон интихоб гардид ?
5. Оид ба сафарҳои Турсунзода маълумот диҳед.
6. Турсунзода кадом сол вафот кард ва марқадаш дар куҷост?
7. Фаъолияти эҷодии М. Турсунзода кай оғоз ёфтааст?
8. Маҷмуаҳои «Байроқи зафар», «Шеърҳо» ва достони «Писари Ватан» ба кадом марҳалаи эҷодиёти шоир тааллуқ доранд?
9. Марҳалаи дуюми эҷодиёти Турсунзода кай оғоз меёбад?
10. Боз кадом соҳаҳои фаъолияти М. Турсунзодаро медонед?

## АШЪОРИ ЛИРИКИИ ШОИР

**Мавзуи ахлоқ**

Масъалаҳои ахлоқӣ аз маҷмуаи дувуми Турсунзода оғоз гардида, минбаъд инкишоф меёбад. Шоир дар мавзуъҳои ***ватанхоҳӣ, меҳнатдӯстӣ, ҷасорату диловарӣ, аҳду вафо, садоқат, меҳрубонӣ, ғамхорӣ, иззату икроми якдигар*** сифатҳои шоистаи инсониро ситоиш карда, ҳамзамон ахлоқи бадро мазаммат менамояд. «Дил дили Зайнаб» (1939), «Хаёли хом» (1940), «Чаманистон» (1940), «Ба кӯҳсори тоҷик» (1940) аз ҷумлаи беҳтарин ашъори шоир дар ин масъала мебошанд.

Дар шеъри «Дил дили Зайнаб» масъалаи муносибати падару фарзанд ба миён гузошта мешавад. Турсунзода тамоми сифатҳои наҷиби пирамардро, чун бузургиву ботамкинӣ ва хушмуомилагиву одамдӯстӣ, васф мекунад ва баъд савол мегузорад, ки оё чунин падар ба ишқи озоди духтари ягонааш муқобил баромада метавонад? Шоир ҷавоби ин саволро дар сурату сират ва ахлоқу одоби духтар меҷӯяд ва ба ин васила падидаҳои ахлоқии гузаштаро дар шакли тоза пешкаш менамояд:

Дар ҳақиқат Ситора номи ӯст,
Зуҳалу Зуҳра дар низоми ӯст.

Шеърро М. Турсунзода бо зарбулмасали халқии «Дил дили Зайнаб» ҷамъбаст намуда, «ихтиёрро ба дасти бахтиёр» мегузорад. Ин шеър баёнгари ишқи озод мебошад, ки ба таъбири шоир зуҳуроти ахлоқи нав буд.

М. Турсунзода барои хубтару беҳтар ошкор сохтани масъалаҳои пандуахлоқӣ аз тасвирҳои тамсилӣ фаровон истифода мекунанд. Чунонки аз шеърҳои «Дурахши қуллаҳо» (1959), «Дарахти булут» (1962), «Ток ва замин» (1966), «Инсон ва кӯҳ» (1967) низ бармеояд, тамсилҳои шоир ҳар кадом дорои мақсаду муҳтавои мушаххас мебошанд. Масалан, дар шеъри «Ток ва замин» масъалаи муносибати ҷузъу кулл ва фарду ҷомеа бардошта шудааст. Шоир бар он аст, ки агар фард ба ҷомеа вафодор бошад, аз ҳар офату носозгориҳои зиндагӣ эмин буда метавонад. Ин маъниро тасвири рамзии ток ва замин ба таври муносиб ифода намудааст. Боғбон навдаҳои токи ҷавонро мебурад, лекин чун реша дар замин дорад, он боз афзоиш меёбад:

Решаи ток, ки дар зери замин маскан дошт,
Бо замин ваъдаи як умр вафо кардан дошт.
Аз дами хоки сиёҳ, аз нафаси гарми баҳор,
Ток болида амал кардану сабзидан дошт.

Тараннуми ахлоқи ҳамида, чунонки аз шеърҳои «Ошёни баланд» (1968) ва «Дӯстонро гум макун» (1975) маълум мешавад, тамоми марҳалаҳои эҷодии шоирро фаро гирифтааст. Дар шеъри «Ошёни баланд» масъалаи мушкилиҳои рӯзгорро бурдборона паси сар намудан ба миён гузошта шудааст. Ин маъни ба воситаи

таркиби ***ошён гузоштан*** ва ба тасвир кашидани маъноҳои аслию маҷозии он сурат гирифтааст.

Асоси мундариҷавии шеърро талқини ғояҳои худшиносӣ ва ифтихори миллӣ ташкил медиҳад. Содиқ мондан ба суннатҳои миллӣ ва дар заминаи анъанаҳои неки падарон созмон додани ҳама дастовардҳои нави зиндагӣ – чунин аст хулосае, ки аз бандҳои ҷамъбастии шеър бармеояд:

Гар кунӣ парвоз, бо ёди падар парвоз кун,
Бобҳои тозаро дар пеши рӯят боз кун.
Гулханеро, ки падарҳо дар раҳат афрӯхтанд,
Машъали тобандаи достони пурэъҷоз кун.

Таваҷҷуҳи М. Турсунзода ба масъалаҳои пандуахлоқӣ муносибати шоирро ба анъанаи ғании адабиёти классикии тоҷик муайян намуда, мундариҷаи эҷодиёти ӯро пурмуҳтавову рангин намудааст.

**Васфи занону модарон**

Мавзуи занону модарон дар эҷодиёти М. Турсунзода ба пояи баланди ғоявию бадеӣ расидааст.

Силсилаи «Модарнома»-и Турсунзода дар маҷмуаи «Посбони оташ» гирд омадааст. Тасвири мукаммалу муфассали образи модари тоҷик ба давраи баркамолии эҷодиёти шоир рост меояд. Аксари шеърҳои «Модарнома», аз ҷумла «Модарам», «Дасти модар», «Дили модар», «Бигзор, зан бошад мудом», «Зан агар оташ намешуд», «Зан посбони оташ аст», «Чашми ман» солҳои 60 - 70 таълиф гардидаанд.

Дар шеъри «Дили модар» хислати модари тоҷик, ки ба серфарзандӣ майл дораду ҳангоми тӯйи арӯсии фарзанд беихтиёр ашки шодӣ мерезад, табиӣ ва самимӣ ба қалам омадааст, ба дараҷае ки хонанда ҳолати руҳӣ ва туғёни қалбии модарро ҳангоми келинфурорӣ хеле хуб эҳсос мекунад. Барои модар аз даст додани фарзанди калонаш дар ҷанг фоҷиаи ҷонкоҳ буд. Вале онро ба хотири тарбияи фарзанди хурдӣ паси сар менамояд:

Намурдам, зистам,
Фарзанди хурдамро калон кардам,
Шаби тӯйи арӯсӣ ашки шодиро равон кардам.
Гумон кардам, ки оби дида марҷон гашт, марҷонро

Ба келин пешкаш кардам,
Дуо чун модарон кардам.

Таркибҳои ***ашки шодӣ, ба келин бахшидани марҷон ва дуои модарона*** боиси ифодаи мушаххаси образи модари тоҷик гардидаанд. Умуман, тасвири расму оини аҷдодӣ дар «Модарнома»-и Турсунзода чи қадаре ки хусусияти миллии модари тоҷикро ифода намояд, бо ҳамон андоза ба тасвир моҳияти умумиинсонӣ ато мекунад. Ин аст ки таманнои модари тоҷик, ки дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ мудҳиштарин рӯзҳоро аз сар гузаронида, аз ҷигаргӯшаҳои баркамолаш абадӣ ҷудо гардида буд, ормони кулли модарони дунё мебошад:

Надорам тоқати доғи писар дидан дигар ҳаргиз,
Саросар сӯхтори пуршарар дидан дигар ҳаргиз,
Ба ҳар як хона тифли бепадар дидан дигар ҳаргиз,
Ҳаёти одамиро дар хатар дидан дигар ҳаргиз!

Ҳастии модар дар шеъри «Дасти модар» боз ҳам мушаххастар ба тасвир омадааст ва воситаи асосии тасвир дар ин шеър ***дасти модар*** мебошад:

Бо ҳамон дасте, ки шабҳои дароз,
Чашми шаҳло карда во аз хоби ноз.
Аллагӯён тифлро хобондаӣ,
То саҳар гаҳворааш ҷунбондаӣ.
Бо ҳамон дасте, ки шодон[1] борҳо,
Пок кардӣ ашки чашмони маро.

Дар ин шеър ***дасти модар*** рамзи қувваи беҳамтои зан аст, ки он на фақат тифлро ба воя мерасонад, инчунин дар ободии дунё ва бахти тамоми сокинони сайёраи мо саҳм мегирад. Дар байтҳои боқимонда (шеър аз 12 байт иборат аст) фаъолияти созандагии модар дар дигар соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ ба қалам омадааст. ***Боғ оростан, қасрҳову кӯшкҳо андохтан, гул бӯ кардан ва шонаро ба кокулу мӯ кардан*** ҷузъҳоеанд, ки фаъолияти модарро умумият дода, ӯро ба дараҷаи типи бадеӣ расондаанд. Шеър

1 Калимаи **шодон** дар аксар маҷмуаҳои шоир саҳван **шодам** омадааст.

дар маҷмуъ ҳикмати машҳури Наполеон[1] – «Модар ба як дасташ гаҳвора, бо дасти дигараш дунёро меҷунбонад»-ро ба хотир меорад.

Бояд гуфт, ки аксари шеърҳои «Модарнома» ба ду баҳри маъмули арӯзи тоҷикӣ – ҳазаҷ ва рамал эҷод гардидаанд. Махсусан баҳри рамал, ки аз баҳрҳои дӯстдоштаи М. Турсунзода ба шумор меравад, тартиб ва оҳангнокии қисми кулли шеърҳои “Модарнома»-ро таъмин намудааст. Шеъри «Дасти модар» бо чунин байт оғоз меёбад:

Бо ҳамон дасте, ки чодар сӯхтӣ,
Гулхани шаъну шараф афрӯхтӣ.
(фоилотун, фоилотун, фоилун)
(– V – – / –V– – / – V –)

Баҳри рамали мусаддаси маҳзуф (ё мақсур) ва такрори бемайлони таркиби ***бо ҳамон дасте, ки*** (дар 12 байт ин таркиб 10 маротиба такрор ёфтааст) ба ин шеър қувваи баланди ифоданокӣ бахшидаанд.

Ё худ дар шеъри «Зан агар оташ намешуд» мавқеи модар дар зиндагӣ ҳунармандона ва ҷолиб ба тасвир омадааст. Мундариҷаи шеър аз аввал то охир ба воситаи ифодаҳои шартӣ фароҳам омадааст:

Зан агар оташ намешуд, хом мемондем мо,
Норасида бодае дар ҷом мемондем мо.

Ин шеър дар баҳри рамали мусаммани маҳзуф (мақсур) – фоилотун, фоилотун, фоилотун, фоилун (фоилот) навишта шудааст ва оҳангнокии онро дар баробари қофияҳои ***хом, ҷом, беном, ноком, шом ...*** ва радифи ***мемондем мо*** низ таъмин намудаанд. Ҳамчунин, дар ин шеър саноеи бадеии ташбеҳ, тазод, такрор, тавсиф, маҷоз моҳирона истифода шудаанд. Зан ба оташ монанд шудааст ва ин ташбеҳ тамоми хислатҳои офарандагӣ ва созандагии модарро дар худ таҷассум намуда тавонистааст. Агар дар байти боло ташбеҳкунандаи ***оташ*** табиати офарандагӣ ва парварандагии модарро (хомро пухта кардан, норасидаро парвардан) таъкид на-

1 Наполеон Бонапарт (1769 – 1821) — императори Фаронса дар солҳои 1804 – 1814.

мояд, пас дар байти зерин ташбеҳкунандаи ***оташ*** ба ҳароратнокӣ ва қувваи беҳамтои меҳри модар (сардро гарм кардан, торикро рӯшан намудан) ишора менамояд:

Зан агар оташ намешуд, хонаи мо сард буд,
Бе чароғи равшане дар шом мемондем мо.

Дар шеъри «Зан агар оташ намешуд» ҳар байт як паҳлуи шахсияти модарро табиӣ ва дилпазир ошкор сохтааст. Шири модар хусусияти табобатӣ низ дорад. Бинобар ин, модарон рӯй ва чашму гӯши тифлро ҳар сари чанд вақт бо шири худ мешӯянд. Шоир аз ин одати табиии модарон нозукбинона маънӣ бардоштааст, ки он ба хонанда лаззати эстетикӣ мебахшад:

Гар ба чашми мо намедӯшид модар шири хеш,
Кӯри модарзод дар айём мемондем мо.

Умуман, силсилаи шеърҳои «Модарнома» як паҳлуи муҳимми лирикаи Турсунзодаро ифода намуда, гувоҳи ҳунари волои шоир мебошад.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Ашъори Турсунзода ба кадом масъалаҳо бахшида шудаанд?
2. Чаро шоир ба мавзуъҳои ахлоқӣ бештар таваҷҷуҳ зоҳир намудааст?
3. Шеъри «Дил дили Зайнаб» дар бораи чӣ баҳс мекунад?
4. «Модарнома»-и М. Турсунзода аз кадом шеърҳо иборат аст?
5. Дар шеъри «Дили модар» кадом хусусияти миллии модарони тоҷик ифода гардидааст?
6. Оид ба шеъри «Дасти модар» маълумот диҳед.
7. Шеърҳои «Модарнома» дар кадом баҳрҳои арӯз навишта шудаанд?

## МАВЗУЪҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ВА СУЛҲУ ДӮСТӢ

**Мавзуи байналхалқӣ**

Мавзуи байналхалқӣ таваҷҷуҳи Турсунзодаро ҳанӯз аз солҳои 30-юм ҷалб намуда буд. Агар дар шеъри «Зафари халқ» (1937) сиёсати иртиҷоии фашизм ва муборизаи мардуми Испания бар зидди ин вабои аср мавриди тасвир қарор гирифта бошад,

пас дар шеъри «Ба духтари Астурия» (1938) ҷасорати ватанхоҳии Долорес Ибаррури ном духтари испанӣ васф гардидааст.

Фаъолияти ҷаҳонгардии М. Турсунзода боиси дар эҷодиёти адиб беш аз пеш инкишоф ёфтани мавзуи байналхалқӣ гардид. Аввалин сафари Турсунзода ба хориҷи кишвар тирамоҳи соли 1941 ба Эрон рух дода буд. Вале сафари шоир ба Ҳиндустон (1947) ба эҷодиёти ӯ тағйироти ҷиддӣ ворид намуд ва ин таҳаввулоти[1] услубӣ ва бадеиву мундариҷавӣ боиси шуҳрати ҷаҳонии шоир гардид. Аз нахустин шеъри силсилаи «Қиссаи Ҳиндустон» сар карда, тамоми ашъори ба мавзуи байналхалқӣ бахшидаи шоир маънӣ ва ғояи умумиинсонӣ касб карданд. Шоир дар шеъри «Бозгашт», аз ҷумла, гуфтааст:

> Шодам, аммо мехӯрам ғамҳои халқи дигаре,
> Дар назар меоварам тороҷгашта кишваре.
> Халқи ҳиндуи ситамкашро расон аз мо салом,
> Эй суруди ман, агар дорӣ ту ҳам болу паре!

Дар ҳақиқат, ашъори ба сулҳу дӯстӣ ва озодиву истиқлоли халқҳои мазлуми ҷаҳон бахшидаи М. Турсунзода ҳамроҳи муаллифи худ ба масал кабӯтари тезпарвозанд, ки ба воситаи кӯҳҳои Ҳимолой ва Карпат аз баҳрҳои Сиёҳу Миёназамин, аз уқёнусҳои Ором ва Ҳинд гузар карда, то тавонистанд дар бисёр мамлакатҳои ҷаҳон ғояи сулҳро пахн карданд. Дар ин гуна ашъори шоир калимаҳои ***сулҳ, озодӣ, дӯстӣ, амонӣ, хушбахтӣ ва бародарӣ*** бо хатти заррин сабт шудаанд.

Дар шеърҳои минбаъдаи ин силсила чун «Қиссаи Ҳиндустон», «Меҳмони» мағрибӣ», «Рӯди Ганг», «Боғи муаллақ», «Тара-Чандри», «Дар ёди кас», «Қадаҳи ман», «Кулоҳи профессор Ахвледиани», «Ду роҳ» ҳисси баланди инсондӯстӣ ва бародарию муттафиқии қаҳрамони лирикӣ беш аз пеш инъикос меёбад. Мушоҳидаҳои амиқ, муҳокимарониҳои мантиқӣ шоири воқеънигорро водор мекунад, ки ба тору пуди зиндагии мардум дохил шавад ва решаҳои иҷтимоии қашшоқиву беқадрии меҳнаткашони ин сарзаминро ҷустуҷӯ намояд.

Таваҷҷуҳи шоири инсонпарварро, пеш аз ҳама, гурӯҳи беҳуқуқтарини мардуми Ҳиндустон – кастаи[2] «нафратзадагон»,

1 Таҳаввулот — ҷамъи таҳаввул, тағйирот, дигаргунӣ.

2 Каста — табақа. Дар Ҳиндустон аҳолӣ ба кастаҳои бараҳманҳо (ходимони дин), кшатрия (ҳарбиҳо), вайся (савдогарон), шудра (деҳқонон, ҳунармандон, коргарон), чухра ва чамар (“нафратзадагон”) ҷудо мешавад.

ки ба 60 миллион нафар мерасидааст, ҷалб менамояд. Дар шеъри дуюми силсила – «Қиссаи Ҳиндустон» ҳамин нобаробарии нанговари ҷомеаи инсонӣ мавриди тасвири бадеӣ қарор гирифтааст. Ин шеър бо чунин ҳикояти воқеӣ оғоз меёбад:

Маро рӯзе ҳикоят кард бобо,
Ки бишнав, ҷони бобо, қиссаеро:
«Замоне буд берун аз Самарканд,
Ба чашми кас намоён кулбае чанд.
Дар он манзил, ки дур аз дигарон буд,
Махавҳоро[1] ҷудоӣ як макон буд.
Намеафтод онҳоро гузоре,
На аз ёре, на аз хешу таборе...»

Хуб аст, ки мафҳуми «махав» дар Ватани шоир барҳам хӯрдааст, вале боз аҳволи бади кастаи «нафратзадагони» Ҳиндустон қалби ӯро озурда месозад. Ин эҳсосоти қалбии шоири башардӯст ба воситаи санъати таҷоҳули ориф[2] барҷаста ва ҷолиб ифода ёфтааст:

Магар ин каста авлоди башар нест,
Ки аз ӯ дигаронро ҷуз ҳазар нест?
Магар ин расм як расми қадим аст?
Магар чухра гунаҳкори азим аст?...

Ҳамин тариқ, дар ҳар як шеъри «Қиссаи Ҳиндустон» масъалаи инсони озод, инсони соҳибҳуқуқ, ки дар ҳама ҳолат шарафи инсонии худро муҳофизат карда тавонад, ба миён гузошта шудааст. Дӯстӣ ва ҳамраъйии шоири тоҷик ба мардуми меҳнаткарини ҳинд фаъол аст ва он дар мақтаи шеъри «Рӯди Ганг» чунин садо медиҳад:

Ҳар чӣ бошад, бузургрӯд астӣ,
Ҳиссаи баҳри беҳудуд астӣ.

1 Махав — касе, ки ба бемории махавӣ гирифтор аст. Махавҳо алоҳида зиндагӣ мекарданд ва ҳуқуқи наздик шудан ба дигар гурӯҳҳои аҳолиро надоштанд.

2 Санъати бадеие, ки эҳсосоти адибро ба воситаи саволгузориҳо ифода мекунад, таҷоҳули ориф (донистa худро ба нодонӣ задан) ном дорад.

Рӯдворона зиндагонӣ кун!
Ҷӯш зан,
Ҷӯш зан,
Ҷавонӣ кун!

М. Турсунзода дар дигар асарҳояш, аз ҷумла дар достони «Садои Осиё (1956) ва манзумаи «Хоҳари мубориз, Африқо» (1961) низ ба мавзуи байналхалқӣ муроҷиат намудааст. Ин асарҳо маҳсули сафарҳои пайдарпайи М. Турсунзода ба кишварҳои гуногуни дунё ва фаъолияти бардавоми шоир ба сифати раиси Кумитаи якдилии мамлакатҳои Осиё ва Африқо мебошанд.

**Васфи сулҳ**

Чунонки аз шеърҳои «Ду даструмол» (1949), «Суруди сулҳ» (1950), «Нону намак» (1962), «Дил барнагашт» (1962), «Дӯстонро гум макун» (1975) маълум мешавад, мавзуи сулҳу амонӣ ва ҳамраъйӣ яке аз рукнҳои асосии эҷодиёти М. Турсунзода мегардад. Сулҳу амонӣ, дар тасвири шоир, асоси ободии ҳар кишвар ва манбаи хушбахтии инсонҳо мебошад. Бинобар ин, ҳастии он дар ҳама қувваҳои некии табиат эҳсос мешавад. Сулҳ монанди офтоб ё баҳор, ё худ замин азизу шафиқи[1] ҳамагон аст:

Сулҳ дар гул-гул шукуфтанҳои ҷонон кишвар аст,
Дар шуои офтоби толеи баҳру бар аст.
Дар суруди аллаву бедор чашми модарон,
Хоби ором табассумҳои хуррам кӯдакон...

Сулҳро дар **чашми бедори модарон ва хоби ороми кӯдакон** мушоҳида кардан тасвири тазодии хубест. Дар ҳақиқат, оромиву осудаҳолии кӯдакон натиҷаи заҳмату бедорхобиҳои модарон аст. Пас, сулҳу амонӣ худ аз худ ва ба осонӣ ба даст намеояд. Шоир барои он ки душвории ғалабаи сулҳпарваронро бар ҷангҷӯён нишон диҳад, дар шеъри «Суруди сулҳ» таркибҳои **хуни дил** *ва* **тапиданҳои рӯзафзуни дил**ро истифода кардааст:

Менависам ман суруди сулҳро бо хуни дил,
Бо тапиданҳои беороми рӯзафзуни дил,
То яроқи тез гардида ба дасти дӯстон,
Ҷангҷӯёнро кунад шармандаи рӯйи ҷаҳон.

1 Шафиқ — меҳрубон, мушфиқ, дилсӯз.

**Дӯстӣ – неъмати бебаҳо**

Дар ашъори устод Турсунзода мавзуъҳои сулҳу амонӣ ва дӯстиву рафоқат чун гӯшту нохун ба ҳам пайвастанд. Ин маънӣ дар шеъри «Дӯстонро гум макун» сода ва самимӣ таъкид гардидааст:

То тавонӣ, дӯстонро гум макун,
Дӯстони меҳрубонро гум макун.
Дар ҷаҳон бе дӯст будан мушкил аст,
Мушкилосонкункасонро гум макун...
Дӯст ояд, гарм дар оғӯш гир,
Расми хуби тоҷиконро гум макун.

Шеъри «Дӯстонро гум макун» аз силсилаи шеърҳои «Дастовез» аст ва ин силсила аз 17 шеър иборат буда, дар моҳҳои июниюли соли 1975 дар бемористони Кунсевои Маскав эҷод гардидааст. Бинобар ин, шеъри мазкур як навъ васияти шоири бемор ба мардуми тоҷик мебошад.

Умуман, шоир дар шеърҳои сулҳхоҳона ва ба дӯстиву рафоқат бахшидааш тавонист, ки ҳам ҳунари нигорандагӣ, ҳам ҷаҳонбиниву мавқеи иҷтимоӣ, ҳам таҷрибаи аз ҷаҳонгардӣ андӯхтаи худро дар либоси сухани бадеӣ ба ҷилва орад.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Мавзуи байналхалқӣ дар эҷодиёти шоир кай мавқеъ пайдо намуд?
2. Кадом асарҳои дар мавзуи хориҷӣ бахшидаи Турсунзодаро медонед?
3. Дар бораи силсилаи шеърҳои «Қиссаи Ҳиндустон» маълумот диҳед.
4. Шоирони ҳамсафи М. Турсунзодаро, ки сулҳу дӯстиро тараннум намудаанд, номбар кунед.
5. Кадом шеърҳои ба сулҳу дӯстӣ бахшидаи шоирро медонед?
6. Чаро шеъри «Дӯстонро гум макун»-ро васиятномаи шоир мегӯянд?

## ДОСТОНҲОИ ТУРСУНЗОДА

Достонсароӣ қисми муҳимми фаъолияти М. Турсунзодаро ташкил медиҳад. Шоир дар солҳои 30-юм «Офтоби мамлакат», «Хазон ва баҳор» ва дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ «Писари Ватан» ва «Барои Ватан»-ро (ҳамроҳи Деҳотӣ) навишт.

Фаъолияти достонсароии М. Турсунзода баъди ҷанг самаранок гардид ва шоир «Ҳасани аробакаш», «Садои Осиё», «Духтари муқаддас», «Чароғи абадӣ», «Ҷони ширин» ва «Аз Ганг то Кремл» ном достонҳоро таълиф намуд.

**«Чароғи абадӣ»**

«Чароғи абадӣ» (1957) ба хотираи абадии устод Айнӣ бахшида шудааст. Дар як рӯзи моҳи апрели соли 1953 дар ҳаёти М. Турсунзода ду воқеаи муҳим рух медиҳад: субҳ дар хонаи шоир писар ба дунё меояд ва андаке баъдтар адиб устод Айниро, ки ба Душанбе омада буд, пазирой мекунад. Ин ду воқеа асоси мавзуи «Чароғи абадӣ» мегардад ва дар чор боби достон – «Интизорӣ», «Мулоқоти якум», «Мулоқоти дуюм», «Дар боғ» симои хирадмандонаи устод ба назар мерасад.

Боби «Интизорӣ» аз шабҳангом оғоз ёфта, ба ҳолати руҳии шоире, ки фардо ду воқеаи муҳимро интизор аст, бахшида шудааст. Дар боби «Мулоқоти якум» шоир хонандаро «ба таваллудхонаву дунёи тифлон» мутаваҷҷеҳ месозад. Мулоқот бо тифлакон чунон самимӣ ва воқеӣ тасвир ёфтааст, ки хонанда худро бевосита дар таваллудхона эҳсос мекунад:

Яке фарёд лӯлакпеч мезад,
Дигар поро ба по бе ҳеҷ мезад.
Яке чашмони худ накшода ҳоло,
Ғизо меҷуст во карда даҳонро...
Яке бе мӯй буду сап-сафедак,
Дигар мӯйи сиёҳ буд печ-печак.
Яке ором, дигар бесаранҷом,
Яке шакле гирифта, дигаре хом.

Дар таваллудхона образи марде пайдо мешавад, ки аз духтар зодани занаш норозӣ буда, ӯро таънаву маломат мекунад. Шоир бар хилофи ин марди ҷоҳил фарзандро ҳамчун неъмати гаронбаҳо, давомдиҳандаи умри инсон, бақои оила ва ояндаи неки мамлакат тавсиф менамояд. Тифл, писар аст ё духтар, умеди падару модар ва ҷомеа мебошад. Бинобар ин, шоир ба тифли навзодаш, ки писараки дӯстрӯе аст, замини сарсабзи Тоҷикистон, деҳоту шаҳрҳои обод, рӯдҳои пуртуғёну кӯҳҳои осмонбӯси тоҷикро тақдим мекунад, ба умеде, ки баъди гузашти солҳо фарзанди баркамоли Осиё мегардад. Бо ҳамин хатти сужети асар ба тасвири рӯзгори фар-

занди барӯманду боэҳтироми қитъаи Осиё – устод Айнӣ равона мегардад.

Дарвозаи роҳи оҳани шаҳри Душанбе бо ҷӯшу хурӯш ва ҷараёни муносибати мусофиронаш аз зиндагӣ ва фаъолияти пурсамари фарҳангию адабии устод дарак медиҳад. Устод Айнӣ ҳангоми аз ҳуҷраи поезд фуромадан бо мӯйи сафед, чашмони камнур ва дасти ларзон чун пири хирадманде ба назар мерасад, ки тамоми дониш, таҷриба ва қуввату ғайраташро баҳри ҳифз ва рушду нумуи фарҳанги миллати тоҷик сарф намудааст. Ин аст, ки кулли мардуми Душанбе устодро шодбош ва хайра мақдам[1] мегӯянд:

Ба устоди қаламкаш дод пайғом
Тамоми шаҳр аз ҳар як дару бом.
Салом омад, дуруд омад ба Айнӣ,
Саломи чун суруд омад ба Айнӣ.

Дар боби ҷамъбастии асар устод Айнӣ дар боғи шоир тасвир ёфтааст. Табиати сеҳрангези Душанбе ва офтоби ҷонбахши баҳорӣ ба ҳолати руҳии қаҳрамон созгор афтод ва устод дар ин ҳолат «саропо ба нур ғарқ» ва «аз нур давлатманд» гашта буд. Дар ин боб такроран истифода шудани калимаҳои **нур, машъал, алав, чароғ, оташпора, офтоб** талошу муборизаи устодро баҳри илму маърифат таъкид менамояд:

Ба чашми **нурҷӯ**, марди адабгоҳ ,
Гаҳе Хайём мешуд **шуълаи** моҳ.
Зи Саъдӣ гоҳ оташпора мешуд,
Ба гирди Рӯдакӣ **сайёра** мешуд.
**Чароғ** аз назм, **нур** аз назм меҷуст,
Ба ишқи назм мисли сабза меруст.

Дар боғ шоир андешаҳои устодро ба таваллуди фарзанд ва давом ёфтани насли инсон мекашад. Ба қавли устод таълиму тарбияи фарзанд ҷиддитарин ва муҳимтарин масъалаи ҷомеаи инсонӣ мебошад, зеро фардои неки ҳар мамлакат ба насли ҷавон вобаста аст:

1 Хайра мақдам — қадам ба хайр бод, хуш омадед!

Ба фарзандат сабақ омӯз зинҳор,
Ки аз макри аду бошад хабардор.
Ба ҳар ҷо илм бурда ҷаҳл ронад,
Қасос аз ҷаҳлу нодонӣ ситонад.
Фишорад гарм дасти дӯстонро,
Мададгорӣ кунад афтодагонро.
Ба мисли заррае тобанда бошад,
Ба ҳар маҳфил чароғи зинда бошад.
Ба олам насл аз мо ёдгор аст,
Ба ӯ фардои инсон чашмдор аст.

Бо суханони ҳикматомези устод Айнӣ ба поён расидани хатти сужети «Чароғи абадӣ» хусусияти миллӣ ва ҷанбаи маърифатии достонро афзун гардондааст.

Дар адабиёти бадеии ватанию хориҷӣ, чун С. Улуғзода, Ҷ. Икромӣ, П. Толис, Ғ. Абдулло, Р. Ҳодизода, Ӯ. Кӯҳзод, Ш. Лоиқ, Б. Собир, И. Зарайский (шоири рус), Зулфия (шоираи ӯзбек), Қилич Қулиев (нависандаи туркман), Алӣ Асғари Ҳикмат (шоири Эрон), адибони зиёд дар офаридани симои устод Айнӣ кӯшиш ба харҷ додаанд. Дар байни асарҳои адибони мазкур мавқеи достони «Чароғи абадӣ»-и Турсунзода бузург аст.

**«Ҷони ширин»**

Достони «Ҷони ширин» (1959) дар эҷодиёти М. Турсунзода ҷойи намоён дорад. Адиб барои достони «Ҷони ширин» соли 1963 Ҷоизаи адабии ба номи Рӯдакиро сазовор шудааст. «Ҷони ширин» чун достонҳои «Ҳасани аробакаш» ва «Чароғи абадӣ» хусусияти тарҷумаиҳолӣ дорад. Шоир лаҳзаҳои тарҷумаиҳолии асарро чунон умумият додааст, ки он аз доираи маҳдуди ҳаёти як оила баромада, моҳияти иҷтимоӣ ва умумиинсонӣ касб кардааст.

«Ҷони ширин» достони лирикӣ мебошад ва қаҳрамони лирикӣ дар шахси шоир амал мекунад. Достон дар жанри маснавӣ (қофиябандиаш: аа, бб, вв..) буда, зоҳиран ба бобҳо ҷудо намешавад. Муносибати қисматҳои таркибии асар ва оғози бобҳои навбатӣ ба воситаи байтҳое, ки бо ибораи «Ҷони ширин» сар мешаванд, таъмин мегардад. Дар асар чунин байтҳои васила ёздаҳто мебошад:

***Ҷони ширин,*** худ ки озод аз ғамӣ,
Аз ғами мазлумҳо огаҳ камӣ.

Дар асар мавзуи оила ва муносибатҳои оилавӣ мавқеи муайянкунандагӣ дорад ва дигар муаммоҳо дар муносибат ба ин мавзуи асосӣ ҳал мешавад. Аз ин ҷиҳат, чун соҳибхона фаъолият намудани ҳамсари шоир дар ҷашни 1100-солагии устод Рӯдакӣ (1958) ҷолиби диққат аст. Барои меҳмонони кишварҳои хориҷӣ, ки дар хонаи шоир ҷамъ омада буданд, дар баробари меҳмоннавозии тоҷикона, симои миллӣ ва мӯйи дарозу пироҳани атласи зани тоҷик хотирмон буд:

Кокули маъшуқаи ошиқнавоз
Буд мисли мӯйҳои ту дароз...
Чун зани тоҷик – соҳибхоназан
Доштӣ пироҳани атлас ба тан,
Доштӣ дар сар хаёли меҳмон,
Аз чунин ташвиш будӣ шодмон.

Дар маркази тасвироти Турсунзода **оилаи хушбахт** қарор гирифтааст, оилае, ки асоси онро меҳру муҳаббат, самимият ва эҳтироми ҳамдигарии зану шавҳар ташкил медиҳад.

Достони «Ҷони ширин» мавзуъҳои гуногунро фаро гирифтааст. Махсусан, сулҳ, дӯстӣ ва ватанхоҳӣ дар ин асар мавқеи босазо доранд. Шоир, чи хеле ки аз байти василаи зерин бармеояд, масъалаҳои сулҳу дӯстиро тавъам медонад ва онҳоро якҷо мавриди тасвир қарор медиҳад:

Ҷони ширин, бин, чӣ сон сулҳ аст зӯр,
Бин, чӣ сон шуд дӯстӣ моро зарур.

Дар тасвири муаллифи «Ҷони ширин» сулҳ барои ҷомеаи инсонӣ бузургтарин неъмати рӯйи замин аст, ки файзу баракати онро ба саховати офтоб баробар кардан мумкин аст. Шоири тоҷик ба воситаи тасвири лаҳзаҳои зиндагӣ ва кору пайкори Файз Аҳмади покистонӣ ва Николай Тихонови рус таъкид мекунад, ки сулҳу амонӣ ва озодӣ маҳсули ҷонбозиҳои фарзандони бедордилу барӯманди халқҳои гуногун мебошанд. Махсусан, образи Файз Аҳмад хеле муассир ба қалам омадааст:

Ёд дорӣ, аз мубориз шоирон,
Файз буд дар хонаи мо меҳмон.

Аз ватан гап сар кунӣ, дар мегирифт,
Дар ба мисли ҳезуми тар мегирифт.
Печу тобаш мисли мавҷи об буд,
Обҳои ноҳаи[1] Панҷоб буд.

Таркибҳои маҷозии **ба мисли ҳезуми тар дар гирифтан, чун мавҷи об печутоб хӯрдан, дар сари мӯ бозии ҷон дидан** гувоҳи сахтӣ ва душвории муборизаи озодихоҳонаи Файз Аҳмад мебошад.

Умуман, таҷрибаи зиндагӣ ва ҷаҳонбиниву ҳунари нигарандагии шоир боиси ифодаи барҷастаи хусусияти маърифатии достон гардида, баъзе байтҳо шакли панду ҳикматро гирифтаанд:

Одамон аз дӯстӣ ёбанд бахт,
Душманӣ орад ба мардум рӯзи сахт.

***

Қалъа аз як пояи девор нест,
Боғ ҳам аз як буни пурбор нест.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Достонҳои Турсунзодаро номбар кунед.
2. Достони «Чароғи абадӣ» ба кӣ бахшида шудааст?
3. Мулоқоти аввали шоир дар куҷо сурат гирифт? Мулоқоти дуюм-чӣ?
4. Устод Айнӣ ба воситаи кадом мафҳумҳо васф шудааст?
5. Устод Айнӣ ба шогирдаш – Турсунзода чӣ панд медиҳад?
6. Достони «Ҷони ширин» ба кадом мавзуъҳо бахшида шудааст?
7. Чаро М. Турсунзода Файз Аҳмадро шоири мубориз гуфтааст?

## ДОСТОНҲОИ ҲАМОСИИ ТУРСУНЗОДА

### «Писари Ватан»

Калонтарин асари дар мавзуи Ҷанги Бузурги Ватанӣ навиштаи М. Турсунзода «Писари Ватан» мебошад. Мундариҷаи достон дар асоси роҳи ҷангии фарзандони халқи тоҷик ва дӯстиву рафоқати онҳо ба фарзандони халқи украин фароҳам омадааст. Дар ёздаҳ боби достон Қодир, падари ӯ, Саодат, Микола, Марина ва духтур амал мекунанд.

Достон аз панди падари Қодир оғоз мешавад. Симои падар чун шахси ватандӯст, ҳалолкор, таҷрибадида ва соҳиби руҳи

1 Ноҳа — шакли кӯтоҳшудаи ноҳия (кишвар, мамлакат).

қавиву орзую омоли наҷиб намоён мешавад. Вақте ки ҷанги хонумонсӯз оғоз меёбад, пеш аз ҳама, писарашро ба ҳимояи Ватан бармехезонад:

Ту ҳам бо дӯстонат рав ба майдон,
Нишон деҳ қудрати худро, писарҷон!
Далери ман, сазовори падар бош,
Чу шамшери падар соҳибзафар бош!

Мирзо Турсунзода ба воситаи образҳои Қодир ва Микола ҷавонони ватандӯсти Иттиҳоди Шуравиро дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ тасвир намудааст, ки барои онҳо тамоми хоки паҳновари Давлати Шуравӣ азизу муқаддас буд. Маҳз дӯстиву муттафиқии[1] онҳо ғалабаи халқҳои Шуравиро бар Германияи фашистӣ таъмин намуд.

Қодир бо хешу табор ва ёру диёр видоъ карда, ба майдони ҷанг меравад ва дар бешазорҳои Украина ҳангоми набард Миколаро аз марг наҷот дода, ба ӯ аҳди дӯстӣ мебандад. Дар боби VIII фаъолияти ҷангӣ ва муносибату дӯстии Қодиру Микола равшану возеҳ тасвир гардидааст. Микола ҳам мисли Қодир аз хатари ба сари Ватан омада ниҳоят озурда аст ва барои ҳимояи он ҷонро дареғ намедорад:

Ту бингар Украини меҳрубонро,
Рухи зарду дили пурхуни онро.
Ба роҳаш не ҳарос аз тир дорам,
На тарсе аз дами шамшер дорам.

Ба Қодир суханҳои Микола ва нидоҳои пуртаъсиру руҳбахши ёри меҳрубони ӯ – Марина, ки ҳангоми гусели ҷавон садо дода буд, таассуроти бузург мебахшад:

Микола, рав, ҳимоят кун Ватанро,
Ки бе он ту нахоҳӣ ёфт манро.
Агар ту ишқро дорӣ муқаддас,
Агар онро нигаҳ дорӣ зи нокас,
Бирав, нобуд кун яғмогаронро –
Фашистон – душманони молу ҷонро...

Тасвири ҷанг ҳангоми озод кардани деҳаи Микола басо пурқувват ва ҷолиб аст. Қодир «заминро бо сару тани душман пур карда» ва Микола «аспи ҳамчун шер ронда», деҳаи Миколаро

1 Муттафиқ — якдилу якзабон.

озод мекунанд. Онҳо назди қабри Марина, ки аз дасти фашистон ба хорӣ кушта шуда буд, қасам ёд карда, аз пайи интиқоми куштаю қурбоншудагон мешаванд.

Дар боби X симои Қодир чун ҷанговари шуҷоъ ва чун ватандори асил боз ҳам равшантар намудор мешавад. Ӯ дар устуворӣ ба кӯҳ монанд шудааст. Қодир ҳангоми озод кардани яке аз деҳаҳо нобино шуда ба беморхона меафтад.

Дар боби X1 вазъияти Қодир дар беморхона тасвир меёбад. Ӯ аввал афсӯс мехӯрад, ки аз наззораи олами беруна маҳрум гардида, душмани чун дарандаи захмдорро то охир саркӯб накардааст. Вале иродаи қавӣ, дили саршори орзуҳо, ҳунари беҳамтои табиби меҳрубон ва суханҳои тасаллобахши маҳбубааш – Саодат (ба воситаи мактуб) боиси пурра табобат ёфтани Қодир мегардад ва қаҳрамон роҳи ҷангии худро давом медиҳад. Махсусан, аз мактуби ҷавобии Саодат муносибати самимона ва ғамхоронаи ҷавондухтарони тоҷик дар давраи ҷанги Германияи фашистӣ хуб эҳсос мешавад:

Ту даъвои маро исбот кардӣ,
Ба аспат шоҳи душман мот кардӣ.
Машав навмед аз бедида гаштан,
Ки ҷояшро бигирад дидаи ман.

Таркибҳои «ба аспат шоҳи душман мот кардӣ» ва «ҷояшро бигирад дидаи ман» бо маънои маҷозии худ тасвирро хотирмон намудаанд. Тасвирҳои тамсилӣ низ боиси ташаккули хусусияти бадеии асар гардидаанд. Шоир дар боби VI ***замин, кӯҳ, об, осмон*** ва ***офтоб***ро ба сухан даровarда, пайванди ногусастании соҳибватанонро ба Ватан таъкид намудааст:

Ба одам гуфт ***хоки*** кишвари бахт,
Ки: «Гар ту дӯст медорӣ маро сахт,
Силоҳи ҷанг бар каф гиру бархез!
Бидон инро фақат тадбиру бархез!»

**«Ҳасани аробакаш»**

«Ҳасани аробакаш» аз амалиёти қаҳрамони асосӣ оғоз меёбад:

Пӯшт, машкоб!
Бохабар, мардум!
Ба қафоят нигаҳ кун, нонвой!
Ҳой, ҳезумфурӯши варзобӣ,
Хари худро каш аз даруни лой!

Бо чунин дӯғу валвала омад
Ҳасани ошно аробасавор.
Одамонро ба ду тараф ронда,
Мегузашт аз миёнаи бозор.

Дар чор боби достон тақдири таърихии табақаи меҳнатии аҳолӣ дар солҳои 20 – 30 садаи XX ба тасвир омадааст. Образи асосӣ – Ҳасан ва образҳои дигари асар чун Садаф, Иван Кузмич, раиси колхоз, Турсунзодаи донишҷӯ, хаткашон, савдогари саройкамарӣ дар ҳалли мавзуъ ва мундариҷаи асар саҳми муносиб доранд.

Ҳасан аробакаш мебошад ва ба аспу аробаи худ муҳаббати бепоён дорад. Ӯ ҳангоми сафарҳои пай дар пай аз манзараҳои табиати диёраш, аз тамошои қаторкӯҳу дарахтони Қаратоғ ва водии Ҳисор нашъаю лаззат мебарад. Ӯ ҷавони боғуруру сарбаланд аст, иззати нафс дорад ва меҳнатро асоси зиндагӣ медонад. Дар боби аввал давраи ҷавонӣ ва ривоҷи фаъолияти аробакашии Ҳасан тасвир ёфтааст. Ҳасани ҷавону камтаҷриба аспи худро нишонаи охирини Рахши Рустам дониста, онро муболиғаомез васф мекунад:

Дорад он дӯст яккаву танҳо
Бол афшонда по ниҳоданро,
Аз сари кӯҳу синаҳои дашт
Паҳлавонвор роҳ гаштанро.

Вале ҷараёни зиндагӣ, тағйироти иҷтимоию фарҳангии Тоҷикистон Ҳасанро водор мекунад, ки аз хислатҳои худписандӣ ва одамгурезӣ даст кашад ва ба ҷамъияти нав бошуурона мувофиқат кунад. Хислатҳои ватандӯстӣ ва озодандешии Ҳасан ҳангоми ӯро барои зиндагӣ дар Афғонистон даъват кардани савдогари саройкамарӣ барҷаста ба назар мерасад:

Ҳасани мо аробаи худро
Аз алам саҳнаи мубориза сохт.
Бойро бо ду даст боло кард,
Бо ҳама қувва бар замин андохт.

Ҳамин тариқ, Ҳасан мувофиқи тағйироти иҷтимоии давр фаъолият карданро дуруст дарк мекунад ва бо мурури замон аз аспу ароба даст кашида, ронандаи мошин мегардад.

Хислату табиати Ҳасан дар алоқа ба дигар образҳо, махсусан ба образи Садаф боз ҳам равшантар намоён мешавад. Садаф яке аз

аввалин духтарҳои тоҷик аст, ки дар солҳои 30 дар муассисаи муаллимтайёркунии Душанбе мехонад ва ба таълиму тарбияи насли наврас машғул мешавад. Садаф дар асар чун духтари покдоман, бофаросат ва вафодор тасвир ёфтааст. Ӯ ба Ҳасан дил мебандад ва суботкорона барои бахти худ мубориза мебарад. Садаф ошиқи худро аз суханҳои ноҷойи дугонаҳояш муҳофизат мекунад:

Ору номусдор як мардест,
Тамае аз касе надорад он.
Ба умеди Садаф – умеди висол
Ҳеҷ гоҳе нагашт аз паймон.

Образи Иван Кузмичи табиб таҷассумгари масъалаи дӯстии халқҳои тоҷику рус мебошад. Иван Кузмич образи лаҳзавӣ мебошад, вале таҷрибаи зиёд, зиндадилӣ ва ҳазлу шӯхиҳои софдилона мавқеи ӯро дар асар меафзояд. Ҳасан низ маҳз баъди суханҳои ҳикматноки ӯ («додарам, давраи ароба гузашт, қадами сангпушт лозим нест») дар фикри ба мошин иваз намудани ароба меафтад.

Мирзо Турсунзода дар достони «Ҳасани аробакаш» аз анъанаи назми тоҷик ва таҷрибаи назми рус истифода кардааст ва дар мазмуну шакли асар навпардозиҳо зоҳир намудааст. Достон руҳияи аспбозону аробакашони даврро равшан ифода мекунад. Суханҳои ҳикматнок, мақолу зарбулмасалҳои халқӣ ба тору пуди асар дохил шуда, онҳо руҳи забони гуфтугӯйиро қувват додаанд. Шоир дар як банд мазмуни зарбулмасали «Хурӯс дар ҳама ҷо як хел садо медиҳад» ва мақоли «Ба гузашта салавот»-ро чунин ифода кардааст:

Дар ҳама ҷо ба гӯши кас як хел
Мерасад, дӯстам, садои хурӯс.
Фикри ояндаро намо минбаъд,
Ба гузашта махӯр ҳеҷ афсӯс.

Умуман, Турсунзода бо таълифи «Ҳасани аробакаш» дар назми тоҷик шакли нави достони реалистиро ба вуҷуд овард.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Дӯстии Қодиру Микола дар чӣ зоҳир гардидааст?
2. Мавқеи тамсилро дар «Писари Ватан» нишон диҳед.
3. Достони «Ҳасани аробакаш» бо кадом бандҳо оғоз меёбад?

4. Образҳои «Ҳасани аробакаш»-ро номбар кунед.
5. Оид ба хислатҳои Ҳасан чӣ медонед?
6. Доир ба забони асар маълумот диҳед.

## МИРЗО ТУРСУНЗОДА – ДРАМАТУРГ

Фаъолияти драматургии М. Турсунзода низ аз ибтидои солҳои 30-юми асри XX оғоз меёбад ва аввалин асари саҳнавии адиб – «Ҳукм» (1933) дар озмуни асарҳои драмавӣ сазовори ҷойи дувум мегардад. Намоишномаи «Роҳатхон» (1935) ба мавқеи зан дар ҷомеа бахшида шудааст.

М. Турсунзода баъдтар ба жанрҳои нисбатан нави драматургия – драмаи мусиқӣ, либретто[1] ва киносенария таваҷҷуҳ менамояд ва соли 1936 бо ҳамкории Деҳотӣ ва Ғанӣ Абдулло драмаи мусиқии «Хусрав ва Ширин»-ро менависад. Муаллифони драмаи мусиқӣ тавассути образҳои Хусрав, Ширин, Фарҳод, Шируя, Марям, Баҳроми Чӯбина адлро ба зулм, вафоро ба хиёнат, инсондӯстиро ба ҷиноят муқобил гузоштаанд. Сужети асар завқовар ва зиддияти он тезутунд аст.

Муаллифон на танҳо аз достони ҳамноми Низомӣ, инчунин аз ғазалҳои Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Фурӯғӣ, Котибӣ ба сифати ария[2] ва хор[3] истифода кардаанд. Порчаҳои шеърӣ дар такмили сужети асар ва ҳолату вазъияти образҳо саҳми муносиб гузоштанд. Масалан, ғазали зерини Ҳофиз, ки Ширин месарояд, ҳиссиёти ботинӣ, самимӣ ва ҳусни таваҷҷуҳи ӯро ба Хусрав басо муассир ифода менамояд:

Эй роҳати ҷони беқарорам,
Уммеди[4] дили умедворам.
То марг нагирадам гиребон,
Ман даст зи доманат надорам.

Ҳамчунин, солҳои 1938–1939 Турсунзода бо ҳамкории Деҳотӣ якумин либреттои операи миллии тоҷик «Шӯриши Восеъ»-ро эҷод намуд. Ин асар дар Даҳаи санъати тоҷик дар Маскав (1941) бомуваффақият намоиш дода шуд.

1 Либретто – матни адабии асарҳои саҳнавӣ.
2 Ария — порчае, ки як кас бо ҳамоҳангии оркестр иҷро мекунад.
3 Хор — матне, ки дастаи сарояндагон иҷро мекунанд.
4 Уммед — мувофиқи талаби вазн ҳарфи “м” ташдид гирифтааст.

Либреттои «Шӯриши Восеъ» аз чор пардаю панҷ намоиш иборат аст. Муаллифон аз эҷодиёти даҳанакии халқ, махсусан достони «Шӯриши Восеъ» хеле хуб истифода кардаанд. Аксари иштирокчиёни опера, чун Восеъ, Назир, Нозим, Гулъизор, Кабир, шахсони воқеӣ мебошанд. Восеъ нотарс, далер ва ҳақиқатталабу адолатхоҳ ба назар мерасад. Ӯ ҷанговаронашро ба Рустам ва душманони халқро ба аждаҳо монанд мекунад. Дар навбати худ халқ Восеъро сидқан чунин васф мекунад:

Ҳар касе шавад,
Қаҳрамони халқ,
Нест ғайри вай,
Меҳрубони халқ,
Гум намешавад,
Аз миёни халқ.

Либреттои «Шӯриши Восеъ» фоҷиаест, ки руҳи некбинона дорад. Дар охири асар Восеъ ба қатл мерасад, вале хонанда ё тамошобин эҳсос мекунад, ки кори Восеъ дар шахси Назиру Гулъизор барин ҳамсафону бозмондагонаш идома меёбад.

Асари дигари саҳнавии М. Турсунзода либреттои операи «Арӯс» (1945) мебошад. Шоир дар ин либретто як силсила ҳодисаву воқеаҳоро, ки мундариҷаи асарро ташкил медиҳанд, ба ҳам пайвастааст. Як хатти сужет ҷараёни муносибати самимонаи Собир ва Елена мебошад, ки дар муддати чор соли Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба дараҷаи муҳаббат расидааст. Хатти дигари сужет аҳду паймони Саида (модари Собир) ва Оиша (модари Сарвиноз) оид ба хонадор кардани фарзандони худ мебошад. Муаллиф миёни волидону фарзандон зиддияти тезутунд ба вуҷуд наовардааст. Ҷавонон дили модаронро намеранҷонанд, дар айни ҳол дар роҳи расидан ба мақсад суботкорӣ ва устуворӣ нишон медиҳанд. Собир сабаби ба духтари хушкардаи модараш майли хонадоршавӣ надоштанашро чунин асоснок мекунад:

Чунки ман ёри меҳрубон дорам,
Ёр не, **ҷон** ба ҷойи **ҷон** дорам.
**Хуни** ҳар дуи мо, ки яксон рехт,
Ватан онро ба ҳамдигар омехт.
**Хуни** худ бӯ кунам гар акнунам,
Бӯйи **хуни** ӯ ояд аз **хунам**.

Такрори калимаҳои **ҷон** ва **хун** ифоданокии тасвирро таъмин намуда, боиси муассирии баён гардидааст.

М. Турсунзода дар кинодраматургияи тоҷик низ саҳми муносиб гузоштааст. Матни филмҳои «Қувваи бузург» (1949) ва «Ман ба духтаре вохӯрдам» (1956) ба қалами Турсунзода тааллуқ дорад. Соли 1965 аз рӯйи достони «Ҳасани аробакаш» адиб ҳамроҳи И. Филимонова киноповест таълиф мекунад. Ҳамчунин, М. Турсунзода бо ҳамкории Д. Булгаков ва Л. Файзиев киноповести «Аз Ганг то Кремл»-ро навиштааст, ки аз рӯйи он филмномаи «Субҳи Ганг» офарида шуд.

М. Турсунзода соли 1943 либреттои операи «Тоҳир ва Зуҳро»-ро навишт. Либреттои «Тоҳир ва Зуҳро» аз се парда ва панҷ намоиш иборат аст ва дар давоми хатти сужет образҳои асосӣ, махсусан Тоҳир, Зуҳро, Маҳин фаъол ва собитқадам мебошанд. Тоҳир ҷавони далер, сарбаланд ва дар роҳи муҳаббат содиқу фидокор аст. Ӯ худ писари вазир аст ва ба духтари шоҳ ошиқ шудааст. Тоҳирро аз дарбор меронанд ва баъдтар ӯро ба сандуқ андохта ба дарё мепартоянд. Духтарони шоҳи Хоразм Тоҳирро аз дарё мегиранд ва ҳар се ба ӯ дил мебанданд. Шоҳи Хоразм розӣ мешавад, ки Тоҳир ба духтари хурдиаш – Маҳин хонадор шавад. Аммо Тоҳир боз ба назди Зуҳро омада, ба Қаработур ва падари дилдодааш набард мекунад.

Зуҳро низ дар вафодорӣ, садоқат ва шуҷоат аз Тоҳир монданӣ надорад, бо тамоми ҳастӣ ишқи худро муҳофизат мекунад ва Қаработурро, ки ба ӯ ҳаваси хонадоршавӣ дошт, бо ханҷар зада мекушад. Ҳар ду дилдода чун мебинанд, ки ба дасти ҷаллодони шоҳ афтода кушта мешаванд:

Не марг тарсонад маро,
Не зулми шоҳи пурҷафо.
Ман домани ишқи туро
Ҳаргиз намесозам раҳо, –

гӯён худашонро аз баландӣ ба ҷарӣ ҳаво медиҳанд. Бо фоҷиа ба итмом расидани либреттои «Тоҳир ва Зуҳро» эътирози сахти дилдодагон ба муҳити носолими иҷтимоӣ мебошад.

Дар асар бисёр лаҳзаҳои ҷолиби диққат ва хотирмон ба назар мерасад. Аз ҷумла, духтарони шоҳи Хоразм аз дарё сандуқи Тоҳирро ба мӯйҳои дарози худ печонда берун меоваранд.

Забони асар равон ва гуворо буда, содагӣ ва самимияти эҷодиёти шифоҳии халқро ба хотир меорад. Арияҳои Тоҳир (Ҷонона, маро ту ёр ҳастӣ ё не?), Зуҳро (Дарё равон аст секин-секин) сӯзи фироқ ва ҳолати руҳии образҳои асарро хеле ҷолиб ифода намудаанд.

Либреттоҳои «Шӯриши Восеъ», «Тоҳир ва Зуҳро» ва «Арӯс» дар пешрафти санъати операвии Тоҷикистон нақши судманд бозидаанд. Ин аст, ки тавлиди нахустин операҳои таърихӣ ва миллии тоҷикӣ ба номи М. Турсунзода вобаста аст.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Кадом намоишномаҳои М. Турсунзодаро медонед?
2. Жанри намоишномаи «Хусрав ва Ширин»-ро муайян кунед.
3. Дар бораи якумин либреттои операи миллии тоҷикӣ маълумот диҳед.
4. Чаро Собир ба духтари хушкардаи модараш не, ба русдухтар Елена хонадор мешавад?
5. Саҳми М. Турсунзодаро дар кинодраматургияи тоҷик шарҳ диҳед.
6. Дар бораи образҳои Тоҳир ва Зуҳро маълумот диҳед.

## САВОЛИ ТЕСТӢ

1. Ин байт ба кадом достони Мирзо Турсунзода мансуб аст?

Одамон аз дӯстӣ ёбанд бахт,
Душманӣ орад ба мардум рӯзи сахт.

А) «Хазон ва баҳор»;
Б) «Ҳасани аробакаш»;
В) «Садои Осиё»;
Г) «Ҷони ширин»;
Ғ) «Чароғи абадӣ».

2. Силсилаи шеърҳои «Қиссаи Ҳиндустон» бо кадом шеър оғоз гардидааст?

А) «Меҳмони мағрибӣ»;
Б) «Боғи муаллақ»;
В) «Қиссаи Ҳиндустон»;
Г) «Тара Чандри»;
Ғ) «Бозгашт».

3. Аввалин асари саҳнавии М. Турсунзода чӣ ном дорад?

А) «Ҳукм»;
Б) «Хусрав ва Ширин»;
В) «Шӯриши Восеъ»;
Г) «Роҳатхон»;
Ғ) «Арӯс».

## ДОСТОН

**Назарияи адабиёт**

***Достон*** (гоҳо дар шакли ***дастон*** низ истифода мешавад) дар луғат маъноҳои гуногун дорад. Як маънояш ***овоза, машҳур, шуҳрат*** мебошад. Ба ин маънӣ Ҳилолӣ гуфтааст:

Маҷнун чу фасонаи ҷаҳон шуд,
Он рози нуҳуфта ***достон*** шуд.

Рустами ***Достон*** низ ба ҳамин маъност. Мафҳуми дигари достон ***қисса, саргузашт, ривоят*** мебошад. Ба ин маънӣ Фирдавсӣ фармудааст:

Кунун, эй сухангӯйи бедормағз,
Яке ***достоне*** биорой нағз.

Дар истилоҳи адабӣ достон асари калонҳаҷмест, ки асосан ба назм эҷод гардида, дар он воқеаҳои гуногуни ҳаёти одамон мавриди тасвири бадеӣ қарор мегиранд. Достон таърихи қадима дорад. Ин жанри адабӣ дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ аз ҷиҳати шаклу мазмун ба дараҷаи камолот расид. Адабиётшиносон 63 қисмати «Шоҳнома»-ро дар зери мафҳуми достон ном бурдаанд.

Достонҳои Фирдавсӣ ва ҳамасрони ӯ дар мавзуъҳои қаҳрамонӣ (паҳлавонӣ) ва таърихӣ эҷод гардидаанд. Дар асрҳои XI–XII дар адабиёти тоҷик достонҳои ишқӣ – романтикии «Вис ва Ромин»-и Фахриддини Гургонӣ, «Хусрав ва Ширин» ва «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Низомии Ганҷавӣ таълиф гардидаанд.

Дар адабиёти классикии тоҷик жанри достон мавқеи муҳим пайдо кард ва навъҳои гуногуни он – достонҳои асотирӣ, паҳлавонӣ, таърихӣ, ошиқона, ирфонӣ, иҷтимоӣ, ахлоқию фалсафӣ, фоҷиавӣ ривоҷ ёфтанд. Достонҳои Фирдавсӣ, Низомии Ганҷавӣ, Шайх Аттор, Ҷалолиддини Румӣ, Хусрави Деҳлавӣ,

Абдурраҳмони Ҷомӣ, Абдулқодири Бедил ва ғайра дар байни дигар халқҳои ҷаҳон низ маълуму машҳуранд.

Дар адабиёти тоҷик достон, асосан, дар шакли қофиябандии маснавӣ (аа, бб, вв...) эҷод мегардад. Вале, дар назми классикӣ дар таълифи достон тарзҳои дигари қофиябандӣ низ истифода шудааст. Аз ҷумла, достони «Мушу Гурба»-и Убайди Зоконӣ дар шакли қофиябандии қасида (аа, ба, ва...) навишта шудааст. Достони «Панҷ ганҷ»-и шоири асри XVII Зиёӣ дар шакли қофиябандии мусамммати мухаммас (ааааа, бббба, вввва... ) таълиф ёфтааст.

**Такмили достон**

Дар адабиёти давраи нави тоҷик достон аз ҷиҳати маъно васеъ гардида, шаклҳои тозаи адабиро низ фаро гирифт. Дар достонҳо баробари қофияҳои суннатӣ қофияҳои нав, ки ба воситаи назми рус ва Аврупо гузаштаанд, истифода мешавад. Аз ҷумла, достонҳои «Ҳасани аробакаш»-и М. Турсунзода ва «Кӯчабоғи ошиқон»-и А. Шукӯҳӣ дар шакли мураббаъ бо қофияҳои ***абвб*** («Ҳасани аробакаш») ва ***абаб*** («Кӯчабоғи ошиқон») эҷод гардидаанд.

Достон мувофиқи тарзи тасвир ҳам ба ҷинси ҳамоса ва ҳам ба ҷинси лирика муштарак аст, бинобар ин, ба ду навъ – ***достони ҳамосӣ*** ва ***достони лирикӣ*** ҷудо мешавад. Агар дар достон воқеа, образ, сужет, зиддият ва характер мавқеъ дошта бошад, ***достони ҳамосӣ*** ном мегирад. Ба муколамаи Рустам ва Исфандиёр (аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ) дар майдони набард таваҷҷуҳ намоед. Ин ду паҳлавон сазовори якдигаранд. Ба ҳам самимона суҳбат мекунанд, якдигарро ба меҳмонӣ мехонанд ва нажоди худро ситоиш менамоянд. Муколамаи онҳо торафт қувват мегирад ва пеш аз набард чунин садо медиҳад. Исфандиёр ба Рустам мегӯяд:

«...Ту фардо бубинӣ ба овардгоҳ,
Ки гетӣ шавад пеши чашмат сиёҳ.
Бидонӣ, ки пайкони мардони мард,
Чӣ гуна бувад рӯзи нангу набард?»

Ҷавоби Рустам ҳам сазовор аст:

Бад-ӯ гуфт Рустам, ки: «Эй номҷӯ,
Туро гар чунин омадаст орзу.
Танат бар тани Рахш меҳмон кунам,
Ба гурзу ба купол дармон кунам».

Дар достони лирикӣ танҳо сухани тавсифии шоир мавқеъ дорад, ки он аз номи қаҳрамони лирикӣ баён мешавад. Шоир фикру ақида ва муносибати худро ба муҳимтарин рӯйдодҳои зиндагӣ баён мекунад. Таваҷҷуҳ намоед ба банди зерин аз оғози достони «Мавҷҳои Днепр»-и Муъмин Қаноат:

Эй Днепро, модари поки Тарас,
Назди ту даҳрӯза меҳмон омадам.
Аз лаби дарёи Панҷи беқарор,
Аз Бадахшон, аз Бадахшон омадам...

М. Қаноат аз аввал то охири достон чун қаҳрамони лирикӣ ширкат меварзад ва тамоми мундариҷаи асар аз нигоҳи шоир баррасӣ мешавад. Дар достон образҳои шоири украин Т.Г. Шевченко (1814–1861), Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ Саидқул Турдиев (1912–1943) ва бародари М. Қаноат мушоҳида мешаванд. Вале онҳо амал намекунанд, балки чун объекти муҳокима ва воситаи андешаи қаҳрамони лирикӣ мебошанд.

Достони лирикӣ маҳсули асри XX мебошад. Шоирони тоҷик аз дастовардҳои адибони аврупоӣ ва рус истифода карда, ин навъи достонсароиро ривоҷ додаанд. Образи қаҳрамони лирикӣ бори аввал дар «Манзараҳои сегона» (1933) ном достони А. Деҳотӣ мавқеъ пайдо кард. Дар достонҳои М. Турсунзода («Чароғи абадӣ», «Ҷони ширин»), Ғ. Мирзо («366 паҳлу»), М. Қаноат («Мавҷҳои Днепр», «Сурӯши Сталинград») қаҳрамони лирикӣ хеле фаъол мебошад.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Оид ба маънои луғавӣ ва истилоҳии достон маълумот диҳед.
2. Дар адабиёти классикии тоҷик кадом навъҳои достон ривоҷ ёфтаанд?
3. Кадом шаклҳои қофиябандии достонро медонед?
4. Чаро «Размы Рустам бо Исфандиёр» достони ҳамосӣ ва «Мавҷҳои Днепр» достони лирикӣ ном гирифтаанд?
5. Оид ба хусусияти достони лирикӣ маълумот диҳед.

# СОТИМ УЛУҒЗОДА

*(1911 – 1997)*



**Шарҳи ҳол**

Сотим Улуғзода 2 сентябри соли 1911 дар деҳаи Варзики ноҳияи Чуст (вилояти Намангони Ҷумҳурии Ӯзбекистон) дар хонаводаи деҳқон ба дунё омадааст. Волидони Сотимхон аз табақаи кишоварзони камбизоат, вале соҳибдил будаанд. Модараш зани босавод буда, гоҳе машқи шеър мекардааст.

Сотимхон дар синни нуҳсолагӣ аз модар ва дар даҳсолагӣ аз падар бенасиб мемонад. Баъдан вай дар мактаби усули нав, ки дар Чуст ташкил шуда буд, ба таҳсил фаро гирифта мешавад. Соли 1925 ба сафи донишҷӯёни Дорулмуаллимини тоҷикии шаҳри Тошканд пазируфта шуда, соли 1929 онро хатм мекунад ва як сол дар ҳамин муассисаи таълимӣ ба касби муаллимӣ машғул мешавад.

Чор соли таҳсил ва як соли фаъолияти муаллимӣ дар Дорулмуаллимин дар ташаккули шахсият ва ҳисси худшиносии Сотимхон мусоидат менамоянд. Ӯ дар ин муддат ба эҷодиёти Рӯдакиву Фирдавсӣ ва дигар шаҳсутунҳои адабиёти ҳазорсолаи тоҷик шинос мешавад, ба С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, Нисор Муҳаммад, А. Фитрат барин шахсиятҳои фарҳангии тоҷик вомехӯрад ва аз забони профессори рус М.С. Андреев пандеро ба маънои «халқи худро шинос» ба гӯш мегирад.

Ҳамчунин, дар солҳои дар Дорулмуаллимини Тошканд таҳсил карданаш С. Улуғзода ба донишҷӯйи факултети шарқшиносии Университети Осиёи Миёна Клавдия Благовешенская[1] дӯстӣ пай-

1 Улуғзода (Благовешенская) Клавдия Александровна (1909-1965) – мутарҷим ва фолклоршинос, узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон.

до намуда, баъдҳо ба ӯ издивоҷ намуд ва онҳо соҳиби ду фарзанд – Азиз ва Норахон гардиданд.

Сотим Улуғзода соли 1930 ба пойтахти Тоҷикистон – Сталинобод омада, дар идораҳои рӯзномаҳои «Комсомоли Тоҷикистон» (ҳоло «Ҷавонони Тоҷикистон»), «Тоҷикистони сурх» (ҳоло «Ҷумҳурият») ва маҷаллаи «Барои адабиёти сотсиалистӣ» (ҳоло «Садои Шарқ») фаъолият мекунад. Солҳои 1934–1937 вазифаи котиби масъули раёсати Иттифоқи нависандагони Тоҷикистонро ба уҳда дошт.

Фаъолияти журналистӣ С. Улуғзодаро водор менамуд, ки ба шаҳру ноҳия ва деҳоти тоҷик сафарҳо карда, зиндагии мардумро боз ҳам беҳтар омӯзад. Дар айни ҳол, дар ниҳоди ӯ шавқу рағбати таҳқиқи таърихи адабиёти тоҷик торафт меафзояд. Ин аст, ки соли 1940 ба аспирантураи Институти адабиёти ҷаҳонии Маскав дохил гардида, ҷиддан ба фаъолияти илмӣ мепардозад.

Соли 1941 баробари оғоз гардидани Ҷанги Бузурги Ватанӣ Сотим Улуғзода ба сафи қувваҳои мусаллаҳ ҷалб мешавад ва то соли 1944 дар рӯзномае, ки ба фронти ғарбӣ тааллуқ дошт, фаъолият менамояд. Адиб соли 1944 аз сафи армия ба ақибгоҳ даъват мешавад ва то соли 1946 вазифаи раиси раёсати Иттифоқи нависандагони Тоҷикистонро иҷро мекунад. Нависанда аз соли 1946 то охири умр танҳо ба кори эҷодӣ шуғл меварзад.

Сарнавишти С. Улуғзода баъди солҳои панҷоҳум ба душвориҳои зиёде рӯ ба рӯ гардид. Писараш Азиз, ки хатмкардаи Университети давлатии ба номи Ломоносови Маскав буду он ҷо ба сифати омӯзгор фаъолият дошт, соли 1967, ҳангоми сафари расмӣ ба Ҳиндустон, аз сафоратхонаи Англия паноҳгоҳи сиёсӣ хоста ба хориҷа муҳоҷират намуд. Баъди ин ҳодиса С. Улуғзода ба таъқиби сахти Ҳукумати Шуравӣ гирифтор гардид. Нависандаро аз сафи ҳизби коммунист ронданд, чоп ва тадриси асарҳояш боздошта шуд.

Аз нимаи дувуми солҳои 80-ум сар карда, вазъи сиёсии мамлакат тағйир ёфт ва С. Улуғзода дар ҷодаи адабиёти тоҷик аз нав мавқеи муносиб пайдо намуд. Дар арафаи аз байн рафтани Иттиҳоди Шуравӣ адиб бо унвони Нависандаи халқии Тоҷикистон ва Ҷоизаи адабии ба номи Рӯдакӣ сазовор гардид. Нависанда соли 1992 шаҳри Маскавро истиқоматгоҳи поёни умр қарор дод.

Соли 1997 романи «Фирдавсӣ»-и С. Улуғзода ба сифати «Романи сол»-и Ҷумҳурии исломии Эрон пазируфта шуда, нависанда ба баҳои чиҳил сикаи тилло (баробари чаҳор ҳазор доллари америкоӣ) сазовор гардид. Ин охирин мукофоте буд, ки соҳибашро дар зиндагиаш дарёфт намуд.

Нависандаи халқии Тоҷикистон ва Ходими шоистаи санъати Тоҷикистон Сотим Улуғзода 25 июни соли 1997 дар шаҳри Маскав алоқамандону мухлисонашро абадӣ падруд гуфт. Бо амри Ҳукумати Тоҷикистон ҷасади адиб ба Душанбе оварда шуд ва чанд соат сокинони пойтахти ҷумҳурӣ тавонистанд, ки дар толори Театри опера ва балети ба номи С. Айнӣ бо нависандаи маъруфи тоҷик видоъ намоянд. Манзили ҳамешагии С. Улуғзода дар мазори Лучоб қарор гирифт.

**Фаъолияти эҷодӣ**

Сотим Улуғзода нависандаи сермаҳсул буда, аз худ мероси бойи адабӣ, илмӣ ва публитсистиву тарҷумавӣ боқӣ гузоштааст. Фаъолияти нигорандагии адиб аз айёми таҳсилаш дар Дорулмуаллимини шаҳри Тошканд оғоз меёбад. Дар рӯзнома ва маҷаллаҳои «Овози тоҷик», «Раҳбари дониш», «Барои адабиёти сотсиалистӣ», «Комсомоли Тоҷикистон» аввалин навиштаҳояш дар шакли хабару мақола чоп мешаванд.

С. Улуғзода 18 сол дошт, ки бо ҳамкории донишҷӯйи факултети шарқшиносии Университети Тошканд Понов повести «Сом ва Дик»-и М.А. Алексеевро аз русӣ ба тоҷикӣ тарҷума намуд ва ин тарҷума бо кӯшиш ва дастгирии устод Айнӣ ба нашр расид. Баъдҳо С. Улуғзода ин соҳаро бомуваффақият идома дод ва чун сермаҳсултарин тарҷумон дар адабиёти садаи XX-и тоҷик эътибор пайдо кард. Тарҷумаҳои С. Улуғзода, аз ҷумла асарҳои Э. Л. Войнич «Занбӯр» (1931), В. Билл Белосерковский «Ҳаёт даъват мекунад» (1935), Н. Погодин «Одами милтиқдор» (1940), К. Белсони «Хидматгори ду хоҷа» (1944), А.Н. Островский «Гунаҳкорони бегуноҳ» (1945), М. Горкий «Модар» (1953), Шекспир «Ҳамлет» (1970), Молйер «Табиби зӯракӣ» (1972), Сервантес «Дон Кихот» (1974), Ч. Айтматов «Қуллаи Фудзияма» ҳоло ҳам аз беҳтарин тарҷумаҳо дар адабиёти тоҷик маҳсуб мешаванд.

С. Улуғзода ҳанӯз аз солҳои 30-юм ба таҳқиқи осори намояндагони шинохтаи адабиёти сеҳазорсолаи тоҷик таваҷҷуҳ зоҳир намуд ва дар ин соҳа низ хидмати бедареғ анҷом дод. Ӯ чун узви вобастаи Академияи илмҳои Тоҷикистон (1951) асару мақолаҳои

зиёд таълиф намуда, дар инкишофи адабиётшиносии тоҷик саҳми муносиб гузошт.

Як қатор мақолаҳои олим, аз ҷумла «Лоҳутии мо» (1933), «Анҷумани якуми нависандагони шуроии Тоҷикистон» (1934), «Садриддин Айнӣ» (1935), «Дар бораи шоирони Помир» (1935), «Барои асарҳои саҳнавии олисифат» (1947), «Дар бораи баъзе масъалаҳои танқиди адабӣ ва адабиётшиносӣ дар республика» (1954), ба адабиётшиносӣ ва нақди адабии давраи нави тоҷик бахшида шудаанд. Ҳамчунин, С. Улуғзода оид ба рӯзгор ва эҷоди шахсиятҳои барҷастаи фарҳангӣ, чун Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Ҳаким Фирдавсӣ, Абуалӣ ибни Сино, Носири Хусрав, Аҳмади Дониш асару мақолаҳои пурқимат таълиф намудааст. Рисолаҳои «Аҳмади Дониш» (1946) ва «Пири ҳакимони Машриқзамин» (1980) дорои қимати калони илмӣ мебошанд.

Мақоми С. Улуғзода дар таърихи адабиёти давраи нави тоҷик чун нависанда ва драматург басо баланд аст.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. С. Улуғзода зодаи кадом деҳу вилоят аст?
2. Кадом солҳо дар Тошканд таҳсил кардааст?
3. Дар рӯзгори С. Улуғзода солҳои 1940–1944 чӣ ҳодисаҳо рух дод?
4. С. Улуғзодаро чаро маҳкум карданд?
5. Поёни умри Улуғзода дар кадом шаҳр гузаштааст?
6. Мазори С. Улуғзода дар куҷост?
7. Оид ба тарҷумаҳои Улуғзода маълумот диҳед.
8. Кадом асарҳои илмию танқидии адибро медонед?

## НАСРИ БАДЕИИ УЛУҒЗОДА

**Осори насрӣ**

Дар эҷодиёти С. Улуғзода насри бадеӣ, асосан, баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ мавқеъ пайдо мекунад. Дар очерку ҳикояҳои «Атака» (1944), «Бибӣ» (1946), «Саёҳати Бухоро бо ҳамроҳии Айнӣ» (1950), «Қаҳрамони Днестр, Висла ва Одер» (1967) воқеаҳои даврони шуравӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Воқеаи ҳикояи «Марги ҳофиз» (1972) бошад, дар Ҳиндустон рӯй медиҳад. Падар – ҳофизи бузург фарзанди хоинашро мекушад ва баъдтар худро низ ҳалок месозад. Моҷарои падару писар

ва ҳифзи Ватан аз мавзуъҳои қадимии адабиёти ҷаҳон мебошад, ки дар ҳикояи «Марги ҳофиз» тамоман ба таври нав тасвир ёфтааст.

Нахустин асари калонҳаҷми С. Улуғзода дар соҳаи насри бадеӣ қиссаи «Ёрони боҳиммат» (1947) мебошад, ки ба воқеаҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ иртибот дорад. Дар асар образҳои Зайнаб, Ҷӯрабек ва Ориф мавқеъ доранд. Зайнаб аз майдони ҷанг «хатти сиёҳ» мегирад, ки шавҳараш Ҷӯрабек дар муҳориба қаҳрамонона ҳалок гардидааст. Ӯ баъди як соли мотам ба хотири аз гапу калочаҳои мардум раҳоӣ ёфтан ба Ориф Каримов ном муҳандис издивоҷ мекунад. Вале дере нагузашта аз шифохонаи низомиёни шаҳри Тошканд мактуби Ҷӯрабек ба дасти вай мерасад. Лаҳзаи ҳассоси асар он аст, ки Зайнаб ду шавҳари қонунӣ дорад ва интихоб дар ихтиёри ин зани дар ҳолати парешонӣ қарордошта мебошад.

Зайнаб баъди андеша ва муҳокимаҳои зиёди мантиқиву ахлоқӣ шавҳари аввалаашро интихоб карда, дар беморхона мегӯяд: «Ман Ҷӯрабекро гирифта мебарам». Зайнаб бо ин сухан масъулияти азимеро дар зиндагӣ ба уҳда гирифт, то ки Ҷӯрабеки аз пову даст маҳрумгаштаро наҷот бидиҳад ва ӯро дубора ба ҷодаи зиндагӣ раҳсипор созад.

Аввалин романи С. Улуғзода «Навобод» (1953) мебошад, ки он ба масъалаҳои муттаҳидкунии хоҷагиҳои деҳқонӣ ва ободонии деҳоти тоҷик дар даврони шуравӣ бахшида шудааст. Ин асар дар таърихи адабиёти давраи нави тоҷик мавқеи муайян дорад.

Асарҳои насрии «Восеъ» (1967), «Ривояти суғдӣ» (1975), «Достонҳои «Шоҳнома» (1976; 1977), «Фирдавсӣ» (1985) ба мавзуъҳои таърихӣ бахшида шудаанд. Дар эҷодиёти С. Улуғзода охирин асари калонҳаҷми ӯ – «Фирдавсӣ» мавқеи босазо дорад. «Фирдавсӣ» романи муҳташам буда, мавзуъ ва масъалаҳои зиёди ватанпарастиву хештаншиносиро дар бар мегирад. Нависанда дар маркази сужети роман нақши Ҳаким Фирдавсиро гузошта, ӯро ба сифати шоири ҳақҷӯ, ростгӯ, ватанпараст, додхоҳ ва олиҳиммат тасвир менамояд. Дигар образҳои асар, аз ҷумла Фотимабону (ҳамсари Фирдавсӣ), Манижа ва Ҳушанг (фарзандони Фирдавсӣ), Абудулаф, Муҳаммад Лашкарӣ, Ҳусайн Қутайб, Салоҳиддини дуредгар, Унсурии шоир дар такмили образи асосӣ саҳм гирифтаанд. Адиб бо эҷоди «Фирдавсӣ» дар таърихи адабиёти давраи нави тоҷик як навъи тозаи романнависиро кашф намуд.

«***Субҳи ҷавонии мо***» қиссаи тарҷумаиҳолӣ буда, соли 1954 ба табъ расидааст. Сотим Улуғзода анъанаи ёддоштнависии адабиёти тоҷик, аз ҷумла «Ёддоштҳо»-и С. Айниро идома додааст. Қисса аз 57 боб иборат аст ва дар он воқеаҳое тасвир гардидаанд, ки солҳои 1916–1926 дар деҳоти атрофи шаҳри Тӯси вилояти Намангон ва шаҳри Тошканд ба вуқуъ омадаанд. Мундариҷаи асар дар атрофи як оилаи деҳқони тоҷик (Умархон бо ҳамсараш ва писарҳояшон – Азиз, Собир ва Мухтор) баҳс мекунад.

Ҷараёни воқеа аз номи Собири хурдсол, ки таҷассуми даврони кӯдакии нависанда мебошад, баён мегардад. Панҷ боби аввали қисса зиндагии оилаи Умархонро дар деҳа дар бар мегирад. Собир дар аввал дар хусуси деҳа, падар ва модари худ ва лаҳзаҳои беғамиҳои кӯдакӣ ҳикоя мекунад. Шароити танги зиндагӣ ва махсусан, хушксолию гуруснагии соли 1918 Умархонро маҷбур месозад, ки ба Тошканд кӯч бандад ва ба заводи пахта ба кор дарояд.

Собир дар бобҳои «Ба завод», «Дӯстони нав», «Лаклак», «Насиҳати падар», «Фаранҷӣ», «Рӯшноии ҳаёти нав» дар бораи шароити мусоиди зиндагӣ ва дӯстиву рафоқаташон ба ҳамсояҳои русзабони худ бо муҳаббату самимияти хос сухан меронад. Вале ин зиндагии осудаҳолонаи онҳо ҳамагӣ дуюним сол давом мекунаду халос. Модари Собир ногоҳ бемор шуда, вафот мекунад. Падар ҳамроҳи Собиру Мухтор ба деҳа мекӯчад. Баъди чанде ба дидорбинии Азиз ба Тошканд рафта дигар барнамегардад. Собир ҳолати худро аз шунидани хабари вафоти падару бародараш дар боби «Ятимӣ» чунин баён кардааст: «Шабро зор-зор гириста саҳар кардам. Барои он ки Мухтор аз хоб бедор нашавад, сарамро ба кӯрпа печонда бесадо мегиристам. Саргузаштҳои умри ёздаҳсолаам ба ёдам меомаданд... »

Дар бобҳои минбаъдаи асар Собир чанд муддат дар мактаби Муллозайниддин, чанд муддат дар мактаби нави деҳа ва баъд дар интернати шаҳри Тӯс таҳсили илм мекунад. Соли 1925 Собир чун талабаи пешқадам ба Дорулмуаллимини тоҷикии Тошканд роҳхат мегирад.

Дар чанд боби минбаъдаи «Субҳи ҷавонии мо» таҳсили Собир дар Дорулмуаллимин тасвир ёфтааст. Аз ҷумла, дар боби «Халқи худро шинос» Собир таассуроти худро аз суҳбати профессори рус Михаил Степанович Андреев, ки бо лаҳҷаи софи тоҷикӣ «ассалому алайкум, бачаҳо!» гӯён ба синф даромада буд, баён месозад: «Олими рус, ки нахустин бор ба ман «халқи худро шинос» гуфта буд, як умр дар хотири ман монд».

Собир айёми таътил ба деҳа меравад ва чанд муддат ба Мухтор ҳамроҳӣ карда, боз аз пайи таҳсил дар Дорулмуаллимин мешавад.

### Образҳои қисса

Дар қиссаи «Субҳи ҷавонии мо» зиёда аз сӣ персонаж амал мекунад. Собир чун қаҳрамони асосӣ дар тамоми воқеаҳои қисса фаъолона ширкат дорад. Махсусан, дӯстӣ ва рафоқат ба Лёня, Паша, Серёжа барин кӯдакони рус боиси забондонӣ ва инкишофи ҷаҳонбинии Собир гардид. Ҳангоми аз Тошканд ба деҳа кӯч бастан Серёжа ба Собир китоб медиҳад:

– Ма, Собир, ин ба ту ёдгорӣ, – гуфт вай китобро ба ман дароз карда.

Ин ҳамон китоб буд, – китоби мусаввар бо суратҳои ҳайвонот ва мурғони ёбоӣ, ки ман онро ҳар дафъа бо шавқу ҳавас варақ мезадам ва аз тамошояш сер намешудам. Серёжа медонист, ки ман ин китоби ӯро аз ҳамаи китобҳои дигараш дӯсттар медорам, бинобар ин, хостааст дар дами ҷудоӣ онро ба ман бахшад. Ман аз шодӣ саросема шуда гумон кардам, ки Серёжа ҳазл мекунад. Аммо вай ҳазл намекард ва бо табассуми гарми дӯстона мегуфт:

– Ҳар вақте ки варақ задӣ, маро ба ёдат меорӣ.

– Хуб, – розӣ шудам ман. – Раҳмат.

Дар қисса симои падари Собир – Умархон низ барҷаста тасвир гардидааст. Дар тамоми асар зӯри бозу ва қуввату ғайрати Умархон равшан эҳсос мешавад. Ӯ корро манбаи ризқу рӯзии инсон медонад. «***Дастони пурзӯри кормуштоқашро*** ба ҳар коре, ки рост ояд, мезанад». Таркиби ***дастони пурзӯри кормуштоқ*** майлу рағбати Умархонро ба меҳнати ҳалол басо дилчасп ифода намудааст. Умархон ба ҳар коре, ки даст мезад, онро бо тамоми ҳастӣ ба ҷо меовард. Бинобар ин, фаъолияти кории ӯ чун гӯштингириаш ба мушоҳидачиён ҳаловат мебахшид. Боре бародари Умархон аз каландзании додараш ба шавқ омада мегӯяд:

– Худо ба ту аҷаб зӯру қувват дода будааст, Умархон!

– Ҳо, лекин мулк надод, обу замин надод, ки ман ин зӯру қувватро дар онҳо кор фармоям.

Улуғзода дар чанд ҷойи асар ба панду насиҳат майл доштани Умархонро ишора намудааст. Умархон мехоҳад, ки панду ҳикматҳои ӯро ҳама аҳли оила шунаванд. Дар ин ҳолат дар каломи ӯ баёни мантиқӣ, таркибҳои ҳикматомез ва мақолу зарбулмасалҳо мавқеъ пайдо мекунанд: «Падарам суханашро давом дода гуфт:

– Аз ҳама гандатар се чиз аст: якум уздӣ, дуюм ятимонро озор додан, сеюм бахилӣ... Худо уздро аз ҳама гандатар мебинад

– аз барои чӣ? Худо ба одам зӯру қувват медиҳад ва мефармояд, ки ин зӯру қувватро кор фармуда ризқи худатро пайдо кунӣ, дузд бошад, ин чизи табаррукро[1] (яъне, зӯру қувватро) ба гандагӣ сарф мекунад. Дузд бекор аст, аз бекор – Худо ҳам безор... »

Дар «Субҳи ҷавонии мо» образи занон, аз ҷумла модари Собир, Зебӣ, Нисохон бо муҳаббату самимият ва воқеӣ ба тасвир омадааст. Модари Собир зани порсо, босавод ва оқила мебошад. Ӯ Зебӣ ном духтари хоҳаршӯяшро баробари фарзандонаш тарбия мекунад ва ба ин духтари ятим хондан ва навиштанро ёд медиҳад.

Дар маҳаллаи Шиблии Тошканд то ба кори завод даромадани Умархон оилаи онҳо рӯзҳои вазнинро аз сар мегузаронад. Дар ин айём модари Собир бори зиндагиро баробари шавҳар, ҳатто аз ӯ зиёдтар ба дӯш мегирад: «Модарам доим чеҳрааш хира буд, кам гап мезад. Саҳар аз ҳама барвақт мехест ва шаб аз ҳама дер мехобид. Кӯдакашро парасторӣ мекард, хӯрок мепухт, либос мешуст, аз субҳ то шом кор мекард ва шаб боз бача мемаконд ва гаҳвора меҷунбонд. Гули рӯяш хазон шуда буд».

Дар мисоли боло нависанда ба воситаи ҷумлаҳои содаи хуллас ва тафсилӣ вазъияти тоқатфарсои модари Собирро бомаҳорат тасвир кардааст. Махсусан, ҷумлаи «**гули рӯяш хазон шуда буд**» бо маънии рамзии худ ба ҷисму ҷони модар таъсири корӣ расонидани шароити ноҳинҷорро басо муассир ҷамъбаст намудааст.

Қиссаи тарҷумаиҳолии «Субҳи ҷавонии мо» бо забони фасеҳу дилкаш, услуби рехтаи баён, фарогирии ҳодисаву воқеаҳои давр ва ҷамъбастҳои бадеии онҳо дар адабиёти давраи нави тоҷик мавқеи сазовор дорад.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. С. Улуғзода кай ба насри бадеӣ ҷиддан рӯ меорад?
2. Асарҳои калонҳаҷми насрии нависандаро ном баред.
3. Сабаби ба мавзуъҳои таърихӣ рӯ овардани нависанда дар чист?
4. Чаро «Субҳи ҷавонии мо»-ро қиссаи таърихӣ номидем?
5. Образҳои қиссаро ном баред.
6. Чаро Собир рафиқони давраи бачагиаш – Лёня, Паша ва Серёжаро ба некӣ ёд мекунад?
7. Дар бораи образи Умархон чӣ медонед?
8. Образи занон дар ин асар чӣ гуна тасвир гардидааст?
9. Оид ба забони асар маълумот диҳед.

1 Табаррук — баракатдошта, муборак.

## РОМАНИ «ВОСЕЪ»

Шӯриши Восеъ соли 1888 дар Бухорои Шарқӣ ба амал омада, пояи ҳукумати Манғитияро ба ларза овард. Дар насри бадеӣ асари калонҳаҷме, ки образи Восеъро ба тамоми паҳлу мавриди тасвир қарор дода бошад, романи «Восеъ» аст.

С. Улуғзода ба таърихи муборизаҳои адолатхоҳонаи мардуми кӯҳистони тоҷик ҳанӯз аз солҳои 30-юми асри XX мароқ зоҳир намуд. Баъдтар нависанда ба омӯзиши шӯриши мардуми тоҷик бо сардории Восеъ ҷиддан машғул шуда, солҳои 1961 – 1967 романи «Восеъ»-ро таълиф кард ва соли 1969 аввалин чопи китобии он дастраси хонанда гардид.

**Сохтори роман**

«Восеъ» ба жанри романи таърихӣ тааллуқ дошта, аз 33 боб иборат аст. Хонанда дар ду боби аввал нахуст ба симои манфӣ – Мирзоакрамбой ва баъд ба қаҳрамони асосӣ – Восеъ шинос мешавад. Ин ду образ (махсусан Восеъ) аз аввал то охири асар иштирок намуда, дар ҳалли зиддият ва масъалаҳои асосӣ мавқеи марказӣ доранд.

Дар боби дуюм ҷувозкундае тасвир ёфтааст, ки онро Восеъ ба пушт бардошта ба хонааш мебарад: «Восеъ ҷувозкундаро бағал карду озод бардошта ба болои харсанге гузошт ва баъд онро ба пушташ гирифта, хам шуда, калавида-калавида равон шуд.

– Намурӣ, Восеъ! Ёдат ба хайр!.. Қанд бизан! – қоил шуда таҳсин мекарданд шариконаш аз қафо.

Восеъ бори вазнини худро ба ҳавлиаш расонда, дар пеши дари ҷувозхона боэҳтиёт ба замин гузошт... Ва ба ҷувозкунда даст зада, мамнунона илова намуд:

– Соз! Аз тути пир тарошондамаш. Дар ин, иншооллоҳ, бист-сӣ сол ҷувоз мекашам, занак».

Ин ҷувозкунда дар охири боби 33-юм низ зикр гардидааст. Вақте ки хоҳари Восеъ – Фотима аз Шаҳрисабз баргашта, хабари ба дор кашидани бародарашро ба ҳамдиёронаш мерасонад, мардуми Дараи Мухтор ва деҳоти гирду атрофи он як ҳафта азо мегиранд: «Дар поёни ҳафтаи азодорӣ пирамарде ба ҷувозхонаи Восеъ ишора карда, ба ҷамоат чунин гуфт:

– Додарон! Дар ин ҷо Восеъ ҷувоз мекашид. Ин ҷувозкундаро худаш фармуда тарошонда буд. Биёед, аҳду паймон кунем, ки

ҳаминро аз Восеъ ба ёдгор нигоҳ медорем. Восеи шаҳид дар ватанаш қабр надорад, ҳамин ҷувозхона ба ҷойи қабраш зиёратгоҳи ӯ шавад. Омин оллоҳу акбар! Хурду калон – ҳама бо ҳамроҳии пирамард даст ба рӯй кашиданд».

Ин ҷувозкунда, ки ҳоло ҳам побарҷо буда, чун зиёратгоҳи мардум эътибор дорад, маънои рамзӣ касб кардааст ва нишонаи он аст, ки халқи тоҷик мисли Восеъ фарзандони баҳодуру сарбаланди худро ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунад. Баъди боби дувум, дар боби охири асар, такрор шудани ҷузъи ҷувозкунда робитаи мантиқии қисматҳои романро қувват бахшидааст.

Мисли ҳамин, истифодаи бамаврид ва моҳиронаи манзараи табиат, қиёфа (портрет), муколама ва порчаҳои шеърӣ бандубасти лаҳзаҳои алоҳидаи «Восеъ»-ро таъмин намуда, боиси афзоиши ҷозибаи тасвир гардидааст.

**Сужети роман**

«Восеъ» ҳодисаву воқеаҳоеро, ки дар охирҳои асри XIX дар қаламрави Бухорои Шарқӣ ба вуқуъ пайваста буд, дар бар мегирад.

С. Улуғзода хонандаро аввал ба амалиёти ҳарисонаи Мирзоакрамбой ном мансабдори аморати Бухоро шинос намуда, баъд ба тасвири зиндагии Восеъ ном марди кӯҳистонӣ ва аҳли оилаи ӯ мегузарад. Восеи ҷувозкаш бо ҳалолкорӣ, қавиирodaгӣ ва ёриву мададгорӣ дар байни ҳамдиёрон эътибори калон пайдо мекунад.

Дар Бухорои Шарқӣ хушксолӣ ба вуҷуд меояд ва аҳволи мардуми меҳнатӣ сол то сол бад ва тоқатфарсо мешавад. Дар ҳамин вазъияти барои аҳолии мавзеъҳои Ховалинг, Балҷувон ва Сарихосор сангин амири нави Бухоро – Абдулаҳадхон (1885 – 1910) Мирзоакрамбойро мири Балҷувон таъйин менамояд ва супориш медиҳад, ки аз аҳолӣ андози сесоларо ҷамъ кунад. Мирзоакрамбой молу пули зиёде сарф карда, ба ин мансаб соҳиб шуда буд. Бинобар ин, дар бадали ду ҳафта хароҷоташро ду баробар рӯёнда, барои хазинаи амир ҳам ҳадяи муносиб тайёр намуд. Ин амали беадолатона ва аз даҳони мардум кашида гирифтани охирин луқмаи нон косаи сабри аҳолиро лабрез намуд ва боиси сар задани шӯриш гардид.

Деҳқонону чӯпонон ва дигар табақаҳои камбизоати аҳолии бекигарии Балҷувон бо калтаку шохину белу каланд ва тешаву табар мусаллаҳ гардида, «дод аз дасти манғит» – гӯён сарбозони бекии Балҷувонро торумор намуданд. Бек фирор кард. Амир Абдулаҳадхон ба кӯмаки мири шикастхӯрда ҳазор тан сарбо-

зи варзидаву мусаллаҳ фиристод. Ҳокими Ҳисор Остонақул – қушбегӣ ба сарбозони аз Бухоро омада дастаеро илова намуда, ба Балҷувон сафар намуд.

Шӯришгарон ба муқобили сарбозони аз Ҳисор омада, мири Кӯлоб ва дастаи ғоратгари Туғай мардонавор ҷангиданд. Аммо бо белу каланд ба муқобили сарбозони мусаллаҳ истодагарӣ кардан душвор буд.

Оқибат шӯриш ба шикаст рӯ ба рӯ омад. Восеъро бо дӯстонаш (Назир, Одина, Саид-мерган, Нозим, Давлат Айюб) дастгир намуда, аввалан ёронашро ба қатл расонданд ва баъд худашро ба ҳузури амир Абдулаҳадхон бурданд. Чун амир дар Шаҳрисабз буд, Восеъро баъди ба амир нишон додан ба дор овехтанд.

Сужети асар бо таъкиди қадршиносии ҳамдиёрон, ки ҷувозкундаи Восеъро то ҳол аз харобшавӣ эмин дошта, деҳаи Дараи Мухторро ба зиёратгоҳ табдил додаанд, ба охир мерасад.

**Образи Восеъ**

Дар маркази роман образи Восеъ қарор дорад. Тасвири ин образ аз лаҳзаи ба дуредгари Дараи Мухтор супориш кардани тарошидани ҷувозкунда оғоз меёбад. Дар ин ҳолат Восеъ соҳиби зан, се фарзанд ва обрӯю эътибор мебошад. Баъдтар нависанда воқеаҳои даврони ҷавонӣ, ба Назири сайёд бародархонд шудан, Аноргул ном духтарро ба занӣ гирифтан ва Шакар ном падари ғамхору ҳалолкор доштани Восеъро тасвир менамояд. Ин лаҳзаҳо сарчашмаи ташаккули характери қаҳрамон мебошанд.

Восеъ аз ҳама хислатҳои ҳамидаи инсонӣ бархурдор аст. Мудом меҳнат мекунад, паҳлавон аст, нангу номусро дар ҷойи аввал мегузорад ва меъёри асосии ӯ дар зиндагӣ ҳақиқату адолат аст.

Восеъ Ризо ном ятимбачаро ба тарбияи худ мегирад ва ба занаш, ки ба хона овардани ин бачаи оворагардро намехост, мегӯяд: «Аммо, ман мегӯям, ӯ бачаи хуб аст. Писархондаш кунем, савоб мешавад. Фоидааш ба ӯ, савобаш ба мо. Ту ба шумии ӯ, ба қиликҳои бемазааш нигоҳ накун, ҷони ширин, инҳо ҳама аз бесарусомонӣ аст. Ман донистам, ҷавҳари бача пок аст, тарбияташ кунем, одам мешавад, ба ман дастёри хуб мешавад».

Восеъ дар ҷустҷӯйи бародархондаш – Назир ба Ҳисору Қаршӣ ва Шаҳрисабзу Самарқанд сафар мекунад, дар мусофират ба беадолатӣ ва ноинсофиҳои мансабдорон дучор мешавад. Дар Самарқанд ба воситаи мулло Сафар ном ҳамдиёраш ба ақидаҳои маорифпарварии Аҳмади Дониш шинос мегардад. Ошноӣ ба

зиндагии пурмоҷарои сокинони шаҳрҳои номбурда ҷаҳонбинӣ ва ҳисси худшиносии Восеъро афзун гардонда, мантиқи гуфтори ӯро боз ҳам қувват мебахшад. Пешвои шӯришгарон ба ҳар гуна таҳқир оҷизона тан додани шахсро чунин маҳкум менамояд: «Худо туро одам офаридааст, агар туро хар карда савор шаванду ту ба ин тан диҳӣ, тоқат кунӣ, одам нестӣ. Офарандаатро муттаҳам кардаӣ. Туро ба ноҳақ хор кунанд, зери по кунанду ту хап истӣ, номардӣ, ору номус надорӣ; занат ва фарзандонат, ёру дӯстонат ҳақ доранд, ки аз ту рӯй гардонанд».

Восеъ ба зарбаҳои зиндагӣ мардонавор тоб меорад. Вақте ки сарбозони амир бандиҳоро мебурданд, ду нафар зани сарбараҳна, пойлуч ва саропо хоколуд ба муқобилияти сарбозон нигоҳ накарда пеш баромаданӣ мешаванд. Восеъ онҳоро мешиносад: яке духтараш Гулъизор ва дигаре хоҳараш Фотима буд.

— Ота-а-а!.. Ота-а-а!.. – рӯканону мӯканон дод мезад Гулъизор.

Восеъ қадам нигоҳ дошт.

— Духтарҷонам!.. Хоҳаракам! – аз ҷигар фарёд кашид ӯ.– Алвидоъ! Ба модарат бигӯ, Гулъизор, ба додараконат бигӯ, падари шумо ба золимон сар хам накард, ҷангид, шаҳид шуд!..

С. Улуғзода дар тасвири характери фардӣ ва симои ҳақиқии Восеъ аз ҷузъҳои бадеии **сар хам накардан**, **қад барафрохта рост истодан** бо маҳорат истифода кардааст. Аз ин ҷиҳат, вохӯрии Восеи асир ба амир Абдулаҳадхон омӯзанда аст. Амир Абдулаҳадхон сарвари шӯришгарони тоҷикро, ки пояи ҳукуматашро ба ларза оварда буд, дидан мехоҳад. Вохӯрии Восеъ ба амир дар ҳавлии қалъаи Шаҳрисабз ташкил мешавад. Вақте ки амир аз дари қалъа намудор мегардад, мансабдорон, сипоҳиён, нукарон – ҳама якбора ба таъзим хам мешаванд. «Дар байни саллаҳои сафеду сабзу кабуд ва телпакҳои сиёҳу сурхтобу хокистарранги қафқозии қариб то ба замин хамшуда танҳо Восеъ қад барафрохта рост меистод. Амир ба вай чашм дӯхт, вай ҳам ба амир чашм дӯхт. Восеъ гӯё бо нигоҳаш ба вай мегуфт: «Ту маро дидан хостӣ. Инак ман! Бубин! Душманони ту ҳама монанди мананд! Ман ҳоло асири туам, аммо ба ту сар хам намекунам, аз ту наметарсам!»

С. Улуғзода дар шахси Восеъ симои барҷастаеро офарид, ки аз корномаҳои он мардуми тоҷик солҳои сол дарси хештаншиносӣ меомӯзад. Аз ҷумла, ҳамдиёрони Восеъ Сафар Амиршоев, Саидқул Турдиев, Исмат Шарифов, Саидаҳмад Каримов ба хо-

тири дифоъ аз нангу номуси инсонӣ дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ қаҳрамонии ҳамватани хешро такрор карданд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Шӯриши Восеъ кай ва дар куҷо ба вуқуъ пайвастааст?
2. Шӯриши Восеъ аз кадом солҳо таваҷҷуҳи С. Улуғзодаро ҷалб намуд?
3. Оид ба бандубасти асар чӣ гуфта метавонед?
4. Дар бораи сужети роман сухан гӯед.
5. Чаро Восеъ қаҳрамони асосии асар дониста мешавад?
6. Кадом хислатҳои Восеъро медонед?
7. Ҷузъҳои бадеии **сар хам накардан** ва **қад барафрохта рост истодан**ро шарҳ диҳед.

## ДИГАР ОБРАЗҲОИ РОМАН

**Ёрони Восеъ**

Дар роман персонажҳои мусбати Назир, Ризо, Нозим, Одина, Давлат Айюб, мулло Сафар, Саидалӣ ширкат меварзанд ва ҳар кадоми онҳо дар инкишофи воқеаҳо ва ҳалли зиддияти асар саҳми муайян доранд.

Дар байни ёрон ва наздикони Восеъ образи писархонд ва баъдҳо домоди ӯ – Ризо зиёда диққатҷалбкунанда аст. Покиву росткорӣ, шавқу завқи ҷавонӣ, далерию чобукӣ ва ҷуръату кордонии ин ҷавон хонандаро ба ваҷд меорад. Махсусан, муқобилияти Ризо ба сарбозони Остонақул- қушбегӣ ҳангоми гузаштан аз дарёи Вахш симои ӯро хеле хуб намоён месозад. Ризо ба муқобили душман аввал гулӯлаандозӣ ва баъд сангандозӣ мекунад ва чун як қисми сарбозон ба воситаи амад[1] аз дарё гузаштанӣ мешаванд, ӯ худро ба об андохта ба амад мерасад ва бо кордча гупсарҳои[2] таги амадро чок карда, сарбозонро бо тиру туфангу шамшерҳояшон ғарқ мекунонад. Ризо вақте ки ба соҳил мебарояд, тир мехӯрад. Нозим Ризоро дар бағал гирифта чунин нола мекунад:

– Садқаат шавам, Ризоҷон, ту коре кардӣ, ки ҳеҷ фарзанди одам накардааст. Номи туро дар қиссаҳо нависанд, меарзад. Кошки тир ба ман мерасиду ту сиҳат мемондӣ.

---

1 Амад — чӯбҳои ба ҳам баста, ки барои гузаштан аз дарё ба кор мебаранд.

2 Гупсар — машки оббарӣ, ки дарунашро пурбод карда, дар таги амад мебанданд.

Дар қатори симоҳои мусбат образи мулло Сафар мавқеи муносиб дорад. Мулло Сафар типи ҷавонони кӯҳистоние мебошад, ки дар шаҳр таҳсил карда, илмҳои гуногун ва ҳунарҳои заргарӣ, наққошӣ, муҳрканӣ, хаттотиро аз худ кардааст. Баъди шиносоӣ ба ақидаҳои маорифпарварии Алломаи Дамирӣ дар ӯ инқилоби фикрӣ пайдо мешавад. Восеъ ва Назир дар Самарқанд чанд муддат дар хонаи мулло Сафар зиндагӣ мекунанд ва аз андешаҳои маорифпарварии ӯ баҳра мебардоранд. Мулло Сафар дар бораи давлатдорони замонаш, аз ҷумла, чунин андеша дорад: «Худои таоло аз ин амирони ҷоҳил, вазирони коҳил[1], сипоҳиёни гумроҳи ғофил кайҳо рӯй гардондааст». Ва муҳокимаҳои мантиқиашро чунин хулоса мекунад: «Давлати амир дер намепояд».

Мутаассифона, мулло Сафар то охир ба ақидаҳои иҷтимоии худ устувор намемонад, оқибати нохуши шӯришро ҳис карда, дар таҳлука меафтад. Хатои калони мулло Сафар ин буд, ки ӯ ба савганди риёкоронаи ҳоҷӣ Яъқуби мударрис оид ба бахшидани «гуноҳи» Восеъ бовар карда, дар паси обпари Гулдара паноҳ бурдани дӯсташро ошкор месозад.

Мулло Сафар чанд лаҳза халосӣ ва озодии Восеъро дар хаёл оварда, дар дил хурсандӣ мекард. Вале чун яқин кард, ки Восеъ, Назир ва Давлат Айюбро ба Бухоро бурда мекушанд, фаҳмид, ки беихтиёр ба дӯстони худ хиёнат кардааст. Ин фоҷиа барои ӯ бисёр вазнин буда, оқибат боиси ҳалокаташ гардид. Мулло Сафар ба дастаи бандиён расида, дар назди Восеъ худро хиёнаткор номид ва баъд ба хонаи ҳоҷӣ Яъқуб рафта ба ӯ дарафтид: «Эй беимон! Каззоби[2] қасамзада! – дар нимторикии маҳтобшаб ба гиребони мударрис бехудона чанг зад мулло Сафар. – Фиребгари дӯзахӣ! Восеъ куҷост?! Ту ӯро ба куштан додӣ? Ту – дағопешаи кофиркеш динат, имонатро ба манғит фурӯхтӣ!»

Ин марди фиребхӯрда дар коҳдони ҳоҷӣ Яъқуб ҷон дод. Фоҷиаи мулло Сафар фоҷиаи зиёиёне буд, ки ба ҷараёни пурталотуми зиндагӣ назари воқеъбинона дӯхта натавонистанд.

**Образи занон**

Дар роман дар қатори Фотима, Аноргул, Гулъизор ва Заррагул барин образҳои мусбат симоҳои манфие чун Марзия ва Лутфия низ тасвир ёфтаанд.

Аз образҳои мусбат, пеш аз ҳама, хоҳари Восеъ – Фотима дар хотири хонанда нақш мебандад. Фотима ҳамагӣ дар се лаҳза

1 Коҳил — суст, танбал, лаванд.

2 Каззоб — дурӯғгӯ.

(дар бобҳои IV, XXУ ва XXXШ) фаъолият дорад. Симои Фотима, махсусан дар боби охири асар, хеле муассир ба назар мерасад. Вақте ки сарбозон Восеъ ва ду нафар бандии дигарро аз Балҷувон ҷониби Ҳисор мебаранд, «Фотима монанди девонаҳо афтону хезон дод зада» ба корвон ҳамроҳ мешавад. Сарбозон ҳарчанд кӯшиш мекунанд, ӯро аз корвон дур карда наметавонанд. Дар роҳ Фотима пӯшокҳои Восеъро мешӯяд, нон, қурут, меваи хушк барин хӯрданиҳоеро, ки бошандагони маҳаллаҳои сари роҳ ба ӯ медоданд, ба бародараш пешкаш менамояд. Хоҳари дилсӯз то пояи дори Шаҳрисабз ба бародараш қувват бахшида, охирин нигоҳи ӯро дар худ эҳсос мекунад ва боз пойи пиёда, танҳову саргардон ба зодгоҳаш баргашта, хабари сарбаландона ба марг рӯ ба рӯ гаштани бародари шаҳидашро ба ҳамдиёронаш мерасонад: «Акама ба дори баланд кашидан. Акам натарсид, сарбаланд ҷон дод. Халқон гуфтанд: «Ёдуш ба хайр, баҳодур будай!»

Нависанда бо тасвири пурсӯзи ҷонфидоиҳои Фотима нисбат ба бародари гирифтораш ба офаридани симои миллии духтари тоҷик муваффақ гаштааст.

Дар боби XX1 лаҳзаи хайрбоди Восеъ бо аҳли оилааш тасвир ёфтааст. Восеъ ба шӯриш печидани норозигии мардумро дида, аҳли оилаашро ба деҳаи кӯҳии Баландсар гусел менамояд ва ҳангоми хайрухуш ҳамсари азизашро дилбардорӣ менамояд. Аноргул низ ба шавҳараш хайрухуш мекунад ва аз ҳар ибора ва ҷумлаи ӯ бӯйи меҳр, садоқат ва вафодорӣ меояд:

– Доғ кардӣ маро, Восеъ, диламро об кардӣ, – гуфт Аноргул. – Илоҳӣ сиҳат-саломат, хушу хуррам гашта биёӣ. Хонаи манғит бисӯзад, ки ба сари мо ин аламу кулфат, ин зиндаҷудоиро овард... Ман агар мард мебудам, дар ҷойи ту ман ҳам ба манғит теғ мекашидам. Ман туро аз барои шердилӣ, мардонагӣ, ростқавлиат дӯст доштам, ҳозир аз пештара ҳам зиёд дӯстат медорам... Тани зори ман дар ин ҷо ё дар Баландсар мемонад, аммо дилам, ҷонам бо туст. Ман ҳам аз ту розиям, Восеъ, сад бор розӣ...

Марзия ва Лутфия бошанд, аз образҳои мусбат бо ҷоҳилӣ, беномусӣ ва бадтинативу бахилӣ фарқ доранд. Макру ҳила ва рашку ҳасад дар ниҳоди онҳо чунон пурқувват мебошанд, ки ҳар ду ба куштор даст задаанд.

Марзия зоҳиран бадрӯй ва ботинан нопок аст ва ба ҳар ҷое, ки қадам гузорад, он ҷо ба вайрона табдил меёбад. Назири сайёд баъди вафоти занаш ба Марзия хонадор шуда, дар андак муд-

дат хонахароб ва сарсону саргардон мегардад. Ягона дилхушии Назир набераи дӯстрӯяки дусолааш – Азиза буд. Марзия ҳамин тифли бегуноҳро ба ҷарӣ тела дода мекушад ва бо ҳамин оилаи Назирро тамоман бадбахт мегардонад. Умуман, Марзия ва Лутфия чун симоҳои манфур боиси бадбахтиҳои мардуми бегуноҳ гардиданд.

**Образи ҷафопешагон**

Дар байни образҳои манфии асар Мирзоакрамбой, амир Абдулаҳадхон, Ҷобирдоруға, Саидасрор ва ҳоҷӣ Яъқуби мударрис мавқеи бештар доранд. Махсусан, кирдор ва фаъолияти Мирзоакрамбой ҷолиб аст. Ҳирси манфиатҷӯйӣ ва мансабталошӣ тамоми вуҷуди Мирзоакрамбойро фаро гирифтааст. Симои Мирзоакрамбойи мансабталош ҳангоми ба амри Абдулаҳадхон мисли бедона ба «ҷанг» даромаданаш хеле ночиз ва нафратовар ба назар мерасад: «Мирзоакрами шӯрбахт хоҳу нохоҳ хам шуда, ҳамчунин ҳолати чорпо ба худ гирифту ба ҷойи бедонаҳои худ ба ҷанг даромад. Ҳоҷиқул ва ӯ ба якдигарашон нӯл мезаданд, каллаҷанг мекарданд, якдигарашонро ба танашон пахш менамуданд. Ҳоҷиқул мисли бедона бол меафшонд, питпилиқ[1] мекард ва гоҳо бедона буданашро фаромӯш карда, монанди хар ҷуфтак мезад. Оқибат Мирзоакрамбойи фарбеҳу ғафс ба обу арақ ғӯтида, нафасаш танг шуда ғалтида монд. Пешхидматони ҳоким ӯро ба пойгаҳ кашида, ба сараш аз сатил оби хунук рехтанд. Бечора тамоман аз ҳол рафта қариб буд, ки қолиб тиҳӣ кунад».

Хислату характери манфури Мирзоакрамбой аз забони зани сеюмаш ба таври возеҳ ошкор гардидааст. Вақте ки модари Зебӣ хабари ба Абдулаҳадхон пешкаш намудани духтари ноболиғашро мешунавад, ӯ ба Мирзоакрамбой дарафтода, дар зери қамчинзании шавҳараш фарёд мекашад: «Куш маро! Ё зиндаву зор дар гӯрам тиққону баъд духтарамро бурда ба ҳокимат тортуқ[2] кун! Шумо шармандаҳо, беномусҳо, мансаб гуфта бачаҳотонро мефурӯшед, ҳатто духтарҳои ноболиғатонро ба фоҳишагӣ медиҳед!..»

Образи Мирзоакрамбойро симои Абдулаҳадхон боз ҳам тақвият медиҳад. Абдулаҳадхон, чи дар замони валиаҳд буда-

1 Питпилиқ — овози тақлидии бедона (парандаи кӯтоҳпарвози хушхони ҷангара).

2 Тортуқ кардан — пешкаш кардан, пора додан.

наш ва чи дар замони амириаш, танҳо ба айшу нӯш, дилхушӣ, бедонабозӣ, шаҳватпарастӣ ва ришваситонӣ машғул аст.

Дар боби XIV лаҳзаи марги падараш – амир Музаффарро интизори кашидани Абдулаҳадхони валиаҳд[1] ҷолиби диққат аст. Абдулаҳадхон дар Кармина[2] хабари вафоти падарро бесаброна интизор аст. Зеро «ин хабар ӯро якбора соҳиби тахти аморат, молики рақоби[3] сеюним миллион фуқарои мамлакат хоҳад кард. Ба назари тӯра вақт хеле ба оҳистагӣ мегузарад. Ӯ хавотир кашида фикр мекунад, ки мабодо мисли ду моҳ пеш падараш боз сиҳат ёбад! Инро фикр мекунаду ба худ ларзида дар дилаш мегӯяд: не, не, ҳеҷ мумкин нест, ки вай намирад! Бояд бимирад!»

Ҳирси бемайлони ба мансаби олӣ ва сарвату ҷоҳу ҷалол соҳиб гардидан Абдулаҳадро аз камтарин ҳиссиёти инсонӣ ва одатҳои одамгарӣ маҳрум гардонидааст, ба дараҷае ки ҳар чӣ тезтар вафот ёфтани падарашро бо ҷону дил хоҳон аст.

Нависанда дар офаридани характерҳои мусбату манфии роман услуби пуртазоди тасвирро истифода кардааст. Барои Назири шикорчӣ вафоти набераи дусолааш фоҷиаи бузургест, аммо Абдулаҳадхон хоҳони ҳар чӣ тезтар вафот ёфтани падараш мебошад; чун Фотима хабари қатли Восеъро ба ҳамдиёронаш расонд, мардум азо гирифт ва «маъракаи азодорӣ як ҳафта давом кард. Аз деҳу дараҳои дуру наздик ба Дараи Мухтор тӯда- тӯда мардумон саллаҳошонро ба миён баста, ба даст асо гирифта меомаданд, мотам мегирифтанд», аммо мурдаи амир Музаффарро «бо шитобу ҷадал... ба хок супурданд. Аз пушти тобути ӯ на ворисин тахташ рафт ва на ягон писари дигараш».

Ҳамин тариқ, образҳои романи «Восеъ» ҳар кадом дорои хислату характери ба худ хос буда, дар маҷмуъ зиндагии як давраи таърихии халқи тоҷикро хеле табиӣ ва бо тамоми паҳлуҳояш инъикос намудааст.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Дӯстон ва ҳаммаслакони Восеъ киҳо буданд?
2. Дар бораи корнамоии Ризо маълумот диҳед.

---

1 Валиаҳд — писари амир ё подшоҳ, ки ҳуқуқи баъди вафоти падар ба тахт нишастанро дорад.

2 Кармина — шаҳри 8 км дуртар аз Бухоро.

3 Рақоб — назорат кардан.

3. Сабаби ба фоҷиа анҷом ёфтани ҳаёти мулло Сафар дар чист?
4. Симои Фотима чӣ тавр тасвир ёфтааст?
5. Кадом хусусияти образи Мирзоакрамбойро медонед?
6. Образи Абдулаҳадхон чӣ гуна тасвир ёфтааст?
7. Нависанда дар офаридани образҳо аз услуби пуртазоди тасвир чӣ тавр истифода кардааст?

## ФАЪОЛИЯТИ ДРАМАТУРГИИ С. УЛУҒЗОДА

Сотим Улуғзода аз аввалин драманависҳои касбии тоҷик аст. Нахустин пиесаҳои ӯ – «Шодмон» (1939), «Калтакдорони сурх» (1940) ва «Дар оташ» (1944) аз ҷиҳати ҳунари нависандагӣ нисбат ба драмаҳои дар он давра таълиф гардидаи дигар адибони тоҷик баландтар ва мукаммалтар буданд.

Баъдҳо С. Улуғзода, чун «Ҷӯяндагон» (1951),«Рӯдакӣ» (1958), «Ҷавонии Ибни Сино» (1960; ҳамроҳи В. Виткович), «Гавҳари шабчароғ» (1962), «Темурмалик» (1968), «Алломаи Адҳам ва дигарон» (1971), «Восеъ» (1971), асарҳои саҳнавии бисёре офаридааст, ки онҳоро намунаи беҳтарини драматургияи тоҷик номидан мумкин аст. Дар намоишномаҳои таърихии адиб симои шахсиятҳои таърихии Рӯдакӣ, Ибни Сино, Темурмалик, Аҳмади Дониш, Восеъ воқеӣ ва ҳунармандона офарида шудааст.

**“Ҷавонии Ибни Сино”**

Зиндагӣ ва шахсияти алломаи бузурги Машриқзамин Абуалӣ ибни Сино таваҷҷуҳи Сотим Улуғзодаро ҳанӯз солҳои 30-юми асри XX ба худ ҷалб намуда буд. Адиб аввалин маротиба бо ҳамкории В. Виткович киноповести «Ибни Сино»- ро таълиф намуд, ки муҳимтарин давраҳои ҳаёт ва фаъолияти илмии Шайхурраисро дар бар мегирифт. Муаллифон баъди 30 сол боз ба ин шахсияти оламшумул муроҷиат карда, соли 1960 пиесаи «Ҷавонии Ибни Сино»-ро таълиф намуданд.

**Сужет ва бандубаст**

Намоишномаи «Ҷавонии Ибни Сино» аз ду қисм ва ҳафт саҳна иборат буда, поёни зиндагии Шайхурраисро дар Бухоро фаро мегирад. Баъди муқаддима амалиёти образҳои мусбату манфӣ, аз як тараф, Ҳусайн (Ибни Синои 20-сола), Ситорабону (модари Ҳусайн), Ноҳид (хоҳари Абуиброҳими Сомонӣ,

дӯстдоштаи Ҳусайн), Абулфайз Чағонӣ (китобдори китобхонаи шоҳӣ – «Саввон-ал-ҳикмат», устоди Ҳусайн ва Ноҳид), Хуррам, Шамс, Убайд, Наҳвӣ (дӯстони Ҳусайн) ва, аз тарафи дигар, шайх Абутоҳир, марди олусчашм ва марди бинипачақ (муридони Абутоҳир) давом мекунад.

Дар саҳнаи аввал зиддияти воқеаҳо сар мешавад. Ҳусайн аз дарки фалсафаи ҳакими юнонӣ – Аристотолис ниҳоят шод шуда, ба мардум садақа медиҳад. Ин хурсандии Ҳусайн ба чашми шайх Абутоҳир чун хор мехалад. Шайх Ҳусайни ба фалсафаи Юнон машғулшавандаро бидъаткор ва кофир номида, аз пайи таъқиби ӯ мешавад.

Дар саҳнаҳои II–IV қисми якум паҳлуҳои гуногуни амалиёти Ҳусайн ошкор мегардад. Аз ҷумла, аз имтиҳони устод Чағонӣ бо сарбаландӣ гузаштан, ба шоҳдухтар Ноҳид шинос шудан, дар хонаи падарӣ ҳамроҳи модараш ба табобати мардум машғул шудани образи асосӣ ба тасвир омадааст.

Дар саҳнаҳои қисми дуюм бархӯрдҳои образҳои мусбату манфӣ ба авҷи аълои худ мерасад. Шайх Абутоҳир ба хони Туркистон – Насри Илек ба таври махфӣ алоқа намуда, таъқиби Ҳусайн ва устод Чағониро қувват медиҳад. Аз тарафи дигар, муҳаббати Ҳусайну Ноҳид назди устод Чағонӣ ва Ситорабону ошкор мегардад. Пиеса бо як рубоии машҳури Умари Хайём анҷом меёбад:

Гар бар фалакам даст будӣ чун Яздон,
Бардоштаме ман ин фалакро зи миён.
В-аз нав фалаке дигар чунон сохтаме,
К-озода ба коми дил расидӣ осон.

Дар «Ҷавонии Ибни Сино» порчаҳои шеърӣ зиёд истифода шудаанд.

**Образҳои асар**

Дар байни образҳои мусбату манфӣ нақши Ҳусайн мавқеи асосӣ дорад. Ҳусайн ҷавони зирак, соҳибистеъдод ва ташнаи илму дониш мебошад. Ӯ дар овони ҷавонӣ асарҳои китобхонаи «Саввон-ал-ҳикмат»-ро аз бар карда, ба фалсафаи Юнони қадим шинос мешавад, китоби муқаддаси Зардушт – Авасторо мутолиа мекунад, барои мухлисон китоб менависад. Ноҳид барои Абулҳасани Наҳвӣ доир ба фалсафа ва ахлоқ 21 рисола навиштани Ҳусайнро шунида тааҷҷуб мекунад:

***Ноҳид***: бисту як рисола... Чанд вақт навиштед?

***Ҳусайн***: ду сол.

***Ноҳид***: дар ду сол ҳамин қадар китоб навиштед? Чӣ, магар шумо нахӯрдед, нахобидеду фақат навиштед?

***Ҳусайн***: ҳар рӯз ва аксаран шабҳо ҳам то бомдод. Ҳар шабонарӯз сӣ, чиҳил ва ҳатто панҷоҳ варақ навишта мешуд.

Дар мубоҳиса бо шайх Абутоҳир, ки ба қавли ӯ ҳамаи китобҳои ғайри дини исломро сӯзондан даркор аст, Ҳусайн мегӯяд: «Дониши ҳақиқӣ дар оташ намесӯзад, балки обутоб меёбад». Бо ин ҳама донишу фаросат ва қобилияти беҳамтои фитрӣ бо сабаби ҷавонӣ ва камтаҷрибагӣ ҷаҳонбинии Ҳусайн ҳанӯз пурра ташаккул наёфта буд. Ҳусайн фикри устодашро, ки «аҷаб нест Абутоҳир ва пайравонаш қасди нобуд сохтани китобхонаро кунанд» мегӯяд, рад менамояд: «Онҳо ҳарчанд мутаассиб[1] ҳам бошанд, гумон намекунам, ки ба чунин ҷинояти азим ҷуръат кунанд».

Драматург характер ва шахсияти Ҳусайнро дар инкишоф ва такомул тасвир менамояд. Баробари таҷрибаи зиндагӣ андӯхтан, аз байн рафтани давлати Сомониён ва оташ гирифтани китобхонаи шоҳиву устодашро дидан иродаи ӯ қавӣ ва ҷаҳонбиниаш мустаҳкам мегардад. Ҳусайн як умр гӯё васияту супориши устоду маҳбубаи нокомашро ба ҷо меорад, ки аз нав барқарор кардани ганҷинаи дониши «Саввон-ал-ҳикмат»-ро дархост намуда буданд. ***Ноҳид:*** «Ҳусайн! Шумо «Саввон-ал-ҳикмат»- ро зинда мегардонед, вай дар сару ёди шумост. Инро ба шумо на ман, балки устодамон мегӯяд. Шумо ин корро дар Хоразм анҷом медиҳед».

Образҳои устод Чағонӣ, Ситорабону ва Ноҳид низ ҳунармандона ва табиию ҷолиб ба тасвир омадаанд. Дар симои Абулфайз Чағонӣ анъанаи бойи китобдорӣ, мактабдорӣ ва таълиму тарбияи ҷавонон дар замони Сомониён таъкид ёфтааст. Устод Чағонӣ донишманди бузург аст, аз илмҳои диниву табиӣ огоҳии комил дорад ва ба тамоми ҳастӣ ба таълиму тарбияи шогирдонаш – Ҳусайн ва Ноҳид кӯшиш менамояд.

Аз файзи таълими устод Чағонӣ Ҳусайн ва Ноҳид забонҳои авастоӣ ва арабиро ба дараҷаи аъло аз худ менамоянд, таърихи илму адабиёту фарҳанги хеш ва ҷаҳонро мукаммал меомӯзанд ва ба фалсафаву ахлоқи Юнони қадим мутаваҷҷеҳ мешаванд.

Дар пиесаи «Ҷавонии Ибни Сино» қувваҳои бадиро шайх Абутоҳир ва муридони ӯ намояндагӣ мекунанд. Онҳо боиси сӯхта

---

1 Мутаассиб — шахсе, ки чизеро кӯркӯрона тарафдорӣ ва пуштибонӣ мекунад.

нобуд шудани китобхонаи бузург, китобдори хирадманд ва оворагию бадбахтиҳои Ҳусайну Ноҳид гардиданд.

**Муҳтавои пиеса**

С. Улуғзода руҳи таърихии даврро дуруст ба инобат гирифтааст. Масъала ва муҳтавои асосии пиеса нишон додани қисмати шахсиятҳои бузурги таърихӣ ва истеъдодҳои нодири фарҳангии халқи тоҷик мебошад. Драматург як давраи кӯтоҳи ҳаёти Шайхурраисро дар айёми ҷавонӣ нишон дода, таъкид мекунад, ки асоси эътибору эътирофи шахсиятҳои бузурги фарҳангӣ илму дониш аст. Донишро бошад, маҳз дар давраи ҷавонӣ аз худ кардан зарур аст.

**Услуби нигориш**

Забони «Ҷавонии Ибни Сино» сода, равон ва образнок буда, ба руҳи таърихии асар ва замону макони воқеаҳои тасвиршаванда иртиботи комил дорад. Аз ҷумла, калима ва таркибҳои ***нузул, улум, ашхос, ихвонуссафо, муслимин, алҳақ, анқариб, кутубхона, аҳком, уламо*** шароит ва руҳи таърихии замони Сомониёнро батамом ҷилвагар месозанд.

Сухани устод Чағонӣ фасеҳ, образнок ва муассир мебошад. Панду ҳикмат, мақолу зарбулмасал ва таркибҳои маҷозӣ нутқи устодро рангин карда, ҷанбаи ахлоқии онро афзудаанд. Чағонӣ амалиёти хиёнаткоронаи Абутоҳир ва муридони ӯро чунин хулоса мекунад: «Ҳар ҷо ки қадами ин тоифа шахсҳо расид, ҳафт сол алаф намерӯяд». Ҳусайн ва Ноҳид, ки давраи донишҷуйӣ ва айёми пурасрори ҷавониро аз сар мегузаронанд, гуфторашонро бо порчаҳои шеърии шоирони тоҷику араб ва иқтибосҳои илмии машҳур тақвият мебахшанд.

Услуби нигориши «Ҷавонии Ибни Сино» низ ҷолиби диққат аст. Хонанда ва тамошобин аз ҷараёни ташаккули шахсияти Ҳусайн дар айёми ҷавонӣ ба ваҷд омада, мехоҳад, ки оид ба тақдири минбаъда ва дастовардҳои илмии ин нобиғаи даврон низ маълумот дошта бошад. Нависанда дар оғози қисмҳо ва анҷоми пиеса симои Умари Хайёми Нишопуриро ба тасвир гирифтааст, ки ӯ баъди чил соли вафоти Ибни Сино тақдири минбаъда ва моҳияти таълимоти Шайхурраисро мухтасар иброз медорад. Гуфтори Умари Хайём ҳикматомез ва пурмуҳтаво садо медиҳад: «Дар ҷайби фалак рози ниҳон бисёр аст. Шайхурраис он розҳоро як-як ошкор намуда, шаҳри донише бунёд карданд. Баландтарин манораи ин шаҳр на он аст, ки ҳама медонанд, на панҷ китоби «ал-Қонун», балки китоби «Шифо» аст».

Ҳамин тариқ, симои Умари Хайём ва рубоиҳои алоҳидаи ӯ бандубаст, хатти сужет, забону услуби нигориш ва мундариҷаи ғоявии пиесаи «Ҷавонии Ибни Сино»-ро такмил дода, ба асар тамомият бахшидааст.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Нахустин драмаҳои С. Улуғзода чӣ ном доранд?
2. Адиб кадом драмаҳоро дар мавзуъҳои таърихӣ эҷод кардааст?
3. Драмаи «Ҷавонии Ибни Сино» чанд муаллиф дорад?
4. Дар бораи сужет ва устухонбандии асар маълумот диҳед.
5. Оид ба образи Ҳусайн сухан ронед.
6. Боз кадом образҳои мусбатро медонед?
7. Оид ба забони драма маълумот диҳед.

## САВОЛИ ТЕСТӢ

1. Кадом нависанда ҳангоми таҳсил дар Дорулмуаллимини Тошканд повести «Сом ва Дик»-и М.А Алексеевро ба тоҷикӣ тарҷума кардааст?

   А) Раҳим Ҷалил;
   Б) Ҳаким Карим;
   В) Пӯлод Толис;
   Г) Ҷалол Икромӣ;
   Ғ) Сотим Улуғзода.

2. Аноргул, Давлат, Гулъизор, Ризо образҳои кадом асар мебошанд?

   А) «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ;
   Б) «Духтари оташ»-и Ҷ Икромӣ;
   В) «Восеъ»-и С. Улуғзода;
   Г) «Вафо»-и Ф. Ниёзӣ;
   Ғ) «Тобистон»-и П. Толис.

3. Образи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар кадом асари С. Улуғзода офарида шудааст?

   А) Дар «Ёрони боҳиммат»;
   Б) Дар «Навобод»;
   В) Дар «Қисмати шоир»;
   Г) Дар «Субҳи ҷавонии мо»;
   Ғ) Дар «Ривояти суғдӣ».

## ОЧЕРК

### *(қиссаи мустанад)*

**Назарияи адабиёт**

Дар радифи жанрҳои эпикӣ ё ҳамосӣ асарҳои насрие ҳастанд, ки дар асоси ҳуҷҷат, воқеият, рӯйдодҳои дилчасп, ҳодисаҳо ва шахсиятҳои шинохтаи воқеӣ навишта мешаванд. Бинобар ин, дар онҳо нисбат ба жанрҳои ҳикоя, қисса, роман, достон тахайюли нависанда мавқеи маҳдуд дорад. Чунин асарҳо ба хелҳои гуногун ҷудо мешаванд ва муҳимтарини онҳо ***сафарнома, ёддошт*** ва ***очерк*** мебошад. Пайдоиши сафарнома ва ёддошт ба адабиёти асримиёнагии тоҷик рост меояд, вале очерк маҳсули адабиёти давраи нав мебошад.

***Очерк*** (қиссаи мустанад) дар адабиёти ҷаҳон ба пайдоиши матбуот вобаста мебошад. Аввалин намунаҳои очерк дар мамлакатҳои Аврупо пайдо шудааст. Маҷаллаҳои «Болтун» (1701 – 1717) ва «Зрителъ» (1711–1714) нахустин бор маводеро чоп кардаанд, ки аз нигоҳи шеваи баён ба очерк монандӣ доштанд. Баъдҳо як гурӯҳ қаламкашони Англия, Фаронса, Олмон, Италия, Русия кӯшиш мекарданд, ки навиштаҳои онҳо аз ҳар ҷиҳат ба ҳақиқати воқеӣ наздик бошад. Аз солҳои 30–40 асри Х1Х сар карда дар мамлакатҳои гуногуни ҷаҳон очерк як воситаи таблиғу ташвиқ ва омодасозии мардум ба дигаргуниҳои куллии сиёсӣ ва иқтисодӣ гардид.

Очерки тоҷик низ ба пайдоиш ва ташаккули матбуоти он алоқаи ногусастанӣ дорад. Дар саҳифаҳои рӯзномаву маҷаллаҳои «Бухорои шариф» (1912), «Ойина» (1913), «Рӯзномаи баҳри Хазар» (1914), «Садои Туркистон» (1914), «Иштирокиюн» (1918), «Шуълаи инқилоб» (1919) Мирзо Сироҷи Ҳаким, Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ, Мунаввар Қорӣ, Абдурраүфи Фитрат, Садриддин Айнӣ, Абдулло Авлонӣ, Абдулҳамид Сулаймон, Саидризо Ализода маводеро ба чоп расондаанд, ки дар онҳо ҳодисаҳои муҳимми иҷтимоӣ аз нигоҳи шахсиятҳои воқеӣ таҳлил мешуд. «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» ном асари С.Айнӣ, ки дар 9 шумораи соли 1920 ва 18 шумораи соли 1921 рӯзномаи «Шуълаи инқилоб» дарҷ гардидааст, аз тарафи нависанда очерк номида мешавад.

Дар солҳои баъдина шумораи маҷаллаву рӯзномаҳо меафзояд, ки ин ба фаъолияти боз ҳам бештари рӯзноманигорӣ ва очерк-

нависии адибон мусоидат мекунад. Очеркҳои «Колхози «Коммунизм» ва «Тирози ҷаҳон»-и С.Айнӣ, «Ҳикоёти устоди мисриён»-и Ҳ. Карим, «Як қаҳрамони асри мо»-и Р. Ҷалил, «Зани ягонаи ҷумҳурият»-и Ҷ. Икромӣ, «Шарафи кор»-и Алӣ Хуш, «Вай шаҳри Ленинро мудофиа мекунад»-и С. Улуғзода, «Кабири ҳоитӣ», «Азими мерган»-и Ф. Ниёзӣ дар тарбияи ҳисси масъулиятшиносӣ ва мамлакатдории ҳар як фарди ҷомеа саҳми муносиб мегузоранд.

Дар солҳои баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ очерки тоҷик ҳам аз ҷиҳати мавзуъ ва мундариҷа ва ҳам аз лиҳози шаклу услуби баён инкишофу такмил ёфт. Ба вуҷуд омадани очеркҳои алоҳида, ба мисли «Оё чӣ бояд кард?» (Ҷ.Икромӣ), «Имтиҳони аввалин» (П.Толис), «Муҳоҷирон» (Ф.Муҳаммадиев), «Ҷӯрасаркор» (А.Сидқӣ), «Қисмати тоҷик» (Сорбон), «Эҳёи дил» (Шодон Ҳаниф), «Ёхсу ва Ёхсучиён» (Карим Давлат), «Шинохти масъулият» ва «Як дидори бас деру кӯтоҳ» (Абдулқодири Раҳим) гувоҳи ташаккули навъҳои гуногуни очерк дар адабиёти тоҷик мебошад.

Ҳамин тариқ, очерк масъалаҳои муҳимми давру замон ва корномаи шахсиятҳои барҷастаро, ки дар рӯйдодҳои фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии ҷомеа нақши арзанда доранд, мавриди тасвир қарор медиҳад ва дорои чунин хусусият мебошад: а) ҳамқадами замон буда, ба масъалаҳои рӯзмарраи зиндагӣ боҷуръат дахолат мекунад; б) дар бораи рӯйдодҳое баҳс мекунад, ки дар як давраи муайян барои ҷомеа ва давлат аҳамияти дараҷаи аввал доранд. Яъне, ***фаврият*** ва ***зарурият*** хоси очерк мебошад. Ин аст, ки очеркро жанри ҷанговари адабиёт ва матбуот меноманд.

Очерк, асосан, ба навъҳои ***иҷтимоӣ, портретӣ, таърихӣ*** ва ***сафарӣ*** ҷудо мешавад. Дар очерки иҷтимоӣ нависанда ба масъалаҳои доғи зиндагӣ дахл карда, дар асоси таҳлилу муҳокима хулосаҳои амиқи иҷтимоӣ ва сиёсӣ мебарорад. Дар очеркҳои Ф. Муҳаммадиев «Раиси нав» (1955), «Муҳоҷирон» (1956) ва «Фаттоҳ ва Музаффар» (1958) масъалаҳои иқтисодиёти хоҷагии деҳоти Тоҷикистон дар солҳои 50-ум ва 60-уми асри XX аниқу муфассал тасвир гардидааст.

Дар очерки портретӣ зиндагӣ ва фаъолияти намояндагони пешқадами илму фарҳанг, хоҷагиҳои деҳқонӣ, корхонаҳои саноатӣ ва дигар соҳаҳои меҳнат тасвир мешавад. Масалан, дар «Эҳёи дил» (2003) ном очерки Шодон Ҳаниф фаъолияти меҳнатӣ, ҷаҳду талошҳои касбазхудкунӣ ва маърифату масъулияти инсонии академики АФ Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба

номи Ибни Сино, профессори соҳаи тиб Неъматулло Усмонов самимона ба тасвир омадааст.

Дар очерки сафарӣ мушоҳидаҳои нависанда ҳангоми сафар мавқеи муҳим дорад. Очеркҳои сафарӣ хонандаро ба урфу одат, комёбиҳои илмию меъморӣ ва дастовардҳои меҳнатии сокинони кишварҳои дуру наздик шинос менамояд. Масалан, дар маркази тасвирҳои «Саёҳати Бухоро бо ҳамроҳии Айнӣ» ном очерки С.Улуғзода устод Садриддин Айнӣ меистад. Ин пири хирад айёми ҷавонӣ, донишандӯзӣ ва камолотро, ки ба солҳои 1890–1917 рост меояд, дар шаҳри бостонии Бухоро гузаронидааст. Шаҳри Бухоро, масҷиду мадрасаҳо, муҳити илмию адабӣ ва муносибати иҷтимоии зиёиён, ки боиси ба дараҷаи нависандаи ҷаҳоншумул сабзидани ин писари деҳотӣ мегарданд, ба хонандаи тоҷик таассуроти амиқи маърифатӣ мебахшад.

Намунаи беҳтарини очеркҳои таърихӣ «Исёни Муқаннаъ» ва «Қаҳрамони халқи тоҷик – Темурмалик» ном асарҳои устод Айнӣ мебошанд. Агар дар «Исёни Муқаннаъ» муборизаи ниёгони мо ба муқобили арабҳои истилогар (VIII) нишон дода шавад, пас, дар «Қаҳрамони халқи тоҷик – Темурмалик» муқовимати халқи тоҷик бар алайҳи чингизиёни ғосиб тасвир меёбад. Нависанда корнамоиҳои Муқаннаъ ва Темурмаликро ба муқобили аҷнабиёни истилогар ба тасвир гирифта, бо ҳамин ба ҳамватанони замони худ дарси мардонагию далерӣ ва душманбадбинӣ меомӯзад.

Хулоса, очерк чун як қисмати муҳимми насри мустанад[1] дар адабиёти садаи XX тоҷик мавқеи арзанда дорад. Нависандагон Фазлиддин Муҳаммадиев, Аъзам Сидқӣ ва Мутеулло Наҷмиддинов дар адабиёти тоҷик чун очеркнависони беҳтарин шинохта шудаанд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Очерк (қиссаи мустанад) ба кадом ҷинси адабӣ дохил мешавад?
2. Очерк аз ҳикоя, қисса ва роман чӣ фарқ дорад?
3. Очерк дар адабиёти тоҷик кай пайдо шудааст ва сабабҳои пайдоиши он чист?
4. Навъҳои очеркро номбар кунед.
5. Дар бораи давраҳои инкишофи очерк дар адабиёти тоҷик маълумот диҳед.

---

1 Насри мустанад — насре, ки ба санадҳо, хуҷҷатҳо ва воқеияту тасвирҳои воқеӣ асос ёфтааст.



# ҶАЛОЛ ИКРОМӢ

***(1909 – 1993)***

***Роҳи ҳаёт***

Нависандаи халқии Тоҷикистон Ҷалол Икромӣ чун адиби пуркору сермаҳсул дар рушду нумуи насри давраи нави тоҷик ҳиссаи арзанда дорад. Адиб соли 1909 дар шаҳри Бухоро ба дунё омадааст. Падараш – Икромиддин таҳсилдидаи мадраса буда, баъдҳо ба мансаби қозигӣ расидааст ва дар таълиму тарбияи фарзандон кӯшиш намудааст. Падар ба фарзанди сеюм Ҷалол, ки дар дусолагӣ аз модар маҳрум гардида буд, бештар ғамхорӣ менамуд. Ҷалол аз хурдӣ ба илму дониш шавқу ҳавас пайдо мекунад ва ба мутолиаи достону қиссаҳои «Тоҳир ва Зуҳро», «Лайлӣ ва Маҷнун», «Фарҳод ва Ширин», «Ҳотамнома», «Замчинома» машғул мешавад.

Ҷалол таҳсилро дар мактаби куҳнаи Қарокӯл, ки чанд вақт падараш он ҷо қозӣ будааст, оғоз мекунад. Баъдҳо дар мактаби нав ва аз соли 1922 дар Дорулмуаллимини Бухоро таҳсил менамояд. Ҳангоми таҳсил дар Дорулмуаллимин ба хондани асарҳои тарҷумашудаи суханварони бузурги рус ва Аврупо Виктор Гюго, Александр Дюма, Максим Горкий, Оноре де Балзак, Александр Пушкин, Михаил Лермонтов, Николай Гогол, Иван Тургенев мепардозад: «Хондани ин китоб ва романҳо, – навиштааст ӯ, – ба ман чунон фоида овард, ки дар синф яке аз шогирдони пешқадам шудам».

Ҷалол Икромӣ баъди хатми Дорулмуаллимин (1927) чанд вақт дар Бухоро ба муаллимӣ машғул мешавад ва соли 1930 ба Сталинобод мекӯчад. Чанд муддат дар Кумитаи тоҷикшиносӣ кор кардааст. Баъдҳо котиби масъули маҷаллаи «Раҳбари дониш», мудири шуъбаи адабии Театри академии драмаи ба номи Лоҳутӣ,

муҳаррири Нашриёти давлатии Тоҷикистон буд. Солҳои бисёр ба кори эҷодӣ машғул буд. Соли 1993 аз ҷаҳон чашм мепӯшад. Шодравон дар мазори Лучоб ба хок супорида шудааст.

**Фаъолияти адабӣ**

Ҷалол Икромӣ фаъолияти адабии худро аз шеърнависӣ оғоз намудааст. Соли 1927 бо маслиҳати устод Айнӣ қалами худро дар наср месанҷад ва худи ҳамин сол аввалин ҳикояаш бо номи «Шабе дар регистони Бухоро» дар маҷаллаи «Раҳбари дониш» чоп мешавад. Ин муваффақияти аввалин адиби ҷавонро водор мекунад, ки минбаъд ба наср мароқ зоҳир намояд. Маҷмуаи аввалини ҳикояҳои Ҷалол Икромӣ «Ҳаёт ва ғалаба» соли 1932 ба табъ расидааст.

Ҷалол Икромӣ минбаъд бо роҳи тарҷума намудани беҳтарин асарҳои адибони рус ва ҷаҳонӣ маҳорати эҷодиашро сайқал дода, ба навиштани асарҳои калонҳаҷм шуруъ мекунад. Нависанда солҳои 30-юм қиссаҳои «Тирмор» (1935), «Ду ҳафта» (1933), «Аз Москва чӣ овардӣ?» (1936) ва «Зуҳра» (1940)-ро менависад. Қиссаи «Тирмор» бо мазмун ва муҳтавои мукаммали худ адибро ба шоҳроҳи эҷодӣ раҳнамун месозад. Дар солҳои 30-юм Ҷалол Икромӣ ҳамчунин ба навиштани романи «Шодӣ» пардохта, қисми якуми асарро соли 1940 ба анҷом мерасонад.

Солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941–1945) Ҷалол Икромӣ чун тамоми қаламкашони мамлакати паҳновари Шуравӣ фаъолияти эҷодии худро баҳри ҳимояи Ватан ва мубориза беамон ба муқобили душмани ғаддор равона мекунад. Дар «Ҷавонҳо ба майдон мераванд», «Барои Ватан ҷони худро дареғ намедорем», «Оҳанпора», «Хандаи пас аз гиря», «Шинел», «Достони марди танкшикан», «Қаҳрамони канори Днепр» ном очерку ҳикоя ва мақолаҳои публитсистии нависанда корномаи ҷангӣ ва фаъолияти меҳнатии ҳамдиёрон васф мешавад. Фаъолияти ҷангӣ ва корнамоии ду Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ Домуллоҷон Азизов (аз «Қаҳрамони канори Днепр») ва Ҳодӣ Кенҷаев (аз «Достони марди танкшикан») ҷавононро ба муқаддас доштани хоки кишвар ва худшиносию озодандешӣ ҳидоят менамоянд. Ҳодӣ Кенҷаев дар мактубаш ба падару модар муроҷиат карда мегӯяд: «Намегузорем, ки дасти бегонае аз гулзори шумо гуле канад ва ё қадами хуке ба боғистони шумо афтад». Дар ҳақиқат, хушбахтӣ ва ҳаёти осудаи мо натиҷаи ҷонбозиҳои фарзандони шуҷои миллат аст.

Дар солҳои баъди ҷанг эҷодиёти Ҷалол Икромӣ боз ҳам самараноктар мегардад. Нависанда дар баробари очерку ҳикояҳо таълифи асарҳои калонҳаҷмро низ давом медиҳад. Қисми дувуми романи «Шодӣ» ҳам навишта шуд ва асар соли 1949 ба табъ мерасад. Ҳамчунин, қиссаҳои «Ҷавоби Муҳаббат» (1947), «Ситора» (1952), «Тори анкабут» (1960) ва романи «Ман гунаҳгорам» (1958) пай дар пай дастраси хонанда мегарданд. Мавзуи асосии асарҳои мазкур зиндагӣ ва маишати ҳамзамонон аст.

Рӯзгори душвори зани тоҷик дар ибтидои асри XX дар романи «Духтари оташ» (1960) ба таври воқеӣ ва муфассал тасвир ёфтааст. Ин роман дар насри тоҷик мавқеи калон пайдо кард ва нависанда барои ин асари пурбаҳояш соли 1964 ба Ҷоизаи адабии Тоҷикистон ба номи Рӯдакӣ сарфароз гардид.

Ҷалол Икромӣ мавзуи романи мазкурро дар романҳои «Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро» (1969) ва «Тахти вожгун» (1974) давом медиҳад ва бо ҳамин дар насри тоҷик асари сегонаро бо номи «Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро» ба вуҷуд меоварад.

Ҷалол Икромӣ ҳанӯз айёми мактабхонӣ «Таҳзиб-ус-сибён»-и С. Айниро мутолиа карда, эътиқодманди муаллифи ин асар гардида буд. Баъдҳо С. Айнӣ чун устоди раҳнамо ба фаъолияти эҷодии Ҷалол Икромӣ мунтазам таваҷҷуҳ зоҳир менамуд. Қиссаи ёддоштии «Устоди ман, мактаби ман, худи ман» (1970) чун рамзи сипоси шогирд ба устод Айнӣ бахшида мешавад.

Ҷалол Икромӣ асарҳои ҳаҷвӣ низ таълиф намудааст. Нависанда анъанаи ҳаҷвнигории адабиёти хаттӣ ва даҳонии тоҷикро идома дода, бо номҳои «Саргузашти Сафармахсум» (ҳамроҳи нависанда Ҳабибулло Назаров, 1971) ва «Сафармахсум дар Бухоро» (1980) асари дуҷилдаи ҳаҷвӣ офарид. Воқеаҳои ин асар дар арафаи инқилоби Бухоро рӯй додаанд ва макони баргузории воқеаҳо мавзеъҳои Ҳисор, Қаратоғ, Қаршӣ ва Бухоро мебошанд. Қаҳрамони ин асар Сафармахсум чун образҳои ҳаҷвии асарҳои халқӣ – Афандӣ ва Мушфиқӣ мардумро ба дилхушӣ ва зиндадилӣ водор менамоянд.

Соли 1977 романи дигари Ҷалол Икромӣ бо номи «Зоғҳои бадмур» ба табъ мерасад. Ин асар воқеаҳои солҳои 30-юми асри XX-ро дар бар кардааст. Ҳамчунин, нависанда дар охирҳои умр ба таълифи романҳои «Хатлон» (1986) ва «Гули бодом» (1991) машғул шудааст. Ин асарҳо аз ҳаёт ва фаъолияти шахсиятҳои номдору ҳунарманди Ҷумҳурии Тоҷикистон

Миралӣ Маҳмадалиев (1914–2002) ва Туҳфа Фозилова (1917–1984) ҳикоя мекунанд.

Ҷалол Икромӣ асарҳои саҳнавӣ низ эҷод намудааст. Намоишномаҳои «Душман» (1933), «Тухми муҳаббат» (1937), «Дили модар» (1942), «Хонаи Надир» (ҳамроҳи А. Файко 1943), «Ситора» (1953) намунаи асарҳои саҳнавии адиб мебошанд.

Ҳамин тариқ, Ҷ. Икромӣ дар давоми умри бобаракати худ асарҳои зиёд офарида, ба хонандаи тоҷик ғизои маънавӣ ва завқи бадеӣ бахшидааст. Асарҳои нависанда ба забонҳои русӣ, ӯзбекӣ, украинӣ, туркӣ, озарӣ, немисӣ, англисӣ тарҷума ва чоп гардидаанд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1979 адибро бо унвони Нависандаи халқии Тоҷикистон қадршиносӣ намуд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Айёми тифлӣ ва мактабхонии Ҷ. Икромӣ дар кадом шаҳр гузаштааст?
2. Сабаби дар мактаб чун шогирди пешқадам ном баровардани Ҷалол дар чист?
3. Ҳаёти Ҷ. Икромӣ дар Душанбе чӣ гуна гузаштааст?
4. Аввалин ҳикоя ва маҷмуаҳои нависанда чӣ ном доранд?
5. Асарҳои дар солҳои 30-юм эҷодкардаи адибро номбар кунед.
6. Очеркҳои давраиҷангии нависанда ба киҳо бахшида шудаанд?
7. Сегонаи Ҷ. Икромӣ кадом романҳоро фаро мегирад?
8. Оё нависанда асарҳои ҳаҷвӣ низ дорад?
9. Романҳои дар охири ҳаёт эҷодкардаи Ҷ. Икромӣ кадомҳоянд?

## РОМАНИ «МАН ГУНАҲГОРАМ»

**Сохт ва мазмуни асар**

«Ман гунаҳгорам» ба зиндагии зиёиёни тоҷик дар деҳот ва муносибати иҷтимоию ахлоқии онҳо бахшида шудааст. Роман аз оғоз, шонздаҳ боб ва хотима иборат мебошад. Дар оғоз Ҷ. Икромӣ таваҷҷуҳи хонандаро ба утоқи кории прокурор ҷалб менамояд. Шахси ба ҷавобгарӣ кашида дар назди прокурор мегӯяд: «Бале... бале... ман гунаҳгорам, ҳамаи гуноҳ аз ман содир шуд...»

Ин сухан боиси пайдо шудани саволҳо мегардад: ин шахс кист? Чаро худро гунаҳгор мешуморад? Ва гуноҳаш чист? Мундариҷаи асосии асар ба саволҳои боло ҷавоб медиҳад. Ҳар боб бо эпи-

граф – як порчаи шеърӣ аз назми хаттӣ ё шифоҳии тоҷик шуруъ мешавад. Эпиграфҳо ба мазмуни бобҳо ишора карда, таваҷҷуҳи хонандаро ба мундариҷаи асар бештар менамоянд. Боби аввал ба табиати зебои деҳаи Лолазор ва зиндагии осудаҳолонаи оилаи директори мактаби деҳа Анвар Салимов бахшида шудааст. Нависанда мувофиқи мундариҷаи боб чор мисраъ шеъри Саъдиро чун эпиграф интихоб намудааст:

Алами давлати Наврӯз ба саҳро бархост,
Лашкари заҳмати сармо зи сари мо бархост.
Ҳар касеро ҳаваси рӯйи гуле дар сар шуд,
На ки ин валвала аз булбули танҳо бархост.

Чунин порчаҳои шеърӣ дар дохили бобҳои асар низ омада, боиси ифодаи боз ҳам ҷолиби мазмуну муҳтавои он мегарданд.

Мазмуни асар чунин аст: дар деҳаи Лолазор директори мактаб Анвар Салимов бо занаш – муаллимаи мактаб Сурайё ва ду фарзандаш осудаҳолона зиндагӣ доранд. Дар ин деҳа Мухтор Махсумов низ ҳаёт ба сар мебарад. Ӯ котиби шурои ҷамоа буда, бо Анвар мухолифат дорад.

Рӯзе корманди идораи маорифи вилоят Зайнаб Кабирова барои тафтиши мактаби деҳа меояд. Зайнаб ҳафт сол боз бо Мухтор муносибати наздик дошт. Зайнаб бо ҳидояти Мухтор дар хонаи Анвар ҷой мегирад. Анвар ба ҳусну ҷамоли Зайнаб мафтун гардида, ба ӯ ошиқ мешавад. Моҷарои ишқи нобаҳангоми Анвар дер давом намекунад, вале ба ин оилаи тинҷу осудаи деҳотӣ ташвишҳои зиёд меорад.

Анвар, ки барои рафтори номуносибаш ҳам аз ҷониби Сурайё ва ҳам аз тарафи Зайнаб мавриди сарзаниш қарор гирифта буд, дар вазъияти нооромии руҳӣ меафтад. Дар ҳамин вазъияти ноҳинҷор барои овардани маоши муаллимон ба ноҳия рафта, баъди гирифтани пул дар хонаи як дӯсташ то мастшавӣ менӯшад. Дар бозгашт дар назди деҳаи Лолазор халтаи пулро фаромӯш карда, оқибат кораш ба мақомоти тафтишотӣ меафтад.

Мухтору Зайнаб, ки ба сафар баромада буданд, халтаи пулро меёбанд. Мухтори ҳарис пулро пинҳон карда, худ аз пайи ба мақомоти қудратӣ маълум кардани «ҷинояти» Анвар мешавад. Зайнаб баъди андешаҳои зиёд дар танҳоӣ аз Мухтори бадхоҳу бадният ва фосиқ абадан тарки алоқа мекунад ва халтаи пулро бурда ба мактаб месупорад. Мазмуни асар басо ҷолиб аст.

**Образҳои асар**

Дар романи «Ман гунаҳгорам» асосан чор образ фаъолият мекунад: Анвар Салимов, ҳамсари ӯ Сурайё, Зайнаб Кабирова ва Мухтор Махсумов. Воқеаи асосӣ байни Анвари зебопараст ва Зайнаби танноз[1] сурат мегирад. Зайнаб зани беиродаест, ки дар ҳаёт раҳгум зада, ба доми Мухтори қаллоб[2] гирифтор шудааст ва ҳоло роҳи наҷот меҷӯяд. Чун Зайнаб ба деҳаи Лолазор омад, Анвар чанд муддат ишқи ӯро дар дил парварид.

Образи асосии роман Анвар мебошад ва масъалаҳои асар, пеш аз ҳама, ба воситаи образи ӯ ҳал гардидааст. Задухӯрд, асосан, дар ботин ва дили Анвар рӯй медиҳад ва дар ниҳоди ӯ байни ҳиссиёту ақл ва ишқи ногаҳониву вазифаи инсонӣ талош сар мешавад. Гирифтории Анвар ба ишқи нобаҳангом дар боби ҳафт хеле самимӣ ва муфассал тасвир гардидааст. Анвар айёми баҳор дар шаби маҳтобии Лолазор бо Зайнаб ба сайругашт баромада буд ва аз ҳусни дилҷӯ, суханҳои дилангез, шеърхониҳои латифи ин зани ҷавон ба ваҷд омада, бо тамоми ҳастӣ мафтуни ӯ гардид. Роҳбари мактаб як лаҳза фаромӯш кард, ки шахси баобрӯйи деҳа ва соҳиби зану фарзанд мебошад. Вале дарҳол ба худ омад ва ақлро кор фармуд: «Дар ин ҷо ба хотири Анвар расид, ки гапро кӯтоҳ кардан лозим аст, агар ҳамин тавр рафтан гирад, Худо медонад, ки сухан то куҷоҳо мерасад».

Анвар ягон нияти бад ё нопокие надошт ва фақат чанд рӯз дар қайди ин ишқи нобаҳангом монда буд, вале ин ҳодисаро боадолатона муҳокима намуда, барои ҳамин ишқу ҳаваси яклаҳзагӣ ҳам худро гунаҳгор шумурд, сабабҳои ба Сурайё, ба ин зани покдомону оқила хиёнат карданашро ҷустуҷӯ намуда ба чунин натиҷа расид, ки беху решаи гуноҳ ана дар ҳамин аст: занро ҳурмат накардан! Инро ҳоло фаҳмида ва эътироф менамоям. Занро ҳурмат накардан худро ҳурмат накардан аст.

Анвар ҳуқуқ, ҳунар ва мавқеи иҷтимоии занро не, балки шаъни инсонии ӯро дар ҷойи аввал мегузорад ва шахсияти ин ҷинси латифро лоиқи ҳурмату эҳтиром мешуморад. Қаҳрамони асосии асар дар натиҷаи андешаи амиқ ва тафаккури зиёд ба ин хулоса расидааст. Бинобар ин, Анвар дар насри тоҷик қаҳрамони нав мебошад, ки масъулиятшинос буда, қобилияти худтаҳлилкунӣ ва худбаҳодиҳӣ дорад.

1 Танноз — нозкунанда, дилрабо.

2 Қаллоб — сохтакор, фиребгар.

Образи Сурайё низ ҷолиб ва ба худ хос мебошад. Ин образ дар асар чун зани ботамкин, рӯзгордида ва модари мушфиқу меҳрубон намоён мегардад. Ботамкинӣ ва дурандешии Сурайё махсусан, ҳангоми аз тарафи Мухтор расондани хабари бо Зайнаб ба лаби дарё рафтани шавҳараш равшан мушоҳида мешавад. Мухтори фитнагар бо ин ҳам қаноат накарда, манзараи «ишқварзии» Анварро ба ӯ нишон додан мехоҳад. Дар ин дам қатъияти хислати Сурайё батамом намоён мешавад: «Сурайё бо нафрат дасти худро аз дасти ӯ ҷудо карда гирифт. Равед аз ин ҷо! – гуфт ӯ. Дар овози Сурайёончунон оҳанги нафрат ва бадбинӣ буд, ки Мухтор ба худ ларзид.

— Дафъ шавед! – гуфт Сурайё андак овозашро баланд карда ва бо дасташ ба сӯйи берун ишора кард. Дую дубора ба хонаи мо пойи қадами шуми худро нагузоред».

Тасвири пайдарпайи хислатҳои ҳамидаи Сурайё симои ӯро чун зани некукирдору инсони комил дар хотирҳо муҷассам менамояд. Рафтори вай баъди фаҳмидани маоши муаллимонро гум кардани шавҳараш аҳамияти муҳимми омӯзандагӣ ва тарбиявӣ пайдо мекунад. Сурайё ба «чӣ кор кунем?» гуфта савол додани шавҳараш мегӯяд: «Дар сандуқ ду либосворӣ сатин ва шоҳӣ дорем, костюми нави ман ҳаст, ҳалқаи тилло ва ангуштаринҳои аз модарам меросӣ ҳаст... Ҳамаи инро мефурӯшем...»

Ҷ. Икромӣ ба воситаи образҳои Зайнаб ва Мухтор мавқеи таълиму тарбияро дар ҳаёти инсон таъкид мекунад. Мухтор аз хурдӣ дар тарбияи падари ӯгай[1] – Абдулло мемонад. Абдулло, ки худ бо фиребгарӣ рӯз мегузаронд, Мухторро ҳам дар ҳамин руҳия тарбия намуд. Мухтор дар қаллобию дасисакорӣ[2] аз падари ӯгай гузаронд. Ин образ нафратовар ва дилнокаш мебошад.

Зайнаб духтари ягонаи раиси комиҷроияи вилоят – Очилбатрак мебошад ва муҳити оилавӣ ӯро нозук ва нозпарвар намудааст. Ҳамин зудбоварию кӯтоҳандешӣ боис шуд, ки ӯ ба доми тазвири[3] Мухтор афтад. Оқибат бо мушкилӣ ва душворӣ тавонист, ки роҳи дурусти зиндагиро интихоб намояд. Азобу ташвишҳои Зайнаб гувоҳ бар он аст, ки дар интихоби рафиқи ҳаётӣ саҳлангорӣ кардан оқибатҳои нохуш дорад.

1 Падари ӯгай — падарандар.

2 Дасиса — макру ҳила.

3 Доми тазвир — фиреб, ҳила.

**Услуби тасвир**

Дар романи «Ман гунаҳгорам» услуби таҳлилии тасвир мавқеъ дорад. Аз ҷумла, дар кушодани олами маънавии персонажҳои асар ***монологи ботинӣ*** истифода шудааст. Нависанда ба воситаи монологҳо ҳар чизи дар дилу ниҳоди персонажҳо ҷойдоштаро ошкор месозад. Масалан, Сурайё дар бораи шавҳараш чунин андеша меронад: «Анвар содагӣ дорад ва зудбовар аст. Баъзан фиреб мехӯрад, баъзан ба дом меафтад ва ногувориҳоро боз зуд фаромӯш мекунаду боз ба ӯ ҳар чӣ гӯянд, бовар мекунад ва ҳар чӣ фурӯшанд, ба нақд харида мегирад».

Чунин услуби нигориш, ки ***насри андеша*** унвон гирифтааст, баъдҳо дар эҷодиёти Ф. Муҳаммадиев, Ӯрун Кӯҳзод, С. Турсун, А. Самад, Ҷ. Акобиров, Сайф Раҳим идома ва такмил ёфт. Вале номи Ҷ. Икромӣ дар таърихи адабиёти тоҷик чун устоди насри андеша боқӣ мемонад.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Романи «Ман гунаҳгорам» аз чанд боб иборат аст ва чӣ хел оғоз меёбад?
2. Эпиграфҳо ба мундариҷаи асар чӣ муносибат доранд?
3. Мазмуни романро баён намоед.
4. Чаро Анвар худро гунаҳгор мешуморад?
5. Кадом хислатҳои Сурайё ба шумо маъқул шуд?
6. Аз амалиёти Зайнаб ба чӣ хулоса омадед?
7. Оид ба услуби тасвири асар маълумот диҳед.

## САВОЛИ ТЕСТӢ

1. Анвар, Сурайё, Мухтор ва Зайнаб образҳои кадом асари Ҷалол Икромӣ мебошанд?

   А) «Духтари оташ»;
   Б) «Тори анкабут»;
   В) «Ман гунаҳгорам»;
   Г) «Тухми муҳаббат»;
   Ғ) «Ситора».

## РОМАНИ «ДУХТАРИ ОТАШ»

Таълифи китобҳои «Духтари оташ», «Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро» ва «Тахти вожгун» зиёда аз 15 сол давом мекунад. «Духтари оташ» воқеаҳои ибтидои асри XX то инқилоби Бухороро фаро мегирад. «Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро» ва «Тахти вожгун» ба воқеаҳои солҳои 1920–1922 оид мебошанд. Дар асарҳои сегона зиёда аз 300 персонаж фаъолият доранд.

**Бандубасти асар**

«Духтари оташ» дорои сужети мураккаб ва мавзуъҳои гуногун мебошад. Нависанда солҳои зиёд воқеаҳои таърихии Бухорои ибтидои асри XX ва тақдири таърихии занони тоҷикро дар ин давра меомӯзад.

Дар ин миён саргузашти Саломат Ҷаҳонгирова ном зани мубориза далер таваҷҷуҳи ӯро бештар ба худ ҷалб мекунад. Ин зани 76-солаи бухороӣ дар хурдӣ ҳамроҳи модаркалонаш – Дилором-каниз дар ҳавлии Қароқулибой хидмат мекардааст. Баъди вафоти модаркалон рӯзгори фоҷианокеро аз сар гузаронида, баҳри зиндагии арзандаи занони тоҷик талош мекунад. Саргузашти Саломат Ҷаҳонгирова ба нависанда барои навиштани асари «Духтари оташ» роҳ мекушояд.

Аз ин рӯ, дар «Духтари оташ» як қисм образҳо шахсҳои таърихианд ва баъзан, бо номҳои худашон дар асар ширкат доранд. Аз ҷумла, прототипи образи Фирӯза Саломат Ҷаҳонгирова буда, Дилором-каниз бо номи худаш ширкат дорад.

Романи «Духтари оташ» аз се қисм иборат аст. Қисми «Дилором-каниз» аз ҳафт боб иборат буда, рӯзгори Дилором-каниз ва набераи ӯ – Фирӯзаро дар гузари Абдуллоҳхӯҷаи Бухоро дар бар мегирад. Ин қисмат саргузашти Дилором-кампири навадсола, ба мактаби Оймуллои танбӯр даромадани Фирӯза ва моҷарои тӯйи Ғаниҷон-бойбачаро фаро гирифта, бо марги Дилором-каниз анҷом меёбад.

Қисми дуюм «Дарбадарӣ» ном дошта, аз 16 боб иборат аст ва тақдири Фирӯзаро баъди марги модаркалонаш фаро мегирад. Дар ин бахш воқеа миёни образҳои мусбат ва манфӣ торафт шиддат меёбад ва Фирӯза бо ёрии хешовандон ва эътиқодмандонаш Ҳайдарқул, Асо ва Аҳмадҷони машкоб аз дасти Ғаниҷонбой ҷон ба саломат мебарад.

Қисми «Дӯст ва душман» аз 14 боб иборат буда, фаъолияти Фирӯза ва ҳаммаслаконашро то инқилоби Бухоро фаро мегирад.

Бархам хӯрдани ҳукумати амирӣ барои Фирӯза ва дигар заноне, ки ба ҳарамсаройи амир хидмат мекарданд, ҳодисаи фараҳбахш буд.

Умуман, дар романи «Духтари оташ» 130 персонаж мушоҳида мешавад ва ба воситаи амалиёт ва бархӯрди онҳо масъалаҳои бисёре мавриди тасвир қарор мегиранд. Образҳои Дилором-каниз, Фирӯза, Аҳмадҷони машкоб, Оймуллои Танбӯр, Шамсия, Асо, Ҳайдарқул, Истад (мусбат), Ғаниҷон-бойбача, Абдурраҳмонбек, Мағфират, Қароқулибой, Нусратулло (манфӣ) ҳар кадом дар ҳалли зиддиятҳои асар саҳм гирифтаанд.

**Образи занон**

Дар байни мавзуъҳои гуногуни «Духтари оташ» мавзуи зан мавқеи марказӣ дорад. Ҷалол Икромӣ дар тасвири образи занон роҳу усулҳои ба худ хосро истифода кардааст. Нависанда зиндагии камбағалона ва ҳаёти ногувори табақаҳои поёни занони тоҷикро тасвир карда, пеш аз ҳама, масъалаҳои шаъну эътибори инсонӣ, иззати нафс, сарбаландӣ ва шарафу номусро ба миён мегузорад.

Дилором-каниз як умр хидмати боёну мансабдоронро ба ҷо овардааст. Ӯ бо азобу кулфат даврони ҷавонӣ ва миёнсолиро аз сар гузаронд ва шоҳиди беадолатию нобаробариҳои зиёде гардид. Хислати Дилором-каниз дар ҷараёни зиндагӣ такмил меёбад ва рафта-рафта ба дараҷае мерасад, ки назди қувваи иродаи вай ҳама забардастон ва шахсони мағруру худписанд оҷиз мемонанд. Кампир намегузорад, ки касе ӯро таҳқир кунад, обрӯю эътиборашро паст занад ва ягона набераашро ранҷонад. Дилором-каниз ба оқсақол[1], ки ӯро ноқисулақл меномад, чунин ҷавоб медиҳад:

– Ту, оқсақол, ҳанӯз ба собуни ман ҷомашӯйӣ накардаӣ! – гуфт вай таҳдидомезона. – Ноқисулақл бошам ҳам, ҷавоби садта ту барин буғузаъламҳоро гуфта метавонам. Беҳтар, ки машмаша накарда, аз атрофи сари дегат бохабар шав!

Суханҳои нишонраси вай ҳар гуна рақиби тундмизоҷро ҳам мағлуб менамояд. Бойдухтари даҳанкалону ҳавобаланд Мағфират рӯзи тӯяш Фирӯзаро меранҷонад ва ба ғазаби Дилором-каниз гирифтор мешавад. Ба суханҳои кампир: «Шӯхиатонро ба тайи чимилчиқ[2] ҷамъ карда монед, пошшохон[3]!» ё «бисёр телба[4] нашавед, пошшохон, ба сӯзу гудоз вақт меёбед» Мағфират ҷавоб ёфта

1 Оқсақол — сардори маҳалла, шахси боэътибор.

2 Чимилчиқ — чодар, чодари арӯсӣ.

3 Пошшохон — шоҳдухтар, духтари баландмартаба.

4 Телба — саросема шудан, шитоб кардан.

наметавонад. Дилором-каниз дар айни ҳол зани ҳалиму меҳрубон аст. Ӯ такягоҳ ва саробони наберааш Фирӯза, Оймуллои танбӯр, Аҳмадҷони машкоб, Асо мебошад. Ба Ҳайдарқул, ки қасоси зану фарзандашро аз Ғаниҷонбой гирифтан мехост, маслиҳатҳои фоидаовар медиҳад.

Агар образи Дилором-каниз танҳо дар «Духтари оташ» ба назар расад, пас образи Фирӯза дар «Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро» ва «Тахти вожгун» низ давом мекунад. Вале хислату шахсияти ин образ дар китоби аввали сегона инкишоф ва такмил меёбад. Баъд аз вафоти Дилором-каниз Фирӯзаи 12-соларо Оймуллои танбӯр ба тарбияи худ мегирад. Ин зани бомаърифат ва меҳрубон ба Фирӯза савод меомӯзад ва ӯро ба пастиву баландиҳои зиндагӣ ошно месозад.

Фирӯза як муддат дар ҳавлии Ғаниҷонбой дар қатори канизони ӯ ҷой гирифт. Меҳнати вазнин ва муносибати дағалона дар ин даргоҳ боиси обутоб ёфтани характери Фирӯза гардид ва дар ниҳоди ӯ ҳисси кӯшишу талошро бедор кард: «Наход ки ман ҳам мисли Шамсия, мисли Савсан ҷавонмарг шавам. Не, ман бояд аз ин даргоҳ, аз ин варта наҷот ёбам».

Хислатҳои сарбаландӣ, кордонӣ ва ҳақталошиҳои Фирӯза аз модаркалонаш ба мерос мондааст. Ӯ дар охири асар чун зани собитқадам ва дорои иззати нафси баланд ба назар мерасад. Суханони зерини Фирӯза симои ҳақиқии ӯро равшану возеҳ нишон медиҳанд: «Рафта ба амир ва Пошшобибӣ гӯед, ки, – гуфт бо овози баланд Фирӯза, – мо аз оташ, аз аҷал ва аз тиру туфанг наметарсем. Оташ ҳам, аҷал ҳам, тиру туфанг ҳам аз азобу уқубати бандагӣ, канизӣ ва дарбори шумо беҳтар аст! Сӯзаду хокистар шавад хонумонатон, ки хонумони моро сӯхтед».

Дар китоби «Духтари оташ» ҳар як образ, хоҳ асосӣ бошад ва хоҳ ёрирасон, симои хоси худро дорад. Махсусан, образҳои Оймуллои танбӯр ва Шамсия ҷолиби диққатанд. Оймуллои танбӯр ба таълиму тарбияи Фирӯза ва Шамсия саҳм дорад ва шогирдонро чун фарзанд азиз медорад. Ин ҳолатро, алалхусус, аз тасвири лаҳзаи хатхонии Оймулло бармало мушоҳида кардан мумкин аст. Шамсия, духтари Абдурраҳмонбеки миршаб, чун нишонаи эътироз ба қувваҳои бадӣ худкушӣ мекунад ва пеш аз марг як порча хатти видоӣ менависад. Падар баъди ба хок супоридани духтараш Оймуллои танбӯрро барои хондани хатти Шамсияи марҳум даъват мекунад.

Оймулло ҳангоми хондани мактуб чандин маротиба модарвор мегиряд. Аз ҷумла, баъди хондани байти зерин:

Ғами замона хӯрам ё фироқи ёр кашам,
Ба тоқате, ки надорам, кадом бор кашам?

Оймулло боз ба зӯрӣ гиряашро фурӯ бурду гуфт:

– Саъдихонам, шеърдонам, шоираи ширинкаломам!

Мактуби видоии Шамсия басо пурсӯз ва ҷонгудоз буда, дар айни ҳол муносибати самимонаи устоду шогирдро ба таври возеҳ ошкор месозад. Шамсияи ноком дар охири мактуб аз падар хоҳиш мекунад: «Шумо агар арвоҳи маро шод кардан хоҳед, Оймуллои азизамро муҳтарам шуморед».

Дар асар нақши мардон низ назаррас аст. Образҳои мусбат Ҳайдарқул, Асо, Аҳмадҷони машкоб, Ашрафҷон, Истад – ҳама мардони оқил, росткор, поктинат ва адолатхоҳ мебошанд ва дар ҷараёни зиндагӣ ботинан комилтар мегарданд. Ҳайдарқул дар аввал танҳо баҳри қасосгирӣ аз Ғаниҷонбой ва Саиди маст бархоста буд: «Акнун ман танҳо барои як мақсад зиндагӣ мекунам: ниқор![1] Аз душманонам ниқори духтари нокомам, ниқори зани кулфатзадаам ва ниқори худамро мегирам». Вале баъдтар маҳдудии мақсади худро дарк намуда, баҳри озодӣ ва хушбахтии тамоми ҳамватанон талош меварзад.

Образҳои манфӣ низ боварибахш ва табиӣ ба тасвир омадаанд. Нависанда гоҳо персонажҳои манфиро ба андеша водор намуда, ҷаҳони ботинии онҳоро равшану возеҳ мекушояд. Масалан, дараҷаи баланди беномусӣ, гарданшахӣ ва ҷоҳилии Абдурраҳмонбеки миршаб аз андешаи зерини ӯ маълум мешавад: «Миршаб... хатро... ба кисабағалаш андохт ва... аз хаёлаш мегузаронид, ки ба ҳамаи ин ҳодиса ва фоҷиа, пеш аз ҳама, мактаб ва босаводӣ гунаҳгор аст, агар Шамсия босавод намешуд, агар шеърдону китобхон намебуд, ҳеҷ гоҳ ба чунин роҳ қадам намегузошт».

Ҳамин тариқ, образҳои «Духтари оташ» дар баробари таъсири бадеӣ доштан хонандаро водор мекунанд, ки ба ҷомеа ва одамон муносибати оқилона дошта бошад ва аз ҳар рӯйдоди зиндагӣ панде гирад.

---

1 Ниқор — қасос

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Чаро зиндагии Саломат Ҷаҳонгироваи 76-сола таваҷҷуҳи Ҷалол Икромиро ҷалб намуд?
2. Кадом образҳои «Духтари оташ» дар дигар романҳои сегона низ ширкат меварзанд?
3. Дар бораи фаслҳои роман маълумот диҳед.
4. Чаро образи Дилором-канизро бозёфти адабии Ҷ. Икромӣ меноманд?
5. Дар бораи образи Фирӯза чӣ медонед?
6. Боз кадом образҳои занҳо дар хотиратон нақш бастаанд?
7. Образҳои мусбати мардҳо кадомҳоянд?
8. Образҳои манфии мардҳоро ном баред.

## САВОЛИ ТЕСТӢ

1. Кадом образ, аз занони «Духтари оташ», чун нишони эътироз худкушӣ мекунад?

А) Оймуллои танбӯр:
Б) Шамсия;
В) Фирӯза;
Г) Мағфират;
Ғ) Савсан.

2. Ҷ. Икромӣ барои эҷод кардани кадом асараш сазовори Ҷоизаи адабии Тоҷикистон ба номи Рӯдакӣ гардид?

А) барои қиссаи "Ҷавоби Муҳаббат"
Б) барои романи "Ман гунаҳгорам"
В) барои романи "Зоғҳои бадмур"
Г) барои романи "Духтари оташ"
Ғ) барои романи "Хатлон"

## ЁДДОШТНАВИСӢ ДАР АДАБИЁТ

**Назарияи адабиёт**

**Ёддошт** дар қатори очерк ва сафарнома ба гурӯҳи жанрҳои махсуси ҳамосӣ дохил мешавад. Қонунияти марказии ин жанрҳоро ҳодисаҳои воқеӣ ё ҳуҷҷатӣ ташкил медиҳад. Дар ёддошт нависанда чизҳои дидаву аз сар гузаронида ва вохӯриву мулоқотеро, ки дар нигоҳи ӯ муҳиму арзишманд мебошанд, мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор медиҳад.

Дар ёддошт воқеаҳое тасвир меёбанд, ки маҳсули замони гузашта буда, дар инкишофи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа саҳми муносиб доранд. Дар ёддошт на пайдарпайӣ, балки моҳияти онҳо шарти зарурӣ мебошад. Методи ягонаи ёддошт реализм мебошад. Барои тасвири дилкаш ва рағбатноки ҳодисаву воқеаҳо нависанда гоҳо аз тасвири романтикона низ истифода мекунад. Вале тасвироти хаёломез ба ҳодисаву воқеаҳои ҷудогона иртибот дошта, ба заминаи воқеии ёддошт халал намерасонад. Дар ёддошт имконияти офаридани образу характери барҷаста камтар аст. Танҳо нависандагони забардаст дар офаридани образҳои барҷаста муваффақ мешаванд. Образҳои падар ва Тӯтапошшо (аз «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ) намунаи чунин образҳо мебошанд.

Ёддошт дар адабиёти ҷаҳон таърихи қадима дорад. Нахустин таҷрибаи ёддоштнависӣ ба қалами нависандаи Юнони қадим Ксенофонт (430–355 то милод) нисбат дода шудааст. Пайдоиши ёддошт ба маънои имрӯзааш ба давраи эҳё мутааллиқ аст. Дар байни асарҳои ёддоштии адибони ҷаҳон «Тавба»- и нависандаи Фаронса Жан Жак Руссо (1712–1778) ва «Бачагӣ», «Дар байни мардум» ва «Университетҳои ман»-и нависандаи рус М. Горкий мақоми арзанда доранд.

Дар адабиёти форсу тоҷик ёддоштнависӣ таърихи беш аз ҳазорсола дорад. Дар рисолаи «Саргузашт»-и Абуалӣ ибни Сино, «Макорим-ул-ахлоқ»-и Хондамир, «Латоиф-ут-тавоиф»-и Алии Сафӣ, «Чор унсур»-и Бедил маводи фаровони ёддоштӣ гирд оварда шудаанд. Вале барҷастатарин асарҳои ёддоштӣ «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ ва «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш мебошанд. Восифӣ рӯйдодҳои таърихию сиёсӣ ва фарҳангию адабиро аз назари намояндаи аҳли миёнаҳоли шаҳр тасвир намудааст. Мувофиқи тасвири адиб, донишҷӯёни мадраса зимистон аз хунукӣ азоб доштанд. Восифӣ бар ивази маблағе, ки

аз қасидааш гирифта буд, ба онҳо ёрии моддӣ мерасонад. Аммо дар зимистони дигар шабнишинии писари вазирро тасвир кардааст, ки дар он зиёда аз 50 ҳазор танга барои айшу нӯш сарф гардида буд. Чунин тасвирҳо дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» фаровонанд ва хонандаро ба таърихи давлатдориву маишати аҳолӣ дар асри XVI муфассал шинос мекунанд.

Аҳмади Дониш дар «Наводир-ул-вақоеъ» бенизомию бетартибии иҷтимоии замонро дар бедонишию бемаърифатӣ дидааст, бинобар ин, омӯхтани илмҳои дунявиро дар мадрасаҳо тарғиб кардааст. Дониш ба воситаи асари ёддоштиаш «Наводир-ул-вақоеъ» тарзи нави тасвири реалистиро ба вуҷуд овард, ки онро имрӯз реализми маорифпарварӣ меноманд.

Асари барҷастаи ёддоштии адабиёти давраи нави тоҷик «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ мебошад, ки воқеаҳои солҳои 1880–1903-ро дар аморати Бухоро фаро мегирад. Устод Айнӣ дар таълифи «Ёддоштҳо» анъанаи навиштани «Бадоеъ-ул-вақоеъ» ва «Наводир-ул-вақоеъ»-ро давом ва инкишоф дода, хаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангию адабии Бухорои охири асри X1X ва ибтидои асри XX-ро бо тамоми маҳорат тасвир намуд. Воқеаҳое, ки дар «Ёддоштҳо» баён шудаанд, дар таърихи иҷтимоӣ ва фарҳангии халқи тоҷик муҳим ва арзишманданд.

Минбаъд дар адабиёти тоҷик асарҳои зиёди ёддоштӣ ба вуҷуд омаданд, ки «Субҳи ҷавонии мо»-и С. Улуғзода, «Устоди ман, мактаби ман ва худи ман»-и Ҷ. Икромӣ, «Маъвои дил»-и Р. Ҷалил, «Ёди ёри меҳрубон»-и М. Миршакар намунаи онҳо мебошанд. Нависандагони тоҷик дар асарҳои ёддоштии худ бештар ба аҳли зиё таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд. Агар Икромӣ дар маркази асараш ҳаёт ва фаъолияти Садриддин Айниро қарор дода бошад, пас, Миршакар вохӯрию мулоқоташро ба Деҳотӣ, Турсунзода ва дигар зиёиёни тоҷик баён намудааст.

Дар адабиётшиносӣ мафҳуми ёддоштро бо истилоҳи ***мемуар*** (калимаи фаронсавӣ – ёддошт) ҳам баён мекунанд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Чаро ёддоштро ба гурӯҳи махсуси асарҳои ҳамосӣ дохил мекунанд?
2. Кадом махсусияти ёддоштро медонед?
3. Ёддоштнависӣ дар адабиёти ҷаҳон кай оғоз ёфтааст?
4. Кадом асарҳои ёддоштии адабиёти тоҷикро медонед?
5. Ёддоштро боз ба кадом истилоҳ ном мебаранд?

# РАҲИМ ҶАЛИЛ

*(1909 – 1989)*



**Зиндагинома**

Раҳим Ҷалил 3 июни соли 1909 дар шаҳри Хуҷанд, дар хонаводаи косиби мӯзадӯз ба дунё омадааст. Падари Раҳим шеърдӯст ва модари ӯ мухлиси китобҳои саргузаштӣ буданд. Бинобар ин, адиби оянда аз хурдӣ ба шунидан ва хондани ғазалҳои Ҳофиз, Камоли Хуҷандӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ ва ҷангномаҳою саёҳатномаҳо шавқу ҳавас пайдо намуд.

Раҳим маълумоти ибтидоиро дар мадраса гирифтааст. Баъди инқилоби Октябр таҳсилро дар мактаби нав давом дода, соли 1927 онро ба итмом мерасонад. Баъдтар мактаби яксолаи муаллимтайёркунии шаҳри Хуҷандро ба поён расонда, то соли 1931 ба касби муаллимӣ машғул мешавад. Дар солҳои муаллимӣ ба омӯхтани асарҳои адибони тоҷик ва рус, аз ҷумла С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, А.П. Чехов, М. Горкий ҷиддан машғул гардида, бо таъсири онҳо аввалин шеъру ҳикояҳояшро иншо мекунад.

Раҳим Ҷалил ба рӯзноманигорӣ рағбат дошт ва аз соли 1931 сар карда, беш аз бист сол дар рӯзномаҳои «Пролетари Хуҷанд», «Ҳақиқати Ленинобод», «Тоҷикистони сурх» ва маҷаллаи «Шарқи сурх» адои вазифа намудааст. Аз соли 1952 то охирин рӯзҳои ҳаёт котиби масъули шуъбаи хуҷандии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон буд.

Раҳим Ҷалил соли 1934 ба узвияти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон қабул гардид ва соли 1970 ба Ҷоизаи адабии ба номи Рӯдакӣ сазовор дониста шуд. Мавсуф Нависандаи халқии Тоҷикистон мебошад. Нависанда 10-уми октябри соли 1989 дар шаҳри Хуҷанд аз олам мегузарад. Марқади адиб дар гӯристони зодгоҳаш қарор дорад.

## Мероси адабӣ

Раҳим Ҷалил ба зумраи адибоне дохил мешавад, ки фаъолияти эҷодиашонро аз ибтидои солҳои 30-юм оғоз намудаанд. Адиб аввал ба эҷоди шеър майл доштааст. Маҷмуаи нахустини адиб – «Мавҷҳои музаффарият» (1933) шеърҳои солҳои 1931–1933 иншогардидаро фаро гирифтааст.

Раҳим Ҷалил, асосан, бо эҷоди ҳикоя ба адабиёти шуравии тоҷик дохил шудааст. Дар давраи аввали эҷодиёташ ҳикояҳои ҳаҷвии ӯ бештар маъруфият пайдо кардаанд. Маҷмуаи дувуми адиб бо номи «Орзу» соли 1934 ба табъ мерасад, ки дар он беҳтарин ҳикояҳои ҳаҷвии муаллиф, чун «Марги Хушомадхӯҷа», «Хар ва сабукрав», «Гурба ва рашк», «Хоҷаи борон», «Хонаи нав» ва ғайра гирд омаданд.

Баъдҳо дар маҷмуаҳои «Шеърҳо ва ҳикояҳо» (1939), «Ҳисса аз қисса» (1941), «Ҳикояҳои замони ҷанг» (1944), «Умри дубора» (1949), «Ҳикояхо» (1954), «Баҳор» (1960), «Ҳамида» (1961), «Шикасти тилисмот» (1964), «Илҳом» (1973), «Духтари мармарин» (1975), «Бозгашт аз биҳишт» (1976), «Баъди борон» (1978) шеъру ҳикоя ва очеркҳои адиб дар мавзуъҳои гуногуни рӯзгори одамони даврони шуравӣ дастраси хонанда гардиданд.

Нависанда дар ҳикояҳои ҳаҷвӣ аз адабиёти шифоҳӣ ва таъбирҳои халқӣ бамаврид истифода намуда, падидаҳои но469матлуби ҷомеаро зери тозиёнаи танқид гирифтааст. Дар ҳикояи «Марги Хушомадхӯҷа» Хайруллохӯҷа хушомадгӯ ва тамаллуққори гузаро мебошад. Бинобар ин, мардум ӯро «Хушомадхӯҷа» лақаб додаанд. Агар раиси корхона Сангини сатанг сулфа кунад, Хушомадхӯҷа «Лаббай, чӣ мефармоед?» гуфта таъзим мекунад. Ӯ тез ба бозор давида, барои Сангини сатанг сигор меоварад ва гӯгирд гиронда, ба нӯли хӯҷаин медорад. Ба хонаи хӯҷаин майдачуйдаҳои рӯзгорро мекашонад. Дар атрофи Сангини сатанг парвонавор чарх мезанад.

Ин чоплусӣ ва лаганбардориҳо оқибат боиси марги Хушомадхӯҷа мегарданд. Ӯ гоҳи ба хонаи хӯҷаин керосин овардан аз саросемагӣ меафтад ва либосҳояш ба сӯзишворӣ олуда мегарданд. Ба ҳавлӣ даромада мебинад, ки хӯҷаин омодаи сигоркашӣ аст. Сигори сардорро гиронданӣ шуда гӯгирд мезанад, ки худ оташ гирифта месӯзад.

Ё худ дар ҳикояи «Васвасабону» симои зане, ки «аз охури баланд ем хӯрда одат кардааст» ва ба ӯ танҳо «пӯшоки нав ба наву

ранг ба ранг, ҷоҳу ҷалоли ба чор кас маъқул мешудагӣ» даркор аст, тасвир гардидааст. Мӯниса-бону зани зебову соҳибҷамол аст, вале ботини нопок ва нафси қонеънашаванда дорад. Ин хислатҳои бад ӯро хандаовар ва нафратовар намудааст. Нависанда таваҷҷуҳи хонандаро ба оила ва тарбияи фарзандон ҷалб карда, таъкид менамояд, ки сарчашмаи хислатҳои манфии Мӯниса-бону тарбияи нодурусти оилавӣ аст. Истифодаи санъатҳои **саҷъу тазод** ва **таркибҳои рехта** боиси ифоданокии тасвир гардидааст: «Онҳо вайро, ки фарзанди ягонаашон аст, рӯзе чанд бор гули сабади **хона**, ӯро шамъу худро **парвона**, нури дидаю тоҷи сари **падар**, сафедию сиёҳии чашми **модар** меномиданду тайёр буданд, ки ҳар вақт хӯрокашро **хӯронида** либосашро **пӯшонида** монанд».

Дар баробари ин, Раҳим Ҷалил ба навиштани асарҳои калонҳаҷм машғул мешавад. Дар охири солҳои сиюм нависанда дар заминаи воқеаҳои самти шимоли Тоҷикистон ба эҷоди романе пардохт, ки қисми аввали он соли 1941 бо номи «Гулрӯ» ба нашр расид. Баъд аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ адиб қисми дувуми романро ба анҷом расонд ва ҳар ду қисм соли 1949 бо номи «Одамони ҷовид» дастраси хонанда гардид. Ин асар аз ду қисм ва 30 боб иборат буда, ба мавзуи ҷангҳои дохилӣ баҳри барқарор намудани сохти шуравӣ дар минтақаи шимоли Тоҷикистон ва шаҳри Хуҷанд (солҳои 1916–1927) бахшида шудааст. Образҳои асосии асар Пӯлод Қодиров ва Гулрӯ Рустамова ҳамчун инсонҳои дӯстдоштанӣ, миёни хонандагон шуҳрат доранд. Пӯлод ҳанӯз аз айёми ҷавонӣ бачаи ҳушёр, дидадаро ва раҳмдилу адолатхоҳ буд ва ин хислатҳо дар баробари омӯхтани таҷрибаи зиндагӣ такмил меёбанд. Пӯлод фарзанди халқ аст ва нависанда ӯро дар маркази ҳодисаҳои роман мегузорад. Ба қавли мардум, Пӯлод бо марг мубориза бурда, бар он ғолиб мебарояд. Садоқат ба халқ, дилбастагӣ ба кор ва муносибати оқилонаву хайрхоҳона ба оила Пӯлодро азизу маҳбуби сокинони деҳоти Тагоб, Басманда, Қистакӯз, Масчоҳ ва дигар туманҳои Хуҷанд гардондааст. «Такягоҳи мо, ҷавон бошӣ ҳам, падари мо ҳастӣ», – мегӯяд ба ӯ мӯйсафеде.

Образи Гулрӯ боз ҳам диққатҷалбкунанда аст. Нависанда дар аввали роман таваҷҷуҳи хонандаро ба ҳусну ҷамоли Гулрӯ ҷалб менамояд: «Чашмони сиёҳ, мижгони дарозу болобардоштаи ӯ соҳибҷамолони қишлоқро ба ҳасад меоварад... Вақте ки ӯ механдид, дандонҳои майдаю зичи марворидвор дурахшонаш гӯё рӯяшро равшан менамуданд». Симои зоҳирии қаҳрамон хонанда-

ро водор мекунад, ки ба тақдири ояндаи ӯ бетараф набошад. Ин образ ҳамеша дар ҳаракат аст ва аз духтари одии қишлоқ то ба раиси артели бофандагон, мураббии садҳо занони тоҷик инкишоф меёбад. Гулрӯ дар ишқу муҳаббат ҳам собитқадам аст. Ӯ Пӯлодро бо тамоми ҳастияш дӯст медорад ва дар оянда ҳамсафари ҳаётӣ, дилсӯз ва маслиҳатгари Пӯлод мешавад. Дар роман муҳаббати гарму ҷӯшони зану шавҳар – Пӯлод ва Гулрӯ самимӣ ва воқеӣ тасвир ёфтааст. Романи «Одамони ҷовид»-ро метавон саҳифаи тозае дар таърихи адабиёти солҳои 30-ми тоҷик номид.

Р. Ҷалил солҳои 70-ум асари ёддоштие бо номи «Маъвои дил» эҷод мекунад, ки он аз ду қисм иборат буда, қисми аввал соли 1970 ва қисми дувум соли 1982 ба табъ расидаанд. Нависанда аз ҳаёту фаъолияти одамони шинохтаи вилояти Суғд ва пойтахти он – шаҳри Хуҷанд, иштирокчиёни ҷангҳои дохилӣ ва барпокунандагони сохти нав, қаҳрамонони меҳнат, олимон ва санъаткорони машҳур, ҳофизону мутрибон, ходимони давлатӣ ҳикоят мекунад. Дар маҷмуъ, «Маъвои дил» моҳияти таърихиву кишваршиносӣ пайдо кардааст ва барои наслҳои минбаъда метавонад ҳамчун шиносномаи вилояти Суғд ва шаҳри Хуҷанд хидмат намояд.

Р. Ҷалил дар боби адабиёти бачаҳо низ ҳикояҳо дорад, ки онҳоро аз маҷмуаҳои «Кабӯтар» (1963) ва «Табиби ман» (1973) мутолиа кардан мумкин аст. Дар ҳикояҳои бачагонаи Р. Ҷалил, чун дар тамоми эҷодиёти ӯ, тасвирҳои мутоибаомез мавқеъ доранд. Ин ҷиҳатҳо ҳикояҳои барои бачаҳо навиштаи адиб, аз ҷумла «Зангӯла», «Қумрӣ ва мусича», «Сочҳо» ва «Ҳикояи Бобобарот»-ро хонданбоб ва писандида кардаанд.

Р. Ҷалил дар эҷоди асарҳои саҳнавӣ низ комёбиҳо дорад. Аввалин пиесаи адиб бо унвони «Саодат» (1932) дар саҳнаи театрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон намоиш дода шуд. Соли 1940 мазҳакаи «Зани 96-ум»-ро эҷод мекунад, ки санъатшиносон онро аввалин кӯшиш дар эҷоди мазҳакаи мусиқии тоҷикӣ номидаанд. Пиесаҳои «Муҳаббат» (1932), «Санавбар» (1938), «Ду вохӯрӣ» (1943), «Дарди шоир» (1963, дар бораи Камоли Хуҷандӣ), «Бедорӣ» (1975) намунаи беҳтарини асарҳои саҳнавии нависанда мебошанд.

Раҳим Ҷалил аз солҳои 30-юм сар карда ҳикояҳои алоҳидаи М. Горкий, А. Чехов, пиесаҳои «Раъду барқ»-и Н. Островский ва «Афсонаи ишқ»-и Нозим Ҳикмат, асарҳои Ғафур Ғулом, Ҷ. Мамадқулизода ва дигаронро ба тоҷикӣ тарҷума кардааст. Ҳамчунин, як қатор асарҳои нависанда, аз ҷумла «Одамо-

ни ҷовид», «Шӯроб», «Маъвои дил», «Духтари мармарин» ба забонҳои русӣ, олмонӣ, лаҳистонӣ, чехӣ ва ғайра тарҷума шудаанд.

Ҳамин тариқ, Р. Ҷалил ҳамчун адиби соҳибистеъдод ба ҳамаи навъҳои адабӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудааст ва, бешубҳа, ӯ дар таърихи адабиёти садаи XX тоҷик мавқеи муносиб дорад.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Рӯзгори Раҳим Ҷалилро шарҳ диҳед.
2. Фаъолияти адабии Раҳим Ҷалил кай оғоз ёфтааст?
3. Солҳои аввал адиб ба кадом навъҳои адабӣ асар эҷод мекард?
4. Дар бораи ҳикояҳои ҳаҷвии нависанда маълумот диҳед.
5. Раҳим Ҷалил кадом асарҳои калонҳаҷмро офаридааст?
6. Оид ба романи «Одамони ҷовид» чӣ медонед?
7. Асарҳои саҳнавии нависандаро номбар кунед.

## САВОЛИ ТЕСТӢ

1. Хайруллохӯҷа образи кадом ҳикояи ҳаҷвии Раҳим Ҷалил мебошад?

А) «Хар ва сабукрав»;
Б) «Васвасабону»;
В) «Гурба ва рашк»;
Г) «Марги Хушомадхӯҷа»;
Ғ) «Хоҷаи борон».

2. Кадом маҷмуаҳои Раҳим Ҷалил ҳикояҳои барои бачаҳо навиштаи ӯро дар бар мегиранд?

А) «Хар ва сабукрав»;
Б) «Ҳикояҳо», «Баҳор»;
В) «Кабӯтар», «Табиби ман»;
Г) «Ҳамида», «Шикасти тилисмот».
Ғ) «Илҳом», «Духтари мармарин».

## РОМАНИ «ШӮРОБ»

**Мавзуъ ва мундариҷа**

Романи «Шӯроб» аз се китоб иборат аст. Китоби якуми роман солҳои 1956–1958 (дар саҳифаҳои маҷаллаи «Шарқи сурх») бо номи «Ангиштканон» ва соли 1959 бо номи «Шӯроб» ба табъ расид. Китобҳои дуюм ва сеюми «Шӯроб» соли 1967 чоп шуданд. Китоби якум 30 боб, китоби дуюм 22 боб ва китоби сеюм 17 бобро ташкил медиҳанд.

Романи «Шӯроб»-и Раҳим Ҷалил рӯзгор ва фаъолияти табақаи коргари тоҷикро дар ду давраи иҷтимоӣ дар бар кардааст. То барпо шудани сохти шуравӣ дар самтҳои ҷанубии сарзамини Тоҷикистон корхонаҳои саноатӣ вуҷуд надоштанд. Аммо дар қисмати шимолии Тоҷикистон, ки акнун номи вилояти Суғдро гирифтааст, то инқилоби Октябр чанд муассисаи саноатӣ фаъолият мекард. Шаҳрчаи Шӯроб дар ҳудуди ноҳияи Исфара яке аз чунин марказҳои коргарӣ буд, ки он ҷо насли аввали коргарони тоҷик тарбия ёфтааст.

Романи «Шӯроб» дар заминаи ҳаёту фаъолияти бошандагони ҳамин шаҳрак ба вуҷуд омадааст. Ин ҷо аз тамоми ноҳияву деҳоти атрофи Исфара, Конибодом, Масчоҳ, Истаравшан, Хуҷанд намояндагони аҳолии меҳнатӣ ҷамъ омада буданд. Нависанда ба гузаштаи онҳо рӯ меорад ва аз нигоҳи таърихӣ ҷараёни рӯзгори коргаронро аз поёни қарни Х1Х то солҳои 60-уми асри ХХ идома медихад.

**Хатти сужет**

Нависанда сужети романро аз даврони бачагии Давлат, ки ӯ дар як гӯшаи дурдасти кӯҳистони Бадахшон дар ҳолати ятимию бенавоӣ қарор дошт, оғоз мебахшад. Дар бобҳои «Сафари диёри дур», «Аҳди бародарӣ» ва «Дар оғӯши кӯҳистон» аз кӯҳистони Помир ба тарафи Фарғона сафар кардани Давлат бо собиқ аскари қисми ҳарбии ҳукумати подшоҳии рус – Пётр Данилов ва дар кони ангишти Шӯроб ба кор даромадани онҳо тасвир ёфтааст.

Бобҳои минбаъдаи китоби якуми «Шӯроб» ба меҳнати пуразобу талошҳои озодихоҳонаи ангиштканон бахшида шудаанд. Давлат миёни коргарони гуногунмиллат қарор мегирад, ба беадолатиҳои иҷтимоӣ рӯ ба рӯ мешавад ва мебинад, ки бошандагони шаҳраки коргарии Шӯроб низ дар вазъияти бади иқтисодӣ

қарор доранд. Давлат бо мурури замон инкишоф ёфта, ба дараҷаи шахсияти шинохтаи кони ангишти Шӯроб мерасад ва ҳамроҳи Пётр, Холи ворухӣ, Даря, Маҳками Мухтор барин озодихоҳон ба амалиёти пинҳонкорона мепардозад. Воқеаҳои китоби якуми роман бо ғалабаи инқилоби Октябр ба охир мерасад.

Воқеаҳои китоби дуюми роман аз давраи ҷанги шаҳрвандӣ оғоз ёфта, то охири соли 20-ум давом мекунад. Симоҳои мусбати асар, ки акнун соҳибони кони ангишти Шӯроб гардида буданд, худ ба фаъолияти роҳбарӣ мепардозанд. Образҳои мусбати Холи ворухӣ, Давлат, Пётр, Арслоналӣ, Аверченко бештар амал карда, зиддиятҳои симоҳои мусбату манфӣ камтар ба назар мерасанд. Арслоналӣ ва Петр аз сафи артиши шуравӣ ба кони ангишти Шӯроб бармегарданд ва бахри ободии кон ва истеҳсоли ҳар чӣ бештари ангишт меҳнат мекунанд.

Дар китоби сеюми романи «Шӯроб» замони воқеаҳо ба охирҳои солҳои 50-ум ва ибтидои солҳои 60-уми асри XX тааллуқ дошта, он фаъолияти иҷтимоӣ ва ташкилотии персонажҳои асосиро дар айёми пиронсолӣ дар бар кардааст. Р. Ҷалил дар боби аввал – «Ҷомаи бомаслиҳат кӯтоҳ намеояд» воқеаро аз маъракаи ба нафақа баромадани Давлат Назаров оғоз намуда, баъд ба таври вопасгирона (ретроспективӣ) ба замони 30 – 40 сол пеш мегузарад. Дар панҷ боб воқеаҳои даврони баркамолӣ ва ба ҳаёти оилавӣ қадам гузоштани Давлату Иноят, Пётру Лида ва Акбару Рокия тасвир меёбад.

Нависанда дар чанд боби дигари асар масъалаҳои тарбияи фарзанд ва дар асоси илм пеш бурдани истеҳсолотро ба миён мегузорад. Зиддият миёни нафақагир Давлат Назаров ва раиси кони ангишт Шукуров авҷ мегирад ва он ба ғалабаи Назаров анҷом меёбад.

**Образи Хол**

Романи «Шӯроб» асари серперсонаж буда, дар он 236 нафар иштирок менамояд. Р. Ҷалил ба воситаи персонажҳои мусбату манфии Холи ворухӣ, Давлат, Пётр, Акбар, Буров, Эсанпай, Даря, Арслоналӣ, соҳибони кони ангишт Александров, Петухов, Идрисенко, сардори маҳалла, ҳисобчӣ Писин, қӯрбошӣ, Ҳасан-кӯса зиндагии табақаи гуногуни мардуми тоҷикро дар аввали асри XX нишон додааст.

Дар романи «Шӯроб» симои аз ҳама назаррасу хотирмон Холи ворухӣ мебошад. Хол монанди Лутфулло-гӯппон (аз

«Ёддоштҳо»-и Айнӣ) ва Восеъ (аз «Восеъ»-и Улуғзода) дорои қувваи азими ҷисмонист. Хол зодаи яке аз қарияҳои кӯҳии Исфара – Ворух мебошад, ки дар кони ангишти Шӯроб заҳмат мекашад. Ӯ аввал чун шахси дағал, майзада ва бесару сомон тасвир ёфтааст. Баъд аз кор ба шароб дода шуда, зану фарзандонро ҳақорат ва латукӯб мекунад.

Вақте ки Хол ба коргарони русу украин ошноӣ пайдо мекунад, оҳиста-оҳиста дар шуури ӯ ҳисси муқобилият ба зулму ситам пайдо мешавад. Ӯ дар сари қабри ҳампешааш Суренко мардуми ҷамъомадаро ба корпартоӣ даъват мекунад: «Нафсуламри гапро гӯям, одам ба дунё чанд бор меоянд? – пурсид ӯ ва худаш ҷавоб дод: – Як бор. Ҳамин тавр, ки бошад, як омадан ҳасту як рафтан. Раҳматии Суренко дирӯз ҳамин вақт дар ҳамин ҷо, дар байни мо буд. Имрӯз бурда гӯр мекунанд. Мо бошем, монанди сангпушт сари худро ба даруни ҷома мекашем, ба гӯр карданаш ҳам намеравем, ба болокориаш аз ин нокасон гап мешунавем. Ман рафтам».

Ҷаҳду талоши Хол баҳри ҳуқуқи худ тадриҷан ташаккул меёбад. Нависанда сурату сират ва амалиёти Холи ворухиро дар ҷараёни меҳнату муносибат ба табақаҳои гуногуни ҷомеа нишон медиҳад. Сухани Хол низ мувофиқи характери ӯ ибратомӯз ва пандомез аст. Аз нутқи қаҳрамон, ки бо мақолу зарбулмасалҳо ва порчаҳои шеърӣ оро ёфтаанд, хислатҳои инсондӯстӣ, хайрхоҳӣ ва некандешии ӯ маълум мешавад:

– Ҳамин тавр гуфтию мондӣ, додарҷон. *Туф кунӣ, ба рӯйи худат меафтад,* – гуфт Холбобо. – Муфаттиш шинос буду маро аз худам хубтар медонист. Аммо *ширро сафед гӯям*, қабул намекард.

Аз душманон баранд шикоят ба дӯстон,
Чун дӯст душман аст, шикоят куҷо барем?

– гуфтаанд.

Ҳамин тавр, Холи ворухӣ дар охири роман ҳамчун муаллими коргарони ҷавон шуҳратёр мешавад. Роҳбарони кон ҳамеша аз вай маслиҳат мепурсанд ва ҳамчун собиқадори кони ангишти Шӯроб қадршиносиаш менамоянд.

**Образи Давлат**

Дар образи Давлат беҳтарин хислатҳои мардони заҳматкаши тоҷик тасвир гардидаанд. Меҳнатдӯстӣ ва хушзеҳнии Давлат ҳанӯз

аз давраи кӯдакиаш аён мегардад. Дар кӯдакӣ аз падараш – Ҳакимбек ҳунар ёд мегирад, баъди вафоти падару модар дар тарбияи Саломатшоҳу Пётр монда, аз Пётр забони русӣ меомӯзад. Ин ятимбачаи зирак ба воқеаҳои замон дуруст сарфаҳм меравад. Давлат ҳамроҳи бародархондаш Пётр ба Шӯроб омада, тақдирашро ба кони ангишт, ба шаҳраки коргарӣ ва сокинони ин макон мепайвандад. Давлат вақти дар нафақа будан ҳам назди халқу мамлакат масъулияти зиёде ба дӯш дорад. Ӯ дар рӯйи ҳавлии корхона беҳуда талаф ёфтани ғарамҳои ангиштро дида, аз бепарвоӣ ва бесалоҳиятии роҳбари кони ангишт – Шукуров озурдахотир мегардад ва роҳбарро ба инсофу адолат водор менамояд. Давлат Назаров типи коргарони тоҷики замони шуравӣ мебошад, ки устухонашон дар меҳнати ҳалол мустаҳкам шудааст.

**Образи Пётр**

Р. Ҷалил дӯстиву ҳамкории халқҳои гуногунро, пеш аз ҳама, дар симои Пётр Данилов васф намудааст. Аскари қатории армияи подшоҳии рус дар яке аз деҳаҳои дурдасти Бадахшон хидмат менамояд ва ба аҳолии он ҷо дӯстӣ пайдо мекунад. Пётр ба эҳтироми мардуми Бадахшон сазовор гардидааст. Муносибату муомилаи ӯ ба оилаи осиёбони помирӣ – Саломатшоҳ, Давлату Даря, оҳу афсӯсаш аз вафоти бемаҳали Суренко симои ӯро ҳамчун инсони комил ва хайрхоҳ нишон медиҳад. Ба муносибати хешутаборӣ табдил ёфтани дӯстии Пётру Давлат дар вохӯрие, ки баъди се соли ҷудоӣ, ҳангоми аз ҷанги якуми ҷаҳонӣ баргаштани Пётр ба вуқуъ мепайвандад, самимӣ ва табиӣ тасвир ёфтааст:

– Акаҷон, акаҷони азизи ман! – ба тоҷикию русӣ фарёд зад Давлат ва ӯро ба оғӯш кашида бӯсидан гирифт.– Укаҷони ман, Давлати ман! – мегуфт дар навбати худ Пётр ба оғӯши худ ҷавони нозукандом, лекин боқуввату симпайро маҳкам кашида, – Ҳой, ту ба ман нигар! Ин қадар калон шудӣ? – сонияе аз бӯсу канор боз истода ба рӯйи укаи худ нигарист. Пётр Данилов типи шахсони ғамхору поквиҷдон аст, ки умри азизро баҳри хушбахтии мардум ва беҳдошти ҷомеа сарф кардаанд.

**Образи занон**

Даря Суренко, модари Арслоналӣ, духтур Любов Василевна, Ҳидоят, Ҷамила симоҳое мебошанд, ки баробари мардон бори зиндагиро ба дӯш доранд, чун маҳбубаву ҳамсар хеле содиқ, чун модар басо меҳрубон ва чун корманд фаъолу

ҳалолкор мебошанд. Духтари ширфурӯши деҳотӣ Ҳидоят дар назди Любов Василевна шогирд истода, касби табибиро аз худ мекунад ва ҳамроҳи устодаш деҳ ба деҳ мегардад, то ба дарди мардум даво бахшад. Давлат маҳбубаашро дар либоси мардона дида, ҳайрон мешавад:

– Наход ҳеҷ кас надониста бошад, ки духтар дар либоси мард аст? – нобоварона пурсид Давлат. – Ман охир ӯро аз дур шинохтам.

– Барои ин чашмони Давлат даркор буданд, – далели баҳснопазир овард модархонд.

Меҳнати софдилона ва шароити мусоиди оилавӣ ба Ҳидоят обрӯю эътибор меорад. Ӯ ҳамчун намояндаи занони тоҷик дар анҷумани аввали занон дар Маскав ширкат варзида, баъдҳо чун мудири боғчаи бачагон дар таълиму тарбияи фарзандони халқ саҳм мегирад.

Аз образҳои лаҳзавие, ки басо ҷолиб тасвир ёфтаанд, модари Арслоналӣ мебошад. Дар бобҳои «Наузанбиллоҳ!»[1] ва «Ҳодисаи ҳайратангез»-и китоби аввали роман ин пиразани қирғиз бо илтимоси домодаш Дарёро дар хонааш пинҳон кардааст. Дар ниҳоди кампир ду қувваи ба ҳам зид пайдо шуда, ӯро азоб медиҳад. Аз як тараф, ӯ хурсанд аст, ки ин ятими бекасро дар хонааш пинҳон кардааст, аз тарафи дигар, ӯ дар тарсу ҳарос аст, ки Даря «кофир» аст ва аз «касофати ӯ» мумкин аст дар хонааш бадбахтие рӯй диҳад. Вақте ки ба ин духтар дил бохтани писараш Арслоналиро мушоҳида намуд, ҳуш аз сараш парид. Наход ки «писари қирғиз, бачаи муъмину мусулмон, ба урусдухтар, ба духтари ғайри дин, дил додааст?!» Дар ботини ин кампири солхӯрда оқибат ҳисси раҳму шафқат ба Дарёи ятим ғалаба мекунад ва ӯ ин духтари бадбахтро ба ҳимоя мегирад.

**Образҳои манфӣ**

Дар тасвири симоҳои манфӣ нависанда аз ҳаҷв истифода кардааст. Соҳиби кони ангишт Александров марди ҷисман ғафсу ботинан пуч аст. Ӯ типи роҳбарони муфтхӯру бадахлоқ, бевиҷдону фиребгар мебошад ва маънии зиндагиро танҳо дар танпарварию фориғболӣ медонад. Симои зоҳирии Александров ботини нопоки ӯро ҷилва медиҳад: «Александров марди тақрибан шастсола, миёнақад, ба андозае фарбеҳу лабу лунҷаш ба ҳар сӯ овезон буд, ки бинанда гумон мекард, вай ҳозир ба як тараф шорида меравад. Шиками вай аз ҳад калон буд. Ба назар чунин ме-

1 Наузанбиллоҳ ё наузубиллоҳ — ба Худо паноҳ металабем.

намуд, ки ӯ ба болои ишкам аз зери либос бӯғчаи калонро ҳам бастааст...»

Ба ҳамин тариқ, сарнавишти Холи ворухӣ, Давлат Назаров, Акбар ва дигар коргарони кони ангишти Шӯроб баёнгари пайдоиш ва ташаккули синфи коргари тоҷик мебошад.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. “Шӯроб” дар байни кадом солҳо навишта шудааст ва аз чанд китоб иборат аст?
2. Роман кадом мавзуъҳоро дар бар гирифтааст?
3. Сужети асар чӣ хел оғоз меёбад?
4. Оё дар хатти сужети асар лаҳзаҳои вопасгирона (ретроспективӣ) истифода шудаанд?
5. Образҳои мусбати романро номбар кунед.
6. Образҳои манфии асар кадомҳоянд?
7. Дар бораи образи Холи ворухӣ маълумот диҳед.
8. Давлат Назаров чӣ хел образ аст?
9. Дӯстии халқҳо ба воситаи кадом образҳо таъкид ёфтааст?

## ЗАБОН ВА УСЛУБИ ЭҶОДИИ РАҲИМ ҶАЛИЛ

Забони асарҳои Раҳим Ҷалил дорои хусусияти ба худ хос мебошад. Нависанда кӯшиш кардааст, ки забони асарҳояш равон, образнок ва ҷолиб бошад. Тасвирро хусусан манзараҳои табиат ҷоннок ва таъсирбахш менамоянд. Масалан, романи «Одамони ҷовид» бо тасвири манзараи баҳори деҳаи Тагоб оғоз меёбад: «Пагоҳии баҳор. Насими навозишгар бӯйи димоғпарвари гулҳои дарахтони шафтолу, себ, нок, олуболуи пасу пеш шукуфтаро аз боғҳо ва гулҳои худрӯйро аз доманаи кӯҳҳо ба қишлоқ, даруни дарахту сабзазор пароканда мекард... Дар миёнҷойи осмон як порчаи калони абри сафед, ки ба монанди хирмани пахта менамуд, наҷунбида меистод.

Духтаре рӯйи яке аз ҳавлиҳои қишлоқро, ки шабнами баҳорон ба он шакароб[1] зада буд, мерӯфт ва дар васфи баҳори дилфиреб таронае мехонд:

Дар домани ҳар шукуфабоғе,
Ҳар барги гуле чу шабчароғе.

1 Шакароб задан — андак об пошидан

Гулҳои шукуфта ҷом дар даст,
Бардошта бонг булбули маст.
Серобии сабзаҳои навхез,
Аз луълуи тар зумуррадангез.

Духтар қомати худро гоҳ-гоҳ рост карда, кокулҳои то хами зонуяш фуромадаро даст намуда, ба тахтапушт мепартофт ва дар ҳангоми нафасросткунӣ нигоҳе ба дарахтон менамуд, насими пагоҳӣ шохҳои пур аз гули марворидмонанди дарахтонро оҳиста-оҳиста меҷунбонд».

Ин тасвир, аввалан, таваҷҷуҳи хонандаро ба деҳаи Тагоб ва духтаре, ки минбаъд дар маркази воқеаҳои асар қарор мегирад, ҷалб менамояд. Ғайр аз ин, тасвири боло ба услуби эҷодии Р. Ҷалил, ки барои пурқувват намудани таъсири асарҳояш аз порчаҳои шеърӣ фаровон истифода мебарад, ишора мекунад. Муассирии порчаи мазкурро санъатҳои бадеии ташбеҳ, истиора, тавсиф афзун гардондаанд. Ба хирмани пахта монанд кардани порачи калони ***абри сафед*** воқеӣ ва ба ҳаёти халқ наздик аст.

Воситаҳои тасвири бадеӣ забони асарҳои Раҳим Ҷалилро дилчаспу форам намуда, моҳияти эстетикӣ ва маърифатии сухани нависандаро афзун гардондаанд. Ҳар як санъати бадеӣ хусусияте дорад ва ягон ҳодисаи муҳимро равшан инъикос менамояд: а) «ҳоло вай... дар курси нест кардани бесаводӣ... сарашро лучу ҳафтоду ду тори асабашро якто карда мехонд»; б) «чунонки ҷӯю ҷӯйчаҳои майда ба ҳам пайваста ба дарё мубаддал мешаванд, ғайрати якҷояи одамон ба қувваи тавоное мубаддал мегардид».

Дар мисоли аввал барои нишон додани тағйироти сифатии халқи меҳнатӣ дар солҳои 30-юм аз муболиға (ҳафтоду ду тори асабашро якто карда) истифода шудааст. Дар мисоли дуюм қудрати фаъолияти дастҷамъонаи мардум ба воситаи ташбеҳи мураккаб (ба якҷошавии ҷӯйчаҳои майда монанд кардани ғайрати якҷояи одамон) таъкид ёфтааст.

Боигарӣ ва ифоданокии забони асарҳои Р. Ҷалил аз ҳисоби истифодаи фаровони мақолу зарбулмасал ва афоризмҳои[1] халқӣ низ таъмин гардидаанд. Нависанда барои тасдиқи фикру андеша ва амалиёту муомилаи персонажҳо мақолу зарбулмасал ва суханҳои ҳикматноки халқро айнан истифода кардааст: «Дасти

1 Афоризм — ҳикмат, суханҳои ҳикматнок.

одамизод гул», «Тоқати меҳмон надошт, хона ба меҳмон гузошт», «Гап зану муомила шунав», «Бе шамол шохи дарахт намеҷунбад» ва дигарҳо. Ду мисол: «Дар маҳаллаи мо тамоми навигариҳоро аввал занон мефаҳманд. Аксар хабарҳои ёфта омадаашон пурра набошанд ҳам, қисман тасдиқ мегардад. Бечиз намегӯянд, ки «бе шамол шохи дарахт намеҷунбад». Ё худ: «Котиби ҳавзаи фирқа Усмон Баротовро ҷустуҷӯ кардаму наёфтам. «Асои пир ба ҷойи пир» гуфта ба назди котиби комсомол омадам».

Р. Ҷалил вобаста ба тарзи баён ва мавқеи зарбулмасалу мақолҳо дар ҷумла, баъзан, сохти грамматикии онҳоро тағйир медиҳад. Дар ин маврид нависанда кӯшиш менамояд, ки тағйироти шаклӣ боиси костагии мазмун нагардад, балки фикр дар либоси боз ҳам ҷолибтар ифода ёбад. Масалан, адиб аз мақоли «бачаи эрка – балои ҷон» (ё «бачаи бисёр – балои ҷон») таркиби ҳикматноки «бачаи бисёр – ҳузури ҷон» сохтааст; Аз зарбулмасали «дасти одамизод гул аст» таркиби «дасти одами озод гул аст»-ро офаридааст; Ба ҷойи мақолҳои «пай ҳасту Ҳайдар нест», «на пай ҳасту на Ҳайдар» ва шаклҳои дигар – «пай ҳасту вай нест», «на пай буду на Ҳайдар»-ро истифода кардааст ва ғайра. Мисол: «Дасти одамизод гул аст» – мегӯяд зарбулмасали тоҷик. Мо ба ин калима «озод»-ро ҳамроҳ карда мегӯем: «Дасти одами озод гул аст». Чунки меҳнати озод набудагӣ барои одамизод ранҷу кулфат аст. Меҳнат озод бошад, гул аст, ки димоғи одамизоди меҳнаткашро муаттар мекунад».

Раҳим Ҷалил аз ибораҳои рехта низ бомаҳорат истифода кардааст. Ибораҳои рехтаи «гарданшахӣ кардан», «кӣ кашад ҷабру ҷафо, кӣ кунад кайфу сафо», «дили касеро гирифтан», «нафас рост гирифтан», «ба рӯйи худ пӯстак кашидан», «аз қадду бари чизе задан» ва ғайра ифоданокӣ ва ҷозибанокии забони асарҳои нависандаро афзуда, сабаби боз ҳам барҷаста ва табиӣ баромадани образҳо гардидаанд. Аз ҷумла, дар порчаи зерин ҳаяҷони қалбӣ ва майли зиёди ба ҳам вохӯрдани Пӯлод ва Гулрӯ ба воситаи ибораҳои рехтаи «чашмро хато кардан» ва «чашм дӯхтан» равшану возеҳ тасвир ёфтааст: «Вақте ки Гулрӯ оббиёриро баҳона карда наметавонист, чашми Саодатбибиро хато карда... ба бошишгоҳи аскарони сурх нигоҳ мекард. Дар он ҷо он ҷавон чашмони худро хеле вақт ба дари кӯчаи Гулрӯино медӯхт».

Чунин таркибҳои рехта ва суханҳои ҳикматнок ҳам дар сухани тасвирии муаллиф ва ҳам дар нутқи персонажҳо фаровон ис-

тифода мешавад. Дар баъзе ҳолатҳо суханони ҳикматнок ҳиссаи асосии нутқи персонажро ташкил медиҳад. Масалан, Салимбой ҳангоми суҳбат ба Пӯлод чунин мегӯяд: «Каждум аз роҳи он ки бадгуҳар аст, монданаш айбу куштанаш ҳунар аст», – гуфтаанд. Дар вақти ба даст афтиданаш гази умри ин хел ноҷинсро кӯтоҳ кардан даркор буд... «Душмани хурд ҳаст балои бузург, ғафлат аз ӯ ҳаст хатои бузург», – мегӯянд».

Ҳамин тариқ, забони асарҳои Р. Ҷалил бо бисёр хусусияти худ аз забони дигар нависандагони садаи XX тоҷик фарқ дорад.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Чаро Р. Ҷалил романи «Одамони ҷовид»-ро аз тасвири манзараи баҳори деҳаи Тагоб оғоз намудааст?
2. Санъатҳои бадеӣ ба забони асарҳои Р. Ҷалил чӣ гуна таъсир расондаанд?
3. Зарбулмасалу мақол ва афоризмҳои халқӣ-чӣ?
4. Чаро нависанда баъзе зарбулмасалу мақол ва ибораҳои рехтаро тағйир додааст?
5. Чанд иборои рехтаро, ки боиси ифоданокии забони асарҳои Р. Ҷалил гардидаанд, мисол биёред.

## САВОЛИ ТЕСТӢ

1. Салимбой ба Пӯлод чунин мегӯяд: «Каждум аз роҳи он ки бадгуҳар аст, монданаш айбу куштанаш ҳунар аст» – “гуфтаанд”. Ин порча ба кадом асари Раҳим Ҷалил тааллуқ дорад?

А) «Одамони ҷовид»;
Б) «Шӯроб»;
В) «Маъвои дил»;
Г) «Муҳаббат»;
Ғ) «Дарди шоир».

# МИРСАИД МИРШАКАР

***(1912 – 1993)***



Заррае дар ин ҷаҳон бе партави хуршед нест,
Дил набошад он диле, гар раҳбараш уммед нест.
*(Миршакар)*

**Зиндагинома**

Шоири халқии Тоҷикистон Мирсаид Миршакар суханвари бомаҳорати адабиёти тоҷик дар асри XX мебошад. Шоир соли 1912 дар деҳаи Синдеви Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар оилаи чорводор ба дунё омадааст. «Деҳаи Синдев хеле хурд буд, – ба ёд овардааст адиб, – ҳамагӣ панҷ-шаш ҳавлӣ дошту халос, вале атрофи он харобаҳои чаҳор қалъа сар ба фалак афрохта буданд. Баъди вафоти падарам, ки ман он вақт 7–8 сол доштам, модарам ба Поршнев, ба назди хешовандонаш кӯчида омад».

Мирсаид Миршакар аввал дар мактаби деҳаи Поршнев ва баъд дар мактаб – интернати шаҳри Хоруғ таҳсил мекунад ва солҳои 1928 – 1930 дар мактаби ҳизбии шаҳри Душанбе таҳсилро идома медиҳад. Соли 1929 Мирсаид Миршакар дар қатори хонандагони пешқадами Тоҷикистон дар маҷлиси умумииттифоқии пионерон дар Маскав ширкат меварзад. Таассуроти неку фараҳбахши шоир дар ин сафар дар достони «Мо аз Помир омадем» тасвир ёфтааст.

Мирсаид Миршакар солҳои 1931 – 1934 дар рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон», кумитаи комсомоли ноҳияи Шурообод (ҳоло ноҳияи Шамсиддини Шоҳин) ва сохтмони Канали бузурги Вахш фаъолият менамояд ва соли 1934 ба хидмати Ватан даъват мешавад. Шоир соли 1937 муҳаррири рӯзномаи «Васияти Ленин» таъйин мегардад.

Мирсаид Миршакар солҳои 1940 – 1960 дар вазифаҳои масъули Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон кор кардааст ва як муддат раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон будааст. Шоир аз соли 1966 то охири умр аввал ба сифати котиби масъул ва баъд чун раиси Кумитаи мукофоти давлатии Тоҷикистон ба номи Рӯдакӣ фаъолият намуд. Суханвар соли 1993 дар Душанбе вафот кард ва ӯро дар мазори Лучоб ба хок супурданд.

Мирсаид Миршакар соли 1950 барои достонҳои «Қишлоқи тиллоӣ» ва «Панҷи ноором» ба Мукофоти давлатии Иттиҳоди Шуравӣ мушарраф гардидааст. Суханвар соли 1964 ба Ҷоизаи адабии ба номи Рӯдакӣ ва соли 1972 ба Мукофоти комсомоли Тоҷикистон сарфароз шудааст. Шоир, инчунин, ба як қатор ордену медалҳои ҳукуматӣ қадр шудааст.

**Мероси адабӣ**

Фаъолияти адабии Миршакар аз шеърнависӣ оғоз гардидааст ва аввалин шеъраш соли 1930 бо номи «Душманро кун торумор» ба табъ расидааст. Нахустин достони шоир «Ливои зафар» (1934) ном дошта, дар он меҳнати бунёдкоронаи халқи тоҷик дар водии Вахш ва дӯстии халқҳои Иттиҳоди Шуравӣ тараннум мешаванд. Шеърҳои солҳои 30-юми шоир, ки руҳи замон ва афкори мардуми заҳматкашро таҷассум намудаанд, дар маҷмуаи «Баҳори ҷавонӣ» (1940) фароҳам омадаанд. Шеъру манзумаҳои дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ эҷодкардаи шоир дар маҷмуаҳои «Шеърҳо ва поэмаҳо» (1945) ва «Даъвати Ватан» (1945) гирд омадаанд.

Дар солҳои баъдиҷангӣ эҷодиёти Мирсаид Миршакар аз ҷиҳати мазмуну муҳтаво васеъ гардида, аз нигоҳи ҳунар такмил меёбад. Дар ин давра фаъолияти достонсароии шоир инкишоф меёбад. Баъди «Қишлоқи тиллоӣ» (1942) «Калиди бахт» (1947), «Панҷи ноором» (1949), «Ленин дар Помир» (1955), «Дашти лаванд» (1961), «Ишқи духтари кӯҳсор» (1962), «Одам – офаридгор» (1962), «Варақҳои муҳаббат» (1975), «Исёни хирад» (1979) барин достонҳои шоир пайдарпай таълиф мегарданд.

Дар эҷодиёти Мирсаид Миршакар драматургия низ мавқеи калон дорад. Дар драмаҳои «Муаллими ишқ» (1945), «Фоҷиаи Усмонов» (1957), «Задухӯрд дар биёбон» (1974), «Туҳматшоев» (1953), «Тошбек ва Гулқурбон» (1946) ва ғайра паҳлуҳои мухталифи зиндагии мардуми тоҷик бомаҳорат инъикос ёфтаанд. Аз Мирсаид Миршакар ҳамчунин китоби хотиравие бо номи «Ёди

ёри меҳрубон» (1979), қариб 40 адад мақолаи адабӣ ва танқидӣ ба мерос мондааст.

Мероси бою гуногунпаҳлуи Мирсаид Миршакар дар маҷмуаҳои сершумори алоҳидаву дастҷамъӣ дастраси хонанда гардидааст. Солҳои 1970–1974 Куллиёти сеҷилдаи адиб (ҷилди сеюм дар ду китоб) аз чоп баромад. Соли 2002 мунтахаби ашъори шоир бо номи «Панҷи нooром» (Душанбе – Теҳрон, 2002) ба табъ расид. Ҳамчунин, қисмате аз мероси адабии Мирсаид Миршакар ба забони русӣ ва як қатор забонҳои дигари хориҷӣ тарҷума ва чоп гардидаанд.

**Ашъори лирикӣ**

Ашъори шоир асоси воқеӣ дошта, муҳимтарин масъалаҳои давру замонро фаро гирифтаанд. Масалан, ӯ дар рӯзи дувуми оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ шеъри «Таронаи уқоби озод»-ро менависад. Дар ин шеър ватандорон ба уқоби озод ва ҷангҷӯён ба шағоли мурдахӯр монанд гардида, бо баҳои ҷон ҳифз намудани Ватан таъкид меёбад:

Бале! Ман ҳам яке аз он уқобон,
Ки озодӣ ба онон беҳтар аз ҷон.
Сарамро медиҳам бо фахр, аммо
Нахоҳам дод озодии худро!

Баъзе шеърҳои шоир ҳаҷман кӯтоҳ буда, ҳамагӣ чанд мисраъ мебошанд ва ягон ҳикмати зиндагиро талқин менамоянд. Аз ин ҷиҳат, шеъри «Чаро чун шамъ месӯзӣ?» ҷолиби диққат аст:

Чаро чун шамъ сӯзӣ?
Бебақо ӯст,
Ки андар оташаш маргаш ниҳон аст.
Ту аз хуршед омӯз ин ҳунарро,
Ки месӯзад, валекин ҷовидон аст.

Ташбеҳи ***чун шамъ сӯхтани*** қаҳрамони лирикӣ дар назми тоҷик фаровон истифода шудааст. Аз нигоҳи Мирсаид Миршакар ин ташбеҳ ноқис аст, зеро сӯзиш шамъро ба нестӣ мебарад. Инсон агар ҷовид мондан хоҳад, бояд ҳунари сӯхтанро аз хуршед омӯзад. Шоир ҳолатҳои руҳии инсонро ба сӯзиши шамъу хуршед монанд карда, оид ба аҳамияти кӯшишу талош дар зиндагӣ хулосаи ҳикматомезе баровардааст.

Дар шеъри «Чун уқоби тезпарвоз» низ фикр ба воситаи ташбеҳу тазод ифода гардидааст. Шоир ҷавониро ба уқоб ва рақиби ҷавонӣ – пириро ба каргас монанд мекунад ва ба воситаи муқобил гузоштани хислатҳои ду паранда ба ҷавонон панд медиҳад:

Ҷавонӣ,
Чун уқоби тезпарвоз,
Ҷасур ҳастиву чусту зӯрбозӯй,
Рақибат назди ту чун каргаси пир,
Сари хам дораду аз тарс хушгӯй.
Машав мағрур, мағрурӣ шикаст аст,
Макун бовар ба гуфтору ба кораш.
Туро дар пеш пирӣ интизор аст,
Ки беандоза вазнин аст бораш...

Уқоби тезпарвозу сахтчангол аз мағрурии худ оқибат шикаст хӯрда, туъмаи каргас мегардад. Модом ки чунин аст, бояд ҷавонон аз ҷасуриву далерии худ мағрур набошанд. Онҳо бояд қувваву ғайрати ҷавониро оқилонаву дурандешона истифода баранд, то дар пирӣ афсӯс нахӯранд.

Дар шеърҳои «Кавкаби ишқу умед», «Савори корвони орзуям», «Даъват», «Гуфтугӯ бо дил», «Роҳи зиндагӣ», «Одам», «Инсон» инсони озод ва бошараф васф мешавад. Қаҳрамони лирикии шоир зиндагиро дӯст медорад, ба сулҳу дӯстӣ эътиқод дорад ва худро дар ҳаёт масъул мешуморад.

Мирсаид Миршакар ба ашъори Рӯдакӣ, Ибни Сино, Умари Хайём, Носири Хусрав, Саъдӣ, Ҳофиз, Бедил, Муҳаммад Иқбол, Турсунзода барин суханварони машҳур ҷавобияҳо гуфта, ба комёбиҳо ноил гардидааст. Байтҳои зерин гувоҳи хаёлоти рангин ва ҳунари нигорандагии шоир мебошанд:

**Хор гардад гул,**
агар булбул фаромӯшаш кунад,
**Хор гардад гул**
даме, ки булбул оғӯшаш кунад.

* * *

Зиндагӣ бе орзу ширин набуд,
Зиндагиро орзу ширин намуд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Айёми тифлӣ ва мактабхонии Мирсаид Миршакар чӣ гуна гузаштааст?
2. Фаъолияти меҳнатии Мирсаид Миршакар дар кадом муассисаҳо сурат гирифтааст?
3. Шоир кадом маҷмуаҳоро ба табъ расондааст?
4. Шеърҳои лирикии шоир кадом хусусиятро доро мебошанд?
5. Чаро шоир дар шеъри «Чун уқоби тезпарвоз» ҷавониро ба уқоб ва пириро ба каргас ташбеҳ додааст?
6. Ҳикматҳои шоирро аз ёд кунед ва аз таркиби **хор гардад гул** таҷнис ва задаи мантиқиро муайян намоед.

## ДОСТОНҲОИ МИРСАИД МИРШАКАР

Достони «Ливои зафар» аввалин таҷрибаи шоир дар роҳи достонсароӣ мебошад. Ин достон хусусияти тарҷумаиҳолӣ дорад ва дар панҷ боби он саёҳати якрӯзаи шоир ба сохтмони Вахш тасвир ёфтааст. Дар охири солҳои 30 шоир нусхаи аввали достони «Қишлоқи тиллоӣ»-ро ба анҷом мерасонад. Баъдтар ин достон такмил ёфта, боиси шуҳрати эҷодии муаллифаш мегардад.

Достони сеюми М. Миршакар «Панҷи ноором» ном дорад. Асар аз шаш боб иборат аст ва ҳар боб ба воситаи банди васила пайваст мешавад:

Мевазад боди тозаву форам,
Барги гулҳо ба ҷунбишанд аз он.
Мешавад паҳн дар фазо ҳар дам,
Ин суруди қадими кӯҳистон:
«Рӯзу шаб рӯди Панҷи ноором,
Мезанад доду мезанад фарёд,
Меравад худсарона,
Лекин ром
Ҳеҷ касро намешавад.
Ҳайҳот!»

Мундариҷаи достон дар асоси муқоисаи тарзи ҳаёти мамлакатҳои хориҷӣ ба тарзи зиндагии мардуми шуравӣ корбаст шудааст.

Достони «Ленин дар Помир» як саҳифаи таърихи зиндагии сокинони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшонро дар бар кардааст. Дар достон солҳои аввали Ҳукумати Шуравӣ дар кӯҳистони Бадахшон ва паҳн шудани ғояҳои ленинӣ тараннум мешавад.

Дар байни асарҳои калонҳаҷми М. Миршакар достони «Исёни хирад» боз ҳам ҷолибтар мебошад. Ин достон солҳои 1977–1978 эҷод гардида, ба рӯзгори пурмоҷарои шоир ва файласуфи тоҷик – Носири Хусрав бахшида шудааст.

**«Қишлоқи тиллоӣ»**

Достони «Қишлоқи тиллоӣ» дар асоси афсонаи халқӣ эҷод гардидааст. Достон чунин оғоз меёбад: сайёде ҳангоми шикор ба як дараи кӯҳӣ меравад, ки он ҷо ҷӯйи обе равон буд. Дар даруни ҷӯй себи сурхеро дида, дар ҷустуҷӯйи боғ мешавад ва дар роҳ ба деҳаи зебое дучор меояд:

Халоиқ ҷумла он ҷо бахтиёранд,
Ҳама шоду ҳама масти баҳоранд.
Намедонанд номи зулму золим,
Хирадманданду доноянду олим...
Ба зери пояшон марҷону гавҳар,
Ҳама асбобашон аз симу аз зар...
Занон ҳам мисли мардон сарфарозанд,
Ғазал хонанду рақсанду навозанд...

Сайёд барои ба он макони ободу зебо бурдани аҳли оилааш ба хона бармегардад. Вале вафот карда, орзуҳояшро ба гӯр мебарад. Нақли сайёд дар бораи қишлоқи тиллоӣ паҳн мешавад. Дувоздаҳ нафар аз камбағалон ба ҷустуҷӯйи қишлоқи тиллоӣ мебароянд. Аксарияти онҳо ҳангоми ҷустуҷӯ ба сахтиҳо тоб наоварда талаф мешаванд. Як нафари онҳо зинда монда, ба орзуи Ватан аз баҳри мусофират мебарояд. Ӯ ба деҳае меояд, ки ба ҳамон қишлоқи тиллоии афсонавӣ шабоҳат дошт. Мусофир ба писараш – Шарафҷон дучор меояд. Шарафҷон ба падар мефаҳмонад, ки ин ҳамон деҳаи пешина ҳаст. Вале дар натиҷаи меҳнати дастҷамъонаи одамон ба қишлоқи тиллоии ҳақиқӣ бадал гаштааст:

Падарҷонам, нарезон ашки худро,
Нигар, охир, диёри туст ин ҷо!

Нигар, акнун туӣ андар диёрат,
Дар он ҷое, ки мондӣ рӯзгорат.
Ҳар он чизе, ки мебинӣ дар ин ҷо,
Гулу гулзору бустонҳои зебо,
Иморатҳои зебою дилоро,
Бувад маҳсули ранҷу меҳнати мо.

Дар қисмати охири достон ба ҳақиқат табдил ёфтани афсонаи мардуми Помир ва дар оянда боз ҳам беҳтару ширинтар гардидани ҳаёти халқ таъкид ёфтааст.

Достони «Қишлоқи тиллоӣ» дар шакли маснавӣ (қофиябандиаш аа, бб, вв...) ва дар баҳри ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф ё мақсур навишта шудааст.

Нишастам дӯш бо марди куҳансол,
Аҷаб пири суханвар буду хушҳол.
Мафоӣлун / мафоӣлун/ мафоил
V – – – /V – – – /V– ~

Достон ба бобҳо ҷудо нашудааст ва дар шакли монолог аз забони пири суханваре, ки баъди азобу машаққати ҷонгудоз ҳаёти хушбахтона насибаш гаштааст, эҷод гардидааст.

**Образҳои достон**

Дар достони «Қишлоқи тиллоӣ», асосан, се образ мушоҳида мешавад, ки ҳар се мусбатанд. Яке сайёд мебошад, ки бо вуҷуди кӯшиши зиёд дар роҳи зиндагии хушбахтона ба мақсад намерасад. Сайёд аз зиндагии бофароғат, муносибату муомилаи хайрхоҳонаи сокинони қишлоқи тиллоӣ ба ваҷд омада, мехоҳад аҳли оилаашро низ он ҷо барад. Вале баъди ба хонааш баргаштан дигарбора барои ба он диёри зебо рафтан ҷуръат намекунад. Суханҳои пеш аз марг гуфтаи пирамард ҷонгудоз ва пурҳасрат садо медиҳанд:

Дареғо, мемурам акнун, дареғо,
Надида як дами роҳат ба дунё.
Зи аввал бенаво будам, дареғо,
Раҳи ҳасрат бипаймудам, дареғо.
Бикардам орзуи бахтро, лек
Ба сӯйи бахт роҳам гашт торик.

Образи асосӣ падари Шарафҷон мебошад. Падари Шарафҷон дар ҷустуҷӯйи қишлоқи тиллоӣ бародараш, дигар ҳамдеҳагонаш ва боз ҷавониашро аз даст медиҳад. Ба тасвир калимаҳои муқобилмаъноӣ **баҳору хазон ва ҷавониву пирӣ** қувват бахшидаанд:

Ба ҳар ҷое, ки рафтему расидем,
Ба ҷуз хорию бадбахтӣ надидем.
Баҳори умри мо охир хазон шуд,
Ҷавонӣ рафту пирӣ ҳамъинон[1] шуд.

Дар достон рӯзҳои охири оворагардиҳои пирамард боз ҳам хотирмонтар тасвир ёфтааст. Пирамарди танҳову озурда аз баҳри қишлоқи тиллоӣ гузашта, роҳи хонаашро пеш мегирад. Бадбахтона, роҳи хонаро низ гум мекунад. Дар ин ҳолат тасвир шиддат мегирад ва шоир дар ифодаи ҳолати руҳии образ аз воситаҳои тасвири ташбеҳу истиора, тавсиф ва саволу хитоб истифода мекунад. Пирамард аз ғояти ғаму дард ва гуруснагию хастагӣ аз ҳуш меравад ва дар беҳушӣ ҳам симоҳои аҷиби ба қишлоқи тиллоӣ монандро мебинад:

Зи байни абрҳо қасри кабуде,
Кабуду дилписанду хушнамуде.
Намоён гашт:
Ҳайронам, чӣ бошад?
Агар қаср аст вай, пас аз кӣ бошад?
Магар ин гунбади Тоҷи маҳал[2] буд?
Ва ё ин ҳилакории аҷал буд?

Ниҳоят, ин мард ҳангоми пирӣ ба деҳаи худ баргашта, онро шабеҳи қишлоқи тиллоӣ мебинад. Ӯ аз нав руҳ мегирад ва баҳри боз ҳам зеботар намудани Ватан камар мебандад.

Шарафҷон аз ду образи аввал фарқ дорад. Ӯ босавод аст ва ба қудрати одам бовар дорад. Суханҳои пурҳарорати Шарафҷон дар бораи ободии диёр симои ӯро чун шахси ватандӯсту воқеъбин ва сухандону маънирас ба назар ҷилва медиҳад. Ӯ дастгоҳи барқҳосилкуниро чунин тасвир менамояд:

1 Ҳамъинон — ҳамроҳ, шарик.

2 Тоҷи Маҳал — Тоҷмаҳал, ёдгории машҳури асри 17 дар шаҳри Аграи Ҳиндустон.

Нигар бар хонаи болои дарё...
Ту гӯйӣ чанги пуртор аст он ҷо,
Ва ё зулфи каҷи ёр аст он ҷо.
Дар он ҷо торҳои мусиқӣ аст,
Кунад нохун бар онҳо паҳлавондаст.
Чу мутриб бар навозиш мекунад сар,
Шавад равшан диёри мо саросар.

Мирсаид Миршакар анъанаи эҷодиёти шифоҳӣ ва осори Низомии Ганҷавӣ («Искандарнома»), Абдурраҳмони Ҷомӣ («Хирадномаи Искандарӣ»), Аҳмади Дониш («Наводир-ул-вақоеъ»), Сиддиқии Аҷзӣ («Миръоти ибрат») барин суханваронро эҷодкорона истифода карда, асари басо ҷолиб таълиф намуд. Ғояи афсонаи қишлоқи тиллоӣ адолат, бахту саодат ва озодӣ мебошад. Шоир роҳҳои воқеии ба хушбахтӣ ва бахту саодат расидани ҷомеаро тасвир намудааст. Ба қавли адиб, ободии Ватану хушбахтии ватандор дар натиҷаи кӯшишу талош ҳосил мегардад.

Достони «Қишлоқи тиллоӣ» бо забони содаву фасеҳ, услуби дилкаши бадеӣ ва мазмуни баланди худ дар адабиёти даврони шуравӣ эътибори калон пайдо кард ва ҳоло ҳам яке аз асарҳои дӯстдоштании хонандаи тоҷик ба шумор меравад.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Достонҳои М. Миршакарро номбар кунед.
2. Муносибати «Қишлоқи тиллоӣ»-ро ба афсонаи халқӣ шарҳ диҳед.
3. Мазмуни достон аз чӣ иборат аст?
4. Вазну қофияи «Қишлоқи тиллоӣ»-ро муайян кунед.
5. Дар достон кадом образҳо мушоҳида мешаванд?
6. Образи Шарафҷон аз образҳои дигар чӣ фарқ дорад ?
7. Оид ба истифодаи анъанаи адабиёти тоҷик дар «Қишлоқи тиллоӣ» чӣ гуфта метавонед?

## «ИСЁНИ ХИРАД» ВА АШЪОРИ БАЧАГОНА

Достони «Исёни хирад» ба давраи охири ҳаёту фаъолияти шоир рост омада ба файласуфи асри XI тоҷик Носири Хусрав бахшида шудааст. М. Миршакар дар ду қисм ва ёздаҳ боби

достон бо услуби тамсил – ҳикояти Чашмаи Носир[1] рӯзгори ноором, таҳқиру сӯйқасдҳои бардавоми душманон ва як қатор фикру андешаҳои мутафаккирро мавриди тасвири бадеӣ қарор додааст.

Дар достон Носири Хусрав чун шахсияти собитқадам, донишманд ва озодандешу бедордил ба назар мерасад. Мутафаккир мавқеи инсонро дар рӯйи замин аз ҳама боло медонад ва таъкид мекунад, ки сарчашмаи бадбахтиҳои одам дар ҷоҳилӣ, коҳилӣ ва беэътиноӣ ба қудрату имконияти худ мебошад. Пас, барои раҳоӣ ёфтан аз ин олудагиҳо ҳамвора дар талош будан зарур аст:

Гули мақсуд то ба даст ояд,
Хештанро шинохтан бояд.
Он ки худро шинохт дар дунё,
Мешиносад замири[2] ҳастиро...
Гар зи омӯхтан натобӣ сар,
Бар сари даҳр мешавӣ сарвар.
Тобеат мекунӣ фалакро ҳам,
Чархро, аршро[3],
Малакро ҳам.

Хурофотпарастон ин суханони Носири Хусравро нодуруст шарҳ дода, шоирро кофир ҳукм мекунанд ва шогирдаш – Равшанро сангсор менамоянд. Дар ҳамин вазъи ноҳинҷор ду марди миёнарав Носири Хусравро ба Хуросон, ба дарбори амир даъват мекунанд. Шоир даъвати онҳоро бо қатъият рад карда, дар Юмгон[4] монданро авло медонад:

Манзили ман, ки ғори Юмгон шуд,
Ғор ақлу улумро кон шуд.
Хуб медонад он, ки пурдон аст,
Лаъл дар қалби кӯҳ пинҳон аст.
Ман чу лаълам даруни санги сиёҳ,
Гавҳари бебаҳои ин маъво...

Дар порчаи боло, аз як тараф, иззати нафс ва, аз тарафи дигар, мақому манзалати Носири Хусрав барҷаста тасвир ёфтааст.

1 Чашмаи Носир дар деҳаи Поршневи ноҳияи Шуғнон ҷойгир шудааст.

2 Замир — ботин, сират, моҳият.

3 Арш — осмон.

4 Деҳаест дар қисмати Бадахшони Афғонистон.

Шоир худро ба лаъли сурх ва Юмгонро ба кӯҳ ё санги сиёҳ ташбеҳ кардааст. Чи хеле ки лаъл боиси шукӯҳи кӯҳ мешавад, ғори Юмгон ҳам бо шарофати ин мутафаккир чун кони ақлу илм дар ҷаҳон шуҳрат меёбад.

Дар қисми дуюми достон айёми пирии Носири Хусрав тасвир ёфтааст. Шоири ранҷидахотир ва бекасу танҳо хеле эҳтиёткор ва пурбардошт ба назар мерасад. Ӯ дигар ба мухолифон баҳсу талош намекунад ва майли ба по хезондани мардумро ҳам надорад. Мутафаккир вақташро зиёдтар сарфи эҷоди асар менамояд ва бо оташи илму дониш решаи ҷаҳолатро аз бунёд сӯхтан мехоҳад:

Балки имрӯз мири кӯҳсорам,
Лашкар аз шеъру достон дорам.
Бо ҳамин лашкари диловари ман
Зарба меоварем бар душман.
Решаи ҷаҳлро ҳамесӯзем,
Ки чароғи хирад барафрӯзем,
То шавад шоми зиндагӣ равшан,
Бикунад гул харобазори Ватан.

Мирсаид Миршакар ба воситаи ташбеҳ (монанд кардани Носири Хусрав ба амир ва китобҳо ба лашкар), ифодаҳои маҷозӣ (решаи ҷаҳл, чароғи хирад, шоми зиндагӣ, гул кардани харобазори Ватан) ва таркибҳои муқобилмаъно (хирад ва ҷаҳл, барафрӯхтан ва сӯхтан, шом ва равшан) мавқеи олимону суханваронро дар ҳаёти иҷтимоии инсон ва ободии диёр таъкид намудааст.

Достон бо вафоти Носири Хусрав ба охир мерасад. Мутафаккир пеш аз вафот ба вопасмондагон васият мекунад. Адиби оламшумул орзу дорад, ки эҷодкорони олами нав ба мероси гуногунпаҳлую гуногунмавзуи ӯ муносибати хайрхоҳона дошта бошанд.

**Ашъори бачагона**

Мирсаид Миршакар чун шоири бачагон низ маълуму машҳур буда, яке аз поягузорони адабиёти бачагонаи тоҷик шинохта шудааст. Беҳтарин шеърҳои барои кӯдакон навиштаи шоир дар маҷмуаҳои «Ғунчаҳои хандон» (1949), «Ҷуробҳои гулдор» (1954), ҷилди якуми Куллиёти сеҷилда ва мунтахаби ашъори «Панҷи ноором» ба табъ расидаанд.

Асарҳои бачагонаи Мирсаид Миршакар дар жанру шаклҳои мураббаъ, суруду тарона, чистону афсона, масалу маснавӣ ва

драма навишта шудаанд ва мавзуъҳои ватандӯстӣ, меҳнатдӯстӣ, дӯстиву рафоқат, муҳаббат ба хонишу мактаб, эҳтироми падару модар, манзараҳои табиат ва ғайраро фаро гирифтаанд.

Асарҳои ба хурдсолон бахшидаи Мирсаид Миршакар бо забони ширин, зарбу оҳанги сабук ва рангорангии тасвир ба табиат, олами ҳастӣ ва шавқу завқи бачагон мувофиқат доранд. Бинобар ин, шеъру сурудҳои «Гунҷишкак», «Бозии ҳарбӣ», «Ватан», «Рост мегӯям», «Рақси Зебо», «Бо айби кӣ?», «Алифбои зинда», «Ҷуробҳои гулдор», «Дугонаҳо», «Киштии орзу», «Бачагони мо», «Ҷон Тоҷикистон», «Обаки ширин», «Гули лола» ва ғайра вирди забони кӯдаконанд. Ҳатто хурдтарин шеъри бачагонаи шоир дар баробари ба тахайюли наврасон мусоидат кардан онҳоро ба роҳи ватандӯстӣ ва хештаншиносӣ ҳидоят менамояд. Ба талмеҳ, таҷнис ва тавсифи шеъри «Куҷост Рустам?» таваҷҷуҳ намоед:

Хезеду хезед,
Ба кӯча чаққон.
Камони Рустам,
Гаштаст рахшон.
Бо ин камонаш
Рустами Дастон.
Бар Ватанаш буд,
Содиқ нигаҳбон!

Мирсаид Миршакар як қатор достонҳои бачагона эҷод намудааст, ки «Мо аз Помир омадем» (1939), «Неъмат» (1942), «Федка» (1942–1948), «Қалами ман» (1951), «Одам – офаридгор» (1962) намунаи онҳост.

Шоир ба адабиёти бачагонаи тоҷик, асосан, бо достони «Мо аз Помир омадем» ворид гардид. Мундариҷаи асар дар асоси сафари гурӯҳи бачагони Помир ба Маскав (1929), ки дар он даста шоир чун роҳбар иштирок дошт, фароҳам омадааст. Барои мусофирон ҳама чиз нав аст. Онҳо ба қатора савор мешаванд ва медонанд, ки то Маскав роҳ дур аст. Бинобар ин, осуда мехобанд. Аммо баъди чанде ҷойи оромиро изтиробу беқарорӣ иваз мекунад:

Хобидем андар вагон,
Бедор шудем дар Когон.

Хурсандӣ, шодӣ кардем,
Аз шодӣ бозӣ кардем.
«Ана, – гуфтем, – Москва,
Москваҷон, Москва».

Воқеа аз номи шахси якум баён мешавад ва дар асар такрори калимаву таркибҳо мавқеъ доранд. Ин услуби тасвир боиси ифодаи ҷолиб ва содаву равонии фикр гардидааст. Махсусан, такрори байти:

Мо аз Помир омадем,
Москва равон шудем–

фикри шоирро қувват дода, олами руҳии мусофиронро равшан таҷассум менамояд. Мусофирони наврас дар роҳ Когон ва Самараро дида ба ваҷд меоянд ва ин шаҳрҳоро Маскав гумон мекунанд. Ниҳоят, ба Маскав мерасанд, ки тасвири он басо мароқовар аст:

Аҷаб шаҳри муҳташам!
Сар то сар сабзу хуррам.
Аввалу охири он
Намеёбед, эй ёрон!
Қабат-қабат хонаҳо
Сар кашида дар ҳаво.
Чароғҳояш дурахшон,
Дурахшону нурафшон.
Дар кӯчаҳо одамон
Чун оби дарё равон...

Забони ширин, вазну оҳанги сабук, воситаҳои тасвири тавсиф, такрор, муболиға ва ташбеҳ ҳолати хурсандӣ ва шавқу завқи мусофирони наврасро аз дидори пойтахти онрӯзаи Иттиҳоди Шуравӣ самимона ифода менамоянд ва ба хонанда лаззати бадеӣ мебахшанд.

Хулоса, ашъори бачагонаи Мирсаид Миршакар бо услуби равону суфта, оҳангҳои сабуку шӯхи халқӣ дар дилу дидаи хонандаи хурдсол ҷой гирифтаанд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Чаро «Исёни Хирад»-ро достони тамсилӣ мегӯем?
2. Достон аз чанд қисм ва чанд боб иборат аст?
3. Аз назари Носири Хусрав инсон дар рӯйи замин чӣ мавқеъ дорад?
4. Чаро мутафаккир худро ба лаъл ва Юмгонро ба кӯҳ монанд кардааст?
5. Дар қисми дуюм кадом лаҳзаҳои умри Носири Хусрав ба тасвир омадааст?
6. Шеърҳои бачагонаи шоир дар кадом жанрҳо суруда шудаанд?
7. Дар бораи забон ва услуби асарҳои бачагонаи адиб маълумот диҳед.

## САВОЛИ ТЕСТӢ

1. Шеъри «Таронаи уқоби озод»-ро кӣ навиштааст?

А) А. Деҳотӣ;
Б) Б. Раҳимзода;
В) М. Миршакар;
Г) М. Турсунзода;
Ғ) М.Раҳимӣ.

2. Сафари хонандагони пешқадами Бадахшон ба Маскав (соли 1929) дар кадом достони бачагонаи Мирсаид Миршакар инъикос ёфтааст?

А) «Неъмат»;
Б) «Федка»;
В) «Мо аз Помир омадем»;
Г) «Қалами ман»;
Ғ) «Одам-офаридгор».

## ҲАМОСА

**Назарияи адабиёт**

**Ҳамоса**

Асарҳои бадеӣ аз рӯйи сохт ва тарзи тасвир ба се гурӯҳи калон ё се ҷинс ҷудо мешаванд.
1. Ҳамоса ё ҷинси ҳамосӣ (эпикӣ).
2. Лирика ё ҷинси лирикӣ (ғиноӣ).
3. Драма ё ҷинси драмавӣ.

Ҳамоса чун ҷинси адабӣ таърихи қадима дорад. Дар фаҳмиши таърихӣ ҳамоса асари калонҳаҷму фарогири манзум мебошад, ки зиндагии мардумро ба таври васеъ ва тасвир гирифта, аз гузаштаи қаҳрамононаи ҷомеаи

инсонӣ ҳикоят мекунад. Шоири ҳамосасаро бештар ба сужети асар, саргузашту амалиёти қаҳрамонон ва кӯшишу талоши онҳо бахри ҳимояи марзу бум[1] диққат медиҳад. «Иллиада» ва «Одиссея»-и Гомери юнонӣ, «Маҳабҳарат» ва «Рамаяна»-и ҳиндӣ, «Нибелунгҳо»-и немисӣ, «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ дар адабиёти хаттӣ ва «Манас»-и қирғизӣ, «Гӯрӯғлӣ»-и тоҷикӣ дар адабиёти даҳонӣ намунаи хуби ҳамоса мебошанд.

Дар адабиётшиносӣ ҳамоса ба истилоҳи эпос (юнонӣ – достон, ҳикоя) муродиф аст. Дар асарҳои ҳамосӣ ё эпикӣ ҳодисаҳои ҳаёт ба воситаи нақлу ҳикоя баён меёбад. Нависанда ё шоир саргузашти як ё якчанд касро ба тасвир гирифта, рафтору кирдори онҳоро нишон медиҳад. Яъне, дар асарҳои ҳамосӣ зиддияти асар ба воситаи тасвири воқеа, амалиёту муносибати образҳо, сужет, симои персонажҳо ҳал мегардад. Фарқи асарҳои ҳамосӣ аз асарҳои лирикӣ ва намоишномаҳо дар забони асар низ равшан мушоҳида мешавад. Дар асарҳои лирикӣ, асосан, сухани тавсифии нависанда ба назар мерасад. Дар асарҳои драмавӣ сухани персонажҳо мушоҳида мешавад, дар асарҳои ҳамосӣ ҳам сухани персонажҳо ва ҳам сухани нависанда мавқеъ дорад.

**Навъҳои ҳамосӣ**

Навъҳои асосии ҷинси ҳамосӣ латифа, тамсил, ривоят, ҳикоя, баллада, қисса, роман, достон, ёддошт ва ғайра мебошанд. Дар жанрҳои латифа, тамсил, баллада, ҳикоя домани воқеа маҳдуд ва тарзи баён муъҷазу мухтасар мебошад. Бинобар ин, онҳо ба гурӯҳи хурди жанрҳои ҳамосӣ мутааллиқанд. Аз ҷумла, латифа хурдтарин жанри ҳамосӣ ба шумор меравад. Латифа мазмуни ҳазломез ва ҳаҷвӣ дошта, образҳои он шахсони зирак, доно ва зариф мебошанд:

Султон Маҳмуд, ки сар болои зонуи Аёз гузошта буд, аз ӯ пурсид:

— Ба аҳмақон чӣ мешавӣ?

Гуфт:

— Болишт!

Калимаи ***болишт***, ки ҷавҳари латифаро ташкил медиҳад, аз як тараф, симои Аёзро чун шахси ҳозирҷавобу ҳазлкаш, аз тарафи дигар, образи султон Маҳмудро чун шоҳи золиму кӯтоҳандеш ошкор месозад.

1 Марзу бум — кишвар, сарзамин.

**«Бежан ва Манижа»**

Достони «Бежан ва Манижа» аз базми шоҳи Эрон Кайхусрав бо лашкаркашону паҳлавононаш оғоз мeёбад. Ҳангоми базми шоҳӣ сокинони Ирмон ном сарзамини сарҳадӣ аз тороҷи гурозон шикоят мекунанд ва Кайхусрав Бежани ҷавону далерро ба ҷанги гурозон мефиристад:

Бад-ӯ гуфт Хусрав, ки: «Эй пурҳунар,
Ҳамеша туӣ пеши ҳар бад сипар.
Касеро куҷо чун ту кеҳтар бувад,
Зи душман битарсад, сабуксар бувад».
Ба Гургини Милод гуфт он гаҳе,
Ки: «Бежан ба Ирмон надонад раҳе.
Ту бо ӯ бирав бо сутуру наванд[1],
Ҳамаш роҳбар бошу ҳам ёрманд».

Нахуст воқеа байни Бежану Гургин сар мезанад. Гургин хоҳиши Бежанро дар бораи ёрӣ расондан ҳангоми набард бо гурозон рад мекунад. Бежан яккаву танҳо бар гурозон ғолиб меояд. Ва Гургин иғво андохта, Бежанро ба доми Манижа ном духтари шоҳи Тӯрон гирифтор мекунад. Манижа ба Бежан ошиқ мешавад ва ӯро доруи беҳушӣ дода ба қасри худ меорад. Бежан дар қаср ба ҳуш меояд. Дар ҳамин вақт хатои худро мефаҳмад, вале аллакай дер шуда буд.

Воқеа торафт шиддат мегирад ва ба моҷаро табдил мeёбад. Бо фармони Афросиёб Гарсеваз Бежанро даст баста назди ӯ меорад ва шоҳи Тӯрон паҳлавони ҷавони Эронро ҳукми қатл медиҳад. Пирони оқилу доно Афросиёбро водор менамояд, ки дар куштани Бежан шитоб накунад. Бежан аз зиндон ва Манижа аз қаср ронда мешаванд. Гургин танҳо ба Эрон бармегардад. Шоҳи Эрон – Хусрав ба воситаи ойинаи гетинамо зинда будани Бежанро муайян карда, Рустамро барои чораҷӯйӣ аз Систон даъват мекунад.

**Амалиёти Рустам**

Минбаъд дар маркази воқеаҳо образи Рустам қарор мегирад. Амалиёти Рустам басо оқилона, дурандешона ва эҳтиёткорона мебошад. Рустам бо сад шутур мол, ҳазор савор ва ҳафт сарлашкари баргузида ба сафар мебарояд ва дар сарҳади

1 Сутуру наванд — савориву аспи тезрафтор.

Тӯрон саворонро пинҳон карда, худ ва сарлашкаронаш дар ҷомаи бозоргонӣ бо сад шутур мол ба Хутан назди Пирон меравад.

Манижа хабари аз Эрон омадани корвонро шунида, назди корвониён меояд ва Рустам бо эҳтиёткории тамом аз ӯ макони Бежанро фаҳмида, паҳлавонро аз банд раҳо мекунад. Дар ин лаҳза зӯри бозуи Рустам бармало маълум мешавад. Рустам ҳамроҳи ҳафт сарлашкараш шаб бо нишони оташ назди чоҳ меояд. Чун ҳафт паҳлавон сангро аз рӯйи чоҳ бардошта наметавонанд, Таҳамтан худ ба кор даст мезанад:

Зи асп андар омад гави[1] шери нар,
Зиреҳдоманашро бизад бар камар.
Зи Яздони зӯрофарин зӯр хост,
Бизад дасту он санг бардошт рост.
Бияндохт бар бешаи шаҳри Чин,
Биларзид аз он санг рӯйи замин.

Рустам баъди ғалаба бар лашкари Афросиёб ба Эрон бармегардад ва ба таҳсину офаринҳои бисёр сазовор шуда, роҳи Систонро пеш мегирад.

Фирдавсӣ дар охири достон Манижаро боз ёдовар шуда, бо ҳамин хатти сужети онро пурра намудааст. Шоҳ Бежанро наздаш даъват мекунад. Бежан гоҳи суҳбат аз некиҳо ва ҷаҳду талоши Манижа ёдовар мешавад. Шоҳ ба Манижа туҳфаи арзанда фиристода, Бежанро чунин панд медиҳад:

Ту бо ӯ ҷаҳонро ба шодӣ гузор,
Нигаҳ кун бар ин гардиши рӯзгор.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Кадом ҷинсҳои адабиро медонед?
2. Навъҳои ҳамосаро номбар кунед.
3. Чаро достони «Бежан ва Манижа» ба ҷинси ҳамоса тааллуқ дорад?
4. Сужети достонро баён намоед.
5. Образҳои асар кадомҳоянд?
6. Дар бораи амалиёти Рустам маълумот диҳед.
7. Дар ҳалли зиддияти достон Манижа чӣ мавқеъ дорад?

---

1 Гав — паҳлавон, шуҷоъ.



# ФАЗЛИДДИН МУҲАММАДИЕВ

*(1928 – 1986)*

**Рӯзгори адиб**

Фазлиддин Муҳаммадиев 15 июни соли 1928 дар шаҳри бостонии Самарқанд ба дунё омадааст. Оилаи онҳо ба китоб пайвастагии доимӣ дошт, зеро падараш саҳҳоф ва муқовасоз буд. Падар ҳар китоби хубро, ки муқова мекард, мутолиаи онро ба фарзандон, аз ҷумла Фазлиддини хушодобу хушзеҳн, тавсия менамуд. Фазлиддин баъди хатми мактаби миёна соли 1946 ба Маскав рафта, чанде дар Донишгоҳи ҳавопаймоии Маскав таҳсил кард. Аз вазъи нохуби зиндагӣ ноилоҷ таҳсилро мавқуф мегузорад ва ба Самарқанд баргашта, дар колхоз ба сифати табелчӣ кор мекунад.

Баъди вафоти падар Фазлиддинро бародараш Абдулҳамид Муҳаммадиев ба пойтахти Тоҷикистон – Сталинобод меорад ва ӯро ба пешаи рӯзноманигорӣ ҳидоят менамояд. Ф. Муҳаммадиев солҳои 1947–1949 чун ходими адабии рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» (ҳоло «Ҷумҳурият») адои вазифа мекунад. Баъд ӯро ба Маскав, ба Мактаби марказии комсомоли умумииттифоқ мефиристанд. Адиб баъди хатми ин мактаб (1951) фаъолияти рӯзноманигориро дар рӯзномаҳои «Ҷавонони Тоҷикистон», «Газетаи муаллимон», «Тоҷикистони советӣ», маҷаллаҳои «Занони Тоҷикистон» ва «Шарқи сурх» давом медиҳад.

Соли 1962 Ф. Муҳаммадиев дувумбора озими Маскав шуда, дар Институти адабиёти ба номи Горкий таҳсил менамояд. Баъди таҳсил фаъолияти рӯзноманигориро дар маҷаллаи ҳаҷвии «Хорпуштак» давом медиҳад. Ҳамзамон ба шуъбаи машваратии «Тоҷикфилм» ҳамкорӣ мекунад. Сипас, фаъолияти адиб дар нашриёти «Ирфон» ва Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Со-

ветии Тоҷик идома меёбад. Солҳои 1978–1981 ба сифати котиби Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон кор мекунад. Аз соли 1981 то охири умр дар кори эҷодӣ буд. Адиб шашуми октябри соли 1986 ҳазорон мухлисону алоқамандонашро ба таври ҳамешагӣ тарк гуфт. Турбати марҳум дар қабристони Лучоби шаҳри Душанбе ҷойгир аст.

Ф. Муҳаммадиев барандаи Ҷоизаи адабии ба номи Рӯдакӣ (1967), Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон ва Нависандаи халқии Тоҷикистон мебошад.

**Мероси адабӣ**

Фаъолияти асарофаринии Ф. Муҳаммадиев аз нимаи солҳои 50-ум оғоз ёфтааст. Аввалин ҳикояи нависанда, ки соли 1955 ба табъ расид, «Порчаи остин» ном дошт. Ба мурур очеркҳои «Раиси нав» (1955), «Муҳоҷирон» (1956) ва «Фаттоҳ ва Музаффар» (1958) ба табъ расиданд. Соли 1958 аввалин маҷмуаи очерку ҳикояҳои нависанда таҳти унвони «Муҳоҷирон» чоп мешавад.

Дар аввалин очеркҳои нависанда масъалаҳои муҳимми иҷтимоию маданӣ тезутунд ва бо ҷиддият ба миён гузошта шудаанд. Дар очерки «Раиси нав» мавқеи роҳбар дар ҷомеа мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Қаҳрамони очерк Саид Фатҳуддинов шахси кордону ҷонсӯз аст. Ӯ ба одамон бовар дорад ва ба онҳо раҳнамоӣ карда метавонад. Дар очерки «Фаттоҳ ва Музаффар» масъалаи роҳбарони мағруру худбовари соҳаи кишоварзӣ ба миён гузошта шудааст. Аз мутолиаи очерк хонанда ба чунин хулоса меояд, ки ба роҳбарони бемасъулияте чун Фаттоҳ бовар кардан мумкин нест, балки ба муқобили онҳо бо ҷиддияти том мубориза бурдан зарур аст. Нависанда ба Фаттоҳ инсони асилу ҷонфидо – Музаффарро зид мегузорад.

Қиссаи «Тири хокхӯрда» (1960) оид ба сарнавишти кормандони бехатарӣ ва қиссаи «Одамони куҳна» (1963) доир ба рӯзгори зиёиёни шаҳр баҳс мекунанд. Қиссаи таърихии «Зайнаббибӣ» (1964) сарнавишти зани тоҷик, раиси ҳукумати ноҳияи Кӯктош (ноҳияи ҳозираи Рӯдакӣ) Зайнаб Қурбоноваро фаро гирифтааст. Қиссаи «Дар он дунё» (1965) дар бораи сафари ҳоҷиён аз Иттиҳоди Шуравӣ ва рафторҳои аҷибу ғариби онҳо ҳикоят мекунад. Ҳар кадоми ин асарҳо як паҳлуи муҳимми эҷодии Ф. Муҳаммадиевро муайян менамоянд. Масалан, қиссаи «Тири хокхӯрда» аз майли нависанда ба тасвири воқеаҳои ғайриодӣ ва моҷароҷӯёна гувоҳӣ

медиҳад ва аввалин намунаи асари детективӣ[1] дар адабиёти давраи нави тоҷик ба шумор меравад. Қиссаи «Одамони куҳна» ба забони русӣ тарҷума шуда, дар маҷаллаи «Дружба народов» ба табъ расид ва номи нависандаи тоҷикро бо адибони машҳури шӯравӣ дар як радиф гузошт.

Ф. Муҳаммадиев дар солҳои 60-ум як силсила ҳикояҳо навишт, ки онҳо соли 1969 дар маҷмуаи «Сози Мунаввар» ба табъ расиданд. Соли 1974 нахустин романи ӯ таҳти унвони «Палатаи кунҷакӣ» дар маҷаллаи «Садои Шарқ» ба нашр мерасад ва баъдтар бо ҳамин ном дар шакли китоб дастраси хонанда мегардад. Мавзуи он аз рӯзгору фаъолият ва дунёи маънавии инсони муосир иборат мебошад.

Баъди чопи романи «Палатаи кунҷакӣ» Ф. Муҳаммадиев ба сабаби бемории чанд сол чизе навишта натавонист. Аммо истеъдоди нависандагӣ ва маслиҳатҳои устодону дӯстон ӯро боз ба асарнависӣ ҳидоят намуд. Рӯзе устод Турсунзода ба нависанда маслиҳатомез мегӯяд: «Ҳоло биёед, кор кунед. Кори Шумо ба хонанда, ба адабиёт даркор... Хонанда чӣ кор дорад, ки мо соқем ё бемор... Модоме ки зиндаем, аз мо нигарони асар аст. Ин аз мураккаботи касби мост ва аз он ҷойи гурез нест».

Адиб соли 1977 сафарномаи «Мо нориниёнем»-ро навишт, ки маҳсули мушоҳидаҳои адиб аз Ҷумҳурии Қирғизистон, махсусан шаҳри Норини ин сарзамин мебошад. Нависанда ба гӯшаву канорҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёр сафар мекард ва бо сохтмончиёни Норак, Роғун, Бойғозӣ алоқаи доимӣ дошт. Ин муҳаббату садоқати ӯ ба Ватан ва халқи тоҷик дар «Шираи замин» (1981), «Оини муқаддас» (1982), «Саволу ҷавобҳои Эначон Бойматова» (1986) ном очеркҳояш бармало эҳсос мешавад.

Дар қиссаҳои «Шоҳии япон» (1981) ва «Варта» (1983) аз зиндагии коргарони тоҷик, маишат, олами ботинӣ ва савияи маънавиёти онҳо сухан меравад. Ҳамчунин, ҳикояи «Ҷага» ва чанд ҳикояи дигари мавсуф дар нимаи дувуми солҳои 80-ум ба табъ мерасанд. Ду ҷилди Куллиёти Ф. Муҳаммадиев солҳои 1978 ва 1980 дастраси алоқамандон гардиданд. Умуман, тамоми асарҳои адиб дар шакли куллиёт ва китобҳои алоҳида ба чоп расиданд. Охирин маҷмуаи қисса ва ҳикояҳои Муҳаммадиев бо номи «Варта» баъди марги нависанда, соли 1987 ба дасти хонанда расид.

1 Асари детективӣ — асаре, ки ба ҳодисаҳои мураккаби дорои хусусияти ҷиноятӣ бахшида шудааст.

Ф. Муҳаммадиев ба сифати эссенавис, публитсисти фаъол ва ҳаҷвнигори забардаст низ маъруф аст.[1] Соли 1985 маҷмуаи очерку эссе, публитсистика, фелетон, намоишнома ва мақолаҳои адиб бо номи «Дӯстон тоҷи сар» чоп гардид. Сарлавҳаи яке аз мақолаҳо «Мо ҳамагӣ масъулем, ҳар яки мо масъул аст» ном дорад ва ин шиори тамоми фаъолияти қаламкашии нависанда аст. Ё худ, дар мақолаҳои «Косадум» ва «Прокурорҳои нармдил ва дуздони шердил» масъалаи оштинопазир будан ба шахсони баддил ва мансабталошу мусоҳилакорро мебардорад. Ҳаҷву юмори нозук, нешханду истеҳзоҳои нишонрас махсусан, дар асари «Косадум» ба дараҷот инкишоф меёбад. Косадум рамзи инсонест, ки ҳаёташро саросар рашку ҳасад ва бухлу кина фаро гирифтааст ва ҳолати ӯ ҳикмати Абдурраҳмони Ҷомиро оид ба каждум ба ёд меорад:

Неши каждум на аз пайи кин аст,
Муқтазои табиаташ ин аст.

Ф. Муҳаммадиев пайваста ба филмсозони тоҷик ҳамкорӣ дошт ва аз рӯйи асарҳои ӯ чанд филми бадеию мустанад бардошта шудааст. Махсусан, филмҳои «Задухӯрд» (1973), «Субҳи Ватани ман» (1974), «Вохӯрӣ дар дараи марг» (1980), ки аз рӯйи филмномаҳои адиб наворбардорӣ шудаанд, то ҳозир хазинаи Тоҷикфилмро оро медиҳанд. Филми бадеии «Вохӯрӣ дар дараи марг» дар бисёр озмунҳои байналмилалӣ соҳиби мукофот гардидааст. Нависанда дар соҳаи драманависӣ ҳам кӯшишҳо кардааст ва мазҳакаи «Охирин арӯси амиралмуъминин» (1983) яке аз онҳост.

Қариб ҳамаи асарҳои бадеии Ф. Муҳаммадиев ба забони русӣ тарҷума шудаанд. Ҳамчунин, қисса ва ҳикояҳои ҷудогонаи адиб ба забонҳои украинӣ, белорусӣ, қазоқӣ, латишӣ, эстонӣ, ӯзбекӣ, арманӣ, туркманӣ, қирғизӣ ва ғайра тарҷума ва чоп гардидаанд. Чанд асари ӯ ба алифбои форсии арабиасос низ дастраси хонанда шудааст.

Ф. Муҳаммадиев дар соҳаи тарҷума низ маҳорат дошт. Тарҷумаи тоҷикии романҳои нависандаи Фаронса Андре Стил «Зарбаи аввал», адиби румин Михаил Садовяну «Ҷазираи Гулистон», қиссаҳо ва романи нависандаи қирғиз Чингиз Айтматов

1 Баъзе мақола ва эссеҳои нависанда ҳанӯз соли 1954 бо имзои мустаори Ф. Амин ба чоп расидаанд.

«Ҷамила», «Алвидоъ, Гулсарӣ» ва «Дуроҳаи бӯронӣ», пиесаҳои нависандаи рус Н. Погодин «Достони севуми муассир», адиби ӯзбек А. Қаҳҳор «Ҷон модаракон» ва «Садо аз тобут», асарҳои ҷудогонаи А. Чехов, Т. Драйзер ва дигарон ба қалами ӯ тааллуқ доранд.

Хулоса, Ф. Муҳаммадиев зиндагии шарафмандона дошт ва аз худ мероси бою пурбаракат боқӣ гузошт.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Ф. Муҳаммадиев кай ва дар куҷо ба дунё омадааст?
2. Нависанда дар кадом мактабҳо таҳсил кардааст?
3. Оид ба фаъолияти рӯзноманигории Ф. Муҳаммадиев маълумот диҳед.
4. Адиб оид ба харобшавии ахлоқи инсонӣ чӣ андеша дошт?
5. Нависанда кай вафот кард ва ӯро дар куҷо ба хок супурданд?
6. Оғози эҷодиёти Ф. Муҳаммадиев ба кадом солҳо рост меояд?
7. Оид ба очеркҳои нависанда маълумот диҳед.
8. Дар бораи пиеса ва тарҷумаҳои нависанда чӣ медонед?

## ҲИКОЯ ВА ҚИССАҲО

**Ҳикояҳо**

Дар эҷодиёти Фазлиддин Муҳаммадиев ҳикоя мавқеи хос дорад. Бо кӯшиши ин нависанда ҳикояи тоҷик дар адабиёти солҳои шаст бо равиши тоза инкишоф ёфта, ба зинаи нави сифатӣ ноил гардид. Ҳикояҳои аввалини ӯ – «Мактуби дӯст» (1958), «Арзамас» (1960), «Роҳ» (1962) дар хусуси ахлоқи инсон ва мақоми ӯ дар зиндагӣ баҳс мекунанд. Нависанда на ба зоҳири воқеа, балки ба мазмуни ботинии он бештар таваҷҷуҳ мекунад ва рӯзгори одамони муосирро мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

Қаҳрамони асосии ҳикояи «Савдои умр» Зуҳрои ҷасур ва маҳкамирода аст, ба сабаби он ки домодшаванда ҳамроҳаш ба муассисаи ақди никоҳ рафтан нахостааст, тӯйро вайрон мекунад. Зуҳро гаштаю баргашта андеша мекунад, ки оё Муродро дар ҳақиқат дӯст медорад ва оё бо Мурод дар оянда хушбахт мешавад? Танҳо вақте ки Мурод хатои худро эътироф мекунад, Зуҳро ба ӯ хонадор мешавад. Муаллиф дар ин ҳикоя масъалаи муҳаббат ва оиларо тамоман ба тарзи нав ба миён мегузорад. Зуҳро тоҷикдухтарест, ки барои хушбахтии худ талош меварзад

ва оқибат ба мақсад мерасад. Муаллиф зисту зиндагии қаҳрамони асарро воқеъбинона ва муфассал тасвир намуда, хонандаро ба андеша водор кардааст. Ҳикоя охири солҳои панҷоҳум навишта шудааст, вале талоши Зуҳро баҳри зиндагии поку беолоиш ва арзишманд ҳоло ҳам намунаи ибрати ҷавонон мебошад. Ҳикояҳои аввалини Ф. Муҳаммадиев гувоҳ бар онанд, ки ӯ пас аз Ҳаким Карим ва Пӯлод Толис ба таҳқиқи бадеии рӯйдодҳои зиндагӣ ҷиддан камар бастааст.

Мавзуи марказии эҷодиёти Ф. Муҳаммадиев ахлоқи ҳамидаи инсонӣ мебошад. Солҳои 1967–1973 силсилаи ҳикояҳои нависанда бо номҳои «Даъво», «Суди рафиқон», «Рӯзи дафни усто Оқил», «Сози Мунаввар», «Хиёбони Нодир», «Шаби севум» ба вуҷуд омаданд. Нависанда инсонро яктарафа ва ба як ранг тасвир намекунад. Дар тасвири ӯ, бо вуҷуди ҷиҳатҳои номуносиб доштан, образ куллан манфӣ нест. Нависанда рафтори ношоистаи персонажҳоро, чун бахилии Муҳаммадмурод («Даъво»), рашки беҷои Ашраф («Савдои умр»), касби худро ба мерос нагузоштани усто Оқил («Рӯзи дафни усто Оқил»), ҳунармандона маҳкум мекунад.

Усто Оқил устои гулдаст буд, аксари иморатҳои зебои деҳа маҳсули ҳунари ӯ буданд ва ба қавли Абдурրауфамак: «Ин хел устои ҳунарманд дар сад сол ё як бор ба дунё меояд, ё не». Лекин анъанаи неки мардумро вайрон намуда, умраш аз шаст гузашту ягон шогирд тайёр накард ва оқибат вафот карду ҳунарашро бо худ ба гӯр бурд. Бинобар ин, эътиқоди мардум аз ӯ канд ва дар ҷанозааш ҳамагӣ бист кас ҳузур доштанду халос.

Ҳар як лаҳзаи тасвир – ҳам дар рӯзи ҷанозаи усто Оқил беист боридани борон, ҳам ҳангоми ба мазор бурдан аз ночорӣ ба замин гузоштани тобут ва ҳам дар вақташ канда нашудани қабр гувоҳ бар он аст, ки ин одам бадбахт аст. Махсусан, тасвири охирин лаҳзаи видоъ хеле хаёлангез ва омӯзанда аст.

Мувофиқи анъана баъди ба хок супурдани марҳум яке аз ҳозирон «фалонӣ чӣ хел одам буд?» гӯён савол медиҳад ва дигарон «одами хуб буд, Худо раҳмат кунад, ҷояш ҷаннат шавад» гӯён ба тарафи хона роҳакӣ мешаванд. Усто Оқил ҳатто аз ҳамин дуои вопасини ҳамдеҳагон маҳрум монд: «Пас аз он ки ҳама даст ба рӯй кашиданд, пойкор[1] аз ҷояш нимхез шуда савол дод:

1 Пойкор — пешхидмат, ходими гузар ё деҳа барои даъват кардани мардум ба тӯй, азо ва ғайра.

– Усто Оқил чӣ хел одам буданд?

Абдурrauфамак метавонист худаш ҷавоб диҳад, вале бисёр мехост, ки маҳз дигарон ҷавоб диҳанд.

Дақиқае бо хомӯшӣ гузашт. Онҳое, ки ба пайроҳа наздиктар меистоданд, чизе нагуфта ба роҳ даромаданд.

– Устои нағз буданд Оқиламак, – гуфт ҷавоне, ки дар паси Абдурrauфамак меистод.

– Борон рафта ба устухонам расид, – гуфт яки дигар зери лаб ғурғуркунон.

– Ҳа, усто буд, – тасдиқ намуд севумӣ.

Дигар касе чизе нагуфт. Ҳама пасу дунбол ба пайраҳа фуромадан гирифтанд.

Хулоса, Фазлиддин Муҳаммадиев дар ҳикояҳояш мавзуъҳои рӯзмарраро бо шаклу услуби ба худ хос ба тасвир гирифта, бо ҳамин таваҷҷуҳи хонандаро ба масъалаҳои муҳимми ҷомеаи кунунӣ ҷалб менамояд.

**Қиссаҳо**

Дар офаридани симо ва чеҳраи инсон жанри повест ё қисса имконияти бештар дорад. Ин аст, ки нависанда аз оғози солҳои 60-ум ба эҷоди асарҳои калонҳаҷм мепардозад ва то охири умр қиссаҳои «Тири хоккӯрда», «Одамони куҳна», «Зайнаббибӣ», «Дар он дунё», «Шоҳии япон» ва «Варта»-ро эҷод мекунад.

**«Одамони куҳна»**

Қиссаи «Одамони куҳна» ба мавзуи муҳимми рӯз – маънавиёти баланди падарон, пайванди наслҳо ва талош ба муқобили муфтхӯрию ҳаромкорӣ бахшида шудааст. Сужети ин асар аз воқеаҳои муқаррарии зиндагӣ фароҳам омада, дорои моҳияти иҷтимоию ахлоқӣ мебошад. Хонанда баробари амалиёти образҳои асар ба андеша фурӯ рафта, нисбат ба онҳо ҳусни таваҷҷуҳ пайдо мекунад. Оҳанги ҳазлу мутоиба аз унвони асар сар шуда, тамоми мундариҷаи онро диққатҷалбкунанда ва шавқангез гардондааст. Воқеан, худи «Одамони куҳна» номгузорӣ шудани асар мароқангез аст. Оё одам ҳам куҳна мешавад? Дар ин ном мақсадҳои ғоявии нависанда ҷой гирифтааст.

Дар қиссаи «Одамони куҳна» иштироккунандагони асар, чи Зиёбобо ва Аҳрорамаку Иқболхола ва чи Оишахону Юсуф Сафозода ва Заррина, ба таври мутоибаомез ба тасвир омадаанд. Мутоибаҳое, ки нависанда дар мавриди Аҳрорамаку Зиёбо-

бо бо лабханди нозук истифода мекунад, маънои меҳрубониву дӯстдориро доранд. Яъне, адиб ин пирони рӯзгордидаро навозиш мекунад.

Мутоиба ва мазҳака дар «Одамони куҳна» ҷанбаи лирикӣ пайдо карда, баёнгари ҳиссиёти нозук, меҳру муҳаббат, мамнуният ва шодмонии муаллиф мебошад. Ин навъи асар дар насри давраи нави тоҷик аз Ф. Муҳаммадиев оғоз ёфтааст.

Образҳои марказии «Одамони куҳна» мӯйсафедони ҳафтодсола ва ҳаштодсолаанд. Ин пирамардҳо бо рафтору гуфтор ва орзую омолашон шахсони аҷибанд. Дар ин асар чанд моҳи рӯзгори онҳо мавриди баҳси бадеӣ қарор ёфтааст. Аммо ҳангоми тасвир маънӣ амиқтар меравад, то он ҷое ки хонанда тамоми умри онҳоро ба мушоҳида мегирад. Дар эҷоди ин чеҳраҳо хислату одати калонсолон ба назар гирифта шудааст. Яъне, ин қабил одамон ба ҳама чиз кор доранд. Ҳар касбу шуғл барояшон муҳим аст, зеро онҳо ба чашмони пиронаи хеш пасту баландиҳои зиндагиро хубтару беҳтар дида метавонанд.

Зиёбобои 80-сола барои дар нисфи боғаш сохтани биноҳои истиқоматӣ розӣ буд. Аммо вақте фаҳмид, ки дар ин ҷо нияти сохтани нуқтаи пивофурӯшӣ доранд, ба он қатъиян муқобил баромад ва ба Комитети Марказии ҳизб арзнома навишт. Дар арзнома, аз ҷумла омадааст: «Чӣ мешуд, ки арақфурӯшия манъ кунед. Радио ҳар рӯз зиёни арақа гуфта медиҳад. Лекин магазинҳо аз арақ, аз вино пур. Ба шишаҳои хушрӯйи арақ равған, ҳар хел шарбатҳо, ҳар хел дорувор андохта фурӯшанд, намешавад? Ба ҷойи ин бӯчка-бӯчка пива мефурӯшанд, ба ғайр аз ин регистрану[1] ошхонаҳо ҳам бисёр арақ мефурӯшанд...

Одамҳои боз нағзтар тарбия карданӣ бошед, корам боз пешрав шавад гӯед, ҳама додар, бародар барин аз як гиребон сар бардоранд гӯед, арақа манъ кунетон».

Далелҳои арзнома зоҳиран содалавҳона намоянд ҳам, аммо ҳаётианд. Зиёбобо мувофиқи тасаввуроти худ зарар ва оқибатҳои бади машруботро иброз дошта, тадбирҳои мубориза зидди майнӯширо пешниҳод мекунад. Ба пиндошти Зиёбобо, истеъмоли машрубот аз рӯйи шариат гуноҳ буда, зуҳуроти зараровари ҷамъият мебошад. Бинобар ин, муассисаҳои салоҳиятноки давлатӣ бояд истеъмоли машруботро қатъиян манъ намоянд.

---

1 Ресторан гуфтан мехоҳад.

Ҳамин тариқ, Ф. Муҳаммадиев ба воситаи амалиёти Зиёбобо ва Аҳрорамак таваҷҷуҳи хонандаро ба камбудиҳои ҷомеа ҷалб намудааст. Фаъолияти ин мӯйсафедон фалсафаи амиқи ҳаётӣ дорад. Масалан, як рукни фалсафаи Аҳрорамак ин аст: «Дӯст бошед, таъриф накунед, таъриф одаму оламро вайрон мекунад». Зиёбобо ва Аҳрорамак пиронсоланд, аммо андешаҳояшон, хулосаҳояшон, фаҳмишу даркашон оид ба тақдири инсону ҷомеа нав мебошанд.

Дар қиссаи «Одамони куҳна» дар паҳлуи мӯйсафедон ҷавононе, чун Юсуф Сафозода ва Оишахон низ фаъолият доранд ва муносибати онҳо ба насли калонсол боадабона ва эҳтиромкорона сурат мегирад. Муносибат ва ахлоқи ҳамидаи образҳои қисса барои насли имрӯзи ҷомеаи мо намунаи ибрат аст.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Чанд ҳикояи Ф. Муҳаммадиевро номбар кунед.
2. Мавзуи асосии ҳикояҳои нависанда аз чӣ иборат аст?
3. Дар ҳикояи «Рӯзи дафни усто Оқил» кадом масъала ба миён гузошта шудааст?
4. Қиссаҳои Ф. Муҳаммадиевро номбар кунед.
5. Чаро нависанда асарашро «Одамони куҳна» номгузорӣ кардааст?
6. Дар бораи образҳои қиссаи «Одамони куҳна» маълумот диҳед.

## РОМАНИ «ПАЛАТАИ КУНҶАКӢ»

**Мавзуи баҳс**

Ягона романи Ф. Муҳаммадиев – «Палатаи кунҷакӣ» бо эпиграфи «Чароғи падаронро фурӯзон дор» оғоз мeёбад ва аз 33 боб иборат аст.

Дар роман як ҳуҷраи бемористон, ки дар дохили он чаҳор кат гузошта шудааст, тасвир ёфтааст. Шахсони муолиҷашаванда раиси кумитаи назорати халқ Носир Аббос, нафақахӯр ва иштирокчии ҷангҳои шаҳрвандию ватанӣ Ивонамак, коргар Каримҷонака ва филмбардор Иброҳимҷон Олимӣ мебошанд. Ҳамаи инҳо дучори сактаи дил шудаанд ва табиби ҷавон Алихон Зардодхон ба табобаташон машғул мебошад.

Баъд аз тасвири ҳуҷра – палата нависанда симоҳои дар ҳолати бемориӣ қарордоштаро ба суҳбат медарорад. Ивонамак, Носир Аббос ва Каримҷонака аз норасоиҳои рӯзгор андеша ронда, сари мушкилоти он баҳс менамоянд. Насли ҷавон – Иброҳимҷони

27-сола бодиққат баҳси онҳоро ба мушоҳида мегирад. Ӯ ба андешаҳои наслҳои калонсол розӣ мешавад ва онҳоро дар ботин ҳақ мебарорад.

Наслҳои калонсол камбудиҳои ҷомеаро бо дарду ҳасрат қабул менамоянд. Муҳокимаву мулоҳизаҳои Носир Аббос ва Ивонамаку Каримҷонака аз пешомади харобиовари ҷомеаи шуравӣ дарак медиҳад. Яъне, андешаҳои онҳо аз муҳити танги як ҳуҷраи кунҷакӣ берун баромада, тамоми ҷомеаро фаро мегирад. Онҳо худ дар бистари беморӣ қарор дошта, дар фикри табобати дардҳои ҷомеа буданд. Ба қавли онҳо, ҷомеаро «камҳавсалагӣ ва коҳилӣ» фишор меоварад ва ин вазъият, асосан, ба шахсоне иртибот дорад, ки дар вазифаҳои масъуланду «виҷдонашон, имонашон, инсофашон, ғайрату ҳамияташон[1] миёни чарб монда нопадид гаштаанд». Хусусан, Носир Аббос, ки вазифаи пурмасъулияти назоратиро ба уҳда дошт, чунин нобасомониҳоро борҳо мушоҳида намуда, ба хулосае омадааст, ки «ҳар як зараркунанда ҳам душман аст».

Ф. Муҳаммадиев дар солҳои 70-ум дар сохторҳои давлатӣ ва муносибатҳои иҷтимоӣ нобасомониҳоро ба мушоҳида мегирад. Нависанда гӯё 20 – 25 сол пеш хатари барҳамхӯрии ҷомеаи шуравиро пешгӯйӣ кардааст. Зеро сафи зиёнкорон рӯз то рӯз зиёд мешуд ва ин ҷиҳат чунин маънӣ дошт, ки оқибати Давлати Шуравӣ дар хатар аст. Персонажҳои калонсоли «Палатаи кунҷакӣ» низ як вақтҳо дар сари вазифаҳои расмӣ буданд ва дар сохтмони ҷомеа заҳматҳо кашида, барои фарзандон шароити мусоид фароҳам оварданд. Акнун дар ҳолати беморӣ ҳама сарнавишти хешро пеши назар меоранд. Онҳо бештар аз камбудиҳои ҷомеа, ки ба фаъолияти роҳбарҳо вобастагӣ доранд, баҳс менамоянд. Ба ақидаи Иброҳимҷон: «Инсон, охир ҳамон аст, ки на фақат ғами хеш, балки ғами дигаронро низ хӯрад...

Агар дар вуҷуди навъи башар ҳамин чизи муқаддас, ҳамин нури пок намешуд, таҳаввулот намебуд, дар бадали ин даҳ ҳазор соли охир аз табари сангӣ то ба киштии атомӣ ё ракетаҳои кайҳоннаворд намерасид, бешак».

**Хатти аввали сужет**

Романи «Палатаи кунҷакӣ» ду хатти сужет дорад. Самти якум ба фаъолияти се насли аввали одамон дар ҷомеаи сотсиалистӣ иртибот дорад. Дар тасвири адиб инҳо шахсонеанд, ки

1 Ҳамият — номус, нанг, ҳаё.

дар сохтмони ҷомеаи шуравӣ иштироки фаъол доштанд. Акнун харобшавии онро мушоҳида карда ба ташвиш омадаанд, вале ғайр аз байни худ муҳокима кардану афсӯс хӯрдан дигар чора надоранд. Дар афкори онҳо таҳлилҳои илмӣ кам ба назар мерасад. Аз ин ҷост, ки муаллиф барои пурқувват намудани мантиқи баён нутқи онҳоро бо ривоят, мақолу зарбулмасал ё порчаҳои шеърии шоирони машҳур оро медиҳад.

Ибораҳои рехта, суханҳои ҳикматнок ва мақолу зарбулмасалҳо, махсусан дар сухани Носир Аббос мақоми сазовор дорад. Нависанда андешаи Носир Аббосро дар бораи Бекназар ном падаре, ки духтарашро аз ғайри хоҳиши ӯ ба каси дигар ба шавҳар доданӣ мешавад, чунин ба қалам додааст: «Фарзанд – меваи ширин. Баъзан дар ҳисси ғамхориву парасторӣ ҳам кас қадаре аз ҳад гузаштанашро нафаҳмида мемонад. Чуноне ки баъзе модарон кӯдаки навзодро аз рӯйи меҳр сахт оғӯш карда, нафасгардон мекунанд. Рафиқаш ҳам, Носир Аббос ҳам ин нуктаро хуб медонанд... Лекин гуфтаанд, ки илоҷи воқеа қабл аз вуқуъ бояд кард».

Ф. Муҳаммадиев дар «Палатаи кунҷакӣ» ба Хайёму Саъдӣ, Камоли Хуҷандиву Ҷалолуддини Румӣ ва Ҳилоливу Бедил муроҷиат менамояд, аз адабиёти Аврупо мисол меорад ва ба ин восита хусусияти маърифатнокӣ ва андешапарварии асарашро пурқувват менамояд. Аз ин ҷиҳат, ба миён гузоштани масъалаи аз рӯйи нусхаи асл қироат кардани «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ҷолиби диққат аст. Каримҷонака мухлиси «Шоҳнома» буд ва ҳар сари чанд вакт лаҳзаҳои ҷангро аз матни ба наср гардондаи асар қироат мекард. Иброҳимҷон «ҳеҷ шарҳу тафсиру дигару дигар нусха ба аслаш баробар шуда наметавонад. Як худи сабти мисраъҳояш, оҳанги баёнаш – кони лаззат, олами ҳаловат» – гӯён таваҷҷуҳи Каримҷонакаро ба нусхаи аслии «Шоҳнома» ҷалб менамояд. Каримҷонака нусхаи аслии ин асарро ба воситаи писараш дастрас мекунад. Оҳиста-оҳиста аз хониши он ба ваҷд меояд. «Каримҷонака дасти озодашро дар ҳаво алвонҷ дода, чунон саргарми шеърхонӣ буд, ки ба паҳлуяш омадани духтурро, ҳатто ақаллан яктаҳи сафеди ӯро пай набурд:

Ду лашкар ба сони ду дарёи Чин,
Ту гӯйӣ, ки шуд ҷунб-ҷунбон замин.
Биёмад дамон Қорани Размзан
В-аз он сӯй Гарсевази пилтан.

Зи овози аспону гарди сипоҳ
На хуршед пайдо, на тобанда моҳ.
Дурахшидани теғи алмосгун,
Синонҳои оҳордида ба хун...»

Дар ҳақиқат, ягон нусхаи фаръ[1], ягон тарҷума ҷойи аслро гирифта наметавонад ва хонандагонро зарур аст, ки барои сайқал додани табъу завқ ба асли «Шоҳнома» таваҷҷуҳ дошта бошанд.

**Хатти дувуми сужет**

Хатти дувуми сужет ба сарнавишти Иброҳимҷон ва Хиромон иртибот дорад. Иброҳим Олимӣ, ки касби филмбардорӣ дорад, аз аввал то охир воқеаҳои романро ба мушоҳида мегирад. Ин ҷо шохае аз фаъолияти касбии адиб, ки солиёни зиёд бо идораи филмсозии тоҷик ҳамкорӣ дошт, дида мешавад.

Иброҳимҷон ва Хиромон то ҷое аз таҷрибаи зиндагӣ бархурдоранд, вале ҳар ду ба шикасту рехти рӯзгор гирифтор шудаанд. Хиромон намояндаи занони солҳои 70-уми тоҷик аст, ки дар сохтмоне вазифаи ронандагии кранро адо мекунад. Шавҳарашро ноҷавонмардон куштаанд, аз ин рӯ, ба мардон нафрат дорад.

Иброҳимҷон вобаста ба касби филмсозиаш ба Хиромон шинос мешавад ва ин шиносоӣ рафта-рафта тақдири онҳоро ба ҳам мепайвандад. Хиромон дар аввал Иброҳимҷонро аз қабили мардони ношуд медонист, баъдҳо ақидаашро тағйир дода, ба ӯ унс мегирад. Воқеа чунин ҷараён мегирад, ки Хиромони дар баландии кран қарордошта бо гуноҳи як марди нобакор аз кран чаппа мешавад. Ӯ нимишабӣ ба ҳуш омада, худро дар беморхона мебинад. Иброҳимҷон ин хабари мудҳишро шунида, ба беморхона мешитобад. Вақти суҳбат бо Хиромон аз ҷайби Иброҳимҷон даъватномаи тӯйи арӯсии онҳо намоён буд. Ин тасвир аз он шаҳодат медиҳад, ки Иброҳимҷону Хиромон тақдирашонро ба ҳам пайванд месозанд.

Ҷолиб аст, ки оғозу анҷоми сужети роман ба палатаи кунҷакӣ пайвастагӣ дорад. Ин ҳамон палата – ҳуҷраест, ки дар гӯшаи боғи истироҳатии шаҳри Душанбе ҷойгир шуда буд ва як вақтҳо худи нависанда бар асари бемории қалб дар ҳамин хуҷра табобат мегирифт. Метавон гуфт, ки асари мазкур то ҷое ба саҳифаҳои рӯзгори нависандаи он далолат мекунад.

1 Фаръ — чизе, ки аз асл мерӯяд, чизи ғайриаслӣ, дуюмдараҷа

Ф. Муҳаммадиев дар «Палатаи кунҷакӣ» масъалаҳои инсону инсонгароиро тарғибу ташвиқ кардааст. Қиссаҳои «Одамони куҳна» ва «Дар он дунё» ҳам сари ҳамин мавзуъ баҳс кардаанд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Романи «Палатаи кунҷакӣ» бо кадом эпиграф оғоз меёбад?
2. Чаро роман «Палатаи кунҷакӣ» ном гирифтааст?
3. Дар роман чанд хатти сужет мушоҳида мешавад?
4. Дар роман чанд насл фаъолият менамоянд?
5. Иброҳимҷон чӣ касест?
6. Хиромон дар куҷо кор мекунад ва чӣ сарнавиште дорад?
7. Оё шикояти мӯйсафедон ягон асоси иҷтимоӣ дошт?
8. Тақдири Хиромону Иброҳимҷон чӣ навъ ҳал мешавад?
9. Мақсади адиб аз эҷоди «Палатаи кунҷакӣ» чӣ буд?

## САВОЛИ ТЕСТӢ

1. Образҳои Носир Аббос, Ивонамак, Каримҷонака ва Иброҳим ба кадом асари Ф. Муҳаммадиев тааллуқ доранд?

   А) «Палатаи кунҷакӣ»;
   Б) «Шоҳии япон»;
   В) «Одамони куҳна»;
   Г) «Сози Мунаввар»;
   Ғ) «Варта».

2. «Одамҳои боз нағзтар тарбия карданӣ бошед, корам боз пешрав шавад гӯед, ҳама додар, бародар барин аз як гиребон сар бардоранд гӯед, араќа манъ кунетон». Ин сухани кӣ ва аз кадом асари Ф. Муҳаммадиев аст?

   А) Носир Аббос, аз «Палатаи кунҷакӣ»;
   Б) Усто Оқил, аз «Рӯзи дафни усто Оқил»;
   В) Зиёбобо, аз «Одамони куҳна»;
   Г) Мунаввар, аз «Сози Мунаввар»;
   Ғ) Ашраф, аз «Савдои умр».

## РЕАЛИЗМ

**Назарияи адабиёт**

Реализм (калимаи лотинӣ, маънояш ҳақиқӣ, воқеӣ) методи эҷодӣ буда, дар адабиёти бадеӣ ба таври ҳаққонӣ инъикос намудани зиндагӣ ва ҳаёти одамонро дар назар дорад. Муҳимтарин хусусияти методи реализм инъикоси ҳақиқии воқеъият мебошад. Методи реализмро бисёр олимон шарҳ додаанд, ки дар байни онҳо тавсифи файласуфи немис Ф. Энгелс (1820—1895) мукаммал ва фарогир аст: «Реализм дар баробари ҳаққонияти ҷузъиёт тасвири характерҳои типиро дар шароитҳои типӣ дар назар дорад».

Мувофиқи ин тавсиф барои методи реализм чанд нукта муҳим мебошад: **характерҳои типӣ**, ба **шароитҳои типӣ** мувофиқат кардани **характерҳои типӣ** ва ҳаққонияти **ҷузъиёти бадеӣ**. Офаридани характерҳои типӣ чунин маъно дорад, ки образҳои асар ҳар кадом бояд чун шахсони воқеӣ дорои хислату табиат ва феълу атвори ба худ хос бошанд. Дар айни замон онҳо хусусият ва майлу рағбати ягон табақа ё гурӯҳи муайяни ҷомеаро дар худ таҷассум намуда тавонанд. Дар қиссаи «Марги судхӯр»-и Айнӣ образи Қориисмат ва дар романи «Духтари оташ»-и Икромӣ образи Дилором-каниз намунаи барҷастаи характерҳои типӣ мебошанд. Зеро дар симои онҳо намояндаи гурӯҳи судхӯрон ва табақаи камбизоати занони Бухорои амирӣ амиқу равшан инъикос ёфтаанд.

Талаботи дигари реализм ба шароитҳои типӣ мувофиқат кардани вазъиятҳои типӣ мебошад. Образи реалистӣ вобаста ба замону макон ва вазъияте, ки дар он амал мекунад, офарида мешавад. Қаҳрамони қиссаи «Одина»-и С.Айнӣ намояндаи ҷавонони камбизоати кӯҳистони Қаротегини ибтидои асри XX мебошад, ки мардуми он ҷо аз ҳаракатҳои худшиносии давр бехабар буданд. Нависанда муҳити зиндагӣ, вазъи таърихии ҷомеа ва синну соли қаҳрамонро ба эътибор гирифта, ӯро беҷуръат ва камҳаракат ба қалам додааст. Яъне, характери Одина ба макону замон ва муҳити зиндагии ӯ мувофиқат дорад.

**Аҳамияти ҷузъиёт дар реализм**

Шарти дигари реализм истифодаи моҳиронаи ҷузъиёти бадеӣ мебошад. Дар тасвири реалистӣ ҷузъҳои бадеӣ мавқеи ҳалкунанда доранд. Аз ҷумла, офаридани симои қаҳрамон, фардикунонии забон ва тасвири манзараҳои табиат бе ҷузъиёти бадеӣ имкон надорад. С. Айнӣ дар романи «Ғуломон» ҳангоми

фардикунонии забони персонажҳо аз ҷузъиёти бадеӣ фаровон истифода кардааст. Масалан, аз суханони Қилич-халифаи мӯйсафед хислатҳои дурӯягӣ, риёкорӣ ва табиати золимонаи ӯ равшан ошкор мегардад. Ӯ ҳамвора ба тоату ибодат машғул аст, вале дастаи роҳзанони Абдурраҳмон-сардорро, ки нияти ғорат намудани Ҳиротро доштанд, чунин дуо медиҳад: «Ба даст дароред, ба даст наафтед, пахш кунед, пахш нашавед, Хизру Илёс ёратон, чорёр мададгоратон бод!»

**Фарқи натурализм аз реализм**

Дар охири асри XIX дар Аврупо ва ИМА методи эҷодии натурализм (аз калимаи лотинӣ, маъноаш ***табиат***) ба вуҷуд омад. Натурализм тасвири айнани ҳаёти воқеиро тақозо дорад, ки он хилофи талаботи реализм мебошад. Мувофиқи назарияи асосгузори методи натурализм адиби Фаронса Эмил Золя (1840—1902) нависанда набояд ба воқеаҳои зиндагӣ танқидан назар андохта, маводи эҷодӣ интихоб намояд. Барои эҷодкор сужетҳои нодаркору мавзуъҳои ношоиста вуҷуд надорад.

Бояд гуфт, ки тасвири айнани ҳаёти воқеӣ боиси дар асари бадеӣ роҳ ёфтани ҳодисаҳои одиву дувумдараҷаи зиндагӣ мегардад ва ин ҳолат ба пастшавии арзишҳои эстетикӣ, маърифатӣ ва ахлоқии эҷоди адибон сабаб мешавад. Тасвири натуралистӣ дар солҳои 20 ва 30 асри XX дар эҷодиёти нависандагони ҷавони тоҷик мушоҳида мешавад.

Унсурҳои аввалини методи реализм дар адабиёти тоҷик дар осори адибони аҳди ҷадидия пайдо шуд. Баъдтар ин метод дар эҷодиёти адибони тоҷики аҳди шуравӣ, чун С. Айнӣ, С. Улуғзода, М. Турсунзода, Ҷ. Икромӣ, Р. Ҷалил, П. Толис, Ф. Муҳаммадиев, М. Қаноат, Л. Шералӣ, Ӯ. Кӯҳзод, Сорбон, С. Турсун, А. Самад ва дигарон инкишоф ёфта, паҳлуҳои гуногуни услубии он мустаҳкам гардид. Алҳол методи реализм методи асосии тасвир дар адабиёти давраи нави тоҷик мебошад.

**Методи реализм дар адабиёти тоҷик**

Методи реализм тасвирҳои пуробуранги муболиғавӣ, романтикӣ, рамзӣ, асотирӣ, ривоятӣ, афсонавӣ, тамсилӣ, ҳузнангез ва ғайраро инкор намекунад. Аз ҷумла, дар асарҳои «Одина», «Дохунда», «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ, «Ватани Шодӣ», «Ду нишон», «Тоҷ ва байрақ», «Парии Бахт»-и А. Лоҳутӣ, «Тахти хунин», «Баҳори Тоҷикистон ва нолаи чӯпонӣ», «Манораи Марг»-и П. Сулаймонӣ, «Хазон ва баҳор», «Писари

Ватан»-и М. Турсунзода, «Қишлоқи тиллоӣ», «Панҷи ноором»-и М. Миршакар, «Рустам ва Суҳроб», «Ҳуррият»-и Ғ. Абдулло, «Тоҷи давлат»-и Ғ. Мирзо, «Достони оташ»-и М. Қаноат, баъзе асарҳои Ҷ. Икромӣ, Ф. Муҳаммадиев, Ӯ. Кӯҳзод, М. Бахтӣ, Сорбон, А. Самад ва дигарон тасвирҳои номбурдаро мушоҳида кардан мумкин аст.

«Баҳори Тоҷикистон ва нолаи чӯпонӣ» ном шеъри Пайрав ҳамагӣ аз чор банди чаҳормисраӣ иборат мебошад. Се банди аввал қофияи ***абба*** ва банди охир қофияи ***ааââ*** дорад. Вале тасвир чунон дилкаш ва пурмуҳтаво мебошад, ки манзараи сеҳрангези баҳори Тоҷикистон бо тамоми рангомезӣ ва назокат пеши назари хонанда ҷилвагар мешавад:

Дашти васеву боғи латифу ҳавои хуш,
Саҳрову ҷангалу чаману кӯҳу лолазор;
Аз ҳар канор чашма равон асту обшор,
Ҳар сӯ баланд замзамаву нолаву хурӯш...

Дар банди аввал тасвир ба воситаи санъатҳои сифатчинӣ (исмҳои ***дашт, боғ, ҳаво, саҳро, ҷангал, чаман, кӯҳ, лолазор, чашма, обшор, замзама, нола, хурӯш***) ва тавсиф (сифатҳои ***васеъ, латиф, хуш***) сурат гирифтааст. Шоир ба воситаи истифодаи пайдарпайи исму сифат таваҷҷуҳи хонандаро ба манзараи баҳор ҷалб менамояд.

Дар банди дувум тасвир аз кулл ба ҷузъ мегузарад. Манзараи баҳори Тоҷикистон дар мисоли гулҳои ҳарранга ба бар кардани дарахтони ҷавон таъкид мешавад. Санъатҳои бадеии ташбеҳу истиора ва тавсифу сифатчинӣ хотири хонандаро болида дошта, ӯро ба вазъият ва ҳолати руҳии чӯпони найнавоз мутаваҷҷеҳ месозад. Матлаби шоир дар ду банди охир чунин ифода ёфтааст:

Бишаста буд шубонписаре ной дар даҳон
Зери дарахти бед, лаби ҷӯйи босафо.
Озода гирди ӯ барае чанд дар чаро,
Бо сӯзи дил хурӯш ҳамекард най, ки ҳон–

Устоди зуфунуни[1] забардасти рӯзгор,
Яъне табиат аз нахи абрешими баҳор,

1 Зуфунун — соҳиби фанҳо ва ҳунарҳои бисёр.

Нозук иёр[1] бофта қолини махмалин
Густарда, то ки ёр ниҳад пой бар замин...

Манзараи табиат воситаи муҳимми тасвири вазъият, орзую омол ва андешаҳои ширини образи чӯпонписар ба шумор меравад. Найи чӯпонӣ аз эҷозкориҳои «устоди зуфунуни забардасти рӯзгор» башорат медиҳад. Табиат ба ҳолати руҳии қаҳрамон чунон созгор ва мувофиқ аст, ки гӯё ба хотири ташрифи маҳбубаи чӯпонписар аз сабза пояндоз густардааст. Ин созгории манзараи табиат ба вазъияти умедворонаи чӯпонписар, ба заминаи реалистии тасвир ишора карда, аз қадру манзалат ва муҳаббати поки инсони меҳнатӣ дарак медиҳад.

Ҳамин тариқ, методи реализм аз нависандагон талаб дорад, ки онҳо воқеаҳои муҳим ва аввалдараҷаи зиндагиро интихоб карда, ба воситаи образҳои эътимодбахш ҳақиқати зиндагиро ба ҳақиқати бадеӣ табдил диҳанд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Методи реализм кадом нуктаҳоро фаро мегирад?
2. Ҷузъиёт чист ва дар тасвири реалистӣ чӣ аҳамият дорад?
3. Тасвирҳои натуралистӣ аз тасвирҳои реалистӣ чӣ фарқ доранд?
4. Методи реализм дар адабиёти тоҷик кай мавқеъ пайдо кард?
5. Шеъри «Баҳори Тоҷикистон ё нолаи чӯпонӣ»-ро аз ёд намоед ва онро аз лиҳози тасвирҳои реалистӣ таҳлил кунед.

1 Иёр — дилфиреб, дилрабо.

# МУЪМИН ҚАНОАТ

*(1932 – 2018)*



**Зиндагинома**

Шоири халқии Тоҷикистон Муъмин Қаноат 20 майи соли 1932 дар деҳаи Курговади ноҳияи Дарвози Тоҷикистон ба дунё омадааст. Падари шоир – Қаноатшоҳ ва модараш – Бегиммоҳ шахсони поку порсо ва заҳматкашу меҳрубон буда, дар таълиму тарбияи фарзандон кӯшиши зиёд намудаанд.

Муъмин Қаноат таҳсили ибтидоиро дар деҳаи Курговад мегирад. Баъдтар таҳсилро дар шаҳраки Ғарм идома дода, мактаби миёнаро соли 1951 хатм мекунад. Пас аз он ба шуъбаи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 1956 ба поён мерасонад.

Ҳангоми таҳсил дар мактабҳои миёна ва олӣ Муъмин Қаноат ба омӯзиши таърихи адабиёти тоҷик ва назарияи адабиёт таваҷҷуҳ зоҳир намуда, чун мутахассиси варзида ба камол расид. Шавқу ҳавас ба шеър ӯро ба доираи адабии Сталинобод ворид намуд. Муъмин Қаноат солҳои 1956–1966 дар идораи маҷаллаи «Шарқи сурх» кор мекунад ва як муддат муҳаррири калони нашриёти «Ирфон» буд. Аз соли 1968 то соли 1991 ба сифати котиб ва котиби аввали Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон фаъолият намуд.

Муъмин Қаноат чун намояндаи олимартабаи Тоҷикистон ба қитъаҳои гуногуни олам, аз ҷумла ба шаҳру кишварҳои Кобул, Уланбатор, Либия, Яман, Покистон, Ҳиндустон, Чин, Эрон, Аморати Муттаҳидаи Араб, Япония, Фаронса, Куба сафар карда, сулҳу дӯстии халқҳоро тарғиб намудааст. Устод Қаноат аз соли 1997 муовини раиси Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон буд. Як муддат танҳо ба кори эҷодӣ машғул буд. Устод Муъмин Қаноат 18-уми майи соли 2018 аз олам даргузашт ва дар мазори Лучоб ба хок супурда шуд.

**Фаъолияти эҷодӣ**

Муъминшоҳ аввал ба ҳунари навозандагӣ ва сарояндагӣ майл доштааст. Вале баъдтар дар ӯ ҳаваси шоир шудан пайдо мегардад ва нахустин шеъраш дар синни 17-солагӣ дар васфи рӯди Панҷ эҷод шудааст. Намунаи шеърҳои шогирдонаи шоир ҳангоми таҳсил дар мактабҳои миёна ва олӣ дар рӯзномаи ноҳиявии «Ҳаёти нав» ва маҷаллаи «Шарқи сурх» ба табъ расидаанд. Аввалин маҷмуаи шоир бо номи «Шарора» соли 1960 чоп гардид.

Баъдҳо «Ситораҳои замин» (1963), «Мавҷҳои Днепр» (1964), «Достони оташ» (1967), «Корвони нур» (1970), «Сурӯши Сталинград» (1972, 2010), «Сарҷӯйи сабз» (1975), «Падар» (1977), «Гаҳвораи Сино» (1980), «Ситораи Исмат» (1990), «Аз Бесутун то кунун» (1993), «Ҳамосаи дод» (2002), «Оинаи беғубори ман» (2002), «Меҳри сипеҳр» (2007) ном маҷмуаҳо ва достонҳои М. Қаноат пайдарпай ба табъ расидаанд.

М. Қаноат силсилаи шеърҳо низ эҷод кардааст. Силсилаи шеърҳои «Созҳои Шероз» аз шеърҳои «Тахти Ҷамшед», «Зоиндарӯд», «Саҳар аз хилвати худ», «Чӣ маст мегузарӣ», «Маро гуфтӣ», «Надонам» фароҳам омадааст. Силсилаи шеърҳои Покистон аз се шеър («Хиёбони Иқбол», «Сафар ба Маҳинҷадара», «Меравам») ва силсилаи шеърҳои Афғонистон аз чор шеър («Инқилоби Савр», «Рӯзгорони баланд», «Субҳи мурод», «Сарваре») иборат мебошанд. Соли 2005 дар рӯзномаи «Адабиёт ва санъат» силсилаи рубоиёти адиб бо номи «Роҳи абрешим» чоп гардид, ки дар он масъалаи роҳсозии Тоҷикистон мавриди тасвири бадеӣ қарор гирифтааст:

Моем ниҳода сина бар синаи санг,
Ҷӯем таҷаллие зи оинаи санг.
Мо санг шудему санги мо об нашуд,
Аз меҳри гияҳ амону аз кинаи санг.

Соли 1977 шоир барои достонҳои «Сурӯши Сталинград» ва «Тоҷикистон – исми ман» сазовори Ҷоизаи давлатии Иттиҳоди Шуравӣ гардид. Соли 1980 М. Қаноат барои достони «Гаҳвораи Сино» бо Мукофоти ҷумҳуриявии ба номи Рӯдакӣ қадр карда шуд.

Соли 1982 «Осори мунтахаб»-и М. Қаноат дар ду ҷилд дастраси хонанда гардид, ки он шеърҳо ва тарҷумаҳои шоирро дар бар

кардааст. Фаъолияти тарҷумонии адиб аз давраи аввали эҷодиёти ӯ оғоз гардида, мунтазам давом меёбад. Хонандаи тоҷик як қатор асарҳои А. С. Пушкин, Вилям Шекспир, Фридрих Шиллер, Генрих Гейне, Адам Митскевич, Робиндронат Такур, Мӯсо Ҷалил барин адибони шинохтаи ҷаҳониро дар тарҷумаи М. Қаноат мутолиа кардааст. Тарҷумаҳои шоир ҳунармандона буда, дар онҳо хусусият ва табиати шеъру забони тоҷикӣ нигоҳ дошта шудааст. Чанд мисраъ аз «Гарди хок» ном шеъри шоири барҷастаи ҳинд Робиндронат Такур дар тарҷумаи М. Қаноат:

Ҳам рӯйи замину ҳам дили кӯҳ зебост,
Ҳам хоки сияҳ, ки дояи неъматҳост.
З-он пеш, ки оташам мирад, сард шавам,
Дар назди ғубори ин замин гард шавам...

Шодам, ки аз ин ҳаёти бигзаштаи ман
Як ҷавҳари асл ҷовидон мемонад.
Ман ҷинси абадият шавам, хок шавам,
Як гарди замини ҷовиди пок шавам.

Аксари шеърҳо ва достонҳои М. Қаноат ба забони русӣ тарҷума шуда, дар нашрияҳои Маскав ба табъ расидаанд. Ҳамчунин, намунаи ашъори шоир ба як қатор забонҳои бонуфузи ҷаҳон, аз ҷумла ба забонҳои англисӣ, фаронсавӣ, испанӣ, арабӣ тарҷума шудаанд. Қисмате аз ашъори шоир дар саҳифаҳои матбуоти ҷумҳуриҳои исломии Эрон ва Афғонистон чоп гардидаанд. Соли 1994 нашриёти «Алҳудо»-и Ҷумҳурии исломии Эрон баргузидаи ашъори М. Қаноатро пешкаши хонандаи форсизабон намуд.

Ҳамчунин, Муъмин Қаноат оид ба масъалаҳои гуногуни адабӣ мақолаву тақризҳо навишта, дар ҷамъомадҳои бонуфузи фарҳангӣ суханрониҳои пурмуҳтаво намудааст. Алҳол зиёда аз панҷоҳ мақолаи илмӣ ва публитсистии адиб ба табъ расидаанд.

Муъмин Қаноат шоири мутафаккир аст. Дар бораи ҳар як шеър ё достонаш муддати зиёде андеша карда, тамоми паҳлуҳои шаклӣ ва мазмунии онро дар майнааш мепазонад ва баъд онро дар шакли мукаммал ба рӯйи коғаз меорад. Аз ҷумла, достони «Сурӯши Сталинград» аз соли 1965 то соли 1970 дар тафаккури шоир кор хӯрда, дар муддати як-ду моҳ навишта шудааст.

Қисми зиёди шеърҳои лирикии шоир дар давраи аввали эҷодиёти ӯ таълиф гардидаанд. Ҷолиб аст, ки панҷоҳ дарсади шеърҳои лирикии шоир то синни сисолагии ӯ навишта шудаанд.

Фаъолияти достоннависии адиб аз соли 1964 оғоз гардида, торафт инкишоф меёбад. Охирин достони шоир – «Масъуднома» соли 2006 таълиф ёфтааст.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Оид ба айёми тифлӣ ва мактабхонии М. Қаноат маълумот диҳед.
2. Дар бораи фаъолияти кории шоир чӣ медонед?
3. Адиб ба кадом мамлакатҳои дунё сафар кардааст?
4. М. Қаноат ба шеърнависӣ кай майл намудааст ва аввалин шеърҳояш чӣ гуна ба табъ расидаанд?
5. Маҷмуаҳои шоирро номбар кунед.
6. Дар бораи фаъолияти тарҷумонии М. Қаноат маълумот диҳед.
7. Муносибати шоир ба кори эҷодӣ чӣ гуна аст?
8. Адиб ба кадом ҷоизаҳои давлатӣ мушарраф гардидааст?

## АШЪОРИ ҒИНОӢ

**Жанрҳои шеърӣ**

Дар эҷодиёти Муъмин Қаноат ашъори ғиноӣ (ё лирикӣ) мавқеи босазо дорад. Шеърҳои ғиноии шоир ҳам дар жанрҳои суннатии назми тоҷик, чун ғазал, мустазод, маснавӣ, рубоӣ, қитъа, мураббаъ, мусаллас ва ҳам дар қолабҳои нави шеърӣ суруда шудаанд.

Дар давраи аввали эҷодиёти М. Қаноат жанри маснавӣ аз ҷиҳати миқдор дар ҷойи аввал меистад. Шоир ин шакли шеъриро дар ифодаи мавзуъҳои гуногун бомаҳорат истифода кардааст. Ӯ дар шеъри «Пири гулфурӯшон» манзараи як гӯшаи назаррабои диёри Тоҷикистонро чунин тасвир намудааст:

Кӯҳи Варзобро чӣ даврон аст,
Гӯиё пири гулфурӯшон аст.
Ҷомаи беқасаб ба бар дорад,
Локии[1] шоҳӣ дар камар дорад.
Саллаи суф гирди сар дорад,
Сабади гул ба пеши бар дорад.

1 Локӣ — миёнбанд.

Шоир дар ифодаи фикр аз жанри маснавӣ (қофияи аа, бб, вв), радиф (такрори калимаҳои ***аст*** ва ***дорад***) ва санъати ташбеҳ (ба пири гулфурӯшон монанд кардани кӯҳи Варзоб) истифода кардааст. Таркибҳои ***ҷомаи беқасаб***, ***локии шоҳӣ, саллаи суф*** ва ***сабади гул*** чун сабаби монандӣ руҳи миллии тасвирро таъмин кардаанд ва хонанда аз ин шеър намунаи табиати сеҳрангез ва баҳори кӯҳистони тоҷикро бо тамоми рангорангӣ ва дилрабоӣ пеши назар меорад.

Жанри мустазод низ дар давраи аввали эҷодиёти М. Қаноат васеъ истифода мешавад. Шоир навъҳои гуногуни мустазодро ба кор мебарад: баъди як мисраъ, як байт ё се мисраъ аксаран як мисраи кӯтоҳ илова мешавад. Ин мисраи иловагӣ мазмуни мисраъҳои комилро такмил дода, боиси возеҳии тасвир мегардад. Маҳорати нигорандагии шоир, махсусан дар мустазодҳои «Аҳсант ба одам», «Садди назар», «Ба ҳаводори забони тоҷикӣ» бармало эҳсос мешавад. Шеъри «Ба ҳаводори забони тоҷикӣ» дар ниҳояти содагӣ ва самимият эҷод гардидааст. Мисраъҳои иловагии «ҳамчу шири модар аст», «чунки меҳри модар аст», «дӯст медорам варо» баёнро боз ҳам диққатҷалбкунанда ва хотирмон намудаанд:

Қанд ҷӯйӣ, панд ҷӯйӣ, эй ҷаноб,
Ҳар чӣ меҷӯйӣ, биҷӯ.
Бекарон баҳрест, гавҳар беҳисоб,
Ҳар чӣ меҷӯйӣ, биҷӯ.
Форсӣ гӯйӣ, дарӣ гӯйӣ варо,
Ҳар чӣ мегӯйӣ, бигӯ.
Лафзи шеъру дилбарӣ гӯйӣ варо,
Ҳар чӣ мегӯйӣ, бигӯ.
Баҳри ман танҳо забони модарист,
Ҳамчу шири модар аст.
Баҳри ӯ ташбеҳи дигар нест, нест,
Чунки меҳри модар аст.
З-ин сабаб чун шӯхиҳои дилбарам
Дӯст медорам варо,
Чун навозишҳои гарми модарам
Дӯст медорам варо!

Дар мустазоди мазкур забони тоҷикӣ чун манбаи панду ахлоқ, лаззатҳои маънавӣ ва соҳиби неруи созанда тавсиф ёфта,

дар айни ҳол ягонагии таърихии забонҳои тоҷикӣ, форсӣ ва дарӣ низ таъкид гардидааст.

Аз қолабҳои нави шеърӣ дар эҷодиёти М. Қаноат шеърҳои бандҳояшон чаҳормисраӣ ё чаҳорпора серистеъмол мебошанд. Бандҳои чунин шеърҳо чор тарзи қофия доранд: 1. аааа, 2. ааба, 3. аабб, 4. абвб. Шоир, баъзан, дар як шеър тарзҳои гуногуни қофияи мазкурро истифода кардааст. Аз ҷумла, дар шеъри «Кӯҳи маъшуқ», ки ба хотираи шоири рус М.Ю. Лермонтов (1814 – 1841) бахшида мешавад, ду тарзи қофия истифода шудааст:

Чун шишаи қалби поки ***шоир*** **–** а
Бар санги ҷаҳолати ***замон*** зад.– б
Як олами ишқ аз дили ***ӯ*** **–** в
Афтиду ба хок бо ***фиғон*** зад.– б
Ишқи кули[1] он замони ***нопок***–а
Дар ин дили шоири ***ҷавон*** буд. – б
Сад ҳайф, ки ин дақиқа дар ***хок*** **–** а
Афканда муҳаббати ***замон*** буд. – б

Ҳамчунин, дар эҷодиёти М. Қаноат шеъри озод, ки дар он баробарвазнии мисраъҳо ва қофияи онҳо ба таври қатъӣ риоя намешавад, низ мавқеъ дорад.

**Мундариҷаи ашъор**

Шеърҳои М. Қаноат дар ду давраи аз нигоҳи сиёсӣ фарққунанда эҷод шудаанд. Шоир ба муҳимтарин масъалаҳои ҳаёти инсонӣ, аз ҷумла ба мавзуъҳои ишқу муҳаббат, зан ва фаъолияти иҷтимоию тарбиявии ӯ, Ватан ва ҳимояи он, сулҳу дӯстӣ, забон ва фарҳанги миллӣ, ахлоқи ҳамидаи инсонӣ, масъалаҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва байналхалқӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Қисмате аз ин мавзуъҳо дар шеърҳои «Обшор», «Нарав, қуи сафеди ман», «Дар паноҳи шохсорон», «Давоми нек роҳатро», «Гули бодом» ҳалли бадеии худро ёфтаанд.

Дар шеъри тасвирии «Обшор», ки аз ёздаҳ банди семисраъгӣ иборат аст, ҳунари шоирии М. Қаноат ба таври барҷаста ошкор гардидааст. Махсусан, тасвири ҳусну ҷамол, нозу карашма ва ҳаракату хироми дилбар басо табиӣ, самимӣ ва гуворо буда, хонандаро ба ваҷд меорад:

1 Кул(л) — бо талаби вазни шеър бо як «л» навишта шуд.

Дорӣ ба ёд лаҳзае, марғуб манзаре,
К-омад ба об субҳидам он куртапарпарӣ,
Пойи бараҳна рӯйи гул он чӯҷаи парӣ?

Мӯйи сиёҳ бар қади мавзун чу обшор,
Чашме чу чашмаи сафо, рӯйе чу навбаҳор,
Қадде ба мисли шаршара ларзону беғубор...

Моҳияти тасвирии шеърро ташбеҳ, истиора ва тавсифҳои табиӣ боз ҳам афзудаанд. Шоир, аз ҷумла, мӯйи дарози маҳбубаро ба обшор ва қомати мавзуни ӯро ба шаршара нисбат додааст.

Шеърҳое, ки ба шахсиятҳои воқеӣ бахшида шудаанд, баъзан аз лиҳози баён тафсил меёбанд. Қаҳрамони лирикии шеъри «Гули бодом» иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ Саидаҳмад Каримов мебошад. Дар ҳаҷми 17 банди шашмисраӣ ҳусни таваҷҷуҳ ва рағбати Каримов ба аспи дӯстдоштаи худ баён мегардад. Човандози хатлонӣ ин аспро аз Ҳисор гирифта, ба он Гули бодом ном мениҳад ва ҳар ду се баҳору се зимистон роҳи душвори ҷангро тай намуда, душманро ба лонаи худ бармегардонанд. Мутаассифона, асп дар бешазорҳои канори Одер[1] тир мехӯрад ва човандози хатлонӣ маҷбур мешавад, ки минбаъд роҳашро бе Гули бодом идома диҳад.

Дар ин шеър Гули бодом ҳамчун дӯсти содиқ ва такягоҳи беминнати инсон самимӣ ва муассир тасвир ёфтааст. Маҳорати ҷангии Гули бодом Рахши Рустамро ба хотир меорад. Асп нисбат ба душман беамон аст ва чун туфон қувваи бузурги пахшкунанда дорад, дар айни ҳол рафтори ин ҳайвони безабон барои инсонҳо пандомӯз аст:

Агар душман ба по бошад,
Зи рӯяш хез мекардӣ.
Агар афтода бошад, зер не,
Парҳез мекардӣ.
Аҷаб рафтори пандомез мекардӣ,
Гули бодом!

Дар охири ҳар банд чун мухотаб такрор ёфтани таркиби ***Гули бодом*** қувваи ифоданокии матнро меафзояд. Махсусан, навҳаи қаҳрамони лирикӣ бар марги Гули бодом чун марсияи пурсӯзу гудоз аз садоқат ва меҳру муҳаббати инсон ба ҳайвоноти вафодор

1 Одер — дарё дар Аврупои Ғарбӣ, ки аз сарзамини Германия низ мегузарад.

дарак медиҳад. Ба фоҷиаи инсонӣ баробар кардани марги аспи дар майдони корзор саҳмдошта ҷавононро водор мекунад, ки қадру қимати амали некро бештар эҳсос намоянд:

Чу одам гиря кардӣ,
Чашм пӯшидию ларзидӣ,
Ҷаҳонро лолагун дидию хандидӣ,
Маро ду пой бубридӣ,
Гули бодом!
Кушо чашмони бодомӣ,
Бубин, дар пеш як дарё,
Бубин, дар пушт як дунё,
Бихез аз ҷо, бихез аз ҷо!
Намур, эй муждаи гулҳо,
Гули бодом!

Муносибати шоир ба масъалаи миллию нажодӣ дар шеъри «Тахти Ҷамшед» (аз силсилаи шеърҳои «Созҳои Шероз») боз ҳам возеҳтар ба мушоҳида мерасад. Шоир дар қисмати аввал ба садоқати бепоёни худ ба духтари тоҷик ишора карда, баъд таассуроти сафарашро баён менамояд:

Кунун дар Қасри Доро[1] ҷоми Ҷамшед[2] аст
дар дастам,
Зи бӯйи бодаю мӯйи бути Шероз сармастам,
Лабамро бар лабони оби Рукнобод[3] пайвастам,
Ба рӯят лаҳзае оҳиста дар бастам.

Қаҳрамони лирикӣ аз дидан ва тамошои Қасри Доро, тахти Ҷамшед, оби Рукнобод, бути Шероз, ки ба таърихи ниёгони ӯ пайвастагӣ доранд, ба ваҷд меояд ва як лаҳза худро дар олами пурасрори дерин эҳсос менамояд. Дар шеъри «Тахти Ҷамшед» шукӯҳу шаҳомати гузаштагон ва пайванди ногусастании онҳо ба ҳамзамонони мо дар пояи баланди миллӣ тасвир гардидааст.

Хулоса, ашъори ғиноии М. Қаноат ба қалбу руҳи хонанда таъсир расонда, ӯро ба дӯстдорӣ, худшиносӣ, ватанхоҳӣ ва покию некукорӣ ҳидоят мекунад.

1 Доро — номи подшоҳи сулолаи Ҳахоманишиён (558—330 то м.).

2 Ҷамшед — чорумин подшоҳ аз силсилаи Пешдодиён.

3 Рукнобод — номи ҷӯйе дар Шероз.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. М. Қаноат ба кадом жанрҳои ғиноии суннатӣ шеър эҷод кардааст?
2. Шеъри «Пири гулфурӯшон» дар кадом жанр таълиф гардидааст?
3. Оид ба хусусияти бадеии шеъри «Ба ҳаводори забони тоҷикӣ» маълумот диҳед. Онро аз ёд кунед.
4. Аз шаклҳои нави шеърӣ шоир бештар кадом қолабро писандидааст ?
5. Мавзуъҳои шеърҳои лирикии шоирро номбар кунед.
6. Шеъри «Гули бодом» ба кадом муносибат навишта шудааст?

## ДОСТОНҲОИ МУЪМИН ҚАНОАТ

Нахустин асари калонҳаҷми Муъмин Қаноат – «Мавҷҳои Днепр» маҳсули сафари шоир ба Украина (1962) мебошад. Ин асар аз ҷиҳати жанр достони лирикӣ буда, аз қисматҳои оғоз, ҳашт фасл («Мавҷи нур», «Мавҷ дар пешонаи поки Тарас»[1], «Мавҷ дар саҳро», «Мавҷи одам», «Мавҷи пӯлод», «Мавҷи суруд», «Мавҷи ханда», «Мавҷи бародарӣ») ва анҷом иборат аст. Муъмин Қаноат вожаи мавҷро чун воситаи ҳампайвандиву ягонагии фаслҳои асар истифода кардааст. Чунин образҳои рамзӣ дар достонҳои минбаъдаи шоир низ истифода шуда, чун нишонаи асосии услуби эҷодиёти ӯ қарор гирифтаанд.

Асари дувуми калонҳаҷми нависанда «Достони оташ» ном дошта, аз оғоз, шаш фасл ва анҷом иборат мебошад ва вожаи нур образи рамзиест, ки фаслҳои асарро ба ҳам мепайвандад: 1.«Нур дар зулмот». 2. «Нури саҳар». 3. «Нур дар роҳ». 4.«Нур дар қуллаҳо». 5. «Нур дар пойи мазор». 6. «Нур дар дарё». Ин достон асари иҷтимоии таърихӣ мебошад. Шоир дар он таърихи сохтмони истгоҳи барқии Норак ва зиндагии гузаштаву кунунии мардумонашро ба қалам додааст. Дар достон чун байти зерин тасвирҳои ҷолиб бисёранд:

Дина дар ин ҷо ба лабҳо ханда буд,
Ғусса аз завқи ҳама шарманда буд.

Муъмин Қаноат баъди достонҳои «Китобҳои захмин» ва «Сурӯши Сталинград» достони «Тоҷикистон – исми ман» (1974)-

1 Шоири украин Тарас Григоревич Шевченко (1814—1861) дар назар аст.

ро менависад. Достон аз сарахбор ва панҷ нақш (боб) иборат мебошад. Дар ин асар сухан аз тақдири халқи тоҷик меравад:

Замин дар зери суми аспҳои турку тозӣ буд,
Ва ин рӯбоҳи румиро[1] ба думи шер бозӣ буд.

Достони «Падар» аз 255 байт иборат аст. Асар аз достонҳои пешинаи шоир аз ҷиҳати тарзи баён фарқ дорад ва дар шакли маснавӣ (аа, бб, вв...) суруда шудааст:

Осмон ҳамчу ташти зар будӣ,
Вақт вақти ситорапар будӣ.

Мавзуи достон воқеаҳои таърихии ибтидои солҳои 20 ва макони амалиёт ҷойи таваллуди шоир – деҳаи Курговад ва атрофи он мебошад. Образҳои асар – Диловар, Ғайратшоҳ ва Қаноат (падари шоир) ҳар кадом дорои симои ба худ хос буда, дар ҳалли масъалаҳои асосии асар саҳм мегиранд.

Достони «Гаҳвораи Сино» ба муносибати ҷашни ҳазорсолагии мутафаккири оламшумули тоҷик Абуалӣ ибни Сино эҷод гардидааст. Он аз оғоз, даҳ «Мушкилот» (боб) ва анҷом («Ҳалли мушкилот») иборат мебошад. Дар ин достон шоир бори аввал аз мавзуи замон дур рафтааст ва бо равиши достонсароии гузашта як асари санъаткорона ва ҳакимона офаридааст.

Соли 1990 достони «Ситораи Исмат» ба табъ расид, ки он аз рӯзгор ва корномаи ҷангии Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ Исмат Шарифов (1915 – 1944) баҳс мекунад. Ин достон аз се боб ва хотима иборат аст. Шоир тавассути тасвирҳои барҷастаи бадеӣ хонандаро ба раҳму шафқат ва ахлоқи ҳамидаи инсонӣ хидоят менамояд.

Достони «Ҳамосаи дод» ҳангоми мусофирати шоир дар шаҳрҳои Алмаато ва Бишкек таълиф гардида, бори аввал соли 1999 дар маҷаллаи «Симурғ» дар Теҳрон ба табъ мерасад. Достон аз оғоз, ҳафт боб, ду фасл ва анҷом иборат мебошад ва воқеаҳои нангини Тоҷикистонро дар солҳои 1992 – 1994 инъикос менамояд. Дар ҳафт боби достони «Масъуднома» (2006) кору пайкор, адолатхоҳиву озодандешӣ ва ишқу армони Қаҳрамони миллии Афғонистон Аҳмадшоҳи Масъуд тавассути рамзу тамсил басо воқеъбинона ва муассир тасвир ёфтааст.

---

1 Рӯбоҳи румӣ — вазири ҳарбии собиқи Туркия Анварпошшо (вафот 1922) дар назар аст.

**«Китобҳои захмин»**

Достони «Китобҳои захмин» аз ҳафт фасли беунвон иборат мебошад. Достон ба тасвири мактаби деҳа дар айёми Ҷанги Бузурги Ватанӣ оғоз меёбад. Ногоҳ муаллима омада ба шогирдон хабари ба ҷанг рафтани муаллимро мерасонад ва таъкид мекунад, ки ӯ ба ҷойи шавҳараш низ дарс медиҳад. Муаллима талабагони чор синфро дар як синфхона ҷамъ оварда, ба дарс шурӯъ мекунад. Бо вуҷуди худро ба даст гирифтан вазъи ногувори муаллима аз чашми мактаббачагон пинҳон намемонад:

Аз ин тахта ба он тахта муаллима[1] гузар мекард,
Ба як соат зи худ мерафт,
Оламро сафар мекард.
Миёни тахтаҳову бачаҳо озод меболид,
Зи рӯйи лутф механдид,
Даруни сина менолид.

Дар боби сеюми асар лаҳзаи аз ҳамсари ҷанговараш мактуб гирифтани муаллима тасвир мешавад. Муаллима як пагоҳӣ шоду хандон ба мактаб меояд ва мактуби сегӯшаеро назди шогирдон мехонад. Муаллим ба ҳамсари маҳбуб ва шогирдони азизаш салом фиристода, ба ёди онҳо будан ва дар назди Ленинград мардонавор ҷангиданашро ёдрас шудааст.

Мактаббачагон ҳам аз меҳр ба муаллими азизашон мактуби ҷавобӣ менависанд ва илтимос мекунанд, ки муаллим ба онҳо китоби нав фиристад. Дар боби панҷум аз Ленинград китоб фиристодани муаллим тасвир гардидааст:

Китоб омад,
Ба ҷӯйи хушк об омад.
Ва ҳар кас бо китоби тоза саргардон,
Намуда з-аввалу охир варақгардон:
Дар онҳо бӯйи аскар буд,
Захми тиру ханҷар буд.

Мактаббачагон ин китобҳои захминро бо шавқу завқ мутолиа мекунанд, саводнок мешаванд ва мактубҳои омадаро назди падару модар ва хешовандон мехонанд.

1. Мувофиқи қоидаи имлои нави забони тоҷикӣ (2021) ҷинсияти калимаҳои иқтибосӣ ба ҳисоб гирифта намешавад. Калимаи **муаллима,** бинобар дар матни достон истифода шуданаш, тағйир дода нашуд.

Дар боби VI муаллима аз майдони ҷанг хатти сиёҳ[1] мегирад ва ба марги шавҳари ҷавонмаргаш навҳа мекунад. Хатти сиёҳ ба дасти мактаббачагон меафтад. Онҳо он хатти манҳусро пора-пора карда, китобҳои захминро чун ёдгории муаллим ба рӯйи сина пахш менамоянд. Дар қисмати хотимавӣ шоир сабаби таълифи китобро чунин ёдовар шудааст:

Ба ёди рӯзҳои рафтаю монда,
Ба ёди номаҳои ишқи нохонда,
Ба ёди захмҳои дар ҷигар монда,
Ба ёди мурдаҳои дар сафар монда,
Ба ёди ҳар ду устодам
Зи дунёи дарунам роз бикшодам.

Дар достони «Китобҳои захмин» тасвирҳои рангорангу диққатҷалбкунанда бисёранд ва ин тасвирот дар ифодаи равшану возеҳи вазъи мактабу мактаббачагон, муаллимони замони Ҷанги Ватанӣ ва дигар мушкилоти зиндагии он айём саҳми муносиб доранд.

**Образҳои асар**

Дар асар, пеш аз ҳама, симои муаллима ба назар мерасад. Ӯ баъди ба ҷанг рафтани шавҳараш бори зиндагиро мардона ба дӯш мегирад ва кӯшиш мекунад, ки ғаму шодӣ ва вазъи ноҳинҷори худро аз шогирдон пинҳон дорад. Вале шогирдони кунҷков ба хурдтарин тағйироти ҳолати руҳии муаллима эътибор медоданд ва аз ҳар дигаргунии симои устод рамуз мегирифтанд. Шоир вазъияти муаллимаро баъди дар назди шогирдон хондани аввалин мактуби шавҳари ҷанговараш чунин ба қалам додааст:

Муаллима табассум кард, аз чашмони хандонаш
Бурун омад сиришки дона-дона мисли марҷонаш.
Касе дар рӯйи коғаз муҳраро дидаст, медонад,
Аз ин сурху сафедӣ номаи душвор мехонад.
Нахустин бор дидам гиряи талхи худоёнро[2],
Баландиҳои инсонро,
Сукути абру боронро.

---

1 Хатти сиёҳ — хатти азо нисбат ба қурбон шудани аскарон.

2 Худоён — ин ҷо: шахсони баландмартаба.

Санъатҳои бадеии ташбеҳ, тазод ва муболиға ифоданокии тасвирро афзун намудаанд. Сиришки муаллима ба марҷон ва муҳраҳои рӯйи коғаз монанд шудааст. Ашке, ки аз чашмони хандони устод баромадааст, гиряи талхи худоёнро ба хотир меорад. Ва ин гиряи талх қадри устодро назди шогирдон боз ҳам афзудааст.

Дар достони «Китобҳои захмин» ҳаёти мактаббачагон низ табиӣ ва самимӣ тасвир ёфтааст. Рӯзҳои вазнини ҷанг хурдсолонро водор намуд, ки дар паҳлуи калонсолон қарор гирифта, дар ғаму шодии онҳо шарик бошанд. Хусусан, хабари ба ҷанг рафтани муаллим ба қалбу руҳи кӯчаки мактаббачагон таъсири манфӣ расонд:

Ва духтарҳо газида рӯймоли заргарониро,
Фурӯ бурданд фарёди аёниро.
Писарҳо – чӯҷаҳои навпари шаҳбоз
Фурӯ монданд аз парвоз.
Нахустин дарси мо бо ин сабақ сар шуд,
Варақҳо – боли ширкафтар ҳама тар шуд,
Сабақҳо бастаю парвозҳои мо таҳи пар шуд,
Кашида занг овози ҳазину дарс дигар шуд.

Вале даҳшату наҳсии ҷанг иродаи бачагони деҳаро батамом шикаста натавонист. Онҳо худро ба шароити давраиҷангӣ мувофиқ карда, аз имкониятҳои андаки дилхушӣ истифода мебурданд. Аз ин ҷиҳат, тасвири лаҳзаи бозии мактаббачагон дар байни дарсҳо ҷолиби диққат аст. Бозӣ аксаран «муҳорибаҳои ҷангӣ» буд. Мактаббачагон овози занги баромадро бонги хатар тасаввур карда, дартоз ба саҳни мактаб мебароянд ва ба ду ҷабҳа ҷудо шуда, ба «шамшерзанӣ» мепардозанд. Дар ин «ҷангҳо», албатта, «аскарони шуравӣ» ғалаба мекарданд ва онҳо «фашистони истилогар»-ро ҷазо медоданд. Ин тасвир айёми бачагии падаронро пеши рӯйи фарзандон меорад, ки хеле ҷолиб ва омӯзанда аст.

Достони «Китобҳои захмин» заминаи воқеӣ дорад. Шуъбаи ленинградии Нашриёти давлатии Тоҷикистон дар солҳои сиюм ва аввали солҳои чилум ба забони тоҷикӣ китобҳои зиёд ба табъ расондааст. Шаҳри Ленинград дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ 900 рӯз дар муҳосира қарор дошт. Табиист, ки дар қатори китобҳои дигар китобҳои фиристодаи муаллим низ аз тири душман захмин гашта буданд. М. Қаноат ҳамин хотираи айёми бачагиашро ба риштаи назм кашидааст.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Достонҳои М. Қаноатро номбар кунед.
2. Нахустин асари калонҳаҷми шоир кадом аст?
3. «Достони оташ» чӣ гуна асар мебошад?
4. Чаро шоир яке аз достонҳояшро «Ҳамосаи дод» ном ниҳодааст?
5. Кадом образҳои «Китобҳои захмин»-ро медонед?
6. Дар ин асар ҳаёти мактаббачагон чӣ гуна тасвир ёфтааст?
7. Оид ба заминаи воқеии достон маълумот диҳед.

## ДОСТОНИ «СУРӮШИ СТАЛИНГРАД»

**Мундариҷаи достон**

«Сурӯши Сталинград» солҳои 1965 – 1970 эҷод гардида, бори аввал соли 1972 ба табъ расидааст. Ин асар ба шадидтарин муҳорибаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ – муҳорибаи Сталинград[1] бахшида шуда, аз оғоз, ҳашт сурӯш[2] ва хотима («Сурӯши модарон ва фарзандон») иборат мебошад. Шоир достонро бо эпиграф – сухани ходими ҷамъиятии Испания Долорес Ибаррури (1895 – 1989), ки «барои ман агар дар бораи шаҳре сухан гуфтан муҳол бошад, он шаҳри Сталинград аст» гуфта буд, шуруъ менамояд. Ҳамчунин, дар охири ҳар боб (ғайр аз боби ҳаштум ва хотима) аз дафтари хотираи як сарбози немис порчаҳо оварда мешавад.

Дар оғози асар М. Қаноат суханро васфу ситоиш менамояд. Шоир аз каломи бадеъ тамкину устуворӣ, қудрати ҷонофарин ва дили сарбоз доштанро таманно мекунад, то ки «дар равони мурда ҷон оварда» дуои модаронро гирад:

Суханро вазну тамкини замин бояд,
Суханро қудрати ҷонофарин бояд,
Дили сарбозу мисли ту камин бояд,
Замини ман,
Ки дастони туро хонад...
Сухан бояд раҳи тақдирро гирад,
Дуои модарони пирро гирад,
Ки бо ҳикмат дами шамшерро гирад,
Ба нимовоз эъҷози туро гӯяд.

---

1 Муҳорибаи Сталинград аз 17.07.1942 то 2.02.1943 давом кард.

2 Сурӯш — фаришта, малоика; пайғом аз ғайб.

Муъмин Қаноат сурӯши якумро «Замин» ном ниҳодааст. Замин ҷойи таваллуд, макони зиндагӣ ва шарики шодию ғами инсон мебошад. Шоир аз санъати ташхис истифода карда, заминро ба сухан даровардааст. Замин худро гаҳвораи фарзанди одам меномад ва таъкид мекунад, ки ин ҳама ғамхориву меҳрубониҳои модаронаи ӯ барои хушбахтӣ ва зиндагии осудаи инсон аст. Бадбахтона, аз Ғарб фарзандони нолоиқе пайдо шудаанд, ки ба қадри меҳрубониҳои модар нарасиданд. Сухани замин дар охир оҳанги имдодталабона мегирад:

Ба ҳам часпид лабҳоям,
Диҳедам косаи обе...
Диҳедам косаи обе,
Ки бе хуни ҷигар бошад!..
Мадад, эй зодагони ман!
Ҳазар, эй қавмҳои ҷонситони ман...
Маро озод бинмоед,
Ман сайёраам[1],
Дар банд мемирам.

Тамсил дар боби дуюм бо номи «Дарё» идома ёфтааст. Дарё низ фарзанди замин аст ва фарёди имдодталабонаи модар – замин ӯро ба ҳимоя бармехезонад. Дар ин боб матлаби шоир, ки мубориза ву ҷонфидоӣ барои хоку оби Ватан мебошад, возеҳтар ифода меёбанд. Дарё чун як ҷузъи замин ба он пайванди ногусастанӣ дорад. Ин аст, ки аз фоҷиаи замин ба қаҳр омада бар зидди поймолкунандагони замин ба муборизa бармехезад ва чун Гурдофарид ҷавшани пӯлод ба бар мекунад. Дарё худро хоҳар ва ҷанговарони Ватанро бародар медонад ва бо тамоми ҳастӣ ба ин пайвандони ҳамхун мадад мерасонад. Ӯ дар зимистон яхбанд шудааст, то ки бори вазнини танку тӯпҳоро ба дӯш гирифта, хомӯшона ба соҳил гузаронад, ҷанговарони тирхӯрдаро дар оғӯш гирифта, монанди садаф дар синаи софаш ҷой диҳад ва ғайра.

Дар боби сеюм – «Маллоҳи[2] Баҳри Сиёҳ» тасвир аз кул(л) ба ҷузъ мегузарад. Шоир дар образи маллоҳи Баҳри Сиёҳ мардонагӣ ва шуҷоати ҷанговарони шуравиро барҷаста тасвир намудааст. Миша аз дарё гузаштан замон фармони «ба сӯйи танкҳо оташ!»-

1 Сайёра — ҳаракаткунанда.

2 Маллоҳ — киштирон, оббоз, шиновар.

ро мегирад ва аз саҳар то шом ба ҳамлаҳои пайдарпайи танкҳои душман истодагарӣ мекунад. Дар дасташ танҳо як шишаи тарканда монда буд. Ногоҳ рӯ ба рӯяш танкеро дар ҳаракат мебинад ва бо ҳамин шишаи тарканда ба муқобили танк мебарояд:

Вале таркид шиша дар сари дасташ,
Зи китфаш шуълае бархост монанди қаду басташ.
Шарар ҷони ҷавонаш сӯхт,
Нидои охиринро дар лабонаш сӯхт.
Саропо оташи зинда
Ба сӯйи танк метозад,
Ба ин дастур Данкоро[1] замоне зинда месозад...

Шоир шуълаи оташи ҷисми Мишаро ба шуълаи оташи дили Данко монанд карда, бо ҳамин қувваи беҳамтои ин шуълаи душманкушро таъкид менамояд. Дар ин лаҳзаи тасвир воқеа ба баландтарин нуқтаи шиддат мерасад ва хонанда қадру қимати Ватану меҳру садоқати ватандорро бармало эҳсос мекунад.

Боби «Матвей Путилов» давом ва инкишофи боби «Маллоҳи Бахри Сиёҳ» мебошад. Матвей Путилови алоқачӣ фармон мегирад, ки симҳои кандаро дарёфта, алоқаро барқарор намояд. Ӯ, ки як дасташ маҷруҳ буд, бо машаққат роҳи душвореро тай намуда, торҳои кандаро меёбад ва ҳангоми барқарор кардани алоқа дасти солимаш низ тир мехӯрад. Алоқачӣ бо азоб нӯгҳои симро ба дандон гирифта, лаҳзае алоқаро барқарор мекунад. Вале ҷисми тирхӯрдаи ҷавон тадриҷан фано мешавад. Андешаи вопасини Матвей, ки муассиру ҷонсӯз ба қалам омадааст, ормони кулли шаҳидони Ҷанги Ватанӣ мебошад:

Видоъ, ёрон!
Ба ҷойи ман
Шумо хандед,
Дил бандед,
Гул бӯйед,
Дил ҷӯйед,
Бибӯсед,
Об нӯшед аз лаби чашма,
Ки ман лабташнаам,
Ташна...

---

1 Данко — қаҳрамони ҳикояи М. Горкий – “Кампир Изергил”.

Аз боби панҷум самти ҳаракати воқеаҳо тағйир меёбад. М. Қаноат минбаъд ҳимояи модари ҷисмониро ба миён мегузорад ва ин масъаларо дар симои Робиа (аз «Сурӯши панҷум»), Аҳмад Турдиев (аз «Сурӯши шашум») ва момои Асал (аз «Сурӯши ҳафтум») мавриди тадқиқи бадеӣ қарор медиҳад.

Робиа, духтари соҳибҷамоли ҳисорӣ, дар рӯзҳои Наврӯз ба Аҳмад ном писар хонадор мешавад. Вале ҷанги хонумонсӯз имкон намедиҳад, ки ин ду дилдода аз дидори якдигар сер шаванд. Робиа ҳамроҳи хушдоманаш момои Асал баъди чанд рӯзи тӯй Аҳмадро ба ҷанг гусел мекунанд. Шоир ҳолати руҳӣ ва туғёни қалбии Робиаро дар охирин лаҳзаҳои васл тасвир намуда, дорои хислати наҷиб ва тимсоли ишқу муҳаббати инсонӣ будани ӯро таъкид намудааст. Мурочиати ӯ ба олиҳаи ҳусн – Зуҳраи осмон басо рамзӣ ва дилнишин мебошад:

Ту, эй Зуҳра,[1] кунун дар торҳои тираи мӯям
Бизан чанге, ки ман сози сухангӯям.
Барор оҳанги софи осмонӣ аз мани хокӣ,
Ки бахшам зумраи нопокро як зарраи покӣ!
Манам конунаи олам,
Манам сарманшаи одам!

Дар боби шашум таваҷҷуҳи хонанда боз ба муҳорибаи Сталинград ҷалб мешавад. Ҷанговари тоҷик Аҳмад Турдиев ҳамроҳи ёронаш «Хонаи Павлов»[2]-ро муҳофизат менамуданд. Дар он хона тифле ба дунё меояд ва ҷанговарон ба хотири ин навзод талош меварзанд, ки хона дигар ба дасти душман наафтад. Тифл, дар тасвири шоир, рамзи зиндагӣ мебошад ва дар хонаи валангор таваллуд шудани он гувоҳ бар он аст, ки ҳаёт дар ҳама шароит идома меёбад.

Шароити душвори Ҷанги Ватанӣ таъсири манфии худро ба тамоми сарзамин, аз ҷумла ба зодгоҳи Аҳмад Турдиев – деҳаи Синаи Ҳисор низ расонда буд. Момои Асал ва Робиа бесаробон монда буданд. Чунин вазъият махсусан барои Робиа, ки дар батнаш тифл мепарварид, тоқатфарсо буд. Шоир барои нишон додани сахтиҳои айёми ҷанг тазоди аҷиберо дар ҳаёти инсон нишон додааст: Аҳмад Турдиев дар «Хонаи Павловҳо»-и Сталинград

1 Зуҳра — сайёраи Ноҳид, ки онро мутриб фалак меноманд.

2 Хонаи Павлов — бино дар Волгоград, ки он ҷо шадидтарин муҳориба сурат гирифтааст.

тифли навзодеро «бо дастуру бо дастони мардона» ҳифз менамояд, аммо дар зодгоҳ ҳамсараш тифли мурда ба дунё меорад. Тасвири ғами модар басо ҷигарсӯз аст:

Кунун гаҳвораи бетифл чун тобут меҷунбид,
Ба маҳди кӯчаке дарди гарон бо зӯр меғунҷид.

Сурӯши охирин – «Василий Иванович Чуйков»[1] хусусияти ҷамъбастӣ дорад. Қаҳрамони лирикӣ ҷанги 200-рӯзаи Сталинград ва бо фатҳи ҷанговарони ватанӣ анҷом ёфтани ин муҳорибаро пеши назар меорад ва дар ин муддати тӯлонӣ бори аввал хандаи модарро мебинад:

Ту хандидӣ,
Агарчанде ки дар бар доштӣ пироҳани мотам,
Чу модар дидамат имрӯз аз фарзандҳо розӣ.

Хандаи модар рамзи идомаи ҳаёт ва бахти фарзандон аст ва ин ханда ҷангро маҳкум ва сулҳро ситоиш мекунад.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. «Сурӯши Сталинград» бо кадом эпиграф оғоз меёбад?
2. Достон кадом бобҳоро фаро мегирад?
3. Чаро бобҳои якум ва дуюм – «Замин» ва «Дарё»-ро бобҳои тамсилӣ номидем?
4. Дар бораи корномаи маллоҳи Баҳри Сиёҳ чӣ медонед?
5. Боби «Матвей Путилов» чӣ хел ҷамъбаст гардидааст?
6. Чаро боби охир «Василий Иванович Чуйков» ном дорад?

## САВОЛИ ТЕСТӢ

1. Шеъри «Ба ҳаводори забони тоҷикӣ» ба кадом жанри бадеӣ тааллуқ дорад?

   А) Қасида;
   Б) Қитъа;
   В) Ғазал;
   Г) Рубоӣ;
   Ғ) Мустазод.

---

1 В. И. Чуйков (1900 – 1982) маршали Иттиҳоди Шуравӣ, сарфармондеҳи армияи 62-юм.

# ЛОИҚ ШЕРАЛӢ

***(1941 – 2000)***



Шоири фарзонаро асру замон
Бар ниёзи хештан меоварад.
Модаре танҳо назояд шоире,
Халқ ӯро баҳри худ меофарад.

*(Лоиқ Шералӣ)*

**Зиндагинома**

Шоири халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи адабии ба номи Рӯдакӣ Лоиқ Шералӣ 20 майи соли 1941 дар деҳаи Мазори Шарифи ноҳияи Панҷакент ба дунё омадааст. Падараш – Шералӣ ва модараш – Заҳро аз аҳли маърифати ноҳияи Панҷакент ба шумор мерафтанд. Касби авлодии ин хонадон шикастабандӣ буда, ҳоло ҳам идома дорад[1].

Айёми тифлӣ ва бачагии Лоиқ ба рӯзҳои душвори Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва баъдиҷангӣ рост омад. Таҳсили ибтидоии Лоиқ дар зодгоҳаш гузаштааст. Соли 1954 мактаби ҳафтсолаи деҳаи Мазори Шариф ва соли 1958 Омӯзишгоҳи омӯзгориро ба итмом мерасонад. Соли 1959 ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон шомил мешавад.

Баъди хатми донишгоҳ Лоиқ дар вазифаҳои гуногун – муҳаррири шуъбаи адабии радио, корманди адабии рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» (ҳоло «Ҷавонони Тоҷикистон»), мудири шуъбаи назм ва сармуҳаррири маҷаллаи «Садои Шарқ», мушовири Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон фаъолият мекунад. Шоир аз соли 1991 то охири умр раиси Бунёди байналмилалии забони форсии тоҷикӣ буд.

1 Бародари Лоиқ — Қоришариф шикастабанди мумтоз аст.

Овозаи ҳунари Лоиқ зуд ба ҳавзаҳои адабии форсизабонон расид ва дар шахси Нодири Нодирпур, Аҳмади Шомлу, Бориқ Шафеӣ, Алиасғари Шеърдӯст, Нусрат Раҳмонӣ барин суханварони эронӣ ва афғонӣ дӯстон ва мухлисони зиёде пайдо намуд. Вазъи нобасомони ибтидои солҳои 90-уми асри XX дар зиндагии устод Лоиқ низ душвориҳо овард. 30 июни соли 2000-ум устод Лоиқ Шералӣ бар асари бемории сактаи дил ҷаҳонро падруд гуфт. Оромгоҳи шоир дар мазори Лучоби шаҳри Душанбе қарор дорад. Шеъри баландпояаш номи шоирро зиндаву ҷовид гардондааст:

Баъди мурдан ҳам дилам бебарг нест,
Интиҳои ман ҳамин як марг нест.
Марг агар қатъи равони ман бувад,
То куҷо қатъи ҷаҳони ман бувад!?
Ибтидои ман – деҳи хурди Мазор[1],
Интиҳои ман – ҷаҳони беканор.

**Мероси адабӣ**

Аввалин маҷмуаи ашъори Лоиқ «Сари сабз» унвон дошта, соли 1966 дастраси алоқамандон гардид. Баъд аз ин чунин китобҳои шоир пайи ҳам чоп мегарданд: «Илҳом» (1968), «Нӯшбод» (1971), «Соҳилҳо» (1972), «Хоки Ватан» (1975), «Резаборон» (1976), «Марди роҳ» (1979), «Вараќи санг» (1980), «Хонаи чашм» (1982), «Рӯзи сафед» (1984), «Хонаи дил» (1986), «Офтобборон» (1988), «Ману дарё» (1991), «Ҷоми саршор» (1991), «Дасти дуои модар» (1991), «Аввалу охири ишқ» (1994). «Фарёди бефарёдрас» (1997) охирин маҷмуаи ашъори устод Лоиқ аст, ки дар давраи дар қайди ҳаёт будани шоир ба табъ расидааст.

Маҷмуаи «Варақи санг» давраи аввали эҷодиёти Лоиқро ҷамъбаст менамояд. Давраи дувуми фаъолияти эҷодии шоир аз маҷмуаи «Хонаи чашм» оғоз шудааст. «Фарёди бефарёдрас» фарогири марҳалаи сеюм ва ниҳоии эҷодиёти устод Лоиқ мебошад.

Баъди вафоти Лоиқ маҷмуаи «Ангораҳо» (2001), «Девони дил» (2006), «Девони замон» (2011), «Дасти дуои модар» (2018) ва ҷилди аввали Куллиёти дуҷилдаи шоир чоп гардид. Дар ҷилди аввали Куллиёт (2001, 2008) танҳо шеърҳо[2] фароҳам омадаанд.

---

1 Мазор — деҳаи Мазори Шариф дар назар аст.

2 Лоиқ Шералӣ ба наср низ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, як қатор мақола, эссе, тақриз, пешгуфтор, мусоҳиба таълиф намудааст.

Маҷмуаҳои Лоиқ «Хоки Ватан» ва «Илҳом» бо ҳуруфи арабиасоси форсии тоҷикӣ чоп гардидаанд. Соли 1993 нашрияи «Алҳудо»-и Эрон китоберо бо номи «Гулчине аз ашъори устод Лоиқ Шералӣ» ва соли 1994 нашрияи Донишгоҳи Исфаҳон маҷмуаеро таҳти унвони «Дасти дуои модар» чоп карданд. Ҳамчунин, дар нашрияҳои адабии Маскав ва дигар марказҳои фарҳангии собиқ шуравӣ силсилаи шеърҳои Лоиқ бо забонҳои гуногун рӯйи чопро дидаанд.

Дар фаъолияти эҷодии устод Лоиқ тарҷума мавқеи арзанда дорад. Шоир шеърҳои Сергей Есенин, И. Гёте, А. Пушкин, Г. Гейне, В. Гюго, П. Неруда, Қ. Қулиев, Э. Межелайтис, М. Светлов, Р. Ғамзатов, Е. Евтушенко, А. Ковусов, Э. Воҳидов ва амсоли ононро ба забони тоҷикӣ тарҷума кардааст.

Шеъри Лоиқ Шералӣ ҳам дар қолабҳои суннатӣ, чун ғазал, қасида, маснавӣ, қитъа, рубоӣ, дубайтӣ, тарҷеъбанд, таркиббанд, мусаллас, фард ва ҳам дар шаклҳои нави шеърӣ, мисли чаҳорпора, шеъри озод, шеъри сафед, суруда шудааст.

**Жанрҳои суннатӣ**

Аз навъҳои суннатӣ дар эҷодиёти Лоиқ жанри ғазал мавқеи аввалдараҷа дорад ва миқдори умумии он дар ашъори шоир ба 406 мерасад. Лоиқ Шералӣ дар истифодаи шакли ғазал ба комёбиҳои эҷодӣ ноил гардид. Ғазалиёти Лоиқ аз ҷиҳати ҳаҷм гуногун буда, аз чор то сию шаш байтро фаро гирифтаанд, вале аксари ғазалиёти шоир аз шаш ё ҳафт байт иборат мебошанд:

Ишқ дар дил шуълаи субҳи саодат будааст,
Ошиқӣ эҳсоси бахшишҳои қисмат будааст.
Дар ҷавонӣ ишқ буду давлати дунё набуд,
Он ҳама бедавлатиҳо хуб давлат будааст.
Баски аз пойи равон мондем, ҳасрат мекунем,
Аз пайи хубон давидан ҳам ғанимат будааст.
Дар фалак ҷустан ситора санъат асту дар замин
Хештанро гум накардан ҳам санъат будааст.
Одамӣ баъд аз заволи умр мефаҳмад, ки умр,
Як назар бар осмон бо чашми ҳайрат будааст.
Беҳтарин ганҷе, ки одам ёфт, гар симу зар аст,
Беҳтарин ганҷе, ки гум кард ӯ, муҳаббат будааст.

Дар эҷодиёти Лоиқ баъди ғазал рубоӣ (403-то) ва дубайтӣ (770-то) мавқеи бузург доранд. Рубоӣ:

Ёрон ҳама ҷо, вале Ватан дар як ҷост,
Ҳар санги Ватан мисоли ҳайкал зебост.
Олам ҳама ҷо азиз, лекин бар ман
Модар яктост, Тоҷикистон яктост.

**Қолабҳои нави шеърӣ**

Аз қолабҳои нави шеърӣ Лоиқ бештар ба ***чаҳорпора*** таваҷҷуҳ намудааст. Чаҳорпора аз аввалин шеъри Лоиқ – «Ном» сар карда, дар ҳама давраҳои эҷодиёти шоир фаровон истифода шудааст. Дар бандҳои шеъри зерин қофияи якдармиён (абаб) дида мешавад:

Чу афтад ахтаре аз боми ***гардун***,–а
Чунин ёбам, ки афтод ***ахтари*** ман.– б
Дарахти пир чун афтод ***вожгун–***а
Бигӯяд фоли ҳоли ***модари*** ман.–б

Дар эҷодиёти Лоиқ ***шеъри озод*** низ мавқеи босазо дорад. Дар як қисмати ашъори шоир баробарвазнии мисраъҳо ва қофиябандии онҳо ба таври қатъӣ риоя намешавад. Бандҳо аз ҷиҳати миқдори мисраъҳо низ тағйир меёбанд. Вале дар ин гуна шеърҳо шоир аз қолиби вазни арӯз берун набаромадааст. Ду банди аввали шеъри «Вақт» чунин аст:

1. ***Рӯзҳо*** мегузаранд,
2. Рӯзҳо аз сари ***мо***,
3. Аз ***дили мо*** мегузаранд.
4. Хабари соати дидору ҷудоӣ дар лаб
5. Аз раҳи ***манзили мо*** мегузаранд.

1. Ба назар
2. Мо ҳама бояст зи умр
3. Судҳо ***бардорем***,
4. Бояд аз рӯз ба рӯз
5. Асаре ***бигзорем***,
6. Бояд аз рӯз ба рӯз
7. Боз ҳам бихраду ***солор*** шавем.
8. На чу дирӯза
9. Ба як қоида ***такрор*** шавем.

Ин шеър аз нуҳ банд иборат аст, дар ҳар банд миқдори мисраъҳо тағйир меёбад. Дар ҳар банд чун бандҳои боло (***рӯзҳо,***

***мо; дили, манзили; бардорем, бигзорем; солор, такрор***) қофия ба назар мерасад. Миқдори рукнҳо[1] дар ҳар мисраъ тағйир ёфтааст ва ҳатто як рукн дар ду мисраъ (мисраъҳои 2,3 банди аввал; мисраъҳои 1,2 ва 8,9 банди дувум) тақсим шудааст. Вале шеър ба вазни арӯз мувофиқати комил дорад. Дар ҳама мисраъҳо рукни аслӣ (фоилотун – V – –) ва рукнҳои иловагии (фаилотун VV – – ; фаилон VV ~ ; фаълан – – ) баҳри рамал мушоҳида мешавад.

Лоиқ Шералӣ дар қолаби ***шеъри сафед*** хеле кам шеър гуфтааст. Сабабаш ин аст, ки шеъри сафед дар вазни ҳиҷо суруда шуда, аз қофия озод мебошад ва ба мусиқӣ мувофиқат надорад.

Дар эҷодиёти Лоиқ Шералӣ силсилашеърҳо низ ҷойи муносиб доранд. Аз ҷумла, силсилаи шеърҳои «Илҳом аз «Шоҳнома» аз даҳ шеър иборат буда, таассуротест аз «Шоҳнома»-и безаволи Фирдавсӣ.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Лоиқ Шералӣ кай ва дар куҷо таваллуд ёфтааст?
2. Фаъолияти адиб баъди хатми Донишгоҳи омӯзгорӣ дар кадом муассисаҳо сурат гирифтааст?
3. Асарҳои Лоиқро номбар кунед.
4. Лоиқ асарҳои кадом адибонро тарҷума намудааст?
5. Жанри ғазал дар эҷодиёти шоир чӣ гуна мавқеъ дорад?
6. Дар бораи жанрҳои рубоӣ ва дубайтӣ дар эҷодиёти шоир чӣ гуфта метавонед?
7. Шакли чаҳорпора аз навъи суннатии мураббаъ чӣ фарқ дорад?
8. Ғазали «Ишқ дар дил шуълаи субҳи саодат будааст»-ро аз ёд кунед.

## МАВЗУЪҲОИ АШЪОРИ ЛОИҚ

Дар ашъори Лоиқ Шералӣ мавзуъҳои инсон, ишқ, ватан, модар, сулҳу ваҳдат, ҳаёти иҷтимоӣ, ахлоқ мақоми босазо доранд. Инсон дар нигоҳи шоир падидаи мураккабест, ки дар ниҳоди ӯ ҳамеша ду неруи ба ҳам зид – некӣ ва бадӣ дар набард аст ва муборизаи ин қувваҳо ботини инсонро ба дараҷаи донистанашаванда расондааст. Табиати пурихтилофи инсон дар рубоии зерин ба воситаи таъкиди мазмуну оҳанги калимаҳои **дил, забон ва нигоҳ,** инчунин, санъатҳои бадеии муболиға, тазоду тавсиф ҷолиб ба тасвир омадааст:

1 Рукн — ба порчаҳои тараннумӣ ҷудо кардани мисраъҳо.

Инсон ба назар дили мусаффо дорад,
Дар як дили худ ҳазор дунё дорад.
То нест забони ӯ забони дили ӯ,
Ҳар як нигаҳаш дусад муаммо дорад.

Шоир дар ин рубоӣ масъалаи ба ҳам мувофиқат кардани дилу забонро ба миён мегузорад. Ягонагии дилу забон ва ростиву ростскорӣ нишонаи асосии инсони комил мебошад. Кашфи муаммои неку бад дар ниҳоди инсон чандон осон нест. Бинобар ин, шоир тавачҷуҳи хонандаро ба паҳлуҳои гуногуни ин муаммо ҷалб намудааст. Моҳияти инсони комил дар шеъри «Ман намемирам» дар шахсияти қаҳрамони лирикӣ ва андешаҳои созандаи ӯ равшану возеҳ баён гардидааст:

То наорояд ҷавониям ҷаҳони пирро,
То набандам бо сурудам пеши роҳи тирро,
То нагирам бо қалам пеши дами шамшерро,
То набинвисам зи нав ман номаи тақдирро,
Ман намемирам,
Ман нахоҳам мурд!

Шоир калимаҳои **ҷавон, суруд, қаламро** ба калимаҳои **пир, тир, шамшер** муқобил гузошта, бо ҳамин аҳамияти фарҳангу маърифатро дар оромӣ ва ободии ҷомеаи инсонӣ таъкид менамояд.

Дигар аз мавзуъҳое, ки тамоми давраҳои эҷодиёти Лоиқ Шералиро фаро гирифтааст, мавзуи ишқ мебошад. Ишқе, ки Лоиқ тасвир намудааст, муҳаббати ҳақиқӣ, самимӣ ва воқеӣ буда, аз маҳорат ва услуби хоси нигорандагии шоир дарак медиҳад. Ин гуна шеърҳо чи дар жанрҳои анъанавӣ ва чи дар шаклҳои шеъри озод муассир, ҷолиб ва омӯзандаанд:

Туро ман ёфтам аз ошёни сарбаландиҳо,
Маро хушбахт кун, эй гул!
Ба даври домани гулдӯзият номи маро ҳам дӯз,
Ба боли абруят як умр биншон обрӯямро
(«Маро хушбахт кун, эй гул!»)

Таркибҳои маҷозӣ ва тавсифии **ошёни сарбаландиҳо, эй гул, домани гулдӯзӣ, даври доман, ҳалқаи даст ва боли абру** боиси ифоданокии порчаи боло гардида, завқи баланди интихоб, муносибати самимона ва орзуҳои наҷиби ошиқи сазоворро бозгӯ менамоянд.

**Ватан ва ватанхоҳӣ**

Дар адабиёти нави тоҷик адиберо пайдо кардан душвор аст, ки дар васфи Ватан асаре эҷод накарда бошад. Дар эҷодиёти шоирони давраи аввал, чун М. Турсунзода, М. Миршакар, Ҳ. Юсуфӣ, мафҳуми Ватан маънои васеъ ва умумӣ дорад, аммо дар эҷодиёти шоирони ҳамсоли Лоиқ Шералӣ мафҳуми Ватан маънои мушаххас касб мекунад ва аз хурдтарин ашё, сангу кӯҳ, қатраи обу пораи хоки диёр, зодгоҳ, хонаи падар сар шуда, ба Ватани умумӣ ва ягона – Тоҷикистон пайванд мегирад. Ба ин маънӣ Лоиқ гуфтааст:

Ватан сар мешавад аз гоҳвора,
Зи шири поку аз пистони модар.
Ватан сар мешавад аз он тавора,[1]
Ки онро сохта дастони модар...

Дар ин шеър шоир кӯшидааст, ки ба саволи «Чаро Ватан барои ҳар як ватандор азиз аст?» ҷавоб гӯяд. Ватан ҷойест, ки хуни нофи навзод он ҷо мерезад ва тифлро баробари модар дар оғӯш мегирад. Ватандор бо ҳазор риштаи аёну ноаён ба Ватан пайваст мешавад, ба дараҷае ки худро бе ин макони муқаддас тасаввур карда наметавонад.

Қаҳрамони лирикии «Хоки Ватан» тақдири худро ба тақдири Тоҷикистони камзамин пайвастааст ва таърихи гузаштаи онро бо дарду алам эҳсос менамояд:

Тоҷикистон – маҳзари[2] ман,
Сарзамини камзамин.
Ту саросар кӯҳсорӣ,
Ту саросар сангзорӣ,
Чунки фарзандони ту дар тӯли таърихи дароз
Ҳар куҷо рафтанд, муште хок бо худ бурдаанд,
Чунки фарзандони ту дар ҷустуҷӯйи бахти худ
Дар биёбонҳои тафсон дур аз ту мурдаанд.

Ниёгони мо ҳангоми ҳаҷ ва дигар сафарҳои тӯлонӣ ба хориҷи кишвар муште хокро бо худ мегирифтанд. Лоиқ дар ин шеъри 64-мисраӣ аз камзаминии сарзамини Тоҷикистон маъниҳои амиқи

1 Тавора — чапарак, девори аз шохҳо бунёдгардида.

2 Маҳзар — ҷойи ҳозиршавӣ, макон.

ватанхоҳӣ бардоштааст. Ба қавли шоир, сарзамини Тоҷикистон кӯчак бошад ҳам, хоки он ба воситаи шахсиятҳои барҷастае, чун Деваштич, Рухшона, Бедил, Ибни Сино ба тамоми ҷаҳон паҳн шудааст, ки ин боиси ифтихор аст. Саросар кӯҳсору сангзор будани Тоҷикистон мардуми тоҷикро водор мекунад, ки масъулияти баланди ватандорӣ ба дӯш дошта бошанд ва баҳри аҷдодони ҷонсупори худ аз санги Ватан пайкараҳо сохта, ободию зебоии диёри ҳамешабаҳори худро таъмин намоянд.

Дар ҳар шеъри ба Ватан бахшидаи Лоиқ Шералӣ, аз ҷумла дар «Суруди мавҷдори рӯди Варзоб», «Душанбе», «Фардои Душанбе», «Деҳи кӯчида», «Кӯҳистон», «Ифтихор», «Ганҷи кӯҳистон» ягон масъалаи марбут ба диёр ва табиати пурсаҳои он мавриди баррасии бадеӣ қарор мегирад.

Дар ашъори шоир мазмунҳои фалсафию ҳикматомез мавқеи муносиб доранд. Қаҳрамони лирикӣ ба соҳаҳои гуногуни зиндагӣ ҷиддан даxолат намуда, аз мушоҳидаҳо хулосаҳои амиқи пандуахлоқӣ мебарорад. Аз ҷумла, ӯ одамонро ҳушдор медиҳад, ки аз ҳар як лаҳзаи умр самаранок истифода баранд, зеро зиндагӣ яксон намемонад. Беҳуда гузаронидани умр натиҷаҳои номатлуб ба бор меорад ва пушаймонӣ суде нахоҳад дошт. Дар шеъри «Ало, шодоб соҳилҳо» ин муаммо басо ҷолиб мавриди баҳс қарор гирифтааст:

Ало, шодоб соҳилҳо,
Ба қадри обҳои ҷорӣ мебояд расид имрӯз,
Ки рӯзе хушк хоҳад шуд.
Ало, зебои маҳфилҳо,
Ба қадри ҳар чароғи давра мебояд расид имрӯз,
Ки рӯзе аз шамоли ҳодиса хомӯш хоҳад шуд...
Ало, эй соҳибони вақт,
Вақти хеш дарёбед,
Шумо ҳоло ҷавону компрону шодмону зиндаед охир!...

Мавзуъҳои пандуахлоқӣ, махсусан дар қисматҳои «Суханреза» ва «Хурдаҳо ва такбайтиҳо», ки, асосан, байтҳои шоирро дар бар мегиранд, бештар ба мушоҳида мерасанд. Ин байтҳо, ки чун маҳсули натиҷагириҳои шоир аз паҳлуҳои ҳазорранги зиндагӣ бадеҳатан[1] гуфта шудаанд, аксаран ҳукми панду андарз ва суханҳои ҳикматнокро доранд:

1 Бадеҳатан — сухане, ки бе тайёрии пешакӣ, якбора гуфта мешавад.

Эй писар, хоҳӣ агар руҳи падар шод кунӣ,
Хонавайрон шавӣ ҳам, гӯри вай обод кунӣ.

* * *

Дил сӯхт, сипас қадри шарар донистем,
Қадри дили модару падар донистем.

* * *

Шоирӣ ғояти қудрат будааст,
Адабиёт абадият будааст.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Устод Лоиқ дар кадом мавзуъҳо шеър эҷод кардааст?
2. Дар бораи мавзуи инсон ва инсондӯстӣ дар ашъори Лоиқ чӣ медонед?
3. Мавзуи ишқро дар эҷодиёти шоир шарҳ диҳед.
4. Мавзуи ватан дар эҷодиёти шоирони ҳамсоли Лоиқ чӣ хусусият дорад?
5. Шеъри «Хоки Ватан»-и Лоиқро шарҳ диҳед.
6. Байтҳои пандуахлоқии шоирро маънидод кунед.

## МОДАРНОМА

**Меҳри модар**

Устод Лоиқ Шералӣ аз нахустин қадамҳои эҷодияш ба мавзуи модар таваҷҷуҳ пайдо кардааст. Яке аз аввалин шеърҳои шоир «Ба модарам» ном дорад, ки бори нахуст ибтидои соли 1965 ба табъ расидааст. Баъдҳо ин мавзуъ дар тамоми эҷодиёти шоир мавқеи аввалдараҷа пайдо намуд. Вақте ки «Дасти дуои модар» ном маҷмуаи шоирро варақ мезанем, ба панҷоҳу панҷ шеъри ба модар ва зан бахшида дучор меоем.

Ҳамаи ашъори ба модар бахшидаи Лоиқ, аз ҷумла шеърҳои «Модар», «Суруди модар», «Қарз», «Қасидаи модар», «Ҷомаи гадоӣ», «Чордард», «Ту монанди замин танҳоӣ, модар», «Дар сари гӯр», «Ҳасрат», «Муноҷот ба модар» ва рубоиву дубайтиҳои маҷмуаи «Дасти дуои модар», ҷовидонаанд. Дар ин шеърҳо хусусияти миллию шарқии модари одии тоҷик, ботини поку беолоиш ва ҷаҳони орзуву ҳавасҳои модари рустоӣ мавриди тасвир қарор гирифтааст. Тасвирҳо чунон содаву самимӣ ва ифодаҳо чунон моҳирона ба ҳам омадаанд, ки хонанда беихтиёр ҷавҳари ҳастии инсонро пеши назар меорад:

Наёбад чашми камбинат ба ҷустан чашми сӯзанро,
Биларзад дасти пурэъҷози ту дар қабзаи пирӣ.
Валекин боз медӯзӣ ту дастурхони гулдӯзӣ,
Ки рӯзи маърака дар байни мардум обрӯ гирӣ.
Чӣ дунёест дунёи умеди ту,
Аё модар, аё модар!
*(«Ба модарам»)*

Дар Модарномаи Лоиқ руҳи халқии тасвир пурқувват аст. Шоир дар тасвири ҳастии модар аз урфу одат ва анъанаҳои қадимии мардуми тоҷик устодона истифода кардааст. Дар шеъри «Ҷомаи гадоӣ» модар бо ният ба дари хонаи занони серфарзанд, пирони ботадбиру солор, одамони бодавлату бонанг ва арӯсони хушбахт гаштугузор карда, пораҳои матоъ ҷамъ месозад ва аз ин пораҳо ҳамроҳи пиразанҳои худоҷӯ ҷомаи садпораву садранг дӯхта ба кӯдакаш мепӯшонад. Ин ҷома мувофиқи одатҳои мардумӣ бахосият буд:

Тамоми халқ гӯйӣ бар қади ман ҷома пӯшонид,
Тамоми халқ гӯйӣ қисматам бахшид.
Ту гӯйӣ, ҷома неву ҷавшани ман буд,
Ту гӯйӣ, пора-пора меҳри мардум дар тани ман буд.

Ҳамин пайвастагии ногусастанӣ фарзандро водор мекунад, ки назди модар ва Ватан қарзи фарзандии хешро бо тамоми масъулият эҳсос намояд ва ҳастиву истеъдодашро пурра сарфи роҳи хушбахтии халқи азизаш намояд:

Ба ҷойи пораи талбидаат ҳар бор
Орам пораи ашъор,
Ки дар ҳар пораи ашъор
Бошад порае иқбол...

Суханшиносон Модарномаи Лоиқ Шералиро дар радифи модарномаҳои Мирзо Турсунзода, шоирони эронӣ Эраҷ Мирзо, Раҳийи Муайирӣ, «Эй, вой модарам» ном шеъри машҳури Шаҳриёр, «Мактуб ба модар» ва «Мактуби модар» ном шеърҳои шоири рус Сергей Есенин гузошта, услуби нигориши онро ***саҳли мумтанеъ***[1] гуфтаанд.

1 Саҳли мумтанеъ — сухани мансур ва манзуми осонфаҳми баландмазмун, ки эҷоди он хеле мушкил аст.

Мавзуи модар ба Лоиқ имконият додааст, ки таваҷҷуҳи фарзандонро ба муҳимтарин масъалаҳои ҳаёти инсон ҷалб намояд. Дар шеъри «Ту монанди замин танҳоӣ, модар» шоир модарро ба замину осмон ва хуршеду моҳ ташбеҳ медиҳад, зеро онҳо ҳам чун модар ягонаанд ва меҳри худро миёни фарзандони инсон тақсим намекунанд. Хуршед ба ҳама мавҷудоти дунё баробар нур мепошад ва оғӯши замин низ ба рӯйи ҳама сокинони сайёраи мо баробар боз аст. Пас, ба қитъаҳо тақсим кардани Ватан гуноҳ аст ва чунин амали манфиатҷӯёна мардумро ба хушбахтӣ намеорад. Ин ҳушдори шоир, махсусан дар замони мо, ки давлатҳои абарқудрат фикри тақсим кардани заминро ҳеҷ гоҳ аз сар дур намекунанд, басо аҳамият дорад:

Заминро қитъа-қитъа ҳар қадар фарзандгони ту
Барои ҳамдигар тақсим карданд,
Вале як рӯз донистанд:
Замин қисмат нахоҳад шуд.

**Садоқати фарзанд**

Лоиқ дар синни 8-солагӣ аз падар зиндаҷудо мегардад. Модар тани танҳо тамоми ташвишҳои рӯзгори ноҳинҷори баъди Ҷанги Бузурги Ватаниро ба зимма гирифта, тамоми қуввату ғайраташро дар роҳи тарбияи ҷигаргӯшагонаш сарф мекунад. Шояд, ҳамин вазъияти мушаххаси оилавӣ шоири ҳассосро ба риққат оварда, манбаи тахайюлоту андешапарвариҳои ӯ гардида бошад. Дар Модарномаи Лоиқ ҳатто ***устод, пир, қиблагоҳ*** барин тавсифҳо ва унвонҳои ифтихории ба падар ва мард тааллуқдор ба модар нисбат дода мешавад:

Қиблагоҳам!
Модари олампаноҳам!
Рафтаӣ гарчи зи дунёи дудар
Дар сарат қарси сафед,
Дар рухат нури умед,
Дастҳо дар пеши бар
Дар пеши дар истодаӣ.

.

Ҳамчунин, дар тасвири симои муқаддаси модари Шарқ устод Лоиқ, эҳтимолан, бори аввал дар адабиёти даврони шуравии тоҷик аз калимаҳои ***Худо, Қуръон, оят, пайғамбар, Ҳафтяк*** истифода кардааст, ки ин аз ҷасорати адабии шоир дар он айём гувоҳӣ медиҳад.

Калимаҳои мазкур ба шоир имконият додаанд, ки дар тасвири характери модари рустоии тоҷик саҳми боз ҳам бештаре дошта бошад:

Худо гуфтию оят хондию таъбирҳо ҷустӣ,
Ту доим Ҳафтяк мондӣ ба зери болини кӯдак,
Ки шояд тифл бебоку далеру қаҳрамон гардад,
Дили пайғамбарон ғунҷад даруни синаи кӯчак...

Хулоса, сар то пойи Модарномаи устод Лоиқро пайванди ҷисмониву руҳонии модари ғамхору фарзанди сипосгузор фаро гирифтааст. Дар шеъри «Муноҷот ба модар» таркибҳои **айёми пирӣ, чашмони камбину обрав, боли абрувони шикаста, ларзиши дасту сару абрую лаб ва оҳҳои пурдарду алам** андешаи шоирро дар бораи рӯзгори ба сар омадаи модар ифода мекунанд. Қаҳрамони лирикӣ дар натиҷаи мулоҳизаҳои пуршиддат ба хулосае меояд, ки ӯ дар ду дунё вуҷуди худро бе модар тасаввур карда наметавонад:

Модари пирам, Худо умрат диҳад!
Ин мабодо, ки бимирӣ ногаҳон,
Бо ту мирад давлату дунёи ман,
Баъди ту дигар набошам ман ҷавон...

Ашъори ба модар бахшидаи Лоиқ ба силсилаи шеърҳои Модарнома маҳдуд намешавад. Аз ҷумла, аз силсилаи «Илҳом аз «Шоҳнома» шеъри «Навҳаи Таҳмина бар Суҳроб»-ро ба ёд овардан кофист. Ин шеър аз ҳашт банди чаҳормисраӣ иборат буда, аз матлаъ то мақтаъ тасвири дарду ҳасрат ва сӯзу гудози модари бадбахт мебошад, модаре, ки аз ягона фарзанди бо ҳазор умед парвардааш абадӣ ҷудо шудааст ва боз фарзандаш бо дасти падар кушта мегардад. Ин тазоди зиндагии нобасомон, махсусан, дар бандҳои:

Афтод аз болои зин
Чун ахтар аз чархи барин.
Шири сафедам аз танаш
Дарёи хун шуд бар замин...

Гулчини давронам гузашт,
Гулрези бӯстонам гузашт.
Теғе, ки Рустам зад бар ӯ,
Аз ҷавшани ҷонам гузашт.

бо тамоми қувваи бадеии сухан ифода гардидааст. Ба ахтари **аз чархи барин фитода** монанд кардани **Суҳроби қурбони хиёнатгардида, ба дарёи хун** ташбеҳ додани **шири сафед** ва **аз ҷавшани ҷони модар гузаштани теғи ба фарзанд задаи падар** тасвирҳоеанд, ки симои модари аз ҷигаргӯшааш абадӣ ҷудошударо возеҳу равшан нишон медиҳад. Сухани пурҳасрати модар: «Дасти кӣ гирад рӯзи марг аз пояи тобути ман?» – халқияти тасвирро боз ҳам афзун намудааст. Хулоса, силсилаи шеърҳои ба модар бахшидаи устод Лоиқ чун беҳтарин дастоварди адабиёти давраи нави тоҷик эътибор дорад.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Аввалин шеъри Модарномаи Лоиқ чӣ ном дорад ва кай навишта шудааст?
2. Кадом шеърҳои Модарномаи Лоиқро медонед?
3. Дар бораи шеъри «Ҷомаи гадоӣ» маълумот диҳед.
4. Чаро Лоиқ дар тавсифи модар калимаҳои қиблагоҳ, устод ва пирро истифода кардааст?
5. Ҷасорати адабии шоир дар чӣ зоҳир гардидааст?
6. Шеъреро аз Модарнома аз ёд кунед.

## «ФАРЁДИ БЕФАРЁДРАС» – ДАРДНОМАИ МИЛЛАТ

Маҷмуаи «Фарёди бефарёдрас», асосан, шеърҳои дар замони ҷанги шаҳрвандӣ ва сарсониҳои халқи тоҷик навиштаи Лоиқ Шералиро дар бар кардааст. Ин маҷмуа аз 30 шеъри гуногунмавзуъ, 88 ғазал, қисматҳои «Аз «Ҷоми Хайём», «Идомаи «Резаборон», «Хурдаҳо ва такбайтиҳо» ва «Рӯйи одамҳо» иборат буда, аксари шеърҳо таърихи эҷод доранд. Шеърҳои «Соқиномаи имрӯзин», «Зангӯлаи бедорӣ», «Барои соҳибназарон», «Алорағми маҳалгароён», «Зарафшон, модари зорам», «Хонаи шоир», «Ману ту», «Гӯри Дониш дар куҷост?», «Чашмони Олимпур» бо таърихи таълифашон иртиботи комил доранд. Шеъри «Илтиҷо аз камонмардон» декабри соли 1994 навишта шудааст ва дар Тоҷикистон ин айёме буд, ки силоҳбадастон бо роҳнамоии хоҷагони худ рехтани хуни ноҳақро идома медоданд. Шоири озурдахотир силоҳбадастонро ҳушдор медиҳад, ки силоҳро ҳар чӣ тезтар ба замин гузоранд. Дар акси ҳол дер мешавад ва пушаймонӣ фоида надорад:

Камонмардон!..
Агар ҳоло намефаҳмед,
Рӯзе нек мефаҳмед, ки тир аз камон рафтаст
Ва рӯзе нек мефаҳмед ҳар тире, ки афкандед,
Ба мағзи устухони тоҷикон рафтаст.
Шумо як рӯз мефаҳмед,
Ки худ ёрӣ ба душман кардаед, эй вой!
Ки худ бунёди меҳан кандаед, эй вой!

Фоҷиаи ба сари мардум омада боис гардид, ки дар назми даврони истиқлоли тоҷик марсиясароӣ мавқеъ пайдо намояд. Шеърҳои Лоиқ Шералӣ «Чашмони Олимпур», «Падарам, во падарам», «Марсияи Ҷамшед», ки ба марги фоҷиавии ҳунарманди шинохта Муҳиддин Олимпур, рӯзноманигору вакили халқ Муродуллоҳ Шералӣ ва табиби ҳозиқ Ҷамшед Осимӣ бахшида шудаанд, пурсӯзу ҷонгудоз мебошанд. Такрору хитоба, рамзу киноя ва тавсифҳои ҳузнангез қувваи ифоданокии марсияҳои мазкурро афзуда, ба хонанда таассуроти гароне боқӣ мегузорад:

Наъши[1] хунини падар дар назарам,
Хоки олам ба сарам!
Ашки хунин бичакад аз басарам.
Тири ноҳақ, ки аду бар ҷигари ӯ зада буд,
Мехӯрад ҳар нафасе бар ҷигарам.
Ҷавҳари маънии дунё, падарам,
Падарам, во падарам, во падарам!

**Мазаммати маҳалгароӣ**

Лоиқ Шералӣ кӯшиш намудааст, ки сабаби ба ин фоҷиа гирифтор шудани мардуми ҷафокаши тоҷикро муайян кунад. Дар тасвири шоир падидаи номатлубе, ки боиси сар задани ҷанги шаҳрвандӣ гардидааст, маҳалгароӣ мебошад. Маҳалгароӣ натиҷаи тафаккури маҳдуд ва сатҳи пасти ҷаҳонбиниву фаросати нокифояи гурӯҳи одамон буда, ғайр аз муноқиша, тафриқаандозӣ ва норозигӣ дигар самаре ба бор намеорад. Моҳияти харобиовари маҳалгароӣ ва табиати зиддихалқии он дар таркиббанди «Ману ту» хеле воқеӣ таъкид гардидааст:

1 Наъш — тани беҷон, мурда, ҷасад.

Сухане ҳеҷ на аз фарри каёнӣ[1] гуфтем,
Ту бадахшонӣ, хуҷандӣ, хуталонӣ гуфтем...
Баски бегонапарастем, амон аз ману ту,
Сусту бемояву пастем, амон аз ману ту.

Шоир дар чордаҳ банди шашмисраӣ тамоми паҳлуҳои харобиовари маҳалгароиро пеши назар меорад. Маҳалгароӣ аз ***ҳавсалатангӣ***, ***даббаву дангӣ, гиҷу гарангӣ*** ва ***дурӯйиву дурангӣ*** сар мезанад, нишонааш ***бефарҳангӣ, бегонапарастӣ, беҳунарӣ*** ва натиҷааш ***зиддият, қатлу горат, муҳтоҷӣ, сарсониву саргардонии халқ*** ва ***харобиву гирифтории мулк*** мебошад. Ҷанг чун натиҷаи ниҳоии маҳалгароӣ зиддиятҳои тарафҳоро ба авҷи аъло расонда, роҳи оштӣ ва гузаштро ниҳоят душворгузар менамояд. Шоир бо сӯзу гудоз ***дилу дидаи кӯр, кӯтоҳии ақлу шуур*** ва бадхоҳии ҳамдигарии гурӯҳҳои маҳалгароро сарзаниш намуда, ягона роҳи аз ин вартаи ҳалокат раҳондани халқу Ватанро дар оштиву аҳду паймони ҳамватанӣ медонад. Ин маънӣ дар байти ҷамъбастӣ таъкид гардидааст. Таркиби ***амон[2] аз ману ту,*** ки 28 бор ба паҳлуҳои маҳалгароӣ ва ҷудоиандозӣ ишора мекунад, дар байти мақтаъ тобиши дигар дорад:

Пас, биё, даст ба ҳам додаву паймон созем,
Дар баду нек ба ҳам будаву даврон созем.
Дар ҳарими диламон маъбади имон созем,
На шимолӣ, на ҷанубӣ, яке инсон созем!
То дигар бор нагӯем, амон аз ману ту!
То ба такрор нагӯем, амон аз ману ту!

**Муборакнома**

Шоир падидаи маҳалгароӣ ва ба қисматҳои шимолию ҷанубӣ ҷудо кардани халқи тоҷикро ба сангҳои зерину болои осиё монанд кардааст, ки аз бархӯрди онҳо миллат соиш ёфта орд мешавад ва мавҷудияташ дар зери хавф мемонад.

Ҳолати руҳии устод Лоиқ баробари ба ифоқа омадани тарафҳои даргир болида мегардад ва аввалин шуда бо муборакномаи худ сулҳу оштии миллиро ба ҳамдиёрон табрик мегӯяд. Ин муборакнома, ки январи соли 1997 навишта шудааст, дар шакли ғазал буда, аз 12 байт иборат аст. Дар он шодиву хурсандӣ ва уме-

1 Фарри каёнӣ — шукӯҳу ҳашамати подшоҳони сулолаи Сосониён.

2 Амон — паноҳ, наҷот.

ду орзуи мардуми тоҷик бо тамоми ифоданокӣ ва дилрабоӣ ба қалам омадааст:

Раҳми Парвардигори мо омад,
Нури Ҳақ бар диёри мо омад.
Ҷанги бунёдсӯзи мо бигзашт,
Сулҳи бунёдкори мо омад...
Пири Канъоно, чашми ту равшан!
Юсуфи дилфигори мо омад.

Дар ин ғазал ҳар як калимаву ибора боиси афзоиши ифоданокии матн гардидааст. Вазну қофия ва радиф, санъатҳои бадеии талмеҳу тазод ва ташбеҳу тавсиф дар ҳаёти мардуми ҷабрдидаи мо чи қадар зарур будани сулҳи деринтизорро талқин менамояд. Аз ҷумла, ба Пири Канъон (падари Юсуф) нисбат додани мардуми тоҷик ва ба Юсуф ташбеҳ кардани сулҳи деринтизори тоҷикон хеле табиӣ ва самимӣ мебошад. Чи хеле ки чашми аз ҳаҷри фарзанд нобиношудаи Яъқуб аз дидори Юсуф боз нур мегирад, мардуми тоҷик низ аз омадани сулҳи деринтизор комгору шарафёб мегардад.

Масъалаи дигаре, ки дар ғазали мазкур ба миён гузошта шудааст, масъулиятшиносӣ ва нангу номуси ватандорӣ мебошад. Барқарор гардидани сулҳу оштии миллӣ масъулияти қаҳрамони лирикиро назди халқу Ватан меафзояд. Ӯ аҳд мекунад, ки минбаъд халқашро аз шарри гурӯҳҳои ҷудоихоҳ эмин дорад. Ин нуктаро байти зерин басо ҷолиб ифода намудааст:

Кӯҳсоро, бубахш пастии мо,
Нангу ному виқори мо омад.

Қаҳрамони лирикӣ аз он қаноатманд аст, ки гурӯҳҳои даргири қавми тоҷик хатои худро зуд дарк намуда, чун мулки кӯҳсорашон боз бовиқору сарбаланд гардиданд. Ин ғазал эҳсоси худшиносӣ, ифтихори миллӣ ва масъулияти ватандории хонандаи ҷавонро тақвият медиҳад. Сухан кӯтоҳ, ашъори даврони истиқлоли устод Лоиқ ба шароити давру замон мувофиқати комил доранд. Дар онҳо дарду ҳасрат ва орзуву армонҳои халқи тоҷик ба таври возеҳ ба тасвир омадаанд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Дар бораи маҷмуаи «Фарёди бефарёдрас» маълумот диҳед.
2. Шеъри «Илтиҷо аз камонмардон» кадом масъаларо дар бар мегирад ?

3. Оид ба марсияҳои Лоиқ сухан гӯед.
4. Шеъри «Ману ту» ба кадом мавзуъ бахшида шудааст?
5. Фоҷиаи миллати тоҷик боз дар кадом шеърҳои Лоиқ акс ёфтааст?
6. Ғазали муборакномаи Лоиқро аз ёд кунед ва шарҳ диҳед.

## САВОЛИ ТЕСТӢ

1. Шеърҳои «Забонгумкарда», «Хоки Ватан», «Деҳи кӯчида», «Ганҷи кӯҳистон» аз они кадом шоир аст?

   А) Лоиқ Шералӣ;
   Б) Муъмин Қаноат;
   В) Гулрухсор;
   Г) Гулназар;
   Ғ) Раҳмат Назрӣ.

2. Байти зерин ба кадом шеъри «Модарнома»-и Лоиқ тааллуқ дорад?

   Як нигаҳи шуълавари модарон,
   Беҳ зи ҳама анҷумани ахтарон.

   А) «Модар»;
   Б) «Қасидаи модар»;
   В) «Қарз»;
   Г) «Ҷомаи гадоӣ»;
   Ғ) «Волотар аз ҳама».

## ДРАМА
### (намоишнома)

**Назарияи адабиёт**

***Драма*** калимаи юнонӣ буда, маънои луғавии он ҳаракат, амалиёт мебошад. Дар адабиётшиносӣ драма (намоишнома) дар қатори ҷинсҳои эпикӣ (ҳамосӣ) ва лирикӣ (ғиноӣ) яке аз се ҷинси адабӣ ба шумор меравад. Асарҳои драмавӣ, одатан, барои саҳнаи театрҳо офарида мешаванд ва онҳоро ***пиеса*** ва баъди ба намоиш гузоштанашон ***спектакл*** меноманд. Нависандаи асарҳои драмавиро ***драматург*** ва ҷамъи асарҳои саҳнавиро ***драматургия*** низ меноманд.

Муҳтавои асосии драмаро ягонагии амалиёту ҳаракати персонажҳо муайян менамояд, ки он ба воситаи гуфтугӯйи персонажҳо (диалог), сухани як персонаж (монолог), имову ишора

(мимика), ҳаракати дасту бадан (пантомимика), луқма (реплика), фосила, ист (пауза) ифода мегардад. Дар асарҳои драмавӣ, инчунин, фикру мулоҳиза ва қайду эзоҳи худи драматург дар бораи рафти воқеа ва персонажҳои асар мавқеъ дорад, ки онро ***ремарка***[1] меноманд. Ба воситаи ремарка макону замон, муҳит, синну сол ва сару либоси иштироккунандагон муайян мешавад.

Драма дар адабиёти ҷаҳон таърихи қадим ва бой дорад ва аввалҳо дар мамлакатҳои Мисри қадим, Чин, Ҳиндустон, Япония дар шакли бозиҳои маросимӣ ва намоишномаҳои халқӣ ба вуҷуд омадааст. Дар Юнони Қадим, дар асрҳои V ва IV то мелод, драма дар эҷодиёти Эсхил («Прометеи занҷирбандшуда», «Агамемнон»), Софокл («Шоҳ Эдип», «Антигона»), Еврипид («Медея»), Аристофан («Сулҳ», «Плутос») нашъунамо меёбад. Дар Ғарб дар давраҳои Эҳё (асрҳои ХУ – ХУ1), Маорифпарварӣ (асрҳои ХУП – ХУШ) ва минбаъда навиштани асарҳои драмавӣ авҷ мегирад. В. Шекспир, К. Марло, Ҷонсон (Англия), П. Корнел, Ж. Расин, Ж. Молер, В. Гюго (Фаронса), Лопе де Вега, Калдерон (Испания), И. Гёте, Ф. Шиллер (Олмон), А.С. Грибоедов, А.Н. Островский, А. П. Чехов, А. М. Горкий, Н. Погодин (Русия) дар инкишофи драматургияи ҷаҳонӣ саҳми муносиб гузоштаанд.

Драматургияи тоҷик низ дар асоси эҷодиёти шифоҳии халқ ба вуҷуд омадааст ва баъди инқилоби Октябр аз солҳои 1917 – 1918 сар карда, дар шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд, Конибодом, Панҷакент, Душанбе пиесаҳои «Кӯри Шермат», «Холбӯта қӯрбошӣ», «Эшони фиребгар», «Бой ва хидматгор» (Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ), «Аршин–мол-олон» (Узеир Ҳоҷибеков), «Амир Олимхон» (А. Фитрат) дар саҳнаҳои театрҳои худфаъолиятӣ намоиш дода шуданд. Баъди соли 1929 аввал дар шаҳри Душанбе ва баъд дар шаҳрҳои дигари Тоҷикистон театрҳои касбӣ арзи вуҷуд карданд, ки ин ҳолат боиси ташаккули драматургияи тоҷик гардид. Адибон А. Усмонов («Мубориза»), М. Турсунзода («Ҳукм»), Ҷ. Икромӣ («Душман»), Ғ. Абдулло («Вахш»), Ҳ. Карим («Соли 1916»), С. Улуғзода («Шодмон», «Калтакдорони сурх») дар саргаҳи драматургияи касбии тоҷик қарор доштанд. Бо мурури замон дар адабиёти тоҷик навъҳои ҷинси драма мавқеъ пайдо намуданд.

1 Ремарка — қайд, эзоҳ, тавзеҳ.

## Навъҳои драма

Драма аз се жанри анъанавӣ – фоҷиа (трагедия), мазҳака (комедия) ва драма иборат аст.

Фоҷиа қадимтарин жанри драмавӣ буда, қаҳрамони асосии он дар роҳиниятҳои нек ва ғояҳои олӣ ба ҳалокат мерасад. Дар фоҷиа қувваи некӣ, бо вуҷуди заифӣ ва камшумории худ, ба муқобили қувваҳои пуриқтидори бадӣ бармехезад ва образи мусбат, ки қувваҳои некиро намояндагӣ мекунад, талаф меёбад. Ҳар қадар ки нобаробарии қувваҳои мусбату манфӣ чашмрасу намоён буда мубориза пуршиддат сурат гирад, ҳамон қадар моҳияти эстетикии фоҷиа меафзояд. Чунончи, дар «Отелло» ном фоҷиаи Шекспир макру ҳила ва хиёнату найрангҳои қувваҳои бадӣ ба дараҷаест, ки қаҳрамони асосӣ – генерал Отелло маҳбубаи покдомани ба ҷон баробараш Дездемонаро буғӣ мекунад ва баъди фаҳмидани ҳақиқати ҳол худашро низ ба ҳалокат мерасонад.

Фоҷиа аксаран дар мавзуъҳои ахлоқӣ, таърихӣ ва иҷтимоӣ навишта мешавад. Драматурги Юнони Қадим Эсхил падари фоҷиа ном гирифтааст. «Рӯдакӣ» ва «Темурмалик»-и С. Улуғзода, «Рустам ва Суҳроб» ва «Фарёди ишқ»-и Ғ. Абдулло, «Робиаи Балхӣ»-и А. Атобоев намунаи фоҷиа дар адабиёти тоҷик ба шумор мераванд. Агар асоси фоҷиаро офаридани образҳои барҷастаи муқтадир ташкил намояд, пас, моҳияти мазҳака дар фош намудани нуқсонҳои ҷиддии ҷомеа зоҳир мешавад.

***Мазҳака*** асари саҳнавиест, ки дар он нуқсон ва айбу иллатҳои одамон масхара мешавад ва ба ин восита таваҷҷуҳи ҷомеа ба камбудиву норасоиҳои иҷтимоӣ ҷалб мегардад. Бинобар ин, дар мазҳака воситаҳои тасвир чун муболиға, киновяву таъриз ва маҷоз фаровон истифода мешаванд.

Мазҳака низ аввал дар адабиёти Юнони Қадим мавқеъ пайдо кардааст ва Аристофан чун падари мазҳака шинохта шудааст. Дар адабиёти тоҷик мазҳака мавқеи сазовор дорад, ки «Таърифхӯҷаев»-и Б.Раҳимзода ва А.Деҳотӣ, «Гавҳари шабчароғ»-и С.Улуғзода, «Ситора»-и Ҷ.Икромӣ, «Мужда»-и А.Баҳорӣ, «Вопасин арӯси Амир-ал-муъминин»-и Ф.Муҳаммадиев намунаи онҳост.

***Драма*** навъи сеюми ҷинси драма мебошад. Дар он ҳам талаботи жанри фоҷиа ва ҳам хусусияти жанри мазҳака мушоҳида мешавад. Драма ба муҳимтарин воқеаҳои зиндагии рӯзмарра бахшида мешавад, персонажҳои асосӣ баҳри ормонҳои наҷиби худ

муболиза мебаранд ва, аксаран, ба мақсад мерасанд. Образҳои асосӣ баъзан ба орзу намерасанд, вале ҳаёти онҳо ба фоҷиа анҷом намеёбад.

**Жанрҳои дигари драма**

Ба ҷинси драма, инчунин, жанрҳои ***монодрама*** ё ***театри як актёр, мелодрама*** ё ***драмаи мусиқӣ***, ***водевил, инсенировка, либретто, киносенария*** ва ғайра тааллуқ доранд, ки баъзеи онҳо таърихи қадима дошта бошанд, баъзеи дигарашон нисбатан нав мебошанд. Монодрама ё театри як актёр намоишномаест, ки онро як ҳунарпеша дар асоси асарҳои назмӣ ё насрии адибони барҷаста тайёр карда, ба самъи дӯстдорон ва алоқамандони адабиёт мерасонад. Ин жанр дар адабиёти ҷаҳон, аз ҷумла дар адабиёти тоҷик, мақоми арзанда дорад. Абдулқодири Гӯянда, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Хонзодаи Булбул ва аз ҳунарпешагони садаи XX тоҷик Маҳмудҷон Воҳидов, Шералӣ Абдулқайсов, Ибодулло Машрабов жанри монодрамаро ба дараҷаи камолот расондаанд.

Асари саҳнавие, ки бо ёрии сурудҳо ва мусиқӣ намоиш дода мешавад, ***мелодрама*** ё ***драмаи мусиқӣ*** мебошад ва ин жанр дар адабиёти тоҷик эътибори калон дорад. ***Водевил*** намоишномаи ҳаҷвӣ буда, гоҳе бо суруд ва гоҳе бо рақс иҷро мешавад.

***Либретто*** матни адабии асарҳои саҳнавии мусиқӣ, махсусан опера мебошад, ки, одатан, чун «Коваи оҳангар»-и А. Лоҳутӣ, «Тоҳир ва Зуҳро»-и М. Турсунзода, «Комде ва Мадан»-и А. Деҳотӣ ба назм эҷод мегардад.

Ҳамин тариқ, агар ***инсенировка*** аз рӯйи асарҳои барҷастаи бадеӣ мувофиқи қонунияти саҳна офарида шавад, пас, ***сенария*** барои кино, намоишҳои телевизионӣ ва ғайра ба вуҷуд оварда мешавад. Жанрҳои драма ҳамеша дар инкишоф ва такомул мебошанд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Маънои луғавӣ ва адабиётшиносии драмаро шарҳ диҳед.
2. Дар драма кадом истилоҳҳо бештар истифода мешаванд.
3. Дар бораи таърихи драма чӣ медонед?
4. Аввалин драмаҳои тоҷикро номбар кунед.
5. Навъҳои асосии ҷинси драма кадомҳоянд?
6. Боз кадом жанрҳои драмаро медонед?

# БОЗОР СОБИР

*(1938 - 2018)*



**Зиндагинома ва осор**

Бозор Собир соли 1938 дар деҳаи Сӯфиёни ноҳияи Файзобод, дар хонаводаи кишоварз чашм ба олам кушодааст. Падари Бозор Собир аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ барнамегардад.

Бозор маълумоти миёнаро дар шаҳраки Ҳисор гирифта, соли 1962 Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро ба итмом расондааст. Баъди хатми факултети филологияи тоҷик дар рӯзномаи «Маориф ва маданият», маҷаллаи «Садои Шарқ» ва ҳафтаномаи «Адолат» фаъолият намудааст. Соле дар Афғонистон ба сифати мутарҷим кор кардааст. Солҳои 1979 – 1989 мушовири бахши шеъри Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон буд. Бозор Собир соли 1988 барои маҷмуаи шеърҳои «Бо чамидан, бо чашидан...» сазовори Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ гардид. Шоир чанд муддат дар ИМА умр ба сар бурда, дар Донишгоҳи Вашингтон забони тоҷикӣ дарс медод. Соли 2013 ӯ ба Ватан баргашт. Устод Бозор Собир 14-уми майи соли 2018 аз олам даргузашт ва ӯро дар мазори Лучоб ба хок супурданд.

Аввалин шеъри Бозор Собир соли 1958 дар рӯзномаи «Ба қуллаҳои дониш» чоп гардидааст. Нахустин маҷмуаи шоир бо номи «Пайванд» соли 1972 ба табъ расидааст. Баъдҳо маҷмуаҳои «Оташбарг» (1974; 1984 бо алифбои ниёгон), «Гули хор» (1978), «Мижгони шаб» (1981), «Офтобниҳол» (1982), «Бо чамидан, бо чашидан...» (1987), «Чашми сафедор» (1991), «Аз Ватан вақте ки мерафтам» (1998), «Аз «Гули хор» то «Симхор» (2003), «Хуни қалам» (2010) «Лолаи сиёҳ» (2013), «Боғи момаи ангур» (2016) ба нашр расидаанд.

Бозор Собир шеърҳои зиёдеро аз эҷодиёти шоирони шинохтаи ҷаҳонӣ, чун Ҷ. Байрон, С. Есенин, А. Рембо, М. Валеко, П.

Неруда, Э. Межелайтис, тарҷума намудааст. Шеърҳои шоир ба забони русӣ ва як қатор забонҳои дигар тарҷума ва чоп шудаанд.

**Фаъолияти эҷодӣ**

Бозор Собир ҳанӯз аз шеърҳои аввалинаш пайроҳаи хоси эҷодӣ интихоб мекунад ва ба мавзуъҳои гуногун рӯ меорад. Дар шеърҳои «Мо кӯдакон будем», «Кӯдакиям ҳанӯз гирён аст», «Чашм бар ҳошияи сабзи уфуқ», «Кӯдакӣ ку?», «Бачаҳои деҳотӣ» айёми кӯдакии пурҷӯшу хурӯши бачагони деҳот бо тамоми паҳлуҳояш мавриди тасвири бадеӣ қарор гирифтааст. Дар шеъри «Кӯдакиям ҳанӯз гирён аст» ҳаёти нобасомони бачаҳои давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ ниҳоят муассир ифода гардидааст:

Бачаҳоям барои ханда маро
Гоҳ-гоҳе ба ноз мепурсанд,
Ки гаҳи кӯдакии хеш магар,
Мегиристам барои ширу шакар?
Шукри тақдирашон, намедонанд,
Дар ҷаҳон ***гиряест*** дардовар,
***Гиряе*** баҳри як буридаи нон,
***Гиряе, гиряе*** барои падар,
Ки сари гиряи сағирон аст,
**Гиряи гиряҳои** инсон аст.

Такрори пайдарпайи калимаи **гиря** (***гиряе, гиряе*** ё ки ***гиряи гиряҳо***) чи қадар талх ва дардовар будани ҳаёти фарзандони аз падар маҳрумро пеши назар меорад. Дар эҷодиёти шоир тасвири хаёти бачагӣ ба деҳа пайванди ногусастанӣ дорад.

**Васфи Ватан**

Деҳа барои қаҳрамони лирикӣ азизтарин ва муқаддастарин макон аст:

Ман Ватанро аз қафои пода пайхас кардаам,
Рӯзу шаб бо панҷ ҳисси зотиям[1] ҳис кардаам.
Бо забону чашму гӯшу бо димоғу дасту по,
Бо чамидан,[2] бо шамидан,[3] бо чашидан, бо самоъ...[4]

1 Панҷ ҳисси зотӣ – панҷ воситаи дарки таъсири беруна: бӯйиш, сойиш, чашиш, шунавоӣ ва биноӣ.

2 Чамидан — ҳаракат кардан, сойиш.

3 Шамидан — бӯйидан, бӯй кардан.

4 Самоъ — шунидан, гӯш кардан.

Мафҳуми Ватан ва муносибати ватандор ба он дар шеъри «Бо чамидан, бо шамидан, бо чашидан...» махсусан ба воситаи санъати бадеии лаффу нашр (дар мисраъҳои банди аввал шарҳ ёфтани панҷ ҳисси зотӣ) возеҳу омӯзанда ифода ёфтааст. Мавзуи Ватан дар ашъори Бозор Собир васеъ ва доманадор мебошад. Он аз кулбаи падарӣ ва деҳи Сӯфиён сар карда, то ноҳияи Файзобод, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳатто тамоми минтақаи форсизабононро фаро мегирад. Аз ин ҷиҳат, «Тоҷикистон», ки дар шакли шеъри озод суруда шуда, аз панҷ банд иборат мебошад, ҷолиб аст. Дар ин шеър Бозор Собир аз камзаминии сарзамини Тоҷикистон маънии амиқи ватанхоҳӣ бардоштааст:

Тоҷикистон, Тоҷикистон!
Ҳар куҷое рафтам аз оғӯши ту
Доманамро ман такидам раҳ ба раҳ дар ҳар қадам,
Пойи худро раҳ ба раҳ афшонда рафтам,
Аз заминат
(Сарзамини камзаминам),
Гарди хоке кам накардам.

Дар бандҳои минбаъда тасвир инкишоф меёбад. Садоқат ва самимияти қаҳрамони лирикӣ ба Тоҷикистон ба дараҷаест, ки ба кам накардани гарде аз хоки Ватан қаноат надорад. Ӯ аз сафар дар чашмаш қатраи об ва дар мижгонаш гард меорад, то бар хоку оби Ватан афзояд:

По ба ҳар хоке ниҳодам,
Гарди хокеро гирифтам дар сари мижгон,
То ба саҳроят фишонам,
Хоки саҳроят шавад як зарра бисёр.

Дар шеъри «Тоҷикистон» баён сода, самимӣ ва мушаххас мебошад. Шоир тасвирро ба воситаи такрори калимаи ***Тоҷикистон*** қувват медиҳад. Ба обу хоку санг, ки ҷавҳари сарзамини Тоҷикистонро ташкил медиҳанд, бандҳои алоҳида мебахшад. Дар ҳар банд чун ***қатрае дар чашм, гарди хоке дар сари мижгон, даст бурдан бар сари санг*** таркибҳое оварда мешавад, ки боиси ифоданокии баён мегарданд. Махсусан, Бадахшонро ба модар ва сангҳоро ба тифлони аз банди пистони Бадахшон канда монанд кардани шоир таровати бадеии тасвирро афзун намудааст.

Дар банди хотимавӣ садоқат ва масъулияти ватандории қаҳрамони лирикӣ ҷамъбаст шудааст. Шоир ба воситаи такрор ва мафҳумҳои пуртазоди ***каму бисёр***, ***озарму озор*** парастиши берӯю риё ва холисонаи Ватанро талқин мекунад:

Тоҷикистон, Тоҷикистон!
Мекунам шукри каму бисёри ту,
Мекунам шукрона аз озарму[1] аз озори[2] ту.
Аз ту ман сарват намехоҳам,
Ватан ҳастӣ, бас аст,
Бо хасу хорат баробар зиндагӣ кардан бас аст.

Ашъори Бозор Собир дар баробари мавзуъҳои ватану ватандорӣ, табиат, ишқу муҳаббат масъалаҳои таърихӣ, сиёсӣ, фалсафӣ ва пандуахлоқиро низ фаро гирифтаанд. Шоир ба шахсиятҳои маъруфи адабиёту фарҳанги тоҷик, чун Абулқосим Фирдавсӣ, Аҳмади Дониш, С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, М. Турсунзода, С. Улуғзода, Ш. Ҳусейнзода, Т. Собиров, М. Шакурӣ, Р. Ҳошим, Ҷ. Одина, шеърҳо бахшидааст.

Шеъри Бозор Собир саросар сӯзу гудоз аст, зеро, чи хеле ки худ мегӯяд, шоирро дарду ғам шоир мекунад:

Гӯянд, ки шеър мояи дарду ғам аст,
Шоир нашавад касе, ки ӯ беалам аст.
Ҳар қатраи вожае, ки дар дафтари мост,
Чун хуни чакида аз димоғи қалам аст.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Дар бораи зиндагиномаи Бозор Собир маълумот диҳед.
2. Маҷмуаҳои шоирро номбар кунед.
3. Шоир дар шеърҳои аввалаш ба кадом мавзуъҳо бештар таваҷҷуҳ зоҳир намуд?
4. Мавзуи Ватан дар эҷодиёти шоир чӣ мавқеъ дорад ?
5. Шеъри «Тоҷикистон»-ро таҳлил намоед.
6. Боз кадом мавзуъҳо диққати шоирро ба худ ҷалб намудаанд?

---

1 Озарм — роҳат, осудагӣ, осоиш.

2 Озор — ранҷ, азоб, шиканҷа.

## ХУДШИНОСӢ ВА ИФТИХОРИ МИЛЛӢ

Масъалаҳои худшиносӣ ва ифтихори миллӣ дар ашъори Бозор Собир ҳанӯз аз солҳои 70-уми асри XX мавқеъ пайдо мекунанд. Дар шеърҳои «Дар оғӯши кӯҳистон», «Забони модарӣ», «Теғи Сино», «Ман худамро кушта-кушта», «Асп» тақдири таърихӣ, руҳи миллӣ ва мавқеи иҷтимоии халқи тоҷик мавриди тасвири бадеӣ қарор гирифтаанд.

**«Дар оғӯши кӯҳистон»**

Шеъри «Дар оғӯши кӯҳистон» дар шакли шеъри нав ва дар баҳри рамал (рукни аслиаш фоилотун: –U– –) суруда шуда, аз ҳафт банд иборат аст. Бозор Собир аз услуби тамсилии тасвир истифода карда, ҳодисаи табиии акси садоро воситаи баён қарор додааст. Дар банди аввал ба воситаи санъатҳои талмеҳ (Бадахшон, Зарафшон), муболиға (қуллаҳои осмонбӯс) ва сифатчинӣ (ҳамзабон, ҳамтақдир, ҳамдард) масъалаи ягонагӣ ва ҳамтақдирии Ватану ватандор ба миён гузошта мешавад:

Кӯҳ гуфтам ман,
Бадахшон кӯҳ гуфт,
Қуллаҳои осмонбӯси Зарафшон кӯҳ гуфт.
Кард овози маро такрор кӯҳистони ман,
Ҳамзабон, ҳамдард,
Ҳамтақдиру ҳамармони ман.

Дар чор банди минбаъда паҳлуҳои гуногуни акси садо, ки аз овози норасои қаҳрамони лирикӣ ҳосил шудааст, тафсил меёбанд. Шоир кӯҳу кӯҳпораҳои Тоҷикистонро ба паҳлавонону қаҳрамононе монанд кардааст, ки бо як садо саф мекашанд. Овози норасои қаҳрамони лирикӣ «лаҳзае дар кӯҳҳо печида аксандоз» ва ба бонгу фарёд бадал мешавад. Моҳияту муҳтавои шеър дар бандҳои охир ифода меёбад:

Тухми мо дар рӯйи олам он қадар бисёр нест,
Лек то кӯҳу камар барҷо бувад,
Халқи мо он қадр каммиқдор нест.
Бо хурӯше,
Балки бо як норасо фарёд ҳам
Медиҳад овоз кӯҳистону дар оғӯши он
Мо фаровон мешавем,
Мо ҳазорон мешавем.

Шеъри «Дар оғӯши кӯҳистон» дар хонанда эҳсоси ватандорӣ ва ифтихори миллӣ бедор мекунад. Кӯҳҳои Тоҷикистон такягоҳ ва қуввату дармони аҳолии ин сарзамин мебошанд ва тоҷикон метавонанд бо ин мулки кӯҳсори худ дар дунё мавқеи сазоворе дошта бошанд.

**«Забони модарӣ»**

Дар шеъри «Забони модарӣ» иқтидору мавқеи забони оламгири тоҷик тасвир меёбад ва таъкид мегардад, ки халқи тоҷик маҳз ба туфайли забони пуриқтидораш дар таърих мавҷудияти худро нигоҳ доштааст. Ин шеър аз 11 банд иборат буда, бозгӯйи дарди таърихии миллат ба шумор меравад. Талошу ҷонбозиҳои мардуми тоҷик баҳри ҳифзи забони модарӣ дар банди зерин чунин ифода ёфтааст:

Оҷ[1] гум карду забонро гум накард,
Тоҷ гум карду забонро гум накард,
Тахт гум карду забонро гум накард,
Бахт гум карду забонро гум накард.

Дар ин порча Бозор барои баёни боз ҳам равшан ва сареҳи фикр аз такрори таркиби «забонро гум накард» истифода кардааст. Шоир калимаи ***забон***ро ба калимаҳои ***оҷ, тоҷ, тахт, бахт***, ки рамзи дороию давлатдорӣ мебошанд, муқобил мегузорад ва бо ҳамин аз тамоми дигар дороиҳои моддиву маънавӣ барои халқи тоҷик афзалтар будани забони модариро таъкид менамояд. Аз ин рӯ, забони модарӣ барои халқи тоҷик рамзи мавҷудият, давлатдорӣ ва қудрату эътибор мебошад. Ин фикр дар банди ҷамъбастӣ табиӣ, самимӣ ва образнок ифода ёфтааст:

Дар ҳаду сарҳадшиносии ҷаҳон
Сарҳади тоҷик забони тоҷик аст.
То забон дорад, ватандор аст ӯ,
То забондор аст, бисёр аст ӯ...

Таъкидҳои шоир (сарҳади тоҷик забони тоҷик аст, то забондор аст, бешумор аст, беҳисоб аст, беҳад аст), такрори калимаи ***забон*** ва зарбу оҳанги он ба мақтаи шеър қувваи баланди ифоданокӣ ато намудаанд. Агар дар шеъри «Дар оғӯши кӯҳистон» сангу кӯҳ боиси афзунии халқи тоҷик гардида бошанд, пас дар шеъри «Забони модарӣ» ин маъниро забони модарӣ ба ҷо овардааст. Ин

1 Оҷ — устухони фил, дандони фил, ки хеле қиматбаҳо аст.

хулосаҳои некбинона ҷанбаи омӯзандагии шеърҳои мазкурро тақвият медиҳанд.

**«Теғи Сино»**

Шеъри «Теғи Сино» аз 8 банди чаҳормисраӣ иборат аст ва чун шеърҳои зикргардида дар баҳри рамали мусаммани маҳзуф ё мақсур навишта шуда, қофияи бандҳояш дар шаклҳои гуногун ( ааба; абвб; аабб) ба назар мерасад:

Аз азал доруи тоҷик решаи хор асту лек,–а
Бӯйи Сино мекунад ин халқ аз даври қадим.–б
Метавонӣ аз забони пиру кампираш шунид,–в
Дасти ман не, дасти ман не, дасти Луқмони Ҳаким[1].–б
Фоилотун / фоилотун / фоилотун /фоилон
– V – – / – V – – /– V– – / / – V ~

Бозор дар банди боло фарзанди халқи тоҷик будани Абуалӣ ибни Синоро бо ифтихор қайд карда, баъд ба воситаи талмеҳҳои Искандар, Қутайба[2], Чингиз, султон Маҳмуд таваҷҷуҳи хонандаро ба таърихи фоҷиабори халқи худ ҷалб менамояд. Ҳамаи шоҳону лашкаркашони номбурда дар асрҳои гуногун сарзамини тоҷикро ғорат карда, мардуми маҳаллиро ба асорат гирифтор намуданд. Вале халқи тоҷик аз нав қомат рост карда, боз аз пайи ободии мамлакат риёзат мекашид. Шоир ин маъниро ба воситаи устураи ***мурғи самандар*** басо ҷолибу нишонрас баён намудааст:

Қиссаи мурғи самандар пеши ман афсона нест,
Саргузашти мардуми печидафарёди ман аст.
Он ки месӯзад, вале аз тӯдаи хокистараш
Мекунад парвоз чун парандаи оташпараст.

Бозор Собир барҳақ халқи тоҷикро ба мурғи самандари афсонавӣ монанд кардааст, ки гӯё дар оташ зиндагӣ мекардааст. Вале агар самандар аз оташ берун баромада натавонад, мардуми печидафарёди тоҷик аз тӯдаи хокистараш боз эҳё мешавад. Тасвир дар банди охири шеъри «Теғи Сино» ба воситаи ба ҳам муқобил гузоштани ду теғ – теғи хунрези Чингиз ва теғи дармонбахши Сино хеле муносиб ҷамъбаст шудааст:

1 Луқмони Ҳаким — дар асотири халқҳои аҷаму араб номи марди ҳакиме, ки аслаш ҳабашӣ буда, дар аҳди Довуд пайғамбар мезистааст. Дар байни халқи тоҷик Луқмони Ҳакимро ба Абуалӣ ибни Сино айният додаанд.

2 Қутайба ибни Муслим (соли вафот 715) – сарлашкари араб, ки солҳои 705 – 715 қисми зиёди Осиёи Миёнаро забт кардааст.

Соате Чингиз девори Бухороро шикаст,
Дар миёнаш тир, теғи тези хунрезаш ба даст.
Халқи тоҷик теғи дармонбахши Синоро гирифт,
Теғи дармонбахши Сино рӯйи дунёро гирифт.

Калимаи ***тег*** бо тавсифҳои ***тезу хунрез*** якҷо шуда, симои бадҳайбати Чингизхони ғоратгарро пеши назари хонанда намоён месозад. Вале ҳамин калима бо тавсифи ***дармонбахш*** омада, ба симои ҳакимона ва нурони табиби ҷаҳонӣ Ибни Сино ишора мекунад. ***Теги Сино*** рамзи ***теги ҷарроҳӣ*** аст, он ба оламиён дармон мебахшад. Ва хушбахт аст халқи тоҷик, ки чунин нобиғаро ба мардуми олам пешкаш кардааст.

**«Асп»**

Дар эҷодиёти Бозор Собир пайванди инсону табиат хеле қавӣ ба қалам омадааст. Ва ин ҳолат, алалхусус, дар шеъри «Асп» барҷаста ба назар мерасад. Шеъри «Асп» аз даҳ банди чаҳормисраӣ иборат аст ва дар он як лаҳзаи ширину бебадали айёми ҷавонии қаҳрамони лирикӣ тасвир ёфтааст. Дар тасвири асп хаёли шоир ба дуриҳо парвоз карда, лаҳзаҳои аз чилсола пештарро ба ёд меорад:

Пояш сафеду гардану пешониаш сафед,
Соқаш дарозу тахтаи пушташ дарозтар.
Зери шикам ба тахтаи пушташ кашида сар,
Чашмаш мисоли лахчаи сӯзанда дар назар.

Таносуби калом, ташбеҳу истиора ва тавсифҳои маҷозӣ на танҳо сурати зебову қомати дилкаш, инчунин, рафтори ҷолибу табиати накуи ин ҳайвони ба инсон садоқатмандро равшан намудор сохтаанд. Ин асп «сар то қадам сарак-сараку резу печу тоб» аст, «дар подаи касофати маркаб[1] намечарад» ва «хӯйи фаришта дораду онро фаришта[2] қашоғу[3] мезанад».

Ҳар як лавҳаи тасвир, аз ҷумла таркибҳои ***ашқари[4] гардуннавард, аспи бодпо, дар пойи асп кишан назадан, наълаш моҳи навро ба хотир овардан, шиҳаи мастонааш ба гӯш нишастан*** меҳри ин ҷонварро дар дили хонанда боз ҳам амиқтар ҷой мекунад.

1 Подаи касофати маркаб — чарогоҳи чиркини чорпоён.

2 Фаришта — малак; фариштахӯ — некусиришт, поктабиат.

3 Қашоғу — асбоб барои тоза кардани асп.

4 Ашқар — асп, аспи рангаш сурхи ба зардӣ моил.

Асп рамзест, ки Бозор Собир ба воситаи он симои падар ва кулбаи падариро пеши рӯ овардааст ва ба ин восита шоир образи аспро тамомият бахшидааст, зеро тасвири асп бе савори он ноқис ба назар мерасад. Шеъри «Асп» бо санъати бадеии таҷоҳули ориф (саволгузориҳои беҷавоб) басо муассир ва ҳаяҷоновар ҷамъбаст гардидааст:

Тай шуд ҳазорҳо раҳу ҷуз дар раҳи хаёл
Бори дигар надидамат, эй аспи бодпо.
Ту то куҷо давидию ку он саворaат?
Ӯро ту дар ҷавонияш афкандӣ дар куҷо?

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Масъалаҳои худшиносӣ ва ифтихори миллӣ дар кадом шеърҳои шоир мушоҳида мешаванд?
2. Шеъри «Дар оғӯши кӯҳистон»-ро таҳлил намоед.
3. Шоир аз ҳодисаи табиии акси садо кадом мазмунро бардоштааст?
4. Дар шеъри «Забони модарӣ» кадом ғоя талқин гардидааст?
5. Дар шеъри «Теғи Сино» кадом хусусияти халқи тоҷик таъкид ёфтааст?
6. Чаро халқи тоҷик ба мурғи самандари афсонавӣ монанд шудааст?
7. Пайванди инсону табиатро дар шеъри «Асп» нишон диҳед.

## САВОЛИ ТЕСТӢ

1. Дар кадом шеъри Б. Собир Бадахшон ба модар ташбеҳ шудааст?

А) «Тоҷикистон»;
Б) «Теғи Сино»;
В) «Забони модарӣ»;
Г) «Дар оғӯши кӯҳистон»;
Ғ) «Асп».

2. Дар ин порчаи шеърии Бозор Собир калимаҳои қофияшаванда дар куҷо омадаанд?

Оҷ гум карду забонро гум накард,
Тоҷ гум карду забонро гум накард.

А) Дар охир;
Б) Дар мобайн;
В) Дар аввал;
Г) Қофия надорад;
Ғ) Намедонам.



# САЙФ РАҲИМЗОДИ АФАРДӢ

*(1953 – 2000)*

**Зиндагинома**

Сайф Раҳимзоди Афардӣ 20 ноябри соли 1953 дар деҳаи Дектури ноҳияи Восеъ ба дунё омадааст. Гузаштагони нависанда дар деҳаи Афардии ноҳияи Ховалинг зиндагӣ доштанд. Аз ин рӯ, адиб Афардӣ тахаллус гирифтааст.

Сайф Раҳимзод пас аз хатми мактаби миёна чанд муддат дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ чун рассоми кинотеатр кор мекунад. Ӯ як муддат ҳунарпешаи Театри давлатии мусиқии мазҳакаи шаҳри Кӯлоб ва баъдтар коргари комбинати шоҳибофии шаҳри Душанбе буд. Сайф соли 1975 шуъбаи рӯзноманигории Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро хатм намуд. Чанд муддат дар телевизиони тоҷик фаъолият намуд. Баъдҳо раиси Комитети киносозони ҷумҳурӣ таъйин мешавад. Як давра бо мутахассисони шуравӣ дар Афғонистон кор кардааст. Аз соли 1983 масъулияти сармуҳаррири редаксияи мусиқии радиоро бар дӯш гирифтааст. Аз соли 1997 то охири умр чун раиси Комитети телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият дошт. 20 майи соли 2000 риштаи ҳаёти Сайф Раҳимзод канда шуд. Сайф Раҳимзод соли 1995 ба Ҷоизаи адабии ба номи Айнӣ ва соли 2002 ба Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ сазовор гардид.

**Мундаричаи эҷодиёт**

Аввалин ҳикояи нависанда бо номи «Гунҷишки сафед» соли 1975 ба табъ мерасад. Нахустин маҷмуаи адиб «Ситораҳои сари танӯр» (1984) ном дошта, он қиссаи «Ситораҳои сари танӯр», ҳикояҳои «Гунҷишки сафед», «Падруду пайғом» ва очеркҳои «Як ниҳоле, чанд дарахте», «Момаи Олия»-ро фароҳам овардааст. Китобҳои минбаъдаи Сайф бо номҳои «Аз ёдҳо, аз ёдҳо» (1988), «Дурӯғи сафед» (1998), «Васвасаҳои

Зикривайҳ» (1999) «Падруду пайғом» (2000), «Доғҳои офтоб» (2003),"Хаёл" (2014), «Чашми саҳар» (2014) дастраси ҳаводорони эҷодиёташ гардидаанд.

Сайф Раҳимзод аз рӯйи қиссаи «Ситораҳои сари танӯр» бо ҳамин ном филми ҳунарӣ бардоштааст. Ҳамчунин, силсилафилмҳои мустанади нависанда бо номҳои «Ҳарф бизан, поизам», «Пете», «Чорсе» ва «Зеру рӯйи бомҳо» дилнишину зебо ва табиӣ офарида шудаанд. Осори Сайф Раҳимзод ба русӣ, украинӣ, ӯзбекӣ ва дигар забонҳо тарҷума ва нашр шудаанд.

Сайф Раҳимзод аз нахустин қадамҳои эҷодӣ ба тасвирҳои рангомезу шоирона майл мекунад ва аз чакидаҳои хомаи ӯ нафаси тозаву гарм эҳсос мешавад.

Чунонки мебинем, дар ҳикояи аввалини Сайф – «Гунҷишки сафед» тасвир то чӣ андоза зинда, пуробуранг ва шавқовар буда, ҷумлаҳо хушоянд, пурзарофат ва образнок садо медиҳанд. Хонанда аз шавқу шӯр ва кунҷковии қаҳрамони ҳикоя, ки писараки 6-7-сола мебошад, ба ваҷд меояд ва ҳамроҳи ӯ лаҳзае ба солҳои кӯдакияш бармегардад:

— Оча! Соям ку? Ёфта биёр!

— Худат кофта биёв, бачам, – ба гӯшам мерасад овози модарам.

Намедонам, ки ӯ дар куҷост, дар молхона аст ё дар ошхона, гов медӯшад ё хамир мекунад. Ҳеҷ гап не, ҳозир...

— Оча, гиря мекунам!

— Барои чӣ, бачам?

— Соям нест!

— Ягон ҷо хоб будагист. Ҳоло ҳама сояҳо хобанд. Бубин, сояи ман ҳам нест.

— Сояҳо дар куҷо хоб мекунанд?

— Дар ҳамин наздикиҳо.

— Пас, сояи маро бедор мекунӣ?

— Дастам хамиролуд аст, андак биист, хамира бихелам...

Насри Сайф Раҳимзод аз як асар то асари дигар такмил меёбад. Қиссаи калонҳаҷми нависанда «Таронаҳо ва тавбаҳо» аз офаридаҳои пешини адиб тафовути ҳунарӣ дорад. Қаҳрамони марказии асар Хугара ҷавонест 14-сола, якраву кунҷков, зираку худшинос ва фаъолияти ғайриодӣ дорад. Дар нигоҳи ӯ ҷойе инсони одӣ пайкари хирад мешавад, ҷойе духтарони пахтакор ба даруни оби заҳролуд ҳусни париро мегиранд ва беолоишу пурназокат мешаванд: «Арвоҳи модари пирам дар саргаҳи ҷӯйбораки хотираҳо ҷомаи дорухӯрдаи умри маро мешӯяд». Ё ки: «Чойник дар кафи ӯ мисли кабк метапад».

Дар чунин ҳолатҳо хонанда дар шахси Хугара, бобову бибии ӯ, Зина ва дигарон ба инсонҳои поксиришту хушахлоқ ва олами маънавиашон бой шинос мешавад. Хугара дар насри муосири тоҷик қаҳрамони тамоман нав аст.

Чанд китоби Сайф Раҳимзод, аз ҷумла «Доғҳои офтоб», баъди марги нависанда чоп мешаванд. Китоби «Доғҳои офтоб» аз се қисм иборат аст: «Доғҳои офтоб», «Доғистони ман», «Рӯйи ману зулфи шамол». Ин китоб хонандаи соҳибзавқро ба лаҳзаҳои зиёда дилнишину хотирмон, рафтору хислатҳои аҷиб ва чеҳраҳои нотакрори нуронӣ рӯ ба рӯ месозад. Аз «Доғҳои офтоб»: «Себест нимгаз ва механдад... Себак лаби пурхоки ин роҳро бӯсида-бӯсида пеш меравад. Малаххо аз тарс худро дар паноҳи хорҳои бари роҳ мегиранд ва чашмони бузурги бари рӯяшонро ба нақши бӯсаҳои себак медӯзанд». Аз «Доғистони ман»: «Ранги шаб канд, шаб парешону бетоб шуд; тирагии шаб, ки шабеҳи пӯсти муш нарм буду тааффун[1] дошт, мекоҳид, шаб сафед мешуд мисли талқон».[2]

Қисмати «Рӯйи ману зулфи шамол» хотироти нависандаро аз воқеаҳои Афғонистон дар бар мегирад ва хеле ҷолибу пурҷило мебошад: «Ман кӯр нестам, метавонам дунёро бо чашмони худ бубинам... Ин ҷо офтобро мекушанд. Ҳар бегоҳ ба сараш санг мезананд, сангсораш мекунанд. Офтоб зери санг мемонад... Субҳ боз бо ҳазор азобе аз зери санг мебарояд... »

Маҷмуаи «Дурӯғи сафед» аз ҳикояҳои бисёре, чун «Дурӯғи сафед», «Руф», «Аз розҳо, аз розҳо», «Васвасаҳои Зикривайҳ» иборат аст ва дар он орзую умеди нависанда ба воситаи образҳои ҷолиб хеле некбинона ва зиндадилона баён гардидааст. Аз ин ҷиҳат, ҳаёти бачаи панҷсолаи «шумқадам», аз ҳикояи «Додараки фариштаҳо», басо ҷолибу мароқангез аст. Ҳама, ҳатто падару модараш ин писаракро бе пайи қадам медонанд. Кӯдак аз ин муносибати одамони маҳалла ниҳоят дар азоб аст. Аммо худ бовар дорад, ки бе пайи қадам нест. Ва кӯшиш мекунад «шумқадам» набуданашро исбот намояд, ба одатҳои мардумӣ такя карда, рӯзи дафни хоҳари охиринаш ба дасти модар маҷбур дойра медиҳад ва исрор мекунад, ки модар дойра занад. Писарак дар ҳавои дойра ба рақс медарояд: «Як дунё маънӣ дошт ин рақс. Ин ҷо хашм буду нишот, андӯҳ буду бебокӣ ва дилтангӣ... Ин кӯдак, ин одамизода барои зиндагӣ мерақсид. Ин ҷо шӯри зиндагӣ, ҷовидонагӣ мечар-

1 Тааффун — бӯйи бад.

2 Талқон — орди гандуми биёнкарда ё меваи хушкондашуда.

хид. Писарак бо садои дафу тарона ғамро дур месозад. Он шаб писарак дойра ба даст бихобид. Дойра мисли сипар ӯро гӯё аз ғаму андӯҳ ҳимоя мекард. Вай пирӯз шуда буд. Чи пирӯзии талх, чи кӯдакии душвор».

Дар баъзе ҳикояҳои Сайф Раҳимзод оҳангҳои маҳзунӣ эҳсос мешавад. Қаҳрамонҳои ҳикояҳои «Дурӯғи сафед», «Руф» бемор ҳастанд. Майвалӣ (қаҳрамони ҳикояҳои «Тавбатаронаҳои Хугара», «Доғистони ман», «Башорат») девона аст. Майвалӣ девонаи беозор аст ва ҳастии худро дарк менамояд. «Вай бештар аз торикӣ метарсад. Ғуруби офтоб ӯро ғамгин мекунад, ба ваҳшат меорад ва ҷунунаш мегирад. Ҳар куҷое рӯшании чароғ ё оташи дегдон бошад, ба ҳамон ҷо мешитобад. Вақте бибиаш фонусе ба дасташ медод, «ҷаҳоне мешуд фусуномезу пурҷазаба». Яъне, девонагии ӯ ҷониби рӯшноӣ, накуӣ нигаронида шудааст. Мардуми бедард бошад, ба ҳоли ӯ механданд.

Дар ҳикояи «Доғистони ман» заминаҳои аз байн рафтани Иттиҳоди Шуравӣ нишон дода шудааст. Ин ҳикоя бо манзумаи пурсӯзу гудозе оғоз меёбад ва манзараи даҳшатовареро ба хонанда пешниҳод мекунад. Аз заҳри селитра ҳама – ҳам одамон, ҳам ҳайвоноту парандаҳо ва ҳам наботот дар азобанд, аз одамон бӯйи дору меояд. Баъд ин манзараи мудҳиш ба воситаи образҳо таъкид меёбад. Масалан, кӯдакони дардманд – Булаю Сафар пряникҳояшонро дар оби заҳролуди пахта тар карда мехӯранд. Ё худ, раиси колхоз ба сари Хугара чанд бор заҳр мепошад ва ғайра.

Ҳамин тариқ, образҳои ҳикояҳои маҷмуаи «Дурӯғи сафед» якдигарро аз ягон ҷиҳат такмил медиҳанд ва пурра мекунанд ва ҳама якҷо як образи куллро ба вуҷуд меоваранд. Сайф Раҳимзод инсонеро ситоиш мекунад, ки худ роҳи зиндагиашро муайян карда тавонад ва тақдирсоз бошад. Ин инсон, ки моҳияти ҳастии худро дарк кардааст, қаҳрамони нави адабиёти тоҷик мебошад. Сайф Раҳимзоди Афардӣ барои ба вуҷуд овардани асари асили адабиёт кӯшиш намуда, ба пояи баланди эҷодӣ расидааст.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Дар бораи зиндагиномаи Сайф Раҳимзод маълумот диҳед.
2. Эҷодиёти нависанда кай оғоз ёфтааст ва аввалин маҷмуааш чӣ ном дорад?
3. Чаро Сайф Раҳимзод нависандаи навовар мегӯянд?
4. Қиссаи «Таронаҳо ва тавбаҳо» аз офаридаҳои пешинаи адиб чӣ тафовут дорад?

5. Маҷмуаи «Дурӯғи сафед» кадом ҳикояҳоро фаро гирифтааст?
6. Дар бораи образҳои Хугара ва Майвалӣ маълумот диҳед.
7. Дар ҳикояи «Доғистони ман» кадом масъала ба миён гузошта шудааст?

## ҚИССАИ «СИТОРАҲОИ САРИ ТАНӮР»

**Мухтаво ва сохтори қисса**

Қиссаи «Ситораҳои сари танӯр» соли 1978 эҷод гардидааст. Воқеа ва ҳодисаҳои қисса дар яке аз деҳоти кӯҳистони тоҷик дар солҳои шаст – ҳафтоди асри XX ба вуқуъ пайвастааст. Деҳае, ки он ҷо гурӯҳи мутахассисон ба кашидани хатти барқ машғуланд. Дар охири деҳа Сайрам ном зани ҷавон бо духтарчаи ҳашт-нуҳсолааш зиндагӣ дорад. Айёми таътили тобистона аст ва Робия ҳангоми дар саҳро будани модараш хонаро нигаҳбонӣ мекунад...

Асар ба бобҳо ҷудо намешавад ва бо чунин сарахбор оғоз меёбад:

– Офтоб аз шаб метарсад!
– Барои чӣ, духтарам?
– Вақте ки шаб меояд, офтоб мегурезад...
– Офтоб аз торикӣ зӯртар аст.
– Барои чӣ, писарам?
– Офтоб, ки баромад, торикӣ ғайб мезанад...

Ин сарахбор гувоҳ бар он аст, ки дар бандубаст ва хатти сужети қисса фаъолияту андешаҳои кӯдак мавқеи асосӣ дорад. Дар ҳақиқат, тамоми мундариҷаи қисса ба Робия ва андешаву ҳаракатҳои ӯ вобаста аст.

**Образи Робия**

Робия қаҳрамони асосӣ мебошад ва аз лаҳзаҳои аввал чун духтарчаи дилсоф, самимӣ ва орзупарвару ҳассос ба назар мерасад. Робия лухтаку ҳайкалчаҳои бисёре сохтааст ва ҳамеша бо бозичаҳояш машғули бозӣ ва «суҳбат» мебошад. Рӯзе Қодир ном симчӯббардор дар домани ӯ ҳайкалчаҳои бисёреро мебинад ва байни Қодиру Робия чунин гуфтугӯ сурат мегирад:

– Охир, духтаракон аз лой одамча намесозанд!
– Барои чӣ?
– Ин кори мардҳо аст, писаракон...

– Не-е. Маро модарам сохтааст-ку?
– Ту падар надорӣ?
– Маро модарам сохтааст-ку?! Маро модарам сохтааст-ку?!

Дар ҳақиқат, пурсишҳои беҷойи Қодир Робияро озурда сохт, зеро ӯ падарро надида ва мактубҳои модарашро пинҳонӣ хонда, ба он падари фосиқ ғоибона нафрат пайдо карда буд. Аз муколамаи боло ҷавоби асосноку сазовори Робияро эҳсос менамоем (панҷ бор ҷумлаи «Маро модарам сохтааст-ку?!»-ро такрор мекунад).

Робия духтараки мушоҳидакор ва зирак аст. Ҳар як тағйироти олами атрофро зуд ба мушоҳида мегирад. Махсусан, хурдтарин ҳаракат, муносибат ва тағйири ҳолати руҳии модараш аз назари ӯ дур намемонад. Аз мушоҳидаҳои духтарак маълум мешавад, ки модараш ба Қодир меҳр пайдо кардааст. Робия, ки аз симчӯб худро ба замин партофтани Қодирро мебинад, вақти бозӣ яке аз зочаҳояшро «Қодир» ном ниҳода, онро ба болои «симчӯб» мебарорад. «Қодир» аз болои «симчӯб» афтида «мемурад». Робия бо овози баланд «Қодирой...» гӯён гиря мекунад. Модараш:

– Робия! Чӣ кор кардӣ?
– Ҳеҷ чӣ!
– Чаро мегирйӣ?
– Қодир мурд!
– Чӣ! Кӣ мурд?

Модарам давида назди ман омад. Ранг дар рӯяш намонда буд. Лабонаш пир-пир мепариданд. Дока аз сараш афтода буд. Занҷирчаҳои қасабаи гиребонаш ларзида, ҷиринг-ҷиринг садо мебароварданд.

– Чӣ гуфтӣ?
– Ҳеҷ чӣ не, симчӯббозӣ карда истодаем.

Модарам, гӯё зонувонаш шикаста бошанд, якбора ба замин нишаст...

– Об биёр!–гуфт ӯ оҳиста.

Робия дили поку беғаш дорад. Ба касе, ки меҳр дошта бошад, ӯро самимона дӯст медорад. Вале ба шахси бад муросо карда наметавонад. Духтарак модарашро ба дунё монанд мекунад: «Медонам, дунё мисли модари ман аст – сафеду покизаву зебо ва шармгин...» Аз нигоҳи Қодир дилаш равшан мешавад: «Қодир.. рӯяшро ба тарафи мо гардонду хандид, хандаи ӯ софу покиза буд ва чароғ барин дилро равшан мекард». Вале чашмони Бекмурод,

ки одами бад аст, дар назараш чунин метобад: «Ман ҳам ба чашми ӯ нигоҳ кардам: чашмонаш тутаи дудагирифтаи печка барин буданд – сиёҳ, чуқур, холӣ».

Робия образи пурқуввати бадеист, аз бригадир Валихӯҷа ва Козим барин мардони нохалаф, ки шомгоҳон чун кӯршабпараки болшикаста ба ҳар баҳона ба хонаи онҳо меоянд, хавф дорад. Бинобар ин, орзу мекунад, ки ӯ ва модараш монанди Қодир муттакое[1] дошта бошанд. Духтарак ба воситаи бозичаҳояш модарашро бо Қодир «тӯй» мекунад.

**Симои модар**

Образи модар низ ҷолиби диққат аст. Симои ҳақиқии модар ҳангоми бемории фарзанд бармало намоён мешавад. Робия ҳангоми дар касалхона афтидан ҳолати руҳии модарашро чунин мушоҳида намудааст: «Бо алам мегиристу печутоб мехӯрд, гӯё чашму дасти ман не, даруни ӯ месӯхт.

– Духтаракам, барои ту зиндагӣ мекунам,– пичиррос мезанад ӯ, – намемонам, ки дигар дар мӯят хор часпад, духтаракам».

Сайрам зани покдоман ва баору номус аст. Вай ризқу рӯзии худ ва фарзандашро бо меҳнати ҳалол ба даст меорад ва ба шахсони маккору дурӯя нафрат дорад. Рӯзе бригадир Валихӯҷа ба ивази пулу чиз ӯро барои вақтхушии меҳмонони ба колхоз омада истифода карданӣ мешавад. Сайрам ба ин марди берӯ чунин ҷавоби сазовор медиҳад: «Ана, модари бачаҳоятонро баред, тару тоза, соягӣ, ман рӯзи дароз дар таги офтоб будам».

**Дигар образҳо**

Дар ҳалли зиддиятҳои қисса як қатор образҳои дигар, аз ҷумла Қодир, Бекмурод, падари Робия, Валихӯҷа, низ саҳм доранд. Дар байни образҳои мардон образи Қодир хотирмону омӯзанда аст. Қодир ҷавони меҳнатӣ, ҳақталош ва собитқадам буда, ба наздикӣ аз сафи қувваҳои мусаллаҳ ҷавоб шудааст. Таваҷҷуҳи Қодири муҷаррадро дар деҳа зани ҷавон Сайрам ва духтарчаи зираку мушоҳидакори ӯ ба худ ҷалб менамояд. Ин муносибати самимӣ оҳиста-оҳиста ба ишқи ҳақиқӣ табдил меёбад.

Қодир дар ҳифзи шарафу номуси ин оилаи бемардина талош меварзад ва ҳатто барои даҳони бефаровезаш ба Бегмурод, ки аз ӯ калонсол буд, дастбагиребон мешавад. Қодир барои Сайрам ва

1 Муттако — такягоҳ.

духтари ӯ нур ва рушноӣ меорад. Ва ин нури чароғи барқӣ рамзи бахту саодати онҳо низ буд. Робия дар равшании чароғи барқӣ тамоми нону кулчаҳои танӯрро аз назар гузаронида чунин андеша меронад: «Шодӣ мекунам, ки офтобаки болои танӯри мо фурӯзон мемонад, дигар нисфи шаб касе ба тирезаи мо нохун намезанад, ҳамсоя ҷорӯби оташгирифтаро ба ҳавлии мо намепартояд. Ман акнун ҳам модар дорам, ҳам... Қодир. Ва мо танӯри баланде дорем».

Қиссаи «Ситораҳои сари танӯр» аз ҷиҳати забон ва услуби нигориш марғуб ва таъсирбахш аст. Забони асар образнок ва рангину гуворост. Махсусан, таркибҳои маҷозӣ тасвирро пурҷозиба кардаанд. Робия шодию сурурашро аз чароғи барқӣ чунин ифода мекунад: «Дар хандаи ман модарам механдад, сафедорҳои назди танӯр низ ҷӯгивор зару зевару тангаҳои сару синаву пеши барашонро ларзонда механданд. Офтобаки болои танӯр низ механдад. Ман ба ситораҳои рахшони сари танӯр – ба чашмони модарам менигараму медавам, рӯямро ба домани пургули куртаи чакани ӯ мемолам ва пойҳояшро оғӯш мекунам».

Дар порчаи боло маъниҳои аслӣ ва маҷозии таркибҳо якдигарро пурра кардаанд. Агар хандаҳои Робия ва модари ӯ ба маънои аслӣ омада бошанд, пас хандаҳои сафедорҳои назди танӯр ва офтобаки болои танӯр маънои маҷозӣ доранд. Такрори пайдарпайи калимаи хандидан болидарӯҳӣ ва ниҳояти шодиву хурсандии персонажҳои асарро равшану возеҳ баён менамояд. Ба ҳаракатҳои лӯлизанҳо ташбеҳ кардани ҷунбиши баргҳои сафедорон ва ба офтоб монанд кардани чароғи барқӣ низ дилкашу табиӣ ба назар мерасад. Инчунин, аз матни боло маънои аслии таркиби ***ситораҳои сари танӯр,*** ки номи қиссаро фаро гирифтааст, маълум мешавад. Робия чашмони модарашро, ки гоҳи нонпазӣ дар пеши танӯр медурахшиданд, ба ситораҳо монанд кардааст.

Қиссаи «Ситораҳои сари танӯр» намунаи барҷастаи услуби баёни Сайф Рахимзод мебошад. Дар тасвирҳои қисса ҳар калима ва ҳар таркиб ҷилои махсус пайдо мекунад ва ҳама якҷо олами афсонавии кӯдаконро пеши рӯ меоранд. Бекмурод мебинад, ки Робия ҳангоми арӯсакбозӣ «Қодир» ва «модараш»-ро «пеши тахт» мемонад ва ба духтарак таҳдид мекунад, ки ин сирро фош мекунад. Робия чунин андеша мекунад: «Наход бигӯяд! Шояд нагӯяд. Ё касал шаваду то аз хонаи мо рафтани симчӯббардорон сиҳат нашавад! Касали сабукак. Зуком. Ё чашмаш дард кунад. Чӣ чаш-

мони хунуку нигоҳи сарде дорад ӯ... Агар гунг шавад,– чӣ? Не, ин афсона аст, банохост одам гунг намешавад-ку. Ҳама дардҳо ҳасту забондард нест. Афсӯс, бисёр мехоҳам, ки ӯ забондард шавад».

Ҷумлаҳои кӯтоҳ (ҳатто ҷумлаҳои ду ё яккалимагӣ: ***касали сабукак; зуком***) ва пурмаъно, муҳокимаҳои ҷаззоб ва мафҳумҳои наву тоза (***забондард***) баёнгари сабки фардии эҷоди ин нависандаи борикбин мебошад.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Қиссаи «Ситораҳои сари танӯр» кай навишта шудааст ва чӣ хел оғоз меёбад?
2. Образҳои асарро номбар кунед.
3. Оид ба қаҳрамони асосии асар Робия чӣ медонед?
4. Сайрам ва Кодир чӣ гуна образанд?
5. Оё дар асар образҳои манфӣ низ ҳастанд?
6. Образнокии забони асарро бо мисолҳо нишон диҳед.
7. Дар қисса кадом ҷиҳатҳои сабки эҷодии нависандаро мушоҳида кардед?

## САВОЛИ ТЕСТӢ

1. Қиссаи «Ситораҳои сари танӯр»-ро кадом нависанда иншо кардааст?

   А) Саттор Турсун;
   Б) Сорбон;
   В) Ӯрун Кӯҳзод;
   Г) Сайф Раҳимзод;
   Ғ) Фазлиддин Муҳаммадиев.

# САТТОР ТУРСУН

*(таваллуд 1946)*



**Зиндагинома**

Нависандаи халқии Тоҷикистон Саттор Турсун соли 1946 дар деҳаи Пасурхии ноҳияи Бойсун, вилояти Сурхандарёи Ӯзбекистон, дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Саттор Турсун соли 1970 Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро хатм мекунад. Аз соли 1970 то соли 1990 дар идораи маҷаллаи «Садои Шарқ» ба сифати мудири шуъба ва ҷонишини сармуҳаррир фаъолият менамояд.

Саттор Турсун як муддат дар муассисаҳои ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кор кардааст. Нависанда солҳои 1994–1996 мухбири рӯзномаи «Ҷумҳурият» ва солҳои 1996—1997 сармуҳаррири маҷаллаи «Памир» буд. Аз соли 1997 сармуҳаррири рӯзномаи «Баҳори Аҷам» буд. Ҳоло танҳо ба кори эҷодӣ машғул аст.

**Фаъолияти эҷодӣ**

Саттор Турсун фаъолияти эҷодиашро ҳанӯз айёми донишҷӯйӣ оғоз намудааст. Нахустин маҷмуаи нависанда бо номи «Дили гарм» соли 1971 чоп гардидааст, ки он ҳафт ҳикояро фароҳам овардааст. Баъдтар Саттор Турсун ба навиштани асарҳои калонҳаҷми насрӣ низ мепардозад. Аввалин қиссаи нависанда «Сукути қуллаҳо» (1974) ном дорад. Минбаъд китобҳои «Камони Рустам» (1976, 1982), «Аз субҳ то шом» (1979), «Барф ҳам мегузарад» (1983), «Дувоздаҳ ҳикоя» (1986) пайдарпай ба табъ мерасанд.

Соли 1988 романи Саттор Турсун «Се рӯзи як баҳор» бо қиссаи «Девор» чоп гардид. Маҷмуаҳои дигари нависанда «Дарахти ҳазорсола» (1991), «Садама» (1994), «Санг дар бағал ба туфон» (1998) ва «Зимистони умр» (2006) ном доранд. Соли 2013

Мунтахаби осори нависанда чоп гардид. Қиссаи «Девор» барои кино навишта шудааст. Ҳамчунин, нависанда як қатор мақолаҳои публитсистӣ таълиф намудааст. Мақолаҳои публитсистӣ ва мусоҳибаҳои адиб ба мавзуъҳои муҳимми фарҳангӣ ва иҷтимоии давр бахшида шудаанд.

Аксари асарҳои Саттор Турсун ба забони русӣ ва қисме аз асарҳои бадеии ӯ ба забонҳои ӯзбекӣ, эстонӣ, арабӣ тарҷума ва чоп гардидаанд. Дар навбати худ Саттор Турсун асарҳои ҷудогонаи адибони барҷастае, чун Л. Н. Толстой, Ҷек Лондон, Ш. Андерсен, А. Упит, Г. Матевосян, И. Друсе, У. Камолро ба забони тоҷикӣ тарҷума кардааст.

**Мавзуъҳои асосӣ**

Яке аз масъалаҳои муҳимме, ки дар тамоми эҷодиёти Саттор Турсун мавқеи марказӣ дорад, васфи ахлоқи ҳамидаи инсонӣ мебошад. Мавзуи ахлоқ дар ҳикояҳои «Нисфирӯзӣ», «Падар», «Аз субҳ то шом», «Ситораи корвонкуш», «Қиссаи марди гаҳворасоз», «Панҷаи нарми шафақ» мушоҳида мешавад. Образи асосии «Ситораи корвонкуш» – Назар дар деҳа танҳо ба корҳои роҳбарӣ умр гузарондааст: раиси колхоз, ҷонишини раис, мудири ферма, саркор, сардори звено. Лекин мардум ӯро ягон маротиба белақаб ном набурдаанд.

Аввал мардум ӯро Назари қоқ мегуфтанд. Баъд, вақте ки дар давраи ҷанг худ пояшро маҷруҳ намуда ланг шуд, ӯро гоҳ Назари қоқ, гоҳ Назари ланг ном мебурдагӣ шуданд. Баъдтар, вақте ки пеш аз нафақа тиловати «Қуръон»-ро ёд гирифту номи муллоиро бардошт, ӯро боз Домуллои ланг мегуфтагӣ шуданд. Назар бемори бистарӣ шуд, тамоми ҳаёти гузаштаи худро пеши назар овард ва бо сӯзу гудоз дарк намуд, ки ғайр аз бадӣ, фиребгарӣ, ҳаққи мардумхӯрӣ дигар коре накардааст. Аз ҳама хислатҳои баде, ки мӯйсафедро дар дами марг ба ором ҷон додан имкон намедоданд, бахилӣ ва ҳарисӣ буданд: «Вай бахил буд... Ба дараҷае бахил буд, ки касе бо ягон одами дуруст ҷӯрагӣ кунад ҳам, «ман аз кӣ кам, чаро ин одам бо вай ҷӯрагӣ мекунаду бо ман не» – гуфта, дилу ҷигараш еми[1] мору каждум мешуд. Ҳатто касе аз ҳад зиёд хурсанд намояд ҳам, «чаро даҳони ин одам ба баногӯшаш мерасаду даҳони ман не» – гуфта ғашаш меомад».

Нависанда дар тасвири симои манфии Назар услуби худфошкуниро истифода кардааст. Мӯйсафеди бемор ба ёд меорад, ки

1 Ем — хӯроки ҳайвонот.

Султон аз майдони ҷанг баргашта ба ӯ гуфта буд: «Ин ноодамии шуморо то дами марг аз ёд намебарорам. Баъди маргам устухонам ҳам ёд мекунад». Ва писараш – Воҳид низ сухани Султонро тақвият дода буд: «Ман ҳеҷ вакт ин гуноҳи додомро намебахшам».

Хислатҳои номуносибу ғайриинсонии Назар ба воситаи тасвири симои ӯ дар дами марг басо ҷолиб таъкид ёфтааст: «Рӯйи мӯйсафед пахтаи кухнаро мемонд... Дастони лоғари то оринҷ лучаш чун ду чӯби хушк дар рӯйи кӯрпа беҳаракат мехобиданд. Рагҳои бозувон ва пушти дастони ӯ аз зери пӯсти лимувор зарди ҷо-ҷо доғи кунҷитакдораш ба монанди симтӯри зангхӯрда тира метофтанд». Ташбеҳҳои пайдарпай (***рӯйи ба пахтаи куҳна, ду даст ба чӯби хушк, зардии бадан ба лиму, пӯсти догикунҷитакдор ба симтӯри зангхӯрда***) гувоҳ бар он аст, ки мӯйсафед миёни ҳамдеҳагон ва аҳлу ақрабо эътиборе надорад. Ҳамин тариқ, аксари ҳикоёти Саттор Турсун асоси воқеӣ дошта, ҳикмати тоҷикии «мукофоти амал»-ро ба хотир меоранд.

Дар қиссаҳои «Сукути қуллаҳо», «Камони Рустам», «Пайванд», «Зиндагӣ дар домани талҳои сурх», «Девор», «Санг дар бағал ба туфон» муҳимтарин масъалаҳои зиндагӣ, сарнавишти инсон дар ҷомеа ва ахлоқу маънавияти одамон тасвир ёфтаанд. Мавзуи қиссаи «Камони Рустам» ҳаёти оилавӣ ва муҳаббати ҷавонон мебошад. Нависанда дар образҳои Фирӯз, Назокат, Шарофатхола, Носир, Шарифи шабкӯр ва дигарон ба масъалаҳои ҳалолкорӣ, сарбаландӣ ва ростқавлӣ эътибор додааст. Образҳои асосӣ – Фирӯз ва Назокат дар роҳи бахт талош меварзанд ва баъди маҳрумияти зиёд ба мақсад мерасанд. Ҳолати руҳӣ ва туғёни қалбии ошиқонро дар охири асар манзараи баҳори дараи Оҳувон боз ҳам равшантар ифода намудааст. Онҳо дар пешорӯ тирукамонро[1] мебинанд ва ба хушбахтии худ бовар мекунанд: «Фирӯз сар бардошта, дар пеш, дар домани сабзи дараи Оҳувон... тирукамонро дид, ки гӯё ҳама рангҳои замину осмонро дар худ ҷамъ оварда, ба як тарзи муассир ҷилва мекард.

— Боре модарам гуфта буданд, ки агар кас дар пеши роҳаш тирукамонро бинад, хушбахт мешавад,– гуфт Назокат.

— Кошки хушбахт мешудем...»

Забони қиссаи «Камони Рустам» равон, пуробуранг ва нишонрас мебошад. Воситаҳои гуногуни тасвир таровати матнро афзуда, табиату хислатҳои образҳои асарро саҳеҳтар ошкор

1 Тирукамонро рангинкамон ё камони Рустам ҳам мегӯянд.

месозанд. Мақолхои халқии ***кал додари кӯр, аввал андеша, баъд гуфтор,*** тавсифҳои ***чашмони фаттонаш, каси меҳрубон, духтари хандонрӯй, зани бадқавоқ, китфи бақувват, чеҳраи заъфарон, шайтони лаъин*** хусусияти миллӣ ва тобишҳои услубии асарро афзудаанд: «Зан худи ҳамон замон мисли кабӯтари зебои болҳояш нуқрафом ба осмон рафт». Ба ***кабӯтари зебои болҳояш нуқрафом*** ташбеҳ кардани руҳи модари Фирӯз муносибати хайрхоҳона ва самимонаи хонандаро ба ин зани неком таъкид менамояд.

Дар эҷодиёти Саттор Турсун романи «Се рӯзи як баҳор» мавқеи калон дорад. Ин асар мухолифати табақавии мардуми тоҷикро дар солҳои бистуму сиюми асри XX дар бар мегирад ва аз ҷиҳати тарзи тасвири образ дар адабиёти тоҷик нав аст. Образи асосии асар – Усмон Азиз ба сиёсати Ҳукумати Шуравӣ муросо карда наметавонад. Бинобар ин, ба ҳукумат ва одамони ҳукуматӣ мухолифат карда, оқибат ба ҳалокат мерасад. Ӯ ватанашро дӯст медорад ва ҳангоми сафари маҷбурӣ аз деҳааш–Нилу ба нафаронаш чунин маслиҳат медиҳад: «Мегӯянд, ки хоки ватан аз тахти Сулаймон беҳтар. Пас, тадбир ин аст, ки ба саратон ҳар чӣ ояд, дар ватан монед. Ғам нахӯред, ки мо ба мақсад нарасидем... Шояд фарзандонатон роҳи дуруст ёбанд».

Каломи Усмон Азиз мантиқан қавӣ буда, бо мақолу зарбулмасал ва ҳикматҳои халқӣ тақвият ёфтааст. Анвар, Комрон, Таманно барин образҳои романи «Се рӯзи як баҳор» низ пурқуввату омӯзандаанд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Оид ба зиндагиномаи Саттор Турсун маълумот диҳед.
2. Дар бораи давраи аввали фаъолияти эҷодии нависанда чӣ медонед?
3. Маҷмуаҳои нависандаро номбар кунед.
4. Оё Саттор Турсун ба тарҷума ҳам машғул шудааст?
5. Мавзуъҳои асосии эҷодиёти нависанда кадомҳоянд?
6. Образи Назарро аз ҳикояи “Ситораи корвонкуш” таҳлил намоед.
7. “Камони Рустам” ба кадом мавзуъ бахшида шудааст?
8. Оид ба ҳусну қубҳи образи Усмон Азиз (аз романи “Се рӯзи як баҳор”) маълумот диҳед.

## ҚИССАИ «САНГ ДАР БАҒАЛ БА ТУФОН»

Қиссаи Саттор Турсун «Санг дар бағал ба туфон» ба масъалаи муҳимми зиндагӣ бахшида шудааст. Нависанда ба воситаи тасвирҳои муътамад ва ҷолиби бадеӣ заминаҳои воқеии зиддият, кинагирӣ ва анҷоми фоҷиабори онро табиӣ ва боварибахш ба қалам додааст.

**Мундариҷаи асар**

Қиссаи «Санг дар бағал ба туфон» ба айёми Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва солҳои аввали баъдиҷангӣ иртибот дорад. Хатти сужети асар аз тасвири туфони сахти тундбод дар фасли зимистон оғоз меёбад. Манзараи тундбоди шадид аз пешомади ногувор дарак медиҳад.

Дар ҳамин вазъияти басо таҳлуканоки зимистон Рашод ном даҳмардаи бистуҳаштсола рамаи колхозиро бонӣ мекунад. Ӯ дар доманаи кӯҳи Фарҳод тани танҳо мебошад. Ҳамроҳаш Собир чанд рӯз пеш ба деҳа рафта буд. Рашод дар ҳолати бади руҳӣ қарор дорад ва худро дар зиндагӣ сиёҳбахту таҳқирдида медонад. Ӯ дар ин шаби дарозу сарди зимистон барои он ки ғами зиндагиро фаромӯш кунад, ба арақ рӯ меорад, вале таъсири арақ боиси аз нав тоза гардидани хотираҳои номатлуб мегардад.

Рашод ба ёд меорад, ки айёми кӯдакӣ бо Насрин ном духтари ҳамсоя дӯстӣ дошт. Дар замони ҷанг ӯ ҳамроҳи падар ба чӯпонӣ пардохт ва баъди марги падар нуҳ сол ин касби душворро идома медиҳад. Махсусан, ба ёд овардани аҳдшикании падару модари Насрин, ки гаҳворабахши ӯро ба Раҳими Акбар ном сарватманд ба занӣ дода буданд, барояш хеле вазнин буд. Боз Раҳими Акбар мудири фермаи колхоз буда, хӯҷаини ӯ ба шумор меравад...

Рашодро дар вазъияти нобоби руҳӣ хоб мебарад. Саҳар аз хоб дер мехезад. Мебинад, ки шаб саги бақуввату бағайраташро гургҳо кушта, ду меши хароб аз сардӣ мурдаанд. Рашод бо табъи гирифта то пешин ба нигоҳубини гӯсфандон ва сагҳои дигари рама андармон мешавад. Ногоҳ дар рӯ ба рӯяш Раҳими Акбарро, ки барои хабардорӣ аз аҳволи рама омада буд, мебинад. Рашоди кинахоҳ, ки аз шаб боз дар симои Раҳими Акбар душмани ҷониашро медид, ба ӯ дастбагиребон мешавад ва хӯҷаинашро кушта, худ низ кушта мешавад. Ҳамин тариқ, воқеаи асар як рӯз давом карда, он бо фоҷиаи образҳои асосӣ ба поён мерасад.

**Образҳои асар**

Дар қиссаи «Санг дар бағал ба туфон», асосан, образҳои Рашод, Раҳими Акбар ва Насрин мушоҳида мешаванд. Рашод чун қаҳрамони асосӣ дар ҳалли зиддиятҳои асар мавқеи сазовор дорад. Рашод ҷавони боғайрату ватандӯст ва ҳалолкор аст, аз понздаҳсолагӣ рамаи колхозро бонӣ мекунад ва манфиати ҷомеаро аз манфиати шахсӣ боло мегузорад. Ӯ орзу дошт, ки дар ягон шаҳри калон хонда муаллим шавад. Вале дар замони ҷанг чӯпон буданро ба ҷомеа зарууртар донист.

Аз андешаҳои Рашод маълум мешавад, ки ӯ иззати нафс дорад, ба анъанаҳои ниёгон эътиқодманд аст ва ростию росткориро мепарастад. Вақте ки Раҳими Акбар аз ҷанг баргашта, гаҳворабахши ӯ – Насринро ба занӣ гирифт, ин ҳодиса барои ӯ зарбаи сахти зиндагӣ шуд. Аввалан, дилаш аз падару модари Насрин монд. Дувум, аз Насрин озурдахотир шуд. Аз ҳамон Насрине, ки бо тамоми ҳастӣ дӯст медошт ва ҳангоми дидори ҷамоли ӯ «на танҳо дилаш, овозаш, балки дасту пойҳояш низ меларзиданд». Маълум мешавад, ки муҳаббати Насрин рӯякӣ ва риёкорона будааст.

Махсусан, дидаву дониста анъана ва расму русуми бобоёнро пушти по задани Раҳими Акбар «бечора Рашодро яксони замин» кард. Рашод амали Раҳими Акбарро ба амали гург монанд мекунад. Нависанда ҷараёни тағйироти сифатии образи Рашодро нишон додааст. Рашод аввалҳо нисбат ба Раҳими Акбар танҳо дар дил кина мепарварид. Суханҳои пасту баланди ӯро бо хомӯшӣ паси сар мекард. Вале як рӯз, дар вақти тӯлгирӣ[1] ӯ тавонист, ки «ба чашмони Раҳими Акбар чун теғ рост нигариста, ба миёни гапаш лагад занад».

Вале он гуфтугӯ ором сурат гирифта буд. Баробари эҳсоси қадру қимати инсонӣ суханҳои Рашод қувват мегиранд ва ба дараҷае таъсирнок садо медиҳанд, ки Раҳими Акбар дар ҷавоб оҷиз мемонад:

— Ту чӣ, гушнаӣ?

— Бигузор гушна бошам, лекин дар имону инсоф аз ту беҳтарам.

— Ту чӣ мехоҳӣ, ман намефаҳмам,– китф дарҳам кашид Раҳими Акбар.–Айбу шармро надониста, ба рӯйи одами аз худат калон чӣ хел медавӣ?

— Туф кардам ман ба ту барин калон,–таёқашро маҳкам фишурда, гуфт ба як нафас Рашод.

1 Тӯл — мавсими зоидани бузу гӯсфандхо.

Аз ин муколама маълум мешавад, ки Рашод ба душмани худ дигар муросо карда наметавонад ва ҳисси кинаву адоват боло гирифта, ба дараҷаи интиқом расидааст.

Рашод қурбонии беадолатӣ ва беинсофиҳои давраи худ буд. Оташи кинаву кудурат саропойи вуҷуди ӯро сӯзонда ва зиндагияш моҳияти худро гум карда буд. Рашод дар набард душманаш– Раҳими Акбарро бо корд аз пушташ зада кушт. Вале бо ин корро тамомшуда намедонист: «Ҳар чӣ зудтар ба деҳа рафта, нуҳсола дарду аламашро, тану ҷони пур аз ранҷашро, ниҳоят ишқи саргардонашро дар ҳамон манзили орзуҳои бачагӣ мегӯронад. Якҷоя бо Насрин мегӯронад».

Рашод ба қарори мушкил омада буд. Вале мушкили ӯро аспи Раҳими Акбар, ки то ҳол дар назди мурдаи соҳибаш истода буд, осон намуд. Асп зоҳиран ором буд, аммо «нигоҳи чашмони амиқаш ханҷарвор тез ва гӯшҳои хурд-хурдаш сих буданд». Рашод телпаки Раҳими Акбарро дар сар карда, камони ӯро дар китф ва қамчинашро дар даст гирифт ва акнун ба лаҷом даст бурданӣ буд, ки асп аз мағзи ҷигар сахт шиҳа кашида ба вай ҷуфтлагад андохт ва Рашод аз ин зарбаи ҷонкоҳ ба зиндагии пурмоҷарои худ падруд гуфт.

Образи Раҳими Акбар низ ҷолиб ва қобили мулоҳиза аст. Моҳияти ин образ, асосан, аз нигоҳи Рашод кушода мешавад. Рашод ба Раҳими Акбар душманӣ дорад, бинобар ин, табиист, ки танҳо хислатҳои бади рақибашро пеши назар меорад.

Раҳими Акбар дар қисса танҳо ду маротиба ба назари хонанда намоён мешавад. Бори аввал ҳангоми тӯлгирии гӯсфандон дар аввалҳои баҳор ва бори дувум дар зимистони шадид. Дар ҳар ду маврид ҳам Раҳими Акбар бо Рашод мунозира мекунад. Мунозираи дувум ба ҷанги танбатан оварда, боиси ҳалокати Раҳими Акбар мегардад. Хислатҳои бад ва амалҳои номатлуби ӯро Рашод ҳангоми афтонда муштКорӣ карданаш чунин мешуморад: «Инаш барои он ки чӣ будани раҳму шафқатро намедонӣ! Инаш барои он ки дар лаб ханда дошта бошӣ ҳам, дилат ба мисли ангишт сип-сиёҳ! Инаш барои он ки ҳаргиз мусулмон нестӣ, аз Худо бехабарӣ! Инаш барои он ки бо вуҷуди давлатманд будан дуздӣ мекунӣ, як гӯсфанди колхозро дута шудан намемонӣ! Инаш барои он ки мани камбағалро аз сони одам баровардӣ, пулу молатро пеш андохта ба фиребу найранг гаҳворабахши маро ба занӣ гирифтӣ! Инаш барои он ки дидаву дониста, расму оини падару бобоёнамонро зери по кардӣ».

Бо вуҷуди ин, образи Раҳими Акбар тамоман манфӣ ба назар намерасад. Ӯ иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ мебошад ва бо Насрину се фарзандаш оилаи хуб барпо намудааст. Бекинагӣ ва рафтори мардонаи Раҳими Акбар, махсусан, ҳангоми набард бо Рашод бармало маълум мешавад. Ӯ бо пофишориҳои Рашод маҷбур шуд, ки ба ҷанги тан ба тан бархезад ва ҳангоми набард тавонист, ки рақиби кинахоҳашро мағлуб созад. Ва ин муқоиса ҳам ҷолиб аст: Рашод вақте ки мағлуб мешавад, афсӯс мехӯрад, ки камонашро ҳамроҳ нагирифтааст, вале Раҳими Акбар корду камон дошта бошад ҳам, онҳоро ба ёд намеорад.

Дар ҳар сурат, ба анъана ва урфу одати ниёгон эътибор надода, гаҳворабахш ва дӯстдоштаи Рашодро ба занӣ гирифтани Раҳими Акбар хатои зиште буд, ки оқибат ба ҳалокати ӯ боис гардид. Раҳими Акбар намунаи одамони пулдор ва худхоҳу худбовар мебошад, ки ба суннатҳои миллӣ ва қонунияти табиии зиндагӣ муносибати саҳлангорона доранд.

Дар қиссаи «Санг дар бағал ба туфон» тасвирҳои гуногуни бадеӣ, аз ҷумла тасвирҳои рамзӣ, андешаҳои ботинӣ ва психологӣ, якдигарро такмил додаанд. Ширкати ҳайвонот, манзараҳои табиат, лаҳзаҳои хоббинӣ ҳолатҳои руҳии образҳоро мукаммалтар намуда, ба мундариҷаи асар таъсири мусбат расондаанд. Ин асар саҳифаи тозае дар насри давраи нави тоҷик мебошад.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Оид ба мундариҷаи асар маълумот диҳед.
2. Образҳои асосии асарро номбар кунед.
3. Дар бораи образи Рашод маълумот диҳед.
4. Чаро Рашод ба Раҳими Акбар кина мепарварид?
5. Оё образи Раҳими Акбар тамоман манфӣ аст?
6. Дар ин асар кадом навъи тасвирҳо мушоҳида мешавад?
7.

## САВОЛИ ТЕСТӢ

1. Рашод, Раҳими Акбар образҳои кадом асари Саттор Турсун мебошад?

   А) «Санг дар бағал ба туфон»;
   Б) «Камони Рустам»;
   В) «Барф ҳам мегузарад»;
   Г) «Аз субҳ то шом»;
   Ғ) «Девор».

# АДАБИЁТИ ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛ

## АДАБИЁТИ ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛ

**Ҳаёти сиёсӣ ва ичтимоӣ**

Аз миёнаҳои солҳои 80-уми асри XX дар ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии Иттиҳоди Шуравӣ тағйироти куллӣ ба амал омад. Ҳизби коммунист дар ҷомеаи шуравӣ адолати иҷтимоӣ ва демократия барқарор карданӣ шуда, масъалаи бозсозӣ ва ошкорбаёниро ба миён гузошт. Ин тағйирот боис гардид, ки соли 1991 Иттиҳоди Шуравӣ аз ҳам пош хӯрда, ҳамаи 15 ҷумҳурии иттифоқӣ ба сари худ мустақил гарданд. Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон низ 9 сентябри соли 1991 истиқлол ба даст даровардa, Ҷумҳурии Тоҷикистон ном гирифт ва дар олам ҳамчун кишвари тозаистиқлол муаррифӣ гардид. Ҷанги шаҳрвандӣ, ки моҳи майи соли 1992 оғоз ёфт, ба сари мардуми Тоҷикистон хонавайрониҳо ва сарсониҳои гӯшношунид овард.

Хушбахтона, Сессияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, даъвати XII, ки аз 16 ноябр то 2 декабри соли 1992 дар қасри «Арбоб»-и ноҳияи Хуҷанд (ҳоло ноҳияи Бобоҷон Ғафуров) давом кард, ҷомеаи тоҷиконро аз бухрони шадиди сиёсӣ раҳоӣ бахшид. Вазъияти сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон сол то сол ба эътидол омадан гирифт.

Моҳи ноябри соли 1994 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид. 27 июни соли 1997 дар шаҳри Маскав Созишномаи оштии миллии тоҷикон ба имзо расид. Комиссияи Оштии Миллӣ (1997) барои барқарор намудани сулҳу салоҳ дар Тоҷикистон корҳои зиёдеро анҷом дод. Таҷрибаи сулҳи тоҷикон барои мамлакатҳои даргири дунё намунаи ибрат шуд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз дар мулоқот бо зиёиёни мамлакат аз таърихи 20 марти соли 2001 таъкид намуда буданд: «Ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори[1] сулҳ ва ризоияти миллӣ, амалӣ гаштани шартҳои он, ки маҳз ба шарофати хиради воло ва фарҳанги асили халқамон ба мо муяссар шуд, ба тариқи демократӣ, бо иштироки фаъолонаи ҳизбҳои сиёсӣ ва кулли мардуми кишвар баргузор шудани интихоботи Президент ва парламенти касбии депутатӣ дар роҳи эҷоди ҷомеаи демократӣ иқдомоти[2] ниҳоят ҷиддӣ гардидаанд».

1 Истиқрор — барқарорӣ, пойдорӣ, устуворӣ.

2 Иқдомот — ҷамъи иқдом, қадам мондан, шурӯъ намудан ба коре.

9-уми сентябри соли 2021, 16-уми ноябри соли 2017 ва 6-уми ноябри соли 2014 дар сатҳи баланди сиёсӣ ва иҷтимоӣ таҷлил намудани ҷашнҳои 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 25-солагии Сессияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, даъвати XII ва 20-солагии Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон гувоҳ бар он аст, ки пос доштан, ҳифз намудан ва афзун гардонидани дастовардҳои истиқлоли миллӣ барои қишрҳои гуногуни ҷомеаи Тоҷикистон тақозои виҷдон, қарзи шаҳрвандӣ ва амри воқеӣ гардидааст.

Истиқлоли сиёсӣ имкон дод, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мамлакатҳои дунё муносибатҳои иқтисодӣ ва дипломатӣ барқарор намояд. Аз ҷумла, роҳи оҳани васеъбари Қӯрғонтеппа – Кӯлоб, роҳи мошингарди Кӯлоб – Қалъаи Хум – Қароқурум – Кулма, нақбҳо ва пулҳои азим минтақаҳои Тоҷикистонро ба ҳам пайваст намуда, алоқаи мамлакати моро ба кишварҳои дуру наздики хориҷӣ барқарор мекунанд. Соли 2018 аввалин ва соли 1919 дувумин агрегати неругоҳи обии Роғун ба кор даромаданд. Он рӯз дур нест, ки ин неругоҳ бо тамоми иқтидор барқ истеҳсол намуда, истиқлолияти иқтисодии Тоҷикистонро таъмин намояд.

**Ҳаёти фарҳангӣ**

Дар тамоми давраҳои таърихӣ ҳастии миллати тоҷикро, пеш аз ҳама, фарҳанг муайян мекунад ва як рукни муҳимми фарҳанги миллии мо забони тоҷикӣ ба шумор меравад. Ҳанӯз дар замони бозсозӣ ва ошкорбаёнӣ дар Тоҷикистон Қонуни забон (1989) қабул гардид, ки мувофиқи он ба забони тоҷикӣ мақоми давлатӣ дода шуд. Ҳамчунин, аз соли 2009 сар карда, ҳар сол 5 октябр Рӯзи забони давлатӣ ҳамчун ҷашни умумимиллӣ дар саросари мамлакат таҷлил мегардад. Ин чорабиниҳо ва як қатор чорабиниҳои дигари сатҳи давлатӣ боис гардиданд, ки забони тоҷикӣ аз нав дар иҷрои вазифаи таърихии худ имконият пайдо намояд. Аз ҷумла, дар замони истиқлол луғатҳои зиёди тафсирӣ, соҳавӣ, коргузорӣ ва дузабонаву бисёрзабона ба вуҷуд омаданд, ки дар тозагӣ ва мавқеи ҷамъиятии забони тоҷикӣ хеле арзиш доранд. Бо амри Президенти кишвар як қатор нашрия ва муассисаҳо ба дарёфти мақоми миллӣ сарфароз гардиданд (Китобхонаи миллии Тоҷикистон, Нашрияи миллии адабии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон «Садои Шарқ», Донишгоҳи миллии Тоҷикистон).

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» қабул гардид, ки он бузургдошти шахсиятҳои таърихию фарҳангӣ, обод кардани мақбараву оромгоҳҳои онҳоро пешбинӣ намуд.

Дар мамлакат 680 ва 700-солагии олим ва маърифатпарвари бузург Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ (1995, 2015), 675-ва 700-солагии шоир ва мутафаккири барҷаста Камоли Хуҷандӣ (1996; 2020), 90-солагии шарқшиноси номӣ, ходими барҷастаи ҳизбӣ ва давлатӣ Бобоҷон Ғафуров (1998), 1100-солагии давлатдории хонадони Сомониён (1999), 960-солагии олим ва шоири маъруф Умари Хайём (2001), 90-солагӣ ва 100-солагии шоир ва мунодии сулҳу дӯстии халкҳо Мирзо Турсунзода (2001, 2011), 2500-солагии шаҳри бостонии Истаравшан (2002), 2700-солагии шаҳри Кӯлоб (2006) ва 20, 25, ва 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 800-солагии шоир ва орифи бузург Ҷалолуддини Балхӣ, 1150-солагии сардафтари адабиёти классикии форсу тоҷик Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (2008), 1310-солагии бузургдошти Имоми Аъзам (2009), 600-солагии шоир ва мутафаккири бузург Абдурраҳмони Ҷомӣ (2014), 3000-солагии Ҳисори Шодмон, 400-солагии Сайидои Насафӣ (2018) ботантана ҷашн гирифта шуданд. 23 феврали соли 2010 бо қарори Ассамблеяи Генералии СММ ба Соли нави миллии тоҷикон – Наврӯз мақоми байналмилалӣ дода шуд. Таҳти сарпарастии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳар сол дар сатҳи ҷумҳури озмунҳои “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст”, “Тоҷикистон – Ватани азизи ман” ва “Илм – фурӯғи маърифат” баргузор мегарданд.

Воситаҳои ахбори умумро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма» ба танзим медарорад. Мувофиқи ин Қонун то соли 2014 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 511 рӯзномаву маҷалла, аз ҷумла 309 рӯзномаву маҷаллаи хусусӣ, 44 шабакаи радио ва телевизион, аз чумла 28 шабакаи ғайриҳукуматӣ фаъолият доранд. Ин микдор аз воситаҳои ахбори оммаи даврони шуравӣ ба дараҷот зиёд мебошад. Рӯзнома, радио, телевизион, агентии иттилоотӣ ва интернет ҳар соату ҳар дақиқа ба шаҳрвандон навигариҳои рӯзро ба чандин забон пешкаш менамоянд. Ин ҳолат ба дӯши кормандони воситаҳои ахбори омма масъулияти зиёд мегузорад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 1332 китобхона, 43 осорхона ва 2300 муассисаи фарҳангию фароғатӣ мавҷуданд.

Театрҳои касбию халқӣ ва муассисаи киноии тоҷик низ фаъолияти назаррас доранд. Дар Тоҷикистон 15 театри касбӣ ва дар ҳамаи

ноҳияҳои ҷумҳурӣ театрҳои халқӣ мавҷуданд. Ҳунарпешагони маъруф, чун Ҳошим Гадоев, Ато Муҳаммадҷонов, Тоҳир Собиров, Ҳабибулло Абдурраззоқов, Марям Исоева, Тӯрахон Аҳмадхонов, Тағоймурод Розиқов, Нурулло Абдуллоев, Убайдулло Раҷабов, Ибодулло Машрабов, Мирзоватан Миров, Толибҷон Бобоев, Дилбар Умарова, Фаррух Қосимов, Шералӣ Абдулқайсов, Давлат Убайдулло, Шодӣ Солеҳов, Исо Абдуррашидов, Барзу Абдурраззоқов, Толиб Бобоев Аловиддин Абдуллоев, Хуршед Мустафоев, Моҳпайкар Ёрова ва дигарон дар офаридани нақшҳои хотирмон ва чеҳраҳои барҷастаи таърихӣ саҳми муносиб гузоштанд ва мегузоранд. Театрҳои касбии тоҷик дар озмунҳои мамлакатхои Осиёи Миёна, Ҷумҳурии исломии Эрон ва давлати Олмон ширкат варзиданд. Солдармиён дар сатҳи ҷумҳуриявӣ гузаронидани озмунҳои «Парасту» ва «Андалеб» дар рушду нумуи санъатҳои театрӣ ва тасвирӣ мусоидат мекунад.

Дастгирии Ҳукумати Тоҷикистон боис шуд, ки дар ҷумҳурӣ ҳам мусиқии классикӣ («Шашмақом»), ҳам мусиқии халқӣ («Фалак») ва ҳам мусиқии эстрадӣ такмил ёфта, берун аз мамлакат боз ҳам маъруф гарданд. Соли 2014 бо қарори Ҳукумати Тоҷикистон ва мусоидати СММ дар мамлакат 100-солагии бастакори маъруфи тоҷик Зиёдулло Шаҳидӣ ботантана ҷашн гирифта шуд.Танҳо дар чанд соли охир ба Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ сазовор гардидани овозхонҳои шинохта Зафар Нозимов, Саидқул Билолов, Давлатманд Холов, Файзалӣ Ҳасанов ва Гулчеҳра Содиқова гувоҳ ба он аст, ки анъанаи неки овозхонии устодон Акашариф Ҷӯраев, Ғуломалӣ Ғуломҳайдаров, Одина Ҳошимов ва Ҷӯрабек Муродов дар инкишоф ва такомул аст.

### Ҳаёти адабӣ

Воқеаҳои сиёсӣ ва иҷтимоие, ки дар айёми бозсозиву ошкорбаёнӣ ва солҳои аввали Истиқлоли Тоҷикистон ба амал омаданд, ба ҳаёти адабии давр бетаъсир намонданд. Махсусан, ҷанги шаҳрвандӣ барои адибони наслҳои гуногун ногаҳонӣ ва ғайричашмдошт буд.

Бо вуҷуди ин, дар ҳамон айёми душвор маҷмуаи ашъори шоирони шинохта М. Қаноат, Л. Шералӣ, Б. Собир, Гулрухсор рӯйи чопро диданд. Дар солҳои аввали истиқлол маҷмуаҳои ашъори А. Ҳаким, Ҷ. Каримзода, Ҳақназар Ғоиб, К. Насрулло, Шаҳрияву Меҳринисо, Салими Хатлонӣ низ чоп гардиданд. Ҳамчунин, дафтари ашъори шоирони хушсалиқа Фарзона ва Муҳаммадалии Аҷамӣ дар Теҳрон ба табъ расидаанд.

Баъдҳо дар қисматҳои назм, наср ва драматургия асарҳои бисёри адибони тоҷик чоп шудаанд, ки намоишномаи «Фирдавсӣ»-и М. Бахтӣ (1999), «Достони писари Худо»-и Сорбон (2000, ҷилди дувум 2005),«Ҳайҷо»-и Ӯ Кӯҳзод (2007) «Мунтахаби осор»-и С. Айюбӣ (2000), «Панҷи нооромм»-и М. Миршакар (2002), «Ойинаи беғубори ман»-и М. Қаноат (2002), «Талош»-и А. Самад (2002), «Зулфи парешон»-и Зулфия (2002), «Хайрбоди баҳор»-и А. Муродӣ (2003), «Фиреби меҳр»-и А. Раҳим (2003), «Сармаддеҳ»-и Баҳманёр (2002), Девони Гулрухсор (2004), «Мунтахаби ашъор»-и Салими Хатлонӣ (2005), «Ҷазираи танҳоӣ»-и Сурӯш (2009), дуҷилдаи "Ҳама гул, ҳама тарона"-и Фарзона (2014) «Нурполо»-и Назри Яздонӣ (2009) намунаи онҳост. Нашри асарҳои бадеӣ, илмӣ ва таълимӣ сол то сол меафзояд. Аз соли 2002 ин тараф ҳар сол даҳҳо асари адибон бо дастгирии Пешвои миллат - Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз тариқи нашриёти «Адиб» ба табъ мерасанд. Ҳамчунин, нашриёти «Адиб» бо дастгирии Ҳукумати Тоҷикистон бо номи «Ахтарони адаб» 50-ҷилдаи Осори классикон ва муосирони адабиёти тоҷикро ба нақша гирифта буд, ки ин нақша то соли 2021 идома ёфта пурра ба анҷом расид. Ҳамчунин, соли 2013 дар доираи "Барномаи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008 - 2015" Сарредаксияи илмии ЭМТ китоби ҳаҷман бузургеро  бо номи "Донишномаи мухтасари кӯдакон ва наврасон" ба табъ расонд. Ва ҳоло 10 ҷилди "Энсиклопедияи миллии тоҷик" ба табъ расидааст. Муассисаи нашриявии  "Маориф"-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибати 30-солагии Истиқлоли давлатии Тоҷикистон барои  хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва доираи васеи хонандагон  армуғоне бо номи  "30 баҳори Истиқлол" пешниҳод кард, ки он сӣ маҷмуаро аз асарҳои адибони  муосири тоҷик дар бар мегирад. Ба ташаббуси Президенти мамлакат  муҳтарам  Эмомалӣ Раҳмон соли 2021 ба муносибати 30-солагии Истиқлоли давлатии Тоҷикистон  китоби "Тоҷикон"-и аллома Бобоҷон Ғафуров бо теъдоди 1 600 000 нусха чоп шуда, ба ҳар як хонадони сокинони ҷумҳурӣ  тухфа гардид.

Дар айёми истиқлол адибони зиёде соҳиби унвону ҷоизаҳои Тоҷикистон ва кишвархои хориҷӣ гардиданд. Соли 1997 Садриддин Айнӣ ва соли 2001 Мирзо Турсунзода ба унвони олӣ – Қаҳрамони Тоҷикистон қадр шуданд. Дар ин давра М. Қаноат, Лоиқ, Қутбӣ Киром, Ашӯр Сафар, А. Қаҳҳорӣ, Ғ.Мирзо, Убайд Раҷаб, А. Шукӯҳӣ, Гулназар, Ҳақназар Ғоиб, Аскар Ҳаким, Гулрухсор, С. Айюбӣ, Раҳмат Назрӣ, Камол Насрулло, Муҳаммад Ғоиб, Саидалӣ Маъмур, Ширин

Бунёд, Мирзо Файзалӣ, Меҳмон Бахтӣ, Ҳадиса Қурбонова, Фарзона, Нурмуҳаммад Ниёзӣ, Зулфия Атоӣ Низом Қосим, Доро Наҷот, Озарахш, Озар, Алимуҳаммад Муродӣ, Рустами Ваҳҳоб, Зулфия, Атоӣ, Мухтарам Ҳотам, Ҷӯра Ҳошимӣ, ба унвони Шоири халқии Тоҷикистон, А. Баҳорӣ, С. Турсун, А. Самад, Кароматуллоҳи Мирзо, Ӯ. Кӯҳзод, Юсуф Акобиров, Шодон Ҳаниф, Муҳиддин Хоҷазод, Сорбон, Ҷонибек Акобиров, Б. Абдураҳмон, Шералӣ Мусо, Маъруф Бобоҷон, Бахтиёр Муртазо, Ато Ҳамдам, Гурез Сафар ба унвони Нависандаи халқии Тоҷикистон сазовор гардиданд. Аскар Ҳаким, Кароматуллоҳи Мирзо, Муҳаммадҷон Шакурӣ, Қутбӣ Киром, Ашӯр Сафар, Гулназар, С. Маъмур, Ӯ. Кӯҳзод, Меҳмон Бахтӣ, Камол Насрулло, Раҳмат Назрӣ, Сайф Раҳимзод, С. Айюбӣ, Гулрухсор, Саттор Турсун, Низом Қосим, Фарзона, М.Ғоиб, Б.Абдурраҳмон, Соҳиб Табаров, Доро Наҷот, Аҳмадҷон Раҳматзод, Ҷӯра Ҳошимӣ, Атахон Сайфуллоев, Мирзо Файзалӣ, Одил Икром, Ато Мирхоҷа, Азизи Азиз, Юнус Юсуфӣ, ба Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ сарфароз гаштанд.

Соли 1989 дар назди Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Ҷоизаи адабии ба номи Садриддин Айнӣ ва Ҷоизаи адабии ба номи Мирзо Турсунзода таъсис ёфтанд. То ин дам зумрае аз адибону мунаққидон ба дарёфти ин ҷоизаҳо лоиқ дониста шуданд. Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, ки соли 2021 85-сола шуд, алҳол зиёда аз 400 аъзо дорад. Нашрияҳои Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон – маҷаллаи миллии адабии «Садои Шарқ», маҷаллаи «Памир» ва ҳафтавори «Адабиёт ва санъат» барои такомули адабиёт ва фарҳанги тоҷик хидмати босазо доранд.

Дар Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон бахшҳои гуногуни эҷодӣ фаъолият доранд. Дар замони истиқлол фаъолияти бахшҳои адабиёти бачагона (У. Раҷаб, Г. Сулаймонӣ, А. Баҳорӣ, А. Шарифӣ, Н. Бақозода, А. Бобоҷон, Ҷ. Ҳошимӣ, Л. Кенҷаева, Г. Муҳаммадиева, Ғ. Сафар ва дигарон), тарҷумаи бадеӣ (С. Салоҳ, И. Қосимзода, С. Хоҷаев, Ҷ. Азизқулов, А. Насимов, Ю. Юсуфӣ, М. Сурӯш ва дигарон) ва нақди адабиву адабиётшиносӣ (С. Табаров, М. Шакурӣ, Х. Отахонова, А. Сайфуллоев, Х. Шарифов, Ҳ. Шодиқулов, А. Сатторзода, Р. Мусулмониён, А. Абдуманнонов, А. Саъдуллоев,Ҷ. Бақозода, В. Самад, Ю. Акбарзода, А. Худойдодов, А. Абдусаттор, А. Насриддинов, А. Набавӣ, М.Мулоаҳмадов, У.Тоиров, Ш. Раҳмонов, А. Маҳмадаминов, А. Раҳмонзода, Н. Салимӣ, М. Хоҷаева, М. Имомзода, Р. Раҳмонӣ, А. Давронов, Н. Файзуллоев, Ш. Исрофилниё, И. Икромов, Ш. Солеҳ, М. Солеҳ, Ш. Сӯфизода, М. Нарзиқул, М. Зайниддинзода, М.Шукурзода, Ҷ. Саидзода ва дигарон) назаррас мебошад.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Оид ба ҳаёти сиёсии даврони истиқлоли Тоҷикистон маълумот диҳед.
2. Муваффақияти ҷомеаи демократии Тоҷикистон дар чист?
3. Ҳаёти иқтисодии мамлакатро бо мисолҳо фаҳмонед.
4. Қонуни забон кай қабул шуд ва чӣ аҳамият дорад?
5. Дар даврони истиқлол кадом ҷашнҳо ба вуқуъ пайвастанд?
6. Оид ба воситаҳои ахбори омма маълумот диҳед.
7. Нашрияҳои Иттифоқи нависандагонро номбар кунед.

## ШЕЪРИ ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛ

Дар замони истиқлол шеъри тоҷик аз ҷиҳати мавзуъ, мундариҷа ва шакл васеътар гардид. Тасвир ҳам дар ғазал, рубоӣ, қасида, мусаммат, маснавӣ барин жанрҳои суннатӣ ва ҳам дар қолабҳои нави шеърӣ боз ҳам муассиртару ҷаззобтар ба назар мерасад.

Ашӯр Сафар ба ҷузъитарин хусусияти услубии жанри ғазал чун ҳусни матлаъ, ҳусни мақтаъ ва ҳусни тахаллус диққат дода, бо ҳамин маънирасӣ, хаёлангезӣ ва тартиби баёни саромадони назми тоҷикро пайгирӣ намудааст:

Айёми баҳор асту чаман лоладароғӯш,
Аз сабза тани санг бувад балки қабопӯш...
Ҷон дар бадани ҳар гияҳу сабза дамида,
Чун чашмаи хушкида, ки аз нав бизанад ҷӯш...
Аз хотирам ояндаву бигзашта равад дур,
Дасти ману гул бошаду дилдору баногӯш.

Жанрҳои суннатӣ дар шеъри имрӯзи тоҷик мавқеи баландтар доранд ва баъзе шоирон дар жанрҳои алоҳидаи суннатӣ бештар муваффақият ба даст даровbooарданд. «Хирмани моҳ» ном асари Раҳмат Назрӣ танҳо аз дубайтиҳо иборат аст:

Дили ман, шод бошӣ, шод, эй кош,
Ғами худро махӯр, ғамхори кас бош,
Ки то аз нони дастархони мардум,
Агар мағзе хӯрӣ, ошат шавад, ош!

Дар даврони истиқлол навъҳои дигари шеър, ки бо номҳои ***шеъри нав, шеъри озод, шеъри сафед, хусравонӣ, шеъргуна*** ёд мешаванд, низ мавқеи босазо пайдо намуданд. Аз шоирони имрӯзаи

тоҷик ба ***шеъри озод***, ки дар он ягонагии вазну қофия риоя намешавад, Бозор Собир, Гулрухсор, Гулназар, Алимуҳаммад Муродӣ, Доро Наҷот, Сиёвуш, Фарзона бештар майл доранд. Яке аз вижагиҳои шеъри озод дар тарзи тасвири он мебошад. Намунае аз Сиёвуш:

Хоҳари ман субҳро мешуст
Бо ду дасти офтобиаш,
Ман ташнатар зи руҳи биёбонам.

Падидаи дигари шеъри ин айём бо номи ***шеъри хусравонӣ*** муаррифӣ гардидааст. Шеъри хусравонӣ, асосан, аз вазни арӯз ва қофия орист. Аммо имкон дорад, ки гоҳ-гоҳе дар он вазну қофия истифода шавад. Камол Насрулло гуфтааст:

Ман аз торикӣ метарсам,
Рӯшноӣ мерехт
Шабҳо аз лабони модарам,
Даме ки суруд мехонд.

Дар ин солҳо навъи дигари шеър паҳн гардид, ки онро ***шеъри тасвирӣ*** ё ***минётурҳои***[1] ***манзум*** номидаанд. Ин шеърҳо бисёр кӯтоҳ буда, аз тасвири макone, замоне, фазое, ҳолате ё манзарае иборат мебошанд. Дар навиштани чунин шеърҳо, аз ҷумла, Алимуҳаммад Муродӣ маҳорат нишон додааст. Шеъри «Заволи рӯз» ҳамагӣ панҷ мисраъ аст:

Дар як заволи рӯз
Дам мекашид аждари шаб офтобро,
Хунаш чакида буд ба домони кӯҳу ҷар.
Мардум вале надошт ба ғайр аз ғами шикам
Андешае ба сар.

Ба шеъри тасвирӣ аз шоирони ҷоизадор бештар Гулрухсор ва Раҳмат Назрӣ рӯ овардаанд. Дар шеъри «Зодрӯзи дард»-и Гулрухсор садоқати қаҳрамони лирикӣ ба Ватан чунин тасвир ёфтааст:

1 Минётур (миниатюра) — тасвирҳои нозуку зебо ва хурд дар санъати наққошӣ.

Ватан, «Шаҳнома»-и руҳи туро
Дар партави нуру зиё
Бо килки умеду вафо эҷод хоҳам кард!
Ватан, аз сангҳои бар сарат
бишкастаи фарзандҳои носазоворат
Туро бунёд хоҳам кард,
Туро обод хоҳам кард!

Шеъри тоҷик аз солҳои шастуми асри XX сар карда аз ҷиҳати мавзуъ ва мундариҷа инкишоф ёфт. Дар ин айём тақрибан тамоми шоирони тоҷик, аз ҷумла, Муъмин Қаноат, Ғаффор Мирзо, Лоиқ, Бозор Собир, Сомеъ Одиназода, Ғоиб Сафарзода, Аскар Ҳаким, Гулрухсор, Саидҷон Ҳакимзода, Ҳадиса, Ҳабибулло Файзулло, Абдулло Қодирӣ, Салимшоҳ Ҳалимшоҳ, Гулназар, Ҳақназар, Зиё Абдулло, Камол Насрулло, Зулфия, Фарзона, Низом Қосимро руҳияи ҷуръатнокӣ ва воқеъбинӣ фаро гирифт. Маҳз аз ҳамин давра дар назми тоҷик мавзуъҳои ватану ватандорӣ, миллату суннатҳои миллӣ таҷдиди назар шуда, аҳамияти боз ҳам бештар касб намуданд. Шеъри Убайд Раҷаб «То ҳаст оламе, то ҳаст одаме» эътирози сахт ба касоне буд, ки тарафдори барҳам хӯрдани забонҳои миллии Иттифоқи Шуравӣ, аз ҷумла забони тоҷикӣ, буданд. Шеъри мазкур низ бо ҳисси баланди ифтихори миллӣ суруда шуда, дар тамоми Шарқ шуҳрат пайдо намуд. Ин шеър бо чунин мисраъҳо оғоз меёбад:

Ҳар дам ба рӯйи ман,
Гӯяд адуи ман,
К-ин шеваи дарии ту чун дуд меравад,
Нобуд мешавад,
Бовар намекунам.

Шеъри мазкур аз 49 мисраи кӯтоҳу дароз иборат буда, дар ду вазни баҳри раҷаз – вазнҳои мустафъилун, фаал ( – – V–/V–) ва мустафъилун, мафоилун, мустафъилун, фаал (– –V –/V– V–/– –V– /V–) навишта шудааст. Дар шеър тамоми сифатхои забони тоҷикӣ –латифӣ, ширинӣ, софӣ, зебоӣ, дилрабоӣ ва мақоми таърихию фарҳангии он ба тасвир омадааст.

Аз солҳои 80-уми асри XX дар ашъори М. Қаноат, Лоиқ, Б. Собир, Гулрухсор, Ҳақназар, Гулназар, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ,

Камол Насрулло, А. Муродӣ, Н. Ниёзӣ, Мухтарам Ҳотам, А. Раҳматзод, Ато Мирхоҷа, Ҳоҷӣ Мурод, Сайёд Ғаффор, Искандари Хатлонӣ, М. Ғоиб, Меҳриннисо, Шаҳрия, Нукраи Суннатниё, Сафар Аюбзода ва дигарон мавзуъҳои таърихӣ ва муаммоҳои худогоҳии миллӣ мавқеи боз ҳам бештар пайдо намуд. Шоирон дар офаридаҳои хеш ҳодисаҳои таърихӣ, воқеаҳои асотирӣ ва гузаштаи тамаддуни миллиро ёдовар шуда, бо ҳамин таваҷҷуҳи хонандаро бештар ба ҷаҳони маънавии инсон ҷалб карданӣ шуданд. Дар достонҳои «Эҳёнома», «Ҳасрати Фирдавсӣ», «Нуре аз Ҳамадон», силсилаи шеърҳои «Дардномае ба миллат», «Муқаддаснома», «Садои як рӯзу як шаб» ва як қатор шеърҳои дигари Ҳақназар Ғоиб таърих, фарҳанг ва нангу номуси миллати тоҷик мавриди тасвири бадеӣ қарор гирифтааст. Қаҳрамони лирикӣ дар рӯзҳои душвори миллат аз руҳи ниёгон мадад мехоҳад:

Эй замини падарон! Кош ба хушбахтии мо
Ба сарат бори дигар тоҷи Фаридун[1] бошад.

Дар «Суруди ваҳдат» Ҳақназар аз дилу ҷон ваҳдату ягонагии халқи тоҷикро, ки бар асари ҷанги шаҳрвандӣ халалдор гардид, тараннум менамояд:

Ба тан пӯшед, ёрон, ҷомаи идонаи ваҳдат,
Шароби арғувон нӯшед аз паймонаи ваҳдат.
Чунон оред меҳри дил ба якдигар ба солорӣ,
Ки ҳар як хонаи тоҷик гардад хонаи ваҳдат...

Дар замони истиқлол дар шеъри тоҷик тасвирҳои ирфонӣ[2] мавқеъ пайдо карданд. Шоирон пайванди маънавии инсонро ба руҳи поки Худо ба тасвир гирифта, бо ҳамин таваҷҷуҳи хонандаро ба ҳақиқати азалии тақдири инсон ҷалб менамоянд. Ба ин муносибат ба шеъри имрӯз истилоҳ ва устураҳои динию ирфонӣ ворид гардида, хаёлоти шоиронаро бойтару рангинтар намуданд. Дар «Санги ман – алмос» ном достони Аскар Ҳаким талмеҳҳои таърихию динӣ бисёр истифода шудаанд:

---

1 Тоҷи Фаридун рамзи хушбахтии бардавоми миллат аст. Фаридун образи асотириест дар “Шоҳнома”.

2 Ирфон — шинохтан, донистан, шинохтани Худо.

Дили ман мехоҳад,
К-одамӣ ҳамчу дарахте, ки пас аз боронҳо
Ғарқаи нур шавад дар Хуршед,
Субҳидам ҳомилае сӯйи биҳизор ояд,
Ки: «Дилам бӯйи биҳӣ мехоҳад.
Ай Худо, медиҳиям тифлаки зеборӯе»[1]
Нисбате чист миёни биҳию тифлаки зебо кардан?!

Тасвирҳои ишқию ирфонӣ дар ашъори шоирон Зиё Абдулло, Салими Хатлонӣ, Фарзона, Низом Қосим, Рустами Ваҳҳоб, Муҳаммадалии Аҷамӣ, Абдулқодири Раҳим, Озар мавқеи зиёдтар дорад. Мавзуи асосии ашъори Фарзона ишқ аст, ишқи маънавию илоҳӣ, ишқе, ки инсонро ба покию шаффофӣ водор мекунад. Дар китобҳои «Шабохуни барқ», «Ояти ишқ», «Паёми ниёгон», "Муҳри дили мино" ин мавзуъ бо услуби хоси шоирона баён ёфтааст. Дар шеъри «Қонуни ҷозибаи ишқ» мафҳуми ишқ чунин шарҳ дода шудааст:

Инак, шинохтам, ки қонуни ҷозибаи ишқ ***Ирфон*** аст,
***Ирфон*** чист? Адами[2] нобудист! Уруҷе[3] ба қуллаи ишқ аст,
Як гурези зебост аз ҳама завол.
***Ирфон*** раҳ ба раҳ нозанинтар шудан аст.

Дарвоқеъ, тамоюли эҷодии Фарзона як навъ бозгашт ба асолати адабӣ аст. Ӯ дар доираи макону замон, маҳалу қавм побанд нест, балки майл ба бекаронаҳо дорад. Чаро Фарзона ҳамеша сухан аз ишқ мегӯяд? Ба қавли худи ӯ, «барои он ки вуҷуди ишқ аз қайдҳои замону макон, мазҳабу кеш озод аст, ишқ зангиву фарангиву хуросонӣ нест, моли ҷопонӣ нест... Ишқ зеботарин хулосаи тамоми маърифатҳост, ишқ таркиби Худост».

Таҳаввулот дар шеъри тоҷик натиҷаи тағйир ёфтани вазъи иҷтимоии давр мебошад. Тасвири бомаҳорати ормонҳои миллӣ ва умумибашарӣ имкон медиҳад, ки назми имрӯзаи тоҷик дар ҳаёти фарҳангии халқ нақши босазо дошта бошад.

1 Мувофиқи тибби қадим, агар зани ҳомила биҳӣ бештар хӯрад, тифли зебо таваллуд мекунад.

2 Адам — нестӣ.

3 Уруҷ — боло баромадан, боло рафтан.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Кадом адибон ба гуфтани шеърҳои суннатӣ майл доранд?
2. Боз кадом навъҳои шеърии ин даврро медонед?
3. Шоирони шинохтаи солҳои охирро номбар кунед.
4. Дар шеъри даврони истиқлол кадом мавзуъҳо мавқеъ пайдо карданд?
5. Мавзуи баҳси «То ҳаст оламе, то ҳаст одаме» ном шеъри У. Раҷаб чӣ аст?
6. Мазмуни «Суруди ваҳдат»-и Ҳ. Ғоиб аз чӣ иборат аст?
7. Оид ба мавзуъҳои асосии ашъори Фарзона сухан гӯед.

## САВОЛИ ТЕСТӢ

1. Шеъри зерини Раҳмат Назрӣ ба кадом навъи шеърӣ мутааллиқ аст?

Дили ман шод бошӣ, шод, эй кош,
Ғами худро нахӯр, ғамхори кас бош.
Ки то аз нони дастурхони мардум
Агар мағзе хӯрӣ, ошат шавад, ош.

А) Шеъри нав;
Б) Шеъри озод;
В) Шеъри сафед;
Г) Шеъри суннатӣ;
Ғ) Хусравонӣ.

## НАСР ДАР СОЛҲОИ ИСТИҚЛОЛ

Насри солҳои истиқлол давом ва инкишофи насри солҳои пешин аст. Насри имрӯз дар заминаи фаъолияти эҷодии нависандагони ботаҷрибаву баркамоли тоҷик Сотим Улугзода, Ҷалол Икромӣ, Фазлиддин Муҳаммадиев, Ӯрун Кӯҳзод, Сорбон, Саттор Турсун, Бахром Фирӯз, Абдулҳамид Самад, Сайф Раҳим, Ҷонибек Акобир, Абдурофеъ Рабизода ва амсоли онон инкишоф ёфтааст. Аз ин рӯ, романҳои «Кӯҳ беварта нест» (М. Хоҷаев), «Зарафшон», «Росу» (Сорбон), «Санг дар бағал ба туфон» (Саттор Турсун), «Дар орзуи падар» (К. Мирзо), «Бозгашт» (А. Зоҳир), қиссаҳои «Дили гумҷӯ», «Соҳилҳои мурод» (А. Баҳорӣ), «Оташи дил» (Раҷаб Мардон), «Ишқи ғук» (Ҳилолиён Аскар), «То рӯзи

растохез» (А. Рабизода), «Дурӯғи сафед» (Сайф Раҳим), «Вопасин парвози лошахӯр» (Сайдалӣ Саид), «Ҳайҷо» (Ӯ. Кӯҳзод), «Ишқи духтари кулаҳпӯш» (Ю. Аҳмадзода), «Бори каҷ дар роҳи каҷ» (З.Ғулом), «Оташ дар хонаи қадим» (М. Саидзода) «Шиҳаи аспи сиёҳ» (М. Ёрмирзоева), “Сарнавишт” (И. Қосимзода), «Достони Роғун» (Ш. Мусо) ва ғайра мавзуъҳои гуногунро фаро гирифтаанд.

Воқеаҳои нангини ибтидои солҳои навадум дар шууру афкори адибон таъсири амиқ гузошт. Алҳол ин мавзуъ дар чанд асари насрӣ, аз ҷумла, «Қиссаи Нодир»-и А. Баҳорӣ, «Се раҳакӣ аз се ҳизб»-и Ӯ. Кӯҳзод, қисми дуюми «Гардиши девбод»-и А. Самад, “марги бегуно”-К.Мирзо, «Лаб-лаби ҷар»-и С. Турсун, «Гунги хобдида»-и Салими Аюбзод, «Ишқро анҷом нест»-и М. Амиршоҳ ба тасвир омадааст. Дар ҳикояи «Се раҳакӣ аз се ҳизб» нависанда кӯшиш намудааст, ки сабабҳои иҷтимоии ба ҷанги шаҳрвандӣ печидани тарафкашиҳои гурӯҳҳои сиёсиро ошкор созад. Дар шаҳри Себароз бар асари демократия ва ошкорбаёнӣ ҷойи яккаҳизбиро бисёрҳизбӣ ишғол менамояд. Мирвафо, Мирбақо ва Мирризо чун вакилон аз ҳизбҳои гуногун ба воситаи тайёра озими Шаҳри Шаҳрҳо мешаванд ва ҳангоми парвози тайёра баҳсу мунозираи тӯлонии вакилони нолоиқ ба ҷанг мепечад.

Романи «Зарафшон»-и Сорбон ва қиссаи «Нишони зиндагӣ»-и Кароматуллоҳи Мирзо ба муносибатҳои оилавӣ бахшида шудаанд. Образи марказии ҷилди дувуми «Зарафшон» Шарифа ва қаҳрамони асосии «Нишони зиндагӣ» Соҳиба мебошанд. Онҳо занҳои боақл, дурандеш ва баору номус буда, иродаи қавӣ доранд. Бинобар ин, дар мубориза ба муқобили душманони пурқувват ҳам ғолиб мебароянд.

Романи «Ҳайҷо»[1] ба воқеаҳои пурдарду мудҳиши нимаи дувуми садаи XIX дар Осиёи Миёна ва, махсусан Бухоро, бахшида шуда, аз ду дафтар иборат аст. Дафтари якум – «Ҳамоқат дар аморат» аз ташвишу тараддуди гаҳворахарии аҳли дарбор барои фарзанди ҳанӯз ба дунё наомадаи амир оғоз меёбад.  Ба 4000 тиллои сурх як гаҳвораи тиллокорӣ ва як гаҳвораи нуқракӯб харидорӣ мешавад. Баъд ба ҷанги аскари рус раҳсипор шудани амир ва лашкариёнаш тасвир меёбад. Амире, ки бо ғурур  «лашкарам як наъра кашида ба ҳуҷум гузарад, гарди салоти русро мебарорад»

[1] Ҳайҷо – набард, ҷанг, муҳориба. Майдони набард.

мегуфт, аз як садои тиру гулулаҳои армияи рус қафо гашта, шикаст мехӯрад ва ба ивази товони зиёд дар Зирабулоқ соли 1868 ба саркардагони рус шармандавор сулҳ мебандад.

Дар дафтари дувум – «Талоши салтанат» давоми сулолаи манғитҳо – Абдулаҳад ва Олимхон дар Бухоро ва Самарқанд ба тасвир омадааст. Инҳо дар ҳарисӣ, фисқу фуҷур ва золимӣ аз падар ва бобои худ – амир Музаффар гузаронданд. Дар асар як қатор образҳои мусбат чун Дӯстмурод, Рӯзимурод, Азизмурод, Гулмурод амал мекунанд, ки баёнгари қувваҳои равшанфикр ва солими ҷомеа буда, то метавонанд, баҳри адлу инсоф ва номуси шаҳрвандӣ талош меварзанд. Умуман, Ӯрун Кӯҳзод дар романи «Ҳайҷо» тамоми фисқу фуҷури аморати Бухороро фош намуда, хонандаи имрӯзро ба андеша ва шукргузорӣ аз тинҷиву масъулияти ватандорӣ водор мекунад.

Рӯйдоди дигар ба наср рӯ овардани шоирон Ғаффор Мирзо, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, Гулназар Келдӣ, Гулрухсор, Ато Мирхоҷа, Зулфия Атоӣ, Муҳаммад Ғоиб, Салими Зарафшонфар ва Абдулқодири Раҳим мебошад. Ҳикояҳои «Сагвафо», «Хайрухуш бо полиз ва Сияҳгӯш», «Ду зӯр дар як пода», «Тақдир, ту тарафи кистӣ?»-и Ғ. Мирзо ба масъалаҳои муҳимми рӯз бахшида шуда, пур аз ҷузъиёти тозаву тасвирҳои хонданбоб мебошанд.

Дар айёми истиқлол Баҳманёр, Шералӣ Мусо, Диловари Мирзо, Марямбонуи Фарғонӣ, Карим Давлат, Маҷид Салим, Мираҳмади Амиршоҳ, Аброри Зоҳир, Салими Зарафшонфар, Юнус Юсуфӣ, Лутфӣ Саид, Ҳанифаи Муҳаммадохир, Равшани Махсумзод, Азизхони Ниёз барин як зумра адибон дар соҳаи насри бадеӣ қадамҳои ҷиддӣ гузоштанд. Ҳикояҳои «Дуди ҳасрат» ва «Шошо»- и Баҳманёр бо тасвирҳои рамзию асотирӣ ҷолиби диққатанд. Ё худ, мавзуи асосии эҷодиёти Маҷид Салим, чи хеле ки аз «Гурги похӯрда», «Зоғеву доғе», «Ҳикояҳо дар бораи ҳайвонот», «Аз пайи паланг» ном маҷмуаҳояш бармеояд, тасвири олами ҳайвонот ва парандаҳо мебошад. Талқини дӯстдорию ғамхории одамон ба табиати зинда аз вазифаҳои муҳимми адабиёти бадеӣ ба шумор меравад.

**Насри таърихӣ**

Дар замони истиқлол насри таърихӣ боз ҳам ривоҷ ёфт. Асарҳои «Гули бодом»-и Ҷ. Икромӣ, «Пайроҳаи қисмат»-и А. Сидқӣ, «Уқоби захмӣ», «Рӯзгори родмард» ва «Дар чорсӯйи Хуршед»-и Ш. Ҳаниф, «Достони писари Худо»-и Сор-

бон, «Қиссаи Мансури Ҳаллоҷ»-и Р. Ҳодизода, «Девори Хуросон»-и Муҳаммадзамони Солеҳ, «Данонир» ва «Рӯдакӣ»-и Равшани Ёрмуҳаммад, «Куруши Кабир»-и Б. Абдурраҳмон, «Ҳафт руъё»-и Ю. Аҳмадзода, «Роҳи абрешим» ва «Садди Хатлон»-и А. Ҳамдам, Л.Чигрин, «Вахш»-и Сайидаҳмади Зардон, «Масъуди сипаҳсолор»-и Сайид Раҳмон, «Шоҳаншоҳ»-и Баҳманёр, «Саройи санг»-и А. Мирхоҷа, «Борон пайҳоро мешӯяд» ва «Алихуши Найистонӣ»-и Д. Мирзо хонандаро ба таърихи дуру наздики халқи тоҷик ва фаъолияту ҷоннисориҳои фарзандони барӯманди он шинос менамоянд.

Муҳимтарин хусусияти насри бадеии даврони истиқлол назари тозаи нависандагон ба мавқеи шахс дар таърих мебошад. Дар адабиёти даврони шуравӣ вобаста ба сиёсати давр мақоми таърихии шахс нисбат ба мақоми омма ночиз нишон дода мешуд. Замони нав тақозо дорад, ки нависандагон ба шахсиятҳои барҷастаи таърихию фарҳангӣ ва қаҳрамонони миллат бештар рӯ оварда, хонандаро дар руҳи ифтихор аз ниёгони бузург тарбия намоянд. Дар романи М. Солеҳ «Девори Хуросон» кору пайкори шахсияти дурахшони таърихӣ Исмоили Сомонӣ ва ҳаммаслакони ӯ ба тасвир омадааст. Ин асар аз нигоҳи тасвири воқеаҳо фарогир, аз ҷиҳати ширкати образҳо бой ва аз назари услуби нигориш ҷолиб мебошад. Романи Сорбон – «Достони писари Худо» ба давраи боз ҳам қадими таърихӣ бахшида шудааст. Дар асар сипоҳдориву ҷаҳондорӣ, макру ҳила ва набардҳои Искандари Мақдунӣ (356 – 323), инчунин, таърихи давлатдории империяи бузурги Ҳахоманишӣ, буздилии шоҳи охирини он Дорои III ба таври воқеӣ ва дилкашу ҷолиб тасвир гардидааст.

Дар ин давра тасвири зиндагиномаи шахсиятҳои фарҳангӣ низ мавқеи муносиб пайдо кардааст. Китоби «Қиссаи Мансури Ҳаллоҷ»-и Р. Ҳодизода аз ҳаёту фаъолияти яке аз шахсиятҳои машҳури равияи сӯфия[1] – Мансури Ҳаллоҷ (858 – 922) ҳикоя мекунад. «Данонир» ном қиссаи Равшани Ёрмуҳаммад ба як лаҳзаи фоҷиабори хонадони Links Бармакиён[2] бахшида шуда, оид ба ғурур, мубориза ва нокомии як нафар духтари сарбаланди тоҷик маълумот медиҳад.

1 Сӯфия ё тасаввуф — ҷараёни фалсафии асримиёнагӣ буда, бо роҳи завқу шавқ кашф намудани асрори одаму оламро таълим медиҳад.

2 Бармакиён — хонадони қадимаи тоҷикон, ки аз Балх буда, бо фазилат ва кордонӣ шуҳрат доштанд.

Солҳои охир нависандагони тоҷик ба эҷоди хотирот, ёддошт, сафарнома ва очеркҳо таваҷҷуҳи бештаре зоҳир намудаанд. Бо кӯшиши Убайд Раҷаб, Юсуфҷон Акобиров, Шодон Ҳаниф, Холмурод Шарифов, Сорбон, Мутеулло Наҷмиддинов, Ҷонибек Акобир, Раҷаб Мардон, Мирзо Шукурзода, Абдулқодири Раҳим як зумра симоҳои таърихию фарҳангӣ, чун Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Бобоҷон Ғафуров, Лоиқ Шералӣ, Турсун Ӯлҷабоев, Сайф Раҳим офарида шуданд, ки рӯзгору зиндагии онҳо дар таърихи навтарини Ҷумҳурии Тоҷикистон басо ибратомӯз аст.

Очерки Ҷонибек Акобир «Назаркардаи Худованд» ба зиндагӣ ва фаъолити эҷодии ҷангноманавис шодравон Раҳмон Сафаров (1930-2005) бахшида шудааст. Дар тасвири нависанда, ин марди 75-сола тамоми умри бобаракати хешро ба дарёфти санадҳои зиндагӣ ва муҳорибаи писарони тоҷикистонӣ дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ сарф намудааст. Ин аст ки танҳо китоби бисёрҷилдаи «Ҳазору як корнома» аз корнамоӣ ва қисмати 50 ҳазор ҷанговаре, ки аз Тоҷикистон барои мудофиа рафта, дар ҳайати қариб 400 дивизия ва 200 бригада далерона ҷангидаанд, ҳикоят мекунад. Дар очерки мазкур чеҳраи Р. Сафаров чун шахси меҳнатдӯсту фидоии миллат равшан намоён гардидааст.

Хулоса, насри давраи истиқлол аз нигоҳи мавзуъ, услуби тасвир ва ҳунари нигорандагӣ сол то сол такмил мeёбад ва наслҳои гуногуни нависандагони тоҷик кори эҷодиро бо дарки масъулият идома медиҳанд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Намунаи асарҳои насрии дар даврони истиқлол навиштаро номбар кунед.
2. Кадом асарҳо ба насри таърихии даврони истиқлол мансубанд?
3. Шоирони ба навиштани асарҳои насрӣ рӯ овардаро ном баред.
4. Кадом романҳо ба тасвири шоҳон ва сиёсатмадорон бахшида шудаанд?
5. Очерки "Назаркардаи Худованд" ба зиндагии кадом адиб бахшида шудааст?

## ДРАМАТУРГИЯ ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛ

Дар солҳои баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ драматургияи тоҷик аз ҷиҳати мундариҷа ва тасвири бадеӣ такмил ёфт. Дар ин солҳо насли нави драматургони тоҷик, чун Файзулло Ансорӣ, Аъзам

Сидқӣ, Абдулмалик Баҳорӣ, Абдусалом Атобоев, Султон Сафаров ва баъдтар Меҳмон Бахтӣ, Тӯрахон Аҳмадхонов, Сафармуҳаммад Айюбӣ, Ато Ҳамдам, Нур Табаров, Б. Абдурраҳмон, Ҷумъа Қуддус, Нурулло Абдуллоев, Шодӣ Солеҳ, Саидқул Сабзаев, Абдуғаффор Абдуҷаббор, Ғ. Ашӯров, Тоҳири Муҳаммадризо, Умар Садрӣ ва дигарон ба камол расиданд. Ин насл ҳамроҳи насли калонсоли драматургон фаъолият намуда, ҳаёти муосирон ва таърихи гузаштаи халқи худро боҷуръат мавриди тасвир қарор доданд. Драмаи тоҷик аз ҷиҳати навъу жанр боз ҳам васеътар гардид. Аз ҷумла, дар соҳаҳои ***драмаи мусиқӣ*** (чун «Имтиҳон», «Модар нигарон буд»-и Ф. Ансорӣ, «Суруди нотамом»-и А. Атобоев, «Ишқи мансабдор»-и А. Баҳорӣ, «Гирдоб»-и С. Сафаров), ***драмаи манзум*** (чун «Ҳукми модар»-и Ф. Ансорӣ, як силсила пиесаҳои С. Айюбӣ), ***мазҳака ва интермедия***[1] (чун драмаи Ғ. Абдулло «Тӯй», «Гавҳари шабчароғ»-и С. Улуғзода, «Очаи Бика ва очаи Зика»-и Ҷ. Қуддус, «Дод аз дасти Афандӣ»-и Ғ. Ашӯров), ***монодрама*** (чун «Гуфтугӯ бо худ», «Ватан ва фарзандон», «Ишқи зиндагӣ»-и М. Воҳидов), ***намоишномаҳои бачагона*** (чун «Ҷавонии Ибни Сино»-и С. Улуғзода ва В. Виткович, «Меҳмони серӯза»- и А. Баҳорӣ, «Эҳ, ҷавонӣ, ҷавонӣ»-и М. Бахтӣ) бисёр асарҳои ҷолиб ба вуҷуд омаданд.

Файзулло Ансорӣ солҳои 50-ум чун драманавис ном баровард ва чанд пиесаи ӯ дар Театри давлатии академии драмаи ба номи Лоҳутӣ рӯйи саҳнаро дид. Дар нахустин драмаи Ф. Ансорӣ «Имтиҳон» мусиқӣ ва суруд мавқеи муайян дорад ва образҳои асосии он Адолат, Шариф Исматӣ, Аҳмадзода, Зулфия, Рауф ба шеъру мусиқӣ рағбати беандоза доранд. Ин асар ба ҳаёти ҷавонони донишҷӯ бахшида шуда, зимнан масъалаи мактабу маорифро низ фаро гирифтааст. Воқеа дар донишгоҳи омӯзгорӣ мегузарад ва лаҳзаи супурдани имтиҳони давлатии донишҷӯёнро фаро мегирад.

Адолат ном духтари мудири кафедраи донишгоҳ донишҷӯйи аълохон мебошад ва ба имтҳони давлатӣ тайёрии ҷиддӣ мебинад. Бедорхобиҳои Адолат модарро ба ташвиш меоранд ва байни падару модар чунин гуфтугӯ мешавад:

***Шарофат*** (андешаманд): «Адолати мо...» Вай ҳам ба худи Шумо рафтагӣ, шаб китобхонӣ, рӯз китобхонӣ... Касрати Шумо

1. Интермедия – намоиши иловагии хурдакаки байни пардаҳои драма, ки бештар мазмуни ҳаҷвӣ дорад.

зада, бечора бачекам як дами осударо намебинад!... Боз имрӯзҳо-ку! Падараш соҳиби як дарвозаи институт бошаду яккаю ягона духтар аз ғами имтиҳона хобро надонад?!... Ба ӯ раҳматон намеояд? Як даҳан намегӯед, ки «бисёр худата азоб надеҳ, ман ёрдам мекунам!»

***Аҳмадзода*** (бо ҳайрат): и-и. Ба ҷойи вай рафта имтиҳон диҳам- мӣ?

***Шарофат***: рафта имтиҳон доданатон шарт не. Ҳамаи муаллимҳо ҷӯраҳоятон.

***Аҳмадзода***: восита шавам? (қадам зада) Не! Ин кор намешавад.

***Шарофат***: аз Шумо чӣ меравад?

***Аҳмадзода*** (гоҳ қадам зада, гоҳ истода): не, не! Дар ин бора дигар гап накушоед! Ман боварӣ дорам, ки худи Адолат ҳам инро намехохад... Ба ҳар кор, агар лозим ояд, восита шудан мумкин, аммо дар масъалаи имтиҳон гуноҳи азим аст... Мо пеш аз ҳама бояд ғами бачаҳои бегуноҳро хӯрем. Ба онҳо омӯзгорони ҳаматарафа доно зарур аст.

Адолат духтари боақл, донишманд ва назарбаланд мебошад ва дар байни ҳамкурсон эътибори калон дорад. Сухангӯйӣ ва сурудхониҳои ӯ хонандаро мафтун мекунад. Драматург Адолатро ба Лутфия, ки дар берӯйӣ ва беномусӣ ном баровардааст, муқобил мегузорад ва ба воситаи амалиёти образҳои мусбату манфӣ ба ҷавонон таъкид мекунад, ки дар зиндагӣ мулоҳизакор ва дурандеш бошанд.

Дар солҳои баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ драматургияи тоҷик бештар ба мавзуъҳои таърихӣ рӯ овард. Таърихи зиндагии халқи тоҷик ва кору пайкори[1] фарзандони барӯманди он дар ҳифзи нангу номуси халқу Ватан дар намоишномаҳои С. Улуғзода («Рӯдакӣ», «Алломаи Адҳам»), Ғ. Абдулло («Рустам ва Суҳроб»[2], «Фарёди ишқ»), Ш. Қиёмов ва М. Шералӣ («Зебуннисо»), А. Атобоев («Суруди нотамом», «Қиёми Лоҳутӣ»), С. Сафаров, Қ. Киром, А. Қодирӣ («Туғрал»), Р. Ҷалил («Дили шоир»), Ҷ. Қуддус («Ғуруби Аҷам») ба таври мукаммалу боварибахш ифода ёфтаанд.

А. Атобоев дар фоҷиаи «Суруди нотамом» таваҷҷуҳи хонандаи имрӯзро ба зиндагии шоири асри X тоҷик Робиаи Балхӣ

1 Пайкор — ҷанг, мубориза, муҳориба.

2 Дар солҳои баъдиҷангӣ нусхаи нави фоҷиаи “Рустам ва Сухроб” пешниҳод мешавад.

ҷалб менамояд. Робиа худ аз табақаи ҳукмрон аст ва ба Ораз ном ҳофизи дарбор ошиқ мешавад. Аз ин ҷуръати Робиа бародараш – Ҳорис дар ғазаб мешавад ва шоирро дар ҳаммоми тафсон андохта нобуд месозад. Лаҳзаи ҷонбозии Робиа дар ҳаммоми тафсони дарбаста муассир аст. Ӯ ангуштонашро бо дандон хуншор карда, шеърҳои охиринашро дар деворҳои ҳаммом сабт менамояд...

Дар замони истиқлоли Тоҷикистон вобаста ба талаботи иҷтимоӣ ва фарҳангии давр мурочиати драматургони тоҷик ба таърихи гузаштаи халқи худ боз ҳам бештар гардид. Ғояи асосии намоишномаҳои таърихии «Баҳроми Чӯбина»-и Т.Аҳмадхонов, «Фирдавсӣ» ва «Шоҳ Исмоил»-и Меҳмон Бахтӣ, «Камоли Хуҷандӣ», «Дақиқӣ», «Меърочи Шоҳин»-и С. Айюбӣ, «Хатои Искандари Мақдунӣ»-и Б. Абдурраҳмон, «Дод чист? Бедод чист?» ва «Қиёми Айнӣ»-и Нур Табаров эҳёи тафаккури миллӣ ва худогоҳию худшиносӣ мебошад. Инкишофи хатти сужет, амалиёт ва бархӯрди манфиатҳои образҳои асарҳои мазкур ба камолоти маънавии хонанда ва тамошобин таъсир мерасонад.

**Драманависони касбӣ**

Аксари қаламкашони адабиёти муосири тоҷик ба эҷоди асарҳои саҳнавӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд. Дар эҷодиёти гурӯҳи муайяни адибон драма мавқеи асосӣ дорад. С. Улуғзода, Ғ. Абдулло, Ш. Қиём, Ф. Ансорӣ, М. Бахтӣ, С. Айюбӣ, А. Ҳамдам, А. Атобоев, С. Сафаров, Н. Табаров чун драматургони касбӣ эътироф шудаанд.

Аз солҳои 80-уми садаи ХХ С. Айюбӣ ба эҷоди драмаҳои манзуму мансур мепардозад ва чун драматурги боистеъдоду сермаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он мавқеъ пайдо кардааст. Дар «Осори мунтахаб» 27 асари драмавии адиб ҷой гирифтаанд. «Ҷилвагоҳи офтоб» (2000) низ аз намоишномаҳои С. Айюбӣ фароҳам омадааст. Асарҳои драмавии ӯ – «Фишор» (1984), «Заволи Чамбули Мастон» (1997), «Хатои охирини Афлотун» (1990) «Алии Сонӣ» (1994), «Айюби Собир дар шаҳри бесуннат» (1996), «Амир Балъамӣ» (1997) дар озмунҳои драматургони касбии Тоҷикистон ғолиб дониста шуда, сазовори ҷоизаҳои гуногун гардидаанд.

Ҳамчунин, дар тарбияи ҳиссиёти худшиносӣ, ифтихори миллию ватанхоҳии хонанда ва тамошобини тоҷик драмаҳои манзуми «Дақиқӣ», «Торикӣ», «Фиғони чашмҳои пардашин», «Сакароти Қорун», «Ҳайкал», «Камоли Хуҷандӣ», «Харобот» саҳми муно-

сиб гирифтаанд. Дар фоҷиаи «Дақиқӣ» масъалаи нашъамандӣ ва оқибатҳои фоҷиабори он мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Шоири ҷавон Дақиқӣ бо истеъдоди фавқулода баландаш дар дарбори шоҳӣ эътибор пайдо карда буд. Нуҳ ибни Мансури Сомонӣ ғуломеро ба ӯ туҳфа намуд. Комёбиҳои пай дар пай Дақиқии камтаҷрибаро аз ҳадди эътидол баровард ва боис гардид, ки ӯ ба маишат дода шавад. Шоир ҳангоми мастӣ ҳамеша ғуломашро таҳқир ва ҷабр мекунад ва оқибат аз дасти ғуломаш кушта мешавад.

**Ғулом – Саура**:

Ҷазои ту ин аст, эй бадкуништ,[1]
Паноҳ бар ба мағмураи[2] Зардиҳишт!

(Ғулом – Саура қамчинро аз дасти Дақиқӣ кашида гирифта, ӯро бо он буғӣ мекунад. Мусиқии фоҷиавӣ баланд мешавад. Дақиқӣ мемирад).

Ҳамин тариқ, драматургони тоҷик дар замони истиқлолият анъанаи намоишноманависиро давом дода, дар айни ҳол драмаи тоҷикро аз ҷиҳати мундариҷа ва ҳунари бадеӣ такмил додаанд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ кадом пиесаҳо эҷод гардидаанд?
2. Оид ба драмаи «Имтиҳон»-и Ф. Ансорӣ чӣ медонед?
3. Чанд драмаи таърихиро номбар кунед.
4. Шумо аз хитоби Робиа чӣ таъсир гирифтед?
5. Драманависони касбии тоҷикро номбар кунед.
6. С. Айюбӣ кай ба навиштани намоишномаҳо оғоз кардааст?
7. Драмаи таърихии «Дақиқӣ» кадом ғояро талқин мекунад?

## САВОЛИ ТЕСТӢ

1. Асарҳои «Имтиҳон» ва «Модар нигарон буд»-и Файзулло Ансорӣ ба кадом навъи драма мансуб мебошанд?
   А) Драмаи мусиқӣ;
   Б) Драмаи манзум;
   В) Мазҳака ва интермедия;
   Г) Монодрама;
   Ғ) Намоишномаҳои бачагона.

1 Бадкуништ — бадкор, бадкирдор, бадамал.
2 Мағмура — зери об шуда, нобуд гардида.

# МЕҲМОН БАХТӢ

***(1940-2022)***



**Рӯзгори нависанда**

Нависандаи халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ Меҳмон Бахтӣ 25 марти соли 1940 дар деҳаи Шули ноҳияи Ғарм (ҳоло ноҳияи Рашт) ба дунё омадааст. Меҳмон омӯзишгоҳи омӯзгории Навобод[1] (1958) ва факултети таъриху филологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Душанберо (1963) хатм карда, солҳои 1973 – 1975 дар Донишгоҳи адабиёти ба номи Горкии шаҳри Маскав таҳсил намудааст.

Меҳмон Бахтӣ дар муассисаҳои гуногуни фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати муҳаррир, ҷонишини сармуҳаррири «Тоҷикфилм», сармуҳаррири шуъбаҳои телевизиони тоҷик, мудири адабии Театри академии драмаи ба номи Лоҳутӣ, мудири Хонаи адибони ба номи Турсунзода фаъолият намудааст. Солҳои 1995 – 2000 вакили мардумӣ дар Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон буд. Соли 2003 дар Анҷумани 12-ум ва соли 2009 дар Анҷумани 13-уми нависандагони Тоҷикистон раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон интихоб гардид. Баъд пурра ба кори эҷодӣ машғул гардид. Устод Меҳмон Бахтӣ 20-уми майи соли 2022 аз дунё гузашт. Оромгоҳи марҳум дар мазори Лучоб ҷойгир аст.

**Фаъолияти эҷодӣ**

Фаъолияти эҷодии Меҳмон Бахтӣ аз таълифи сурудҳои «Хаёли ширин» (1965), «Наргис», «Мавҷигул», «Орзу» (1967), ҳикояву лавҳаҳои «Ёди лаҳзае» (1965), «Афсонаи деҳ» (1966), филмномаҳои мустанади «Корвони дӯстӣ» (1968), «Нуқра Раҳматова месарояд» (1970) ва намоишномаҳои «Лаҳзаи ҷовид», (1967), «Ташнаи дидор» (1969) оғоз гардидааст. Дар фаъолияти

1 Воқеъ дар ноҳияи Рашт.

эҷодии адиб назм, наср ва драма мавқеи муайян доранд. Ин ҳолатро, алалхусус, аз маҷмуаҳои «Бӯйи баҳор» (1975), «Хаёли ширин» (1985), «Оҳи сабук» (1984), «Руҳи тавоно» (1987), «Лаҳзаи ҷовид» (1972), «Песаҳо» (1982), «Фирдавсӣ» (1999), «Бозтоби офтоб» (2007) ва «Хубон» (2018) бармало мушоҳида кардан мумкин аст.

Меҳмон Бахтӣ шоири суруднавис аст. Дар сурудҳои «Қадаҳи бародарӣ», «Ба деҳқон», «Ҷавонӣ», «Ифтихори тоҷик», «Поси хотир», «Наргис», «Рози пинҳон», «Мавҷигул» ягонагиву ваҳдати миллӣ, мехнатдӯстиву бунёдкорӣ, ҳимояи хоки поки Ватан, муҳаббати ҷӯшони инсонӣ самимона ба тасвир омадаанд. Ин сурудҳо дар иҷрои ҳунарпешагони шинохта – Нуқра Раҳматова, Саидқул Билолов, Давлатманди Хол басо гӯшнавоз ва марғуб садо медиҳанд:

Имрӯз ҷавонони зарифу ҳунаромӯз
Ошуфтаю дилдодаи ҳангомаи Наврӯз.
Ҳамрози ту, эй Наргис,
Дамсози ту, эй Наргис.
Аз меҳр шарар резӣ ба паймонаи ошиқ,
Обод шавад хонаи вайронаи ошиқ.
Зеби ҳама ҷо, Наргис,
Тоҷи сари мо, Наргис.

Ҳунари нигорандагӣ ва сабки мароқовари тасвирҳои Меҳмон Бахтиро ҳамчунин аз лавҳа, ҳикоя ва қиссаҳои «Афсонаҳои деҳ» (1966), «Оташ дар хатти хуҷум» (1966), «Ойинаи хотир» (1971), «Қӯшапир шаванд» (1972), «Хубон» (1978) ба таври возеҳ мушоҳида кардан мумкин аст. Насри нависанда чун назми ӯ самимӣ, образнок, пурғунҷоиш ва саршори ғояҳои инсонӣ мебошад.

Дар қиссаи «Хубон» ба мисли қиссаҳои «Ширмоҳ»-и М. Наҷмиддинов (1973), «Кини Хумор»-и Ӯ. Кӯҳзод (1976), «Рухсора»-и Баҳром Фирӯз (1973) талоши бонувони тоҷик баҳри ояндаи нек ва шарафу номус бомуваффақият ба тасвир омадааст.

**Драматургияи Меҳмон Бахтӣ**

Меҳмон Бахтӣ драманависи номвари тоҷик аст. Ӯ то имрӯз зиёда аз понздаҳ китоб ба табъ расондааст, ки қисмати зиёди эҷодиёташро намоишномаҳо ташкил медиҳанд. Аксари

драмаҳои Меҳмон Бахтӣ, аз ҷумла, «Бародарон», «Лаҳзаи ҷовид», «Эҳ, ҷавонӣ, ҷавонӣ», «Захми забон», «Роҳзан ва кӯзагар», «Фирдавсӣ», «Шоҳ Исмоили Сомонӣ» ба адабиёти тоҷик чун насими тоза ворид гардиданд. Онҳо на танҳо дар театрҳои Тоҷикистон, инчунин, дар театрҳои мамлакатҳои Русия, Украина, Финландия, Гурҷистон, Озарбойҷон, Туркманистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон, Молдава ба намоиш гузошта шудаанд.

Дар драмаҳои Меҳмон Бахтӣ масъалаҳои иҷтимоӣ ва таърихӣ мавқеи сазовор доранд. Намоишномаи «Эҳ, ҷавонӣ, ҷавонӣ» соли 1982 ба табъ расида, ба масъалаҳои зиндагии орзупарвари хонандагони синни калони мактабӣ бахшида шудааст. Дар ду қисми ин намоишнома муносибати дӯстона ва самимонаи хонандагони синфи 9 Хайрӣ ва Довар мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Як бегоҳ, ҳангоми аз мактаб ба хона рафтан, Сафар пеши роҳи ҳамсинфаш Хайриро гирифта, ба ӯ дармеафтад. Довар ба зарбае Сафарро афтонда, Хайриро наҷот медиҳад ва бо ҳамин таваҷҷуҳи духтарро ба худ ҷалб менамояд.

***Хайрӣ:*** баъди ҳамон воқеа ман ба Довар эътиқод бастам. Доварро оварда, дар синф дар паҳлуям шинондам. Гуфтам, биё як умр ҳамроҳ мегардем, ҷуфти қу барин, Ромео ва Ҷулетта барин...

Дар намоишномаи «Эҳ, ҷавонӣ, ҷавонӣ» масъалаи муҳимми ҳаёти ҷавонон тасвир ёфтааст. Воқеаи дар ҳаёти Хайрӣ ва Довар рухдода ҷавононро ҳушдор медиҳад, ки ба ишқу муҳаббат барин падидаи нозуки инсонӣ муносибати сарсарӣ надошта бошанд. Зеро саҳлангорӣ ва саросемагӣ дар ин масъала оқибатҳои нохуш дорад.

Ҳамин тариқ, агар дар драмаи «Эҳ, ҷавонӣ, ҷавонӣ» масъалаи ахлоқи ҷавонони тоҷик мавриди баррасӣ қарор гирифта бошад, пас дар пиесаҳои «Бародарон» ва «Лаҳзаи ҷовид» муборизаи иҷтимоии мардуми тоҷик дар солҳои 20-уми асри XX ба тасвир омадааст.

**Намоишномаҳои таърихӣ**

Дар эҷодиёти Меҳмон Бахтӣ намоишномаи «Фирдавсӣ», ки ба муносибати ҳазораи «Шоҳнома» солҳои 1993 – 1994 таълиф гардидааст, мавқеи муҳим дорад. Ин асар аз намоишномаҳои пурарзиши солҳои охири адабиёти тоҷик маҳсуб меёбад. Муаллиф барои ин намоишнома Лауреати мукофоти давлатии ба номи Рӯдакӣ гардидааст.

«Фирдавсӣ» чун песаҳои пешини драматург ба парда ва намоишҳо тақсим намешавад. Воқеаҳо дар кӯча, ҳавлию боғи Фирдавсӣ, дарбори султон Маҳмуд ва дигар ҷойҳо паси ҳам ба вуқуъ меоянд. Дар намоишнома аз Фирдавсӣ сар карда, 16 образи мусбату манфӣ ширкат меварзад.

Меҳмон Бахтӣ аз аввал Фирдавсиро дар маркази воқеаҳои сиёсӣ ва иҷтимоиву динӣ қарор додааст. Шоири солхӯрда аз сафари якмоҳа бармегардад ва ҳанӯз нафас рост накарда, дар рӯйи ҳавлии хеш ба арабзода Амр ибни Мунзир вомехӯрад. Амр ибни Мунзир шахсест, ки ба шоирону фозилони ватанхоҳи тоҷик Масъуди Марвазӣ, Абумансурӣ, Дақиқӣ ва Фирдавсӣ кина дорад. Дар бархӯрди аввалин Фирдавсӣ чун муҷассамаи ақлу хираду одамият, Амр ибни Мунзир чун шахси бадахлоқ ва киначӯй намоён мешаванд.

***Фирдавсӣ***: туро ба шоир Дақиқӣ, ба он варзида чӣ кор? (дилашро дошта мешинад).

***Амр ибни Мунзир*** (ба ҳамон дуруштӣ): маро бо Дақиқӣ чӣ кор?.. Ҳеҷ кас он бадхӯйи зиндиқ[1] ва зардуштпарастро мисли ман рӯшан намедонад. Э кош, то занахдон ба хунаш ғарқа мегардид. Он худоношинос бо кибр ва тундхӯйӣ ба чашмам нигариста мегуфт: «Бидон, эй ғуломзода, исломро аҷам бузург дошта, на араб» ва дашна ба ҷонам мезад.

***Фирдавсӣ***: ин нуктаро банда низ комил медонам. Исломро хирад ва сухани аҷам ба бор меорад, на шамшери араб.

Дар ин бархӯрдҳо таваҷҷуҳи хонандаро образи зани арабзода –Тобон ба худ ҷалб менамояд. Чаро Тобон, духтари Абуҷунайди Эҳсони Бухороӣ, бо ин ҳама нуфузи оилавӣ, ақлу фаросат ва ҳусну ҷамоли комил ба як ғуломи зоҳиран бадбашара ва ботинан касиф ба шавҳар баромадааст? Адиб гиреҳи ин муамморо чунон моҳирона кушодааст, ки симои ин зан бо тамоми барҷастагӣ пеши назари хонанда ҷилвагар мешавад. Тобон дар хонаи падари шоирдӯсташ Фирдавсии ҷавонро дида, ба ӯ дил мебандад. Ӯ чун мешунавад, ки душманони фарҳанги аҷам Фирдавсиро бо дасти Амр ибни Мунзир ба қатл расонданианд, дар пайи наҷоти маҳбубаш меафтад. Тобон ягона роҳи наҷоти шоирро дар хонадоршавии худ ба ин марди бадбашараи араб мебинад. Баъди солҳои зиёде он рӯзҳоро дар назди шоири рӯзгордида ба ёд меорад.

1 Зиндиқ — бедин, бехудо.

**Тобон:** он фаришта он рӯз худро ба ин ҳол андохт, то ки ин шоири хуросонӣ зинда бимонад... (дар чашмонаш ашк ҳалқа мезанад) ва қиссаҳои меҳтароини мо анҷом бидиҳа.

**Фирдавсӣ** (аз ҷой бархоста назди Тобон зону мезанад ва домони ӯ мебӯсад): то қиёмат, то рӯзи бозхост ин фидохоҳӣ фаромӯш намекунам. Меҳрабонӣ ва накукорӣ нишонаи имон аст. Ба меҳрабонӣ ва ҷонфишонӣ ба бадон монеъ шудӣ, то бадсозӣ накунанд. Ман ба имони бузургу шоистаи бону саҷда меорам. Он ҳама шавкат ва авранги[1] шоҳон, ки ситоиш кардаам, дар мақоми фурӯғи сурат ва покии тинати бону баробар наояд.

Ҳамин тариқ, Тобон бо як ҷасорат гуворотарин лаҳзаи айёми ҷавониро дар дили шоири рӯзгордида бедор кард ва ин эҳсосот то лаҳзаи охирини ҳаёт ҳамроҳи ӯ боқӣ монд.

Дар намоишномаи «Фирдавсӣ» султон Маҳмуд, Дақиқӣ, Унсурӣ барин шахсиятҳои таърихӣ ва мисли Абудулаф, Манижабону, Нӯшозар, Тобон, Амр ибни Мунзир, Лашкарӣ, Арслон Ҷозиб, Зирак, Навруста образхои хаёлӣ амал менамоянд ва ба воситаи фаъолияту бархӯрдҳои онҳо симои комили Фирдавсӣ офарида мешавад. Ин асар аз муҳимтарин дастовардҳои драматургияи тоҷик дар солҳои охир мебошад.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Дар бораи рӯзгори Меҳмон Бахтӣ маълумот диҳед.
2. Асарҳои М. Бахтӣ ба кадом ҷинсҳои адабӣ тааллуқ доранд?
3. Дар бораи сурудҳои шоир чӣ медонед?
4. Драмаҳои М Бахтиро номбар кунед.
5. Намоишномаи “Эҳ, ҷавонӣ, ҷавонӣ”-ро аз ҷ.5 ”Тазкираи адабиёти бачагон”(Душанбе, 1984, -С.265-310) хонед.
6. Намоишномаи «Фирдавсӣ» кай ва ба кадом муносибат навишта шудааст?
7. Амр ибни Мунзир чӣ хел шахс аст ва чаро ӯ ба шахсиятҳои фарҳангии эронинажод, чун Масъуди Марвазӣ, Дақиқӣ ва Фирдавсӣ, кина мепарварад?
8. Сабаби ба Амр ибни Мунзир ба шавҳар баромадани Тобон дар чист?
9. Боз кадом образҳои намоишномаи «Фирдавсӣ»-ро медонед?

---

1 Авранг — тахт, маснади шоҳӣ, шукӯҳ, бузургӣ.

## НАМОИШНОМАИ «ШОҲ ИСМОИЛИ СОМОНӢ»

**Мавзӯи баҳс**

Таваҷҷуҳи зиёд ба мавзуи худошиносию хештаншиносии шаҳрвандони тоҷик, бузургдошти фарзандони кабири халқ Меҳмон Бахтиро водор намуд, ки пас аз намоишномаи "Фирдавсӣ" асари дигари драмавӣ – "Шоҳ Исмоили Сомонӣ"-ро офарад. Намоишномаи «Шоҳ Исмоили Сомонӣ» соли 1999 ба муносибати ҷашни 1100-солагии давлати Сомониён навишта шудааст. Меҳмон Бахтӣ фаъолияти асосгузори аввалин давлати миллии тоҷикон – Исмоили Сомониро дар Мовароуннаҳру Хуросон тасвир намудааст. Намоишнома аз замони ба сари қудрат омадани шоҳ Исмоил оғоз меёбад. Сужети песа набарди шоҳ Исмоил бо бародараш Наср, ҳуҷумҳои пайдарҳами халифаҳои араб, Муҳаммади Башоро ва Амри Лайс ба зидди Бухоро ва ғалабаҳои Исмоили Сомонӣ, муносибати хонҳои бодиянишини турк ба шоҳи Бухоро, хиёнаткориҳои баъзе дарбориён ва кӯшишҳои шоҳ Исмоилро баҳри мустаҳкам намудани иқтидори мамлакат фаро мегирад.

Дар намоишнома воқеаҳо, асосан, дар қароргоҳи шоҳ Исмоил мегузаранд. Мазмуну муҳтавои асар дар ҷараёни гуфтугӯ, баҳсу мунозира ва амалиёти образҳои воқеию тахайюлӣ ошкор гардидаанд. Дар байни 18 персонаж (чун вазир Ҷайҳонӣ, девондор[1] Балъамӣ, сипаҳсолор Бозувон, Насри Сомонӣ, Муҳаммад Башоро, Амр ибни Лайс, Мансури Кешӣ, модар, Меҳрбону, Хотуной) таваҷҷуҳи хонанда ва тамошобинро бештар образи асосӣ–Исмоили Сомонӣ ба худ ҷалб менамояд. Ҳар як саҳна, намоиш ва муколама ягон тарафи хислату характери қаҳрамонро (чун қобилияти мамлакатдорӣ, донишу фаросат, дурандешӣ, адолатҷӯйию раиятпарварӣ ва ватанхоҳию саховатмандӣ) нишон медиҳад.

**Симои шоҳ Исмоил**

Шоҳ Исмоил сабаби авҷ гирифтани шӯру ошӯбҳои халқро дар ниёзмандӣ ва нодорӣ медонад ва ҳатто андозеро, ки барои таъмири девори азими Бухоро аз аҳолӣ ситонида мешуд, қатъ намуда ва мегӯяд: «То ман зинда бошам, бораи[2] вилояти Бухоро ман бошам».

1 Девондор — мутасаддии ҳукму фармонҳои дарборӣ.

2 Бора — девори қалъа ё девори шаҳр. Хоктӯдаи баланд дар гирдогирди шаҳр.

Донишмандӣ, заковат ва дурандешии шоҳ Исмоил ҳангоми набард бар муқобилонаш боз ҳам возеҳтар ошкор мегардад. Ӯ бо истифода аз усулҳои самараноки муҳориба ба ҳарифони пурзӯри худ ғолиб меояд. Вале ба асирафтодагон кина намегирад ва онҳоро водор менамояд, ки ба воқеият аз рӯйи ақлу фаросат баҳо диҳанд. Аз ин ҷиҳат, гуфтугӯйи шоҳ Исмоил ба ҳокими Хуросон – Амри Лайс ва сипаҳсолори ӯ – Муҳаммади Башоро, ки дубора ба мағлубият дучор шуда буданд, ҷолиби диққат аст.

***Исмоили Сомонӣ***: бигӯ, эй Башоро, мо туро ба ҷомаи дӯстӣ фиристодем, на бад-он андеша, ки бар рағми[1] ҷони мо бо ҷавшан ва зиреҳпӯш бозгардӣ.

***Муҳаммади Башоро***: шикасти пешин ман амри тасодуф донистаме, эй амир Исмоил! Хостам қувва биозмоям, ному насаб ва шуҳрати дубора бозгардонам. То абад ба бадномӣ маро ёд набаранд.

***Исмоили Сомонӣ***: дубора асирӣ бори бадномӣ бар сипаҳсолор наафзояд?

***Муҳаммади Башоро***: оре, бадномӣ гаронтар биафзояд... Валек равшан донистаме, ки шикасти аввал низ тасодуф набуда, аз амри воқеъ рух дода. Эзид таоло ин ҳақиқат бар дили ман биандохтӣ ва бори андӯҳ ва навмедӣ сабук гардондӣ. Имрӯз кишвар ва лашкари амир Исмоил тавоност.

***Амри Лайс***: чун ту подшоҳ надида, ки душманон ва асирони хеш ба ҳаммом биоварӣ ва сару тан озода гардонӣ...

***Исмоили Сомонӣ***: кирдори бад осон тавонистан. Бори накукорӣ мушкил тавон бурдан...

Образҳои дигари намоишнома низ табиию воқеӣ ва барҷаставу муассир ифода ёфтаанд. Аксари шахсоне, ки дар дарбор фаъолият доранд, аз ҷумла, вазири даргоҳ Ҷайҳонӣ, девондори ҷавон Абулфазли Балъамӣ ва сипаҳсолор Бозувон мардони хирадманд, ботамкин ва дурандешу доно мебошанд. Махсусан, саҳнаи муколама ва амалиёти Бозувон бо бонуи хидматгор Хотуной ҷолиб ба назар мерасад. Дар ин саҳна дар ниҳоди сипаҳсолор бархӯрди ду ҳиссиёти ба ҳам мухолиф – яке майлу хоҳиши ишқварзӣ ба Хотуной ва дигаре ҳисси эҳтирому садоқат ба шоҳ Исмоил мушоҳида мешавад.

1 Рағм — кори баръакс кардан. Бар рағми – бар хилофи, бар зидди.

**Бозувон** (сараш сахт такон хӯрда даст аз синаи ӯ мегирад): эй ҷодугар... Ин даст ба хиёнат биёлудӣ (ба панҷаи ангуштаридораш нигариста). Ин ангуштар аз чашмаи беолоиши меҳри шоҳам берун омадӣ ва бар панҷаи гунаҳпешаи ман дармондӣ. Оҳ, гуноҳ кардам ва басо хиёнати бузург (бо хашму ғазаб давр мезанад ва ханҷар аз наём мекашад).

Эй Яздон, ман ин хиёнат ва гуноҳ ба чӣ сурат пок гардонам. Илоҷи кор нахуст ин бошад... (панҷаи ангуштаридорашро якбора бурида аз даст ҷудо мекунад ва хуншор ба вай менигарад). Ин аст сазои ту, эй хиёнатпеша... Эй Яздон, аз ту бахшоиш хоҳам, омурзиш!

Дар байни образҳои манфӣ симои девондор Мансури Кешӣ ҷолиб аст. Ин шахс айёру хиёнатпеша мебошад ва барои амалӣ сохтани ниятҳои нопокаш аз ҳеҷ пастӣ рӯ намегардонад. Ӯ барои соҳиб шудан ба мансаби вазирӣ ба хиёнати давлатӣ даст мезанад ва ба хони кишвари Яғмо Уғруқхон нома навишта чунин пешниҳод мекунад: «Агар боисрор ва қатъӣ хони кабир Уғруқхон аз амир Исмоил вазири даргоҳ шудани маро хоста бошад, ин ғулом ҳам орзуҳои ӯ ба амал биёварад».

### Образи занон

Дар пиесаи «Шоҳ Исмоили Сомонӣ» образи занон мавқеи босазо дорад. Ҳам Хотуной, ҳам Меҳрбону ва ҳам модарбузург дар зоҳиру ботин фарди комил ва намунаи бонувони дарбор мебошанд. Хислатҳои нотакрору собитқадамонаи модарбузург ҳангоми муомила ба фарзандонаш – писарони Аҳмади Сомонӣ ва дигар дарбориён комилан намоён мешавад. Модарбузург вақте ки дар набард бо Амри Лайс шикаст хӯрдани шоҳ Исмоилро (ин хабари дурӯғ барои озмоиши аҳли дарбор буд) мешунавад, дар замири ӯ қувваи мағлубнопазире туғён мекунад: «Эй фарзанд, бигӯ, моро чӣ ҳоли забун ва бадахтарӣ пеш омада? (якбора намуди ҷиддӣ гирифта): На-а, фарзандони Аҳмад ибни Асади Сомонӣ намурдаанд. Руҳ ва неруи Сомонхудот бо мост. Шамшер аз наём баркашед ва аҳли Бухоро ба пой бардоред!»

Комёбии дигари Меҳмон Бахтӣ дар офаридани характерҳои Меҳрбону ва Хотуной мебошад. Меҳрбону духтари Яъқуби Лайс, аз аҳли Хуросон аст, ки чун нишони иззату икром ба хидмати

шоҳ Исмоил фиристода шудааст. Хотуной туркзода буда, ӯ ҳам бо супориши падараш Уғруқхон ба хидмати Исмоил омадааст. Меҳрбону ботамкин аст, анъанаву одати хонадони Сомониён-ро беҳтару хубтар медонад ва кӯшиш дорад, ки бо фурӯтаниву шикастанафсӣ ба муҳаббати шоҳ Исмоил ноил гардад. Пеш аз набард бо Амри Лайс миёни шоҳ Исмоил ва Меҳрбону чунин гуфтугӯ ба вуқуъ мепайвандад.

***Исмоили Сомонӣ*** (ҷомро бардошта): ниёиши ту киро ҷавшан бар размгоҳ бошад?

***Меҳрбону***: ман ба ҳар ду оштӣ хоҳам, на разм, шоҳам!

***Исмоили Сомонӣ*** (бо лабханди нобоварона): имрӯз (ҷомро нанӯшида пас мегардонад) ман бо бародари падари ту набард кунам. Рост бигӯ, эй духти хонадони саффорӣ, бар сар ин соат чӣ андеша парварӣ!

***Меҳрбону*** (аз назди шоҳ дур рафта): чӣ чора кунам, бузургмодар. Маро духти Яъқуби Лайс гӯянд, на Амри Лайс. Маро душман ба хонадони боавранг мапиндор, шоҳам... (гиря ӯро гулӯгир мешавад).

Хотуной бошад, чолок ва дар роҳи иҷрои мақсад фаъол аст. Ӯ ба шоҳ Исмоил боҷасорат сухан мегӯяд ва беибо изҳори андеша мекунад.

***Хотуной*** (бо нозу адо): ё амирам, маро духти хони шерчангол Уғруқхон гӯянд ва падар бар ман панд аз меҳр гуфта, ки бар ин ҷойгоҳи олӣ хидмат аз ҷон кунам. Ин гулоб нӯши равон бошад ва муждагонӣ аз пирӯзиҳои амирам бар Саффориён!

***Исмоили Сомонӣ*** (гулобро гирифта): ту дилбарона ва меҳрҷӯёна гап мезанӣ. Бовар кунам ё на?

Хотуной лаълии ҷомҳоро бар фарш гузошта, бо суръат ва чолокии тамом ханҷар аз наёми Аҳмади Сомонӣ мегирад ва бар дили хеш рост мекунад.

***Хотуной***: эй беназирам, агар бӯйи бовар аз сухани ман нахезад, дили хеш пора кунам, то он мурод аз пирӯзиҳои амирам бошад.

Ба Исмоил нармгуфторӣ, малоҳат ва одоби шоистаи Меҳрбону хуш меояд ва шоҳ ин бонуи хуросониро ба занӣ мепазирад. Хотуной аз ин беилтифотии амир нисбат ба худ навмед

намешавад ва бо тамоми вуҷуд ба сипаҳсолор Бозувон дил баста, ӯро низ ба роҳи ишқи пок хидоят мекунад. Умуман, дар симои Меҳрбону ва Хотуной ду хислат ва ду роҳи талош барои бахт моҳирона тасвир гардидааст.

Намоишномаҳои таърихии Меҳмон Бахтӣ, аз ҷумла пиесаи «Шоҳ Исмоили Сомонӣ», аз ҷиҳати забону тарзи баён низ ҷолиб мебошанд. Забони ин асар ба руҳи замон ва муҳити дарбор созгор афтода, боиси инъикоси боз ҳам возеҳтари симои персонажҳо гардидааст. Махсусан, саҷъ ва тавсиф барин воситаҳои тасвири бадеӣ ба сухани персонажҳо руҳи баланди ифоданокӣ ато намудаанд. Масалан, ҷумлаи зерин сабаби дилбастагӣ ва таваҷҷуҳи Хотунойро ба мардуми зебопайкар ва хушахлоқи тоҷик самимона ва дилкаш ифода намудааст: «Орзу мепарваридам, ки шавҳар кунам ва аз ин мардум кунам, то ки фарзандони ман низ чеҳраи сафеди дилбар, чашмони калони афсунгар ва қомати болои зебо дошта бошанд».

Меҳмон Бахтӣ кӯшиш кардааст, ки хислатҳои фардии ширкаткунандагонро ҳар чӣ мукаммалтар инъикос намуда, ба рафтору кирдори ҳар як қаҳрамон вобаста ба замону макони давр баҳои воқеӣ диҳад.

Ҳамин тариқ, намоишномаи «Шоҳ Исмоили Сомонӣ» бо сужети ҷолиб, ҷараёни мувофиқи амалиёти образҳо ва забони фасеҳу услуби гирои худ аҳамияти калони маърифатӣ ва таълимию тарбиявӣ касб карда, ба хонанда ва тамошобини имрӯз ғояи хештаншиносӣ, ватандӯстӣ ва ифтихори миллиро талқин менамояд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Намоишномаи «Шоҳ Исмоили Сомонӣ» кай ва ба кадом муносибат навишта шудааст?
2. Сужети намоишнома кадом воқеаҳоро дар бар мегирад?
3. Оид ба образи шоҳ Исмоил маълумот диҳед.
4. Ҷумлаи «То ман зинда бошам, бораи вилояти Бухоро ман бошам» чӣ маъно дорад?
5. Чаро сипаҳсолор Бозувон панҷаашро бурид?
6. Кадом образҳои манфии асарро медонед?

7. Оид ба образи модарбузург маълумот диҳед.
8. Образҳои Меҳрбону ва Хотуной аз ҳам чӣ фарқ доранд?

## САВОЛҲОИ ТЕСТӢ

1. Драмаҳои «Фирдавсӣ» ва «Шоҳ Исмоили Сомонӣ» ба қалами кадом нависанда тааллуқ доранд?

А) Раҳим Ҷалил;
Б) Саттор Турсун:
В) Баҳманёр;
Г) Аброри Зоҳир;
Ғ) Меҳмон Бахтӣ.

2. Меҳрбону ва Хотуной образҳои кадом намоишномаи Меҳмон Бахтӣ мебошанд?

А) «Бародарон»;
Б) «Лаҳзаи ҷовид»;
В) «Эҳ, ҷавонӣ, ҷавонӣ»;
Г) «Фирдавсӣ»;
Ғ) «Шоҳ Исмоили Сомонӣ».



# ГУЛНАЗАР КЕЛДӢ

*(1945 – 2021)*

**Ҳолнома**

Шоири халқии Тоҷикистон, муаллифи Суруди миллии Тоҷикистон Гулназар Келдӣ соли 1945 дар деҳаи Дардари ноҳияи Айнии вилояти Суғд дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Соли 1961 мактаби миёнаи деҳаро бо нишони тило хатм кардааст. Соли 1966 факултети таъриху филологияи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро бо дипломи аъло ба итмом расонидааст.

Гулназар чанд муддат дар рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» чун ходими адабӣ, мудири шуъба ва ҷонишини муҳаррир фаъолият доштааст. Соли 1973 мудири шуъбаи маҷаллаи «Садои Шарқ» таъйин шудааст. Солҳои 1975 – 1977 дар Афғонистон бо мутахассисони шуравӣ кор кардааст. Солҳои 1977 – 1991 мудири шуъбаи назми «Садои Шарқ» буд. Аз соли 1991 сардабири ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат», аз соли 1999 сардабири нашрияи «Ваҳдат» ва аз соли 2003 сардабири маҷаллаи «Пайванд» буд. Як муддат вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чун ҷонишини раиси нашриёти «Адиб» фаъолият кардааст ва баъд пурра ба кори эҷодӣ машғул шудааст. Гулназар ба Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ (1994) ва Ҷоизаи адабии ба номи Турсунзода сазовор гардидааст. Устод Гулназар 13-уми августи соли 2021 аз дунё гузашт ва оромгоҳи марҳум дар мазори Лучоб мебошад.

**Роҳи эҷодӣ**

Аввалин шеърҳои Гулназар айёми таҳсил дар мактаби миёна чоп гардидаанд. Китоби нахустинаш соли 1969 бо номи «Расми сарбозӣ» ба табъ расид. Баъдҳо маҷмуаҳои «Дастархон» (1972), «Нардбон» (1975), «Ағба» (1979), «Паҳно» (1981), «Лангар»

(1984), «Пайи дарё» (1986), «Табхола» (1992), «Ҳар мисраи шеър Тоҷикистони ман аст» (1997), «Фariштаи бомдод» (2000), «Қадаҳи шабнам» (2001), «Шуълаи барқадди сӯзони малоҳат» (2002), «Ойинаи ташна» (2005), «Фасли озод» (2005), «Шакарнам», (2006), «Туву хубиву раъноӣ» (2010) «Дар чодари сафеди маҳтобӣ» “Гулҳо ҳусни заминанд” (2019) нашр шудаанд.

Гулназар барои бачагон ҳам шеър эҷод намудааст, ки дар маҷмуаҳои «Аз барои Гулъизор» (1983), «Чашми нигин» (1987), «Се кулчаи танӯрӣ» (1990), “Лолаҳо дар ёлаҳо” (2017) гирд омадаанд. Китобҳои «Тахти Рустам» (Душанбе, 1990) ва «Забони ошиқӣ» (Теҳрон, 1999) бо ҳуруфи ниёгон ба табъ расидаанд.

Гулназар асарҳои насрӣ, драмавӣ, публитсистӣ ва илмӣ низ таълиф намудааст, ки асару мақолаҳои «Лоиқе чун Лоиқе» (2000), «Таъми тути балхӣ» (2002), «Мансури Ҳаллоҷ ва Имом Ғазолӣ» (2005), «Хотираи муаллим» (1976), «Баҳори Вахш» (1983), «Таронаи Ватан» (1970), «Замини барӯманди шеър» (1976), «Тарона ва замона» (1986) намунаи онҳо мебошанд.

Гулназар як қатор асарҳои адибони машҳурро, аз қабили Г. Гейне, М.Ю. Лермонтов, Е.Евтушенко, Э. Межелайтис, Н. Думбадзе, Н. Тихонов, Е. Винокуров, Р. Рождественский, Ф. Алиева тарҷума намудааст. Ҳамчунин ашъори Гулназар ба забонҳои русӣ, ӯзбекӣ, арабӣ, қирғизӣ, чехӣ, латишӣ, немисӣ, булғорӣ ва ғайра тарҷума ва чоп гардидаанд.

Гулназар ҳам дар жанрҳои суннатӣ (чун рубоӣ, дубайтӣ, ғазал, қитъа, маснавӣ, мусаммат, фард) ва ҳам дар шаклҳои нави шеърӣ (чун шеъри озод ва шеъри хусравонӣ) асарҳо офаридааст. Достонҳои «Савдои зиндагӣ» (1972) ва «Пайи дарё» (1983) ба масъалаҳои зиндагии халқи тоҷик дар замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва солҳои аввали баъдиҷангӣ бахшида шудаанд.

Аз шаклҳои суннатии шеърӣ Гулназар ба рубоӣ ва дубайтӣ таваҷҷуҳи бештар дорад. Шоир ин шаклҳои шеъриро дар китобҳои алоҳида ҷой додааст. Агар китоби «Ойинаи ташна» зиёда аз 1100 рубоиро дар бар карда бошад, пас, китоби «Шакарнам» 388 дубайтиро фаро гирифтааст. Шоир дар ин жанрҳои ҳаҷман хурд паҳлуҳои гуногуни зиндагиро ҳунармандона тасвир намудааст:

Як субҳ пур аз тараннуми наврӯзист,
Як чашма пур аз такаллуми наврӯзист.
Аз шодии зиндагӣ лаби ғунча шукуфт,
Як пушта пур аз табассуми наврӯзист.

Дар ҷойи дигар шоир ҳаҷми хурди дубайтиро нозукбинона ба умри кӯтоҳи одамӣ монанд кардааст:

Дубайтӣ, меҳри ту дар мағзи дилҳост,
Ба ҳар давру замон қадри ту волост.
Чу ширин аст умри кӯтаҳи мо,
Ду байти кӯтаҳи ту ҳам гуворост.

Рубоӣ ва дубайтиҳои Гулназар бисёр масъалаҳои ҷомеаро дар шакли муҷазу дилнишин ифода намудаанд.

**Шаклҳои нави шеърӣ**

Гулназар аз шаклҳои нави шеърӣ бештар ба бандҳои чаҳормисраӣ майл дорад. Ва дар шеъри озод низ кӯтоҳбаёниро меписандад. Шоир кӯшиш дорад, ки фикр ҳар чӣ муҷаз ва фарогир ифода ёбад, то хонанда дар сари ҳар мисраъ андеша кунад. Инак, ба шеъри «Ниёиш»,[1] ки ҳамагӣ аз се мисраъ иборат аст, таваҷҷуҳ менамоем:

Эй Ватан,
Аз ту бихоҳам лаби ноне,
Ки набандад лаби ман.

Хонанда баъди андешаи амиқ мазмуни баланди ватанхоҳии шеъри мазкурро дарк менамояд: қаҳрамони лирикии шоир Ватанро холисона ва аз рӯйи меҳр васф менамояд ва аз Ватан лаби ноне хоҳиш карданаш барои он аст, ки ногоҳ аз бемадорӣ лабаш аз тавсифи диёр хомӯш намонад.

Мавзуъҳои ашъори лирикии Гулназар васеъ ва густарда мебошанд. Аз ҷумла, мавзуъҳои ватану ватандорӣ, ишқу муҳаббат, сулҳу дӯстӣ, кӯшишу кор, баҳору ҷавонӣ сар то сари ашъори Гул-

1 Ниёиш — дуои хайр, дуо аз рӯйи зорӣ ва илтиҷо.

назарро фаро гирифтаанд. Шоир кӯшидааст, ки ҳар мавзуъро бо ҷилои тоза манзури хонанда намояд. Гулназар ҳанӯз дар синни 18-солагӣ деҳаи кӯҳии хешро бо суханҳои самимӣ ва хотирмоне васф кардааст, ки хонандаро ба ваҷд меорад. Шеъри «Лаълии пур аз неъмат» ҳамагӣ аз ду байт иборат аст:

Деҳаам дар домани кӯҳпораест
Ҳамчу лаълии пур аз шаҳду шакар.
Кӯҳ гӯйӣ дар каф онро дошта,
Марҳамат гӯяд ба ҳар як раҳгузар.

Деҳа ба ***лаълии пур аз шаҳду шакар*** монанд шудааст ва кӯҳ чун ***инсони саховатпеша*** тасаввур гардидааст, ки ин лаълиро ба каф гирифта, ҳосили ранҷи худро ба раҳгузарон пешкаш менамояд. Чунин тасвирҳои мушаххасу табиӣ, ки гувоҳи истеъдоди фитрии Гулназар мебошанд, дар «Кӯҳсорам, қарори ман бингар», «Дар он марзе», «Замини мо», «Тоҷикистон ба кӣ ҳамсон аст?», «Таронаи бозгашт» барин шеърхои ватанхоҳонаи шоир боз ҳам дилкашу мафтункунанда ҷило медиҳанд.

Мавзуи ишқу муҳаббат дар шеърҳои «Эй ишқ», «Масҷиди ишқ», «Гулдухтарони Душанбе», «Духтари субҳ» ва як қатор рубоиву дубайтӣ ва ғазалиёти Гулназар ҷолибу саҳеҳ ифода ёфтааст. Ишқ дар тасвири шоир гавҳари муқаддас, воситаи покию мубаррої ва камолоти маънавии инсон аст. Дар ғазали «Дили тангам ба оҳи ту намеарзад» тамоми воситаҳои тасвир чун вазни сабук (ҳазаҷи мусаддаси солим: V– – –/ V – – –/V – – –), қофияи аслӣ (оҳ, роҳ, кулоҳ, нигоҳ...), радиф (ту намеарзад), тавсиф, муболиға ва тазод дар ифодаи мазмуни ошиқонаи шеър саҳм гирифтаанд. Дар матлаъ истифода шудани ҳамоҳангии калимаву таркибҳо ва боз як қофияи дигар (тангам, сангам) ғазалро боз ҳам ҷолибтар намудааст:

Дили тангам ба оҳи ту намеарзад,
Сари сангам ба роҳи ту намеарзад.
Шукӯҳи осмонгири кулаҳдорон
Ба як гарди кулоҳи ту намеарзад...

Дусад дафтар агар шеъри сафедам ҳаст,
Ба як холи сиёҳи ту намеарзад...
Макун пинҳон гуноҳи чашми мастатро,
Ки дунё бар гуноҳи ту намеарзад.

Қаҳрамони лирикии ашъори Гулназар шахси бедордил, зирак ва таҷрибадида мебошад. Ӯ аз таҷрибаи рӯзгор баҳра бардошта, ба зиндагӣ ба дидаи ибрат менигарад. Ин аст, ки дар шеърҳои Гулназар фикрҳои пандуахлоқӣ фаровон истифода шудаанд. Шоир аз рустани сабза дар рӯйи қабри инсон маънӣ бардошта, ғанимат шумурдани умрро таъкид мекунад:

Ба саҳро рав, ки ин саҳро ғанимат,
Чароғи хандаи гулҳо ғанимат.
Замоне зери пойи сабза монӣ,
Туро ин сабза зери по ғанимат.

Умр ҳамон вақт қимат пайдо мекунад, ки агар он ба омӯхтани илму маърифат ва хидмати халқу Ватан сарф шавад. Дар зиндагӣ ҳар кас бояд ҳушёр, зирак ва ҳамқадами замон бошад, вагарна умр гӯё ки ба хоб мегузарад. Гулназар аз маънои маҷозии калимаи ***хоб*** (ғафлат, бепарвоӣ) ва ташхиси калимаи ***дарё*** (дарё чун инсон нола мекунад) истифода карда, байти ҳикматноке офаридааст:

Вақте ки мардумон ҳама хобанд,
Баҳри кӣ нола мекунад дарё?

Ё худ, дар байти зерин падидаи номатлуби гадоӣ хеле образнок мавриди накӯҳиш қарор гирифтааст:

Эй дасти кушодаи гадоӣ, то чанд,
Борон нарасад ба сабзаҳои сари роҳ?

Дар ҳақиқат, гадоӣ ва талбандагӣ моҳияти иҷтимоӣ дорад ва боиси бадномии миллат ва ҷомеа мегардад. Хулоса, ашъори Гулназар хонандаро ба роҳи ахлоқи ҳамида ҳидоят менамояд.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Дар бораи зиндагиномаи Гулназар маълумот диҳед.
2. Кадом маҷмуаҳои Гулназарро медонед?
3. Оё фаъолияти эҷодии адиб танҳо аз шеърнависӣ иборат аст?
4. Гулназар ба кадом шаклҳои шеъри суннатӣ бештар таваҷҷуҳ дорад?
5. Мавқеи шеъри нав дар эҷодиёти шоир чӣ гуна аст?
6. Оид ба мундариҷаи ашъори лирикии Гулназар маълумот диҳед.
7. Байти:

> Эй дасти кушодаи гадоӣ, то чанд,
> Борон нарасад ба сабзаҳои сари роҳ?–

чӣ маънӣ дорад?

## АШЪОРИ БА МОДАР БАХШИДА

Дар шеърҳои «Модар», «Замин чун модари ман масти хоб аст», «Модари ҷаҳонгирам», «Нони гарме, ки меканӣ зи танӯр», «Дар раҳи охирин», «Ҳар шабат хоб мебинам», «Ману волидайн» модар самимона ва дилсӯзона ситоиш гардидааст.

Ашъори ба модар бахшидаи Гулназар дар шаклҳои мураббаъ ва шеъри озод дар давраҳои гуногуни фаъолияти эҷодии шоир суруда шудаанд. Шеъри «Модар» аз чор банди чаҳормисраӣ иборат мебошад ва дар он ҳолати модар дар мавриди гусели фарзанди баркамол тасвир меёбад. Шеър бо пухтани тӯшаи роҳ оғоз меёбад. Дар ин ҳолат модар хеле муносиб ба ахгар[1] ташбеҳ мешавад:

> Кунун вақти саҳар шуд, модари ман,
> Бароям мепазӣ ту тӯшаи роҳ.
> Чу ахгар тоб дорӣ, сӯз дорӣ,
> Ки дар нон гармии худро гузорӣ.

Бо вуҷуди бо тамоми ҳастӣ омода намудани тӯшаи сафар гусели фарзанд барои модар басо душвор ва сангин аст. Изтиробу ошуфтаҳолии ӯ дар банди мақтаъ тавассути такрори калимаи

1 Ахгар — оташпора, лахча, ангишти афрӯхта.

***хомӯш*** ва таркибҳои ***чашмони тар*** ва ***чашмҳои интизор*** ифода ёфтааст:

Гуселам мекунӣ хомӯш, хомӯш,
Панаҳ бинмуда чашмони тари худ.
Фидои чашмҳои интизорат,
Назодӣ охирам танҳо бари худ...

Дар шеъри «Модари ҷаҳонгирам» тарафи дигари бузургии модари тоҷик ва ба модарони тамоми дунё ҳамтақдир будани ӯ ба тасвир омадааст. Шеъри мазкур аз нуҳ банди чаҳормисраӣ иборат буда, қофияи бандҳо ба тарзи ббба, ввва, ггга... сохта шудааст. Яъне, се мисраи ҳар банд қофияи алоҳида дошта, дар ҳамаи бандҳо мисраи чорум дар шакли ***Модарам, модари ҷаҳонгирам*** такрор ёфтааст. Мисраи такрор ё васила бандубасти шеър ва муносибати маънавии бандҳоро таъмин намудааст. Шоир аз маънои рамзии калимаи «ҷаҳонгир»[1] истифода карда, мавқеи ҷаҳонии модарро нишон додан хостааст. Дар ин ҳолат мафҳуми ҷаҳонгирии модар бар хилофи амали ҷаҳонгирони воқеист:

Сад Сикандар ба пеши ту ҳеҷ аст,
Фавҷи лашкар ба пеши ту ҳеҷ аст,
***Те***ғу ханҷар ба пеши ту ҳеҷ аст,
Модарам, модари ҷаҳонгирам.

Гулназар ба воситаи санъатҳои бадеии талмеҳу муболиға (Сад Сикандар ба пеши ту ҳеҷ аст) баландии мақоми модарро нисбат ба яке аз ҷаҳонгирони ҳарис – Искандари Мақдунӣ (356–323 то м.) таъкид менамояд. Модар «дасти ларзон», «дили пурармон» ва «чашми гирён» дорад. Бо вуҷуди ин, Искандар бо ҳамон тавоноӣ, фавҷи лашкар ва яроқу аслиҳа қувваи ҷаҳонгирии модарро надорад.

Дар бандҳои минбаъда роҳҳои ҷаҳонгирии модари тоҷик тасвир меёбанд. Қувваи ҷаҳонгирии модар дар оҳкашию дарду доғи ӯст, ки дар ҳама ҷо асар доранд. Фарзандҳои ӯ дар гӯшаҳои мухталифи олам ба муқобили душманони molу ҷони инсонӣ пайкор карда ҳалок гардидаанд ва модар ба ин восита дар тамоми

1 Ҷаҳонгир — ҷаҳонхоҳ, ҷаҳонҷӯй.

дунё иртибот пайдо кардааст. Ин маънӣ ба воситаи таркибҳои маҷозии ***нури чашм, пораи дил*** ва ***руҳи гирён*** (фарзанд дар назар аст) ва талмеҳҳои Лаҳистон, Олмон ва Фаронса хеле муносиб ифода ёфтааст:

Нури чашми ту дар Лаҳистон аст,
Пораи дил ба хоки Олмон аст.
Руҳи ту дар Франса гирён аст,
Модарам, модари ҷаҳонгирам.

Бузургӣ ва безаволии модари тоҷик, махсусан тавассути тасвири хаёлҳои ширин (***бибӣ шуд келини хаёлии ту, танг шуд хонаҳои холии ту***), муносибат ба мактубҳои ёдгорӣ (***номаҳо куҳнаву гами ту ҷавон***) ва истодагарии ӯ дар интизори фарзанд (***кӯр гаштӣ, валек раҳпойӣ***) равшану возеҳ ифода ёфтааст. Дар банди мақтаъ моҳияти ҳақиқии ҷаҳонгирии модар ҳунармандона ҷамъбаст гардидааст. Шоир ба воситаи тобишҳои маъноии калима ва таркибҳои рехтаи ***рӯсиёҳ***[1], ***куштаи оҳ***, ***ҷаҳони зинда*** ба гунаҳгории ҷаҳонгирон дар назди модар ишора карда, вориси ҳақиқии дунё модарро медонад:

Ҳар ҷаҳонгир рӯсиёҳи туст,
Куштаи пургуноҳи оҳи туст.
Ин ҷаҳон зинда дар паноҳи туст,
Модарам, модари ҷаҳонгирам.

Шеъри «Нони гарме, ки меканӣ зи танӯр» ҳаҷман калон нест. Ин шеър аз шаш банди чаҳормисраӣ иборат буда, ҳар банд қофияи ***абвб*** дорад. Гулназар кӯшиш намудааст, ки дар шеър чанд хислати зотии модари тоҷикро мавриди тасвири бадеӣ қарор диҳад ва баъди тасвири одати меҳмоннавозӣ ва серфарзандии модари тоҷик шеър чунин ҷамъбаст шудааст:

Бод равшан ситораи бахтат,
К-аз ту равшан ситораи тоҷик.

1 Рӯсиёҳ – гунаҳгор, шарманда, беобрӯ.

То ту ҳастӣ, ҳамора[1] мечунбад,
Дар замин гоҳвораи тоҷик.

Гулназар ба воситаи тасвирҳои маҷозиву рамзии ***ситораи бахт, ситораи тоҷик, гаҳвораи тоҷик*** ва таносуби калом (***ситора, равшан, мазор, гаҳвора, ҷунбидан, замин***) ба тасвир қувваи баланди ифоданокӣ ато намуда, мақоми модарро дар зиндагии орому осудаи фарзандон нишон додааст. Махсусан, ба ҷунбидани мунтазами гаҳвора нисбат додани ҷараёни муътадили зиндагии халқи тоҷик зарурат ва шарофати ҳастии модар – гаҳвораҷунбонро ба таври барҷаста ифода кардааст.

Шеърҳои ба модар бахшидаи Гулназар заминаи воқеӣ дошта, ба ҷараёни зиндагии шоир пайвастагӣ доранд. Аз ин ҷиҳат, «Ҳар шабат хоб мебинам», ки дар шакли шеъри озод эҷод гардидааст, ҷолиби диққат аст. Ин шеър аз чор банди семисраӣ ва ду банди панҷмисраӣ иборат буда, мисраъҳои охири ҳар банд ҳамқофия мебошанд:

Ҳар шабат хоб мебинам, – **а**
Ки ҳарири симгуни саҳоб[2] ба бар, – **б**
Аз миёни себзори шукуфта мегузарӣ. – **в**

Боди бомдод мекунад пар-пар – **б**
Барги гулҳову сарандози сафеди туро – **г**
Ва ту ошуфта мегузарӣ. – **в**

Дар боғи биҳишт ошуфтаву бехоб ва ноором будан рамзи он аст, ки модар баъди марг ҳам руҳан ҳамроҳи фарзанд буда, аз ғами бозмондагонаш озод нест. Худафрӯзиҳои модар ба хотири фарзанд ва пайванди ногусастании онҳо дар банди хотимавӣ ба воситаи таркибҳои ***марги нобаҳангом, хобҳои дурӯғин, розҳои нуҳуфта*** равшану возеҳ тасвир ёфтаанд:

Ё дурӯғ аст марги нобаҳангомат,
***Ё ки хоб***ҳои ман дурӯғинанд...
Розҳое нуҳуфта мегузарӣ...

1 Ҳамора – ҳамеша, доимо, ҳамвора.

2 Саҳоб — абр. Ҳарири симгуни саҳоб — либоси озодае мисли абри сафед.

**Мавқеи воситаҳои тасвир**

Дар ашъори Гулназар воситаҳои тасвири бадеӣ бамавқеъ ва устокорона истифода шудаанд. Дар ашъори шоир таносуби сухан қавӣ буда, калимаву таркибҳо дар ҷойи худ ва дар муносибати комили якдигар истифода шудаанд. Як шеъри ватанхоҳонаи шоир чунин ҷамъбаст шудааст:

Дар он марзе, ки шоирҳои мо бо сабза ҳамрозанд,
Бигуфтӣ: «Як замонат ҳаст ин ҷо навбати хуфтан».
Чӣ бемаргист, зери чанбари гардуни бобоӣ
Баҳорон аз замин рӯйидану бо ғунча бишкуфтан.

Дар ин порча калима ва таркибҳои ***марз***, ***замин***, ***сабза***, ***шоир***, ***беморӣ***, ***ҳамроз***, ***замон***, ***гардуни бобоӣ***, ***баҳор***, ***рӯйидан***, ***ғунча***, ***бишкуфтан*** байни худ муносибати комил доранд ва барои тақвияти ҳамдигар хидмат намуда, зикри яке зикри дигареро талаб мекунад. Шоир гуфтан мехоҳад, ки дар хоки Ватан мурдан барои ҳар ватандор хушбахтист. Дар ифодаи малеҳу дилкаши фикр ҳам калимаҳои ҳамнисбат ва ҳам маҷозу тазод (баҳорон аз замин рӯйидани марҳум, хуфтан, рӯйидан) барин санъатҳои бадеӣ саҳм гирифтанд.

Гулназар аз мақолу зарбулмасал ва афоризмҳои халқӣ мувофиқ истифода мекунад. Дар порчаи зерин шоир маънии ҳикмати «гандум корӣ, гандум бидравӣ, ҷав корӣ – ҷав»-ро тағйир дода, фикри ҷолибу пандомез баён намудааст:

Бубояд ҳамчу об омад ба ҷунбиш,
Ки бахшояд ба гул ҳусни табассум,
Агар бар қасди мо ҷав кишта буданд,
Зи хоки мо дамад амвоҷи гандум.

Дар ин порча табиати некбинона ва хайрхоҳонаи халқи тоҷик, ки бо вуҷуди озорҳои пайдарпайи бадхоҳон танҳо некию некукориро салоҳ медонад, таъкид ёфтааст. Ё худ, бо тағйир додани маънои ҳикмати «кӯри хешу бинои мардум» масъулиятшиносии ҳар фардро дар ҷомеаи инсонӣ басо ҷолиб баён намудааст:

Ғайри ман нуқсе надорад зиндагӣ,
Ин манам кӯри касу бинои хеш!

Гулназар шоирест, ки ба зиндагӣ назари амиқ дорад ва воқеъбинона аз ҳодисаҳои сершумори давр хулосаҳои муътамади бадеӣ мебардорад.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Шеърҳои ба модар бахшидаи Гулназарро ном баред.
2. Дар бораи шеъри «Модар» чӣ медонед?
3. Дар шеъри «Модари ҷаҳонгирам» мисраи васила «Модарам, модари ҷаҳонгирам» дорои кадом вазифа мебошад?
4. Шеъри «Нони гарме, ки меканӣ зи танӯр»-ро таҳлил кунед.

## САВОЛҲОИ ТЕСТӢ

1. Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро кӣ навиштааст?

   А) Бозор Собир;
   Б) Лоиқ Шералӣ;
   В) Гулназар Келдӣ;
   Г) Гулрухсор;
   Ғ) Сайдалӣ Маъмур.

2. Ин байт аз кадом шеъри ба модар бахшидаи Гулназар гирифта шудааст?

   Сад Сикандар ба пеши ту ҳеҷ аст,
   Фавҷи лашкар ба пеши ту ҳеҷ аст.

   А) «Модар»;
   Б) «Замин чун модари ман масти хоб аст»;
   В) «Дар роҳи охирин»;
   Г) «Модари ҷаҳонгирам»;
   Ғ) «Отчизнане волидайн».

## ЛИРИКА
## (шеъри ғиноӣ)

**Назарияи адабиёт**

Ба ҷинси лирика[1] асарҳое тааллуқ доранд, ки дар онҳо фикру ҳиссиёти аз зиндагӣ ва ҳодисаҳои давр ҳосилкардаи адиб бевосита тасвир меёбанд.

Гулрухсор гуфтааст:

Надорам орзуи умри ҷовид,
Ватан бигзор монад ҷовидона.
Ҳамехоҳам ба ту баъди сари ман,
Ватан монад, Ватан монад нишона!

**Мафҳуми қаҳрамони лирикӣ**

Асарҳои лирикӣ аз номи адиб баён мешавад ва дар ин гуна асарҳо шахсияти адиб равшанд ба назар мерасад. Ба ин маънӣ мунаққиди барҷастаи рус В.Г. Белинский (1811–1848) гуфтааст: «Шоири бузург дар бораи худаш – дар бораи «Ман» сухан ронда, умумӣ гап мезанад, зеро дар симои ӯ он чизе, ки дар зиндагии халқ аст, таҷассум ёфтааст. Бинобар ин, ҳар кас дар ғами ӯ ғами худ ва дар шахсияти вай худашро мебинад».

Ҳамин тавр, шахсеро, ки шеъри лирикӣ аз номи ӯ навишта шудааст, дар адабиётшиносӣ ***қаҳрамони лирикӣ*** мегӯянд ва қаҳрамони лирикӣ, аксаран, худи шоир аст. Дар шеърҳои лирикӣ ғайр аз қаҳрамони лирикӣ боз образҳои лирикии ***маъшуқа, рақиб, қалам, кӯҳ, дарё*** ва ғайра мушоҳида мешавад. Вале ҳамаи дигар образҳо ба салоҳдид ва назари фардии қаҳрамони лирикӣ вобаста аст. Дар ин байт қаҳрамони лирикӣ назари фардии худро оид ба мавқеи таҳсилу кӯшиш дар зиндагӣ чунин муайян кардааст:

Ин ки рӯзӣ бетараддуд мерасад, афсонаест,
Панҷаи кӯшиш калиди ризқро дандонаест.

*(Соиб)*

---

1 Лирика — аз калимаи юнонии **лира** (асбоби торноки мусиқии Юнони қадим) гирифта шудааст.

Шеърҳои лирикӣ танҳо ба мавзуи ишқу муҳаббат тааллуқ надоранд ва чун асарҳои ҳамосию драмавӣ ба тамоми масъалаҳои зиндагӣ дахл менамоянд. Аз ин рӯ, лирика ба навъҳои ишқӣ, манзаравӣ, фалсафӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва ғайра ҷудо мешавад.

Агар асарҳои лирикӣ ба шавқу шӯри ишқ ва васлу хиҷрони ёр оид бошанд, лирикаи ишқӣ ном мегиранд. Асарҳое, ки дар онҳо қаҳрамони лирикӣ дар бораи манзараҳои табиат фикр баён намояд, лирикаи манзаравӣ ном доранд. Асарҳое, ки дар онҳо масъалаҳои мухталифи зиндагӣ мавриди муҳокима қарор гиранд, ба лирикаи иҷтимоию фалсафӣ оид мебошанд.

Навъҳо ё жанрҳои асосии шеъри лирикӣ ***фард, дубайтӣ, рубоӣ, маснавӣ, қасида, қитъа, ғазал, мусаммат, тарҷеот ва мустазод*** мебошанд. Ин навъҳои шеъри лирикӣ ҳам дар назми асримиёнагӣ ва ҳам дар назми давраи нави тоҷик мавқеи муносиб доранд. Ба баъзе хусусияти жанрҳои мазкур таваҷҷуҳ менамоем: ***Фард*** (арабӣ – ***ягона, танҳо***) аз як байт иборат буда, гоҳ бо қофия ва баъзан аз қофия озод навишта мешавад. Шакли ҷамъи фард ***муфрадот*** ё ***фардиёт*** буда, мавзуъҳои гуногунро дар бар мегирад:

Бирав, зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир,– **б**
Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд. – **а**

*(Рӯдакӣ)*

Ё:

Ҳар шаб зи худат бипурс, агар ту мардӣ, – **а**
К-имрӯз чӣ хидмате ба мардум кардӣ? – ***а***

*(А. Лоҳутӣ)*

***Дубайтӣ*** аз ду байт (чор мисраъ) иборат мебошад ва дар вазнҳои ҳазаҷи мусаддаси мақсур (мафоӣлун, мафоӣлун, фаӯлон: V – – – V– – – /V– ~) ё ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф (мафоӣлун, мафоӣлун, фаӯлун: V – – –/V – – –/ V – –) навишта мешавад. Дубайтӣ мавзуъҳои гуногунро фаро гирифта, аксаран дар шакли ***ааба*** ва баъзан дар шаклҳои ***аааа*** ва ***аабб*** қофия баста мешавад. Бобо Тоҳири Урён дар мавзуи ишқу муҳаббат гуфтааст:

Диле дорам ***харидори*** муҳаббат,–а
К-аз ӯ гарм аст ***бозори*** муҳаббат.–а
Либосе бофтам бар қомати дил–б
Зи пуди меҳнату ***тори*** муҳаббат.–а

***Рубоӣ*** (арабӣ–чоргона) аз ҷиҳати миқдори мисраъҳо ва қофия мисли дубайтӣ мебошад, вале дар вазн фарқ дорад. Вазни рубоӣ шаҷараи ***ахраб*** ё ***ахрами*** баҳри ҳазаҷ мебошад. Яъне, мисраъҳои рубоӣ ё бо зиҳофи ахраб (мафъӯлу: – –V) ва ё бо зиҳофи ахрами (мафъӯлун: – – –) баҳри ҳазаҷ оғоз мeёбанд. Рубоӣ паҳншудатарин жанри назми тоҷик мебошад ва онро Умари Хайём ба дараҷаи камолот расондааст:

Гар як нафасат зи ***зиндагонӣ*** гузарад,–а
Магзор, ки ҷуз ба ***шодмонӣ*** гузарад.–а
Ҳуш дор, ки сармояи ин мулки ҷаҳон–б
Умр асту чунонаш ***гузаронӣ***, гузарад.–а

– – V /V – V –/ V – – V / V –

***Маснавӣ*** (арабӣ–дутоӣ) шакли шеъриест, ки мисраъҳои он ду-ду бо ҳам қофия мешаванд: ***аа***, ***бб***, ***вв***... Имконияти маснавӣ аз ҷиҳати қофия васеъ аст. Бинобар ин, бештари достонҳои адабиёти тоҷик дар шакли маснавӣ эҷод гардидаанд. Шеърҳои лирикӣ низ дар шакли маснавӣ эҷод мешаванд. Маснавиҳои лирикӣ аз ҷиҳати ҳаҷм гуногун, мавзуи марказии онҳо панду ахлоқ мебошад. Ин шеъри машҳури Саъдӣ дар шакли маснавӣ аст:

Банӣ одам аъзои як ***пайкаранд***,–а
Ки дар офариниш зи як ***гавҳаранд***.–а
Чу узве ба дард оварад ***рӯзгор***,–б
Дигар узвҳоро намонад ***қарор***.–б
Ту, к-аз меҳнати дигарон ***бегамӣ***,–в
Нашояд, ки номат ниҳанд ***одамӣ***.–в

Ба асарҳои ғиноӣ ***достони лирикӣ*** ва ***ҳикояи лирикӣ*** низ дохил мешаванд, ки мундариҷа ва муҳтавои онҳо ба воситаи таассуроту андеша ва муносибати бевоситаи қаҳрамони лирикӣ ифода меёбанд. Ҳамчунин, дар адабиёти давраи нави тоҷик дар баробари

жанрҳои анъанавӣ шаклҳои нави лирикӣ пайдо шудаанд ва онҳо навъҳои гуногуни шеъри озод ва шеъри сафедро фаро гирифтаанд. Умуман, лирика чун қадимтарин ҷинси адабӣ дар ташаккули завқи бадеӣ ва камолоти маънавии инсон саҳми муносиб дорад.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Чӣ хел асарҳоро асарҳои лирикӣ меноманд?
2. Оид ба мафҳуми қаҳрамони лирикӣ маълумот диҳед.
3. Жанрҳои лирикӣ ё ғиноӣ кадомҳоянд?
4. Рубоӣ аз дубайтӣ чӣ фарқ дорад?
5. Чаро достонҳо, асосан, дар шакли маснавӣ навишта мешаванд?
6. Оид ба мафҳумҳои достони лирикӣ ва ҳикояи лирикӣ чӣ медонед?

## САВОЛИ ТЕСТӢ

1. Ин дубайтӣ ба қалами кадом шоир тааллуқ дорад?

Надорам орзуи умри ҷовид,
Ватан бигзор монад ҷовидона.
Ҳамехоҳам ба ту баъди сари ман,
Ватан монад, Ватан монад нишона!

А) Гулрухсор;
Б) Гулназар;
В) Лоиқ Шералӣ;
Г) Бозор Собир;
Ғ) Камол Насрулло.

2. Ин шеъри Лоҳутӣ ба кадом жанри бадеӣ тааллуқ дорад?

Ҳар шаб зи худат бипурс, агар ту мардӣ,
К-имрӯз чӣ хидмате ба мардум кардӣ.

А) Дубайтӣ;
Б) Рубоӣ;
В) Қитъа;
Г) Қасида;
Ғ) Фард.

# АБДУЛҲАМИД САМАД

*(таваллуд 1947)*



**Зиндагинома**

Нависандаи халқии Тоҷикистон Абдулҳамид Самад зодаи деҳаи Шикоргаҳи ноҳияи Ховалинги вилояти Хатлон мебошад. Маълумоти миёнаро дар деҳаи Кадучии ноҳияи Восеъ гирифтааст. Соли 1965 ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории шаҳри Душанбе дохил мешавад. Соли 1969 баъди хатми донишгоҳ ба идораи рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» ба кор меояд ва бо роҳнамоиҳои рӯзноманигорони шинохтаи ҷумҳурӣ фаъолият менамояд. Ин ҷо ба як гурӯҳ ҷавонони хушзавқу боистеъдод, чун Ғоиб Сафарзода, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, Салимшоҳ Ҳалимшоҳ мепайвандад ва аз донишу таҷрибаи устодони матбуот баҳравар мешавад.

Абдулҳамид Самад муддати даҳ сол (1977 – 1987) дар шуъбаи насри маҷаллаи «Садои Шарқ» кор кардааст. Ҷонишини сармуҳаррири ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» (1987 – 1988), ҷонишини сармуҳаррири маҷаллаи «Фарҳанг» (1989 – 1990), сармуҳаррири маҷаллаи «Садои Шарқ» (1990 – 1993) буд. Аз соли 1993 то соли 2015 ҷонишини раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон буд. Алҳол ба корҳои эҷодӣ машғул мебошад.

**Фаъолияти адабӣ**

Аввалин маҷмуаи А. Самад «Шохи ҷанор» (1981) ном дорад. Нависанда худ ёдовар шудааст: «Китоби нахустинро, ки аз ҳикояҳои навшогирдонаам мураттаб шудааст, бо умед «Шохи ҷанор» ном ниҳодаам, зеро ба арзиши як шохаки дарахти наср хидмат кардан низ хушбахтист...»

Абдулҳамид Самад, ҳамчунин, муаллифи маҷмуаҳои «Паррончакҳо» (1983), «Пиёлаи шикаста» (1985), «Аспи бобом»

(1986), «Косаи давр» (1987), «Майдон» (1989), «Акаи ошиқ» (1992), «Шаҳдрези садо» (1997), «Талош» (2002), «Гардиши девбод» (китоби якуми роман соли 2007, китоби дувум соли 2015), «Санги маҳак ва тарозуи ҳунар» (2013), "Ёр дар бари ёр" (2019), "Чароғи дил" (2020), "Шаҳсутун" (2020) мебошад.

Абдулҳамид Самад мақолаҳои публитсистӣ ва сафарномаҳо низ таълиф кардааст. Аз ҷумла, мақолаҳои адиб оид ба ҳаёт ва эҷодиёти нависандаи қирғиз Чингиз Айтматов («Устоди наср»), суханварони тоҷик Мирзо Турсунзода («Ифтихори миллат»), Фазлиддин Муҳаммадиев («Ҷони одам»), Ғоиб Сафарзода («Уқобе буд») ва Сайф Раҳимзод («Пайроҳа ва дунёи Сайф») таълиф гардида, пурмуҳтаво ва фарогиранд.

Соли 2000 нашриёти «Сурӯш»-и Теҳрон маҷмуаи осори Абдулҳамид Самадро бо номи «Баъд аз сари падар» ба табъ расонд. Қисми зиёди ҳикояву қиссаҳои нависанда ба забони русӣ тарҷума ва чоп шудаанд. Баъзе қиссаю ҳикояҳояш ба забонҳои англисӣ, украинӣ, белорусӣ, ӯзбекӣ, қирғизӣ, эстонӣ, литвонӣ ба табъ расидаанд. Нависанда як қатор қисса ва ҳикояҳои адибони маъруфро, чун А.П.Чехов, А. Несин, С.Залигин, Н.Дунбадзе, Г. Тютюнник, ба забони тоҷикӣ тарҷума кардааст. А. Самад соли 1990 барои қиссаҳои «Баъд аз сари падар» ва «Аспи бобом» ба Ҷоизаи давлатии ба номи устод Рӯдакӣ сазовор гардидааст.

**Давраи аввали эҷодиёт**

Аз қадамҳои нахустин дар соҳаи адабиёти бадеӣ диққати Абдулҳамид Самадро масъалаҳои ахлоқии ҷомеа, ҳастии инсон ва маънавиёти муосирон ба худ ҷалб намуд. Дар ҳикояҳои «Мурофиа», «Қарз», «Субҳ медамид», «Мактаби шоҳтут», «Модар», «Хаёли ширин», «Шикор», «Эҳтиёт» ва ғайра мураккабиҳои табиати инсон ва чеҳраи зоҳирию ботинии он мавриди тасвири бадеӣ қарор гирифтаанд.

Ҳикояи «Мурофиа» чунин оғоз меёбад: «Хишир-хишири чизе ба торҳои асаби Мурод нохун зад. Вай ба паҳлуи дигар гашта, сарашро бо кӯрпа пӯшонд. Не, садо боз гӯшашро ҳарошид. Ӯ чашм накушода хост зану бачаҳояшро коҳиш диҳад (ӯ ҳамин хел одат дошт), ки намемонанд ором хоб равад. Вале аз чӣ бошад, лаби кӯрпаро поин тела дода, чашм кушод. Нигоҳаш ба шифти дудаолуди хона бархӯрд ва пай бурд, ки дар шаҳр не, дар деҳа хоб рафтааст».

Хонанда аз сархатти аввалин ба макони воқеа («шифти дудаолуди хона», «дар шаҳр не, дар деҳа хоб рафтааст») ва баъзе

хислату одатҳои қаҳрамони ҳикоя («хост зану бачаҳояшро коҳиш диҳад») шинос мешавад ва пай мебарад, ки Мурод дар зиндагӣ шахси собитқадам ва масъулиятнок нест.

Нависанда дар ин ҳикоя масъалаи доғи рӯз – суст шудани пайвандҳои оилавӣ ва хешутабориро бардоштаст ва ин масъалаи муҳимми иҷтимоиро дар мисоли амалиёту муносибати Мурод ба модар, бародар ва ҳамқишлоқиён воқеӣ ва самимӣ нишон додааст. Мурод аз хурдӣ чун бачаи нозпарвард ба воя расид, баъд дар шаҳри Душанбе хонду дар яке аз мактабҳои олии Душанбе муаллим шуд ва дигар ба деҳа барнагашт. Мурод хислатҳои дурӯггӯйӣ, нокорагӣ ва ваъдабозӣ дорад, ба майнӯшӣ дода шудааст. Бинобар ин, дар байни ҳамдеҳагон ва дӯстон эътиборашро гум кардааст.

Табиати номувофиқ ва рафтори номатлуби Мурод аз ҷониби модараш ва бародараш – Даврон маҳкум мешавад: «Ака, одам, ки аз меҳнат битарсад, дастаи бела каҷ мегӯяд, сад баҳонаи дигар меёбад. Ҳунарат, ки ҳамин буд, чиба ҳаваси олимшавӣ кардӣ? Ту дар шаҳр мегардиву маломат ба сари мо мерезад».

Махсусан, суханҳои талху ҷонкоҳи модар Муроди чилсоларо ба фикру андеша водор мекунанд. Аз ҷумла, чунин суханҳои модар: «сабилмондаро камтар бинӯшӣ, намешавад?», «бемеҳр шудаӣ», «раис васият кард, ки ба ҷанозааш Зокиру худата хабар накунанд», «мардака фиребҳои туву беномусиҳои Зокир ғамбемор кард», «мулоимхунукӣ кардӣ, аз ту умедам ин набуд», «раис ба ту чӣ бадӣ карда буд, ки дар чашмаш хок пошидӣ, дурӯғ гуфтӣ» Муродро маҷбур кард, ки ба худ ояд, тамоми амалҳои ношоистаашро пеши рӯ орад ва ақли солимро ба кор андозад. Мурод, ки дар ниҳодаш андаке ҷавҳари инсонӣ монда буд, аз суханҳои модар, бародар ва муомилаи ҳамдеҳагон хулосаи муфид бароварда тавонист.

Ҳикоя бо тасвири ҳолати пуршиддати руҳии Мурод ба анҷом мерасад: «Мурод айнакашро рӯйи раф гузошта бархесту берун баромад. Вуҷудашро ларзише фаро гирифта буд. Ба гумонаш аз паси ҳар дарахт, дару девор ҳамсояҳо ба ӯ менигаранду ришханд мезананд. Вай бо сари ҳамида бел дар даст боғ даромад ва ду навниҳолро решакан карда гирифту ба фарози теппа, ба сӯйи мазор, ба зиёрати оромгоҳи раиси Усмон роҳӣ шуд. Ӯ мисли касе, ки дар мурофиа[1] бо тамоми айбҳояш иқрор карда бошад, гунаҳгорона қадам мезад».

1 Мурофиа — даъво ва ҷавобе, ки дар маҳкама гузориш меёбад.

А. Самад асарҳои калонҳаҷм низ навиштааст ва нахустин қиссаи нависанда «Баъд аз сари падар» (1979) ва ягона романаш «Гардиши девбод» мебошанд. Дар қисса масъалаҳои худшиносӣ ва ҳимоя намудани шарафи инсонӣ бардошта шудааст. Мундариҷаи асар гуфтаи Сайидои Насафӣ – “Бепадар фарзанд помоли маломат мешавад”-ро тақвият медиҳад. Ҳаёти хушу хурсандонаи қаҳрамони асар – Хусрав баъд аз марги падар дар хонаи тағояш – Аҷик тамоман тағйир меёбад. Ӯ ҳамагӣ ҳашт моҳ дар хонаи тағояш зиндагӣ кардааст. Вале дар муддати кӯтоҳ қадду баст, тарҳи рӯ ва муносибати писарак ба одаму олам ба куллӣ тағйир меёбад. Хусрав дар деҳаи нообод ва камодами тағояш мефаҳмад, ки баъзан ширинсуханӣ ва хандаву меҳрубонӣ ҳам ниқобе барои пинҳон доштани хислатҳои разилонаву манфури инсон мешудааст.

Писарак ҳис мекунад, ки баъд аз сари падар бори масъулияти оила ва нигаҳбонии он ба дӯши ӯ афтодааст ва ба ин санҷиши тақдир бояд мардона тоб оварад: «Ту агар бачаи нангу номусдор бошӣ, хонаи падаратро напарто, обод нигоҳ дор. Чароғи хонаи падарата доимо даргирон, ки руҳаш шод шавад, одамҳо ба ту раҳмат бигӯян», – гуфтани модари Хусрав – Маҳингул вазифаи ҳар як фарзандро баъди марги падар муайян мекунад.

Хусрав дорои ахлоқи ҳамида ва ҷаҳонбинии солим мебошад ва рафтору кирдори одамони гуногунро дар тарозуи ақлу хирад бармекашад. Саргузашти Хусрав барои ҳар як наврас ибратомӯз аст.

**Такмили тасвир**

Бо қиссаҳои «Ҳавои тирамоҳ» ва «Рӯдапо» давраи сифатан нави тасвироти А. Самад оғоз меёбад. Дар ин қиссаҳо ва асарҳое чун «Сарлашкар» муносибати образҳо ба муҳит ва ҳаёти воқеӣ равшан эҳсос мешавад. Нависанда бар он аст, ки зиштӣ, худпарварӣ ва дигар амалҳои бади одамон натиҷаи муносибатҳои номувофиқи иҷтимоӣ мебошад. Дар қиссаи «Сарлашкар» ба воситаи ҷузъиёти пурзарофат характери мардуми деҳот ҳунармандона офарида шудааст. Масалан, занҳои деҳа дар кӯча қомати баланду сурати зебои Султонро дида чунин муҳокима меронданд: Лекин беваи сарсахт якта зоиду зӯр...

– Аҳ нагӯ... Худо ҳамин хел як писари баҷигарат диҳад, бас аст. Чӣ лозим одамсурати човасару каҷалапои зиёд?

– Рост. Худо лоиқ донист, – гуфта, ҳай зоидаму зоидам,–нолишомез ба суҳбат шарик мешуд дигаре. – Азоби сага кашида ба

воя расондам, ки як рӯз даст мегиранд, ба дардам дармон мешаванд. Шукронаи ҷоншон, ки ғайр аз ташвишу саргардонӣ то ҳол ба хона сари хас наоварданд...

— О, диламро наков, ки халтаи зардов аст, – бо ҳасрат мегуфт дигаре. – Бо чи умеду орзу як лахт гӯшта одам кардам. Тамоми дороиямро ба хоку об зада, аҷинасареро додамашу дар балои азим гирифтор шудам.

Эҷодиёти А. Самад анъанаи насри ҳазорсолаи тоҷикро давом дода, дар ифодаи ҳолатҳои руҳии табақаҳои гуногуни ҷомеа саҳми муносиб гузоштааст.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Дар бораи зиндагиномаи А. Самад маълумот диҳед.
2. Асарҳои нависандаро номбар кунед.
3. Дар ҳикояи «Мурофиа» кадом масъала тасвир ёфтааст?
4. Оё суханони модар ба Мурод таъсир карданд?
5. Чаро ҳикоя «Мурофиа» номгузорӣ шудааст?
6. Оид ба забони ҳикояҳои А. Самад чӣ гуфта метавонед?
7. Дар бораи образи Хусрав (аз қиссаи «Баъд аз сари падар») маълумот диҳед.
8. Дар қиссаи «Сарлашкар» хислатҳои мардуми деҳот чӣ гуна ифода ёфтаанд?

## ҚИССАИ «ПАРРОНЧАКҲО»

**Муҳтавои қисса**

Зиндагӣ ва фаъолияти донишҷӯёни мактабҳои олӣ мавриди тасвири нависандагоне чун Сорбон (ҳикояи «Панҷ сол»), А. Самад (қиссаи «Паррончакҳо») ва Б. Абдурраҳмон (романи «Дунёи сабзи ишқ») қарор гирифтаанд. «Паррончакҳо» нахустин қиссаи бадеист, ки шахсияти донишҷӯёнро дар ҷомеа ошкор месозад. Дар маркази қиссаи «Паррончакҳо» воқеаҳои рӯзгори нависанда, ки дар Донишгоҳи омӯзгории пойтахт аз сар гузарондааст, қарор гирифтаанд. А. Самад рӯзгори донишҷӯйии хешро ба зиндагии донишҷӯёни дигар умумият дода, як силсила образхои хотирмон офаридааст.

Қисса аз 14 боб иборат буда, бо маъракаи имтиҳоноти дохилшавӣ дар яке аз мактабҳои олии Душанбе оғоз мешавад ва

дар он воқеаҳои яксолаи таҳсили донишҷӯён мавриди тасвир қарор мегиранд. Воқеаҳо дар асоси фаъолияти ду гурӯҳи донишҷӯён сурат меёбанд. Ба гурӯҳи аввал Наим, Насим, Раҳматшоҳ, Гулсоро дохил мешаванд, ки рафтору омоли ибратомӯз доранд. Ба гурӯҳи дувум Қайсу Раҳимбек, Паканаву Суҳроб ва Латофату Назокат шомиланд, ки баръакси гурӯҳи аввал амал мекунанд. Миёни ин ду гурӯҳ зиддият мавҷуд аст ва ин зиддият тамоми мундариҷаи асарро фаро гирифтааст.

Қаҳрамони марказии қисса Насим ном дорад. Вайро ҳамкурсон «писари раис» меноманд. Ҳол он ки ӯ ҷавонест, ки аз падару модар барвақт маҳрум монда, дар хонаи бачаҳо тарбия ёфтааст. Насим бо хоксориву меҳнатдӯстӣ ва муомилаи хушу рафтори некаш дар байни ҳамсабақон эътибор дорад. Ӯ ҳақиқатҷӯ аст, дар синфхона аз ҳамсабақон қафо менишинад ва ҳеҷ гоҳ донотарошӣ намекунад. Вале ҳангоми дифоъ аз ҳамсабақон ва хаққу ҳуқуқи худ фаъол аст. Насим бо хоксорӣ, бамулоҳизагӣ ва ширинзабонӣ намунаи ибрати ҷавонони охири асри XX ва ибтидои асри XX1 тоҷик мебошад.

Дар қисса ба донишҷӯйи дигаре шинос мешавем, ки Наим ном дорад. Наим донишҷӯйи фаъол ва ҳақталош аст, бинобар ин нависанда ӯро ба сифати ноқил ва ровӣ[1] истифода кардааст. Мавқеи Наим дар ҳаллу фасли масъалаҳои ахлоқи ҷавонон аз Насим кам нест. Бесабаб нест, ки ҳамаи задухӯрд ва низоъҳои қисса аз рӯйи мушоҳида ва дарку фаҳмиши ӯ ҳал мегарданд. Наиму Насим чун донишҷӯёни ҳалиму меҳрубон, меҳнатдӯсту бомаърифат, хоксору инсондӯст ба муқобили донишҷӯёни фориғбол, қаллобону муфтхӯрон ва мансабпарастон амал мекунанд.

Раҳматшоҳ низ ба Насиму Наим ҳамтақдир аст. Тафовути Раҳматшоҳ он аст, ки ӯ рӯзгордида буда, зану фарзанд дорад ва миёни донишҷӯёни дигар чун дӯсти калонсолу таҷрибадида эътироф мешавад. Хонанда ба ин образ дертар шинос гардад ҳам, зуд ба он унс мегирад. Нависанда Раҳматшоҳро ба муқобили Қайсу Раҳимбек барин донишҷӯёни бадрафтор ва беандеша мегузорад. Раҳматшоҳ чандин маротиба ба ин ду ҳамдарси авбошу майзада ва нопокаш ба munoқиша медароянд. Дар ин ҳолатҳо суханҳои ӯ бо далелҳо ва муҳокимаҳои мантиқӣ тақвият меёбанд:

— Ошно, ба панҷаи ман нигар. – Раҳматшоҳ дасти росташро сӯйи Раҳимбек дароз кард. – Дидӣ, панҷ ангушт баробар нест...

1 Ноқил ва ровӣ — дар асари бадеӣ образе, ки воқеаҳо аз забони ӯ нақл меёбанд.

Масалан, раиси Шоҳназари моро аз деҳқон фарқ кардан мушкил. Дар ҷойҳои ношинос шофирашро раис гумон карда, аз ӯ боло мешинонанд. Лекин парво намекунад. Гавҳари одам аст раиси Шоҳназар. Бачаҳош ҳам, аҳли аёлаш ҳам доимо ҳамроҳи мардум кор мекунанд.

– Бачаҳош кор мекунанд? – ҳайратомез пурсид Раҳимбек.

– Бале. Кор ҳеҷ каса намекушад.

– Эҳа, падарам раис бошаду дар зери офтоби сӯзон кор кунам? Ин хеҷ ҷойи таъриф надорад. Раис беҳунар аст. Ҳм, як рӯз бошу хурӯс бош!

– Ана, дидӣ, ошно! – гӯё чизи аҷиберо кашф карда бошад, ба ваҷд омад Раҳматшоҳ. – Ту ҳам аз раиси мо фарқ доштаӣ. Ҳамаи мо, яке аз ҳисоби мардуму кисаи давлат дасткушод, дигаре мумсик, яке ба ҷое нарасида ҳавобаланд, дигаре соҳиби мансабу боз хоксор, яке доро, дигаре нодор... Ин чиз ҷойи баҳс надорад, ошно,– оромона ба суҳбат нуқта гузошт Раҳматшоҳ.

Мутолиаи қиссаи «Паррончакҳо» хонандаро ба чеҳраҳои соҳибэҳтироме, мисли Абдукаримамак, муаллим Ҳакимӣ, завҷаи Абдукаримамак, раиси Шоҳназар ошно месозад, ки ин гурӯҳ бо хислатҳои наҷиби инсонӣ, бо ахлоқи пок ва руҳи қавии худ метавонанд инсонҳои навро низ тарбият намоянд. Наим ду сол боз дар шаҳр дар хонаи амакаш Абдукарим зиндагӣ мекард. Дар ин хона барои ӯ тамоми шароит муҳайё буд. Завҷаи Абдукаримамак ба Наим дилсӯзу меҳрубон буд. Наим иқрор мешавад, ки дар деҳа ҳатто аз модараш чунин ғамхориро надидааст. Вақте ки Наим баъди донишҷӯ шудан дар хобгоҳ зиндагӣ кардан мехоҳад, ӯро аз нияташ гардонданӣ мешавад:

– Хонаи мо ба дилат зада бошад, ин гапи дигар.– Янгаам илтиҷоомез ба амакам нигарист, дар чашмони ӯ аллакай ашк ҳалқа зада буд.– О, ман туро аз ягон фарзандам кам намедонамку, – гуфт ӯ ва бо гӯшаи рӯймол оби чашмонашро поккунон илова кард: – Хобгоҳ барои бачаҳои бекасу роҳдур лозим. Ту хонаи алоҳида дорӣ, нону хӯрок доим муҳайё... Натарс, дигар намегузорам ба ягон кор даст расонӣ...

Нависанда дар се вараќи аввали боби VI образи завҷаи Каримамакро чунон воқеӣ ва ҳунармандона офаридааст, ки хонанда мафтуни табиати ҳалиму муносибати оқилонаи ин зани сабзинаи чилсола мегардад.

Дар «Паррончакхо» чун Қайс, Раҳимбек, Латофат, Назокат, Пакана, Нурик, Сония, Ҳикмати ландаҳур як қатор симоҳои манфӣ фаъолият доранд, ки дар муҳити ҷомеаи солҳои 80-ум рӯзгор дошта, ба ҳаромиву ифлосӣ, разиливу нобакорӣ, қотиливу хиёнат даст мезананд. Аз ҷумла, тасвири симоҳои манфури духтарони айшу ишратпараст – Латофату Назокат ба мақсад мувофиқ аст. Дар тасвири нависанда ин духтарҳо ба донишҷӯ монанд нестанд ва моҳияти зиндагиро танҳо дар зару зевар, сару либос ва айшу ишрат медонанд. Латофат ба либос чунон рағбат дорад, ки «мабодо дар тани духтаре ҳамранги либоси худашро бинад, бедимоғ, дилтанг, ҳатто хашмгин мешаваду дуюмбора он пироҳанро намепӯшад». Ӯ дар ҳама ҷо – ҳам дар хона, ҳам дар кӯча ва ҳам дар донишгоҳ танҳо аз дороию сарват ҳарф мезанад ва аз тухфаҳои пурқимати падари давлатманду ҳаводорони тамаъкораш курта-курта гӯшт мегирад. Латофат дар синфхона ангуштарини навашро ба дугонаҳояш чунин намоиш медиҳад:

– Додом тухфа кард... Ҳоло бибию бобокалони ҳеҷ кас ин хелашро надидааст. Нигинаш алмос, тилояш холис.–Ӯ чунон тез гап мезад, ки нафас дар гулӯяш мепечид.–Акнун шашта шуд. Дута дар ин ангуштам... Нархи ҳамаи инҳо,– вай панҷ ангуштаринашро нишон дод,– ба ин баробар намешавад... Як мошин... мошини одӣ ҳам не, як «Жигули» аст...

Табиист, ки чунин ҳарисӣ ва кӯтоҳандешӣ Латофату Назокатро бо роҳи номатлуб мебаранд ва онҳо дар худи соли аввали таҳсил ба бадбахтӣ гирифтор мешаванд. Нависанда ба муқобили ин навъи духтарон чеҳраи ибратангези Гулсороро офаридааст, ки ба пешрафти маънавиёти духтарони донишҷӯ мувофиқат мекунад.

Забони «Паррончакҳо» равону пуробуранг буда, ба хонанда ҳаловат мебахшад. Ҳам сухани нависанда ва ҳам нутқи персонажҳо бо зарофат омезиш ёфта, басо дилнишину хотирмон садо медиҳанд. Порчаҳои шеърӣ, суханҳои ҳикматнок ва мақолу зарбулмасалҳо боиси такмили мундариҷаи асар гардидаанд. Махсусан, истифодаи бамавриди ҷузъиёти бадеӣ баёнро муҷазу рехта намудааст: «Латофату Назокат аз ин хабар (хабари ба дарс наомадани устод) шодона қарсак заданд. Онҳо дарҳол сумкаҳоро ба китф ҳамоил карда, нӯг-нӯги по берун баромаданд. Қайсу Раҳимбек дунболи онҳоро гирифтанд. Баъд носкашу сигареткаш пайи ҳам аз синф баромаданд. Танҳо Насим аз болои китоб сар

намебардошт. Гулсоро рӯйи муқоваи дафтараш сурати кафтар мекашид. Ин шуғли доимии ӯст».

Агар ҷузъҳои «қарсак задан», «нӯг-нӯги по берун баромадан», «дунбол гирифтан» фориғболӣ ва кӯтоҳандешии Латофату Назокат ва Қайсу Раҳимбекро таъкид намоянд, пас, ҷузъҳои «аз болои китоб сар набардоштан» ва «дар муқоваи дафтар сурати кафтар кашидан» ба масъулиятшиносӣ, бекинагӣ ва инсондӯстии Насиму Гулсоро ишора доранд.

Ба ҳамин тариқ, повести «Парроначакҳо»-и Абдулҳамид Самад асари муҳим ва ҷолиб мебошад. Хонандаи имрӯз, махсусан ҷавонон, аз фаъолияту рафтори Насиму Наим ва Раҳматшоҳу Гулсоро ибрат мегирад, донишу маърифат меандӯзад ва аз амалҳои ношоями Қайсу Раҳимбек ва Латофату Назокат афсӯс хӯрда, нисбат ба ин тоифаи нангбори миллат ҳисси нафраташ афзун мешавад.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Қиссаи «Парроначакҳо» ба рӯзгори кадом табақаи аҳолӣ бахшида шудааст?
2. Образҳои қисса ба чанд гурӯҳ ҷудо мешаванд?
3. Образҳои мусбат аз кадом ҷиҳат ибратангезанд?
4. Барои чӣ образҳои Латофату Назокат ва Қайсу Раҳимбекро манфӣ мегӯянд?
5. Оид ба забони асар маълумот диҳед.
6. «Парроначакҳо» барои ҷавонони имрӯз чӣ аҳамият дорад?

## САВОЛИ ТЕСТӢ

1. Мақолаи публитсистии А. Самад – «Ҷони одам» ба кадом адиби маъруф бахшида шудааст?
   А) Мирзо Турсунзода;
   Б) Чингиз Айтматов;
   В) Фазлиддин Муҳаммадиев;
   Г) Ғоиб Сафарзода;
   Ғ) Сайф Раҳимзод.

2. Қиссаи «Парроначакҳо»-ро кадом адиб иншо намудааст?
   А) Абдулҳамид Самад;
   Б) Ӯрун Кӯҳзод;
   В) Бароти Абдурраҳмон;
   Г) Сорбон;
   Ғ) Низом Қосим.



# КАРОМАТУЛЛОҲИ МИРЗО

*( таваллуд 1942)*

**Зиндагинома**

Нависандаи халқии Тоҷикистон Кароматуллоҳи Мирзо 25-уми апрели соли 1942 дар деҳаи Нилкони ҷамоати деҳоти Роҳатии ноҳияи Ленин (ҳозира н. Рӯдакӣ) дар хонадони мударрис Мирзои Мирҳайдар ба дунё омадааст. Соли 1958 мактаби миёнаи деҳаи Роҳатӣ ва соли 1963 факултети таъриху филологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Т.Г. Шевчанкоро (ҳозира ба номи С.Айнӣ) бомуваффақият ба итмом расондааст.

Фаъолияти меҳнатии Кароматуллоҳи Мирзо аз вазифаи муаллими фанни забон ва адабиёти тоҷик дар мактаби миёнаи деҳаи Оқчакмани ноҳияи Ленин оғоз меёбад. Баъдҳо чун ходими адабии рӯзномаи «Пионери Тоҷикистон» (ҳоло «Анбоз»), мудири шуъбаи рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» (ҳоло «Ҷавонони Тоҷикистон»), мудири шуъбаи адабиёт ва санъати рӯзномаи «Тоҷикистони Советӣ» (ҳоло «Ҷумҳурият») фаъолият намудааст. Чанд муддат дар вазифаҳои мудири шуъбаи адабиёти бачаҳо ва наврасони нашриёти «Маориф», сармуҳаррир ва директори нашриёти «Адиб» кор кардааст.

Соли 2004 мудири шуъбаи иттилоотиву таҳлилии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин шудааст ва аз соли 2007 то соли 2015 вазифаи сармуҳарририи ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат», маҷаллаи «Памир» ва баъд вазифаи директори Маркази тарғиби адабиёти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистонро ба ҷо овардааст. Алҳол машғули кори эҷодист.

**Фаъолияти адабӣ**

Кароматуллоҳи Мирзо аз ибтидои солҳои 60-уми садаи XX ба таълифи осори бадеӣ мепардозад. Нахустин ҳикояи нависанда – «Айб аз худатон, додар» соли 1965 ба табъ расида, аввалин китобаш – «Ситораи умед» соли 1980 тавассути нашриёти «Ирфон» чоп мешавад. Маҷмуаҳои ҳикоя, очерк ва қиссаҳои адиб «Маоши аввал» (1982), «Шабе дар Кабудҷар» (1984), «Дарди ишқ» (1986), «Суруди Муҳаббат» (1988), «Дар орзуи падар» (1989), «Нишони зиндагӣ» (1993), «Диле, ки саршори меҳр аст» (2011), «Ситораҳои паси абр» (2005), «Зиндагӣ ҳам нафасе» (2014), «Деҳаро хоб мебинам» (2014), "Савори аспи сафед" (2021) пай дар пай ба табъ мерасанд. Романҳои «Дар орзуи падар» (романи сегона – 2010), «Марги бегуноҳ» (2012), «Моҷарои зиндагӣ» (2017) "Ишқи Сархӯр" (2020) низ аз лиҳози мундариҷа ва забону услуби нигориш дар насри давраи нави тоҷик мавқеи шоиста дошта, дар тарбияи ахлоқӣ, маънавӣ ва эстетикии насли наврас саҳми муносиб мегиранд.

Қиссаҳои «Шабе дар Кабудҷар» ва «Дарди ишқ» таҳти унвони «Муки любви» соли 1989 ба забони русӣ чоп гардидаанд. «Дар орзуи падар» соли 2002 дар Ҷумҳурии исломии Эрон ва ҳамин роман ба забони ӯзбекӣ бо номи «Ота орзусӣ» ба нашр расиданд. Асарҳои алоҳидаи ӯ ба як қатор забонҳои дунё, аз ҷумла ба забонҳои англисӣ, чехӣ, туркманӣ, ҳиндӣ, тарҷума ва чоп гардидаанд.

Кароматуллоҳи Мирзо аз нависандагони сермаҳсул ва серхонанда аст. Аз рӯйи ҳикоя ва қиссаву романҳояш филмҳо ба навор гирифта шудааст. Дар замони Шуравӣ киностудияи «Тоҷикфилм» аз рӯйи қиссаи «Дарди ишқ» филми ҳамноме ба навор гирифт. Дар заминаи романи сегонаи «Дар орзуи падар» иборат аз 23 қисмат филми бисёрсериягӣ таҳия гардидааст, ки дар Эрону Афғонистон низ маъруфият дорад. Вобаста ба мавзуи романи «Марги бегуноҳ» ва қиссаи «Нишони зиндагӣ» низ силсилафилмҳо пешкаши тамошобинон гардидааст ва ғайра. К. Мирзо як қатор мақолаҳои публитсистӣ низ таълиф намудааст, ки бо сарлавҳаҳои умумии «Рӯйдодҳои зиндагӣ» ва «Ёдномаҳо» дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ ба табъ расидаанд.

Кароматуллоҳи Мирзо дар асарҳои хурду калони худ лаҳзаҳои мухталифи ҳаёти инсон, рӯйдодҳои фараҳбахш ва но992матлуби рӯзгор ва хислату табиати неку бади ҳамзамонони моро бо забони содаву фасеҳ ба риштаи тасвир кашида, ба сифати

яке аз шогирдони муваффақи мактаби адабии устод Айнӣ ва давомдиҳандаи фаъолияти насрнависии Сотим Улуғзода, Ҷалол Икромӣ, Фазлиддин Муҳаммадиев ва дигар устодони насри муосири тоҷик шинохта шудааст. Дар ҳикояҳои «Қадри модар», «Вохӯрӣ», «Айб аз худатон, додар», «Одамшинос», «Аз мо савғо», «Деҳаро хоб мебинам» ва ғ. нависанда шахсони беирода, худхоҳу манфиатҷӯй, шуҳратпараст, ҳанноту фиребгарро сахт маҳкум мекунад. Дар ҳикояи «Дили пурармон» бошад, масъалаи тарбияи ахлоқӣ ва нақши ҷавонон дар бунёди оила ба миён гузошта шудааст. Нависанда ба воситаи тасвири симои як гурӯҳ ҷавонони авбошу бадахлоқ мақому таъсири падару модарро дар тарбияи ахлоқиву маънавии фарзанд таъкид мекунад. Хонанда аз мазмуни ҳикоя ба хулосае меояд, ки пеш аз ҳама падару модар дар авбошиву бадхӯии фарзандонашон гунаҳгоранд, зеро аз оғоз фарзандони худро нодуруст тарбия намудаанд ва аз ин сабаб онҳо бо роҳи каҷ рафтаанд. Хулосаи ҳикоя байти зеринро ёдрас мекунад:

Хишти аввал чун ниҳад меъмор каҷ,
То Сурайё меравад девор каҷ.

Қиссаҳои нависанда, аз ҷумла «Ситораи умед», «Шабе дар Кабудҷар», «Дарди ишқ», «Нишони зиндагӣ», низ ба муҳимтарин масъалаҳои зиндагии ҷомеаи инсонӣ бахшида шудаанд. Мавзуи асосии «Дарди ишқ» маънавиёти инсон ва ҳолатҳои руҳиву андешаҳои одамони аз нигоҳи ахлоқу инсоф мухталиф мебошад. Дар қисса беш аз 20 персонаж ширкат меварзанд, вале симоҳои асосии асар Рустам, Ҷамила, Парвона ва калтаи Мансур ба ҳисоб мераванд. Воқеа дар Гулоб ном деҳаи дурдасти Тоҷикистон ҷараён мегирад ва адиб хонандаро ба кору зиндагии мардуми ақибгоҳ, сахтиву машаққатҳои рӯзгори айёми Ҷанги Бузурги Ватанӣ ошно месозад. Рустам бо вуҷуди хурдсолӣ ва камқувватӣ ба калтаи Мансури ҳаннот мубориза мебарад ва ҳатто ба ӯ дастбагиребон мешавад, нокасиву дилсиёҳӣ ва ботини нопоку манфури ин башараи ҳарисро, то метавонад, фош мекунад ва дар ин гирудор худ обутоб меёбад…

Забони «Дарди ишқ» шевою фасеҳ ва ширину гуворо мебошад ва таркибҳои рехта, мақолу зарбулмасалҳо забони асарро боз ҳам ҷолибтару муассиртар намудаанд: «Ман аз ҳафт маҳалли ин бадсурат безорам», «Болои сӯхта намакоб», «Бедаста дасту

калбуза шох нате», «Сол саг омаду ту, раис, соҳиби гап шудӣ»… Қиссаи «Дарди ишқ» гувоҳи маҳорат ва ҳунари волои нигорандагии Кароматуллоҳи Мирзо мебошад.

**САВОЛ ВА СУПОРИШҲО**

1. Кароматуллоҳи Мирзо кай ва дар куҷо ба дунё омадааст?
2. Фаъолияти меҳнатии ӯ аз кадом вазифа оғоз шудааст?
3. Нависанда дар кадом вазифаҳо адои хизмат намудааст?
4. Аввалин китоби К.Мирзо чӣ ном дорад?
5. Асарҳои баъдинаи нависандаро номбар намоед.
6. Оид ба ҳикояи «Дили пурармон» ва қиссаи «Дарди ишқ» чӣ медонед?
7. Аз рӯйи кадом асарҳои адиб филмҳо ба навор гирифта шудаанд?

## РОМАНИ «ДАР ОРЗУИ ПАДАР»

**Мундариҷаи асар**

Дар байни осори бадеии Кароматуллоҳи Мирзо романи «Дар орзуи падар» мақоми босазо дорад. Ин асар аввал чун қисса эҷод гардида, баъди таҳриру такмил то ба шакли романи сегона мерасад. Мавзуи асар зиндагии иҷтимоӣ, расму русум ва анъанаҳои хоси мардуми тоҷик ва масъалаҳои асосии он моҷарои хонадорӣ ва тақдири фарзанд дар хонадон мебошад. Нависанда дар ин асар воқеаҳои 20-25 соли охири садаи XX-ро ба риштаи тасвир кашидааст.

Сужети роман аз шиносшавии Нозимии рӯзноманигор ва нависанда дар мактаби деҳа ба толибаи синфи болоӣ – Мушарраф оғоз меёбад. Мушарраф, ки мақолаҳои пурмуҳтаво ва ҷолиби Нозимиро дар рӯзномаҳо ҳамвора мутолиа мекард, аз вохурии аввал ба ӯ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир менамояд: «Назари Мушарраф аз Нозимӣ, ки мӯйсари андаке расидааш болои гиребони костюмаш хамида буд, канда набуд… Чанд чашми дигар пайдо карда, ба вай нигоҳ кардан мехост, аз тамошои ӯ гӯё серӣ надошт».

Ин духтари зебои деҳотӣ, ҳанӯз бехабар аз гармиву сардӣ ва пастиву баландии зиндагӣ, дар як дидан ба доми ишқи Нозимии зебову хушсухан гирифтор гардида, баъди хатми мактаб ба ӯ хонадор мешавад.

Симои Нозимӣ дар аввали роман хеле фаъол ба мушоҳида мерасад. Пешаи ӯ аслан омӯзгорист, вале баъди гузаштан ба кори рӯзноманигорӣ мақому манзалат ва обрӯю нуфузи вай дучанд меафзояд, ба дараҷае ки сармуҳаррири рӯзнома – Мавлонзода, нависанда – Қутосӣ, муаллими фанни адабиёти мактаб – Содиқӣ ҳамвора ӯро ситоиш мекунанд.

Рафти минбаъдаи сужети асар торафт мураккаб мешавад. Аз як тараф, таърифу тавсифи аз ҳад зиёд ва, аз тарафи дигар, нотавонбинӣ ва хусумати Шафеӣ барин ҳамкорони собиқадори ҳилагару маккор ин ҷавони бетаҷрибаро, ки акнун оила бунёд карда, соҳиби ду фарзанди дӯстрӯ – Меҳрубон ва Мижгон гардида буд, аз роҳи рост ва дурусти зиндагӣ бароварда, ба гирдоби фалокат ҳавола мекунад. Нозимии камандеша худро «алломаи даврон ва ягонаи замон» пиндошта, бо ғурур ба майнӯшӣ ва яйшу ишрат мепардозад, ба Шаҳноза ном духтари танноз ишқварзӣ карда, хонадомод мешавад ва ин ҳавову ҳаваси ноҷо боиси бадбахтиҳои ӯ ва аҳли оилааш мегардад.

Минбаъд дар асар ду хатти сужет давом мекунад: аз як тараф, аз вазифа ва хонаву дар маҳрум гардидану оворагардӣ кардани Нозимӣ ва, аз тарафи дигар, моҷарои зиндагии Мушарраф ва фарзандонаш баъди аз Нозимӣ ҷудо шуда ба хонаи падар баргаштан ва ба дигар кас ба шавҳар баромадан. Чизе, ки ин ду хатти сужети романро ба ҳам пайванд медиҳад, муҳаббату садоқати фарзандӣ ва фаъолияти ҷоннисоронаи Меҳрубон ба падари ноқобилу майзадааш Нозимӣ мебошад, ки ба маъниву моҳияти аслии асар ишора дорад.

**Образҳои роман**

Дар асар як зумра симоҳои мусбат чун Мушарраф, писари ӯ Меҳрубон, Шафақ Шариф, Муҳаммадӣ паҳлавон, Мавлонзода, Содиқӣ, модари Мушарраф, симоҳои манфӣ чун Нозимӣ, Шафеӣ, Абдушукур, Шаҳноза, Шоҳназар, Александр ва симоҳои мураккаб мисли эшони Неъматуллохон ва Саидҷаъфар амал мекунанд. Ин образҳо бо рафтору гуфтор, муносибату муомила ва диду андешаҳои худ дар ифодаи мазмуни ғоявӣ, муҳтаво ва ҷанбаи ахлоқиву иҷтимоии асар саҳми муносиб доранд.

Қаҳрамони марказии «Дар орзуи падар» Меҳрубон хеле муассир ва хотирмон тасвир ёфтааст. Меҳрубон ҳанӯз аз оғози роман ба падараш – Нозимӣ меҳр баста, зиндагии худро бе ӯ тасав-

вур карда наметавонад. Писарак бо тамоми ҳастӣ баҳри аз вартаи ҳалокат раҳондани падар талош меварзад ва, ҳангоме ки ҳама хешу табор аз Нозимӣ рӯ мегардонанд, ӯ падарро ҳамроҳӣ ва дастгирӣ мекунад. Вақте ки падар ӯро барои 200 сӯм қарз пурсидан ба хонаи Карими магазинчӣ фиристодан мехоҳад, Меҳрубон хоҳиши падарро рад карда наметавонад: «Вай тасаввур карда наметавонист, ки дари ҳавлии амаки Каримро мекушояд, «пул пурсида омадам» мегӯяд. Вале гапи падарро ҳам гардондан мушкил, зориву илтиҷо дорад. Ҳатто мегирист ӯ. Ба сари Меҳрубон рӯзи сахте омада. Падар фарзандашро ба дами марг тела диҳад ҳам, вай бояд рӯ натобад. Ҳа, ҳамин тавр. Вагарна барои чӣ писарро номбардори падар гӯянд?»

Нависанда сабабҳои воқеии муносибати самимонаи падару писарро ба тасвир гирифта, ба анъанаи неки ниёгон иртибот доштани ин вобастагӣ ва пайвастагиро таъкид мекунад. Нозимиро шуҳратталабӣ, булҳавасӣ, ғурури ноҷо, камандеша будан ва қобилияти ба ҷомеа муносибат карда натавонистан аз зиндагии осудаҳолона ва самимона ба ҳолати пасттарини мавҷудият расонда буд. Тамоми фаъолияти минбаъдаи ӯ аз доираи одобу ахлоқи инсонӣ берун аст. Бо вуҷуди ин, ӯ мавриди раҳму шафқат ва дилсӯзии хонанда қарор мегирад, зеро дар тарбияи фарзандонаш Меҳрубону Мижгон саҳми муносиб гузоштааст ва ба онҳо, махсусан ба Меҳрубон, чун вориси худ, аз ҷону дил муҳаббат мепарварад. Муносибати самимонаи Нозимӣ ба Меҳрубон дар тамоми хатти сужети асар мушоҳида гардида, дар охир чунин хулоса мешавад: «– Ту, бачам, гӯш кун. Гӯш кун, ки ман чӣ мегӯям. Очата суроғ кун. Вай Муҳаммадӣ паҳлавон гуфт, ки боз рӯзаш сиёҳ шудааст, рӯз надид. Рав, саробони очаат шав, рав, Мижгонро ёб, шавҳар кардааст, вайро таги бол кун. Вай духтаракам, ман вайро дӯст медорам. Ту, бачам, додоятро фаромӯш накун, аз хотир набарор, – падар канда-канда, базӯр-базӯр ҳарф мезад, васият мекард».

Мушарраф низ чун образи асосӣ дар асар мавқеи ҳалкунанда дорад. Ӯ чун яке аз хонандагони фаъол дар корҳои ҷамъиятӣ ва чорабиниҳои фарҳангии мактаб ширкат варзида, маҳбуби аҳли деҳ гардидааст. Вале, дар зиндагии оилавӣ муваффақ намешавад. Сабабаш, чунонки ба бархе аз ҷавондухтарони бетаҷрибаи тоҷик хос аст, кӯтоҳандешӣ, гапravӣ ва рашки ноҷо мебошад. Ҳамин бадрашкӣ буд, ки гуноҳи шавҳарашро, ки ба доми Шаҳнозаи тан-

ноз гирифтор шуда буд, бахшида натавонист ва ҳамин ба зиндагӣ муносибати саҳлангорона доштан буд, ки ба «насиҳатҳои» Шафеӣ барин иғвогарону кӯрдилон дода шуда, оқибат ба душвориҳои зиёди зиндагии нофарҷом рӯ ба рӯ гардид.

Тасвири нобасомониҳои образҳои асосӣ боз ба як масъалаи муҳимми дигари ҳаёти оилавӣ ишора мекунад. Дар урфият мегӯянд: «Бахт бахти хонадории аввал аст». Муҳтавои ин ҳикмати халқиро, ки дорои ҷанбаи пурқуввати миллӣ мебошад, моҷарои зиндагӣ ва садамаҳои образҳои асосии асар Нозимӣ, Мушарраф ва Меҳрубон басо равшану возеҳ собит менамояд.

Умуман, романи сеҷилдаи «Дар орзуи падар» фарогири муҳимтарин масъалаҳои иҷтимоии давр буда, дар насри имрӯзаи тоҷик мавқеи босазо дорад ва аз комёбиҳои адабӣ-эстетикии нависандаи он дарак медиҳад. Нависанда махсусан дар симои Меҳрубон образи типие офаридааст, ки барои ҳар як наврас ва ҷавони имрӯза намунаи ибрат аст. Забони асар низ равон, шево ва ҷолиб буда, ба мақолу зарбулмасал ва дигар воситаҳои тасвири бадеӣ ороиш ёфтааст. Кароматуллоҳи Мирзо барои романи «Дар орзуи падар» ва қиссаи «Дарди ишқ» соли 1992 барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ гардидааст.

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО

1. Романи «Дар орзуи падар» ба кадом мавзуъ бахшида шудааст?
2. Шиносшавии Нозимии рӯзноманигор бо Мушарраф дар куҷо ба амал омадааст? Чӣ тавр?
3. Симои Нозимӣ дар аввали роман чӣ гуна аст? Дар байн ва охири роман- чӣ?
4. Сабаби асосии ба майнӯшӣ дода шудани Нозимӣ дар чист?
5. Барои чӣ симои Мушарраф мусбат аст?
6. Дар бобати симои Меҳрубон чӣ андеша доред?
7. Боз кадом образҳои асарро медонед?
8. Оид ба аҳамияти асар фикратонро баён намоед.

# МУНДАРИЧА


Сарсухан .......... 3
Адабиёти давраи нав .......... 4

## АДАБИЁТИ ҶАДИДИЯ (ОҒОЗИ САДАИ XX)

Адабиёти оғози садаи XX .......... 10
Адабиёти ҷадидия ва намояндагони дигари адабиёт .......... 14

Назарияи адабиёт. Ҳикоя .......... 19

**Нақибхони Туғрал .......... 22**
Мундариҷаи ашъори лирикӣ .......... 26

**Тошхӯҷаи Асирӣ .......... 31**
Маснавии «Ҷӯйи Бекобод» .......... 36

**Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ .......... 40**
Назарияи адабиёт. Сужет .......... 45

## АДАБИЁТИ ДАВРОНИ ШУРАВӢ

Адабиёти даврони шуравӣ .......... 49
Ҳаёти адабӣ .......... 53
Назарияи адабиёт. Роман .......... 59
**Садриддин Айнӣ .......... 61**
Осори Айнӣ .......... 66
Айнӣ – шоир .......... 69
Фаъолияти нависандагии Айнӣ .......... 74
Романи «Ғуломон» .......... 78
Қиссаи «Марги судхӯр» .......... 83
«Ёддоштҳо» – асари ҷамъбастии Айнӣ .......... 87
Мавзуъ ва мундариҷаи «Ёддоштҳо» .......... 91
«Ёддоштҳо» чун манбаи адабӣ ва илмӣ .......... 95
Фаъолияти илмии Айнӣ .......... 100
Назарияи адабиёт. Анъана ва навоварӣ .......... 104

**Абулқосим Лоҳутӣ ......................................................................107**
Ашъори Лоҳутӣ дар солҳои 1907 – 1922......................................111
Ашъори Лоҳутӣ дар Иттиҳоди Шуравӣ ......................................115
Фаъолияти тарҷумонии Лоҳутӣ ....................................................119
Шеърҳои тоҷикистонии Лоҳутӣ ....................................................123
Лирикаи ишқӣ ва сурудҳои Лоҳутӣ..............................................127

**Пайрав Сулаймонӣ.........................................................................132**
Накӯҳиши зулму истибдод.............................................................136
Назарияи адабиёт. Романтизм........................................................141

**Ҳабиб Юсуфӣ .................................................................................144**
Ашъори Ҳабиб Юсуфӣ....................................................................147

**Мирзо Турсунзода** ..........................................................................152
Ашъори лирикии шоир ..................................................................156
Мавзуъҳои байналхалқӣ ва сулҳу дӯстӣ.........................................161
Достонҳои Турсунзода ...................................................................165
Достонҳои ҳамосии Турсунзода ....................................................170
Мирзо Турсунзода – драматург......................................................175
Назарияи адабиёт. Достон .............................................................179

**Сотим Улуғзода...............................................................................182**
Насри бадеии Улуғзода..................................................................185
Романи «Восеъ» ..............................................................................190
Дигар образҳои роман ................................................................. 194
Фаъолияти драматургии С.Улуғзода ............................................199
Назарияи адабиёт. Очерк (қиссаи мустанад)................................204

**Ҷалол Икромӣ.................................................................................207**
Романи «Ман гунаҳкорам» ............................................................210
Романи «Духтари оташ» ...............................................................215
Назарияи адабиёт. Ёддоштнависӣ дар адабиёт.............................220

**Раҳим Ҷалил ....................................................................................222**
Романи «Шӯроб» ............................................................................227
Забон ва услуби эҷодии Раҳим Ҷалил ..........................................232

**Мирсаид Миршакар.........................................................................236**
Достонҳои Мирсаид Миршакар.....................................................240
«Исёни хирад» ва ашъори бачагона...............................................244
Назарияи адабиёт. Ҳамоса (эпос)...................................................249

**Фазлиддин Муҳаммадиев...............................................................253**

Ҳикоя ва қиссаҳо ....................................................................257
Романи «Палатаи кунчакӣ» ........................................................261
Назарияи адабиёт. Реализм.........................................................266

**Муъмин Қаноат...................................................................270**
Ашъори ғиноӣ...........................................................................273
Достонҳои Муъмин Қаноат ........................................................278
Достони «Суруши Сталинград» ..................................................283

**Лоиқ Шералӣ.......................................................................288**
Мавзуъҳои ашъори Лоиқ ............................................................292
Модарнома ................................................................................296
«Фарёди бефарёдрас» – дардномаи миллат ...............................300
Назарияи адабиёт. Драма (намоишнома) ...................................304

**Бозор Собир .........................................................................308**
Худшиносӣ ва ифтихори миллӣ ................................................312

**Сайф Раҳимзоди Афардӣ ....................................................317**
Қиссаи «Ситораҳои сари танӯр».................................................321

**Саттор Турсун ......................................................................326**
Қиссаи «Санг дар бағал ба туфон»............................................330

## АДАБИЁТИ ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛ

Адабиёти даврони истиқлол ........................................................335
Шеъри даврони истиқлол ..........................................................341
Наср дар солҳои истиқлол .........................................................346
Драматургия дар солҳои истиқлол.............................................350

**Меҳмон Бахтӣ......................................................................355**
Намоишномаи «Шоҳ Исмоили Сомонӣ» ...................................360

**Гулназар Келдӣ ....................................................................366**
Ашъори ба модар бахшида..........................................................371
Назарияи адабиёт. Лирика (шеъри ғиноӣ)..................................377

**Абдулҳамид Самад..............................................................381**
Қиссаи «Парройчакҳо»...............................................................385

**Кароматуллоҳи Мирзо**..............................................................390
Романи "Дар орзуи падар".........................................................393

**АСОЗОДА ХУДОЙНАЗАР**
**КӮЧАРЗОДА АЛАМХОН**

# АДАБИЁТИ ТОҶИК

*(даврaи нав)*

Китоби дарсӣ барои синфи 11-уми
муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

| | |
|---|---|
| Муҳаррир | М. Холов |
| Мусаҳҳеҳ | М. Саидова |
| Муҳаррири техникӣ | Қ. Назаров |
| Тарроҳ | М. Раҷабов |

Ба чоп 30.09.2022 иҷозат дода шуд.
Андозаи 60x90 $^{1}/_{16}$. Коғази офсет. Чопи офсет.
Ҷузъи чопӣ 25. Адади нашр 35000 нусха. Супориши № 61
Нарх 35 сомонӣ 20 дирам

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон,
7340243, ш. Душанбе, кӯчаи Аҳмади Дониш, 50.
Тел.: 222-14-66
E-mail: nashriya@maorif.tj

Дар ҶДММ "Табъу нашр" чоп шудааст.
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кӯч. Қаротегин 6